54. Роҳбароне, ки мансабҳои сиёсиро дар хизмати давлатӣ ишғол намудаанд, барои татбиқи ҳадафҳову вазифаҳои сиёсӣ дар соҳаи дахлдор масъул буда, лоиҳаҳои санадҳои қонунгузориро таҳия мекунанд. Роҳбарон иҷрои сиёсати ҳукумат ва риояи қонунҳои амалкунандаро назорат намуда, давлати худро дар хориҷи кишвар намояндагӣ, ё худ дар ташкилотҳои байниҳукуматӣ вазифаҳои мушобеҳро иҷро мекунанд. Онҳо тибқи қонунгузорӣ ва сиёсате, ки ҳукумати қонунгузор муқаррар кардааст, фаъолияти умумии мақомоти иҷроияи минтақавӣ ё маҳаллии ҳокимияти

давлатӣ, шӯроҳо, агентиҳо ва комиссияҳоро ба нақша гирифта, созмон, роҳбарӣ, назорат ва арзёбӣ мекунанд.

55. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– роҳбарӣ ва идоракунии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ ва ташкили фаъолият дар дастгоҳи вазорат, идора, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

– таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ дар соҳаи муайянгардидаи фаъолият;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти дигар мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– андешидани тадбир ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба соҳаҳои асосӣ ва афзалиятҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи дахлдори идоракунӣ;

– таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои марбут ба соҳаи фаъолияти вазорат ва пешниҳоди онҳо тибқи тартиботи муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– амалӣ намудани дигар вазифаҳое, ки Низомномаи вазорат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

56. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– вазири Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– раиси Кумитаи давлатӣ;

– роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муовини роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## § 6. Роҳбарони маъмурии хизмати давлатӣ

57. Роҳбарони маъмурии хизмати давлатӣ барои ташкили мақомоти давлатӣ ва фароҳам овардани шароити корӣ барои кормандони роҳбарикунанда ва сохторҳои давлатӣ масъуланд. Фаъолияти онҳо одатан, хусусияти байнисоҳавӣ дошта, ба як соҳа нигаронида нашудааст (ба ҷузъ мансабҳои маъмурӣ дар вазорату идораҳои алоҳида). Дар асоси санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки вазифа ва салоҳияти мансабҳои маъмуриро муайян месозад, ба онҳо метавон, иҷрои вазифаҳои хусусияти роҳбаридошта ва амрдиҳанда вогузор гардад.

58. Уҳдадориҳои мушаххаси хизматчии давлатӣ, ки аз уҳдадориҳои асосӣ бармеоянд, тибқи талаботи тахассусӣ муайян шуда, дар дастурамалҳои мансабии аз ҷониби роҳбарони мақомоти давлатии дахлдор тасдиқ ёфтаанд, инъикос мегарданд.Қоидаҳои таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ тасдиқ карда мешаванд.

59. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя кунад;

– ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқиро риоя, ҳифз ва эҳтиром намояд;

– фармон, фармоиш ва амрҳои роҳбарон, қарор ва дастури мақомоти болоӣ ва шахсони мансабдорро, ки дар доираи ваколати онҳо дода шудаанд, иҷро намояд;

– сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонунҳо ҳифзшавандаро, аз ҷумла, баъди қатъи хизмати давлатӣ, дар давоми муҳлати муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нигоҳ дорад;

– ташкили банақшагирӣ, баҳисобгирӣ ва хароҷоти маблағҳое, ки барои нигоҳдории сохторҳои дахлдори давлатӣ ҷудо мегарданд;

– интихоб ва ҷобаҷокунии кадрҳои техникӣ ва хизматрасонӣ;

– ташкили назорати иҷрои қарорҳои мақомоти роҳбарикунанда ва супоришҳои мансабҳои баландпоя аз ҷониби вазорату идораҳо;

– ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо, аз ҷумла, маҷлисҳои мақомоти давлатӣ, ҷамъомадҳо ва сафарҳои расмии шахси аввал.

60. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мудири шуъбаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муовини роҳбари дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муовини роҳбари дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муовини раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– роҳбари дастгоҳи Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## §7. 1113. Роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

61. Роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқарароти қонунгузорӣ дар ҷойҳо ҳокимияти иҷроияро амалӣ намуда, ба мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва воҳидҳои маъмурӣ – минтақавӣ роҳбарӣ мекунанд. Ҳамзамон, иҷрои Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро таъмин менамоянд. Онҳо фаъолияти умумии минтақавӣ ё худ мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, идоракунии минтақавӣ, шӯроҳо, агентӣ ва комиссияҳоро тибқи қонунгузорӣ ва сиёсати муқаррарнамудаи ҳукумат ва мақомоти қонунгузорӣ ба нақша гирифта, созмон медиҳанд, равона месозанд, назорат ва арзёбӣ менамоянд.

62. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:
– идоракунии сохторҳо, зерсохторҳо, муассисаҳои коммуналӣ ва дигар муассисаҳои зертобеъ;
– ташаккули иҷрои буҷети маҳаллӣ ва тасдиқи он;
– муқаррар ва ҷамъоварии андозҳои маҳаллӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ;
– ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ;
– намояндагии мақомоти худ дар мақомоти олии давлатӣ;
– ҳалли дигар масоили дорои аҳамияти маҳаллӣ.
63. Намунаи машғулияти ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– раисони вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо.

## § 8. Роҳбарони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот

64. Роҳбарони мақомоти маҳаллии худидоракунии шаҳраку деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузорӣ, роҳбарӣ ва фаъолияти маъмурӣ тақсимотиро дар мадди аввал идоракунӣ дар ҷойҳо (шаҳраку деҳот) амалӣ мекунанд. Инчунин, фармоишҳои дахлдорро дар шаҳраку деҳот (деҳаҳо) бо дарназардошти анъанаҳои таърихӣ ва маҳаллӣ амалӣ менамоянд. Мутобиқи қонунгузорӣ, онҳо метавонанд, ваколати алоҳидаи давлатиро зимни интиқоли воситҳои моддӣ ва молиявӣ барои амалисозии он иҷро намоянд.
65. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:
– идоракунии фаъолияти мақомоти интихобии худидоракунӣ;
– ташаккул, тасдиқ ва иҷрои буҷети мақомоти худидоракунӣ;
– ҷамъоварии андозҳои маҳаллӣ ва пардохтҳои муқарраршуда дар буҷети ҷамоатҳо;
– ҳалли масоили аҳамияти маҳаллидошта;
– намояндагии мақомоти худ дар мақомоти олии давлатӣ.
66. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– раиси мақомоти маҳаллии худидоракунии шаҳраку деҳот (ҷамоатҳо);
– раиси мақомоти маҳаллии худфаъолият (кумитаи маҳал).

## § 9. 1114. Мансабдорони олии ташкилотҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва ҷамоатҳои динӣ

67. Мансабдорони олии ташкилотҳои сиёсиву ҷамъиятӣ ва ҷамоатҳои динӣ сиёсати ташкилотҳои ҷамъиятиро муайян, ташаккул ва бевосита, татбиқ менамоянд, чунончӣ, ташкилотҳои сиёсиву ҳизбӣ, иттифоқи касаба, иттиҳодияи корфармо, ассотсиатсияҳои саноативу тиҷоратӣ, ташкилотҳои кумакиву хайриявӣ, иттиҳодияҳои варзишӣ, ташкилотҳои худро муаррифӣ намуда, аз номи он амалӣ мекунанд.

68. Роҳбарони ташкилотҳои сиёсӣ – вазифаи асосии онҳо иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа тавассути ташаккули иродаи сиёсии шаҳрвандон, инчунин, амалӣ намудани ҳукм тавассути намояндагони худ мебошад;

69. Роҳбарони ташкилотҳои ҷамъиятӣ – барои фаъолияти муштараки шаҳрвандони муттаҳидшуда оид ба ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва ноил шудан ба мақсадҳои низомномавӣ таъсис гардидааст;

70. Роҳбарони ҷамъиятҳои динӣ – роҳбарӣ ва идоракунии иттиҳодияҳои динӣ дар доираи қонунгузории муқарраршуда амалӣ карда мешавад.

71. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– риояи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон;

– муайянкунӣ ва тасвияти сиёсат, меъёр ва қоидаҳои ташкилот;

– банақшагирӣ, идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти умумии ташкилот;

– шарҳи фаъолият ва натиҷаҳои ташкилот, пешниҳоди ҳисобот ба шӯрои директорон ва мақомоти роҳбарӣ, ташкилотҳои аъзо ва муассисаҳои молиявӣ;

– гузаронидани гуфтушунид аз номи ташкилот, аъзои он ва гурӯҳҳои дахлдор бо манфиатҳои махсус;

– риояи манфиатҳои ташкилот, аъзои он ва гурӯҳҳои дахлдор бо манфиатҳои махсус дар назди ҳокимияти қонунгузорӣ, ҳукумат ё ҷомеа;

– банақшагирӣ, созмондиҳӣ ва идоракунии фаъолияти соҳаҳои алоҳидаи алоқаманд бо татбиқи сиёсати умумӣ, иҷрои барномаҳо, риояи қоидаҳо ва муқаррарот;

– мониторинг ва арзёбии фаъолияти ташкилот ё муассиса бо дарназардошти ҳадафҳо ва сиёсатҳои муқарраршуда;

– намояндагӣ аз номи ташкилот дар чорабиниҳои расмӣ ва ҷаласаҳои шӯрои директорон, гуфтушунидҳо, анҷуманҳо, баррасиҳои ҷамъиятӣ ва форумҳо;

– татбиқи вазифаҳои оинномавии ташкилот ва дастурҳои динӣ, ки ба меъёрҳои қонунгузорӣ мухолифат намекунанд.

72. Намунаҳои машғулияти ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– раиси ҳизби сиёсӣ;
– раиси иттиҳодияи ҷамъиятӣ;
– раиси иттифоқи касаба;
– раиси иттиҳодияи корфармоён ва муовинони ӯ;
– раиси палатаи давлатӣ;
– муфтӣ.

## 8. ГУРӮҲИ ХУРДИ 112.

### § 1. Роҳбарони корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар

73. Роҳбарони корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар стратегияи рушдро таҳия ва бознигарӣ менамоянд, фаъолияти умумии корхонаҳо ё ташкилотҳоро (ба истиснои ташкилотҳои ҷамъиятӣ, вазоратҳо ва идораҳо) бо дастгирии роҳбарони дигар, одатан мувофиқи усулҳои роҳбарӣ, ки аз ҷониби сарварони шӯро ё дигар мақоми роҳбарикунанда (муассис) муқаррар карда шудаанд ва назди онҳо барои гузаронидани амалиёт ва натиҷаҳои фаъолият масъуланд, банақшагирӣ, идоракунӣ, ҳамоҳангсозӣ ва арзёбӣ менамоянд.

74. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– банақшагирӣ, роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти умумии корхона ё ташкилот;

– таҳлили кор ва натиҷаҳои фаъолияти корхона ё ташкилот, инчунин, ҳисоботе, ки ба шӯрои директорон ва дигар мақомоти идоракунӣ пешниҳод карда мешаванд;

– муайян кардани ҳадафҳо, дурнамо (стратегияҳо), сиёсат ва барномаҳо барои корхона ё ташкилот;

– таъмини роҳнамоии умумӣ ва идоракунии ташкилот;

– идоракунии буҷет, назорати хароҷот ва таъмини истифодаи самараноки захираҳо;

– иҷозат додани ҳаҷми захираҳои моддӣ, инсонӣ ва молиявӣ барои татбиқи сиёсат ва барномаҳо;

– мониторинг ва арзёбии фаъолияти ташкилот ё корхона барои расидан ба ҳадафҳои гузоштаshuда ва татбиқи сиёсат;

– машварат бо роҳбарияти олӣ, бознигарии тавсияҳо ва таҳияи ҳисобот;

– намояндагӣ аз номи созмон дар чорабиниҳои расмӣ, гуфтушунидҳо, анҷуманҳо, семинарҳо, баррасиҳои оммавӣ ва форумҳо;

– интихоб ё тасдиқи интихоби мансабдорони олӣ ва кормандон;

– таъмини риояи ташкилот ба қонунҳо ва дастурамалҳои меъёрии дахлдор;

– таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи ҷамъбастӣ(солона, миёнамуҳлат, барномавӣ), иттилооти ба шӯрои директорон ва дигар мақомоти идоракунӣ пешниҳодшаванда.

75. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 1120 | Роҳбарони корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар |

## § 2. 1120. Роҳбарони корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар

76. Роҳбарони корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар стратегияи рушдро таҳия ва бознигарӣ намуда, фаъолияти умумии корхонаҳо ё ташкилотҳоро (ба истиснои ташкилотҳои ҷамъиятӣ, вазоратҳо ва идораҳо)

бо дастгирии роҳбарони дигар, одатан мувофиқи усули роҳбарӣ, ки аз ҷониби директорони шӯро ё дигар мақоми роҳбарикунанда (муассис) муқаррар карда шудаанд назди онҳо барои гузаронидани амалиёт ва натиҷаҳои фаъолият масъуланд, банақшагирӣ, идоракунӣ, ҳамоҳангсозӣ ва арзёбӣ менамоянд.

77. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– банақшагирӣ, роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти умумии корхона ё ташкилот;

– таҳлили кор ва натиҷаҳои фаъолияти корхона ё ташкилот, инчунин, ҳисоботе, ки ба шӯрои директорон ва дигар мақомоти идоракунӣ пешниҳод карда мешаванд;

– муайян кардани ҳадафҳо, стратегия, сиёсат ва барномаҳо барои корхона ё ташкилот;

– таъмини роҳбарии умумӣ ва идоракунии ташкилот;

– таҳия ва идоракунии буҷет, назорати хароҷот ва таъмини истифодаи самараноки захираҳо;

– иҷозат додани ҳаҷми захираҳои моддӣ, инсонӣ ва молиявӣ барои татбиқи сиёсат ва барномаҳо;

– мониторинг ва арзёбии фаъолияти ташкилот ё корхона оид ба расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва амалишавии сиёсат;

– машварат бо роҳбарияти олӣ, бознигарии тавсияҳо ва таҳияи гузоришҳо;

– намояндагӣ аз номи ташкилот дар чорабиниҳои расмӣ, гуфтушунидҳо, семинарҳо, баррасиҳои оммавӣ ва форумҳо;

– интихоб ё тасдиқи интихоби шахсони мансабдор ва кормандон; таъмини риояи созмон ба қонунҳо ва қоидаҳои дахлдор;

– таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи ҷамъбастӣ(солона, миёнамуҳлат, барномавӣ), иттилооти ба шӯрои директорон ва дигар мақомоти идоракунӣ пешниҳодшаванда.

78. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– директори генералӣ / директори иҷроия;
– раиси шӯрои директорон;
– роҳбари ташкилот / корхона;
– мудири бонк;
– роҳбари фурӯшгоҳҳои бузург (супермаркетҳо);
– роҳбари мағозаҳои универсалӣ;
– директори Маркази хизмати иҷтимоӣ(хадамоти хизматрасонии иҷтимоӣ .

Эзоҳ: Роҳбарони корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигаре, ки фаъолияти роҳбарони воҳидҳо ва хадамоти сохтории тобеъро ҳамоҳанг ва назорат намуда, доираи васеи вазифаҳои функсионлӣ доранд, дар гурӯҳи ибтидоӣ 112 Роҳбарони корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар ба назар гирифта мешаванд. Роҳбарон (менеҷерон), ки барои вазифаҳои махсус дар як минтақаи муайяни ҷуғрофӣ масъуланд, аз ин гурӯҳи

ибтидоӣ хориҷ карда мешаванд. Масалан, менеҷерони минтақавӣ оид ба фурӯш дар гурӯҳи ибтидоии 1221 Роҳбарони хадамот оид ба фурӯш ва бозоршиносӣ (маркетинг) ҳисоб карда мешаванд. Кормандоне, ки вазифаи асосии онҳо ба ҳайси аъзои Шӯрои директорони як ё якчанд корхона ё ташкилот хидмат кардан аст, дар гурӯҳи ибтидоии 1120 Роҳбарони корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар ҳисоб карда мешаванд.

## 9. ЗЕРГУРӮҲИ 12. РОҲБАРОН ДАР БАХШИ ХУСУСӢ (КОРПОРАТИВӢ) ВА ДИГАР ТАШКИЛОТҲО

79. Роҳбарон дар бахши хусусӣ (иттиҳодиявӣ) стратегияи рушдро таҳия ва бознигарӣ намуда, фаъолияти умумии корхона ё ташкилотҳоро (ба истиснои ташкилотҳои ҷамъиятӣ, вазорату идораҳо), бо дастгирии дигар маъмурон (роҳбарон) фаъолияти корхона ва ташкилот банақшагирӣ, ташкил, роҳнамоӣ, назорат ва ҳамоҳанг сохта, фаъолияти молиявӣ, маъмурӣ, захираҳои инсонӣ, сиёсат, банақшагирӣ, таҳқиқот ва коркардҳо, реклама, робита бо ҷомеа, фаъолияти фурӯш ва маркетингӣ, инчунин, он корхонаҳое, ки чунин хизматрасониҳоро ба дигар корхона ва ташкилотҳо мерасонанд, муайян менамоянд. Сатҳи салоҳияти аксари машғулиятҳои ба ин зергурӯҳ дохилшаванда ба сатҳи чоруми тахассус мувофиқат менамояд.

80. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур одатан иборатанд:

– банақшагирӣ, идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти умумии корхона ё ташкилот;

– таҳия ва идоракунии буҷет, назорати хароҷот ва таъмини истифодаи оқилонаи захираҳо;

– таҳия ва машварат оид ба масъалаҳои идоракунӣ, банақшагирии стратегӣ ва молиявӣ;

– таҳия ва идоракунии амаликунонии тартибҳои оперативӣ ва маъмурӣ;

– татбиқ, мониторинг ва арзёбии натиҷаҳо;

– машваратдиҳии роҳбарони звенои болоӣ;

– роҳнамоии рушди ташаббусҳо доир ба истеҳсоли маҳсулоти нав, гузаронидани маркетинг, роҳандозии робита бо ҷомеа ва маъракаҳои рекламавӣ (таблиғотӣ);

– муайянкунӣ ва роҳнамоии фаъолияти фурӯш (содирот), номгӯи маҳсулот, стандартҳои хидматрасонии мизоҷон;

– муқаррар намудани нарх ва созишномаҳои қарзӣ;

– таъмини риояи қонунгузориҳо, қоидаҳо ва стандартҳои дахлдор;

– назорати интихоб, тайёркунӣ ва истифодаи ҳайат;

– назорати иҷрои буҷет ва амалиёти молиявӣ;

– машварат бо директори иҷроия ва бо роҳбарони дигар шуъбаҳо ё филиалҳо;

– назорати хароҷот ва таъмини истифодаи самараноки захираҳо;

– намояндагӣ аз номи корхона ё ташкилот дар гуфтушунидҳо,

анҷуманҳо, семинарҳо,  нишастҳо ва форумҳои ҷамъиятӣ.

81. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 121 | Роҳбарони фаъолияти иқтисодиву молиявӣ ва маъмурӣ |
| 122 | Роҳбарони хадамотҳо оид ба фурӯш, маркетинг ва рушд |

Эзоҳ: Чун қоида, дар гурӯҳи асосии 2 Мутахассисони тахассуси сатҳи олӣ баҳисобгирифтшуда маълумоти олӣ ва таҷрибаи калони кори амалӣ дар якчанд машғулият талаб карда мешавад. Роҳбароне, ки доираи васеи уҳдадориҳои функсионалӣ доранд, онҳое, ки фаъолияти роҳбарони зертобеъро ҳамоҳанг ва назорат мекунанд, бояд ба гурӯҳи ибтидоии 1120 Роҳбарони муассиса, ташкилот ва корхонаҳо дохил карда шаванд.

## 10. ГУРӮҲИ ХУРДИ 121.

### § 1. Роҳбарони фаъолияти молиявӣ-иқтисодӣ ва маъмурӣ

82. Роҳбарони фаъолияти молиявӣ-иқтисодӣ ва маъмурӣ, захираҳои молиявӣ, маъмурӣ, инсониро ташкил, роҳнамоӣ, назорат ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд, барнома ва нақшаҳои фаъолияти корхона ва ташкилотҳоро таҳия менамоянд ё ҳамин гуна хизматрасониро ба дигар корхона ва ташкилотҳо мерасонанд.

83. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур,  одатан дохил мешавад:

– коркард ва машварат оид ба масъалаҳои идоракунӣ, банақшагирии стратегӣ ва молиявӣ;

– таҳия ва роҳбарии татбиқи тартибҳои оперативӣ ва маъмурӣ;

– татбиқ, мониторинг ва арзёбии стратегияҳо ва сиёсат;

– машваратдиҳии роҳбарони звенои болоӣ ва аъзои шӯрои директорон оид ба масъалаҳои молиявӣ, маъмурӣ-стратегӣ, татбиқи сиёсат, иҷрои барномаҳо ва ташаббусҳои қонунгузорӣ;

– таъмини риояи қонунҳо, қоидаҳо ва стандартҳои дахлдор;

– назорати интихоб, тайёркунӣ ва истифодаи ҳайат;

– таҳияи буҷет ва назорати амалиёти молиявӣ;

– машварат бо директори иҷроия ва роҳбарони шуъба ё бахшҳои дигар;

– назорати хароҷот ва таъмини истифодаи самараноки захираҳо;

– намояндагии ташкилот дар гуфтушунидҳо, анҷуманҳо, семинарҳо, нишастҳо ва форумҳои ҷамъиятӣ.

84. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 1211 | Маъмурон (роҳбарон)–и фаъолияти молиявӣ |
| 1212 | Маъмурон (роҳбарон)–и захираҳои меҳнатӣ |
| 1213 | Роҳбарон дар соҳаи муайянсозии сиёсат ва банақшагирииии фаъолият |

| | |
|---|---|
| 1219 | Маъмурон (роҳбарон)–и фаъолияти молиявӣ-иқтисодӣ ва маъмурии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

§ 2. 1211. Маъмурон (роҳбарон)–и фаъолияти молиявӣ

85. Маъмурон (роҳбарон)-и фаъолияти молиявии корхона ё ташкилотро дар ҳамкорӣ бо роҳбарони ин корхонаҳо ё ташкилот ва маъмурон (роҳбарон)-и дигар шуъба ё зерсохторҳо, инчунин ташкилотҳое, ки хизматрасонии молиявиро ба дигар корхона ва ташкилотҳо мерасонанд, роҳнамоӣ ва ҳамоҳанг месозанд.

86. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– татбиқи банақшагирӣ, идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти молиявии корхона ё ташкилот;

– арзёбии ҳолати молиявии корхона ё ташкилот, омодсозии буҷет ва назорати амалиёти молиявӣ;

– машварат бо директори иҷроия ва роҳбарони шуъба ё бахшҳои дигар;

– таҳия ва идоракунии буҷет, назорати хароҷот ва таъмини истифодаи оқилонаи захираҳо;

– таҳия ва идоракунии тартибҳои роҳбарӣ ва маъмурӣ;

– банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти ҳамарӯза;

– назорати интихоб, тайёркунӣ ва истифодаи ҳайат;

– намояндагӣ аз номи корхона ё ташкилот дар муносибат бо мақомоти беруна ва муассисаҳо.

87. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сармуҳосиб;

– директори молиявӣ.

88. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонандиба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– роҳбари молиявии филиали муассиса–1346;

– муҳосиб–2411;

– нозири молиявӣ–2413.

§ 3. 1212. Маъмурон (роҳбарон)–и захираҳои меҳнатӣ

89. Маъмурон (роҳбарон)–и захираҳои меҳнатӣ сиёсатро нисбати ҳайат, муносибатҳои меҳнатӣ, ҳифзи меҳнат ва бехатарии фаъолияти корхона ва ташкилот ё он ташкилотҳое, ки фаъолияти асосии онҳо хизматрасонӣ оид ба таъмини захираҳои меҳнатии корхона ва ташкилотҳои дигар мебошад, банақшагирӣ, роҳнамоӣ ва ҳамоҳанг месозад

90. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– банақшагирӣ, идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳайат, муносибатҳои истеҳсолӣ, сиёсат ва фаъолияти корхонаҳо ё ташкилотҳо;

– банақшагирӣ ва ташкили тартиби қабул ба кор, омӯзиш, болоравӣ аз рӯи вазифа, гузариш ва аз кор озод намудани кормандон;

– банақшагирӣ ва ташкили гуфтушунид ва тартиби муайян намудани сохтор ва миқдори музди меҳнат, инчунин, машваратҳо бо кормандон доир ба шароити меҳнат ва шуғл;

– назорати бехатарӣ, ҳифзи саломатӣ ва барномаву чорабиниҳои дахлдор;

– таҳия ва идоракунии буҷет, назорати хароҷот ва таъмини истифодаи оқилонаи захираҳо;

– таҳия ва роҳбарии амалиёти оперативӣ ва маъмурӣ;

– мушоҳидаи таҳия ва татбиқи низомҳои иттилоотии идоракунии ҳайат;

– таъмини риояи стандартҳо ва қонунгузории ба ҳуқуқи кормандон вобаста, саломатӣ ва бехатарӣ, имкониятҳои баробар, инчунин дигар мушкилоти ба онҳо алоқаманд;

– назорати интихоб, тайёркунӣ ва фаъолияти хизматии кормандони ҳамаи корхона ё ташкилот;

– гузаронидани машварат бо роҳбарияти олӣ роҳбарияти дигар сохторҳои таркибӣ;

– намояндагӣ аз номи муассиса ё ташкилот дар муносибат бо ташкилоту муассисаҳои беруна.

91. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– директор оид ба ҳайат;

– роҳбар оид ба муносибатҳои истеҳсолӣ;

– роҳбари раёсати кадрҳо.

### § 4. 1213. Роҳбарон дар соҳаи муайянсозии сиёсат ва банақшагирииии фаъолият

92. Роҳбарон дар соҳаи муайянсозии сиёсат ва банақшагирии фаъолияти корҳои машваратдиҳиро дар масъалаҳои сиёсат ва стратегияи банақшагирӣ дар доираи барномаҳои давлатӣ ё ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва бахши хусусӣ банақшагирӣ, ташкил, роҳандозӣ ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд ё фаъолияти он корхонаҳое, ки хизматрасониро дар соҳаи муайянкунии сиёсат ва банақшагирии стратегӣ пешниҳод менамоянд, идора мекунанд.

93. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– таҳия, амалисозӣ ва мониторинги татбиқи нақшаҳои стратегӣ, барномаҳо, сиёсат, равандҳо, низомҳо ва тартиби ноил шудан ба мақсадҳо ва вазифаҳо;

– идоракунии корҳо дар гузаронидани таҳқиқоту таҳлил барои асоснок намудани соҳаҳои рушд ва роҳҳои расидан ба онҳо:

– ҳамоҳангсозии фаъолияти иштирокчиён дар татбиқи сиёсатгузорӣ;

– ташкили низоми андозагирии фаъолият ва ҳисоботдиҳӣ оид ба натиҷаҳои фаъолият;

– банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти ҳамарӯза;

– дастур ва идоракунии фаъолиятҳои рушди сиёсат ва кори банақшагирии стратегӣ бо кормандон;

– назорати интихоб, омодакунӣ ва истифодаи кадрҳо;

– машварат бо роҳбарияти олӣ ва сардорони шуъбаҳои дигар;

– намояндагӣ аз номи корхона ё ташкилот дар гуфтушунид, мулоқот, семинарҳо, баррасиҳои ҷамъиятӣ ва форумҳо.

94. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сардори шуъбаи банақшагирии дурнамо;

– сардори банақшагирии стратегӣ;

– сардори раёсат оид ба рушди ширкат.

## § 5. 1219. Маъмурон (роҳбарон)–и фаъолияти молиявӣ - иқтисодӣ ва маъмурии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

95. Ин гурӯҳи ибтидоӣ роҳбарони фаъолияти молиявию иқтисодӣ ва маъмуриро, ки ба дигар гурӯҳҳои гурӯҳи хурд 121Маъмурон (роҳбарон)–и фаъолияти молиявӣ-иқтисодӣ ва маъмурӣ дохил нагардидаанд, дохил мекунад. Масалан, ба гурӯҳи мазкур машғулиятҳо, ба монанди: идоракунии иншооти сохташаванда, хизматрасониҳои тозакунӣ, идораи равандҳои маъмурӣ-тиҷоратие, ки уҳдадориҳои роҳбари шуъбаи муассисаву ташкилоти бузург ё ташкилоти корхонаҳоеро ба зимма доранд ва хизматрасониҳои ба ҳамин монандро ба муассисаву ташкилотҳои дигар низ мерасонанд, дохил мешаванд.

96. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– таъмини банақшагирии маъмурӣ, стратегӣ ва дастгирии оперативӣ, таҳқиқот ва тавсияҳо барои роҳбарони баландпоя оид ба масоили идоракунии иншооти сохтмонӣ ва хизматрасониҳои маъмурӣ;

– мукаммалдиҳӣ ва идоракунии захираҳои маъмуриву моддии ташкилот;

– омодакунӣ ва таҳияи тартиботи маъмурӣ, равандҳои корӣ ва дастурҳо оид ба истифодаи кормандон дар ташкилот;

– таҳлили масъалаҳои мураккаб ва ташаббусҳои идоракунии захираҳои ба ташкилот таъсиррасонанда, омодакунии ҳисоботи дахлдор, бурдани мукотиба ва барасмиятдарории пешниҳодот;

– пешниҳоди маълумот ва дастгирӣ барои омодасозии ҳисоботи молиявӣ ва буҷет;

– сарпарастӣ, идоракунӣ, рушди кадрҳои роҳбарикунанда барои таъмини мунтазами фаъолияти тиҷорат ва пешниҳоди маълумоти дақиқ ва саривақтӣ

– намояндагӣ аз номи муассиса ё ташкилот дар гуфтушунидҳо, ҷамъомадҳо, семинарҳо, баррасиҳо ва форумҳо

– таҳия ва идоракунии буҷет, назорати хароҷоту таъмини истифодаи оқилонаи захираҳо;

– банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти ҳамарӯза;

– назорати интихоб, омодакунӣ ва истифодаи кормандон.

97. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– роҳбари корпоративӣ оид ба рушди кадрҳои идоракунанда;

– роҳбари зерсохторҳо оид ба идоракунии лоиҳаҳо;

– роҳбари таҷдид ва сохтмон.

## 11. ГУРӮҲИ ХУРДИ 122.

### § 1. Роҳбарони хадамот оид ба фурӯш, маркетинг ва рушд

98. Роҳбарони хадамот оид ба фурӯш, маркетинг ва рушд корҳои дар соҳаи реклама, робита бо ҷомеа, таҳқиқоту таҳияҳо, фаъолияти фурӯш ва маркетинги корхонаву ташкилотҳо ё он корхонаҳое, ки ин намудҳои хизматрасониҳоро ба дигар корхонаву ташкилотҳо анҷом медиҳанд, ташкил, роҳнамо, назорат ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд.

99. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешавад:

– таҳия ва татбиқи сиёсату банақшагирӣ дар соҳаи тарғибот, робита бо ҷомеа, истеҳсоли маҳсулоти нав, фурӯш ва маркетинг дар ҳамкорӣ бо дигар роҳбарон;

– ташаббускорӣ барои рушд ва ташкили истеҳсоли маҳсулоти нав ё гузаронидани таҳқиқоти илмӣ;

– маркетинг, амалӣ намудани робита бо ҷомеа ва гузаронидани маъракаҳои тарғиботӣ;

– муайян намудани номгӯйи маҳсулот ва идоракунии фаъолияти фурӯш, стандартҳои хизматрасонии мизоҷон, усулҳои савдо (мерчандайзинг) ва сиёсати васеъкунии маҳсулот;

– нархгузорӣ ва шартномаҳои қарзӣ;

– таҳия ва идоракунии буҷетҳо, назорати хароҷот барои таъмини босамараи захираҳо;

– назорати интихоб, тайёркунӣ ва истифодаи кормандон барои ин фаъолият;

– намояндагӣ аз номи муассиса ва ё ташкилот дар анҷуманҳо, намоишгоҳҳои савдову ярмаркаҳо ва дигар форумҳо.

100. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 1221 | Роҳбарони хадамот оид ба фурӯш, маркетинг ва рушд |
| 1222 | Роҳбарони хадамот оид ба реклама ва робита бо ҷомеа |
| 1223 | Роҳбарони зерсохторҳо оид ба таҳқиқоти илмӣ ва таҳиясозӣ |

## § 2. 1221. Роҳбарони хадамот оид ба фурӯш ва маркетинг

101. Роҳбарони хадамот оид ба фурӯш ва маркетинг фаъолияти фурӯш ва хизматрасониҳои маркентингиро ба корхона, ташкилот ё корхонаҳое, ки хизматрасониҳои фурӯш ва маркетингиро бо дигар муассисаву ташкилотҳо таъмин мекунад, ба нақша мегиранд, идора ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд.

102. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– банақшагирӣ ва ташкили фурӯш ва барномаҳои маркетинги махсус дар асоси нишондиҳандаи олии фурӯш ва арзёбии бозор;

– тартиб додани нархнома (прайс-лист), муайян намудани тахфиф ва шартҳои дастаркунонӣ, буҷети ҳавасмандгардониии фурӯш, усулҳои фурӯш, ҳавасмандгардонӣ ва маъракаҳои махсус;

– ташкил ва идоракунии тартиботи оперативию маъмурӣ вобаста ба фурӯш ва фаъолияти маркетингӣ;

– роҳбарӣ ва идоракунии фаъолият оид ба фурӯш ва ҳайати коргарии амаликунандаи маркетинг;

– банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти ҳамарӯза;

– таҳия ва идоракунии буҷет ва назорати хароҷот барои таъмини истифодаи самаранокии захираҳо;

– назорати интихобкунӣ, тайёркунӣ ва истифодаи кормандон;

– намояндагӣ аз номи муассиса ё ташкилот барои бастани созишномаи фурӯш ва маркетинт, дар намоишгоҳҳо ва дигар форумҳо

103. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– директори тиҷоратӣ;

– роҳбари хадамоти маркетинг.

## § 3. 1222. Роҳбарони хадамот оид ба реклама ва робита бо ҷомеа

104. Роҳбарони хадамот оид ба реклама ва робита бо ҷомеа корҳои дар соҳаи реклама, робита бо ҷомеа ва иттилоотии ҷамъиятии муассисаҳо ва он ташкилотҳое, ки хизматрасонии ба ҳам алоқамандандро пешкаш мекунанд, банақшагирӣ, идора ва ҳамоҳангсозӣ мнамоянд.

105. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– татбиқи банақшагирӣ, идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти рекламавӣ ва робита бо ҷомеаи корхона ё ташкилот;

– гуфтушунидҳо оид ба шартномаҳои тарғибот бо мизоҷон ё бо рӯзнома, шабакаҳои радио, телевизион, бо ташкилотҳои варзишиву фарҳангӣ ва расонаҳои рекламавӣ;

– банақшагирӣ ва идоракунии барномаҳои иттилоотӣ барои маълумотдиҳии қонунгузорон, васоити ахбори омма ва аҳли ҷомеа оид ба нақшаҳо, дастовардҳо, нуқтаи назари муассисаҳо ё ташкилот;

– роҳбарӣ ва идоракунии фаъолияти кормандон, ки бо корҳои реклама ва робита бо ҷомеа машғуланд;

– тахия ва идоракунии буҷет, назорати хароҷот ва таъмини истифодаи оқилонаи захираҳо;

– тахия ва роҳбарии тартиботи оперативӣ ва маъмурӣ;

– банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти ҳамарӯза;

– назорати интихоб, тайёркунӣ ва истифодаи кадрҳо.

106. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мудири шуъбаи реклама;

– роҳбари шуъбаи робита бо ҷомеа.

§ 4. 1223. Роҳбарони зерсохторҳо
оид ба таҳқиқоти илмӣ ва таҳиясозӣ

107. Роҳбарони зерсохторҳо оид ба таҳқиқоти илмӣ ва таҳиясозӣ гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ва корҳои таҷрибавӣ-конструкториро дар корхона ё ташкилот ё дар он муассисаҳое, ки хизматрасониҳои ҳаммонандро дар дигар ташкилотҳо пешниҳод мекунанд, банақшагирӣ, идора ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд.

108. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– банақшагирӣ, идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, бо имконоти худ ё ҷалби муассисаҳои илмии берунӣ, барои таҳияи навсозӣ ё беҳтар намудани равандҳои ҷории технологӣ, маҳсулот, дониш ё истифодаи мавод;

– банақшагирии таҳқиқот ва барномаҳои умумии рушди муассисаҳо ё ташкилотҳо бо нишон додани ҳадафу эҳтиёҷоти буҷетӣ;

– роҳбарӣ ва идоракунии фаъолияти ҳайати кормандон, амаликунандагони корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва барномаҳои рушд;

– тахия ва идоракунии буҷет, назорати хароҷот ва таъмини истифодаи оқилонаи захираҳо;

- тахия ва роҳбарии тартиботи оперативӣ ва маъмурӣ;

– банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти ҳамарӯза;

– назорати интихоб, тайркунӣ ва истифодаи кадрҳо;

– намояндагӣ аз номи муассиса ё ташкилот дар иҷлосия, семинарҳо ва конфаронсҳо.

109. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– роҳбарони зерсохторҳои илмӣ- таҳқиқотӣ;

– роҳбарони лоиҳа оид ба таҳиясозӣ (маҳсулоти нав).

## 12. ЗЕРГУРӮҲИ 13. РОҲБАРОН (МАЪМУРОН)–И ЗЕРСОХТОРҲОИ МАХСУС ДАР БАХШИ КОРПОРАТИВӢ (ИТТИҲОДИЯВӢ) ДАР СОҲАИ ИСТЕҲСОЛОТ ВА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МАХСУС

110. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус дар бахши корпоративӣ дар соҳаи истеҳсолот ва хизматрасонии махсус истеҳсоли

маҳсулот, пешниҳоди хизматрасонии махсус ва техникиро аз ҷониби муассисаҳову ташкилотҳо ё ба ҳайси сардори шуъба ё роҳбари генералии муассисаву ташкилотҳое, ки табақабандии сохтори идоракунӣ надоранд, банақшагирӣ, идора ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд. Онҳо барои фаъолияти истеҳсолӣ дар коркард ва саноати истихроҷи маъдан, сохтмон, логистика, дар соҳаҳои коркард ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ, хоҷагиҳои калони кишоварзӣ, ҷангалу моҳидорӣ, инчунин, дар соҳаҳои тандурустӣ, маориф, таъминоти иҷтимоӣ, бонкдорӣ, суғурта ва дигар хизматрасониҳои махсус масъуланд. Сатҳи салоҳияти аксари машғулиятҳои ба ин зергурӯҳ дохилшаванда, ба сатҳи чоруми тахассус мувофиқат менамояд.

111. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур, одатан иборатанд:

– банақшагирии муфассал оид ба фаъолияти марбут ба истеҳсоли маҳсулот, хизматрасонии пешниҳодшуда, сифат, миқдор, арзиш, сариваќтӣ ва талабот ба қувваи корӣ;

– қабули тартибот ва муайян намудани вазифаҳо;

– назорати кори таҷҳизот ва равандҳои технологӣ;

– таъмини сифати маҳсулот а хизматрасонӣ;

– омодакунии озмун (тендер) ва дархостҳои қарордодӣ;

– таҳия ва идоракунии буҷет, назорати хароҷоту ислоҳи чорабиниҳо, тартибот ва захираҳо бо мақсади кам кардани хароҷот;

– назорати хариду насби мошинҳо ва таҷҳизоти нав;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳифзи саломатӣ ва таъмини бехатарии меҳнат;

– банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти ҳамарӯза;

– идоракунии интихоб, тайёркунӣ ва истифодаи корманд;

– омода ё ташкили таҳияи ҳисобот, буҷет ва пешбиниҳо;

– намояндагӣ аз номи муассиса ё ташкилот дар гуфтушунидҳо бо дигар муассисаҳо, инчунин, дар анҷуман, семинарҳо, баррасии ҷамъиятӣ ва форумҳо.

112. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 131 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси кишоварзӣ |
| 132 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси истеҳсолӣ, истихроҷӣ, сохтм, таъминотӣ ва нақлиётӣ |
| 133 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ ва иттилоот |
| 134 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасонии касбӣ, молиявӣ, ҷамъиятиву иҷтимоӣ |

Эзоҳ: Барои ин машғиятҳо, одатан, сатҳи баланди тахассус ва собиқаи кории зиёд барои як ё якчанд машғулиятҳо, ки дар гурӯҳи асосии 2 Мутахассисони тахассуси сатҳи олӣ ё дар гурӯҳи асосӣ 3 Мутахассисони тахассуси сатҳи миёна ба назар гирифта мешавад, талаб карда мешавад. Менеҷерони минтақавӣ ва дигар

менеҷерони сатҳи олӣ (топ-менеҷерон), ки фаъолияти роҳбарони тобеи дорои доираи васеи уҳдадориҳои функсионалӣ ҳастанд, ҳамоҳансозӣ ва назорат мекунанд, дар гурӯҳи ибтидоии 1120 Роҳбарони муассисаҳо, ташкилот, ва корхонаҳо ҳисоб мераванд.

## 13. ГУРӮҲИ ХУРДИ 131.

### § 1. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси кишоварзӣ

113. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси кишоварзӣ фаъолияти истеҳсолиро дар соҳаи бузургмиқёси кишоварзӣ, боғпарварӣ, хоҷагии ҷангал ва шикор, моҳипарварӣ ва моҳидорӣ, кишт ва ҷамъоварии зироатҳои асосӣ, парвариши чорво, парранда, моҳӣ, инчунин, моҳидорӣ ва дигар ҳайвоноти обӣ банақшагирӣ, идора ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд. Ба ин гурӯҳ, инчунин роҳбарони хоҷагиҳои коллективии барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ махсусгардонидашуда, аз ҷумла, роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) шомил мешаванд.

114. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешавад:

– назорати фаъолнокии бозор ва банақшагирии истеҳсолот барои қонеъ намудани талаботи шартнома ва бозор;

– таҳия ва идоракунии буҷет, мониторинги ҳаҷми истеҳсолот ва хароҷот, ҳуҷҷатгузории иттилоот оид ба таҷрибаи идоракунии хоҷагиҳои ҷангалпарварӣ ва моҳипарварӣ, омодасозии ҳисоботи молиявӣ ва оперативӣ;

– гуфтушунид бо харидорон барои ташкили фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва моҳӣ;

– бастани шартнома бо хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерон) ё соҳибони мустақил барои истеҳсоли маҳсулот ва идоракунии истеҳсолот;

– таҳлили таркиби хок бо мақсади муайян намудани намуд ва микдори нурӣ, ки барои истеҳсоли ҳадди аксар зарурanд;

– банақшагирии намуд, сермаҳсулӣ ва пайдарҳамии кор;

– хариди техника, таҷҳизот ва маводи хароҷотӣ;

– муайянсозӣ ва назорати токсинҳои экологӣ, алафҳои бегона, ҳашароти зараррасон ва касалиҳо;

– ташкили чорабиниҳо барои нигоҳдории биноҳо, системаҳои обтаъминкунӣ ва таҷҳизот;

– назорати интихоб, тайёркунӣ ва самаранокии кори кормандон ва пудратчиён;

– тақсими уҳдадориҳо ва ҳаҷми кор байни аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва идоракунии умумии хоҷагиҳо.

115. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 1311 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси растанипарварӣ ва чорводорӣ |

| 1312 | Роҳбарони зерсохтор дар моҳипарварӣ ва моҳидорӣ |
|---|---|

## § 2. 1311. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси растанипарварӣ ва чорводорӣ

116. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси растанипарварӣ ва ҷангалпарварӣ фаъолияти истеҳсолии доираи васеи кишоварзӣ, боғпарварӣ, хоҷагии ҷангал, фермаҳои коллективӣ ва хоҷагиҳои кооперативӣ оид ба кишт ва ҷамъоварии зироатҳои асосӣ, парвариши чорвои кишоварзӣ ва паррандапарвариро банақшагирӣ, идора ва ҳамоҳангсозӣ менамояд. Ба ин гурӯҳ, инчунин, роҳбарони хоҷагиҳои коллективӣ, махсусгардонидашуда оид ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла, роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) шомил мешаванд.

117. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– мониторинги фаъолнокии бозор дар хоҷагии кишоварзӣ ва ҷангал, банақшагирии истеҳсолот барои қанеъгардонии талаботи қарордод ва эҳтиёҷоти бозор;

– таҳия ва идоракунии буҷет, мониторинги ҳаҷми истеҳсолот ва хароҷот, ҳуҷҷатгузории маълумот оид ба идоракунии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), инчунин, омода намудани ҳисоботи молиявӣ ва оперативӣ;

– музокирот бо харидорон оид ба ташкили фурӯши зироати кишоварзӣ ва ҳайвонот;

– бастани қарордод бо фермерон ё шахсони мустақил барои истеҳсоли зироат, чорво, инчунин парранда ё идоракунии истеҳсолот;

– банақшагирии намуд, сермаҳсулӣ ва пайдарҳамии корҳои кишоварзӣ (масалан, ҷудо намудани вақти хуб барои шинондан, дорупошӣ ва ҷамъоварии ҳосил);

– таҳлили таркиби хок барои муайян кардани намудҳо ва миқдори нурӣ, ки барои серҳосилӣ зарур аст;

– харидани мошинҳо, таҷҳизот, маводи хароҷотӣ, ба монанди тракторҳо, тухмӣ, хӯроки чорво, нурӣ ва маводи кимиёвӣ;

– ошкоркунӣ ва назорати токсинҳо, алафҳои бегона, ҳашароти зараррасон ва касалиҳои зироати кишоварзӣ ва ҷангал;

– ташкили корҳои кишоварзӣ, аз қабили нигоҳ доштани иморатҳо, системаҳои обтаъминкунӣ ва таҷҳизот;

– роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозии корҳои дарахту ниҳолшинонӣ, обёрикунӣ, истифодабарии маводи кимиёвӣ, ҷамъоварии ҳосил ва навъбандии маҳсулот;

– назорати киштзор ва чарогоҳ барои муайян намудани муҳлати дарави зироати ғалладонагӣ ё хӯроки чорво ё арзёбии эҳтимолии зарари зироат аз вазъи обу ҳаво;

– назорати интихоб, тайёркунӣ ва самаранокии корҳои хоҷагии кишоварзу хоҷагии ҷангал ва пудратчиён;

– тақсими ухдодориҳо, ҳаҷми кор байни аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва идоракунии умумии фаъолияти хоҷагӣ.

118. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– роҳбари ниҳолпарварӣ;

– роҳбари ташкилот (филиали) соҳаи фаъолияти кишоварзӣ, роҳбари хоҷагиҳои чорводорӣ ва паррандапарварӣ;

– фермери соҳибкор (бо кормандони кироя).

## § 3. 1312. Роҳбарони зерсохтор дар моҳипарварӣ ва моҳидорӣ

119. Роҳбарони зерсохторҳо дар моҳипарварӣ ва моҳидорӣ фаъолияти истеҳсолии моҳипарварӣ ва моҳидорӣ оид ба парвариш ва сайди моҳӣ ва дигар намудҳои наботот ва ҳайвоноти обиро ба сифати зироати молӣ ё барои сар додан ба обанборҳои бенамак банақшагирӣ, идора ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд.

120. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– мониторинги фаъолнокии бозор дар хоҷагии деҳот ва ҷангал, банақшагирии истеҳсолот барои қанеъгардонии талаботи қарордод ва эҳтиёҷоти бозор;

– таҳия ва идоракунии буҷет, мониторинги ҳаҷми истеҳсолот ва хароҷот, ҳуҷҷатгузории маълумот оид ба идоракунии хоҷагии фермерӣ, инчунин, омода намудани ҳисоботи молиявӣ ва оперативӣ;

– музокирот бо харидорон оид ба ташкили фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда ва моҳӣ;

– гузаронидан ва ташкили ташхиси маҳсулоти моҳиҳои дошташуда ва нигоҳдошташуда бо мақсади муайян намудани бемори ё паразитҳо;

– таҳия ва ҳамоҳангсозии чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани парвариш ва суръати афзоиши моҳӣ, инчунин, пешгирии беморӣ дар инкубаторҳо;

– мониторини муҳит барои нигоҳдорӣ ва беҳсозии шароити наботот ва ҳайвоноти обӣ;

– роҳбарӣ ва назорати ҷойгиршавӣ, тухммонӣ, инкубатсияи тухми моҳӣ ва парвариши моҳичаҳо дар асоси истифодаи донишҳо дар соҳаи роҳбарӣ ва усулҳои парвариши моҳӣ;

– роҳбарӣ ва назорати интиқоли моҳии балоғатрасида ба кӯлҳо, ҳавзҳо, ё обанборҳои тиҷоратӣ;

– хариди мошинҳо, таҷҳизот ва маводи хароҷотӣ;

– назорати интихоб, тайёркунӣ ва истифодаи коргарон ва пудратчиён.

121. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳҳои ибтидоии мазкур мансуб:

– роҳбари марказҳои хизматрасонии техникӣ;

– роҳбарои қитъаҳои моҳипарварӣ;

– роҳбари коргоҳи хунуккунӣ ва дуддиҳӣ.

122. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– моҳипарварон ва коргарони машғулияти ба он монанд–6221;

– деҳқонони хоҷагии деҳқонӣ, моҳипарварӣ ва моҳидории истеҳсолкунандаи маҳсулот барои истеъмолӣ шахсӣ–6310.

## 14. ГУРӮҲИ ХУРДИ 132.

### § 1. Роҳбарон(маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси истеҳсолӣ, истихроҷӣ, сохтмонӣ, таъминотӣ ва нақлиётӣ

123. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси истеҳсолӣ, истихроҷӣ, сохтмонӣ, таъминотӣ ва нақлиётӣ истеҳсол, истихроҷи канданиҳои фоиданок, сохтмон, таъминот, нигоҳдорӣ ва амалиёти нақлиётиро ҳамчун сардори шуъба, ё худ роҳбари корхонаи хурд, ки дорои мартабандии сохтори идоракунӣ нестанд, ташкил ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд.

124. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– муфассали фаъолият марбут ба истеҳсоли маҳсулот, пешниҳоди хизматрасонӣ, сифат, миқдор, арзиш, саривақтӣ ва талабот ба қувваи корӣ;

– назорати кори таҷҳизот ва сифати равандҳои технологӣ мутобиқи нақшаҳои хизматрасонии техникӣ, муайян намудани сарбории кормандон ва таҷҳизот;

– омодасозии тендерҳо ва дархости қарордодбандӣ;

– таҳия ва идоракунии буҷет, мониторинги ҳаҷми истеҳсолот ва хароҷот, инчунин, мутобиқати равандҳои технологӣ бо тартиби муқарраршуда, назорат аз рӯйи хароҷоти захираҳо бо мақсади кам намудани хароҷот;

– назорат аз рӯйи хариду насби мошинҳову таҷҳизоти нав;

– идоракунии баҳисобгирӣ ва омодасозии ҳисобот оид ба истеҳсолот;

– ҳамоҳангсозии риояи талаботи тиббию беҳдоштӣ ва талаботи бехатарӣ;

– банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти ҳамарӯза;

– назорати интихобкунӣ, тайёркунӣ ва истифодаи корманд.

125. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 1321 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси истеҳсолӣ (коркард) |
| 1322 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси геологӣ ва истихроҷӣ |
| 1323 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси сохтмонӣ |
| 1324 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси таъминотӣ |
| 1325 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси нақлиётӣ |
| 1329 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси истеҳсолӣ, истихроҷӣ, сохтмонӣ, таъминотӣ ва нақлиётии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

### § 2. 1321. Роҳбарон (маъмурон)–и

зерсохторҳои махсуси истеҳсолӣ (коркард)

126. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси истеҳсолӣ (коркард) фаъолияти истеҳсоли бо фурӯши истеҳсолот алоқамананд, банақшагирӣ, идора ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд. Онҳо метавонанд, зерсохторҳои истеҳсолии корхонаҳои калонро роҳбарӣ кунанд ва ё роҳбари корхонаҳои хурди истеҳсолӣ бошанд.

127. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– муайян намудани нақша ва барномаҳои истеҳсолӣ, ташкили татбиқ ва мониторинги иҷрои онҳо;

– банақшагирии муфассали фаъолияти истеҳсолии дар таъмини сифат ва миқдори маҳсулот, арзиш, вақти корӣ ва талаботи қувваи корӣ;

– идоракунии кори таҷҳизоти саноатӣ ва сифати равандҳои технологӣ тавассути банақшагирии хизматрасонии теҳникӣ, вақти корӣ, дастрас намудани қисмҳои эҳтиётиву асбобҳо;

– таҳия ва идоракунии буҷет, мониторинги ҳаҷми истеҳсолоту хароҷот, инчунин, танзими равандҳои технологӣ ва мувофиқати захираҳо бо мақсади кам намудани хароҷот;

– машварат ва огоҳонидани дигар роҳбарон оид ба масъалаҳои истеҳсолӣ;

– назорати харид ва насби мошинҳову таҷҳизоти нав;

– назорати омодасозии ҳуҷҷатгузории истеҳсолӣ ва ҳисобот;

– ҳамоҳангсозии риояи ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;

– муайянсозии имкониятҳо барои тиҷорат ва муайян намудани маҳсулоте, ки бояд истеҳсол карда шаванд;

– омӯзиш ва татбиқи санадҳо ва талаботи қонунгузорӣ, ки ба истеҳсол ва ҳифзи муҳити зист марбутанд;

– назорати пешниҳоди квота барои истеҳсоли молҳои махсус ва имзои қарордод бо мизоҷону таъминкунандагон;

– назорати интихоб, тайёркунӣ ва истифодаи кадрҳо.

128. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сартехнолог (саноати маҳсулотбарор);

– сармуҳандис;

– сарэнергетик;

– сардори коргоҳҳо (саноати маҳсулотбарор).

129. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– устоҳо(саркорон) дар истеҳсолот ва сохтмон–3121;

– устоҳо(саркорон) дар саноати маҳсулотбарор–3122.

§ 3. 1322 Роҳбарон (маъмурон)–и
зерсохторҳои махсуси геологӣ ва истихроҷӣ

130. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси геологӣ ва истихроҷӣ фаъолияти истеҳсолиро дар истихроҷи саноатӣ, инчунин истеҳсоли нафту газ ё ба ҳайси роҳбари зерсохтор ё ҳамчун мудири корхонае, ки дорои мартабабандии идоракунии сохторҳо нестанд, банақшагирӣ, идора ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд.

131. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– машварат бо роҳбарони дигар оид ба муқарраркунии квота барои истихроҷ, банақшагирии қитъаҳои истихроҷ ва таҳияи стратегияҳои баровардани ашёи хом;

– арзёбии ҳосилнокии майдонҳои истеҳсолӣ барои муайянсозии ҳайати кормандон, таҷҳизоту технологияҳо, инчунин, ворид намудани тағйирот ба ҷадвали корӣ ё ҷадвали кори таҷҳизот дар ҳолати зарурӣ;

– банақшагирии муфассали фаъолияти истеҳсолӣ бо дарназардошти сифат ва миқдори маҳсулот, арзиш, вақт, вақти корӣ ва талаботи қувваи корӣ;

– идораи кори таҷҳизот ва равандҳои технологӣ тибқи нақшаи хизматрасониҳои техникӣ, тартибдиҳии ҷадвали корӣ ва дастрас намудани таҷҳизот;

– таҳия ва идоракунии буҷет, мониторинги ҳаҷми истеҳсолот ва хароҷот, инчунин, танзими равандҳои технологӣ ва мувофиқати захираҳо бо мақсади кам намудани хароҷот;

– назорат оид ба харид ва насби таҷҳизот ва мошинҳои нав;

– назорати омодасозии ҳуҷҷатҳои истеҳсолӣ ва ҳисобот;

– ҳамоҳангсозии риояи талаботи тиббиву беҳдоштӣ ва бехатарӣ;

– омӯзиш ва татбиқи талаботи меъёриву қонунгузорӣ, ки ба истихроҷи канданиҳои фоиданок ва муҳити экологӣ таъсир мерасонад;

– назорати интихобкунӣ, тайёркунӣ ва истифодабарии кормандон.

132. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сарметаллург;
– мудири корҳои истихроҷӣ;
– устои чоҳи пармагарӣ;
– сардори кони рӯйизаминӣ;
– сардори кон (шахта).

133. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– саркори шуъбаи пармагарӣ–3121.

## § 4. 1323. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси сохтмонӣ

134. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси сохтмонӣ сохтмони иншооти муҳандисии шаҳрвандӣ, бино ва иморатҳои истиқоматиро ё ба ҳайси роҳбари зерсохторҳо, ё роҳбари муассисаву ташкилот, ки дорои мартабабандии идоракунии сохторҳо нестанд, банақшагирӣ, идора ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд.

135. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– фаҳмиши нақшаҳои меъморӣ ва супоришномаҳо;

– ҳамоҳангсозӣ ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ, инчунин, хариду дастрасии мавод, мошинҳову таҷҳизот;

– гуфтушунид бо соҳибони бино, сохтмончиёну пудратчиён, ки дар раванди сохтмон иштирок мекунанд, бо мақсади таъмини анҷоми саривақтии лоиҳа дар доираи буҷет;

– таҳияи тендерҳо ва дархости қарордод;

– таҳия ва татбиқи барномаҳои кори ҳамоҳангшуда дар объект;

– таъмини риояи қонунгузории сохтмонӣ, меъёр ва қоидаҳои сохтмонӣ, иҷрои корҳои бехатар;

– ташкили пешниҳоди нақшаҳои сохтмонӣ ба мақомоти маҳаллӣ;

– амалисозии сохтмо тибқи қарордод, ё худ иҷрои хизматрасонии пудрати майдаи махсуси сохмонӣ;

– ташкили тафтишҳои сохтмонӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти дахлдор;

– таҳия ва идоракунии буҷет, назорати хароҷоту таъмини истифодаи оқилонаи захираҳо;

– назорати интихоб, тайёркунӣ ва истифодабарии кормандону пудратчиёни ғайриасосӣ.

136. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сармеъмор;
– устои гурӯҳи таъмирӣ- сохтмонӣ;
– сардори қитъа (дар сохтмон);
– роҳбари қитъаи сохтмон;
– коргузор (прораб).

137. Машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– устоҳо (саркорҳо) дар саноати истихроҷ–3121;
– устоҳо (саркорҳо) дар сохтмон–3123;
– коргузор–3123.

## § 5. 1324. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси таъминотӣ

138. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси таъминотӣ дастраснамоӣ, боркашонӣ, нигоҳдорӣ ва тақсимкунии молҳоро ҳамчун роҳбари зерсохтор, ё худ ба ҳайси роҳбари муассисаву ташкилоте, ки дорои мартабандии идоракунии сохторҳо нестанд, банақшагирӣ, идора ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд.

139. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– муайянкунӣ, татбиқ ва мониторинги иҷрои нақшаҳои харид, нигоҳдориву тақсимкунии молҳо;

– таҳия ва татбиқи нақшаҳо оид ба дастгирии сатҳи зарурии захираҳо ҳангоми хароҷоти ҳадди аққал;

– бастани шартнома бо таъминкунандагон оид ба талаботи сифат, арзиш ва дастрасии мол;

– мониторинг ва шарҳи низоми нигоҳдорӣ ва баҳисобгирии молҳо барои қонеъ намудани талабот ба дастрасии ва нигоҳдории мол;

– назорати фиристодани воситаҳои нақлиёт, қаторахо, киштиҳои дарёӣ ва ҳавоӣ;

– амалисозии низоми баҳисобгирӣ барои пайгирии тамоми молҳои интиқолӣ, инчунин таъмини тағйироти сохторҳо ва пурнамоии захираҳо дар муҳлати муносиб;

– ҳамкорӣ бо дигар шуъбаҳо ва мизоҷон ҷиҳати талабот ба намуди берунии мол ва нақлиёте, ки дастрасиро таъмин месозад;

– пешбурди баҳисобгири муомилот оид ба харидорӣ, нигоҳдорӣ ва тақсимоти мол;

– таҳия ва идоракунии буҷет, назорати хароҷот ва таъмини истифодаи оқилонаи захираҳо;

– таъсис ва идоракунии тартиби оперативию маъмурӣ;

– банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти ҳамарӯза;

– назорати интихоб, тайёркунӣ ва истифодабарии ҳайати кормандон.

140. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– устои корҳои боркуниву борфурорӣ;

– сардори хадамот (таъминоти моддӣ- техникӣ).

## § 6. 1325. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси нақлиётӣ

141. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси нақлиётӣ мусофиркашӣ, боркашонии молҳоро тавассути нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ, автомобилӣ, нақлиёти барқӣ ё ба ҳайси роҳбари зерсохтор, ё ҳамчун роҳбари муассисаву ташкилоте, ки дорои мартабандии идоракунии сохторҳо нестанд, банақшагирӣ, идора ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд.

142. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– муайянсозӣ, татбиқ ва мониторинги иҷрои нақшаҳо оид ба амалисозии хизматрасонии нақлиётӣ бо дарназардошти талаботи аҳолӣ ва иқтисодиёт;

– ташкили фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагии муассисаҳои нақлиётӣ баҳри таъмини иҷрои нақшаҳои боркашӣ, мутобиқи ҳаҷм ва муҳлати муқаррааргардида;

– гузаронидани корҳо оид ба таҷдид ва навкунонии боғҳо, хоҷагиҳои роҳ ва хадамоти рӯизаминӣ;

– бастани қарордод бо истеъмолкунандагон оид ба хизматрасониҳои нақлиётӣ ва риояи талабот ба сифат, муҳлат ва арзиш;

– татбиқи назорат аз рӯйи истифодаи оқилонаи воситаҳои нақлиёт тибқи меъёрҳои муқарраршудаи иқтидори борбардорӣ ва ғунҷоиши он;

– ташкили корҳои маълумотиву иттилоотӣ вобаста ба омаду рафти борҳо, муҳлати дастраснамоӣ, шартҳои ҳамлу нақл ва дигар масъалаҳои

интиқол, амалиёти борбардорӣ-борфарорӣ тиҷоратӣ;

– таҳия, татбиқ ва назорати иҷрои чорабиниҳои таъмини камкунии бекорхобии нақлиёт зери амалиёти боркашӣ, зиёд намудани қобилияти гузарониш ва оқилона истифода намудани анбор, майдон ва роҳҳои наздикшавӣ, мошинҳои боркуниву борфурорӣ, воситаҳои нақлиётиву механизм;

– таъмини бехатарии кашонидан ва нигоҳдории бор, кам намудани хатару таҳдидҳо барои мусофирон, кормандон, аҳолӣ ва муҳити зист дар минтақаи муассисаҳои нақлиётӣ ва роҳҳои истифодашаванда;

– назорати интихоб, тайёр ва истифодаи ҳайати кормандон.

143. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сармуҳандис (дар нақлиёт);
– мудири устохонаи механикӣ ва таъмирӣ;
– сардори истгоҳи роҳи оҳан;
– сардори зерсохторҳои бехатарии ҳавоӣ;
– сардори фурудгоҳ.

Эзоҳ: Роҳбарони фурудгоҳҳои бузург, ширкатҳои роҳи оҳан, низоми транзити шаҳрӣ ва дигар ширкатҳои нақлиётӣ, ки дорои табақабандии идоракунии сохторҳо ҳастанд, бо гурӯҳи ибтидоии 1219 Маъмурон (роҳбарон)–и фаъолияти молиявӣ-иқтисодӣ ва маъмурии ба гурӯҳҳои дигар шомилнашуда дохил мешаванд.

### § 7. 1329. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси истеҳсолӣ, истихроҷӣ, сохтмонӣ, таъминотӣ ва нақлиётии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

144. Ин гурӯҳи ибтидоӣ роҳбарони (маъмурон) махсуси ниҳодҳои махсусгардонидашудаи саноатӣ, истихроҷӣ, сохтмонӣ ва таъминотӣ ва зерсохторҳои нақлиётиро дарбар гирифта, ба гурӯҳҳои дигари гурӯҳи хурди 132 Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси истеҳсолӣ, истихроҷӣ, сохтмонӣ, таъминотӣ ва нақлиётӣ шомилнашуда дохил мешаванд. Масалан, ин ҷо роҳбарони хадамот ва шуъбаҳои дигар соҳаҳо, назорати сифат, хадамоти ҳавосанҷӣ, бо истеҳсолоту тақсимоти нерӯи барқ, газ, об алоқаманд, инчунин, ҷамъоварӣ, коркард ва ҷудокунии партовҳо ба назар гирифта мешаванд.

145. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– таъмини роҳбарӣ ва идоракунии умумии хадамот, муассиса, ташкилот ё марказ;

– таҳия, татбиқ ва тартиби мониторинги амалиёт, қоида ва стандартҳо барои ҳайати кормандон;

– идора, назорат ва арзёбии фаъолияти истеҳсолии ҳайати кормандон;

– таҳиясозӣ ва идораи буҷет, назорати хароҷот ва таъмини истифодаи оқилонаи захираҳо;

– таъсис ва идоракунии амалиёти оперативӣ ва маъмурӣ;

– банақшагирӣ ва идораи фаъолияти ҳамарӯза;

– назорати интихоб, тайёр ва истифодаи ҳайати кормандон.

146. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сармеханик (дар дигар соҳаҳо);
– мудири иншооти тозакунӣ;
– сардори нозирот оид ба назорати сифат;
– сардори хадамоти ҳавосанҷӣ;
– сардори марказ (дар дигар бахшҳо).

## 15.ГУРӮҲИ ХУРДИ 133.

### § 1. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ ва иттилоот

147. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ ва иттилоот харид, рушд, нигоҳдориву истифодабарии системаҳои компютериву телекоммуникатсионӣ, инчунин, корҳоро дар соҳаи нашр, эҷоди филму мусиқӣ, барномаҳои телевизионӣ ва барномаҳои ҳаммонанд, ё ба ҳайси роҳбари зерсохтор ё сардори муассисаву ташкилоте, ки дорои мартабандии идоракунии сохторҳо нестанд, банақшагирӣ, идора ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд.

148. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– машварат додани истифодабарандагон, роҳбарон, фурӯшандагон ва мутахассисони техникӣ бо мақсади муайян намудани эҳтиёҷот ба техникаи компютерӣ, талабот ба системаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ барои қонеъ намудани ин ниёзҳо;

– таҳия ва идоракунии стратегия, сиёсат ва нақшаҳои татбиқгардида ва истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ;

– таъйин, таҳлил, идора ва роҳбарӣ кардани таҳлилгарони системавӣ, барномасозон ва дигар кормандони компютерӣ;

– муайянсозӣ, татбиқнамоӣ ва мониторинги иҷрои нақшаҳо оид ба истеҳсол ва эҷоди филм, видеофилмҳо, барномаҳои телевизионӣ, фонограмма ва сабтҳои мусиқӣ, инчунин, идоракунии фаъолияти нашриётӣ;

– таҳия ва идора кардани буҷет, назорати хароҷот ва таъмини истифодаи оқилонаи захираҳо;

– таҳия ва идора кардани амалиёти оперативӣ ва маъмурӣ;

– назорати интихобкунӣ, омӯзонидан ва истифода бурдани кормандон;

– намояндагӣ аз номи муассисаву ташкилот дар маҷлисҳо, семинарҳо ва конфаронсҳо.

149. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 1331 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ |
| 1332 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси нашриётӣ ва васоити |

| | |
|---|---|
| | ахбори омма |
| 1339 | Роҳбарон (маъмурон)–и дигари зерсохторҳои махсус оид ба технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ ва иттилоотии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

## § 2. 1331. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ

150. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ харид, рушд, нигоҳдориву истифодабарии системаҳои компютериву телекоммуникатсиониро ё ба ҳайси роҳбари зерсохтор ё ҳамчун роҳбари муассисаву ташкилоте, ки дорои мартабандии идоракунии сохторҳо нестанд, банақшагирӣ, идора ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд.

151. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– гузаронидани машварат барои истифодабарандагон, роҳбарон, фурӯшандагон ва мутахассисони техникӣ бо мақсади муайян намудани эҳтиёҷот ба таҷҳизоти компютерӣ, талабот ба низомҳои иттилоотӣ ва технологияи иттилоотӣ–коммуникатсионӣ барои қонеъ намудани ин ниёзҳо;

– таҳияи нақшаҳо ва татбиқу истифода бурдани технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ , назорат аз татбиқи онҳо;

– роҳбарии интихобу насби захираҳои технологияи иттилоотӣ–коммуникатсионӣ ва ташкили омӯзиши истифодабарандагон;

– идора намудани кори технологияи иттилоотӣ–коммуникатсионӣ, таҳлили ҳуҷҷатгузориҳо, муқаррар кардани афзалиятҳо, таҳияи стандартҳо ва санадҳо;

– назорати бехатарии системаҳои технологияи иттилоотӣ–коммуникатсионӣ;

– таъйинот, таҳлил, идоракунӣ ва роҳбарии корҳои таҳлилгарони системавӣ, барномасозон ва дигар кормандони компютерӣ;

– арзёбии истифодаи технологияҳои ташкилсозӣ, муайян намудани талабот ва таҳияи тавсияҳо оид ба такмил, масалан барои таъминкунандагони таҷҳизот ва таъминоти барномавӣ;

– таҳиясозиву идоракунии буҷет, назорати хароҷот ва таъмини истифодаи оқилонаи захираҳо;

– таҳия ва идора кардани амалиёти оперативӣ ва маъмурӣ;

– назорати интихобкунӣ, омӯзонидан ва истифодаи кормандон;

– намояндагӣ аз номи муассисаву ташкилотҳо дар маҷлисҳо, семинарҳо ва конфаронсҳои технологияи иттилоотӣ– коммуникатсионӣ.

152. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мудири шуъба (оид ба таъминоти компютерӣ);

– роҳбари маркази компютерӣ;

– роҳбари шабакаи радио.

### § 3. 1332. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси нашриёт ва васоити ахбори омма

153. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси нашриёт ва васоити ахбори омма (ВАО) корҳоро дар соҳаи табъу нашр, эҷоди филму мусиқӣ, барномаҳои телевизионӣ ва барномаҳои ҳаммонанд ё ба ҳайси роҳбари зерсохтор ё роҳбари муассисаву ташкилотҳое, ки дорои мартабандии идоракунии сохторҳо нестанд, банақшагирӣ, идора ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд.

154. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– муайянсозӣ, татбиқнамоӣ ва мониторинги иҷрои нақшаҳо оид ба истеҳсол ва эҷоди кино, видеофилм, барномаҳои телевизионӣ, фонограмма ва сабтҳои мусиқӣ, инчунин, идоракунии фаъолияти нашриётӣ;

– ташкил намудан ва иҷро кардани корҳо оид ба эҷоди барномаҳо дар муҳлати муқаррар ва доираи буҷети тасдиқшуда;

– бастани қарордодҳо бо таъминкунандагони зарурӣ, назорат оид ба риояи талабот ба сифат, муҳлат ва арзиш;

– таҳия намудан ва идора кардани буҷет, назорати хароҷот ва таъмини истифодаи оқилонаи захираҳо;

– таҳия ва идора кардани амалиёти оперативӣ ва маъмурӣ;

– банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти ҳамарӯза;

– назорати интихобкунӣ, тайёркунӣ ва истифодаи ҳайати кормандон.

155. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сармуҳаррир (нашриёт, редаксияҳои рӯзномаву маҷаллаҳо);

– роҳбари гурӯҳи наворгирӣ

– роҳбари редаксия;

– сардори студияҳо;

– сардори бойгонии филмҳо.

### § 4. 1339. Роҳбарон (маъмурон)–и дигари зерсохторҳои махсус оид ба технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ ва иттилоотии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

156. Ин гурӯҳи ибтидоӣ роҳбарон (мудирон)–и зерсохторҳои махсус оид ба иттилооту алоқаро, ки ба дигар гурӯҳҳои хурди 133–Роҳбарон (маъмурон)–зерсохторҳои махсус оид ба технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ ва иттилоот дохил намегарданд, дар бар мегирад.

## 16. ГУРӮҲИ ХУРДИ 134.

### § 1. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасонии молиявӣ, ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ

157. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасонии молиявӣ, ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ корҳоро оид ба назорату нигоҳубини кӯдакон, дар соҳаи тандурустӣ, тавонбахшӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, маориф ва дигар хизматрасониҳои махсус банақшагирӣ, идора ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд, инчунин, филиалу зерсохторҳои муассисаҳои хизматрасонии молиявию суғуртавиро идора мекунанд.

158. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешавад:

– таҳияи соҳаи фаъолияти муассисаҳо оид ба пешниҳод намудани хизматрасонӣ;

– ташкили ҳадафҳо ва таҳияи стандартҳо;

– таҳия ва татбиқи барномаҳо ва хидматҳо барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти мизоҷон;

– роҳбарӣ кардан ва ҳамоҳанг намудани тақсимоти захираҳо;

– нигоҳ доштани равобит бо волидайн, мақомоти идоракунӣ, мақомоти молиявӣ, намояндагони муассисаҳои ҷамъиятиву дахлдор оид ба масоили ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолият;

– мониторинг ва назорати хароҷот;

– назорати интихобкунӣ, рушд ва истифода намудани ҳайати кормандон;

– омодасозӣ ё ташкил намудани ҳисобот, буҷетҳо ва дурнамоҳо;

– намояндагӣ аз номи ташкилот дар гуфтушунид бо дигар муассисаҳо, дар анҷуманҳо, семинарҳо, баррасии ҷамъиятӣ ва форумҳо.

159. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 1341 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба назорат ва нигоҳубини кӯдак |
| 1342 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус дар соҳаи тандурустӣ ва байторӣ |
| 1343 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба нигоҳубини пиронсолон |
| 1344 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба тавонбахшӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва таъминоти иҷтимоӣ |
| 1345 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус дар соҳаи маориф |
| 1346 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба амалиёти молиявӣ ва суғуртавӣ |
| 1349 | Роҳбарон (маъмурон)–и дигари зерсохторҳои махсус оид ба молия ва хизматрасонии ҷамъиятиву иҷтимоии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

Эзоҳ: Роҳбарон (маъмурон)–и дигари зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасонии касбӣ, молиявӣ ва ҷамъиятиву иҷтимоӣ барои банақшагирӣ, идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии пешниҳод намудани хизматрасониҳои касбӣ ва техникӣ масъул

мебошанд. Барои ин машғулиятҳо, одатан, сатҳи баланди тахассусӣ ва собиқаи зиёди корӣ аз як ё якчанд машғулиятҳои дар гурӯҳи асосӣ 2 Мутахассисони тахассуси сатҳи олӣ ё гурӯҳи асосӣ 3-Мутахасисони тахассусси сатҳи миёна ё дигар ҳайати ёрирасон шомилбуда талаб карда мешавад.

## § 2. 1341. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба назорат ва нигоҳубини кӯдак

160. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба назорат ва нигоҳубини кӯдак таъмини нигоҳубини кӯдакони муассисаҳои томактабӣ, инчунин, дар муассисаҳои фароғатӣ, тавонбахшӣ ва дигар муассисаҳову марказҳои кӯдаконаро, ки ба хизматрасонии махсуси нигоҳубин ва инкишофи кӯдакон машғуланд, банақшагирӣ, идора, ҳамоҳангсозӣ ва арзёби менамоянд.

161. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

− таҳия ва татбиқ намудани барномаҳо оид ба таҳкими ҷисмонӣ, иҷтимоӣ, равонӣ ва рушди зеҳнии кӯдакони хурдсол;

− назорати иҷрои буҷет ва ҷудо намудани маблағ барои кормандон, мавод, таҷҳизоту хизматрасониҳои техникӣ;

− иҷрои назорату ҳамоҳангсозӣ оид ба пешниҳод намудани ёрӣ ба кӯдакони томактабӣ, осоишгоҳҳои кӯдакона, муассисаҳои шабонарӯзӣ ва марказҳои фароғатӣ;

− роҳбарӣ ва назорат аз рӯйи парасторони кӯдакон дар таъмини парасторӣ ва нигоҳубини кӯдакони синну соли хурд;

− идоракунии базаи моддию техникӣ барои табдил додани тамоми биноҳо ва таҷҳизоте, ки дар он оид ба нигоҳубинию рушди кӯдакон гузаронида мешавад, ба минтақаҳои бехатар барои кӯдакон, ҳайати кормандон ва зиёраткунандагон;

− таҳлилу истифодабарии кодексҳои давлатӣ, инчунин таҳияи раванди иҷрои кодексу қонунҳои дахлдор (масалан, барои таъмини бехатарӣ ва муҳофизат);

− мониторинги рушди кӯдакон ва суҳбат бо волидон ё парасторон;

− баҳисобгирӣ ва тартиб додани ҳисобот оид ба кори марказҳои нигоҳубини кӯдакон;

− кирояву арзёбии ҳайати кормандон ва ҳамоҳангсозии рушди касбии кормандон.

162. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– директори хонаи кӯдакон, маркази кӯдаконаи будубоши рӯзона;
– мудири кӯдакистон;
– мудири хадамоти иҷтимоӣ барои кӯдакон.

## § 3. 1342. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус дар соҳаи тандурустӣ ва байторӣ

163. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси соҳаи тандурустӣ ва байторӣ хизматрасонии тиббӣ ва хизматрасонӣ оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ ва солимии чорворо дар беморхонаҳо, дармонгоҳҳо, мақомоти тандурустӣ ва дигар ташкилотҳои ҳаммонанд банақшагирӣ, идора, ҳамоҳангсозӣ ва арзёбӣ мекунанд.

164. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– таъмини роҳбарии умумӣ ва идоракунии хадамот, объект, ташкилот ё марказ;

– роҳбарӣ, назорат ва арзёбии кори табибон, ҳамшираҳо, ҳайати техникӣ, дафтардорӣ, хизматрасонӣ, хизматрасонии хурд ва дигар кормандон;

– муайян намудани ҳадафҳо ва меъёрҳои арзёбӣ ё амалиётӣ барои арзёбии кори воҳидҳои сохторӣ, ки онҳо идора мекунанд;

– ташкил ё интихобкунӣ, кироя ва омӯзиши ҳайати кормандон;

– таҳия ва татбиқ намудани раванди мониторинг, қоида ва меъёри пешниҳоди хизматрасонии тиббии табибон, ҳамшираҳои тиббӣ, ҳайати кормандони техникиву маъмурӣ;

– назорат ва истифода бурдани таҷҳизоти ташхисӣ, катҳо, ҳайати кормандон ва маблағҳои тиббӣ барои таъмини истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва арзёбӣ намудани зарурият ба ҳайати кормандон, таҷҳизоту хизматрасонии иловагӣ;

– назорати фаъолиятҳои маъмурӣ оид ба банақшагирии буҷет, омодасозии ҳисобот ва баҳисобгирии хароҷот барои маводи дафтардорӣ, таҷҳизоту хизматрасонӣ;

– дастгирии робита бо дигар муассисаҳои тиббӣ, хадамоти хизматрасонии иҷтимоӣ, мақомоти молиявиу идоракунӣ, барои ҳамоҳангсозии расонидани хизматрасонӣ;

– машварат ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба чораҳои беҳтар намудани саломатӣ, хизматрасонӣ ва воситаҳои таъмини некӯаҳволӣ;

– намояндагӣ аз номи ташкилот дар гуфтушунидҳо, анҷуманҳо, семинарҳо, баррасии ҷамъиятӣ ва форумҳо.

165. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сардухтури байторӣ;

– сарҳамшираи шафқат (муовинони сардухтур оид ба корҳои ҳамширагӣ);

– мудири шуъбаи ҷарроҳӣ (табиб–ҷарроҳ);

– роҳбари шуъбаи асабшиносии беморхона;

– роҳбари маркази хундиҳӣ.

166. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– директори хадамот оид ба нигоҳбунии пиронсолон–1343;

– директори маркази хизматрасонии иҷтимоӣ–1344.

§ 4. 1343. Роҳбарон (маъмурон)–и

зерсохторҳои махсус оид ба нигоҳубини пиронсолон

167. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба нигоҳубини пиронсолон хизматрасонии нигоҳубини манзил ва беҳдошти шахсии шахсони воқеӣ ва оилаҳоро, ки бар асари пиршавӣ ба чунин хидматҳо ниёз доранд, пешниҳод мекунанд, арзёбӣ, идора ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд.

168. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– таъмини роҳбарии умумӣ ва идоракунии хадамот, обектҳо, ташкилот ё марказ;

– роҳбарӣ, назорат ва арзёбии кори табибон, ҳамшираҳо, ҳайати техникӣ, дафтардорӣ, хизматрасонӣ, хизматрасонии хурд ва дигар кормандон;

– муайян намудани ҳадафҳо ва меъёрҳои амалиётӣ барои арзёбии кори воҳидҳои сохторӣ, ки онҳо идора мекунанд;

– интихобкун, кироя ва омӯзиши ҳайати кормандон;

– таҳия, татбиқ ва мониторинги амалиёт, қоидаҳо ва меъёрҳои расонидани хизматрасонӣ аз ҷониби ҳайати кормандон амаликунанда, воситаҳои беҳдоштии шахсӣ, инчунин ҳайати кормандони техникӣ ва маъмурӣ;

– ҳамоҳангсозӣ ва идоракунии татбиқи барномаҳои таъмини иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ барои нигоҳубини пиронсолон;

– назорати фаъолиятҳои маъмурӣ оид ба банақшагирии буҷет, омодасозии ҳисобот ва баҳисобгирии хароҷот барои маводи дафтардорӣ, таҷҳизот ва хизматрасонӣ;

– дастгирии алоқа бо дигар муассисаҳои тиббӣ, хадамоти хизматрасонии иҷтимоӣ, мақомоти молиявию идоракунӣ, барои ҳамоҳангсозии хизматрасонӣ;

– машварат ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба чораҳои беҳтар намудани саломатӣ, хизматрасонӣ ва воситаҳои таъмини некуаҳволӣ;

– намояндагӣ аз номи ташкилот дар гуфтушунидҳо, анҷуманҳо, семинарҳо, баррасиҳои ҷамъиятӣ ва форумҳо.

169. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– директори хонаи пиронсолон;

– директори дармонгоҳҳои хусусӣ оид ба нигоҳубинӣ;

– ҳамоҳангсози корҳо оид ба нигоҳубини пиронсолон дар шаҳраку деҳот;

– роҳбари шуъбаи пиронсолӣ (герентологӣ).

§ 5. 1344. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба тавонбахшӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва таъминоти иҷтимоӣ

170. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба тавонбахшӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва таъминоти иҷтимоӣ татбиқи барномаи тавонбахшӣ, расонидани дастгирии иҷтимоӣ ва кумаки иҷтимоиро, ки ба таъмини

нафақа ва нигоҳдории сатҳи даромад, кумаки оилавӣ, пешниҳод намудани хизматрасонӣ ба муассисаҳои кӯдакона ва дигар барномаҳои иҷтимоиву хизматрасониҳо равона шудааст, банақшагирӣ, идора ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд.

171. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– таъмини роҳбарии умумӣ ва идоракунии хадамот, муассисаҳо, ташкилотҳо ё марказҳо;

– таҳия, татбиқ ва мониторинги раванд, қоидаҳо ва меъёрҳои хизматрасонӣ аз ҷониби корманд;

– мониторинг ва арзёбии захираҳое, ки барои таъмин намудани некуаҳволӣ, нигоҳдории манзил ва дигар хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҷудо карда мешаванд;

– назорати фаъолиятҳои маъмурӣ дар бобати банақшагирии буҷет, омодакунии ҳисобот ва баҳисобгирии хароҷот барои маводи дафтардорӣ, таҷҳизот ва хизматрасонӣ;

– корҳои таълимӣ-методӣ барои тавонбахшии касбии маъюбон тибқи маълумотномаи тиббӣ ва талаботи бозори меҳнат;

– таҳия ва татбиқи чорабиниҳо ва машғулиятҳои ислоҳӣ-омӯзишӣ, тарбиявӣ, иҷтимоӣ-мутобиқшавӣ, ҷуброншаванда бо шахсони маъюб, назорати мутобиқати ташкилот ба барқарорсозии касбӣ аз рӯйи стандарт ва меъёрҳои амалкунанда. Таъмини омӯзгорон ва шунавандагон бо адабиёти зарурии таълимӣ ва методӣ, муҷаҳҳазсозии ҳуҷраҳои таълимӣ бо воситаҳои техникии омӯзишӣ;

– дастгирии робита бо дигар хадамоти таъминоти иҷтимоӣ ва муассисаҳои тандурустӣ, мақомоти идоракунӣ ва молиявӣ барои баррасии масъалаҳои ҳамкориҳои имконпазир дар соҳаи тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва ҳамоҳанг намудани хизматрасонӣ;

– машваратдиҳӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба чораҳои беҳтар намудани саломатӣ, хизматрасонӣ ва воситаҳои таъмини некӯаҳволӣ;

– намояндагӣ аз номи ташкилот дар гуфтушунидҳо, анҷуманҳо, семинарҳо, баррасиҳои ҷамъиятӣ ва форумҳо.

– таҳия ва идора намудани буҷет, назорати хароҷот ва таъмини истифодабарии самарабахши захираҳо;

– ташкили равандҳои оперативӣ ва маъмурӣ ва роҳбарии онҳо;

– назорати интихоб, тайёркунӣ ва истифодабарии ҳайати кормандон.

172. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– директори маркази дастгирии равониву омӯзгорӣ;

– директори маркази хизматрасонии иҷтимоӣ;

– роҳбари хадамоти иҷтимоӣ оид ба нигоҳубин дар хона;

– роҳбари маркази тавонбахшӣ.

### § 6. 1345. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус дар соҳаи маориф

173. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус дар соҳаи маориф ҷанбаҳои таълимӣ ва маъмурии пешниҳоди хизматрасониҳои таълимиро дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ, коллеҷҳо, факултаву кафедраҳои донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ банақшагирӣ, идора, ҳамоҳангсозӣ ва арзёбӣ менамоянд.

174. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ташкил ва таҳия намудани барномаҳои таълимӣ дар асоси стандартҳои муқаррарнамудаи мақомоти идоракунии маориф;

– ҷорӣ намудани низом ва тартиби назорат аз рӯйи кори хонандагон ва донишҷӯён;

– идоракунии фаъолиятҳои маъмуриву техникие, ки ба қабули донишҷӯён ва пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ тааллуқ дорад;

– назорати фаъолияти маъмурӣ дар бобати банақшагирии буҷет, омодакунии ҳисобот ва баҳисобгирии хароҷот барои маводи дафтардорӣ, таҷҳизот ва хизматрасонӣ;

– иҷрои уҳдадориҳои роҳбарӣ барои омӯзгорону омӯзгорону, ҳайати маъмурӣ ва академӣ, инчунин, донишҷӯён;

– арзёбии самаранокии кори омӯзгорону омӯзгорон бо ёрии низоми қабулшудаи нишондиҳандаҳо, омӯзиши усулҳои таълимӣ, арзёбии методика ва мақсадҳои таълим ва маводи таълимии истифодашаванда;

– пешрафти барномаҳои таълимӣ ва намояндагии хадамот ё муассиса дар ҷомеа;

– назорати фаъолияти муассисаҳои таълимӣ;

– таҳия ва таъмини риояи кодекси интизом барои ташкили муҳити бехатар ва мусоид ба донишҷӯёну омӯзгоронон;

– ташкил ва истифода намудани усулҳои ҷалби маблағҳои иловагӣ дар ҳамдастӣ бо волидон, гурӯҳҳои ҷамъиятӣ ва сарпарастон;

– назорати интихобкунӣ, таълим ва назорати ҳайати кормандон.

175. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– декани факултет;
– директори муассисаи таҳсилоти умумӣ;
– мудири кабинет (методӣ, таълимӣ– методӣ);
– роҳбари маркази эҷодиёти кӯдакон;
– роҳбари маркази такмили ихтисос.

### § 7. 1346. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба амалиёти молиявӣ ва суғуртавӣ

176. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба амалиёти молиявӣ ва суғуртавӣ фаъолияти муассисаҳое, ки хизматрасонии молиявию суғуртавиро пешниҳод мекунанд, мисли бонк, кооперативҳои сохтмонӣ, ниҳодҳои қарзӣ ва ширкатҳои суғуртавӣ, банақшагирӣ, идора ва ҳамоҳангсозӣ менамоянд. Онҳо ба мизоҷон дар масоили молиявию

суғуртавӣ машварат дода, кумак мекунанд.

177. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– банақшагирӣ, идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳайати кормандон дар филиалҳо;

– муқаррар ва нигоҳ доштани муносибатҳо бо мизоҷони инфиродиву корпоративӣ;

– пешниҳод намудани машваратҳо ва ба мизоҷон расонидани кумак дар ҳалли масъалаҳои молиявию суғуртавии онҳо, ки ба тағйирёбии қонунгузорӣ таалуқ доранд;

– баррасӣ, арзёбӣ ва бақайдгирии дархостҳои қарзиву суғуртавӣ;

– қарори мониторинг оид ба пешниҳоди қарз;

– гузаронидани тафтишоти молиявӣ;

– мушоҳида аз рӯйи амалиёти маблағҳову воситаҳои молиявӣ ва омода намудани ҳисоботи молиявию идоракунӣ;

– тасдиқ ё радкунӣ, тасдиқи ҳамоҳангсозӣ ё рад кардани хатҳои қарзӣ барои пешниҳоднамоии қарзҳои тиҷоратӣ, гаравпуливу истеъмолӣ;

– ҳамоҳангсозии ҳамкорӣ бо дигар филиалҳои ширкатҳо;

– идоракунии буҷетӣ, назорати хароҷот ва таъмини истифодаи оқилонаи захираҳо;

– назорати интихобкунӣ, тайёркунӣ ва истифодаи ҳайати кормандон.

178. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– роҳбари шуъбаи қарздиҳӣ;

– мудирони агентии суғуртавӣ;

– мудирони муассисаҳои қарздиҳӣ оид ба кор бо мизоҷон.

179. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– директори молиявӣ–1211;

– агенти қарздиҳӣ–3312;

– агенти суғуртавӣ–3321.

### § 8. 1349. Роҳбарон (маъмурон)–и дигари зерсохторҳои махсус оид ба молия ва хизматрасонии ҷамъиятиву иҷтимоии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

180. Ин гурӯҳи ибтидоӣ роҳбарон (маъмурон)–е, ки имконияти пешниҳод намудани хизматрасонии махсуси иҷтимоиро, ки дохил ба гурӯҳи хурди 134 Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба молия ва хизматрасонии ҷамъиятиву иҷтимоӣ ҳастанд, банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ ва арзёбӣ менамоянд. Масалан, ин ҷо роҳбарони китобхонаҳо, осорхонаҳо, бойгониҳо, хадамоти ҳуқуқӣ, муассисаҳои ислоҳӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба назар гирифта мешаванд.

181. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– таъмини роҳбарикунии умумӣ ва идоракунии хадамот, муассисаҳо,

ташкилоту марказҳо;

– таҳия ва татбиқ намудани мониторинги амалиёт, қоида ва стандартҳо барои ҳайати кормандон;

– роҳбарӣ, назорат ва арзёбии фаъолияти истеҳсолии ҳайати техникӣ, дафтардорӣ, хизматрасонӣ, хидматрасонии хурд ва дигар ҳайати кормандон;

– мониторинг ва назорат намудан аз рӯйи харочоти захираҳо, ки барои хизматрасонӣ ҷудо карда мешавад;

– назорати фаъолияти маъмурӣ оид ба банақшагирии буҷет, омодакунии ҳисобот ва баҳисобгирии харочот барои маводи дафтардорӣ, таҷҳизот ва хизматрасонӣ;

– банақшагирӣ, идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии хизматрасонӣ;

– ҳамоҳангсозии ҳамкорӣ бо дигар агентиҳо оид ба хизматрасонӣ дар ҳамон соҳа ё ба ҳам наздик;

– идоракунии буҷет, назорати харочот ва таъмини истифодаи оқилонаи захираҳо;

– назорати интихобкунӣ, тайёр намудан ва истифода бурдани ҳайати кормандон.

182. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– директори китобхона;
– директор (мудири) осорхона;
– мудири бойгонӣ;
– мудири нигористони бадеӣ;
– сардори зиндон;
– сардори хонаи фарҳанг.

## 17.ЗЕРГУРӮҲИ 14. РОҲБАРОНИ ТИЧОРАТИ МЕҲМОНХОНАГӢ ВА ТАРАБХОНАГӢ, САВДОИ ЯКЛУХТ ВА ЧАКАНА ВА СОҲАҲОИ ҲАММОНАНДИ ХИЗМАТРАСОНӢ

183. Роҳбарони тичорати меҳмонхонагиву тарабхонагӣ, савдои яклухт, чакана ва соҳаҳои ҳаммонанди хизматрасонӣ фаъолияти ташкилотҳоеро, ки бо манзили муваққатӣ таъмин месозанд, тичорати меҳмонхонагӣ ва дигар намуди хизматрасонии ҳаммонандро амалӣ мекунанд, банақшагирӣ, ташкил ва идора мекунанд. Сатҳи салоҳияти аксари машғулиятҳои ба ин зергурӯҳ дохилшаванда ба сатҳи чоруми тахассусӣ мувофиқат менамояд.

184. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур, одатан иборатаст:

- банақшагирӣ ва ташкили иҷрои уҳдадориҳои меҳмоннавозӣ, чорабиниҳои варзишӣ, бозӣ ва вақтхушкунӣ, инчунин, муайян намудани намуд ва навъҳои мол, сатҳи захираҳо ва стандартҳои хизматрасонӣ;

- пешбариву фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо;

- назорати риояи қонунгузорӣ дар соҳаи фурӯши машрубот, ташкили бозиҳои тиҷорӣ (қиморхонаҳо), ҳифзи саломатӣ ва дигар қонунҳову санадҳои меъёрӣ;

- таҳия ва бознигарии сиёсат, барномаву равандҳои тааллуқ ба муносибати мизоҷон, фурӯши молҳову хизматрасониҳо;

- мусоидат ба гузаронидани конфронсҳо, анҷуманҳо ва намоишгоҳҳо бо ҷалби кумаки мизоҷон;

- ташкили харид ва таъмини воситаҳои нақлиёт, таҷҳизот ва сӯзишворӣ, инчунин, дастрасии молҳо бо нақлиёт;

- назорати интихобкунӣ, тайёркунӣ ва назорат аз рӯйи корҳои ҳайати кормандон, таъмини риояи меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ.

185. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 141 | Роҳбарони меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо |
| 142 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасонии савдои чакана ва яклухт |
| 143 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсуси дигар соҳаҳои хизматрасонӣ |

Эзоҳ: Зергурӯҳи 14 Роҳбарони тиҷорати меҳмонхонагиву тарабхонагӣ, савдои яклухт ва чакана ва соҳаҳои хизматрасонии ҳаммонанд, одатан роҳбарони ташкилотҳорое, ки бевосита ба аҳолӣ хизматрасонӣ мекунанд ва барои доштани мартабандии сохтори идоракунӣ хело хурданд, дар бар мегирад. Он роҳбароне, ки барои банақшагирӣ, роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозии хизматрасонии техникӣ ва махсус масъуланд, одатан омодагии нисбатан баландро талаб мекунанд, дар гурӯҳҳои гуногуни зергурӯҳҳои 12 Маъмурон (роҳбарон)–и бахши хусусӣ (корпоративӣ) ва дигар ташкилотҳо ва 13 Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус дар бахши корпоративӣ (хусусӣ) дар соҳаи истеҳсол ва хизматрасониҳои махсус ба назар гирифта мешаванд.

Кормандони мағоза, меҳмонхона, қаҳвахона, тарабхонаву барҳои хурд, ки барои онҳо роҳбариву назорат аз рӯйи корҳои дигар ҳайати кормандон қисмати муҳими корҳои онҳо нестанд, дар зергурӯҳи 51 Кормандони хидматрасонии шахсӣ, ё 52-Фурӯшандагон вобаста ба иҷроиши уҳдадориҳои асосӣ ба инобат гирифта мешаванд.

## 18. ГУРӮҲИ ХУРДИ 141.

### § 1. Роҳбарони меҳмонхона ва тарабхонаҳо

186. Роҳбарони меҳмонхона ва тарабхонаҳо идоракунии фаъолияти ташкилотҳое, ки бо ҷойгиркунӣ, пешниҳод намудани хӯрок, нӯшокиҳо ва дигар хизматрасониҳои меҳмонхонаро таъмин месозанд, банақшагирӣ, ташкил ва идора менамоянд.

187. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешавад:

– банақшагирӣ ва ташкили иҷрои уҳдадориҳои чорабиниҳои меҳмондорӣ, варзишӣ, бозигарӣ ва фароғатӣ;

– роҳбарӣ ва назорати бандкунии ҷойҳо (брон), қабул ва хизматрасонии меҳмонон, гузаронидани фаъолияти хоҷагидорӣ;

– назорати риояи қонунгузорӣ дар соҳаи фурӯши машрубот, ташкили бозиҳои тиҷорӣ, ҳифзи саломатӣ ва дигар қонунҳову санадҳои меъёрӣ;

– назорати сифат дар ҳамаи марҳилаҳои тайёркунӣ ва рӯйнамоии озуқаву хизматрасонӣ;

– назорати интихобкунӣ, тайёркунӣ ва назорати ҳайати кормандон;

– таъмини риояи меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ бехатарии меҳнат.

188. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 1411 | Роҳбарони меҳмонхонаҳо |
| 1412 | Роҳбарони тарабхонаҳо (вагон–тарабхонаҳо) |

## § 2. 1411. Роҳбарони меҳмонхонаҳо

189. Роҳбарони меҳмонхонаҳо идоракунии фаъолияти меҳмонхонаҳо, мотелҳо, хостелҳо ва муассисаҳои ба ҳамин монандро банақшагирӣ, ташкил ва идора мекунанд, ҷойгиркунии меҳмонон ва дигар намуди хизматрасониҳоро таъмин месозанд.

190. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– роҳбариву назорати идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ, бандкунии ҷойҳо, қабул ва хизматрасонии меҳмонон;

– назорати чораҳои бехатарӣ, инчунин, нигоҳдории қаламрави наздиҳавлигӣ, боғ ва биноҳо;

– банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти барҳо, тарабхонаҳо, аз ҷумла, хизматрасониҳо дар конфронсу ҷаласаҳои машваратӣ;

– риояи қонунгузорӣ дар соҳаи фурӯши машрубот, ташкили бозиҳои тиҷорӣ ва дигар қонунҳою санадҳои меъёрӣ;

– арзёбӣ ва таҳлили қаноатмандии меҳмонон ва мизоҷон;

– назорати баҳисобгирӣ ва фаъолияти харид;

– қабули буҷети муассиса ва назорати хароҷоти захиравӣ;

– назорати интихобкунӣ, тайёркунӣ ва назорати иҷрои корҳои ҳайати корманд;

– таъмини риояи меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва қоидаҳои бехатарӣ;

– ба меҳмонон пешниҳод намудани маълумот оид ба сайёҳии дохилӣ, инчунин ташкили сафарҳои сайёҳӣ ва хизматрасониҳои нақлиётӣ.

191. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– директори меҳмонхона (муассисаҳои меҳмонхонаҳо);

– директори ҳотел, хостел;

– роҳбари хобгоҳи донишҷӯён;

– молики мулки хусусии муассисаи хӯрокхӯрии умумӣ (чойхона, ошхона, қаҳвахона, тӯйхона ва ғайра).

Эзоҳ: Корманди ҳайати хизматрасони муассисаҳои хурди шакли меҳмонхонагӣ, ки бо кат ва ғизо (ҳостел)таъмин мекунанд, инчунин, меҳмонхонаҳои хурде, ки бо ҷобаҷокунӣ ва маҷмуи маҳдуди хизматрасонӣ оид ба хӯроки мизоҷон ва ба қабули меҳмононро мутобиқ дар хонаҳои шахсӣ таъмин мекунанд, инчунин, ашхосе, ки барои роҳбарӣ ва назорати кори кормандон ва фаъолияти онҳо қисмати муҳими фаъолияти онҳо нест, ба гурӯҳи ибтидоии 5152 Кадбону ва дигар кормандони хонакор ба инобат гирифта мешаванд.

Роҳбарони ширкатҳои бузурги меҳмонхона ё шабакаҳои меҳмонхонаҳо дар зергурӯҳи 12 Маъмурон (роҳбарон)–и бахши иттиҳодиявӣ(хусусӣ) ва дигар ташкилотҳо ба инобат гирифта мешавад.

## §3. 1412. Роҳбарони тарабхонаҳо (вагон–тарабхонаҳо)

192. Роҳбарони тарабхонаҳо (вагон–тарабхонаҳо) идоракунии фаъолияти қаҳвахона, тарабхона ва дигар муассисаҳои монанд, таъминкунандаи хизматрасониҳои хӯроки ҷамъиятиро банақшагирӣ, ташкил ва идора менамоянд.

193. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– банақшагирии таомнома дар асоси машварат бо сарошпазу ошпазҳо;

– банақшагирӣ ва ташкили вазифаҳои махсус, ки бо хӯроки умумӣ алоқаманд аст;

– ташкили хариди маводи хӯрока аз рӯйи нарх бо дарназардошти имкони буҷет;

– ҷорӣ намудани баҳисобгирии захираҳо ва амалиёт молиявӣ;

– таъмини мувофиқати ҳуҷраҳо барои мизоҷон, ошхона ва ҷойи нигаҳдории маводи озуқа тибқи меъёрҳои беҳбудсозӣ ва қоидаҳои беҳдоштӣ, риояи уҳдадориҳову намуди зоҳирии онҳо;

– муошират бо меҳмонон барои арзёбии қаноатмандии онҳо нисбат ба хӯрок ва хизматрасонӣ;

– интихоб намудани ҳайти кормандон, тартиб додани ҷадвали корӣ, омӯзишу назорат аз рӯйи кори пешхизмат ва ошпазҳо;

– бандкунии ҷой, қабули меҳмонон ва кумаки қабули фармоиш;

– музокира бо мизоҷон ва таъминкунандагон;

– таъмини риояи меъёр ва қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ.

194. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– директор (мудир)–и вагон-тарабхона

– директори қаҳвахона;

– мудири толор (тарабхона, қаҳвахона ва ғайра);

– мудири ошхона.

195. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– сарошпаз–3434;

– ошпаз–5120.

Эзоҳ: Кормандони қаҳвахонаву тарабхонаҳо ва бар (тарабхонаҳои хурд), ки барои онҳо роҳбариву назорати кори дигар ҳайати кормандон қисмати муҳими фаъолияташон нест, вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои асосиашон дар гурӯҳҳои ибтидоӣ 5120 Ошпазҳо, 5131 Пешхизматҳо ва 5132 Буфетчиҳо (барменҳо)ба инобат гирифта мешаванд.

## 19. ГУРӮҲИ ХУРДИ 142.

### § 1. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасонии савдои чакана ва яклухт

196. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасонии савдои чакана ва яклухт фаъолияти ташкилотҳорое, ки молро дар нуқтаҳои савдо чакана ё яклухт мефурӯшанд, банақшагӣ, ташкил, ҳамоҳангсозӣ ва назорат менамоянд. Онҳо барои буҷет, ҷадвали воҳидҳои корӣ, роҳбарии марказҳои савдо, мағозаҳо ё сохторҳои таркибии онҳо дар доираи мағоза, ки бо фурӯши намудҳои алоҳидаи маҳсулоти молӣ машғуланд, масъул мебошанд.

197. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешавад:

– муайян намудани намудҳои маҳсулот, сатҳи захираҳо ва меъёрҳои хизматрасонӣ;

– таҳия ва татбиқи сиёсати харид, маркетинг ва муайян намудани нарх;

– пешбарӣ ва тарғибу ташвиқи мол ва хизматрасониҳои муассисаҳо;

– пешбурди баҳисобгирии захираҳо ва амалиёти молиявӣ;

– таҳия ва назорати иҷрои буҷет;

– интихобкунӣ, таълим ва назорати ҳайати кормандон;

– таъмини риояи қоидаҳо ва меъёри ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ.

198. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 1420 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасонии савдои чакана ва яклухт |

### § 2. 1420. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасонии савдои чакана ва яклухт

199. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасонии савдои чакана ва яклухт фаъолияти ташкилотҳое, ки молро дар нуқтаи савдо чакана ё яклухт мефурӯшанд, банақшагӣ, ташкил, ҳамоҳангсозӣ ва арзёбӣ менамоянд. Онҳо барои буҷет, ҷадвали воҳидҳои корӣ, роҳбарии марказҳои савдо, мағозаҳо ё сохторҳои таркибӣ дар доираи мағоза, ки бо

фурӯши намудҳои алоҳидаи маҳсулоти молӣ машғуланд, масъул мебошанд.

200. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– муайян намудани намудҳои маҳсулот, сатҳи захираҳо ва стандартҳои хизматрасонӣ;

– таҳия ва татбиқи сиёсати харид, бозорёбӣ ва муайян намудани нарх;

– тарғибу ташвиқ намудани мол ва хизматрасониҳои муассисаҳо;

– пешбурди баҳисобгирии захираҳо ва амалиёти молиявӣ;

– таҳия ва назорати иҷрои буҷет;

– назорат ба интихобкунӣ ва таълими ҳайати кормандон;

– таъмини риояи қоидаҳо ва меъёри ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ.

201. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– директори мағоза;

– директори бозор;

– мудири хонаи хизматрасонии маишӣ (мӯд);

– мудири шуъба (дар савдо);

– сардори хадамоти савдои чакана ва яклухт.

202. Баъзе мағулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– мудири шуъба(оид ба маркетинг ва фурӯши маҳсулот)–1221;

– саркор (бригадир)дар мағоза (фурӯшандаи калон)–5210;

– фурӯшанда дар киоскҳо ва дӯконҳо–9520.

Эзоҳ: Роҳбарони генерали (мудирон)–и муассисаҳои савдо, ба монанди шабакаҳои савдои бузург (супермаркетҳо) ё мағаҳои универсалӣ, инчунин бозорҳо дар гурӯҳи ибтидоии 1120 Роҳбарони корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар ба инобат гирифта мешавад. Кормандони савдои мағозаи начандон калон, ки барои онҳо роҳбариву назорати кори дигар ҳайати кормандон қисмати муҳими кори онҳо нест, дар зергурӯҳи хурди 52 Фурӯшандаҳо ё дар гурӯҳҳи ибтидоии 9520 Фурӯшандаҳо дар кӯча ва бозорҳо ба инобат гирифта мешаванд.Кормандоне, ки фаъолияти фурӯшанда-машваратчиро дар мағозаҳо назорату идора мекунанд, кори хазиначӣ–назоратчӣ ва дигар кормандонро тафтиш намуда, ҷавобгариро барои муайян намудани номгӯйи маҳсулот, сиёсати нархгузорӣ, буҷет ва теъдоди ҳайати кормандон, интихобкуниву кирояи онҳоро ба уҳдаи худ намегиранд, дар гурӯҳҳои ибтидоӣ 5222 Саркор (бригадир) дар мағоза (фурӯшандаи калон) ба инобат гирифта мешаванд.

## 20. ГУРӮҲИ ХУРДИ 143.

### § 1. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба соҳаҳои дигари хизматрасониҳо

203. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба соҳаҳои дигари хизматрасониҳо фаъолияти муассисаҳои пешниҳодкунандаи хизматрасонии варзишӣ, фарҳангӣ, истироҳатӣ, сайёҳӣ, ҳамкорӣ ва дигар хизматрасониҳоро оид ба таъмини истироҳат ва вақтгузаронии хуш ба

нақшагирӣ, ташкил ва назорат мекунанад.

204. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешавад:

– банақшагирӣ ва ташкили пешниҳоди маҷмӯи хизматрасониҳо ё номгӯйи намудҳои фаъолиятҳои пешбинишуда;

– таъмини нигоҳдории объектҳо дар тозагӣ ва ҳолати хуб;

– пайгирӣ ва баҳисобгирии фаъолияти тамоюлҳои наве, ки барои пешниҳод намудани хизматрасониҳо тааллуқ доранд;

– машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои пешниҳоди хизматрасониву маълумотдиҳӣ ва таблиғ оид ба пешниҳоди онҳо;

– санҷишу нигоҳдории маблағҳои воридшуда ва тафтиши мунтазами боқимондаҳо;

– таҳиякунӣ ва идоракунии буҷетҳо;

– назорати хароҷот ва таъмини истифодаи самараноки захираҳо;

– банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти ҳамарӯза;

– назорати интихобкунӣ, мушоҳида ва кори самараноки ҳайати кормандон;

– таъмини риояи меъёри ҳифзи саломатӣ ва талаботи бехатарӣ.

205. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 1431 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасониҳои тайёрии ҷисмонӣ ва варзиш |
| 1432 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасониҳои дилхушиву истироҳатӣ |
| 1439 | Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасониҳои соҳаҳои дигари ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

### § 2. 1431. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасониҳои тайёрии ҷисмонӣ ва варзишӣ

206. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасониҳои тайёрии ҷисмонӣ ва варзишӣ фаъолияти муассисаҳоро, ки таъмини хизматрасониҳои варзиширо пешниҳод мекунанд, банақшагирӣ, ташкил ва назорат менамоянд.

207. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– банақшагирӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти молиявию иқтисодӣ, маъмуриву хоҷагидории муассисаҳои варзишӣ;

– ташкили корҳои варзишӣ-оммавӣ ва солимгардонӣ байни аҳолӣ;

– таҳия ва идоракунии буҷетҳо, назорати хароҷот ва таъмини истифодаи самараноки захираҳо;

– банақшагирӣ ва таъмин намудани муассисаҳо бо таҷҳизоти варзишиву технологӣ ва муҳандисӣ, асбоб ва мавод, назорат оид ба дуруст истифода намудани онҳо;

– банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти ҳамарӯза;

– назорати интихобкунӣ, мушоҳида ва кори самараноки ҳайати кормандон;

– таъмини риояи қоидаҳои беҳдоштӣ ва бехатарӣ.

208. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сармураббӣ;

– директори муассисаи тайёрии ҷисмонӣ-варзишӣ;

– директори маркази фитнес;

– сардори пойгоҳи варзишӣ.

209. Баъзе мағулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– роҳбарон (мудирон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасониҳои тайёрии ҷисмонӣ ва варзиш–1431;

– мураббиҳо ва дастурдиҳанда–методистон оид ба тайёрии ҷисмонӣ ва варзиш–2358.

## § 3. 1432. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасониҳои дилхушиву истироҳатӣ

210. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасониҳои дилхушиву истироҳатӣ фаъолияти ташкилотҳои таъминкунандаи хизматрасониҳои бадеӣ, саҳнавӣ (театрӣ) ва дигар намуди фароғатии пешниҳодшударо банақшагирӣ, ташкил ва назорат менамоянд.

211. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– банақшагирӣ ва ташкили маҷмӯи дилхушиҳо, намоишҳои аттраксионӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ, барномаҳои солимгардонӣ – фитнесии пешниҳодкунандаи марказ;

– таъмини нигоҳдории объектҳо дар тозагӣ ва ҳолати хуби беҳдоштӣ;

– баҳисобгирии тамоюлҳо ва тағйирот дар эҷодиёти бадеӣ, ташкили саҳнаҳои театрӣ ва спектаклҳо барои гурӯҳҳои театриву оркестрҳо;

– машваратдиҳӣ бобати масоили имконияту ҷойгиркунии таблиғот (реклама) оид ба шарҳи рӯйдодҳо, намоишҳову чорабиниҳои банақшагирифташуда;

– санҷишу нигоҳдории маблағҳои воридшуда ва тафтиши мунтазами чиптаҳои фурӯхташуда ва фурӯхтанашуда;

– таҳия ва идоракунии буҷет, назорати хароҷот ва таъмини истифодаи самараноки захираҳо;

– банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти ҳамарӯза;

– назорати интихобкунӣ, мушоҳида ва самаранокии кори ҳайати кормандон;

– таъмини риояи қоидаҳои беҳдоштӣ ва бехатарӣ.

212. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– директор (саррежиссёр )- и театр(басаҳнагузоранда);

– сардирижёр

– мудир (роҳбар)–и қисм (бадеӣ-драммавӣ, режиссёрӣ, рассомӣ-

басаҳнагузорӣ, педагогӣ ва ғайра);
- директори бар, диско– бар, клуби шабона, караоке;
- директори боғи фарҳангӣ ва фароғатӣу;
- мудири кинотеатр.

213. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:
- директор (мудири) осорхона–1349;
- директори китобхона–1349.

### § 4. 1439. Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасониҳои соҳаҳои дигари ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

214. Ин гурӯҳи ибтидоӣ роҳбарон (мудирон)-е, ки пешниҳоди хизматрасониро банақшагирӣ, идора ва ҳамоҳангсозӣ мекунанд ва дар зергурӯҳи 13 Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус дар бахши корпоративӣ (иттиҳодиявӣ) ва хизматрасонии махсус ва дар ягон зергурӯҳи 14 Роҳбарони тиҷорати меҳмонхонагшиву тарабхонагӣ, савдои яклухт ва чакана ва соҳаҳои хизматрасонии ҳаммонанд дар ҳисоб гирифта нашудаанд, дохил мешаванд. Масалан, ба ин ҷо роҳбарони агентиҳои сайёҳӣ, марказҳои конфронсӣ ва намоишгоҳҳо метавонанд, дохил шаванд.

215. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
- директори маркази намоишгоҳӣ;
- мудири сартарошхона;
- роҳбари агентии сайёҳӣ.

Эзоҳ: Дар гурӯҳи мазкур дохил намешаванд, машғулиятҳое, ки ба идоракунӣ, пешниҳоди хизматрасонии махсуси касбӣ ва техникӣ алоқамананд ва тахассус ва таҷрибаи махсусро талаб мекунанд, ба як ё якчанд намуди машғулияте, ки дар гурӯҳи асосии 2 Мутахассисони тахассуси сатҳи олӣ ё дар гурӯҳи асосии 3 Мутахассисони тахассуси сатҳи миёна дохиланд,. Ин машғулияти идоракунӣ дар гурӯҳҳои гуногуни ибтидоии зергурӯҳҳои 12 Маъмурон (роҳбарон)–и бахши иттиҳодиявӣ (хусусӣ) ва дигар ташкилотҳо ва зергурӯҳи 13 Роҳбарон (мудирон)–и зерсохторҳои махсуси бахши иттиҳодиявӣ(корпоративӣ) дар соҳаи истеҳсол ва хизматрасонии махсус ба назар гирифта мешаванд.

## 21. ГУРӮҲИ АСОСИИ 2. МУТАХАССИСОНИ ТАХАССУСИ САТҲИ ОЛӢ

216. Мутахассисони тахассуси сатҳи олӣ ҳаҷми донишҳои мавҷударо зиёд намуда, консепцияҳои илмӣ ва бадеӣ ва назарияҳоро дар амал истифода мебаранд, ба таълими бонизоми ин донишҳо машғуланд ва инчунин, метавонанд, ин намуди фаъолиятро дар усулҳои гуногун пайваста истифода намоянд. Сатҳи салоҳияти аксар машғулиятҳои ба ин гурӯҳи асосӣ дохилшаванда ба сатҳи чоруми тахассусӣ мувофиқат менамояд.

217. Уҳдадориҳои мутахассисони тахассуси сатҳи олӣ иҷрокунанда,

одатан дарбар мегиранд:

– гузарондани таҳлил ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, тарҳрезии консепсияҳо, назарияҳо ва методҳо;

– машваратдиҳӣ ё истифодабарии илмҳои мавҷудаи соҳаи физика, риёзиёт, техника ва технология, дар соҳаи илм дар бораи ҳаёт, хизматрасонии тиббӣ ва хизмат дар соҳаи тандурустӣ, илмҳои ҷамъиятӣ ва ва гуманитарӣ;

– таълим додани назария ва амалияи як ё якчанд фан дар зинаҳои гуногуни омӯзиш;

– омӯзиш ва таълими шахсони дар таълим душворидошта ё ашхоси бо талаботи махсус;

– хизматрасонии гуногуни корӣ (расмӣ), ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ;

– таҳия, озмоиш ва такмили системаи технологияҳои иттилоотӣ, таъминоти дастгоҳӣ ва барномавӣ;

– эҷод ва иҷрои асарҳои санъат;

– роҳнамоии маънавӣ;

– омодакунии ҳуҷҷатҳои илмӣ ва ҳисобот. Уҳдадориҳо метавонанд, роҳбарии коргарони дигарро низ, дарбар гиранд.

218. Машғулиятҳои гурӯҳи асосии мазкур ба зергурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 21 | Мутахассисони сатҳи олии тахассус дар соҳаи илм ва техника |
| 22 | Мутахассисони сатҳи олии тахассус |
| 23 | Мутахассисон дар соҳаи маориф |
| 24 | Мутахассисони сатҳи олии тахассус дар соҳаи бизнес (тиҷорат) ва маъмурият |
| 25 | Мутахассисони сатҳи олии тахассус дар технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ |
| 26 | Мутахассисони сатҳи олии тахассус дар соҳаи ҳуқуқ, соҳаҳои гуманитарӣ ва фарҳанг |

## 22. ЗЕРГУРӮҲИ 21. МУТАХАССИСОНИ САТҲИ ОЛИИ ТАХАССУС ДАР СОҲАИ ИЛМ ВА ТЕХНИКА

219. Мутахассисони сатҳи олии дар соҳаи илм ва техника корҳои илмӣ–таҳқиқотиро анҷом медиҳанд, консепсия, назария ва методҳоро такмил ё таҳия мекунанд, ба татбиқи амалии донишҳои илмии марбут ба физика, нуҷум, метеорология, кимиё, геофизика, геология, биология, экология, дорушиносӣ, тиб, риёзиёт, омор, меъморӣ, техника, ороиш ва технология машғуланд. Сатҳи салоҳияти аксар машғулиятҳои ба ин зергурӯҳ дохилшаванда ба сатҳи чоруми тахассусӣ мувофиқат мекунад.

220. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур, одатан иборатанд:

– гузаронидани таҳқиқот, паҳн кардан, машваратдиҳӣ ва татбиқи донишҳои илмӣ, ки дар натиҷаи омӯзиши сохтор, хосиятҳои моддаҳо,

падидаҳои физикӣ, хосиятҳои кимиёвӣ ва ҳолати моддаҳо, масолеҳ ва маҳсулоти гуногун, ҳама шаклҳои ҳаёти инсон, ҳайвонот ва наботот, инчунин, консепсия ва методҳо дар соҳаи риёзиёт ва омор ба даст омадаанд;

– машварат, лоиҳасозӣ, идоракунии сохтмони биноҳо ва иншоот, шаҳрҳо ва системаҳои нақлиётӣ, иншооти муҳандисии шаҳрвандӣ ва биноҳои саноатӣ ва иншоот, инчунин мошинҳо ва дигар таҷҳизот;

– машваратдиҳӣ ва истифодабарии усулҳои истихроҷи канданиҳои фоиданок ва таъмини шароити муносиби истифодабарӣ;

– омӯзиш ва машварат оид ба ҷанбаҳои технологии вобаста ба мавод, маҳсулот ва равандҳои муайян, инчунин самаранокии истеҳсолот ва ташкили кор;

– таҳияи ҳуҷҷатҳои илмӣ ва ҳисобот. Уҳдадориҳо метавонанд, роҳбарии коргарони дигарро низ, дарбар гиранд.

221. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 211 | Физикҳо, кимиёшиносонҳо ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 212 | Риёзиётшиносон (аз ҷумла бимакоршиносӣ) ва оморшиносон |
| 213 | Мутахассисон дар соҳаи илм оид ба ҳаёт |
| 214 | Мутахассисони соҳаи техника ба истиснои муҳандис–электротехникҳо |
| 215 | Муҳандисон–электротехникҳо |
| 216 | Меъморон, лоиҳакашон, геодезистҳо ва тарроҳон |

## 23. ГУРӮҲИ ХУРДИ 211.

### § 1. Физикҳо, кимиёшиносонҳо ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд

222. Физикҳо, кимиёшиносон ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мебаранд, консепсияҳо, назария ва методҳоро такмил ё таҳия мекунанд; ба татбиқи донишҳои илмии марбут ба физика, нуҷум (астрономия), метеорология, кимиё, геология ва геофизика машғуланд.

223. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

- афзун намудани ҳаҷми донишҳои илмӣ тавассути гузаронидани таҳқиқот ва таҷрибаҳо дар соҳаи механика, термодинамика, оптика, акустика, барқ, магнетизм, электроника, физикаи ҳастаӣ, нуҷумшиносӣ, бахшҳои гуногуни кимиё, инчунин ҳолати атмосфера ва табиати физикии Замин;

- машварат додан ё татбиқи дониш дар соҳаҳои, мисли саноат, кишоварзӣ, тиб, истифодаи захираҳои нафт, газ, об, маъданҳо, алоқа ва дигар хидматҳо, инчунин, сохтмони шаҳрвандӣ;

- таҳияи ҳуҷҷатҳои илмӣ ва ҳисобот.

224. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2111 | Физикҳо ва мунаҷҷимон |
| 2112 | Обуҳавошиносон |
| 2113 | Кимиёшиносон |
| 2114 | Геологҳо ва геофизикҳо ва дигар мутахассисони соҳаи илмҳои табиӣ |

## § 2. 2111. Физикҳо ва мунаҷҷимон

225. Физикҳо ва мунаҷҷимон корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мебаранд, консепсияҳо, назария ва методҳои алоқаманд ба моддаҳо, фазо, вақт, нерӯ, қувва, майдонҳо ва робитаи мутақобилаи онҳоро бо зуҳуроти физикӣ такмил ё таҳия менамоянд. Онҳо ба татбиқи амалии донишҳои илмии марбут ба физика ва нуҷум, дар соҳаҳои саноат, тиб, ҳарбӣ, коинот ва дигар соҳаҳо машғуланд.

226. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– гузаронидани таҳқиқот, такмил ё таҳияи консепсияҳо, назарияҳо, асбобҳои ченкунӣ, таъминоти барномавӣ ва методҳо дар соҳаи физика ва нуҷум;

– гузаронидани таҷрибаҳо, озмоиш ва таҳлили таркиб ва хосиятҳои моддаҳо дар чунин соҳаҳо, ба монанди механика, термодинамика, электроника, алоқа, тавлид ва тақсими нерӯи барқ, аэродинамика, оптика ва лазерҳо, санҷиши фосилавӣ, тиб, акустика, магнетизм ва физикаи ҳастаӣ;

– арзёбии натиҷаҳои таҳқиқот ва таҷрибаҳо ва омода намудани хулосаҳо, асосан бо истифода аз усул ва амсилаҳои риёзӣ;

– татбиқи принсипҳо, методика ва равандҳои равонагардида ба таҳия ё такмил додани тартиб ва методикаи соҳаҳои физика ва нуҷум бо мақсадҳои саноатӣ, тиббӣ, ҳарбӣ ва ғ.

– таъмини интиқоли бехатар ва муассири афканишот (ионизатсияшаванда ва ионизатсиянашаванда) ба бемор бо мақсади ба даст овардани натиҷаи дурусти ташхис ё натиҷаи муолиҷа бо таъйиноти табиб-мутахассис;

– ченкунии дақиқ ва тавсифи бузургиҳои физикӣ, ки дар соҳаи тиб мавриди истифода қарор доранд;

– озмоиш, ба кор андохтан ва арзёбии таҷҳизоти дар чунин соҳаҳо, ба монанди тасвир, ёрии тиббӣ ва дозиметрия (вояченкунӣ) истифодашаванда;

– машварат додан ба табибон-мутахассисон ва дигар мутахассисони касбии соҳаи тандурустӣ оид ба масъалаи мутобиқати мусоиди (оптимали)-и фоида ва таъсири зараровари нурафконӣ (радиатсия),

– мушоҳида, таҳлил ва шарҳи зуҳуроти осмонӣ ва таҳияи усулҳо, амсилаҳои ададӣ ва методикаҳо барои тавсеаи дониш дар соҳаҳои мисли навигатсия, иртиботи моҳворай, таҳқиқи кайҳон, ҷисмҳои осмонӣ ва нурафкани (радиатсиони)-и кайҳонӣ;

– таҳия, татбиқ ва таъмини стандартҳо оид ба андозагирии зуҳуроти физикӣ ва истифодаи технологияи ҳастаӣ дар соҳаҳои саноат ва тиб;

– таҳияи ҳуҷҷатҳои илмӣ ва ҳисобот;

227. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мунаҷҷим;
– физики тиб;
– физик (таснифоти умумӣ);
– физики соҳаи ҳастаӣ.

228. Баъзе мағулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– геофизик–2114;
– табиб-саратоншинос–2212;
– шуоъшинос (рентгенолог)–2213;
– лаборанти озмоишгоҳи шуоӣ (рентгенӣ)–3211.

Эзоҳ: Физикҳои тиб ба гурӯҳи ибтидоии мазкур, дар якҷоягӣ бо дигар физикҳо, ба истиснои физикҳои тиббие, ки ҳамчун кормандони тиббӣ бо машғулиятҳои ба зергурӯҳи 22 Мутахассисони соҳаи тандурустӣ дохил мешаванд, тааллуқ доранд.

### § 3. 2112. Обуҳавошиносон

229. Обуҳавошиносон пешгӯии кӯтоҳмуддат ё дарозмуддати вазъи обу ҳавои дар авиатсия, ҳавораҳнамоӣ (аэронавигатсионӣ), киштиронӣ, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо, инчунин барои огоҳонидани аҳолӣ истифодашавандаро омода мекунанд. Онҳо таҳқиқоти марбут ба таркиб, сохтор ва инкишофи атмосфера ва тағйирёбии онро зери таъсири ҳодисаҳои гуногуни табиӣ ва ҷараёни ҳаво (шамол), гирдбод мегузаронанд.

230. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– гузаронидани таҳқиқот оид ба соҳа ва суръати ҷараёни ҳаво, фишор, ҳарорат, рутубат, табодули физикӣ ва кимиёвӣ моддаҳои ифлоскунанда ва дигар зуҳуроти ташкилшавии абрҳо ва боришот,ҷараёни барқӣ ё радиатсияи офтобӣ;

– омӯзиши додаҳои аз истгоҳҳои метеорологӣ қабулшуда бо ёрии тасвирҳои радиолокатсионӣ ва маҳворай ва амсилаҳои компютерӣ барои амсиласозӣ ва пешгӯйии вазъи обу ҳаво;

– омодакунӣ ва расондани харитаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат, дурнамо ва огоҳиҳои алоқаманд ба ҳодисаҳои ҳавоӣ, аз қабили тундбод, раъду барқ ва дигар хатарҳо барои ҳаёт ва молу мулк, инчунин расондани маълумот оид ба ҳолати атмосфера тариқи шабакаҳои гуногун, аз ҷумла радио, телевизион, васоити ахбори омма ва Интернет;

– гузаронидани таҷрибаҳо оид ба пароканда кардани туман ва абр, идоракунии борон ва дигар намудҳои барномаҳои идоракунии обу ҳаво;

– таҳия ва озмоиши амсилаҳои риёзии компютерии обу ҳаво ва иқлим барои гузарондани таҷрибаҳо ё истифодаи амалӣ

– иштирок дар таҳқиқоти ба омӯзиши таъсири обу ҳаво ба муҳити зист нигаронидашуда;

– таҳлили таъсири объектҳои саноатӣ ва фаъолияти инсон ба иқлим ва вазъи ҳаво, инчунин, ҳамкорӣ бо намояндагони илмҳои ҷамъиятшиносӣ, техникӣ ва иқтисодӣ бо мақсади таҳияи стратегияҳои мувофиқ барои рафъи оқибатҳои чунин таъсирҳо;

– иштирок дар тарҳрезӣ ва таҳияи таҷҳизот ва тартиботи нави ҷамъоварии маълумоти обуҳавошиносӣ ва гузарондани ченкуниҳои фосилавӣ ё соҳаҳои истифодабарии марбута;

– гузаронидани таҳқиқот оид ба такмил ё таҳияи консепсияҳо, назарияҳо, усулҳои вобаста ба сохтор ва таркиб динамикаи атмосфера, инчунин таҳияи ҳуҷҷатҳои илмӣ ва ҳисобот оид ба натиҷаҳои чунин таҳқиқот;

231. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– агрометеоролог;
– гидрометеоролог-мушоҳид;
– иқлимшинос;
– обуҳавошиносон.

## § 4. 2113. Кимиёшиносон

232. Кимиёшиносон корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом дода, консепсияҳо, назарияҳо ва методҳоро таҳия ва такмил медиҳанд, ҳамчунин истфодаи амалии донишҳои илмиро дар соҳаи кимиё ба мақсади ба даст овардани донишҳо ё маҳсулоти нав, ҳамчунин назорати сифат ва равандҳои технологӣ амалӣ месозанд.

233. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– гузаронидани таҳқиқот, такмил ё таҳияи консепсияҳо, назарияҳо ва методҳо дар соҳаи кимиё;

– гузаронидани таҷрибаҳо, озмоишҳо ва таҳлилҳо барои омӯзиши сохти кимиёвӣ, тағйироти энергетикӣ ва кимиёвӣ дар моддаҳои гуногуни табиӣ ё синтетикӣ, мавод ва маҳсулот;

– таҳияи тартиби назорати ҳолати муҳити зист, назорати сифат ва тартиботи гуногуни дигар барои истеҳсолкунандагон ё истеъмолкунандагон;

– татбиқи барномаҳои интихоб ва ҷамъоварии намунаҳо ва таҳлил бо мақсади муайян кардан ва муайянкунии миқдории моддаҳои заҳролуд дар муҳити зист;

– иштирок дар таҳқиқоти байнифаннӣ ва корҳои таҷрибавӣ-конструкторӣ бо ҷалби муҳандисҳои кимиё, биологҳо, микробиологҳо, агрономҳо, геологҳо ва дигар мутахассисон;

– истифодаи микроорганизмҳо барои табдил додани моддаҳо ба пайвастаҳои нав;

– муайян намудани роҳҳои тақвият додан ё пайваст кардани мавод ё таҳияи маводи нав;

– таҷдид ва синтези моддаҳои табиӣ ва офаридани моддаҳои нави сунъӣ;

– таҳияи ҳуҷҷатҳои илмӣ ва ҳисобот;

234. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– кимиёшинос (самти умумӣ);

– ходими илмӣ (дар соҳаи кимиё).

235. Баъзе мағулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– биокимиёшинос–2131;

– дорушинос–2131;

– дорусоз дорои таснифоти умумии дорусозӣ–2262.

### § 5. 2114. Геологҳо ва геофизикҳо ва дигар мутахассисони соҳаи илмҳои табиӣ

236. Геологҳо, геофизикҳо ва дигар мутахассисони соҳаи илмҳои табиатшиносӣ корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ меузаронанд, консепсияҳо, назарияҳо ва методҳоро такмил дода, таҳия мекунанд ё ба татбиқи ба истифодаи амалии донишҳои илмӣ дар соҳаи геологияю геофизика барои коркард ва истифодабарии нафт, газ, маъданҳо, ҳифзи захираҳои об, сохтмони шаҳрвандӣ, алоқа, ҳамчунин арзёбӣ ва амаликунии лоиҳаҳои зери хоккунии партовҳо, кам кардани оқибатҳои таъсиррасон ба муҳити зист.

237. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– гузаронидани таҳқиқот, такмил ё таҳияи консепсияҳо, назарияҳо ва методҳо дар соҳаи геология ва геофизика;

– омӯзиши таркиб ва сохтори қабати замин, омӯзиши ҷинсҳои кӯҳӣ, канданиҳои фоиданок, боқимондаҳои маъдан ва дигар мавод барои муайян намудани равандҳое, ки ба рушди Замин таъсир мерасонанд, пайгирии таҳаввули ҳаёт, омӯзиши табиат ва пайдарҳамии тағйиротҳои геологӣ ва арзёбии истифодаи тиҷоратии онҳо;

– рамзкушоии додаҳои дар натиҷаи таҳқоқот гирифташуда, омодакунии ҳисоботи геологӣ, харитаҳо, ҷадвалҳо, диаграммаҳо, ҳисобот ва ҳуҷҷатҳо;

– татбиқи донишҳои геологӣ барои ҳалли мушкилоте, ки дар объектҳои сохтмони шаҳрвандӣ, ба монанди сарбандҳо, пулҳо, нақбҳо ва

биноҳои баландошёна, инчунин лоиҳаҳои обёрикунии замин ба миён меоянд;

– истифодаи барномаҳои гуногуни ченкунии фосилавӣ барои таҳқиқ ва ченкунии қувваҳои зилзила, ҷозиба, барқӣ, гармӣ ва магнитии Замин;

– муайян кардани вазн, андоза ва массаи Замин, таркиб ва сохтори дохилии он, омӯзиши хусусият, фаъолият ва пешгӯии вулқонҳо, пиряхҳо ва заминларза;

– тартиб додани харитаи майдони қувваи ҷозибаи Замин ва истифодаи ин харита барои маълумоти гирифташуда бо мақсади пахш ва дигар мақсадҳо;

– омӯхтан, андозагирӣ намудани хусусияти физикии баҳрҳо, атмосфера ва робитаи байни онҳо, ба мисли мубодилаи қувваи гармӣ;

– ҷойгир кардан ва муайян намудани хусусият ва андозаи конҳои нафт, газ ва маъданҳо бо усулҳои зилзиласанҷӣ, гравиметрӣ, магнитӣ, барқӣ ва радиометрӣ;

– муайян кардани конҳои масолеҳи сохтмонӣ ва нишон додани хусусиятҳо ва мувофиқ будани онҳо барои бетонрезӣ, роҳсозӣ ё дигар мақсадҳо;

– омӯзиши ҳаракат, тақсимот ва хосиятҳои физикии обҳои зеризаминӣ ва рӯйизаминӣ;

– машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои коркарди партов, масир ва интихоби макон ва майдончаҳо барои партовҳо ва барқарорсозии ҷойҳои ифлосшуда.

238. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– геолог;
– муҳаққиқи геологӣ;
– геофизик;
– гидролог;
– маъданшинос.

## 24. ГУРӮҲИ ХУРДИ 212.

### § 1. Риёзиётшиносон (аз ҷумла бимакоршиносон) ва оморшиносон

239. Риёзиётшиносон (аз ҷумла, бимакоршиносон) ва оморшиносон: корҳои таҳқиқотиро анҷом медиҳанд; консепсияҳо, назарияҳо, методҳо, технологияҳои риёзӣ, бимакоршиносӣ ва омориро такмил медиҳанд ё таҳия менамоянд ва ин донишро барои ҳалли доираи васеи мушкилот дар соҳаи технология, фаъолияти тиҷоратӣ, илмҳои иҷтимоӣ ва дигар илмҳо истифода мебаранд.

240. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– омӯзиш, таҳия ва такмили назария ва методологияҳои риёзӣ, бимакоршиносӣ ва оморӣ;

– машварат ва татбиқи хусусиятҳо, амсилаҳо ва усулҳои риёзӣ барои ҳалли доираи васеи масъалаҳои технология, табиатшиносӣ, илмҳои ҷамъиятӣ ё илмҳои дигар;

– гузаронидани таҳлили мантиқии масъалаҳои идоракунӣ, хусусан хароҷоти самараноки истеҳсолот ва ҳосилнокӣ, тартиб додани амсилаҳо барои ҳалли масъалаҳои риёзӣ, барномасозӣ ва компютерӣ;

– таҳияи пешгӯиҳои бимакоршиносӣ, барномаҳои рушд ва таъминоти нафақа, суғуртакунии иҷтимоӣ, ҳаёт, саломатӣ ва дигар намудҳои суғурта;

– истифода бурдани риёзиёт, омор, назарияи эҳтимолият ва хатарҳо барои арзёбии оқибатҳои эҳтимолии молиявӣ барои рӯйдодҳои оянда;

– банақшагирӣ ва ташкили таҳқиқоти оморӣ, ҷамъоварии дигар маълумоти оморӣ, таҳияи саволномаҳо;

– арзёбӣ, коркард, таҳлил ва тафсири маълумоти оморӣ ва омодасозии онҳо барои нашр;

– машваратдиҳӣ оид ба тарзҳои гуногуни ҷамъоварии маълумот ва истифодаи усулҳои технологияҳои оморӣ, муайян намудани эътимоднокии маълумоти гирифташуда, хусусан, дар соҳаи фаъолияти тиҷоратӣ ё тиб, инчунин дигар илмҳои табиатшиносӣ, иҷтимоӣ;

– таҳияи ҳуҷҷатҳо ва ҳисоботи илмӣ;

– назорат ба кори ёрдамчиёни риёзидон, бимакоршиносӣ ва оморшиносон, инчунин ходимони соҳаи омор.

241. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2121 | Риёзиётшиносон (аз ҷумла бимакоршиносӣ) |
| 2122 | Оморшиносон |

## § 2. 2121. Риёзиётшиносон (аз ҷумла бимакоршиносӣ)

242. Риёзиётшиносон (аз ҷумла бимакоршиносӣ) корҳои таҳқиқотиро анҷом дода, консепсияҳо, назарияҳо, методҳо ва технологияҳои риёзӣ ва бимакоршиносиро таҳия, такмил ва машварат медиҳанд ба татбиқи амалии дониш дар соҳаи муҳандисӣ, тиҷорат, иҷтимоӣ ва дигар илмҳо машғуланд.

243. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи риёзиёти бунёдӣ, таҳия ва такмил додани назарияҳо, методологияҳо, усулу воситаҳои истифодаи риёзиёт барои ҳалли мушкилот ва ғайра;

– омӯзиш, такмил ва рушди назарияҳо ва методологияҳои риёзӣ ва бимакоршиносӣ;

– машварат додан ё татбиқ намудани усулҳо, амсилаҳо ва усулҳои риёзӣ барои ҳалли доираи васеи масъалаҳои технология, илмҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва ғайра;

– гузаронидани таҳлили мантиқии масъалаҳои идоракунӣ, хусусан хароҷоти самараноки истеҳсолот ва маҳсулнокӣ, мукаммалкунии

амсилаҳои риёзӣ, усулу воситаҳои фаъолият барои ҳалли масъалаҳои барномасозӣ ва компютер;

– таҳияи усулҳои ҳисобҳои бимакоршиносӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои нав дар татбиқи барномаҳои таъмини нафақа, суғуртаи ҳаёт, саломатӣ, иҷтимоӣ ва дигар намудҳои суғурта;

– истифодаи риёзиёт, назарияи эҳтимолият барои арзёбии хатарҳои оқибатҳои эҳтимолии молиявии рӯйдодҳои оянда;

– омода намудани ҳуҷҷатҳои илмӣ ва ҳисобот;

– назорат аз болои кору фаъолияти ёрдамчиён: риёзиётчиҳо ва бимакоршиносӣ.

244. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– бимакоршиносӣ;

– таҳлилгар, таҳқиқоти амалиёт;

– риёзиётшинос.

245. Баъзе мағулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– таҳлилгари низомҳои иттилоотӣ–2511;

– ёрдамчӣ, бимакоршиносӣ–3314;

– ассистент, риёзидон–3314.

## § 3. 2122. Оморшиносон

246. Оморшиносон дар соҳаи назарияҳо, консепсияҳо ва методология-ҳои оморӣ таҳқиқоти илмӣ гузаронда, ҷанбаҳои риёзӣ ва дигар усулҳои оморро такмил медиҳанд, дониши бадастомадаро дар соҳаҳои ҷамъоварӣ, низомбандӣ ва таҳлили иттилоотии марбут ба соҳаҳои гуногуни фаъолият дар илмҳои табиатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ, тиб, маориф, тиҷорат ва ғайра ба кор бурда, ҳамчунин, оид ба ин масъалаҳо машварат медиҳанд.

247. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– таҳқиқоти илмӣ, тарҳрезӣ ва такмили ҷанбаҳои риёзӣ ва дигар ҷанбаҳои назарияҳои оморӣ, консепсияҳо ва методология;

– истифодаи омор барои арзёбии хатари оқибатҳои эҳтимолии молия-вии рӯйдодҳои оянда;

– банақшагирӣ ва созмондиҳии таҳқиқоти оморӣ ва ҷамъоварии маълумоти оморӣ, таҳияи саволномаҳо;

– арзёбӣ, коркард, таҳлил ва тафсири маълумоти оморӣ ва омодасо-зии онҳо барои нашр;

– машваратдиҳӣ оид ба методҳои гуногуни ҷамъоварии маълумот ва истифодаи усулу технологияҳои оморӣ, муайян намудани эътимоднокии маълумоти бадастомада, хусусан, дар соҳаи тиҷорат ё тиб, инчунин дигар соҳаҳои илмҳои табиатшиносӣ, иҷтимоӣ ва илм дар бораи ҳаёт;

– таҳияи ҳуҷҷатҳои илмӣ ва ҳисобот;

– назорат ба кори ёрдамчиёни оморшиносон, инчунин, кормандони идора дар соҳаи омор.

248. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– мутахассис оид ба омор;
– оморшинос;
– иқтисодчӣ–демограф.

249. Баъзе мағулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:
– ёрдамчӣ, оморшинос–3314.

## 25. ГУРӮҲИ ХУРДИ 213.

### § 1. Мутахассисон дар соҳаи илм оид ба ҳаёт

250. Мутахассисон дар соҳаи илм оид ба ҳаёт бо татбиқи амалии донишҳое, ки ҳангоми омӯзиши ҳаёти башарият, ҳайвонот ба даст омадааст, машғул шуда, ҳамбастагии онҳо бо набатот ва муҳити зист, ҷиҳати гирифтани дониши нав, такмил додани истеҳсолоти кишоварзӣ ва маҳсулоти ҷангал, ҳамчунин барои ҳалли масъалаҳои ҳалталаб, ки бо саломатии одамон ва муҳити зист алоқамананданд, меомӯзанд.

251. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

- ҷамъоварӣ, таҳлил ва арзёбии маълумоти таҷрибавӣ ва саҳроӣ барои муайян намудан ва таҳрезии равандҳо ва усулҳои нав;
- машварат ва дастгирии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳо ва корхонаҳои тиҷоратӣ оид ба рушди устувори экологӣ, истифодаи оқилона ва такмили манбаъҳои табиӣ.

252.Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2131 | Биологҳо, ботаникҳо, зоологҳо, дорушиносон, мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 2132 | Мутахассисони соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳипарварӣ |
| 2133 | Мутахассисони соҳаи ҳифзи муҳити зист |

### § 3. 2131. Биологҳо, ботаникҳо, зоологҳо, дорушиносон, мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд

253. Биологҳо, ботаникҳо, зоологҳо, дорушиносон, мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд организмҳои зинда ва робитаи онҳоро бо якдигар ва муҳити атроф меомӯзанд. Дониши андӯхтаро барои ҳалли мушкилоти марбут ба саломатии инсон ва муҳити зист истифода мебаранд. Онҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла ботаника, зоология, экология, генетика, иммунология, дорушиносӣ, заҳршиносӣ, физиология, бактериология ва вирусология кору фаъолият менамоянд.

254. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– гузаронидани таҳқиқоти озмоишгоҳӣ ва саҳроӣ ба мақсади тавсеаи донишҳои илмӣ дар бораи организмҳои зинда, гирифтани иттилооти нав,

фарзияҳои санҷишӣ, ҳалли мушкилот дар соҳаҳои муҳити зист, кишоварзӣ ва тандурустӣ, инчунин барои таҳияи маҳсулот, равандҳо ва усулҳои нави истифода дар соҳаи дорушиносӣ, кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист;

– банақшагирӣ ва гузаронидани таҷрибаҳо ва озмоишҳо;

– ҷамъоварии намунаҳо ва далелҳое, ки ҳолат ва рушди одам, ҳайвонот, ҳашарот ва растаниро тавсиф мекунанд, ҳамчунин рушд, шакли кимиёвӣ ва физикӣ, сохтор, таркиб, ҳаёт ва равандҳои репродуктивиро меомӯзанд;

– омӯзиши организмҳои зинда бо истифода аз таҷҳизот, дастгоҳҳо, технологияҳо ва усулҳои махсус, аз ҷумла заррабинҳои электронӣ, таҷҳизоти телеметрӣ, низомҳои ҷаҳонии мавқеъгирӣ, биотехнология, тасвирҳои моҳворай, технологияи генетикӣ, таҳлили тасвирҳои рақамӣ ва барномасозии компютерӣ;

– ҳаммонандӣ, тасниф, тавсиф ва мониторинги организмҳои зинда, инчунин тартиб додани маҳзани маълумот;

– омодасозии ҳуҷҷатҳои илмӣ ва ҳисобот бо тавсифи таҳқиқот ва натиҷаҳои нав, ки баъдан дар маҷаллаҳои илмӣ ё конфронсҳо барои баррасии минбаъда ба ҷомеаи илмӣ пешниҳод карда мешаванд;

– арзёбии таъсири муҳити зист ба мақсади муайян намудани тағйироте, ки аз омилҳои табиӣ ё инсонӣ ба вуҷуд омадаанд;

– машварат додан ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилот ва корхонаҳо дар масъалаҳои ҳифз ва идоракунии манбаъҳои табиӣ, ҳамчунин таъсири тағйирёбии иқлим ва ифлосшавии муҳити зист.

255. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– анатомист;
– бактерияшинос;
– биолог(растанишинос);
– ботаник (гиёҳшинос);
– зоолог (ҳайвоншинос);
– микробиолог;
– фармаколог (дорушинос).

256. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– табиби дорушиноси дармонгоҳӣ–2213;
– эколог–2133.

Эзоҳ: Мутахассисони касбии соҳаи таҳқиқоти тиббӣ, ки дар таҳқиқоти биотиббӣ бо истифода аз организмҳои зинда иштирок карда, ба фаъолияти дармонгоҳӣ машғул нестанд, ба гурӯҳи ибтидоии 2131 Биологҳо, ботаникҳо, зоологҳо, дорушиносон, мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд дохил мешаванд. Мутахассисони касбие, ки ба фаъолияти дармонгоҳӣ машғуланд, ба гурӯҳи хурди 221 Табибон ва мутахассисон дар соҳаи фаъолияти тиббӣ ва экспертӣ- ташхисӣ тааллуқ доранд.

## § 4. 2132 Мутахассисони соҳаи

кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳипарварӣ

257. Мутахассисони соҳаи кишоварзӣ, хоҷагиҳои ҷангал ва моҳипарварӣ идоракунии хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҷангал ва моҳипарвариро меомӯзанд ва дар парвариш, нуридиҳӣ, ҷамъоварӣ, бодлес ва таркиби хок, пешгирии касалиҳо, ғизодиҳӣ, киштгардон ва фурӯши маҳсулот кумак мерасонанд. Онҳо роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокиро таҳия мекунанд, инчунин нақшаҳо ва сиёсатро дар соҳаи истифодаи замин, ҳифзу барқарорсозии ҷангал ва идоракунии хоҷагии моҳипарвариро меомӯзанд ва таҳия мекунанд.

258. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– интихоб, таҳлили маълумот ва намунаҳои марбут ба сифати маҳсулот, хӯроки чорво, хоку об ва дигар омилҳое, ки ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҷангал ва моҳипарварӣ таъсир мерасонанд;

– машварат оид ба усулҳои баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, чорводорӣ ва моҳпарварӣ, маҳсулоти хоҷагии ҷангал, инчунин, маҳсулоти ҳаммонад;

– машваратдиҳӣ оид ба касалиҳои ҳайвоноту растанӣ, мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон ва алафҳои бегона, обёрикунии замин, барномаҳои чорводорӣ ва хӯроки чорво;

– ташкили пешгирӣ ва ҳифзи растаниҳо ва чораҳои карантинӣ дар растанипарварӣ;

– омӯзиши омилҳои муҳити зисти ба истеҳсоли зироати тиҷоратӣ, парвариши зироати чарогоҳӣ, парвариши чорво, захираҳои моҳӣ, инчунин, ба нашъунамо ва солимии зироатҳои ҷангал таъсиррасонана;

– омӯзиши таъсири усулҳои кишт, хок, ҳашарот, касалиҳо ва усулҳои парвариши моҳӣ барои насл, ҳосилнокӣ, маҳсулоти хоҷагии ҷангал ва моҳипарварӣ;

– омӯзиши рафтор ва тарзҳои ҳавасмандкунии афзоиш (тухммонӣ)-и моҳӣ, инчунин, таҳияи усулҳои ҷамъоварӣ, бордоршавӣ, инкубатсияи тухми моҳӣ ва моҳичабарорӣ;

– таҳқиқи хусусиятҳо, имкониятҳои истифода ва ҳосилхезии замин, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот барои таҳияи усулҳои мукаммалшудаи кишоварзӣ, боғдорӣ ва хоҷагии ҷангал;

– таҳияи тартиб ва методологияи ҳалли мушкилоти кишоварзӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот;

– омӯзиш, таҳия ва ҷорӣ намудани усулҳои барқарорсозии ҳосилхезии замин;

– идоракунии захираҳои ҷангал ва моҳӣ ба мақсади ба ҳадди аксар расонидани бартариҳои дарозмуддати тиҷоратӣ, дамгирӣ ва экологии онҳо;

– омӯзиши паҳншавӣ ва барқарорсозии зироатҳои ҷангал, усулҳои беҳтар намудани афзоиши саршумории онҳо ва таъсири чораҳои беҳдоштӣ-солимгардон ба истеҳсоли ҷӯб;

– таҳқиқот, банақшагирӣ ва татбиқи усулҳои идоракунии мубориза бо сӯхтор, оқибатҳои он, обхезӣ, хушксолӣ, эрозияи хок, зарарраcонҳо ва касалиҳо;

– гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, омода кардани гузоришҳои илмӣ, гузаронидани суҳбатҳои шиносоӣ ва лексияҳо бо иттиҳодияҳои кишоварзон, ҷангалпарварон, моҳипарварон ва дигар гурӯҳҳо.

259. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– агроном;
– герболог (гиёҳшинос);
– агрокимиёшинос ;
– ҷангалпарвар;
– агроном–дендролог;
– фитопатолог.

## § 5. 2133. Мутахассисони соҳаи ҳифзи муҳити зист

260. Мутахассисони соҳаи ҳифзи муҳити зист таъсири зоҳироти фаъолияти инсон ба табиат, монанди ифлосшавии ҳаво, об, замин, садо, тағйирёбии иқлим, партовҳои заҳролуд, ҳамчунин камшавӣ ва харобшавии захираҳои табииро омӯхта, арзёбӣ мекунанд. Онҳо нақша ва қарорҳои ҷиҳати ҳифз, нигаҳбонӣ, барқароркунӣ, коҳиш ва пешгирии зарари минбаъда барои муҳити зистро таҳия мекунанд.

261. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– гузаронидани таҳқиқот, озмоиш, ҷамъоварии намунаҳо, гузаронидани таҳлили саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ барои муайян кардани сарчашмаҳои мушкилоти экологӣ, инчунин машварат оид ба пешгирӣ, назорат ва рафъи оқибатҳои чунин мушкилот;

– арзёбии таъсири эҳтимолие, ки намудҳои тахминии фаъолият, лоиҳаҳо ва коркардҳо метавонанд, ба муҳити зист расонанд, инчунин машварат оид ба идома додан ё надодани ин равандҳо;

– таҳия ва ҳамоҳангсозии татбиқи низомҳои идоракунии вазъи муҳити зист барои фароҳам овардани имконият барои ташкилотҳо ҷиҳати муайян кардан, мониторинг ва назорати таъсири фаъолияти онҳо, маҳсулот ва хизматрасонӣ ба муҳити зист;

– гузаронидани аудит барои арзёбии таъсири фаъолияти ҷории онҳо, равандҳо, партовҳо, садо ва моддаҳо ба муҳити зист;

– арзёбии риояи меъёр ва дастурҳои давлатӣ ва дохилии ҳифзи табиат аз ҷониби ташкилотҳо, ошкор намудани вайронкуниҳо ва қабули қарор барои чораҳои лозимӣ оид ба ислоҳи вазъият;

– пешниҳоди машваратҳои техникӣ ва хидматрасонии фаръӣ ба ташкилотҳо оид ба роҳҳои ҳалли беҳтари мушкилоти ҳифзи табиат ба мақсади коҳиши зарар ба муҳити зист ва кам кардани зарари молиявӣ;

– таҳияи нақшаҳои ҳифзи табиат ва истифодабарии табиат.

262. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– таҳлилгари ифлосшавии ҳаво;
– таҳлилгари таҳқиқи сифати об;
– муҳаққиқи ҳифзи муҳити зист;
– мутахассисон оид ба партов;
– олим, ҳифзи муҳити зист;
– эколог.

263. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– муҳандиси ҳифзи муҳити зист–2143.

## 26. ГУРӮҲИ ХУРДИ 214.
### § 1. Мутахассисони соҳаи техникӣ ба истиснои муҳандис–электротехникҳо

264. Мутахассисони соҳаи техникӣ ба истиснои муҳандис–электротехникҳо, таҳқиқот мегузаронанд, озмоишҳо, сохтмон, насб ва хизматрасонии техникии иншоот, мошинҳо, механизмҳо ва ҷузъҳои онҳо, низомҳои истеҳсолӣ ва дастгоҳҳо; тартиб додани ҷадвали истеҳсолот ва тартиби технологӣ барои таъмини бехатарӣ, самаранок ва сарфакорона амалӣ намудани лоиҳаҳои техникӣ ва истифодабарии кори мошину механизмҳо таҳия, банақшагирӣ ва ташкил ммекунанд.

265. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешавад:

– банақшагирӣ ва тарҳрезии низомҳои равандҳои технологӣ, иншооти муҳандисии шаҳрвандӣ, таҷҳизот ва системаҳои механикӣ, корҳои истихроҷи маъдан ва пармакунӣ, инчунин, дигар лоиҳаҳои техникӣ;

– тавсиф ва тафсири тарҳ ва нақшаҳо, инчунин муайян кардани усулҳои сохтмон;

– назорат ба сохтмони иншоот, системаҳои обтаъминкунӣ, таъмини газ ва интиқол, инчунин назорат ба истеҳсол, насб, истифодабарӣ ва хизматрасонии техникии таҷҳизот, механизм ва дастгоҳҳо;

– ташкил ва идоракунии захираҳои меҳнатӣ барои амалисозии лоиҳаҳо ва дастрасонии мавод, дастгоҳҳо ва таҷҳизот;

– таъйини нархи арзиши умумӣ, таҳияи нақша ва сметаи муфассали хароҷот ба сифати воситаҳои назорати иҷрои буҷет;

– ҳалли мушкилоти лоиҳавӣ ва истифодабарӣ дар соҳаҳои мухталифи техникӣ тавассути истифодаи коркардҳои муҳандисӣ.

266. Машғулиятҳои гурӯҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2141 | Муҳандисон дар саноат ва истеҳсолот |
| 2142 | Муҳандисон–сохтмончиён |
| 2143 | Муҳандисон оид ба ҳифзи муҳити зист |
| 2144 | Муҳандисон–механикон |
| 2145 | Муҳандисон–кимиёшиносон |

| | |
|---|---|
| 2146 | Муҳандисони кӯҳкорӣ, металлургон ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 2147 | Муҳандисони корҳои нафту газ |
| 2149 | Мутахассисон дар соҳаи техника, ба истиснои муҳандис–электротехникҳои ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

§ 2. 2141. Муҳандисон дар саноат ва истеҳсолот

267. Муҳандисон дар саноат ва истеҳсолот корҳои таҳқиқотӣ, лоиҳакашӣ, мегузаронанд, ташкил ва назорати сохтмон, истифодабарӣ ва хизматрасонии техникии раванд ва дастгоҳҳои саноатиро амалӣ мекунанд. Онҳо барномаҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти истеҳсолӣ ва арзёбии самаранокии иктисодӣ ва бехатариро таҳия мекунанд.

268. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– омӯзиши дастурамалҳои вазифавӣ ва диаграммаҳои ташкилӣ ва иттилоот дар бораи лоиҳа барои муайян намудани вазифа ва уҳдадориҳои кормандон ва коргарони воҳидҳои сохторию истеҳсолӣ, инчунин, муайян ва бартараф кардани соҳаҳои такроршаванда;

– муайянкунии барномаҳои меъёркунии меҳнат ва таҳлили корҳои бештар хос барои машғулияти муайян, бо мақсади таҳияи меъёрҳои сарфи меҳнат барои самаранок истифода намудани қувваи корӣ;

– таҳлили истифодаи қувваи корӣ, нақшаи объект, маълумоти итифодабарӣ ва ҷадвалҳои истеҳсолӣ ва хароҷот барои муайян кардани самаранокии муносиби кори коргарон ва таҷҳизот;

– тарҳрезии таснифоти истеҳсолӣ ва муайян намудани масолеҳ, таҷҳизот, системаи лӯлагузарон, ҳаракати масолеҳ, иқтидорҳо ва ҷойгиркунии дастгоҳҳо ва системаҳо;

– ташкил ва идоракунии захираҳои меҳнатии лоиҳаҳо ва дастрасии масолеҳ, дастгоҳҳо ва таҷҳизот;

– муайян кардани тартибот ва қоидаҳои иҷрои корҳои вобаста ба насб, тағйирдиҳӣ, назорати сифат, озмоиш, санҷиш ва хизматрасонии техникӣ тибқи шартҳои техникӣ ва қоидаҳои техникаи бехатарӣ;

– муоина ва таҳлили кори дастгоҳҳо барои баланд бардоштан ва таъмини маҳсулнокӣ;

– роҳбарии хизматрасонии техникии дастгоҳҳо, иншоот ва таҷҳизот, инчунин ҳамоҳангсозии талабот ба лоиҳа, таҳқиқот ва ҷадвалҳои нави хизматрасонии техникӣ;

– машварат додан ба роҳбарият оид ба усулҳои нави истеҳсолот, технология ва таҷҳизот;

– робита бо шӯъбаҳои харид, нигоҳдорӣ ва назорат барои таъминоти мураттаби устувор;

269. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– муҳандиси истеҳсолот;

– муҳандиси автоматонӣ;

– муҳандиси назорати сифат;
– муҳандис–технолог (таснифоти умумӣ);
– муҳандиси филизшинос.

270. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:
– сартехнолог (саноати маҳсулотбарор)–1321;
– сардори коргоҳ (саноати коркард)–1321;
– техник–металлург–3117.

## § 3. 2142. Муҳандисон–сохтмончиён

271. Муҳандисон–сохтмончиён таҳқиқот мегузаронанд, сохтмонро машварат медиҳанд, лоиҳакашӣ ва идора мекунанд; баҳрабардории иншооти шаҳрвандиро роҳбарӣ мекунанд, инчунин, ҷанбаҳои технологиро марбут ба маводи муайян омӯхта, машварат медиҳанд.

272. Ба ухдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– гузаронидани корҳои илмию таҳқиқотӣ ва такмили назарияҳо ва методҳои нави марбут ба сохтмони шаҳрвандӣ;

– машваратдиҳӣ ва тарҳрезии иншоот, ба монанди пулҳо, сарбандҳо, иншооти таъмири киштиҳо, роҳҳо, фурӯдгоҳҳо, роҳи оҳан, каналҳо, хатлӯлаҳо, системаҳои коррезӣ ва обпарто, инчунин, биноҳои саноатӣ ва дигар биноҳои калон;

– муайян кардани усулҳои сохтмон, масолеҳ ва стандартҳои сифат, инчунин идоракунии корҳои сохтмонӣ;

– муайян кардани низомҳои назоратӣ бо мақсади таъмини истифодаи самараноки иншоот, бехатарӣ ва ҳифзи муҳити зист;

– ташкил ва назорати хизматрасонии техникӣ ва таъмири иншооти шаҳрвандии мавҷуда;

– таҳлили рафтори хок ва ҷинсҳои кӯҳӣ зери фишори нисбат ба сохтмони иншоот пешниҳодшуда, инчунин тарҳрезии таҳкурсии иншоот;

– таҳлили устувории иншоот ва озмоиши рафтор ва мустаҳкамии маводи истифодашаванда барои сохтмон.

273. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– муҳандис оид ба сохтмони шаҳравндӣ;
– муҳандис–бинокор;
– муҳандис оид ба назорати техникӣ;
– муҳандиси озмоишгоҳи сохтмонӣ.

274. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:
– муҳандис– тарҳсоз–2149;
– сармуҳандиси лоиҳа (дар сохтмон)–1323;
– муҳандиси кӯҳкорӣ–2146;
– металлургон –2146;
– лоиҳасоз-шаҳрсозон–2164.

## § 4. 2143. Муҳандисон оид ба ҳифзи муҳити зист

275. Муҳандисон оид ба ҳифзи муҳити зист тавассути фанҳои мухталифи техникии ба дигар гурӯҳҳо дохилшуда корҳои таҳқиқотӣ мебаранд, ҷорӣ намудани қарорҳо барои пешгирӣ, назорат ё рафъи оқибатҳои манфии фаъолияти инсонро ба муҳити зист машварат медиҳанд, тарҳрезӣ ва идора менамоянд. Онҳо лоиҳаҳои сохтмонӣ ва сохтмони муҳандисии шаҳрвандиро аз ташхиси экологӣ мегузаронанд, инчунин қарорҳои муҳандисиро бо мақсади назорати ифлосшавӣ, истифодаи такрорӣ ва коркарди партовҳо истифода мебаранд.

276. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ, арзёбӣ ва ҳисобот оид ба таъсири сохтмони ҷорӣ ва пешбинишуда ба муҳити зист, фаъолият дар соҳаи сохтмони шаҳрвандӣ ва дигар намуди фаъолиятҳо;

– санҷиши муассисаҳои саноатӣ, коммуналӣ ва барномаҳои барои арзёбии самаранокии баҳрабардорӣ, инчунин, таъмини риояи қонунгузории ҳифзи муҳити зист;

– тарҳрезӣ ва назорати коркарди низомҳо, равандҳо ва таҷҳизот барои назорат, идора ё барқарор кардани сифати об, ҳаво ё хок;

– дастгирии муҳандисӣ-экологӣ ҳангоми таҳлили шабакавӣ, таҳлили талаботи меъёрӣ, инчунин ҳангоми банақшагирӣ ё бознигарии омодасозии маҳзани иттилоот;

– гирифтан, таҷдид ва дастгирии нақшаҳо, иҷозатномаҳо ва тартиботи стандартии корӣ;

– дастгирии муҳандисӣ ва техникии лоиҳаҳои бо барқарорсозии муҳити табиат ва мурофиаҳои судӣ алоқаманд, аз ҷумла тарҳрезии системаҳои барқарорсозӣ ва муайянкунии талаботи меъёрии қобили истифода;

– назорат аз иҷрои барномаҳои мубориза бо ифлосшавии муҳити зист;

– машварат додан ба ширкатҳо ва мақомоти давлатӣ оид ба тартиботи марбут ба тоза кардани минтақаҳои ифлосшуда, ҷиҳати ҳифзи одамон ва муҳити зист;

– ҳамкорӣ бо олимони машғул бо масъалаҳои муҳити зист, лоиҳакашон, мутахассисон-техникҳо оид ба кор бо партовҳои хатарнок, муҳандисони дигар ихтисосҳо, инчунин мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва соҳибкорӣ барои ҳалли мушкилоти экологӣ.

277. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– муҳандис оид ба иншооти обтозакунӣ;
– муҳандис оид ба назорати ифлосшавии муҳити зист;
– муҳандис оид ба ҳифзи муҳити зист;
– муҳандис оид ба тозакунии оби партов.

278. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб: олим, ҳифзи муҳити зист–2133.

## § 5. 2144. Муҳандисон–механикон

279. Муҳандисон–механикон таҳқиқот, машварату таҳиягарӣ мегузаронанд, истеҳсоли мошин, киштиҳои ҳавоӣ ва дарёӣ, таҷҳизоти истеҳсолӣ ва дастгоҳҳои саноатӣ, таҷҳизот ва системаҳоро роҳбарӣ мекунанд, масъалаҳои баҳрабардорӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири онҳоро машварат медиҳанд ва идора менамоянд, инчунин ҷанбаҳои механикии мавод, маҳсулот ва равандҳои муайянро меомӯзанд ва машварат медиҳанд.

280. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– машваратдиҳӣ ва таҳияи таҷҳизоти истеҳсолӣ, мошинҳо ва асбобҳо барои саноати маҳсулоттайёркунӣ, кӯҳкорӣ, сохтмон, кишоварзӣ ва дигар мақсадҳои саноатӣ;

– машваратдиҳӣ ва таҳияи муҳаррикҳои дарунсӯз ва дигар муҳаррикҳои ғайрибарқии барои ҳаракатдиҳии локомотивҳои роҳи оҳан, воситаҳои муҳаррикӣ-нақлиётӣ ва дастгоҳҳои парвозӣ, инчунин барои идораи таҷҳизоти саноатӣ ва механикӣ истифодашаванд.

– машваратдиҳӣ ва лоиҳакашии агрегат ва таҷҳизоти механикӣ барои истеҳсол, назорат ва истифодабарии қувваи барқ, системаи гармидиҳӣ, ҳавотозакунӣ ва сардкунанда, механизмҳои чанбаракӣ, помпаҳо ва дигар таҷҳизоти механикӣ

– машваратдиҳӣ ва таҳияи баданаи дастгоҳҳои парвозӣ, шассӣ ва дигар таҷҳизот барои дастгоҳҳои парвозӣ. инчунин системаҳои овезаҳо, боздорӣ, кузови воситаҳои нақлиёт ва дигар ҷузъҳои воситаҳои нақлиётӣ-муҳаррикӣ;

– машварат ва коркарди ҷузъҳои ғайрибарқии чунин дастгоҳҳо ва маҳсулот, ба монанди протсессорҳои матнӣ, компютер, асбобҳои дақиқ, камераҳо ва проекторҳо;

– муайян намудани нишондиҳандаҳои назоратӣ ва равандҳои технологӣ барои таъмини баҳрабардории самаранок ва бехатарии мошинҳо, механизмҳо, дастгоҳҳо, муҳаррикҳо, дастгоҳ, таҷҳизот ё системаҳои саноатӣ;

– риояи мувофиқатии таҷҳизот ба талаботи муқарраршуда, қоидаҳои баҳрабардорӣ ва техникаи бехатарӣ.

281. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– муҳандис- механики автомобил;

– муҳандис–тарҳсоз;

– муҳандис–механик (таснифоти умумӣ).

282. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– техник-механик (таснифоти умумӣ)–3115.

## § 6. 2145. Муҳандисон–кимиёшиносон

283. Муҳандисон–кимиёшиносон кори таҳқиқотӣ гузаронда, равандҳои кимиёвии саноатию истеҳсолӣ ва истеҳсоли як қатор моддаҳо ва молҳо, аз ҷумла нафти хом, ҳосилаҳои нафтӣ, маводи хӯрока ва нӯшокиҳо, доруворӣ ё маводи синтетикиро таҳия, машварат ва идора менамоянд. Онҳо ба хизматрасонии техникӣ ва таъмири дастгоҳҳо ва таҷҳизоти кимиёвӣ мудирӣ мекунанд, инчунин ҷанбаҳои кимиёии марбут ба мавод, маҳсулот ва равандҳои алоҳидаро омӯхта, машварат медиҳанд.

284. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– гузаронидани таҳқиқот, машварат ва таҳияи технологияи равандҳои истеҳсолӣ барои тоза кардани нафти хом ва дигар моеъот ё газҳо, инчунин барои истеҳсоли пайвастагиҳо ва молҳо, аз қабили ҳосилаҳои нафтӣ, маводи тарканда, маводи хӯрока ва нӯшокиҳо, доруворӣ ё маводи синтетикӣ, молҳои истеъмолии умумӣ;

– муайян намудани усулҳои истеҳсолоти кимиёвӣ, маводи хом ва стандартҳои сифат, инчунин таъмини мутобиқати онҳо ба таснифот;

– муайян намудани нишондод ва тартиби назорат бо мақсади таъмини бехатарӣ ва самаранокии амалиёти истеҳсоли кимиёвӣ, инчунин бехатарии коргароне, ки таҷҳизотро идора мекунанд ё коргарони бевосита дар наздикии гузариши реаксияҳои кимиёвӣ ҳузур доранд;

– тарҳрезии дастгоҳҳои кимиёвӣ ва таҳияи раванди тайёркунии тарҳрезии корхонаҳои кимиёвӣ ва таҳияи равандҳои истеҳсолӣ барои реактивҳо ва маҳсулот;

– гузаронидани озмоишҳо дар марҳилаҳои гуногуни истеҳсолот барои муайян кардани дараҷаи назорати тағйирёбандаҳои гуногун, аз ҷумла, ҳарорат, зичӣ, вазни хос ва фишор;

– таҳияи қоидаҳои зарурии теникаи бехатарӣ;

– таҳияи харҷномаи хароҷот ва ҳисоботи истеҳсолӣ оид ба рафти истеҳсолот барои роҳбарият;

– гузаронидани таҳқиқоти озмоишгоҳии марҳилаҳои гуногуни истеҳсоли маҳсулоти нав ва озмоиши равандҳои пешниҳодшуда дар доираи амалиёти хурд, масалан, ҳангоми кори дастгоҳҳои таҷрибавӣ.

285. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– муҳандиси дастгоҳҳои технологӣ;

– муҳандис-кимиёшинос.

## § 7. 2146. Муҳандисони кӯҳкорӣ, металлургон ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд

286. Муҳандисони кӯҳкорӣ, металлургон ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд таҳқиқот мегузаронанд, усулҳои саноатии аз маъдан гирифтани филиз, истихроҷи маъданҳо, об аз каъри заминро тарҳсозӣ,

таҳия ва таъмин менамоянд, инчунин хулаҳои нав, сафол ва дигар масолеҳро коркард менамоянд ё ҷанбаҳои саноати кӯҳкорӣ ё металлургии марбут ба мавод, маҳсулот ё равандҳои муайянро омӯхта, машварат медиҳанд

287. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– муайянкунии ҷойгиршавӣ ва банақшагирии истихроҷи ангишт, маъдани филизӣ, маъданҳои ғайрифилизӣ ва масолеҳи сохтмонӣ ба монанди сангу шағал;

– муайян намудани усулҳои мувофиқи самарабахши азхудкунии сарватҳои зеризаминӣ ва истихроҷи маъдан, навъҳои механизмҳои истифодашаванда, лоиҳакашӣ ва идоракунии сохтмони конҳои ангишт, чоҳ ва нақби конҳо;

– таъмини қоидаю тартиби техникаи бехатарӣ ва воситаҳои ёрии аввалия, махсусан зери замин;

– гузаронидани таҳқиқот, таҳияи усулҳои аз маъдан ҳосил кардани метал ва машварат оид ба истифодаи онҳо;

– таҳқиқоти хосиятҳои метал ва хӯлаҳо, коркарди хӯлаҳои нав, машварат ва назорати ҷанбаҳои технологии истеҳсол ва коркарди метал ва хӯлаҳо;

– нигоҳ доштани робитаҳои истеҳсолӣ ва машварат бо дигар мутахассисон, хусусан, бо геологҳо ва геофизикҳо;

– омӯзиши конҳо, чоҳ барои арзёбии даромаднокӣ.

288. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– муҳандиси кӯҳкорӣ;
– мухандиси корхои парматарконӣ (тарконанда);
– мухандиси илмӣ оид ба рехтани филиз;
– металлург.

289. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– геолог–2114;
– геофизик–2114.

## § 8. 2147. Муҳандисони корҳои нафту газ

290. Муҳандисони корҳои нафту газ корҳои таҳқиқотӣ мегузаронанд, равандҳои пармакунӣ, истихроҷ, нигоҳдорӣ, интиқоли нафти хом, гази табиӣ, истифодабарии чоҳҳои нафту гази ба дигар гурӯҳҳо шомилгардидаро тарҳрезӣ, таҳия, машварат ва идора мекунанд. Онҳо ба хизматрасонии техникӣ ва таъмири дастгоҳу таҷҳизоти нафту газ масъуланд, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии корҳоро муайян мекунанд, истифодаи оқилонаи меҳнат, захираҳои табиӣ ва маводро таъмин мекунанд.

291. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– гузаронидани таҳқиқот дар соҳаи пармакунии чоҳҳо, истихроҷ, нигоҳдорӣ ва интиқоли нафту газ;

– муайян кардани минтақаҳои пармакунӣ ва таҳияи усулҳои назорати ҷараёни нафту газ аз чоҳҳо;

– банақшагирӣ ва идоракунии нигоҳдорӣ, коркарди аввалия ва интиқоли нафту газ;

– тарҳрезии технологияҳои нави тараққикарда ва воситаҳои техникии пармакунии чоҳҳои нафту газ ва сохтмони лӯлаҳои нафтгузарон ва анборҳои газу нафт;

– назорати риояи равандҳои технологӣ, сифати корҳо дар соҳаи нафту газ, таҳияи чораҳо оид ба баланд бардоштани самаранокӣ ва эътимоднокии онҳо;

– андешидани чораҳои оперативӣ барои рафъи сабабҳои тамоюлшавӣ аз реҷаҳои технологии тасдиқшуда;

– ташкили хизматрасонии техникӣ ва таъмири дастгоҳу таҷҳизоти нафту газ;

– иштирок дар таҳияи нақшаҳои дурнамо ва ҷорӣ барои пармакунӣ, истихроҷ, нигоҳдорӣ ва интиқоли нафту газ;

– нигоҳ доштани муносибатҳои истеҳсолӣ ва машварат бо дигар мутахассисон, хусусан бо геологҳо ва геофизикҳо;

292. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– муҳандиси пармакунӣ (корҳои пармагарӣ);

– муҳандиси маҳлулҳои гилӣ;

– муҳандис оид ба истихроҷи нафту газ;

– муҳандис оид ба истифодабарии лӯлаҳои нафту газгузарон.

293. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

- муҳандисони истеҳсолот, аз ҷумла аз рӯйи маҳсулот–2141.

## § 9. 2149. Мутахассисон дар соҳаи техника, ба истисноИ муҳандис–электротехникҳои ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

294. Ба ин гурӯҳи ибтидоӣ мутахассисони соҳаи техникии ба истисноИ техникҳои барқӣ, ба дигар гурӯҳҳои гурӯҳи хурд 214 Мутахассисони соҳаи техника, ба истисноИ муҳандисон–электротехникҳо дохилнашаванда, дохил мешаванд. Масалан, ба ин гурӯҳ коргароне дохил мешаванд, ки таҳқиқот, машварат мегузаронанд ё таҳияи равандҳои технологӣ ва қарорҳои марбут ба техникаи бехатарӣ дар ҷойи кор, техникаи биологии тиббӣ, оптика, масолеҳшиносӣ, тавлиди нерӯи атомӣ, маводи тарканда, стандартизатсия ва метрологияро анҷом медиҳанд.

295. Дар ин ҳолатҳо ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– истифодаи дониш дар соҳаи техника барои тарҳрезӣ, таҳия, арзёбии чунин система ва маҳсулоти биологии тиббӣ ва маҳсулот, мисли узвҳо, протезҳо ва асбобҳои сунъӣ;

– тарҳрезии дастгоҳҳое, ки дар амалиёти гуногуни тиббӣ ва системаи ташаккули тасвирҳо, масалан томографияи магнитии инъикос, инчунин асбобҳои барои тазриқи автоматии инсулин ё мониторинги функсияи бадан истифодашаванда;

– тарҳрезии ҷузъҳои асбобҳои оптикӣ, ба монанди линзаҳо, заррабинҳо, телескопҳо, лазерҳо, системаи диски оптикӣ ва дигар таҷҳизот дар асоси хосиятҳои рӯшноӣ;

– тарҳрезӣ, озмоиш ва ҳамоҳангсозии коркарди захираҳои ҷангии тарканда мувофиқи таснифи таъминоти ҳарбӣ;

– тарҳрезӣ, назорати сохтмон, нерӯгоҳҳои барқӣ;

– арзёбии зарар ва ҳисобҳо барои иҷрои корҳои наҷотдиҳӣ;

– омӯзиш ва машварат оид ба равандҳои технологии истеҳсолот, ки ба шиша, сафол, нассоҷӣ, маҳсулоти чармӣ, чӯб ва нашриёт марбутанд;

– муайян кардани хатарҳои эҳтимолӣ, татбиқи қоидаҳои техникаи бехатарӣва асбобҳо;

– муайян намудани объектҳои стандартизатсия, таҳияи стандартҳои нав ва омодакунии пешниҳодот оид ба тағйирот ба стандартҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо оид ба стандартизатсия, сертификатсия ва метрология;

– таҳия ва бознигарии шартҳо ва тартиботи техникӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо оид ба стандартизатсия ва сертификатсия, инчунин иштирок дар ташхиси сохти маҳсулот оид ба арзёбии сатҳи стандартизасия ва якхелагии онҳо.

296. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– муҳандис-таҳқиқотчӣ дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти чармӣ ва ивазкунандаҳо;

– муҳандиси таҷҳизоти лазерӣ;

– муҳандиси масолеҳшиносӣ;

– муҳандиси метрология;

– муҳандиси стандартизатсия;

– муҳандиси техникаи бехатарӣ.

297. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– муҳандиси истеҳсолот–2141;

– муҳандиси ҳифзи муҳити зист–2143.

## 27. ГУРӮҲИ ХУРДИ 215.

### § 1. Муҳандисон–электротехникҳо

298. Муҳандисон–электротехникҳо корҳои таҳқиқотӣ ва конструкторӣ мегузаронанд, сохтмон ва корҳои истифодабарии системаии электронӣ, барқӣ, телекоммуникатсионӣ, ҷузъҳо, муҳаррикҳо ва таҷҳизотро машварат, банақшагирӣ ва роҳбарӣ мекунанд. Онҳо низомҳои назоратиро

барои назорат кардани маҳсулнокӣ ва бехатарии агрегат ва системаҳои баркӣ ва электронӣ ташкил ва татбиқ менамоянд.

299. Ба уҳдадориҳои гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– гузаронидани таҳқиқот, машварат, идоракунии истифодабарии техникӣ ва таъмири маҳсулот ва системаҳои баркӣ, электронӣ ва телекоммуникатсионӣ;

– машварат, тарҳрезии нерӯгоҳҳои баркӣ ва системаҳои тавлидкунанда, интиқолдиҳанда ва тақсимкунандаи нерӯи барқ;

– муайян кардани нишондиҳандаҳои назоратӣ барои маҳсулнокӣ, самаранокӣ, бехатарии система ва таҷҳизоти баркӣ, электронӣ ва телекоммуникатсионӣ.

300. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2151 | Муҳандисон–баркчиён |
| 2152 | Муҳандисон–электроникҳо |
| 2153 | Муҳандисон оид ба телекоммуникатсия ва пахши телевизион ва радио |

§ 2. 2151. Муҳандисон–баркчиён

301. Муҳандисон–баркчиён таҳқиқот мегузаронанд, истеҳсол ва истифодабарии системаҳои баркӣ, ҷузъҳо, муҳаррикҳо, таҷҳизот, таҷҳизоти гармидиҳии техникиро машварат, тарҳрезӣ ва идора мекунанд, инчунин, оид ба масъалаҳои коркунӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмир машварат медиҳанд ва идора мекунанд, илова ба ин ҷанбаҳои технологии марбут ба масолеҳи техникии баркӣ, маҳсулот ва равандҳоро омӯхта машварат медиҳанд, идоракунии оперативӣ-танзимгариро дар электро-энергетика амалӣ мекунанд.

302. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– машварат ва таҳияи неругоҳҳои баркӣ ва системаи тавлид, интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ;

– назорат, санҷиш ва мониторинги кори системаҳои тавлид, интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ, инчунин истифодабарии дурусти таҷҳизоти гармидиҳии техникӣ, дастгоҳҳои гармӣ-баркидиҳӣ ва шабакаҳои таъминкунандаи гармӣ;

– таъмини фаъолияти таҷҳизоти энергетикӣ, шабакаҳои баркӣ ва гармидиҳӣ, лӯлаҳои ҳаво ва газгузарон, иштирок дар рушди хоҷагии энергетикӣ, таҷдид ва навсозии системаҳои таъминоти барқ;

– машварат ва таҳияи системаҳо барои муҳаррикҳои баркӣ, кашакҳои баркӣ ва дигар таҷҳизот ё асбобҳои барқии маишӣ;

– насби ноқилҳои баркӣ дар биноҳо ва дигар иншооти саноатӣ;

– муайян кардани нишондиҳандаҳои санҷишӣ ва тартиби назорати маҳсулнокӣ ва бехатарии системаҳои тавлид ва тақсимоти нерӯи барқ, муҳаррикҳо ва таҷҳизот;

– муайян кардани усулҳои истеҳсоли системаҳои барқӣ, инчунин хизматрасонии теҳникӣ ва таъмири системаҳои мавҷудаи барқӣ, муҳаррикҳо ва таҷҳизот;

– татбиқи идоракунии оперативӣ-танзимкунӣ дар соҳаи энергетика.

303. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– танзимгари нерӯгоҳи барқӣ;
– муҳандиси системаи барқӣ;
– муҳандис-техники гармӣ;
– муҳандис- барқчӣ;
– муҳандис- механики барқӣ;
– муҳандис- энергетик.

304. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– муҳандиси тавлиди барқ ва нерӯи офтобӣ–2149;
– муҳандис- электроник–2152;
– муҳандис оид ба пахш–2153;
– муҳандиси телекоммуникатсионӣ–2153.

## § 3. 2152. Муҳандисон–электроникҳо

305. Муҳандисон–электроникҳо таҳқиқот мегузаронанд, коркард, кор, хизматрасонии техникӣ, таъмири системаҳои электрониро лоиҳакашӣ ва идора мекунанд, инчунин ҷанбаҳои технологии марбут ба мавод, маҳсулот ва равандҳои радиоэлектрониро меомӯзанд ва машварат медиҳанд.

306. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– таҳияи асбобҳои электронӣ ё ҷузъҳо, нақша ва системаҳо ва машварат дар ин соҳа;

– муайян кардани усулҳои истеҳсол ё насби маҳсулоти электронӣ ва системаи онҳо, масолеҳ ва стандартҳои сифат, идоракунии корҳои истеҳсол ё насби маҳсулот ва системаи электронӣ;

– муайян кардани нишондиҳандаҳои назоратӣ ва амалиёт бо мақсади таъмини кори самаранок ва бехатарии системаҳои электронӣ, муҳаррикҳо ва таҷҳизот;

– ташкил ва идоракунии хизматрасонии техникӣ, таъмири система ва таҷҳизоти электронии мавҷуда;

– гузарондани таҳқиқот ва машваратдиҳӣ дар доираи системаҳои радиолокатсионӣ, телеметрӣ ва системаҳои идоракунии фосилавӣ, микромавҷӣ ва дигар таҷҳизоти электронӣ;

– тарҳрезӣ ва таҳияи алгоритмҳои коркарди сигналҳо ва амалисозии онҳо тавассути интихоби мувофиқи воситаҳои дастгоҳӣ ва барномавӣ;

– таҳияи дастгоҳҳо ва амалиёт барои озмоиши ҷузъиёт, нақша ва системаҳои электронӣ,.

307. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– муҳандис оид ба асбобҳои санҷишӣ-андозагиранда ва автоматика;

– муҳандиси системаи ҳисоббарори рақамӣ;
– муҳандис –таҳиягари системаи дарунсохт;
– муҳандис- электрончӣ.

308. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– муҳандис-барқчӣ–2151;
– муҳандис оид ба телекоммуникатсия–2153.

### § 4. 2153. Муҳандисон оид ба телекоммуникатсия ва пахши телевизион ва радио

309. Муҳандисон оид ба телекоммуникатсия ва пахши телевизион ва радио корҳои таҳқиқотӣ мегузаронанд, сохтмон, коркунӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири система ва таҷҳизоти телекоммуникатсиониро машварат, тарҳрезӣ ва идора мекунанд. Онҳо ҷанбаҳои технологиро марбут ба мавод, маҳсулот ва равандҳои телекоммуникатсионӣ меомӯзанд ва машварат медиҳанд.

310. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– гузарондани таҳқиқот, машварат ва тарҳрезии дастгоҳҳо ё ҷузъҳо, система, таҷҳизот ва марказҳои тақсимотии телекоммуникатсионӣ;

– муайян кардани усулҳои истеҳсол ва насби система ва таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ, идоракунии корҳо оид ба истеҳсол ё насби система ва таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ;

– ташкил ва идоракунии хизматрасонии техникӣ ва таъмири система ва таҷҳизоти мавҷудаи телекоммуникатсионӣ;

– таҳқиқот ва машварат оид ба масъалаҳои марбут ба таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ;

– банақшагирӣ ва тарҳрезии шабакаҳои коммуникатсионӣ дар асоси каналҳои алоқаи шабакавӣ, оптикӣ- нахӣ ва бесим;

– тарҳрезӣ ва таҳияи алгоритмҳои коркарди сигналҳо ва татбиқи онҳо тавассути интихоби мувофиқи воситаҳои дастгоҳӣ ва барномавӣ;

– тарҳрезии шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва системаи пахши барномаҳои радио ва телевизион, аз ҷумла, кабелӣ ва бесим.

311. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– муҳандис оид ба пахш;
– муҳандис оид ба васли таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ;
– муҳандис - таҳиягар оид ба телекоммуникатсия.

312. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– муҳандис- барқчӣ–2151;
– муҳандис- электрончӣ–2152.

## 28. ГУРӮҲИ ХУРДИ 216.

### § 1. Меъморон, лоиҳакашон, геодезистҳо ва тарроҳон

313. Меъморон, лоиҳакашон, геодезистҳо ва тарроҳон манзараҳо, ландшафтҳо, намуди беруна ва дохилии биноҳо, маҳсулоти истеҳсолшаванда, инчунин, мундариҷаи визуалӣ ва аудиовизуалиро бо мақсади интиқоли иттилоот банақшагирӣ ва тарҳрезӣ мекунанд. Онҳо бо мақсади аниқ ҷойгир кардани объектҳои ҷуғрофӣ корҳои муҳаққиқӣ мегузаронанд, харитаҳоро месозанд, омода мекунанд ва ислоҳот медароранд, нақша ва сиёсати назорати истифодаи заминро таҳия ва амалӣ мекунанд.

314. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешавад:

– муайян кардани ҳадафҳо ва маҳдудиятҳои марбут ба супориши тарроҳӣ тавассути машварат бо мизоҷон ва ҷонибҳои манфиатдор;

– муайян кардани қарорҳои тарроҳӣ ва нақшаҳо барои ҳамоҳангсозии мулоҳизаҳои эстетикӣ бо талаботи техникӣ, функсионалӣ, экологӣ ва технологӣ, омода кардани ангораҳо, диаграммаҳо, тасвирҳо, тасвирҳои аниматсионӣ, нақшаҳо, харитаҳо, ҷадвалҳо, намунаҳо ва амсилаҳо барои интиқоли қарорҳои тарроҳӣ ва дигар маълумот;

– таҳлили аксҳо, тасвирҳои моҳворай, ҳуҷҷат ва додаҳои геодезӣ, харитаҳо, сабтҳо, гузоришҳо ва омор;

– таҳқиқот ва таҳлили талаботи функсионалӣ, фазоӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ, талаботи техникаи бехатарӣ, минтақаҳои ҳифзи табиат ва талаботи эстетикӣ.

315. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2161 | Меъморони биноҳо ва иншоот |
| 2162 | Меъморони манзараҳо(ландшафт) |
| 2163 | Тарроҳони молҳои истеъмолӣ ва маснуоти саноатӣ |
| 2164 | Лоиҳакашон–шаҳрсозон ва лоиҳакашон дар дигар соҳаҳо |
| 2165 | Геодезистҳо, харитакашҳо, топографҳо ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 2166 | Лоиҳакашони графикӣ ва мултимедӣ |

## § 2. 2161. Меъморони биноҳо ва иншоот

316. Меъморони биноҳо ва иншоот лоиҳаҳои биноҳои тиҷоратӣ, саноатӣ, маъмурӣ, истиқоматӣ ва истироҳатиро таҳия намуда, сохтмон, хизматрасонии техникӣ ва барқароркунии онҳоро ба нақша гирифта, назорат мекунанд.

317. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– коркарди нав ва такмил додани назария ва усулҳои мавҷудаи меъморӣ;

– азназаргузаронии майдонҳои сохтмонӣ, машварат бо мизоҷрон, роҳбарият ва дигар шахсони манфиатдор ҳангоми муайян кардани намуд,

услуб ва микёси биноҳои пешниҳодшаванда ва ворид намудани тағйирот ба биноҳои мавҷуда;

– пешниҳод намудани маълумот дар бораи лоиҳаҳо, масолеҳ ва муҳлати тахминии сохтмон;

– омодасозии ҳуҷҷатҳои лоиҳа, аз ҷумла нақшаҳои генералӣ, ангораҳо (эскизҳо) ва нақшаҳои микёсӣ, ки ҷузъҳои сохторӣ, механикӣ ва эстетикиро дар доираи тарҳи ниҳоии лоиҳа муттаҳид мекунанд;

– ҳамоҳангсозии қарорҳои лоиҳавӣ ва шароити сохтмон бо мақомоти дахлдор;

– тартиб додани асоснокии техникӣ-иқтисодӣ ва ҳисобгирии зарурии хаҷми корҳои сохтмониву васлкунӣ, муайян кардани арзиши хароҷоти сохтмон, таркиб ва миқдори зарурии таҷҳизот, маҳсулот ва масолеҳ;

– тартиб додани таснифот ва хуҷҷатҳои шартномавӣ барои истифода бурдани сохтмончиён, инчунин аз номи мизоҷон гузаронидани озмунҳо;

– муайян намудан ва дарёфти роҳҳои бехтарини ҳалли масъалаҳои вобаста ба истифода ва сифати дохилии биноҳо, тартиб додани лоиҳаҳо, тасвирҳо ва нақшаҳои зарурӣ;

– амалӣ намудани назорати муаллифӣ ва техникӣ ба сохтмони иншооти пешбинишуда;

– назорати мутобиқати масолеҳи сохтмонӣ, таркиб, маҳсулоти истифодашуда ба лоиҳаҳои тасдиқшуда, стандартҳо ва шартҳои техникии сохтмон;

– барқарорсозӣ ва таҷдиди иншооти мероси фарҳангӣ, инчунин дигар иншоот;

– нигоҳ доштани муносибатҳои истеҳсолӣ ва машварат бо дигар мутахассисони дахлдор.

318. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– меъмори бино ва иншоот;
– меъмори дохили биноҳо (интерер);
– меъмор–лоиҳасоз.

319. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– меъмори манзараҳо (ландшафт)–2162;
– тарроҳҳони дохили бино ва рассомон–ороишгарон–3432.

### § 3. 2162. Меъморони манзараҳо (ландшафт)

320. Меъморони манзараҳо манзара ва фазои кушодро барои лоиҳаҳо, ба монанди боғҳо, муассисаҳо, боғҳои ҷамъиятӣ, канораи роҳҳо, қаламрави берунӣ барои сохтмон, биноҳои тиҷоратӣ, саноатӣ ва истиқоматиро ба нақша гирифта, тарҳрезӣ мекунанд, инчунин, сохтмон, хизматрасонии техникӣ ва барқарорсозии онҳоро банақшагирӣ намуда, назорат мебаранд.

321. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– таҳияи нав ё такмил додани назария ва усулҳои мавҷуда, инчунин, машваратдиҳӣ ба масъалаҳои сиёсат дар соҳаи меъмории манзараҳо;

– азназаргузаронӣ ва машварат ба мизоҷон, роҳбарият ва дигар ҷонибҳои манфиатдор дар муайян кардани намуд, услуб ва миқёси биноҳои пешниҳодшуда, боғҳо, роҳҳо ва дигар майдонҳои кушод;

– ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар бораи ҷойгиршавии иншоот ва маълумоти коммуналӣ оид ба хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва экологӣ, шаклҳои , релеф, хок, наботот, гидрология дар майдони сохтмон, тавсифномаи беруна ва иншооти сунъӣ, бо мақсади таҳияи тавсияҳо оид ба истифода ва иморатсозии қитъаи замин, таҳлили амалишавандагии техникӣ-иқтисодӣ ва арзёбии таъсир ба муҳити зист;

– омодасозии ҳисоботҳо, нақшаҳои стратегӣ, нақшаҳои майдони сохтмон, тарҳҳои корӣ, таснифот ва хароҷот барои иморатсозии қитъаҳои замин, аломатгузории маҳал ва ҷузъиёти лоиҳа, аз ҷумла, амсилаҳои маҳал, иншоот, наботот ва дастрасӣ;

– омодасозии таснифот ва ҳуҷҷатҳои шартномавӣ барои истифода аз ҷониби сохтмончиён ва пудратчиёни сохтмон, инчунин, гузаронидани озмунҳо аз номи мизоҷон;

– таъмини робитаҳои зарурӣ барои иҷрои лоиҳаҳо бо дарназардошти услуб, нарх, сарфи вақт ва риояи дастурҳо;

– муайян ва дарёфти роҳҳои муносиби ҳалли мушкилоти марбут ба истифодабарӣ ва сифати вазъияти атроф ва таҳияи лоиҳа ва нақшаҳои зарурӣ;

– назорати корҳои сохтмонӣ ё барқарорсозӣ бо мақсади таъмини риояи таснифот ва стандартҳои сифат;

– нигоҳ доштани муносибатҳои истеҳсолӣ ва машварат бо дигар мутахассисони дахлдор.

322. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– муҳандиси кабудизоркунӣ;

– меъмори манзараҳо;

– лоиҳакаши минтақаҳои боғӣ.

323. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– меъмори бино ва иншоот–2161;

– лоиҳакашон–шаҳрсозон ва лоиҳакашон дар дигар соҳаҳо–2164.

## § 4. 2163. Тарроҳони молҳои истеъмолӣ ва маҳсулоти саноатӣ

324. Тарроҳони молҳои истеъмолӣ ва маҳсулоти саноатӣ маҳсулотро барои истеҳсол тарҳрезӣ ва таҳия намуда, лоиҳаҳо ва таснифоти молҳои оммавӣ, силсилавӣ ва фармоишӣ омода месозанд.

325. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– муайян кардани ҳадафҳо ва маҳдудиятҳои марбут ба супориши лоиҳасозӣ, тавассути машварат бо мизоҷон ва ҷонибҳои манфиатдор;

– таҳияи консепсияи тарроҳии либос, матоъ, молҳои саноатӣ, тиҷоратӣ, истеъмолӣ ва ороишот;

– мувофиқаи мулоҳизаҳои эстетикӣ бо талаботи техникӣ, функсионалӣ, экологӣ ва технологӣ;

– омода кардани ангораҳо, диаграммаҳо, тасвирҳо, нақшаҳо, нусхаҳо ва амсилаҳо барои интиқоли мафҳум (консепсия)-ҳои тарроҳӣ;

– муҳокимаи қарорҳои тарроҳӣ бо мизоҷон, роҳбарият, ҳайати савдо ва истеҳсолот;

– интихоб, тавсиф ва тавсияҳо марбут ба маводи функсионалӣ ва эстетикӣ, усулҳои истеҳсол ва пардоз барои истеҳсолот;

– тавсиф ва ҳуҷҷатгузории тарҳи интихобшудаи маҳсулот;

– омода ва интиқоли тимсол ва намунаҳо;

– назорат аз тайёр кардани намунаҳо, барномаҳо ва асбобҳо, инчунин раванди истеҳсолот.

326. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– тарроҳи бозичаҳо;

– тарроҳи маҳсулоти саноатӣ;

– тарроҳи ороишоти заргарӣ;

– амсиласози либос;

– тарроҳи либос.

327. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– меъмори биноҳо ва иншоот–2161;

– меъмори манзараҳо–2162;

– тарроҳони дохили бино ва рассомон- ороишгарон–3432.

## § 5. 2164. Лоиҳакашон–шаҳрсозон ва лоиҳакашони дигар соҳаҳо

328. Лоиҳакашон–шаҳрсозон ва дигар лоиҳакашони инфрасохтори шаҳрӣ соҳаҳои стратегия ва нақшаҳои истифодаи заминро дар шаҳру деҳот ва рушди системаи нақлиёт таҳия карда, иҷрои онҳоро ташкил мекунанд. Онҳо оид ба масъалаҳои марбут ба омилҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоии ба истифодаи замин ва ҷараёни нақлиёт таъсиррасонанда, таҳқиқот гузаронда, машварат медиҳанд.

329. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– таҳия ва мувофиқатгардониии инфрасохтори шаҳр;

– ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот оид ба омилҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, демографӣ, иҷтимоӣ, физикӣ ва экологии ба истифодаи замин таъсиррасонанда;

– машварат бо мақомоти ҳокимиятӣ, аҳолӣ ва мутахассисон дар соҳаҳои мисли меъморӣ, банақшагирӣ, илмҳои ҷамъиятӣ, муҳити зист ва қонунгузорӣ;

– таҳияи тавсияҳо марбут ба истифода ва иморатсозии қитъаҳои замин, рӯнамоии тавсифҳо ва нақшаҳои айёнӣ, барномаҳо ва лоиҳаҳо ба гурӯҳҳо ва шахсони алоҳида;

– машварат бо мақомоти ҳокимиятӣ, ширкатҳо ва аҳолдӣ дар масоили марбут ба банақшагирии аҳрӣ ва минтақавӣ ва пешниҳодот

– баррасӣ ва арзёбии ҳисобот оид ба таъсир ба муҳити зист;

– банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии ҷудокунии қитъаҳои замин барои боғҳо, муассисаҳо, фурудгоҳҳо, шоҳроҳҳо ва лоиҳаҳои ба он вобаста, инчунин қитъаҳо барои сохтмони биноҳои тиҷоратӣ, саноатӣ ва истиқоматӣ;

– тарҳрезӣ ва машварат оид ба масъалаҳои тартибдиҳии хатсайрҳо ва танзими ҳаракат дар роҳ ва системаи нақлиёти ҷамъиятӣ бо мақсади таъмини самаранокӣ ва бехатарии он.

330. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– лоиҳасозони инфрасохтори шаҳрӣ;

– лоиҳасозони қитъаҳои замин;

– лоиҳасозони ҳаракати нақлиёт.

331. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– меъмори бино ва иншоот–2161;

– меъмори манзараҳо–2162.

### § 6. 2165. Геодезистҳо, харитакашҳо, топографҳо ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд

332. Геодезистҳо, хариткашҳо, топографҳо ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд ҷойгиршавии дақиқи объект ва марзҳои хушкии табиӣ ва сунъии офаридаи инсонро муайян мекунанд, инчунин харита ва нақшаҳои рақамӣ, графикӣ ва тасвирӣ ё дигар намоишҳои визуалиро бо истифода аз тарз ва усулҳои илмию риёзӣ омода ва бознигарӣ менамоянд

333. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– азназаргузаронӣ, андозагирӣ ва тавсифи сатҳи замин, конҳо, сатҳи зеризаминӣ, дарёҳо ва қабатҳои кӯлҳо;

– ҷойгиркунии дақиқи объектҳои гуногун ва бақайдгирии маълумоти таҳқиқотӣ дар андозаи рақамӣ;

– тартиб додани диаграммаҳои банақшагирии сохмони иншооти обӣ;

– банақшагирӣ ва гузаронидани аксбардории ҳавоӣ;

– тарҳрезӣ, тартиб додан ва бознигарии харитаҳо, диаграммаҳо бо бо ёрии аксҳои ҳавоӣ ва аксҳои дигар, тасвирҳои моҳворай, ҳуҷҷат ва додаҳои геодезӣ, харита, сабтҳо, гузоришҳо ва оморҳои мавҷуда;

– таҳқиқот ва таҳияи системаҳои андозагирии геодезӣ, фотограмметрӣ, системаҳои кадастрӣ ва иттилоотии топографӣ;

– омӯзиш ва машварат оид ба ҷанбаҳои техникӣ, эстетикӣ ва иқтисодии истеҳсоли харитаҳо;

– нигоҳ доштани робитаҳои истеҳсолӣ ва машварат бо дигар мутахассисони дахлдор.

334. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– аэрофотогеодезист;
– гидрограф;
– муҳандис оид ба идоракунии замин;
– муҳандис оид ба фотограмметр;
– муҳандиси заминсозӣ;
– харитакаш;
– топограф.

335. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– муҳандис оид ба таснифот ва смета (хароҷот)–2149
– геодизистҳо–2165
– техник оид ба кадастри замин–3111
– техник-механик (самти умумӣ)–3115

## § 7. 2166. Тарроҳони графикӣ ва мултимедӣ

336. Тарроҳони графикӣ ва мултимедӣ мундариҷаи визуалӣ ва аудиовизуалиро барои интиқоли иттилоот тавассути шаклҳои чопӣ, наворӣ, электронӣ, рақамӣ ва дигар шаклҳои ҳомилони визуалӣ ва садоиро тарҳрезӣ мекунанд. Онҳо эффектҳои графикӣ, махсус, аниматсияҳо ва дигар образҳои визуалиро барои истифода дар бозиҳои компютерӣ, филмҳо, видеонаворҳо (клипҳо)-и мусиқӣ, васоити чопии ахбори умум ва таблиғот эҷод мекунанд.

337. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– муайян кардани ҳадафҳо ва маҳдудиятҳои марбут ба супориши лоиҳакашӣ, тавассути машварат бо мизоҷон ва ҷонибҳои манфиатдор;

– гузарондани таҳқиқот ва таҳлили талаботи функсионалӣ ба таҷҳизоти алоқа;

– таҳияи консепсияҳои тарроҳии субъектҳои интиқолшаванда;

– омода намудани ангораҳо, диаграммаҳо, тасвирҳо ва амсилаҳои (макетҳо) аслӣ барои интиқоли консепсияҳои тарроҳӣ;

– таҳияи графика ва аниматсияҳои мураккаб мувофиқ ба талаботи функсионалӣ, эстетикӣ ва эҷодии дар супориши лоиҳакашӣ пешбинишуда;

– офаридани тасвирҳои дученака ва сеченакаи объектҳоро дар ҳаракат нишондиҳанда ё ягон раванд бо истифода аз барномаҳои аниматсия ё амсиласозии компютерӣ тасвиркунанда;

– муҳокимаи қарорҳои тарроҳӣ бо мизоҷон, роҳбарият, ҳайати савдо ва истеҳсолӣ;

– интихоб, тавсиф ва тавсияҳо оид ба маводи функсионалӣ ва эстетикӣ ва ҳомилон барои интишор, дастрасӣ ё инъикос;

– тавсиф ва ҳуҷҷатгузории тарроҳии интихобшудаи маҳсулот;

– назорат ё сохтан дар ҳомили интихобшуда.

338. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– тарроҳи Web–сайт;
– тарроҳи нашриёти чопӣ;
– тарроҳи мултимедӣ;
– рассоми графики компютерӣ;
– рассоми реклама;
– рассом-мултипликатор.

339. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– тарроҳони бинои дохилӣ–3432;
– Web–усто–2513;
– таҳиягари таъминоти барномавӣ–2512;
– рассом– наққош–2651;
– рассом-ороишгар–3432.

## 29. ГУРӮҲИ ХУРДИ 217.

### § 1. Мутахассисони соҳаи идораи нақлиёти ҳавоӣ ва дарёӣ

340. Мутахассисони соҳаи идораи нақлиёти ҳавоӣ ва дарёӣ уҳдадорӣ ва амалиёти техникӣ барои таъмини ҳаракати бехатар ва самараноки ин воситаҳо, инчунин такмил додани системаҳои барқӣ, электромеханикӣ ва автоматии идоракунии ҳаракатрои чро мекунанд.

341. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд: назорати кори таҷҳизоти механикӣ, барқӣ ва электронӣ дар киштиҳо, фармондиҳӣ ва киштиронии киштиҳои дарёӣ ва ҳавоӣ, идоракунии ҳаракати киштиҳои дарёӣ ё ҳавоӣ ва такмил додани системаҳои барқӣ, электромеханикӣ ва автоматии идоракунии ҳаракат.

342. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2171 | Сарнишин (капитанҳо)-и киштӣ ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 2172 | Ҳавонавардон ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд |

### § 2. 2171………………………………………… Сарнишин (капитанҳо)-и киштӣ ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд

343. Сарнишин (капитанҳо)-и киштӣ ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд фармондеҳӣ ва паймоиши киштиҳоро дар дарёҳо анҷом медиҳанд.

344. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– фармондеҳӣ ва назорати экипаж ва киштиҳои дарёӣ дар обҳои дохилӣ;

– назорати кори таҷҳизоти механикӣ, барқӣ ва электронии киштӣ;

– таъмини бехатарии боркунӣ ва борфарои, риояи қоидаҳо ва меъёрҳои бехатарӣ аз ҷониби экипаж ва мусофирон;

– назорати киштиҳо ҳангоми ворид шудан ва баромадан аз бандарҳо, гузаштан аз каналҳо, гулӯгоҳ ва дигар роҳҳои обӣ, он ҷо, ки дониши махсус талаб мешаванд;

– банақшагирӣ ва ташкили назорати техникии баҳрабардорӣ ва таъмири киштиҳо бо мақсади таъмини риояи таснифот ва қоидаҳо;

– ташкили омӯзиши мувофиқ барои экипаж оид ба тартиб ва қоидаҳои истифодабарии таҷҳизоти нави механикӣ, барқӣ ва электронӣ дар киштӣ;

– истифодаи донишҳои назариявӣ ва амалии соҳаи истифодабарии киштиҳо барои муайян намудан ва ҳалли масоили дар раванди кори онҳо бамиёномада;

– пурра намудани захираҳои киштӣ, мутобиқи талаботи муқаррар-шуда, бурдани сабтҳои баҳисобгирӣ;

– интиқол ва қабули иттилооти муқаррарӣ, инчунин иттилоот дар бораи ҳолатҳои фавқулода аз истгоҳҳои соҳилӣ ва дигар киштиҳо.

345. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– муҳандис-суперинтендантант.

– сарнишини киштӣ

## § 3. 2172. Ҳавонавардон ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд

346. Ҳавонавардон ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд кори таҷҳизоти механикӣ, барқӣ ва электронии ҳавопаймоҳоро барои ҳамлу нақли мусофирон, хаткашонӣ ва бор назорат ва роҳбарӣ мекунанд, супориш ва уҳдадориҳои пешазпарвозӣ, инчунин, уҳдадориҳои мувофиқро ҳангоми парвоз анҷом медиҳанд.

347. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– идоракунии ҳавопаймо ҳангоми парвоз тибқи қоидаҳо ва дастурҳои амалкунанда оид ба истифодабарии техникӣ ва назорати бехатарии парвоз;

– назорати кори таҷҳизоти механикӣ, барқӣ ва электронӣ ва таъмини кори дурусти ҳамаи асбобҳо ва системаи идоракунӣ;

– истифодаи донишҳои назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи парвоз барои муайян ва ҳалли мушкилоти дар ҷараёни кор бамиёномада;

– омӯзиши журнали парвоз ва гузаронидани санҷиш бо мақсади таъмини коршоямии механикии киштии ҳавоӣ, пуррагӣ ва бaанҷомрасонии хизматрасонии теҳникӣ, ба ҳолати корӣ даровардани таҷҳизот;

– гузаронидани дастурдиҳӣ ва бартараф намудани монеаҳо пеш аз парвоз ва нигоҳ доштани алоқа бо хадамоти рӯизаминии идоракунии парвоз ҳангоми парвоз;

348. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– муҳандиси парвоз;
– ҳавонавард;
– ҳавонавард–дастурдиҳанда;
– ҳавонаварди чархбол;
– ҳавонаварди ҳавопаймо.

349. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– танзимгари авиатсионӣ–3154;
– роҳнавард (дар авиатсия)–3151.

## 30. ЗЕРГУРӮҲИ 22. МУТАХАССИСОН ДАР СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ

350. Мутахассисони дар соҳаи тандурустӣ таҳқиқот гузаронда, консепсияҳо, назарияҳо, усулҳоро такмил ва ташаккул медиҳанд, донишҳои илмиро дар соҳаи тиб, парастории тиббӣ, дандонпизишкӣ, байторӣ, дорусозӣ ва пешгирии саломатиро дар амал татбиқ мекунанд. Сатҳи салоҳияти аксар машғулиятҳои ба ин зергурӯҳ дохилшаванда, ба сатҳи чоруми тахассуси мувофиқат мекунад.

351. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур одатан иборатанд:

– гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ва ба даст овардани донишҳои илмӣ тавассути омӯзиши бемориҳои одамон ва ҳайвонот, инчунин, усулҳои табобати онҳо;
– машваратдиҳӣ ё татбиқи чораҳои пешгирикунанда ва муоличавӣ;
– таҳияи ҳуччатҳои илмӣ ва ҳисоботҳо;
– уҳдадориҳо метавонанд, роҳбарӣ кардани дигар коргаронро дар бар гиранд.

352. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 221 | Табибон ва мутахассисон дар соҳаи фаъолияти муоличавӣ ва экспертӣ -ташхисӣ |
| 222 | Мутахассисон оид ба нигоҳубинии тиббӣ ва момодоягӣ |
| 223 | Табибони баландихтисос ва тачрибаи тибби мардумӣ ва ғайрианъанавӣ |
| 224 | Табибони ёрии таъчилии тиббӣ ва фелдшерон |
| 225 | Табибони байторӣ |
| 226 | Мутахассисони дигар дар соҳаи тандурустӣ |

Эзоҳ: Машғулиятҳои ба монанди муҳандисҳои таҷҳизоти биотиббӣ, равоншиносон ва физикҳои тиббӣ ба ин зергурӯҳи 22 Мутахассисон дар соҳаи тандурустӣ дохил намегарданд, балки ба гурӯҳҳои дигар тааллуқ доранд.

## 31. ГУРӮҲИ ХУРДИ 221.
### § 1. Табибон ва мутахассисон дар соҳаи

фаъолияти муоличавӣ ва экспертӣ -ташхисӣ

353. Табибон ва мутахассисон дар соҳаи фаъолияти муоличавӣ ва экспертӣ-ташхисӣ беморӣ, дардмандӣ, захмҳо ва дигар нуқсҳои ҷисмонӣ ва руҳии одамонро бо истифода аз принсип ва амалиёти тибби муосир меомӯзанд, ташхис, табобат ва пешгирӣ мекунанд.

354. Онҳо иҷрои нақшаҳои нигоҳубин ва табобатро аз ҷониби дигар муассисаҳои тандурустӣ банақшагирӣ, назорат ва арзёбӣ мекунанд, инчунин фаъолиятро дар соҳаи таҳсилоти тиббӣ ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом медиҳанд.

355. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– гузаронидани муоинаи тиббии беморон ва мусоҳиба бо онҳо ва аъзои оилаи онҳо барои муайян кардани вазъи саломатии онҳо;

– таъйини озмоишҳои ташхисӣ ва таҳлили натиҷаҳои онҳо;

– таъйин ва идоракунии муолиҷаи дорудармонӣ ва чораҳои пешгирикунанда;

– гузаронидани ҷарроҳӣ ва дигар амалиёти дармонгоҳӣ;

– назорати ҳолати беморон ва вокуниш ба табобат;

– машварат оид ба саломатӣ, хӯрок ва тарзи ҳаёт барои пешгирӣ ё табобати бемориҳо ва нуқсҳо;

– муайян ва идоракунии мушкилиҳои пеш аз таваллуд, ҳангомии таваллуд ва баъд аз он;

– банақшагирӣ, идоракунӣ ва иҷрои нақшаҳо барои фиристодани беморони эҳтиёҷманд барои гирифтани ёрии тиббии махсус, дарозмуддат ё дигар намудҳои хизматрасонии тандурустӣ;

– мубодилаи иттилоот тиббӣ бо дигар мутахассисони корозмудаи соҳаи тандурустӣ барои таъмини нигоҳубини муттасил ва ҳамаҷониба;

– огоҳонидани мақомоти давлатӣ дар бораи таваллуд, фавт ва бемориҳое, ки бояд ба қайд гирифта шаванд;

– гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи нуқсҳои саломатӣ ва бемориҳои инсон, усулҳои пешгирикунанда ё муолиҷавӣ.

356. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2211 | Табибон (касбҳои махсусгардонидашуда–1) |
| 2212 | Табибон (касбҳои махсусгардонидашуда–2) |
| 2213 | Табибон (касбҳои махсусгардонидашуда–3) |
| 2214 | Табибон (касбҳои махсусгардонидашуда–4) |
| 2215 | Табибон (касбҳои махсусгардонидашуда–5) |
| 2216 | Мутахассисон дар соҳаи фаъолияти экспертӣ–ташхисӣ |
| 2217 | Табибон дар соҳаи ҷарроҳӣ |

## § 2. 2211–2215. Табибон (касбҳои махсусгардонидашуда 1–5)

357. Табибон бемори̅, дардманди̅, захмҳо ва дигар нуқсҳои ҷисмони̅ ва руҳии одамонро ташхис, табобат ва пешгири̅ мекунанд, ҳолати умумии саломатии одамонро бо истифода аз усулҳои озмоиш, ташхис, тибби̅, ҷарроҳи̅, ҷисмони̅ ва руҳи̅ дар асоси истифодаи принсип ва амалиёти тибби муосир нигоҳдори̅ менамоянд.

358. Онҳо дар категорияҳои муайяни баморихо, тоифаи беморон ё усулҳои муолиҷа мутахассисанд ва метавонанд, дар соҳаи таҳсилоти тибби̅ ва илми̅-таҳқиқоти̅, дар соҳаи тахассуси интихобшуда фаъолият намоянд.

359. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– гузаронидани муоинаи тиббии беморон, мусоҳиба бо онҳо ва аъзои оилаи онҳо барои фаҳмидани вазъи саломатии бемор;

– омӯзиши маълумоти тиббии аз ҷониби табиби бемори ба онҳо фиристодашуда ё дигар муассисаи тибби̅ пешниҳодшуда;

– муайян кардани усулҳои оқилонаи ташхиси беморон барои аниқ намудани хусусияти нукс ё бемори̅;

– таъйинот, намудани озмоишҳои махсуси ташхиси̅ барои муайян кардани хусусияти нуқс ё бемори̅;

– таъйинот ва ҷори̅ намудани мониторинги вокуниши беморон ба табобат, доруҳо, рафъкунандаи дард, равондармони̅ (психотерапия), барномаҳои барқарорсозии ҷисмони̅ ва дигар чораҳои пешгирикунандаю солимгардони̅;

– ташкил ва мустақилона гузаронидани амалиёти зарурии ташхиси̅ ва озмоишгоҳи̅ мувофиқи стандартҳои муқарраршуда барои арзёбии ҳолати беморон;

– идоракунии мушкилот пеш аз таваллуд, ҳангоми он ва баъд аз таваллуд;

– бақайдгирии иттилооти тиббии беморон ва табодули иттилоот бо мутахассисони соҳаи тиб барои таъмини нигоҳубини ҳамаҷониба;

– огоҳ кардани беморон, оилаҳо ва аҳоли̅ оид ба чораҳои пешгирикунанда, табобат ва нигоҳубин дар сурати бемориҳои алоҳида;

– гузаронидани чоккунии ҷасад барои муайян кардани сабабҳои марг;

– таҳқиқоти нукс ва бемориҳои алоҳидаи инсон, инчунин, усулҳои пешгири̅ ё муолиҷави̅ ва паҳн кардани натиҷаҳо, аз ҷумла тавассути гузоришҳои илми̅;

– банақшагири̅ ва иштирок дар барномаҳои пешгири̅ ва назорати паҳншавии бемориҳои муайян;

360. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

- табиби занона-момодоя;
- табиб–вирусшинос;
- табиб–асабшинос (барои калонсол);
- табиб-руҳшинос;
- табиби бемориҳои шуш (кӯдакона);

– табиб– муоличаи бемориҳои дарунӣ;
– табиб-эндокринолог (барои калонсол);
– табиби таснифоти умумӣ.

361. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:
– табиб-ҷарроҳи умумӣ–2217;
– табиб–дандонпизишк–2261;
– дорусоз–2262;
– табиби беҳдоштии нурафконӣ (радиатсионӣ)–2269.

Эзоҳ: Машғулиятҳои ба ин гурӯҳҳои ибтидоӣ дохилшуда, маълумоти олии тиббӣ, тайёрии баъдидипломии клиникӣ, инчунин ва таҳсилоти олии баъдихатмиро дар соҳаи тахассусӣ талаб мекунанд. Ба ин гурӯҳ табибон–интернон (таҷрибаомӯзон) ҳам дохил мешаванд, ки маълумоти олии тиббӣ гирифта,тайёрии баъдидипломии клиникиро дар соҳаи тахассусӣ мегузаранд. Мутахассисони таҳқиқоти тиббӣ, ки дар таҳқиқоти биотиббӣ бо истифода аз организмҳои зинда машғуланд ва дар амалиёти клиникӣ иштирок намекунанд, ба гурӯҳи ибтидоии 2131 Биологҳо, ботаникҳо, зоологҳо, дорушиносон, мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд дохил мешаванд. Мутахассисони касбие, ки барномаҳои марбут ба мониторинг ё назорати фаъолияти инсон ва таъсири онҳо ба муҳити зистро арзёбӣ, банақшагирӣ ва дар ҳаёт татбиқ мекунанд, ба гурӯҳи 2133–мутахассисони соҳаи ҳифзи муҳити зист тасниф карда мешаванд.

## § 3. 2216. Мутахассисон дар соҳаи фаъолияти экспертӣ–ташхисӣ

362. Мутахассисон дар соҳаи фаъолияти экспертӣ–ташхисӣ барои арзёбии ҳолати беморон таҳқиқоти зарурии ташхисӣ ва озмоишгоҳӣ гузаронда, инчунин, ба мутахассисони соҳаи тиб оид ба масъалаҳои ташхис кумаки машваратӣ мерасонанд.

363. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– муайян намудани усулҳои дурусти ташхиси беморон барои муайян кардани хусусияти нуқсҳо ё бемориҳо;

– ташкил ва мустақилона гузаронидани амалиёти зарурии ташхисӣ ва озмоишгоҳӣ мувофиқи стандартҳои муқарраршуда барои арзёбии ҳолати беморон;

– гузаронидани таҳлили таҳқиқоти гузаронидашуда ва аз рӯйи он додани хулоса дар асоси таҳлили ибтидоии таҳқиқоти гузарондаи ҳайати миёнаи тиббӣ;

– иштирок дар муайян кардани ташхис ва усулҳои табобати беморон;

– назорати дурустии гузарондани амалиёти ташхисӣ ва озмоишгоҳӣ, истифодабарии асбобҳо, дастгоҳҳо ва таҷҳизот, истифодаи оқилонаи масолеҳи харочотӣ аз ҷониби ҳайати миёнаи тиббӣ;

– ҷустуҷӯ ва назорат аз ҷорӣ намудани усулҳои нав дар соҳаи таҳқиқоти ташхисӣ ва озмоишгоҳӣ;

364. Намунаи шуғле, ки ба гурӯҳи ибтидоӣ мансубанд:

– табиб-шуоъкунанда (рентгенолог);
– табиби ташхиси шуогӣ;
– табиби ташхиси ултрасадо;
– табиби ташхиси функсионалӣ.

### § 4. 2217. Табибон дар соҳаи ҷарроҳӣ

365. Табибон дар соҳаи ҷарроҳӣ ба ташхис ва пешгирии бемориҳои ҷарроҳӣ, табобат ва барқарорсозии беморони гирифтори бемориҳои ҷарроҳӣ машғуланд. Онҳо ба категорияҳои муайяни бемориҳо, намудҳои беморон ва усулҳои табобат тахассус дошта, метавонанд, дар соҳаи таҳсилоти тиббӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи интихобшудаи тахассусӣ фаъолият намоянд.

366. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– муоинаи беморони гирифтори бемориҳои ҷарроҳӣ бо мақсади ташхис;

– таъйин кардани табобат барои беморони гирифтори бемориҳои ҷарроҳӣ ва назорати дурустӣ ва бехатарии он;

– таҳия ва татбиқи нақшаи омодасозии беморони гирифтори бемориҳои ҷарроҳӣ ба ҷарроҳии таъҷилӣ ё банақшагирифташуда;

– иштирок ё гузаронидани ҷарроҳии оперативӣ ва нақшавӣ ба беморони гирифтори бемориҳои ҷарроҳӣ;

– арзёбӣ ва таҳлили ҷарроҳиҳои гузарондашуда барои такмили минбаъдаи онҳо;

– расонидани ёрии машваратӣ ба мутахассисони соҳаи тиб дар амалиёти ҷарроҳӣ;

– ҷустуҷӯ ва назорати ҷорӣ намудани усулҳои нави ташхис ва табобати оперативӣ дар амалиёти ҷарроҳӣ;

– гузаронидани корҳои беҳдоштӣ-равшаннамоӣ оид ба тарбияи тарзи ҳаёти солим, коҳиш додани бемориҳои ҷарроҳӣ байни калонсолону кӯдакон ва назорати самарабахши онҳо.

367.Намунаҳои машғулиятҳои ки ба гурӯҳи ибтидоӣ мансуб ҳастанд:
– табиб-ҷарроҳи дил (барои калонсолон);
– табиб–ҷарроҳи асаб(кӯдакона);
– табиб-ҷарроҳи тармимӣ (пластикӣ);
– табиб-ҷарроҳи пайвандкунӣ.

## 32. ГУРӮҲИ ХУРДИ 222.
### § 1. Мутахассисон оид ба момодоягӣ

368. Мутахассисон оид ба нигоҳубинии тиббӣ ва момодоягӣ барои табобат ва нигоҳубини беморони ҷисмонӣ ё руҳӣ, маъюбон ё шахсоне, ки бинобар таҳдидҳои эҳтимолии саломатӣ, аз ҷумла пеш аз таваллуд, ҳангоми он ва баъд аз таваллуд ниёз доранд, хизматрасонӣ менамоянд.

Онҳо масъулиятро барои банақшагирӣ, идора ва арзёбии нигоҳубини беморон, аз ҷумла назорат ба дигар кормандон тиббӣ, ки мустақилона ё бо табибон ва дигар мутахассисон дар татбиқи чораҳои пешгирикунанда ва муолиҷавӣ кор мекунанд, ба дӯш мегиранд.

369. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

- арзёбӣ, банақшагирӣ, расонидани нигохубини тиббӣ, хизматрасонии момодоягӣ ба беморон мутобиқи таҷриба, стандартҳои муосири нигоҳубини тиббӣ ва момодоягӣ;
- ҳамоҳангсозии нигоҳубини беморон дар рафти машварат бо дигар мутахассисони соҳаи тандурустӣ ва аъзоёни гурӯҳҳои ёрии таъҷилӣ;
- таҳия ва татбиқи нақшаи чорабиниҳои нигоҳубин, табобат ва муолиҷаи бемориҳои дарунӣ, аз ҷумла кумак баистеъмоли доруҳо;
- назорат, рафъи ҳисси дардмандӣ ва нороҳатӣ аз беморон бо истифода аз табобати гуногун, аз ҷумла истифодаи доруҳои карахткунанда;
- муонаи вазъи саломатии беморон, аз ҷумла, назорати ҷараёни ҳомиладорӣ ва вокуниш ба муолиҷаи дорудармонӣ;
- огоҳ кардани беморон, оилаҳо ва аҳолӣ оид ба масъалаҳои гуногуни тандурустӣ, аз ҷумла пешгирии бемориҳо, табобат, нигоҳубинӣ, ҳомиладорӣ, таваллуд ва дигар масъалаҳо;
- назорат ва ҳамоҳангсозии кори дигар кормандони соҳаи тиб;
- гузаронидани таҳқиқот дар соҳаи нигоҳубини амалии тиббӣ ва момодоягӣ, инчунин таҳияи ҳуҷҷатҳо ва ҳисоботи илмӣ.

370. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2221 | Мутахассисон оид ба нигоҳубини тиббӣ |
| 2222 | Мутахассисон оид ба момодоягӣ |

Эзоҳ: Фарқи байни мутахассисони касбӣ ва ҳайати миёнаи тиббӣ оид ба нигоҳубини тиббӣ дар асоси хусусияти кор ва вазифаҳои иҷрошавандае, ки дар ин муқаррарот, инчунин дар муқаррароти гурӯҳҳои ибтидоии мувофиқ ишора шудаанд, гузаронда мешаванд.

§ 2. 2221. Мутахассисон оид ба нигоҳубинии тиббӣ

371. Мутахассисон оид ба нигоҳубинии тиббӣ, барои одамоне, ки бо сабаби пирӣ, ҷароҳат, бемори ё маъюбии ҷисмонӣ ё руҳӣ ё хатари эҳтимолии саломатӣ ба нигоҳубин ниёз доранд,хизматрасонии муолиҷавӣ, дастгирӣ ва нигохубинӣ мерасонанд. Онҳо барои банақшагирӣ ва идоракунии нигоҳубини беморон, аз ҷумла назорати дигар кормандони тиббие, ки мустақилона ё бо табибон ва дигар мутахассисон дар соҳаи истифодаи амалии чорабиниҳои пешгирикунанда ва муолиҷавӣ кор мекунанд, масъулият доранд.

372. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– банақшагирӣ, пешниҳод ва арзёбии нигоҳубини тиббӣ ба беморон мутобиқи таҷриба ва стандартҳои муосири нигоҳубини тиббӣ;

– ҳамоҳангсозии нигоҳубини беморон дар рафти машварат бо дигар мутахассисони касбии соҳаи тандурустӣ ва аъзоёни гурӯҳҳои ёрии таъҷилӣ;

– таҳия ва татбиқи нақшаҳои нигоҳубин бо мақсади табобати биологӣ, иҷтимоӣ ва равонии беморон дар ҳамкорӣ бо дигар мутахассисони касбии соҳаи тандурустӣ;

– банақшагирӣ ва расонидани нигоҳубин, табобат ва муолиҷаи инфиродӣ, аз ҷумла кӯмак барои истеъмоли доруворӣ ва мушоҳида аз вокуниши ҷавобӣ ба барномаи табобат ё нигоҳубин;

– гузаронидани корҳои беҳдоштиву равшанномоӣ бо волидон оид ба масъалаҳои инкишофи кӯдакони хурдсол;

– гузаронидани мониторинги рушди инкишофи кӯдакони хурдсол бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои инкишоф ва равонкунӣ барои муоинаи амиқ ба назди табиби бемориҳои кӯдакона дар ҳолати муайян намудани хатарҳои ақибмонӣ дар инкишоф;

– тоза кардани захмҳо, захмбандӣ кардан;

– назорати ҳискунии дард ва нороҳатии беморон, инчунин рафъи дарднокӣ бо истифода аз усулҳои гуногуни табобат, аз ҷумла, истифодаи доруҳои карахткунанда;

– банақшагирӣ, иштирок дар барномаҳои маърифати беҳдоштӣ, чорабиниҳои солимгардонӣ ва равшаннамоӣ дар шароити клиникӣ ва ҷомеа;

– посух додан ба саволҳои беморон ва оилаҳо, маълумот дар бораи чораҳои пешгирии бемориҳо, инчунин чораҳои табобат ва нигоҳубинӣ;

– назорат ва ҳамоҳангсозии кори дигар кормандони нигоҳбонии тиббӣ, тандурустӣ ва нигоҳубини инфиродӣ;

– гузаронидани таҳқиқот оид ба таҷрибаҳо ва амалиёти нигоубини тиббӣ, инчунин ва паҳн кардани натиҷаҳо бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла тавассути ҳуҷҷатҳои илмӣ ва ҳисоботҳо.

373. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– табиби барқарорсозии тиббӣ;

– табиби ёрии тиббии паллиативӣ.

374. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– табиб-момодоя–табиби занона2222;

– табиби ёрии таъҷилии тиббӣ–2240;

– педиатри инкишоф (кӯдокона)–2215;

– ҳамшираи тиббӣ оид ба нигоҳубин–3221;

– момодоя–3222;

– мутахассис оид ба дахолати барвақтӣ–3256.

## § 3. 2222. Мутахассисон оид ба момодоягӣ

375. Мутахассисон оид ба момодоягӣ хизматрасониҳои момодоягиро пеш аз таваллуд, ҳангоми он ва баъд аз таваллуд ба нақша мегиранд, роҳбарӣ мекунанд, мерасонанд ва арзёбӣ мекунанд. Онҳо кумакрасонии таваллудро бо мақсади коҳиш додани хатар ба саломатии модар ва навзодро мустақилона ё бо дигар кормандони тиб таъмин мекунанд.

376. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– банақшагирӣ, таъмин, арзёбии нигоҳубинӣ ва хизматрасониҳои ёрирасон ба занону кӯдакон пеш аз ҳомиладорӣ ва таваллуд, ҳангоми онҳо ва баъд аз ҳомиладорӣ ва таваллуд мувофиқи таҷриба ва стандартҳои муосири момодоягӣ;

– машварат додан ба занон ва оилаҳо, инчунин маърифатнок кардани аҳолӣ ҷиҳати масъалаҳои саломатӣ, истеъмоли хӯрок, беҳдоштӣ, машқҳои ҷисмонӣ, таваллуд ва нақшаи амал бар вазъиятҳои фавқулодда, синамаконӣ, нигоҳубини кӯдакон, банақшагирии оила ва зидди ҳомиладошавӣ, тарзи зиндагӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба ҳомиладорӣ ва таваллуд;

– арзёбии рафти ҳомиладорӣ ва таваллуд, идоракунии мушкилот ва эътирофи нишонаҳое, ки равонкуниро ба табиби дорои ихтисоси махсуси момодоягӣ талаб мекунад;

– муоинаи саломатии навзодон, идоракунии мушкилот ва эътирофи аломатҳое, ки ба табиби дорои ихтисоси махсуси неонатология ниёз доранд;

– назорати ҳисси дард ва нороҳатии занҳо ҳангоми таваллуд, инчунин рафъи дард бо истифода аз усулҳои гуногуни табобат, аз ҷумла, истифодаи доруҳои карахткунанда;

– огоҳонидани мақомоти давлатӣ оид ба таваллуд тибқи талаботи қонунгузорӣ ва маъмурӣ;

– гузаронидани таҳқиқот оид ба амалия ва амалиёти момодоягӣ, паҳн кардани натиҷаҳо бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла тавассути ҳуҷҷатҳои илмӣ ва ҳисоботҳо;

– банақшагирӣ ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ дар соҳаи момодоягӣ дар шароити клиникӣ ва иҷтимоӣ.

377. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– табиб-момодоя-табиби занона;
– табиб-неонатолог.

378. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– табиби ёрии таъҷилии тиббӣ ва фелдшерон–2221;
– момодоя–3222;
– ҳамшираи шафқати сарпараст–5321.

Эзоҳ: Фарқи байни мутахассисони дорои маълумоти олии тиббӣ ва ҳайати миёнаи тиббӣ оид ба момдояҳо дар асоси хусусияти кор ва вазифаҳои иҷрошуда, ки дар муқаррароти дахлдори гурӯҳҳои ибтидоӣ нишон дода шудаанд, асос ёфтааст.

## 33. ГУРӮҲИ ХУРДИ 223.
### § 1. Табибони баландихтисос ва тачрибаи тибби мардумӣ ва ғайрианъанавӣ

379. Табибони баландихтисос ва тачрибаи тибби мардумӣ ва ғайрианъанавӣ беморонро муоина намуда, бемориҳо, захм ва дигар нуқсҳои ҷисмонӣ ва руҳиро пешгирӣ ва табобат мекунанд, ҳолати умумии саломатии одамонро тавассути истифодаи дониш, малака ва тачрибае, ки аз омӯзиши амиқи назария, ақида ва тачрибаи аз фарҳангҳои муайян ба даст омадаанд, нигоҳ медоранд.

380. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– гузаронидани муоинаи тиббии беморон ва мусоҳиба бо онҳо ва аъзои оилаи онҳо барои фаҳмидани вазъи саломатии онҳо;

– таҳия ва амалисозии нақшаҳо барои табобати бемориҳои ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва равонӣ бо истифода аз усулҳо, аз қабили сӯзанзанӣ, аюрведӣ, гомеопатикӣ ва гиёҳдармонӣ;

– арзёбӣ ва тасдиқи расмии ҷараёни бемории бемор тавассути нақшаҳои табобат;

– машварат ба шахсони алоҳида, оилаҳо ва гурӯҳи шахсон оид ба масъалаҳои саломатӣ, ғизо ва тарзи зиндагӣ;

– таъйин ва омода намудани чунин воситаҳои тибби анъанавӣ, аз қабили шираҳои алафӣ, растанӣ, маъданӣ ва ҳайвонот бо мақсади тақвияти имкониятҳоии организми ба худбарқароршавӣ;

– мубодилаи иттилоот оид ба беморон бо дигар мутахассисони соҳаи тандурустӣ, дар ҳолати зарурӣ барои таъмини нигоҳдории муттасил ва ҳамаҷонибаи тиббӣ;

– гузаронидани таҳқиқот дар соҳаи тибби анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ, табобат ва паҳн кардани натиҷаҳо, аз ҷумла тавассути ҳуҷҷатҳои илмӣ ва гузоришҳо.

381. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2230 | Табибони баландихтисоси ва тачрибаи тибби мардумӣ ва ғайрианъанавӣ |

### § 2. 2230. Табибони баландихтисос ва тачрибаи тибби мардумӣ ва ғайрианъанавӣ

382. Табибони баландихтисос ва тачрибаи тибби мардумӣ ва ғайрианъанавӣ ҳолати беморонро арзёби мекунад, ба пешгирӣ ва табобати бемориҳо, захмҳо, ва дигар нукси ҷисмонӣ ва рӯҳӣ машғуланд, вазъи умумии саломатии одамонро тавассути истифодаи дониш, малака ва тачрибаи дар натиҷаи амиқ омӯхтани назарияҳо, ақидаҳои соҳаи муайян ба даст омаданигоҳдорӣ менамоянд.

383. Ба ухдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– гузаронидани муоинаи тиббии беморон, мусоҳиба бо онҳо ва аъзои оилаи онҳо барои фаҳмидани вазъи саломатии беморон;

– таҳия ва татбиқи нақшаҳои табобати бемориҳои ҷисмонӣ, руҳӣ ва равонӣ бо усулҳои монанди сӯзанмонӣ, аюрведикӣ, тибби гомеопатикӣ ва гиёҳдармонӣ;

– арзёбӣ ва тасдиқи ҳуҷҷатии ҷараёни беморӣ тавассути нақшаҳои табобат;

– машварат ба шахсони алоҳида, оилаҳо ва гурӯҳҳои алоҳида оид ба масъалаҳои саломатӣ, истеъмоли хӯрок ва тарзи зиндагӣ;

– таъйин ва омода намудани чунин воситаҳои тибби анъанавӣ, ба монанди шираҳои алафӣ, растанӣ, маъданӣ ва ҳайвонот бо мақсади тақвияти қобилияти бадан барои худбарқароршавӣ;

– табодули иттилооти беморон бо дигар мутахассисони соҳаи тандурустӣ дар ҳолати зарурӣ барои нигоҳубини тиббии муттасил ва ҳамаҷониба;

– гузаронидани таҳқиқот дар соҳаи тибби анъанавӣ ва табобати иловагӣ ва паҳн кардани натиҷаҳо, аз ҷумла тавассути ҳуҷҷатҳои илмӣ ва ҳисоботҳо.

384. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– табиби гомеопатӣ;
– табиб-рефлексшинос;
– табиб- терапевти мануалӣ (дастӣ).

385. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– табиб, гиёҳдармонӣ–3230;
– табиби мардумӣ–5149.

Эзоҳ: Машгулиятҳо дар соҳаи тибби мардумӣ ва ғайрианъанавӣ, ки барои татбиқи тахассуси онҳо дарки амиқи хусусиятҳо ва соҳаҳои истифодаи тибби мардумию ғайрианъанавӣ дар натиҷаи омӯзиши амиқи ин усулҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии тиббӣ, инчунин, анатомияи инсон ва асосҳои тибби муосир зарур аст, ба гурӯҳи ибтидоии 2230 Табибони баландихтисоси тибби мардумӣ ва ғайрианъанавӣ мансубанд. Машғулиятҳое, ки фаҳмиши камтари амиқро дар асоси муҳлатҳои нисбатан кӯтоҳи таълим ё омодагии расмӣ ё ғайрирасмӣ талаб мекунанд ё фаҳмиши бо роҳи ғайрирасмӣ бадастомада тавассути омӯзиши анъанаҳо ва амалияҳои ҷомеаҳое, ки дар онҳо пайдо шудаанд, ба гурӯҳи ибтидоии 5149 Табибони тиббии мардумӣ ва шифокорон дохил мешаванд. Табибоне, ки танҳо бо гиёҳдармонӣ, табибиии руҳӣ ё усулҳои терапияи мануалӣ (дастӣ) машғуланд, аз гурӯҳи ибтидоии 2230 хориҷ карда мешаванд.

## 34. ГУРӮҲИ ХУРДИ 224.

### § 1. Табибони ёрии таъҷилии тиббӣ ва фелдшерҳо

386. Табибони ёрии таъҷилии тиббӣ ва фелдшерҳо ба одамони бемор ва маҷруҳ, ки берун аз муассисаҳои муолиҷавӣ-пешгирикунанда ҳастанд, аз ҷумла, дар ҳолати фалокатҳо ва офатҳои табии ёрии тиббӣ мерасонанд; интиқоли саривақтии беморон, аз ҷумла, сироятёфта, маҷрӯҳ ва занони ҳомиладорро, ки ба ёрии таъҷилии стасионарӣ ниёз доранд, таъмин мекунанд; ба беморон ва маҷруҳшудагон ёрии тиббӣ мерасонанд, оид ба ҳамаи ҳодисаҳои фавқулода ва ҳодисаҳои нахуш дар минтақаи хизматрасонӣ ба мақомоти идоракунандаи тандурустӣ хабар медиҳанд.

387. Табибон ва фелдшерҳои ёрии таъҷилӣ хидматҳои машваратӣ, ташхисӣ, муолиҷавӣ ва пешгирикунандаро мерасонанд, ки аз ҷиҳати ҳаҷм ва мураккабӣ нисбат ба табибони самти умумӣ маҳдудтаранд. Онҳо мустақилона ё таҳти назорати маҳдуди табибони самти умумӣ кор карда, барои муолиҷа ва пешгирии бемориҳо, ҷароҳатҳо ва дигар нукси ҷисмонӣ ё рӯҳӣ аз амалиёти мураккаби клиникӣ истифода мебаранд.

388. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– гузаронидани муоинаи тиббии беморон ва гирифтани маълумоти зарурӣ дар бораи беморӣ, заҳролудшавӣ ё захм аз бемор ё одамони гирду атроф барои фаҳмидани вазъи саломатии онҳо ва қайди маълумоти тиббӣ дар бораи бемор;

– гузаронидани амалиёти асосӣ ё стандартии тиббӣ ё ҷарроҳӣ, аз ҷумла таъйин ва гузарондани табобат, доруворӣ ва дигар тадбирҳои пешгирикунанда ё муолиҷавӣ;

– гузаронидан ё таъйин кардани таҳқиқоти ташхисӣ, ба монанди шуоъ (рентген), электрокардиограмма ва таҳлилҳои озмоишгоҳӣ;

– гузаронидани амалиёти муолиҷавӣ, ба монанди тазриқ, эмкунӣ, дӯхтани чокҳо ва коркарди захм, инчунин сироят;

– расонидани кумак ба табибон дар гузаронидани амалиёти мураккаби ҷарроҳӣ;

– назорати ҳолати беморон ва вокуниши онҳо ба табобат, инчунин муайян намудани аломатҳо ва нишонаҳое, ки ба табибони мутахассис муроҷиат карданро талаб мекунанд;

– муайян кардани зарурати истифодаи усулҳои махсуси таҳқиқот, таъхирнопазирии онҳо, ҳаҷм, мундариҷа ва пайдарпаии тадбирҳои ташхисӣ, муолиҷавӣ ва эҳёбахшӣ;

– асосноккунии ташхиси муайяншуда, нақша ва тарзи бурдани беморон, нишондодҳо барои бистарикунӣ дар беморхона;

– таъмини ҳамлу нақли мулоим бо ҳамзамон гузарондани табобати интенсивӣ дар як вақт;

– корбарии ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ-ҳисоботии муқарраршудаи тибқи талаботи қонунгузорӣ ва касбӣ.

389. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| 2240 | Табибони ёрии таъҷилии тиббӣ ва фелдшерҳо |
|---|---|

§ 2. 2240. Табибони ёрии таъчилии тиббӣ ва фелдшерҳо

390. Табибони ёрии таъҷилӣ тиббӣ ва фелдшерҳо ба одамони бемор ва маҷруҳ, ки берун аз муассисаҳои муолиҷавӣ-пешгирикунанда ҳастанд, аз ҷумла, дар ҳолати фалокатҳо ва офатҳои табии ёрии тиббӣ мерасонанд; интиқоли саривақтии беморон, аз ҷумла, сироятёфта, маҷрӯҳ ва занони ҳомиладорро, ки ба ёрии таъҷилии стасионарӣ ниёз доранд, таъмин мекунанд; ба беморон ва маҷруҳшудагон ёрии тиббӣ мерасонанд, оид ба ҳамаи ҳодисаҳои фавқулода ва ҳодисаҳои нахуш дар минтақаи хизматрасонӣ ба мақомоти идоракунандаи тандурустӣ хабар медиҳанд.

391. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– гузаронидани муоинаи тиббии беморон ва гирифтани маълумоти зарурӣ дар бораи беморӣ, заҳролудшавӣ ё захм аз бемор ё одамони гирду атроф барои фаҳмидани вазъи саломатии онҳо ва қайди маълумоти тиббӣ дар бораи бемор;

– гузаронидани амалиёти асосӣ ё стандартии тиббӣ ё ҷарроҳӣ, аз ҷумла таъйин ва гузарондани табобат, доруворӣ ва дигар тадбирҳои пешгирикунанда ё муолиҷавӣ;

– гузаронидан ё таъйин кардани таҳқиқоти ташхисӣ, ба монанди шуоъ (рентген), электрокардиограмма ва таҳлилҳои озмоишгоҳӣ;

– гузаронидани амалиёти муолиҷавӣ, ба монанди тазриқ, эмкунӣ, дӯхтани чокҳо ва коркарди захм, инчунин сироят;

– расонидани кумак ба табибон дар гузаронидани амалиёти мураккаби ҷарроҳӣ;

– назорати ҳолати беморон ва вокуниши онҳо ба табобат, инчунин муайян намудани аломатҳо ва нишонаҳое, ки ба табибони мутахассис мурочиат карданро талаб мекунанд;

– муайян кардани зарурати истифодаи усулҳои махсуси таҳқиқот, таъхирнопазирии онҳо, ҳаҷм, мундариҷа ва пайдарпаии тадбирҳои ташхисӣ, муолиҷавӣ ва эҳёбахшӣ;

– асосноккунии ташхиси муайяншуда, нақша ва тарзи бурдани беморон, нишондодҳо барои бастарикунӣ дар беморхона;

– таъмини ҳамлу нақли мулоим бо ҳамзамон гузарондани табобати интенсивӣ дар як вақт;

–корбарии ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ-ҳисоботии муқарраршудаи тибқи талаботи қонунгузорӣ ва касбӣ.

392. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– табиби ёрии таъҷилии тиббӣ;
– табиби истгоҳи (шуъбаи) ёрии таъҷилии тиббӣ;
– табиби истгоҳи (шуъбаи) ёрии таъҷилии қисмҳои наҷотдиҳии кӯҳӣ;
– фелдшер.

393. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

- табиби самти умумӣ–2211;
– табиб-ҷарроҳ–2217;
– ҳамшираи табиби самти умумӣ –3256;
– фелдшер–ронандаи мошини ёрии таъҷилии тиббӣ–3258.

Эзоҳ: Фаъолиятҳое, ки ба ин гурӯҳи ибтидоӣ дохил мешаванд, одатан маълумоти олии тиббиро талаб мекунанд. Кормандоне, ки хидматашон бо муолиҷаи таъҷилӣ ва корашон дар хадамоти ёрии таъҷилӣ маҳдуд аст, ба гурӯҳи ибтидоии 3258 Ҳайати миёнаи тиббии ёрии таъҷилии тиббӣ дохил мешаванд.

## 35. ГУРӮҲИ ХУРДИ 225.
### § 1. Байторон

394. Байторон ташхис мегузаронанд, бемориҳо, захмҳо ва нукси ҳайвонотро пешгирӣ ва табобат мекунанд. Онҳо метавонанд, ба намудҳои гуногуни ҳайвонот кӯмак кунанд ё дар табобати намуди алоҳидаи ҳайвонот ё соҳаи муайяни байторӣ мутахассис бошанд, инчунин, ба корхонаҳои тиҷоратие, ки маҳсулоти биологӣ ё дорусозӣ истеҳсол мекунанд, ёрӣ расонанд.

395. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– муайян намудани мавҷудият ва хусусияти ихтилолҳо бо ёрии муоинаи тиббӣ, таҳлилҳои озмоишгоҳӣ ва воситаҳои дидории ташхисӣ, аз ҷумла, рентгенографӣ ва муоинаҳои ултрасадоӣ;
– табобати тиббӣ ё ҷарроҳии ҳайвонот, инчунин воридкунӣ ва таъйини доруҳо, воситаҳои карахткунандаи дард ва наркозҳои умумӣ ё маҳаллӣ;
– гузаронидани амалиёт, захмбандӣ ва ҷойгиркунии устухонҳои шикаста;
– расонидани ёрии момодоягӣ ба ҳайвонот;
– иштирок дар барномаҳои ба тадбирҳои пешгирикунанда ва пешгирии паҳншавии бемориҳои ҳайвонот нигаронидашуда;
– эмкунии ҳайвонот бар зидди бемориҳои сироятӣ, гузаронидани таҳлилҳо барои ошкор кардани онҳо ва огоҳисозии мақомоти ҳокимиятӣ аз хуруҷи бемориҳои сироятӣ байни ҳайвонот;
– гузаронидани чоккунӣ барои муайян кардани сабабҳои фавт;
– машварат ба мизоҷон оид ба саломатӣ, ғизо ва хӯрондан, беҳдоштӣ, парвариш ва нигоҳубини ҳайвонот.

396. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2251 | Байторон |
| 2252 | Байтор–дорусоз |

| | |
|---|---|
| 2253 | Байтор–табиби беҳдоштӣ |

§ 2. 2251. Байторон

397. Байторон ташхис мегузаронанд, бемориҳо, захмҳо ва нуқси ҳайвонотро пешгирӣ ва табобат мекунанд. Онҳо метавонанд, ба намудҳои гуногуни ҳайвонот кӯмак кунанд ё дар табобати намуди алоҳидаи ҳайвонот ё соҳаи муайяни байторӣ мутахассис бошанд, инчунин, ба корхонаҳои тиҷоратие, ки маҳсулоти биологӣ ё дорусозӣ истеҳсол мекунанд, ёрӣ расонанд.

398. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– муайян намудани мавҷудият ва хусусияти ихтилолҳо бо ёрии муоинаи тиббӣ, таҳлилҳои озмоишгоҳӣ ва воситаҳои дидории ташхисӣ, аз ҷумла, рентгенографӣ ва муоинаҳои ултрасадоӣ;

– табобати тиббӣ ё ҷарроҳии ҳайвонот, инчунин воридкунӣ ва таъйини доруҳо, воситаҳои карахткунандаи дард ва наркозҳои умумӣ ё маҳаллӣ;

– гузаронидани амалиёт, захмбандӣ ва ҷойгиркунии устухонҳои шикаста;

– расонидани ёрии момодоягӣ ба ҳайвонот;

– иштирок дар барномаҳои ба тадбирҳои пешгирикунанда ва пешгирии паҳншавии бемориҳои ҳайвонот нигаронидашуда;

– эмкунии ҳайвонот бар зидди бемориҳои сироятӣ, гузаронидани таҳлилҳо барои ошкор кардани онҳо ва огоҳисозии мақомоти ҳокимиятӣ аз хуруҷи бемориҳои сироятӣ байни ҳайвонот;

– гузаронидани чоккунӣ барои дмуайян кардани сабабҳои фавт;

– машварат ба мизоҷон оид ба саломатӣ, ғизо ва хӯрондан, беҳдоштӣ, парвариш ва нигоҳубини ҳайвонот;

– гузаронидани эвтаназияи ҳайвонот;

399. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– табиби байторӣ-беҳдоштӣ;
– байтор;
– байтор-машваратчӣ;
– байтор–эпидмиолог;
– ҷарроҳи байторӣ.

400. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– зоолог–2131;
– фелдшери байторӣ–3240.

§ 3. 2252. Байтор–дорусоз

401. Байтор–дорусоз мутахассис оид ба саломатии чорво, дорандаи унвони докторӣ ва бозомӯзӣ, алоқаманд бо истифодабарии маҳсулоти

дорусозӣ. Байтор–дорусоз доруҳоро барои истифодабарии ҳайвонот тавсия дода, маълумотро ба мизоҷон оид ба масъалаи вояи истифодабарӣ ва бехатарии он пешниҳод менамояд. Вазифаи табиб вобаста ба хусусиятҳои машғулият худ метавонад, тағйир ёбад (яъне, новобаста аз оне, ки онҳо дар доираҳои академӣ, барои иттиҳодия, тиҷорати байторӣ ё мақомоти танзимкунанда фаъолият мекунанд).

402. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– додани доруҳое, ки аз ҷониби байторон таъйин шудааст;

– машваратдиҳӣ оид ба воямуайянкунӣ ва таъсири манфӣ;

– пешниҳоди хизматрасонии дастурӣ;

– таъмини риояи дурусти ҳамаи меъёрҳои дастурӣ;

– гузарондани барӯйхатгирӣ ва назорат аз рӯйи техникаи дорухона ё дигар кормандони хизматрасон.

403. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– байтор–дорусоз;

– байтор-машваратчӣ оид ба дорушиносӣ.

404. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– дорусоз–2262;

– байтор–дорушинос–2252;

– фелдшер–3212.

Эзоҳ: Он нафароне, ки дар шароити академӣ фаъолият менамоянд, метавонанд, дар дарсҳои таълимии донишҷӯён-байторон иштирок кунанд. Онҳое, ки дар нақшҳои танзимдорорӣ фаъолият мекунанд, дар тестиронӣ, таҳқиқот, таҳсилот ва таъмини риоя иштирок карда метавонанд.

## § 4. 2253. Байтор–табиби беҳдоштӣ

405. Байтор–табиби беҳдоштӣ ин мутахассисест, ки назорати сифат ва бехатарии махсулоти хӯрока (аз ҳайвон ва растанӣ тайёршуда) ҳангоми истеҳсоли он, нигоҳдорӣ, содирот ва воридот таъмин месозад, инчунин, барои ҳифзи беҳдоштии сарҳади минтақа, дар қаламраве, ки фаъолияти касбии худро анҷом медиҳад, ҷавобгарӣ дорад.

406. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– гузаронидани ташхиси байторӣ- беҳдоштии гӯшт ва озуқаи забҳкунӣ, ашёи хоми хӯрокаи гӯштӣ, маҳсулоти гӯштӣ ва омодакунии ҳуҷҷатҳо аз рӯйи натиҷаи ташхиси байторӣ-беҳдоштӣ, тасдиқкунандаи бехатарии гӯшт ва озуқаи забҳкунӣ, ашёи хоми хӯрокаи гӯштӣ, маҳсулоти гӯштӣ;

– гузаронидани муоинаи байторӣ–беҳдоштии гӯшт ва маҳсулоти забҳкунӣ, ашёи хоми хӯрокаи гӯштӣ, маҳсулоти гӯштӣ барои муайянсозии имконияти истифодабарии он ва гузаронидани таҳқиқоти озмоишии зарурӣ;

– гузаронидани таҳқиқоти озмоишии гӯшт ва маҳсулоти забҳкунӣ ва ашёи хоми хӯрокаи гӯштӣ, маҳсулоти гӯштӣ барои муайян намудани нишондиҳандаҳои сифат ва бехатарии онҳо;

– ташкили муҳрзании байтории гӯшт ва маҳсулоти гӯштие, ки аз ташхиси байториву беҳдоштӣ гузашта, бо муҳру тамғаи махсус зада шудааст;

– ташкили безараргарданӣ, ҷудокунӣ ва нест намудани маҳсулоти забҳӣ ва гӯштӣ, ашёи хоми гӯштӣ, маҳсулоти гӯштие, ки аз натиҷаи ташхиси байторӣ–беҳдоштӣ бесифат ва хатарнок эътироф гардидааст.

407. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сартабиби байтории беҳдоштӣ;

– коршиноси хадамоти байторӣ-беҳдоштӣ.

408. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– нозири беҳдоштӣ - 3257.

## 396. ГУРӮҲИ ХУРДИ 226.

### § 1. Мутахассисони дигар дар соҳаи тандурустӣ

409. Мутахассисони дигар дар соҳаи тандурустӣ дар соҳаи дандонпизишк, дорушиносӣ, ҳолати беҳдоштии муҳити зист ва беҳдоштӣ, ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ хизматрасонии тиббӣ-беҳдоштиро анҷом медиҳанд. Ин гурӯҳи хурд ҳама мутахассисони соҳаи тандурустӣ, ба истисноི табибон, шифодиҳандагони тибби анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ, мутахассисони касбӣ оид ба нигоҳудини тиббӣ ва момодоягӣ,дохил мешаванд.

410. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– ташхис ва табобати бемориҳо, захм ва иллатҳои ташаккули дандонҳо, ковокии даҳон, даҳон ва бофтаҳои марбут;

– нигоҳдорӣ, хобонидан, омодасозӣ, озмоиш, воякунии маводи доруворӣ ва машварат оид ба истифодаи дурусти онҳо ва таъсири манфӣ;

– таҳияи барномаҳо барои пешгирӣ ва мубориза бо паҳншавии бемориҳо таъйиншуда;

– фиристодани мизоҷон ё машварат бо дигар мутахассисони соҳаи тандурустӣ дар ҳолати зарурӣ;

411. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2261 | Табибон дар соҳаи дандонпизишкӣ |
| 2262 | Мутахассисон дар соҳаи фаъолияти дорусозӣӣ ва муомилоти доруворӣ, маҳсулоти таъйиноти тиббӣ ва техникаи тиббӣ |
| 2263 | Мутахассисон дар соҳаи ҷанбаҳои тиббии ҳифзи меҳнат ва муҳити зист |
| 2264 | Мутахассисон дар соҳаи муолиҷаи ҷисмонӣ (физиотерапия) |

| | |
|---|---|
| 2265 | Диетологҳо ва мутахассисон оид ба ғизои оқилона |
| 2266 | Аудиологҳо ва мутахассисони рушд ва барқарорсозии нутқ |
| 2267 | Офталмолог– оптикҳо ва оптометристҳо (ба истиснои табибон–офтомолог) |
| 2268 | Мутахассисон оид ба эрготерапия |
| 2269 | Мутахассисон дар соҳаи тандурустии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

## § 2. 2261. Табибон дар соҳаи дандонпизишкӣ

412. Табибон бемориҳо, захм ва нуқсонҳои дандон, ковокии даҳон, ҷоғ ва бофтаҳои алоқамандро бо истифода аз принсип ва амалиёти дандонпизишкии муосир ташхис, табобат ва пешгирӣ мекунанд. Онҳо усулҳои гуногуни махсуси ташхисӣ, ҷарроҳӣ ва ғайраро барои шифо додани ковокии даҳон ва барқарор намудани ҳолати солимии он истифода мебаранд.

413. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– ташхиси бемориҳо, захм, шаклтағйирдиҳии дандонҳо ва узвҳои дахлдори ковокии даҳон ва ҷоғ бо ёрии усулҳо, монанди рентгенография, муоинаи оби даҳон ва таърихи беморӣ;

– расонидани ёрии профилактикии дандон, аз ҷумла, табобати пародонт, фтор ва сиҳатгардонии даҳон;

– ворид намудани доруҳои дардкарахткунанда барои сабук кардани ҳиссиёти дард ҳангоми муолиҷа;

– таъйини доруворӣ барои сабук кардани ҳиссиёти бардавоми дард баъд аз муолиҷа;

– расонидани ёрии барқароркунандаи дандонпизишкӣ, аз ҷумла, имплантҳо, ғилофаки дандон ва протезҳои пулшакли дандон;

– амалӣ намудани табобати ҷарроҳӣ, аз ҷумла кандани дандон ва биопсияи бофтаҳо, инчунин табобати ортодонтӣ;

– андозагирӣ ва тайёр кардани қолаби ҷоғ ва дандонҳои беморон барои муайян кардани шакл ва андозаи протезҳои дандон;

– тарроҳӣ, истеҳсол ва насб кардани абзорҳои протезӣ, ба монанди қайдгири мавқеъ, протезҳои пулшакли дандон, дандонҳои сунъӣ ё омода кардани дастурамали истеҳсолӣ ё дастурхатҳои барои техник-протезсозон;

– таҳия, истеҳсол ва танзими чунин асбобҳои сунъӣ, ба монанди қайдгирҳои мавқеъ

– барқарорсозии функсияи даҳон бо ёрии имплантҳои ҷудошаванда ё доимӣ;

– мусоидат дар ташхиси чунин бемориҳои бонизом, ки нишонаҳои онҳо дар ковокии даҳон зоҳир мешаванд, масалан, диабети қанд;

– таълим додани беморон ва оилаҳои онҳо оид ба беҳдоштии дандонҳо, ғизо ва дигар тадбирҳои нигоҳубини даҳон;

– идоракунии кормандони дандонпизишкон-беҳдоштчиҳо, фелдшерон - дандонпизишкон ва дигар кормандон.

414. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– табиб-дандонпизишк (барои калонсолон);

– табиб-дандонпизишк (барои кӯдакон).

Эзоҳ: Машғулиятҳое, ки ба ин гурӯҳ дохил мешаванд, одатан таҳсилоти олиро дар соҳаи дандопизишкии назариявӣ ва амалиявӣ ё соҳаҳои ҳаммонанд талаб мекунанд.

## § 3. 2262. Мутахассисон дар соҳаи фаъолияти дорусозӣ ва муомилоти доруворӣ, маҳсулоти таъйиноти тиббӣ ва техникаи тиббӣ

415. Мутахассисон дар соҳаи фаъолияти дорусозӣ ва муомилоти доруворӣ, маҳсулоти таъйиноти тиббӣ ва техникаи тиббӣ, нинигоҳдорӣ, муҳофизат, омодакунӣ ва воякунонии доруҳо, машвардиҳӣ оид ба истифодаи дурусти онҳо, зуҳуроти манфӣ, истеъмоли дору тибқи дорухати табиб ва дигар мутахассисони касбии соҳаи тандурустӣ тавсияшударо амалӣ мекунанд. Онҳо, барои беҳтар кардани саломатии инсон дар таҳқиқот, озмоиш, омодакунӣ, таъйинот ва назорати дорудармониҳо кумак мекунанд.

416. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– аз табибон ва дигар мутахассисони касбии соҳаи тиб гирифтани дорухат, таърихи беморӣ ва таъмини воякунӣ дуруст ва намуди воридкунӣ, инчунин мутобиқатии доруворихо пеш аз воякунӣ;

– тайёркунӣ ё назорати тайёркунӣ ва тамғагузории доруворихои моеъ, марҳамҳо, хокаҳо, хаб ва дигар доруҳо тибқи дорухат;

– маълумоту машваратдиҳии табибон ва мизоҷон оид ба масоили алоқамандии доруҳо, номутобиқатӣ ва мамнуӣ, таъсири зарарнокӣ, воякунӣ ва нигоҳдории муносиби маҳсулоти доруворӣ;

– ҳамкорӣ бо дигар мутахассисон дар соҳаи тандурустӣ бо мақсади банақшагирӣ, назорат, тафсир ва арзёбии сифат ва самаранокии табобати дорудармонии беморони алоҳида, инчунин самаранокии баъзе доруҳо ё муолиҷа;

– бурдани журналҳои қайди дорухатҳо ва қайди доруҳои мухаддирӣ, заҳрнок ва одаткунӣ ба дору мутобиқ ба талаботи қонунгузорӣ ва касбӣ;

– нигоҳдорӣ ва ҳифзи ваксинаҳо, хуноба ва дигар доруҳое, ки бадшавии хусусият доранд;

– машварат додан ба беморон ва таъмини онҳо бо доруҳои бедорухат ва воситаҳои ташхисӣ ва муолиҷавӣ барои табобати бемориҳои маъмул;

– назорат ва ҳамоҳангсозии кори мутахассисон-техникҳо дар соҳаи дорушиносӣ, коромуз–дорушиносон ва фурӯшандагони дорухонаҳо;

– гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ бо мақсади таҳия ва такмил додани маҳсулоти дорусозӣ, косметикӣ ва кимиёвии марбута;

– машварат бо кимиёшиносон, мутахассисони касбии техникӣ ва дигар мутахассисон оид ба технологияҳои истеҳсолот ва ҷузъҳо;

– озмоиш ва таҳлили маҳсулоти доруворӣ барои муайян кардани мутобиқатӣ, тозагӣ ва самаранокии онҳо тибқи стандартҳои пешбинишуда;

– арзёбии тамғагузорӣ, бастабандӣ ва таблиғи доруҳо;

– омодасозии иттилоот ва муайян кардани хатарҳои марбут ба доруҳои муайян.

417. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дорусози дармонгоҳӣ;

– дорусоз– технолог;

– дорусози таснифоти умумии дорусозӣ.

418. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– дорушинос–2131;

– дорусоз (тахассуси миёна)–3213.

### § 4. 2263. Мутахассисон дар соҳаи ҷанбаҳои тиббии ҳифзи меҳнат ва муҳити зист

419. Мутахассисон дар соҳаи ҷанбаҳои тиббии ҳифзи меҳнат ва муҳити зист барномаҳоро барои муайян кардан, назорат намудани омилҳои муҳити зист, ки метавонанд ба саломатии инсон таъсир расонанд, таъмини шароити бехатар ва солими корҳо, пешгирии бемориҳо ё захмҳое, ки аз воситаҳои кимиёвӣ, физикӣ, нурафконӣ (радиатсионӣ) ва биологӣ ё омилҳои эргономӣ ба вуҷуд меоянд, арзёбӣ, банақшагирӣ менамоянд ва дар дар амал татбиқ мегардонанд.

420. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– таҳия, татбиқ ва бознигарии барномаҳо ва чорабиниҳои ба кам кардани хатарҳои эҳтимолии экологӣ, касбӣ барои саломатӣ ва бехатарӣ нигаронидашуда;

– таҳия ва татбиқи нақшаҳо ва стратегияҳо оид ба безарар, самаранок ва коркарди қулайи партовҳои тиҷоратӣ, саноатӣ, тиббӣ ва маишӣ;

– татбиқи барномаҳо ва стратегияҳо оид ба бемориҳои сироятӣ, амнияти озуқаворӣ, тозакунии обпартоҳо ва системаи коркарди партовҳо, сифати оби фароғатӣ ва маишӣ, моддаҳои ифлос ва хатарнок;

– муайян намудан, огоҳ кардан ва ба қайд гирифтани омилҳои хатарнок, инчунин арзёбӣ ва назорати хатарҳои марбут ба муҳити зист ва дар ҷойи кор, машварат оид ба риояи қонунҳо ва қоидаҳои амалкунанда;

– таҳия, татбиқ ва мониторинги барномаҳои ба кам кардани ифлосшавии ҷойҳои корӣ ва муҳити зист бо омилҳои хатарноки кимиёвӣ, физикӣ ва биология нигаронидашуда;

– машварат оид ба усулҳои пешгирӣ, рафъ, назорат ё кам кардани таъсири нурафконӣ (радиатсионӣ) ва дигар омилҳои хатарнок ба коргарон, донишҷӯён, аҳолӣ ва муҳити зист;

– татбиқи усулҳои эргономикӣ дар ҷойи кор, аз ҷумла, интихоби ҷиҳоз, таҷҳизот ва фаъолияти корӣ мувофиқи эҳтиёҷоти коргарон;

– таълим, иттилоот, омодакунӣ ва машварати шахсони гуногун оид ба беҳдоштии меҳнат ва ҳолати беҳдоштии муҳити зист;

– ба қайд гирифтан ва тафтиш кардани ҳодисаҳои нохушҳо ва ҳодисаҳои вайроншавии таҷҳизот, инчунин, тартиб додани ҳисобот оид ба корҳои таъмини бехатарӣ;

– ҳамоҳангсозии чораҳо оид ба ҷуброн, тавонбахшӣ ва ба кор баргардонидани коргарони маҷрӯҳ;

421. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– табиби беҳдоштии меҳнат;

– табиби беҳдоштии нурафконӣ (радиатсионӣ);

– табиб оид ба таҳқиқоти озмоишгоҳии беҳдоштӣ- беҳдоштӣ.

422. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– мутахассис оид ба ҳифзи муҳити зист–2133;

– табиб-мутахассис–2212;

– табиби ёрии тиббии паллиативӣ–2221;

– табиб оид ба варзиши муолиҷавӣ–2269;

- ёрдамчии табиб оид ба беҳдоштии кӯдакону наврасон–3256;

– нозири соҳаи омилҳои тиббии ҳифзи меҳнат–3257;

– нозири бехатарии меҳнат–32574

– нозири беҳдоштӣ–3257.

Эзоҳ: Мутахассисони сатҳи олии тахассусӣ, ки барномаҳои марбут ба мониторинг ё назорати фаъолияти инсон ва таъсири онҳо ба муҳити зистро арзёбӣ, банақшагирӣ ва амалӣ мекунанд, дар гурӯҳи ибтидоии 2133 Мутахассисон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист тасниф карда мешаванд.

### § 5. 2264. Мутахассис дар соҳаи муолиҷаи ҷисмонӣ (физиотерапия)

423. Мутахассис дар соҳаи муолиҷаи ҷисмонӣ барномаҳои эҳёбахширо ки барои беҳтар ё барқарор кардани функсияҳои ҳаракаткунандаи одам, беҳтар намудани мутаҳаррикӣ, рафъи аломотҳои дард ва табобат ё пешгирии мушкилоти ҷисмонии марбут ба ҷарроҳатҳо, бемориҳо ва дигар нуксҳо пешбинӣ шудаанд, арзёбӣ, банақшагирӣ ва дар амалӣ татбиқ месозанд,. Онҳо намудҳои гуногуни офиятбахшӣ ва усулҳои ба монанди ҳаракат, ултрасадо, гармкунӣ, лазер ва ғайраро истифода мебаранд.

424. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– санҷиши имкониятҳои функсионалии мушакҳо, асаб ва буғумҳо, инчунин, дигар тестҳо барои муайян ва арзёбии нукси ҷисмонӣ дар беморон;

– муқаррар намудани ҳадафҳо барои табобати беморон ва таҳияи барномаҳои муолиҷавӣ барои коҳиш додани дарди ҷисмонӣ, мустаҳкам кардани мушакҳо, беҳтар кардани функсияҳои кардиоторакалӣ (кундаи сина) дилу раг ва нафаскашӣ, барқарор кардани ҳаракати банду буғум, беҳтар намудани тавозун ва ҳамоҳангсозии ҳаракат;

– таҳия, татбиқ ва мониторинги барномаҳо ва реҷаҳои муолиҷа бо истифода аз хосиятҳои табобатии машқҳои ҷисмонӣ, гармӣ, хунукӣ, масҳ, ҳаракат (коркунӣ), муолиҷаҳои обӣ ва барқӣ, нурҳои ултрабунафш ва инфрасурх ва ултрасадо дар табобати беморон;

– машварат додани беморон ва аъзои оилаи онҳо вобаста ба амалиёти дар шароити ғайри дармонгоҳӣ гузаронидашаванда;

– сабти маълумот дар бораи ҳолати саломатии бемор ва вокуниш ба табобат дар низомҳои сабти иттилооти тиббӣ ва табодули иттилоот бо дигар мутахассисони касбии соҳаи тиб дар ҳолати зарурӣ барои таъмини нигоҳубини доимӣ ва ҳамаҷониба;

– таҳия ва татбиқи барномаҳои таснифот ва пешгирии бетобӣ ва нуксҳои маъмулии ҷисмонӣ;

– назорати кори ёрдамчиёни табибони ҷисмонӣ ва дигар коргарон.;

425. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– табиби муолиҷаи мануалӣ (дастӣ);

– табиби муолиҷаи ҷисмонӣ.

426. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

- табиб оид ба машқҳои табобатии ҷисмонӣ –2269;

– ҳамшира оид ба масҳ–3255;

– фелдшер– физиотерапевт –3255.

## § 6. 2265. Диетологҳо ва мутахассисон оид ба ғизои оқилона

427. Диетологҳо ва мутахассисон оид ба ғизои оқилона барномаҳои таъсири маҳсулот ва ғизо ба саломатии инсонро арзёбӣ, нақшагирӣ ва татбиқ мекунанд.

428. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– машварат ба шахсони алоҳида, оила ва гурӯҳи одамон оид ба хӯрок, тартибдиҳии парҳез ва тайёркунии хӯрок барои гирифтани бештарин фоида ва коҳиш додани хатарҳои эҳтимолӣ ба саломатӣ;

– тартиб додани парҳез ва таомнома, назорати тайёр кардан ва пешниҳоди таом, мониторинги истеъмол ва сифати маводи хӯрока барои риояи талаботи парҳезӣ дар корхонаҳои пешниҳодкунандаи хӯрок;

– ҷамъоварӣ ва арзёбии маълумот дар бораи саломатӣ ва вазъи хӯрокхӯрии шахсони алоҳида, гурӯҳи одамон ва аҳолӣ дар асоси арзиши ғизоии хӯроки пешкашшуда ё истеъмолшуда;

– банақшагирӣ ва гузаронидани барномаҳои арзёбӣ ва ислоҳӣ, инчунин чорабиниҳои равшаннамоӣ ва омӯзишӣ барои беҳтар намудани хӯроки шахсони алоҳида ва аҳолӣ;

– машварат бо дигар мутахассисони касбии соҳаи тандурустӣ ва кормандони тиб барои қонеъ кардани ниёзҳои парҳезӣ ва ғизоии беморон;

– таҳияи маводи хӯрока ва арзёбии мутобиқат ба талаботи ғизонокӣ;

– гузаронидани таҳқиқот дар соҳаи хӯрок ва паҳн намудани натиҷаҳо дар конфронсҳои илмӣ ва дигар воситаҳо;

429. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– табиби бехдошти ғизо;

– табиб-диетолог.

## § 7. 2266. Аудиологҳо ва мутахассисони рушд ва барқарорсозии нутқ

430. Аудиологҳо ва мутахассисони ташаккул ва барқарорсозии нутқ ба ташхис ва муолиҷаи нуқсҳои ҷисмонии ба шунавоӣ, нутқ, муошират ё фурӯбарии одам таъсиррасонанда машғуланд. Онҳо истифодаи лавозимоти ислоҳкунанда ё табобати барқароркуниро барои ношунавоӣ, нукси нутқ ва иллатҳои пайвастаи ҳиссиётӣ ва асаб таъйин мекунанд, инчунин, оид ба бехатарии узвҳои шунавоӣ ва нишондиҳандаҳои муошират машварат медиҳанд.

431. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– арзёбии нишондихандаҳои шунавоӣ, нутқ ва суханронии беморон барои муайян кардани хусусияти нукси шунавоӣ ва муошират;

– гузаронидани озмоишҳои узвҳои шунавоӣ ё нутқ ва дигар озмоишҳо бо истифода аз асбобу таҷҳизоти махсуси ташхисӣ, инчунин таҳлили натиҷаҳои озмоиш дар баробари дигар нишондиҳандаҳои ташхиси тиббӣ, иҷтимоӣ ва рафторӣ барои муайян кардани даврҳои табобати мувофиқ;

– банақшагирӣ, роҳбарӣ ва иштирок дар барномаҳои машваратӣ, интихобӣ, барномаҳои барқарорсозии нутқ ва дигар барномаҳои марбут ба шунавоӣ ва муошират;

– таъйин намудани асбобҳои шунавонӣ ва дигар протезҳо мувофиқи талаботи беморон, инчунин машварат ба беморон дар масоили истифодабарии онҳо;

– банақшагирӣ ва татбиқи барномаҳои табобати нуксҳои ҷисмонии ба нутқ ва садопарда таъсиррасонанда;

– машварат ва таълим барои шахсони дорои нуқсҳои шунавоӣ ва ё нутқ, аъзои оилаи онҳо, омӯзгорон ва корфармоён;

– равон кардани беморон ва аъзои оилаи онҳо барои гирифтани ёрии иловагии тиббӣ ё хизматрасонии таълимӣ дар ҳолатҳои зарури.

432. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

-табиби оториноларинголог;
-табиб-протезчӣ (сунъимон).

## § 8. 2267. Офталмолог–оптикҳо ва оптометристҳо (ба истиснои табибон– офталмологон)

433. Офталмолог–оптикҳо ва оптометристҳо (ба истиснои табибон–офталмологон) ба ташхис, тобеият ва муолиҷаи нуқсҳои чашм ва системаи босира машғуланд. Онҳо дар масоили нигоҳубини чашмон машварат дода, истифодаи лавозимоти оптикӣ ё дигар намуди табобатро ҳангоми нуқсҳои чашм таъйин мекунанд.

434. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– муоинаи узвҳои чашми беморон ва гузаронидани озмоишҳои ташхиси барои арзёбии биниш ва аниқ кардани хусусият ва дараҷаи мушкилиҳои бинои ва нуқсҳо;

– санҷиши функсияи биноӣ бо истифода аз асбобҳо ва таҷҳизоти махсус барои чен кардан

– и бурроии чашм ва нодурустии рефраксия, коршоямии роҳҳои биниш, доираи биниш, ҳаракати чашм, набудани монеа ба биниш ва фишори дохиличашмӣ;

– ошкор, ташхис ва табобати бемориҳои чашм, аз ҷумла, таъйини дорудармонӣ;

– машварат додан ва фиристодани беморон ба табибони чашм (офтомологон) ва дигар мутахассисони касбии соҳаи тиб, агар зарурати ёрии иловагии тиббӣ бошад;

– ошкор ва ташхиси нуксҳои марбут ба ҳаракати чашм, биниши ҷуфтӣ (бинокулярӣ), инчунин, банақшагирӣ ва бурдани барномаҳои табобат, аз ҷумла, машварат ба беморон оид ба машқҳои чашм бо мақсади ҳамоҳангсозии ҳаракатҳо ва тамаркузи биниш;

– таъйини айнакҳоиислоҳкунанда, линзаҳои контактӣ ва дигар лавозимот, инчунин, санҷиши нишондиҳандаҳо, бехатарӣ, роҳатнокӣ ва короямии асбобҳои оптикӣ барои истифода;

– машварат оид ба масъалаҳои марбут ба биниш, аз қабили нигоҳубини линзаҳои контактӣ, нигоҳдории биниши пиронсолон, оптика, эргономикаи биниш ва инчунин, қоидаҳои техникаи бехатарӣ нисбати биниш.

435. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– оптометрчӣ;
– офталмолог–оптикҳо.

436. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– табиб-офталмолог–2214;
– оптик–оптометрчии тиббӣ–3254.

## § 9. 2269. Мутахассисон дар соҳаи

тандурустии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

437. Ба ин гурӯҳи ибтидоӣ мутахассисони касбии соҳаи тандурустӣ дохил мешаванд, ки ба гурӯҳҳои дигари зергурӯҳи 22 Мутахассисон дар соҳаи тандурустӣ шомил нестанд. Масалан, онҳо дар хадамоти беҳбудсозию эпидемиологӣ кор мекунанд, барномаҳои барои пешгирӣ ва мубориза бо паҳншавии бемориҳо таъйиншударо таҳия мекунанд

438. Дар ин ҳолат ба уҳдадории онҳо дохил мешаванд:

– оид ба таваллуд, фавт ва бемориҳои воҷиби бақайдгирӣ огоҳонидани мақомоти давлатӣ тибқи талаботи қонунгузорӣ ва касбӣ

– татбиқи барномаҳо ва стратегияҳо нисбати бемориҳои сироятӣ, бехатарии маводи хӯрока тозакунии обпарто ва системаи коркарди партовҳо, сифати оби рекреатсионӣ (фароғатӣ) ва маишӣ, моддаҳои ифлосшуда ва хатарнок;

– ошкор, огоҳкунӣ ва бақайдгирии омилҳои хатарнок, инчунин арзёбӣ ва назорати хатарҳои марбут ба муҳити зист ва ҷойи кор, машварат дар масоили риояи қонун ва санадҳои меъёрии қобили истифода.

439. Намунаҳои машғулиятҳои ки ба гурӯҳи ибтидоӣ мансуб ҳастанд:

- табибони тандурустии ҷамъиятӣ;
- табиби беҳдоштии радиатсионӣ;
- табиб–бактериолог;
- ходими илмӣ (дар соҳаи тиб);
- мутахассиси хадамоти беҳдоштӣ- эпидемиологӣ–биолог.

## 37. ЗЕРГУРӮҲИ 23. МУТАХАССИСОН ДАР СОҲАИ МАОРИФ

440. Мутахассисон дар соҳаи маориф назария ва амалия дар як ё якчанд фанҳо дар сатҳҳои гуногуни таҳсилот таълим медиҳанд, таҳқиқот мегузаронанд, консепсияҳо, назарияҳо ва усулҳоро марбут ба мавзӯи онҳо беҳсозӣ ё такмил медиҳанд, маводи таълимӣ ва китобҳои дарсӣ омода месозанд. Сатҳи салоҳияти аксар машғулиятҳои ба ин зергурӯҳ дохилшаванда ба сатҳи чоруми тахассусӣ мувофиқат мекунад.

441. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур одатан иборатанд:

- гузаронидани машғулиятҳо, курсҳо ва роҳнамоӣ дар ягон сатҳи таҳсилот барои мақсадҳои таълимӣ ё касбӣ, аз ҷумла, дарсҳои хусусӣ;
- татбиқи барномаҳои омиӯзиши саводнокӣ ба калонсолон;
-таълим ва омӯзиши одамони дорои мушкилоти омӯзиш ё шахсони дорои эҳтиёҷоти махсус;
- таҳия ва тағйир додани нақшаҳои таълимӣ;
- тафтиш ва машварат оид ба усулҳои таълим ва воситаҳои таълим;
- иштирок дар қабули қарорҳои марбут ба ташкили таълим ва фаъолияти муносиб дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва донишгоҳҳо;

- гузаронидани таҳқиқоти илмӣ оид ба фанҳои дахлдор бо мақсади такмил ва рушди консепсияҳо, назарияҳо ё усулҳои татбиқ дар соҳаи саноат ва дигар соҳаҳо;

- омода намудани китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ;

- гузаронидани омӯзиш ва аттестатсияи кормандон, аз ҷумла, дар ҷойи кор бо мақсади бозомӯзӣ ё такмили ихтисос дар доираи тахассуси худ. Ба уҳдадориҳо метавонанд, роҳбарии дигар кармандон, низ ворид гардад.

442. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 231 | Ҳайати профессорӣ–омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олӣ |
| 232 | Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва литсейҳои техникӣ |
| 233 | Кормандони омӯзгории муассисаҳои таҳилоти умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ (литсейҳо) |
| 234 | Кормандони омӯзгории муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва томактабӣ |
| 235 | Мутахассисони дигари соҳаи маориф |

## 38. ГУРӮҲИ ХУРДИ 231.

### § 1. Ҳайати профессорӣ–омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олӣ

443. Ҳайати профессорӣ–омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар доираи курси омӯзишии муқарраршуда дар донишгоҳ ё дигар ташкилоти таҳсилоти олӣ лексияҳоро омода намуда, мехонанд ва аз рӯйи як ё якчанд фан машғулият мегузаронанд. Онҳо корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ бурда, китобҳои дарсӣ ва маводи таълимиро омода месозанд.

444. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– таҳия ва тағйир додани нақшаҳои таълимӣ ва омода кардани курсҳои омӯзишӣ мувофиқи талабот;

– омодакунӣ ва гузаронидани лексияҳо ва гузаронидани машғулиятҳо, семинарҳо ва таҷрибаҳои озмоишгоҳӣ;

– водоркунии донишҷӯён ба баҳсу мунозираҳо, мулоҳизаҳои мустақилона;

– мушоҳидаи корҳои таҷрибавӣ ва амалии донишҷӯён;

– гузаронидан, тафтиш ва арзёбии корҳои санҷишӣ ва имтиҳонот;

– роҳбарии таҳқиқоти илмии аспирантҳо ё дигар довталабон;

– гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ва рушди консепсияҳо, назарияҳо ва усулҳои татбиқ дар соҳаи саноат ва дигар соҳаҳо;

– омода намудани нашрияҳои таълимӣ, дастурҳо ва мақолаҳо;

– иштирок дар маҷлисҳои кафедра ва факултет, инчунин, дар конфронсу семинарҳо.

445. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2311 | Ҳайати профессорӣ–омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар соҳаи гуманитарӣ, аз ҷумла, фанҳои забоншиносӣ, ҳуқуқ, санъат |
| 2312 | Ҳайати профессорӣ–омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва соҳибкорӣ (тиҷорат) |
| 2313 | Ҳайати профессорӣ–омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва омор |
| 2314 | Ҳайати профессорӣ–омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар соҳаи илмҳои техникӣ ва технологияҳо |
| 2315 | Ҳайати профессорӣ–омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар соҳаи меъморӣ ва сохтмон |
| 2316 | Ҳайати профессорӣ–омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар соҳаи илмҳои кишоварзӣ |
| 2317 | Ҳайати профессорӣ–омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар соҳаи хизматрасонӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ (тиб) |
| 2318 | Ҳайати профессорӣ–омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар соҳаи фаолияти ҳарбӣ ва амният |
| 2319 | Ҳайати профессорӣ–омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии ба гурӯҳҳои дигар шомил нагардида |

### § 2. 2311– 2319. Ҳайати профессорӣ–омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олӣ

446. Тавсифи гурӯҳҳои ибтидоии 2311–2319 Ҳайати профессорӣ-омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз он сабаб муттаҳид карда шудаанд, ки хусусияти кор ва вазифаҳои иҷрошавандаи онҳо, новобаста аз фанҳои таълимдодашавандаи ба гурӯҳҳои дигар шомилшаванда, асосан якхела мебошанд. Хусусияти фаъолияти касбӣ дар соҳаи маориф, илмҳои гуманитарӣ ҳуқуқ, санъат, илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва тиҷорат, табиатшиносӣ, риёзиёт, омор, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, илмҳои техникӣ ва технологияҳо, кишоварзӣ, байторӣ, тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоӣ (тиб), хизматрасонӣ, ҳарбӣ ва амният ва дигар соҳаҳо хусусияти монандӣ доранд ва аз ҷиҳати вазифаҳои худ якхела мебошанд. Ҳайати профессорӣ–омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар доираи курси омӯзишии муқарраршуда дар донишгоҳ ё дигар ташкилоти таҳсилоти олӣ лексияҳоро омода намуда, мехонанд ва аз рӯйи як ё якчанд фан машғулият мегузаронанд.

447. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– таҳия ва тағйир додани нақшаҳои таълимӣ ва омода кардани курсҳои омӯзишӣ мувофиқи талабот;

– омодакунӣ ва гузаронидани лексияҳо ва гузаронидани машғулиятҳо, семинарҳо ва таҷрибаҳои озмоишгоҳӣ;

– водоркунии донишҷӯён ба баҳсу мунозираҳо, мулоҳизаҳои мустақилона;

– мушоҳидаи корҳои таҷрибавӣ ва амалии донишҷӯён;

– омодакунии ҳисобот ва пешбурди ҳуҷҷатҳо, мисли табели муваффақиятҳои студентон, табели иштирок ва тавсифномаи раванди таълим;

– гузаронидан, тафтиш ва арзёбии корҳои санҷишӣ ва имтиҳонот;

– роҳбарии таҳқиқоти илмии аспирантҳо ё дигар довталабон;

– гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ва рушди консепсияҳо, назарияҳо ва усулҳои татбиқ дар соҳаи саноат ва дигар соҳаҳо;

– омода намудани нашрияҳои таълимӣ, дастурҳо ва мақолаҳо;

– иштирок дар маҷлисҳои кафедра ва факултет, инчунин, дар конфронсу семинарҳо.

448. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– омӯзгор, дотсент, профессори кафедраи табиатшиносӣ, МТО;

– омӯзгор, дотсент, профессори системаҳои иттилоотӣ, МТО;

– омӯзгор, дотсент, профессори кафедраи таърих, МТО;

– омӯзгор, дотсент, профессори кафедраи менеҷмент, МТО.

– омӯзгор, дотсент, профессори кафедраи кимиё, МТО.

449. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– ректор (проректор)–1120;

– декани факултет–1345;

– кормандони муҳандисӣ-омӯзгории коллеҷҳо, литсейҳо ва дигар муассисаҳои таълимии соҳаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ –2324.

## 39. ГУРӮҲҲОИ ХУРДИ 232.

### § 1. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва литсейҳои техникӣ

450. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва литсейҳои техникӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таълими фанҳои махсус-ро омода мекунанд ва амалӣ мегардонанд. Инчунин, онҳо дар коллеҷҳо ва дигар ташкилотҳои таҳсилоти техникӣ ва касбӣ омӯзиши назариявӣ ва таълими истеҳсолиро аз фанҳои касбӣ ё махсус омода мекунанд ва мегузаронанд.

451. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– таҳияи барномаи таълимӣ ва банақшагирии мундариҷаи курс ва усулҳои таълим;

– муайян кардани ниёзҳои омӯзишии донишҷӯён ва иртибот бо шахсони алоҳида, соҳаҳои истеҳсолот ва дигар бахшҳои маориф барои таъмини сатҳи муносиби таълим ва барномаҳои таълимӣ;

– хондани лексияҳо ва гузаронидани семинарҳо барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои донишҷӯён;

– таълим додани донишҷӯён бо истифода аз асбобҳо, таҷҳизот ва мавод ва назорати дурустӣ ва бехатарии истифодаи онҳо, инчунин, пешгирии ҷароҳат ва осеб;

– мушоҳидаи кори донишҷӯён ва арзёбии он барои муайян кардани сатҳи омодагии донишҷӯён, амалӣ кардани робитаи мутақобила ва пешниҳодот барои баланд бардоштани сатҳи тайёрии онҳо;

– гузаронидани озмоишҳои шифоҳӣ, хаттӣ ё истеҳсолӣ барои муайян кардани сатҳи дониш, арзёбии самаранокии омӯзиш ва сатҳи умумии тахассус;

– омодакунии ҳисобот ва пешбурди ҳуҷҷатҳо, мисли табели муваффақиятҳои донишҷӯён, табели иштирок ва тавсифномаи раванди таълим;

– назорати лоиҳаҳои инфиродӣ ё гурӯҳӣ, таҷрибагирӣ дар ҷойи корӣ, корҳои озмоишгоҳӣ ё дигар шаклҳои омӯзиш;

– таъмин намудани омодагии инфиродӣ, роҳнамоӣ ё курсҳои ислоҳӣ;

– гузаронидани курсҳои омӯзишӣ бе тарки истеҳсолотӣ барои таълим ва намоиши тартиб, усулҳо, амалиёт ё усулҳои омӯзиши фанҳои алоҳида.

452. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2321 | Кормандони муҳандисӣ–омӯзгории коллеҷҳо, литсейҳои техникӣ ва дигар муассисаҳои таълимии соҳаи гуманитарӣ, аз ҷумла, фанҳои забоншиносӣ, ҳуқуқ, санъат |
| 2322 | Кормандони муҳандисӣ–омӯзгории коллеҷҳо, литсейҳои техникӣ ва дигар муассисаҳои таълимии соҳаи фанҳои иҷтимоӣ, иқтисодиёт ва соҳибкорӣ (тиҷорат) |
| 2323 | Кормандони муҳандисӣ–омӯзгории коллеҷҳо, литсейҳои техникӣ ва дигар муассисаҳои таълимии соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва омор |
| 2324 | Кормандони муҳандисӣ–омӯзгории коллеҷҳо, литсейҳои техникӣ ва дигар муассисаҳои таълимии соҳаи илмҳои техникӣ ва технология |
| 2325 | Кормандони муҳандисӣ–омӯзгории коллеҷҳо, литсейҳои техникӣ ва дигар муассисаҳои таълимии соҳаи меъморӣ ва сохтмон |
| 2326 | Кормандони муҳандисӣ–омӯзгории коллеҷҳо, литсейҳои техникӣ ва дигар муассисаҳои таълимии соҳаи кишоварзӣ, экология ва ҳифзи муҳити зист |
| 2327 | Кормандони муҳандисӣ–омӯзгории коллеҷҳо, литсейҳои техникӣ ва дигар муассисаҳои таълимии соҳаи хизматрасонӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ (тиб) |
| 2328 | Кормандони муҳандисӣ–омӯзгории коллеҷҳо, литсейҳои техникӣ ва дигар муассисаҳои таълимии соҳаи фаъолияти ҳарбӣ ва |

| | |
|---|---|
| | бехатарӣ |
| 2329 | Кормандони муҳандисӣ–омӯзгории коллеҷҳо, литсейҳои техникӣ ва дигар муассисаҳои таълимии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

## § 2. 2321–2329. Кормандони муҳандисӣ–омӯзгории коллеҷҳо, литсейҳои техникӣ ва дигар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ

453. Тавсифи гурӯҳҳои ибтидоӣ 2321–2329 Кормандони муҳандисӣ–омӯзгории коллеҷҳо, литсейҳои техникӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ аз он сабаб муттаҳид шудаанд, ки хусусияти кор ва вазифаҳои иҷрошавандаи онҳо, асосан якхела мебошанд, новобаста аз фанҳои таълимдодашавандаи ба гурӯҳҳои дигар шомилшуда дар соҳаи маориф, илмҳои гуманитарӣ ҳуқуқ, санъат, илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва тиҷорат, табиатшиносӣ, риёзиёт, омор, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, илмҳои техникӣ ва технологияҳо, кишоварзӣ, байторӣ, тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоӣ (тиб), хизматрасонӣ, ҳарбӣ ва амният ва дигар соҳаҳо. Коркунони муҳандисию педагогии коллеҷҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ дар коллеҷҳо, литсейҳо ва дигар ташкилотҳои таҳсилоти касбӣ– техникӣ аз рӯйи фанҳои касбӣ ё махсус машгулиятҳои назариявӣ ва таълими истеҳсолӣ мегузаронанд.

454. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– таҳияи барномаи таълимӣ ва банақшагирии мундариҷаи курс ва усулҳои таълим;

– муайян намудани эҳтиёҷоти таълимии донишҷӯён ё таълимгирандагон, робита бо шахсони алоҳида, соҳаҳои истеҳсолот ва дигар бахшҳои маориф барои таъмини сатҳи мувофиқи таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ ;

– хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулиятҳои амалӣ барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои донишҷӯён;

– таълим додани донишҷӯён бо истифода аз асбобҳо, таҷҳизот ва мавод ва назорати дурустӣ ва бехатарии истифодаи онҳо, инчунин, пешгирии ҷароҳат ва осеб;

– мушоҳидаи кори донишҷӯён ва арзёбии он барои муайян кардани сатҳи омодагии донишҷӯён, амалӣ кардани робитаи мутақобила ва пешниҳодот барои баланд бардоштани сатҳи тайёрии онҳо;

– гузаронидани озмишҳои шифоҳӣ, хаттӣ ё истеҳсолӣ барои муайян кардани сатҳи дониш, арзёбии самаранокии омӯзиш ва сатҳи умумии тахассус;

– омодакунии ҳисобот ва пешбурди ҳуҷҷатҳо, мисли табели муваффақиятҳои донишҷӯён, табели иштирок ва тавсифномаи раванди таълим;

– назорати лоиҳаҳои инфиродӣ ё гурӯҳӣ, таҷрибагирӣ дар ҷойи корӣ, корҳои озмоишгоҳӣ ё дигар шаклҳои омӯзиш;

– таъмин намудани омодагии инфиродӣ, роҳнамоӣ ё курсҳои ислоҳӣ;

– гузаронидани курсҳои омӯзишӣ бе тарки истеҳсолотӣ барои таълим ва намоиши тартиб, усулҳо, амалиёт ё усулҳои омӯзиши фанҳои алоҳида.

– омода намудани нашрияҳои таълимӣ, дастурҳо ва мақолаҳо оид ба ин мавзуъ;

455. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– омӯзгор оид ба маркшейдер (коллеҷ);

– омӯзгор оид ба хизматрасонии таҷҳизоти барқии истгоҳҳои барқӣ (коллеҷ);

– устои таълими истеҳсолии соҳаи муҳандисӣ ва кори муҳандисӣ, коллеҷ.

456. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– директори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (гимназия ва литсей)–1345;

– мудири таҷрибаомӯзӣ (истеҳсолӣ, таълимӣ)–1345;

– омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (гимназия ва литсей)–2330.

## 40. ГУРӮҲИ ХУРДИ 233.

### § 1. Кормандони омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

457. Кормандони омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таълим медиҳанд ва дар ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ кумак мерасонанд, аз як ё якчанд фанҳо дар низоми таҳсилоти асосӣ, миёнаи умумӣ ва ибтидоӣ, ки ба таълими амалӣ барои омода кардани хонандагон ба бокортаъминшавӣ дар баъзе намудҳои машғулият нигаронида шудаанд, дарс мегӯянд

458. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– таҳия ва тағйир додани барномаҳои таълимӣ ва омодасозии курсҳои омӯзишӣ мутобиқи талабот ба барномаҳои таълимӣ;

– муқарраркунӣ ва риояи ҳатмии қоидаҳои рафтор ва амалиёт барои нигоҳ доштани тартибот ва интизом байни хонандагон;

– омода ва гузаронидани дарсҳо, муҳокима ва таҷрибаҳо аз як ё якчанд фанҳо;

– муайян намудани ҳадафҳои возеҳ барои ҳама дарсҳо, мавзуъҳо ва лоиҳаҳо, инчунин огоҳ намудани хонандагон аз ин ҳадафҳо;

– омода намудани маводи аудитория ва синф барои машғулиятҳои синфӣ;

– истифодаи усулҳои таълим ва маводи таълимӣ мувофиқи талабот ва манфиатҳои гуногуни хонандагон;

– назорат, арзёбии пешрафт ва рафтори хонандагон;

– омодакунӣ, гузаронидан ва арзёбии тестҳо;

– гузаронидани корҳои санҷишӣ ва имтиҳонҳо барои арзёбии пешрафти хонандагон;

– омода кардани ҳисобот дар бораи кори хонандагон ва машварат бо дигар омӯзгорон ва волидон;

– иштирок дар маҷлисҳои марбут ба таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ё ташкили кор;

– банақшагирӣ, ташкил ва иштирок дар чорабиниҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, аз қабили экскурсияҳо, чорабиниҳои варзишӣ ва консертҳо.

459. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин дохил мешавад:

| | |
|---|---|
| 2330 | Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ |

§ 2. 2330. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

460. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи асосӣ ва миёнаи умумӣ як ё якчанд фанҳоро таълим медиҳанд, ба истиснои фанҳое, ки ба омӯзиши амалӣ барои омода намудани хонандагон ба бакортаъминкунӣ аз рӯи баъзе намудҳои машғулият, нигаронида шудаанд.

461. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– таҳия ва тағйир додани барномаҳои таълимӣ ва омодасозии курсҳои омӯзишӣ мутобиқи талабот ба барномаҳои таълимӣ;

– муқарраркунӣ ва риояи ҳатмии қоидаҳои рафтор ва амалиёт барои нигоҳ доштани тартибот ва интизом байни хонандагон;

– омода ва гузаронидани дарсҳо, муҳокима ва таҷрибаҳо аз як ё якчанд фанҳо;

– муайян намудани ҳадафҳои возеҳ барои ҳама дарсҳо, мавзуъҳо ва лоиҳаҳо, инчунин огоҳ намудани хонандагон аз ин ҳадафҳо;

– омода намудани мавод ва синфҳо барои машғулиятҳои синфӣ;

– истифодаи усулҳои таълим ва маводи таълимӣ мувофиқи талабот ва манфиатҳои гуногуни хонандагон;

– назорат, арзёбии пешрафт ва рафтори хонандагон;

– омодакунӣ, гузаронидан ва арзёбии тестҳо;

– гузаронидани корҳои санҷишӣ ва имтиҳонҳо барои арзёбии пешрафти хонандагон;

– омода кардани ҳисобот дар бораи кори хонандагон ва машварат бо дигар омӯзгорон ва волидон;

– иштирок дар маҷлисҳои марбут ба таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ё ташкили кор;

– банақшагирӣ, ташкил ва иштирок дар чорабиниҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, аз қабили экскурсияҳо, чорабиниҳои варзишӣ ва консертҳо.

462. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– омӯзгори ҷуғрофия, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

– омӯзгори риёзиёт (алгебра ва геометрия), муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

– омӯзгори таърих, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

– омӯзгори меҳнат;

– устои таълими ихтисос;

– устои таълими истеҳсолӣ.

463. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– директор (сардори) қисми таълим–1345;

– директори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (гимназия ва литсей)–1345;

– омӯзгор, дотсент, профессор дар соҳаи маориф, МТО–2311;

– омӯзгори риёзиёт коллеҷ–2323;

– методист (самти умумӣ)–2351.

## 41.ГУРӮҲИ ХУРДИ 234.

### § 1. Омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ

464. Омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ дар зинаи ибтидоии таълим як қатор фанҳоро таълим дода, барои кӯдакони синни томактабӣ корҳои тарбиявӣ ташкил мекунанд.

465. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– омодакунии нақшаҳои таълимӣ ва таълими як қатор фанҳои дар зинаи ибтидоии таҳсил омӯхташаванда, банақшагирӣ ва ташкили фаъолиятҳо барои аз худ кардани малакаҳои нутқ, ҷисмонӣ ва иҷтимоии кӯдакон мусоидаткунанда;

– таҳлил ва арзёбии натиҷаҳои бадастомадаи азхудкунӣ;

– таҳияи ҳисобот. Уҳдадориҳо, метавонад роҳбарии дигар коргаронро дар бар гирад.

466. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2341 | Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ |
| 2342 | Мураббиёни муассисаҳои таълимии томактабӣ |

### § 2. 2341. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ

467. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ дар сатҳи таҳсилоти ибтидоӣ як қатор фанҳоро таълим медиҳанд.

468. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– омодакунии нақшаҳои дарсҳои ҳаррӯза ва нақшаҳо барои давраи давомдор мутобиқи талабот ба барномаи таълимӣ;

– омӯзиши инфиродӣ ва гурӯҳии кӯдакон бо истифода аз усулҳои таълим ва маводи гуногун (масалан, компютерҳо, китобҳо, бозиҳо) мувофиқи талаботи гуногуни кӯдакон таълим додан;

– нигоҳ доштани интизом ва муҳити корӣ дар синф;

– банақшагирӣ ва гузаронидани чорабиниҳо бо ҷалби кӯдакон, аз қабили чорабиниҳои варзишӣ, консертҳо ва экскурсияҳо;

– супориш ва арзёбии кори синфӣ ва хонагӣ;

– тайёр кардан, гузаронидан ва арзёбии тестҳо ва корҳои санҷишӣ барои арзёбии пешрафти кӯдакон;

– назорат, арзёбии пешрафт ва рафтори кӯдакон;

– назорати кӯдакон дар вақти дарс дар ҷараёни вақти мактабӣ, аз ҷумла, дар майдончаи бозӣ дар вақти танаффус;

– иштирок дар маҷлисҳои ҳайати мактаб ва дигар ҷаласаҳо, инчунин, машваратҳо бо дигар омӯзгорон оид ба масъалаҳои таълим;

– омода ва гузаронидани маҷлисҳои падару модарон оид ба муҳокимаи пешрафти кӯдакон ва мушкилот.

469. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– омӯзгори синфҳои ибтидоӣ.

470. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– директори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (гимназия ва литсей)–1345;

– роҳбари маркази эҷодиёти бачагон–1345.

## § 3. 2342. Мураббиёни таҳсилоти томактабӣ

471. Мураббиёни таҳсилоти томактабӣ бо мақсади таъмини рушди иҷтимоӣ, ҷисмонӣ ва равонии кӯдакони синни томактабӣ фаъолияти таълимӣ ва бозиро ташкил мекунанд.

472. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– банақшагирӣ ва ташкили фаъолияти инфиродӣ ва коллективӣ, ки ба ҳавасмандгардонии инкишофи кӯдакон дар малакаҳои ҳаракатӣ, малакаҳои фаъолияти муштарак ва иҷтимоӣ, эътимод ба худ ва ҳамдигарфаҳмӣ нигаронида шудаанд;

– ҳавасмандкунии рушди малакаҳои нутқӣ тавассути нақл, бозиҳои нақшӣ, сурудхонӣ, шеърхонӣ ва суҳбату баҳсҳои ғайрирасмӣ;

– гузаронидани чорабиниҳо бо кӯдакон, ки имкониятҳоро барои худнамоии эҷодӣ тавассути санъати тасвирӣ, бозиҳои нақшӣ, мусиқӣ ва машқҳои ҷисмонӣ имкон медиҳанд;

– мушоҳидаи кӯдакон барои арзёбии рушди онҳо ва муайян кардани нишонаҳои мушкилоти алоқаманд ба рушд, мушкилоти эҳсосӣ ё саломатӣ;

– мушоҳида ва арзёбии речаи хӯроккхӯрӣ, холати равонӣ ва ҷисмонӣ ва бехатарии кӯдакон ва муайян кардани омилҳое, ки ба рушди онҳо метавонанд, халал расонанд;

– муҳокимаи муваффақиятҳо ва мушкилоти кӯдакон бо падару модарон ва дигар кормандон, ҳамчунин, муайян намудани чораҳои дахлдор ва равонкунӣ ба хадамоти дахлдор;

– бароҳмонӣ ва нигоҳдории муносибатҳои корӣ бо дигар хадамоти бо кӯдакони хурдсол корбаранда.

473. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мураббӣ;

– омӯзгор (дар низоми тарбия ва таълими томактабӣ).

474. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– директори хадамот оид ба назорат ва нигоҳубини кӯдакон–1341;

– омӯзгор, дотсент, профессор дар соҳаи маориф, МТО–2311;

– парастори кӯдак–5311;

– кормандон оид ба нигоҳубини кӯдакон–5311.

## 42. ГУРӮҲИ ХУРДИ 235.

### § 1. Мутахассисони дигари соҳаи маориф

475. Мутахассисони дигари соҳаи маориф оид ба усулҳои таълим таҳқиқот мегузаронанд ва машварат медиҳанд, одамонеро, ки мушкилоти омӯзишӣ ва ё эҳтиёҷоти махсус доранд, таълим медиҳанд, забонҳои хориҷиро дар курсҳо бо мақсади сафар ба хориҷа ва бо мақсадҳои марбута меомӯзонанд, дарсҳои хусусӣ мегузаронанд, санъат, саводнокии компютерӣ ва дигар фанҳоро берун аз доираи барномаҳои таълимии асосии ибтидоӣ, миёна ва олӣ таълим медиҳанд, дигар хизматрасониҳои омӯзиширо пешкаш мекунанд, ки ба дигар гурӯҳҳои ибтидоии зергурӯҳи 23 Мутахассисони соҳаи маориф дохил нестанд.

476. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– гузаронидани таҳқиқот ва таҳия ва ё машварат оид ба усулҳои таълим, курсҳо ва воситаҳои таълимӣ;

– таълим додани кӯдакони имконияташон маҳдуд, ҷавонон ё калонсолон, инчунин, одамони дорои мушкилот дар омӯзиш ё эҳтиёҷоти махсус;

– омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои сафар ба хориҷа;

– ба донишҷӯён омӯзонидани амалия, назария ва иҷрои мусиқӣ, маҳорати ҳунармандӣ (актёрӣ), рақс, санъати тасвирӣ ва ғ.;

– ташаккулдиҳӣ, таҳияи ҷадвал ва гузарондани барнома ва курсҳои таълимӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ;

– гузаронидани омӯзиш ва аттестатсияи кормандон, аз ҷумла дар ҷойи кор бо мақсади бозомӯзӣ ё такмили ихтисос дар доираи ихтисосашон.

477. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2351 | Мутахассисон оид ба методикаи таълим |
| 2352 | Омӯзгорони соҳаи таҳсилоти махсус |
| 2353 | Омӯзгорони забони хориҷӣ дар курсҳо ва фардӣ |
| 2354 | Омӯзгорони мусиқӣ дар муассисаҳои мусиқӣ ва фардӣ |
| 2355 | Омӯзгорон дар соҳаи санъати тасвирӣ ва санъатҳои дигар |
| 2356 | Омӯзгорон оид ба технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ ва таълими саводнокии компютерӣ |
| 2357 | Мутахассисони курсҳои кӯтоҳмуддат, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, аз ҷумла таҳсилоти калонсолон |
| 2358 | Мураббиён ва дастурдиҳандагон–методистҳо оид ба тайёрии ҷисмонӣ ва варзишӣ |
| 2359 | Мутахассисони соҳаи маорифи ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

### § 2. 2351. Мутахассисон оид ба методикаи таълим

478. Мутахассисон оид ба методикаи таълим таҳқиқот мегузаронанд, усулҳои таълим, курсҳои таълимӣ ва маводи таълимиро таҳия мекунанд ё машварат медиҳанд. Онҳо кори омӯзгорон, муассисаҳои таълимӣ ва натиҷаҳои бадастомадаро санҷида, тағйироту такмили дахлдорро тавсия медиҳанд.

479. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ оид ба иловаҳои ҷорӣ ба барномаи таълимӣ, методикаи таълим ва дигар ҷанбаҳои раванди таълим, инчунин, машварат оид ба тағйироти зарурӣ ва такмилдиҳии имконпазир;

– арзёбӣ ва машварат дар бораи мундариҷаи курсҳои омӯзишӣ ва усулҳои гузаронидани имтиҳонот;

– гузаронидани таҳқиқот оид ба воситаҳои аудиовизуалӣ ва дигар воситаҳои таълим, машварат, банақшагирӣ ва ташкили истифодаи онҳо дар муассисаҳои таълимӣ;

– ҳуҷҷатгузорӣ кардани фанҳо ва курсҳои таҳияшуда, инчунин, арзёбии курсҳои нави таълимӣ;

– ба омӯзгорон расонидани хизматрасонии такмили ихтисос, омода ва пешниҳоди хидматҳои машваратӣ;

– ташкил ва гузаронидани семинарҳо ва конфронсҳо барои омӯзондани омӯзгорон бо барнома ва усулҳои нав;

– таҳияи сохтор, мундариҷа ва ҳадафҳои курсҳо ва барномаҳои нави омӯзишӣ;

– санҷишҳои мунтазами муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва муҳокима бо маъмурият ва ҳайати омӯзгорон оид ба масъалаҳои марбут ба барномаи таълимӣ, методикаи таълим, таҷҳизоти мактабӣ ва дигар масъалаҳо;

– иштирок дар машғулиятҳои синфӣ барои шиносоӣ бо методикаи таълим ва арзёбии дарси омӯзгор ва натиҷаҳои таълимии бадастомада;

– омода намудани ҳисобот ва тавсияҳо барои роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ оид ба тағйирот ва иловаҳои эҳтимолӣ ба барномаи таълимӣ, методикаи таълим ва масъалаҳои дигар.

480. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– нозири муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (гимназияҳо, литсейҳо);
– методист оид ба барномаҳои касбӣ;
– таҳиягари барномаи таҳсилоти миёнаи умумӣ;
– мутахассис оид ба воситаҳои техникии таълим.

Эзоҳ: Мутахассисоне, ки ҳамзамон барномаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбиро таҳия ва арзёбӣ мекунанд, бояд ба гурӯҳи барномаҳои касбӣ дохил карда шаванд.

## § 3. 2352. Омӯзгор дар соҳаи таълимоти махсус

481. Омӯзгороне, ки бо маъюбон ё шахсони дорои имкониятҳои махсуси саломатӣ кор мекунанд, ба кӯдакони аз ҷиҳати ҷисмонӣ ё рӯҳӣ номукаммал, ба ҷавонон ё калонсолоне, ки мушкилот дар омӯзиш доранд, ё ба одамони дорои имкониятҳои махсуси саломатӣ, таълим медиҳанд. Онҳо ба рушди иҷтимоӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонии донишҷӯёни худ мусоидат мекунанд.

482. Ба ухдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– баҳодиҳии имкониятҳо ва махдудиятҳои донишҷӯён нисбат ба нуқсҳои зеҳнӣ, ҷисмонӣ, иҷтимоӣ, эҳсосӣ, қобилияти ғайриоддии зеҳнӣ ва дигар ҳолатҳои махсус;

– таълим дар асоси инфиродӣ ё коллективии истифода аз усулҳо ё воситаҳои махсус мувофиқи талаботи донишҷӯён;

– истифодаи стратегия ва усулҳои махсуси таълимӣ ҳангоми таълим барои ҳавасмандгардонии функсияҳои ҳиссиётӣ ва даркӣ–ҳаракатӣ, нутқ, қобилияти идрок ва хотира;

– интихоби усулҳои алтернативии муошират барои шахсони дорои нуқсҳои нутқ ва омӯзиши истифодаи онҳо;

– ташхиси функсияи фурӯбарӣ ва барқароркунӣ дар сурати вайрон шудани он;

– таълими фанҳои таълимӣ, малакаҳои амалӣ ва малакаҳои хизматрасонӣ ба донишҷӯёни дорои нуқсҳои шунавоӣ, биноӣ ва дигар;

– ҳавасмандгардонӣ ва рушди эътимод ба худ, завқ, қобилият, маҳорат ва ҳамоҳангсозии ҳаракатҳои хонандагон;

– машварат бо дигар кормандон барои банақшагирӣ ва ҷадвали дарсҳо барои донишҷӯёни дорои эҳтиёҷоти махсус;

– тартиб додан ва пешбурди ҳуҷҷатҳои донишҷӯён ва дигар ҳуҷҷатҳо, инчунин пешниҳоди ҳисобот;

– истифодаи шаклҳои гуногуни арзёбӣ ва арзёбии дастовардҳои ҳар як донишҷӯ;

– муошират бо донишҷӯён, падару модарон, мудирони қисми илмӣ ва дигар мутахассисони касбӣ, ки ба нигоҳубини донишҷӯён иштирок мекунанд, оид ба таҳияи барномаҳои инфиродии таълимӣ барои дастгирии рушди донишҷӯён;

– мушоиат, иҷрои вазифаи шарҳи садоӣ ё мутарҷими забони имову ишора дар мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо;

– пешниҳоди хизматрасонӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ (кинематография, театрҳо, осорхонаҳо, экскурсияҳо) ва ғайра.

– гузаронидани таҳқиқот оид ба таҳсилоти фарогир ва таълими кӯдакони дорои маъёбӣ;

– омӯзиш ва таҳлили ҳолати кори таълимӣ– методӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти фарогир ва таълими кӯдакони дорои маъюбӣ, таҳияи пешниҳодҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии раванди таълим ва корҳои методӣ дар ин соҳа;

– ташкил ва таҳияи хуҷҷатҳои таълимию методӣ ва дастурҳо оид ба таълими фарогир (инклюзивӣ), тақризи онҳо, батасвибрасонӣ ва паҳнгардонии онҳо;

– омӯхтан ва паҳн намудани таҷрибаи мусбати корҳои таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ, технологияҳои пешқадам ва воситаҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти фарогир ва таълими кӯдакони дорои маъёбӣ;

– расонидани ёрии машваратӣ ва амалӣ ба роҳбарон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, сохтор, марказҳои методӣ дар ташкили корҳои таълимию методӣ дар соҳаи таҳсилоти фарогир ва таълими кӯдакони дорои маъюбӣ;

– таҳлили мушкилоти хонандагони дорои таҳсилоти махсус барои расонидани кӯмаки иҷтимоӣ;

– арзёбии эҳтиёҷоти таълимӣ ва таҳияи нақша/барномаҳои таълимии инфиродӣ ва мутобиқсозии муҳити таълимӣ ва ҷисмонӣ ба ниёзҳои онҳо;

– ҳамоҳангсозии ҳамкории байни кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дигар мутахассисони ҷалбшуда.

483. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– омӯзгори соҳаи таълими махсус барои донишҷӯёни дорои мушкилоти таҳсил;

– омӯзгор барои шахсони биноияшгон заиф;

– омӯзгор оид ба коммуникатсия/логопед;

– мутахассиси таълими фарогир;

– мутахассиси оид ба тавонбахшии касбӣ;

– омӯзгори ношунавоён (сурдопедагог;

– мутарҷими забони имову ишора.

484. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

- омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ–2320;
– омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ –2331;
– омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ–2341.

### § 4. 2353. Омӯзгорони забони хориҷӣ дар курсҳо ва фардӣ

485. Омӯзгорони забони хориҷӣ дар курсҳо ва фардӣ барои калонсолон ва кӯдаконе, ки бо мақсади сафар ба хориҷа, риояи талаботи шуғл ё ба даст овардани имкониятҳои муайян, омодагӣ ба иштирок дар барномаҳои таълимӣ бо забони хориҷӣ ва ё барои рушди шахсӣ забон меомӯзанд, забони хориҷиро меомӯзонанд. Онҳо берун аз низоми таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олӣ ё бо дастгирии донишҷӯён ё омӯзгорони ин низом кор мекунанд.

486. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– арзёбии сатҳи қобилият ва дараҷаи мураккабӣ барои донишҷӯён дар бобати азхудкунии забон, инчунин, муайян кардани талабот ва ҳадафҳои омӯзишии донишҷӯён;

– банақшагирӣ, омодагӣ, гузаронидани дарсҳо ва семинарҳо барои гурӯҳҳо ва шахсони алоҳида, ки мундариҷа ва суръати омӯзиш аз қобилият ва ниёзҳои донишҷӯён вобаста аст;

– таҳия ва омодасозии маводи таълимӣ ва мутобиқсозии маводи мавҷуда;

– арзёбии пешрафти хонандагон;

– кумак ба донишҷӯён ҳангоми машғулиятҳои синфӣ, ки фанҳо бо бо дигар забонҳо, на бо забони модарии хонанда таълим дода мешаванд;

– кумак ба омӯзгорони дигар тавассути таҳияи барномаҳои махсуси омӯзишӣ барои донишҷӯёне, ки омӯзиши забони асосии таълимро идома медиҳанд;

– пешниҳод ва ислоҳи супоришҳо, инчунин, омодагӣ ба имтиҳонҳо ва арзёбии натиҷаҳои онҳо;

– арзёбӣ, сабт ва ҳисоботи пешрафти донишҷӯён.

487. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– омӯзгори забони дуюм;
– омӯзгори забони хориҷӣ бо мақсади омодагӣ ба сафари хориҷа;
– омӯзгори курсҳои таълими интенсивии забони хориҷӣ;
– омӯзгоре, ки дар омӯзиши забони хориҷӣ дарсҳои амалӣ мегузаронад;
– омӯзгор, забони хориҷӣ.

488. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

- омӯзгори донишгоҳ–2311;
– омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ–232;

– омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ–2330;
– омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ–2341.

### § 5. 2354. Омӯзгорони мусиқӣ дар муассисаҳои мусиқӣ ва фардӣ

489. Омӯзгорони мусиқӣ дар муассисаҳои мусиқӣ ва фардӣ ба донишҷӯён амалия, назария ва иҷрои мусиқиро берун аз низоми таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олӣ меомӯзонанд, аммо онҳо метавонанд, дар доираи низоми таҳсилоти асосӣ дарсҳои хусусӣ ё дар гурӯҳҳои хурди донишҷӯён, ҳамчун курси интихобӣ, гузаранд.

490. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– арзёбии сатҳи қобилияти хонандагон ва муайян кардани эҳтиёҷот ва ҳадафҳои омӯзиш;

– банақшагирӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ, дарсҳо ва семинарҳо барои донишҷӯён ва гурӯҳҳои алоҳида;

– омода кардани мавод оид ба назарияи мусиқӣ ва шиносоӣ бо онҳо бо донишҷӯён, инчунин, тафсири мусиқӣ;

– омӯзиш ва намоиши ҷанбаҳои амалии сурудхонӣ ё навохтани асбоби муайян;

– ба донишҷӯён омӯзонидани малакаҳои хондан ва навиштани нотаҳо;

– тақсим кардани супоришҳо ва омӯзиши асарҳои мусиқӣ мусиқии мутобиқ ба сатҳи қобилият, шавқ ва истеъдоди донишҷӯён;

– арзёбии донишҷӯён, машарат, танқид ва ҳавасмандӣ;

– бознигарии нақшаҳои таълимӣ, мундариҷаи курс, маводи таълимӣ ва усулҳои таълим;

– омодасозии донишҷӯён ба имтиҳонҳо, намоишҳо ва арзёбӣ;

– ташкили боздид ва сафарҳои иҷрокунандагони мусиқӣ;

– ташкил ва мусоидат дар гузаронидани машқҳо ё баромадҳо барои намоиши дастовардҳои донишҷӯён.

491. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– омӯзгори гитаранавозӣ (омӯзиши фардӣ);
– омӯзгори скрипканавозӣ (омӯзиши фардӣ);
– омӯзгори фортепианонавозӣ (омӯзиши фардӣ)4
– омӯзгори рубобнавозӣ4
– омӯзгори дойранавозӣ
– омӯзгори сурудхонӣ (омӯзиши фардӣ).

492. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:
– омӯзгор, донишгоҳ–2311;
– омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ–2321;
– омӯзгори муассисаи таҳсилоти умумӣ–2330;
– омӯзгори муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ–2341.

Эзоҳ: Омӯзгорони одии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ, ки ба хонандагон мусиқиро таълим медиҳанд, ба гурӯҳҳои ибтидоӣ мутаносибан 2330 Омӯзгоронии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва 2341 Омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ дохил шудаанд.

### § 6. 2355. Омӯзгорон дар соҳаи санъати тасвирӣ ва санъатҳои дигар

493. Омӯзгорон дар соҳаи санъати тавсирӣ ва санъатҳои дигар ба донишҷӯён амалия, назария ва иҷрои ракс, маҳорати актёрӣ, тасвирӣ ва дигар санъатҳоро (ба истиснои мусиқӣ) берун аз низоми таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олӣ меомӯзонанд, аммо онҳо метавонанд, дар гурӯҳҳои хурд ҳамчун курси интихобӣ ва ё дар доираи низоми таҳсилоти асосӣ дарсҳои хусусӣ диҳанд.

494. Ба ухдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– арзёбии сатҳи қобилияти хонандагон ва муайян кардани ҳадафҳои таълимӣ;

– банақшагирӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ, дарсҳо, семинарҳо барои донишҷӯён ва гурӯҳҳои алоҳида;

– тайёр кардани мавод оид ба назарияи мавзӯи омӯхташаванда;

– таълим додан ва намоиши ҷанбаҳои амалии маҳорати актёрӣ, ракс, санъати тсвирӣ ё дигар санъатҳо;

– тақсими супоришҳо ва корҳо мувофиқи сатҳи қобилият, завқ ва истеъдоди хонандагон;

– арзёбии донишҷӯён, пешниҳоди машварат, танқид ва ҳавасмандгардонӣ;

– бознигарии нақшаҳои таълимӣ, мундариҷаи курс, маводи таълимӣ ва методҳои таълим;

– омода намудани донишҷӯён ба имтиҳонҳо, намоишҳо ва арзёбӣ;

– ташкили боздид ва сафарҳо ба намоишгоҳҳо ва намоишномаҳо;

– ташкил ва мусоидат дар гузаронидани намоишномахо ё намоишгоҳхои ҳунарҳои донишҷӯён;

495. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– омӯзгори маҳорати актерӣ (омӯзиши хусусӣ);
– омӯзгори санъати тасвирӣ (омӯзиши хусусӣ);
– омӯзгори ҳайкалтарошӣ (омӯзиши хусусӣ);
– омӯзгори ракс (омӯзиши хусусӣ).

496. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

- омӯзгори донишгоҳ–2311;
– омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ–2321;
– омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ –2330;
– омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ–2341;
– омӯзгори мусиқӣ–2354.

Эзоҳ: Омӯзгорони одии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоӣ, ки ба хонандагон намудҳои гуногуни санъатро таълим медиҳанд, ба гурӯҳи ибтидоии 2330 Омӯзгорони муассисаҳои тахсилоти ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ мутаносибан ба гурӯҳи ибтидоии 2341 мансуб мебошанд.

## § 7. 2356. Омӯзгорон оид ба технологияҳои иттилоотӣ ва таълими саводнокии компютерӣ

497. Омӯзгорони технологияҳои иттилоотӣ ва таълими саводнокии компютерӣ барномаҳои таълимӣ ва курсҳои таълимии компютериро берун аз низоми таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олӣ таҳия мекунанд, , ҷадвалҳо месозанд ва роҳандозӣ  менамоянд.

498. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– муайян кардани эҳтиёҷот ва талаботи корбароналоҳида ва ташкилотҳои соҳаи технологияҳои иттилоотӣ;

– таҳия ва коркарди мавод ва васоити таълимӣ, аз қабили китобҳои дарсӣ, айёниятҳо, воситаҳои онлайнии таълимӣ ва амсилаҳои таълимӣ, инчунин, нигоҳдории ҳуҷҷатҳои таълимии маълумотномавӣ;

– таҳия, ҳамоҳангсозӣ, ҷадвалбандӣ ва татбиқи барномаҳои таълимӣ ва рушддиҳанда, ки метавонанд, дар шакли дарсҳои инфиродӣ ё коллективӣ сурат гиранд, инчунин, мусоидат дар гузаронидани семинарҳо, вохӯриҳо, намоишҳо ва конфронсҳо;

– назорат ва гузаронидани арзёбии ҷории сифат ва самаранокии омӯзиш, инчунин бознигарӣ ва тағйир додани ҳадафҳо, усулҳо ва маводи ҳисоботии курс;

– ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ ва омӯзиши маводи истинодӣ бо мақсади пурра дарк кардани мавзуъ ва низомҳо;

– пайгирии тафсирҳои нав ва нашри маҳсулот, пешрафтҳо дар соҳаи таъминоти барномавӣ ва тамоюлҳои умумии технологияҳои иттилоотӣ, омодасозии маҳсулот ва мавод барои корбарони ниҳоӣ, аз қабили маводи дарсӣ ва дастурҳои корбарон, маводи таълимии фарогир (интерактивӣ), инчунин дастур оид ба истифода ва хизматрасонии техникӣ.

499. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

–омӯзгори таълими саводнокии  компютерӣ;

–омӯзгори кор бо компютер.

500. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

–омӯзгори донишгоҳ–2311;

–омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ –2330;

–омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ–2341;

–мутахассис оид ба рушди кадрҳо–2424.

## § 8. 2357. Мутахассисони курсҳои кӯтоҳмуддат, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, аз ҷумла таҳсилоти калонсолон

501. Мутахассисони курсҳои кӯтоҳмуддат, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, аз ҷумла, таҳсилоти калонсолон барномаҳои таълимиро аз рӯйи барномаҳои таҳсилоти иловагӣ таҳия намуда, бо кӯдакон ва калонсолон мувофиқи шавқу ҳавас ва эҳтиёчоти гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ берун аз низоми маълумоти ибтидоӣ, миёна ва олӣ, машғулиятҳо мегузаронанд.

502. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– ташкили клубҳои кӯдаконаи техникӣ, бадеӣ, варзишӣ, сайёҳӣ ва кишваршиносӣ ва дигар клубҳо, маҳфилҳо, бахшҳо ва дигар ҷамъиятҳои ҳаваскорӣ;

– маҷмуъкунонии ҳайати таълимгирандагон, тарбиятгирандагони маҳфил, бахш, студия, клуб ва дигар иттиҳодияҳои кӯдакон ва андешидани чораҳо барои нигоҳ доштани ҳайати таълимгирандагон, тарбиятгирандагон дар давоми муҳлати таҳсил;

– таҳияи нақшаҳо ва ҷадвалҳои корӣ ва гузаронидани машғулиятҳои омӯзишӣ, мушоҳидаи азхудкунии барнома, расонидани кумак ба фаъолияти рушдию таълимӣ;

– инкишофи ҳавасмандӣ, шавқҳои маърифатӣ, қобилиятҳо;

– ташкили истироҳати таътилӣ барои кӯдакон;

– ташкили шабнишиниҳо, идҳо, роҳпаймоиҳо, экскурсияҳо;

– дастгирии ташаббусҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим барои кӯдакону калонсолон дар доираи вақтҳои холӣ, фароғат ва вақтхушии онҳо;

– ташкили таълими калонсолон вобаста ба талабот ва манфиатҳои онҳо (ба истиснои омӯзиш аз рӯйи ихтисос) малака ва салоҳиятҳои нав (бофандагӣ, гулпарварӣ, муҳрабофӣ ва ғайра)

– ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои омӯзишӣ барои калонсолон дар маҳфилҳо аз рӯйи завқдорӣ (омӯзиши рақс, оригамӣ, боғдорӣ ва ғайра)

503. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– омӯзгори таълими иловагӣ;

– омӯзгори гулпарвар, оригами.

### § 9. 2358. Мураббиён ва дастурдиҳандагон – методистҳо оид ба тайёрии ҷисмонӣ ва варзиш

504. Мураббиён ва дастурдиҳандагон–методистоҳо оид ба тайёрии ҷисмонӣ ва варзиш бо варзишгарон, бо мақсади ба даст овардани дастовардҳои баланди варзишӣ ва беҳтар намудани натиҷаҳо , бо номзадҳо ва устодони варзиш, бо мақсади тайёр кардани захираи варзишӣ кор мекунанд, корҳоро оид ба муайян ва ҷалби ҷавонони боистеъдод ба варзиш анҷом медиҳанд, инчунин, ташкил ва иҷрои вазифаҳоро ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои варзишӣ, тибқи қоидаҳои муқарраршуда, иҷро мекунанд.

505. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи (тавоноӣ) варзишгарон ё дастаҳо;

– банақшагирӣ, таҳия ва татбиқи машғулиятҳои омӯзишӣ ва амалӣ;

– таҳия, банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии ҷадвал ва барномаҳои мусобиқавӣ;

– ангеза ва омодагии варзишгарон ё дастаҳо ба мусобиқаҳо ё бозиҳо;

– таҳияи стратегияи рақобат, нақшаҳои бозӣ, амалҳои варзишгарон ва бозигарон ҳангоми бозӣ ё баргузории чорабиниҳои варзишӣ;

– таҳлил, арзёбӣ кардани баромади варзишгарон ё дастаҳо ва тағйирот дар барномаҳои омодакунӣ;

– пайгирӣ, таҳлили услуб ва баромади варзишгарон ва муайян кардани такмилҳои зарурӣ дар оянда;

– ташкили ҳайати варзишгарон барои иштирок дар чорабиниҳо ё мусобиқаҳои варзишӣ мувофиқи стандартҳои бозӣ, таъмини риояи қоидаҳои бозӣ ва дастурҳои техникаи бехатарӣ;

– таҳлили баромади рақибон, амалияи додани холҳо, ситонидани ҷарима барои ҳуқуқвайронкуниҳо ва муайян кардани натиҷаҳои мусобиқа;

506. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мураббии дастаи мунтахаби варзишӣ;

– мураббии дастаи футболи кӯдакон (ҷавонон);

– дастурдиҳандаҳа–методист.

507. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– дастурдиҳанда оид ба аспсаворӣ–3423;

– фитнес- дастурдиҳанда–3423.

## § 10. 2359. Мутахассисони соҳаи маорифи ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

508. Ба ин гурӯҳи ибтидоӣ мутахассисони соҳаи маориф дохил мешаванд, ки ба гурӯҳҳои дигари зергурӯҳи 23 Мутахассисони соҳаи маориф шомил нестанд. Масалан, ба ин гурӯҳ коргароне дохил мешаванд, ки ба таълими хусусӣ аз фанҳои ғайр аз забонҳои хориҷӣ ва намудҳои гуногуни санъат машғуланд, инчунин, кормандони ба донишҷӯён оид ба масъалаҳои таълимии махсус машваратдиҳанда.

509. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– арзёбии сатҳи қобилияти хонандагон ва муайян кардани ҳадафҳои таълимӣ;

– банақшагирӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ, дарсу семинарҳо барои донишҷӯён ва гурӯҳҳои алоҳида;

– тайёр кардани мавод оид ба назарияи мавзуи омӯхташаванда;

– таълим ва нишон додани ҷанбаҳои амалии фанҳои омӯхташуда;

– тақсими вазифаҳо ва корҳо мутобиқи сатҳи қобилият, завқ ва майлҳои донишҷӯён;

– арзёбии донишҷӯён ва пешниҳоди машварат, танқид ва ҳавасмандгардонӣ;

– бознигарии нақшаҳои таълимӣ, мундариҷаи курс, маводи таълимӣ ва методҳои таълим;

– омодасозии донишҷӯён ба имтиҳонҳо ва арзёбӣ;

– машварат ба донишомӯзон оид ба масъалаҳои таълимӣ, аз қабили интихоби курс ва барнома, ҷадвали дарсҳо, мутобиқшавӣ ба мактаб, аз дарсгурезӣ, анъанаҳои мактабӣ ва банақшагирии касб;

– машварат ба донишҷӯён бо мақсади кумак расонидан ба онҳо дар фаҳмиш ва бартараф кардани мушкилоти шахсӣ, иҷтимоӣ ё рафторие, ки ба раванди таълим таъсир мерасонанд;

– ба таҳсили минбаъда тайёр кардани донишҷӯён, хавасманд гардондани онҳо барои истифода бурдани тамоми имкониятҳои хониш ва суботкорона иҷро намудани вазифаҳои мураккаб;

510. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

–машовир оид ба кор бо таълимгтрандагон;

–омӯзгор–китобдор;

–тютор.

511. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– омӯзгори донишгоҳ–2311;
– омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ –2331;
– омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ–2341;
– омӯзгори курсҳои шадиди забони хориҷӣ–2353;
– омӯзгори мусиқӣ–2354;
– омӯзгори санъати тасвирӣ–2355;
– омӯзгори рақс–2653;
– равоншинос–омӯзгор–2634;
– мутахассиси кори иҷтимоӣ–2635.

## 43. ЗЕРГУРӮҲИ 24. МУТАХАССИСОН ДАР СОҲАИ ТИҶОРАТ ВА МАЪМУРӢ

512. Мутахассисони соҳаи тиҷорат ва маъмурӣ иҷрои вазифаҳои таҳлилӣ, консептуалӣ ва амалиро бо мақсади пешниҳоди хизматрасониҳои марбут ба масъалаҳои молиявӣ, рушди захираҳои меҳнатӣ, таъмини чора-ҳои амнияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидории фаъолияти хоҷагидорӣ тавассути таъмини қонуният ва тартибот дар соҳаи иқтисод, муқовимат ба таъсири хатарҳо ва таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ, татбиқи робита бо ҷомеа, бозоршиносӣ ва фурӯш дар соҳаҳои техникӣ, тиббӣ ва технология-ҳои иттилоотии коммуникатсионӣ иҷро мекунанд, сохтори ташкилӣ, усулҳо ва низомҳо, инчунин, миқдории иттилооти марбут ба барномаҳои сармоягузориро таҳлил мекунанд. Сатҳи салоҳияти аксар машғулиятҳои ба ин зергурӯҳ дохилшаванда ба сатҳи ҷоруми тахассусӣ мувофиқат мекунад.

513. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур, одатан иборатанд:

- ҷамъоварӣ, таҳлил ва тафсири иттилоот оид ба мувофиқи мақсад будани иқтисодӣ, ҷузъҳои арзиши ва самаранокии савдо дар ташкилотҳо;

- гузаронидани аудитҳо, таҳияи ҳисоботи молиявӣ ва назорати низоми хазинадории ташкилотҳо;

- таҳия намудан ва таҳлил кардани нақша ва стратегияҳои молиявӣ, иҷрои фармоишҳои хариду фурӯш ва гуфтушунид оид ба фурӯш ва хариди молҳои истеъмоли умум;

- таҳия, татбиқ ва арзёбии барномаҳои киро, омӯзиш ва такмили ҳайати кормандон;

- татбиқи барномаҳои идоракунии хатарҳо ва арзёбии андозаи онҳо бо мақсади таъмини амнияти иқтисодӣ;

- муайян намудани амалиёт (додугирифт) бо максади таъмини амнияти иктисоди таҳти назоратшаванда;

- таҳлили амалиёт (додугирифт)-и мизоҷони ташкилот бо мақсади ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои иқтисодӣ

- банақшагирӣ ва гузаронидани корҳои назоратӣ ва аудитӣ ва санҷишҳои хизматӣ барои ошкор кардани вайронкуниҳои фаъолияти иқтисодӣ;

- мониторинги фаъолияти маъмурӣ-хоҷагидорӣ оид ба риояи талаботи амнияти иқтисодӣ;

- идоракунии хатарҳои молиявӣ (суғурта, андоз ва дигар) дар низоми амнияти иқтисодӣ;

- таҳқиқот, таҳия ва татбиқи маъракаҳои маркетингӣ ва дар соҳаи робита бо ҷомеа;

- омӯзиш ва таҳияи усулҳои идоракунӣ, ки ба тавсеа ва рушди амалиёти давлатӣ, тиҷоратӣ ва баланд бардоштани самаранокии онҳо нигаронида шудаанд;

- бадасторӣ ва нав кардани маълумот дар бораи молу хизматрасониҳои корфармоён ва рақибон, инчунин, дар бораи вазъи бозор;

- арзёбии эҳтиёҷоти мизоҷон, инчунин шарҳ додан ва намоиш додани молу хидматҳо барои онҳо;

514. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 241 | Мутахассисони соҳаи молия |
| 242 | Мутахассисони соҳаи маъмурикунонӣ |
| 243 | Мутахассисон оид ба робита бо ҷомеа, фурӯш ва бозоршиноси (маркетинги)–и маҳсулот ва хизматрасонӣ |
| 244 | Мутахассисон оид ба амнияти иқтисодӣ |

## 44. ГУРӮҲИ ХУРДИ 241.

### § 1. Мутахассисони соҳаи молия

515. Мутахассисони соҳаи молия банақшагирӣ, тарҳрезӣ, ташкил ва идоракунӣ, сармоягузорӣ, роҳбарӣ ва гузаронидани таҳлилҳои сифатии ҳисоботи молиявӣ ва шахсони алоҳида, ташкилотҳо ва муассисаҳои ҷамъиятиву инфиродиро анҷом медиҳад.

516. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

- таҳия ва ташкили ҳисоботи молиявии ташкилот;
- баррасии маводи молиявии ташкилот;
- пешниҳоди тасияҳои молиявӣ ба шахсони алоҳида ва ташкилотҳо;
- таҳияи ҳисоботи таҳлилӣ оид ба бахшҳои алоҳидаи иқтисодӣ ва иқтисодиёт дар маҷмӯъ.

517. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2411 | Муҳосибон ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 2412 | Машовирон оид ба масъалаҳои молиявӣ ва сармоягузорӣ |
| 2413 | Таҳлилгарони молиявӣ ва мутахассисон |
| 2414 | Нархгузорон ва коршиносон |

## § 2. 2411. Муҳосибон ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд

518. Муҳосибон ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд ба нақшагирӣ, ташкил ва идора кардани низомҳои баҳисобгирии ташкилотҳо ва шахсони алоҳидаро анҷом медиҳанд. Баъзе машғулиятҳое, ки дар ин гурӯҳ тасниф шудаанд, ба омӯзиш ва таҳлили ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва молиявии ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ барои таъмини дақиқӣ, риояи стандартҳо ва тартиби муқарраршудаи ҳисобдорӣ алоқамандананд.

519. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– машварат, банақшагирӣ ва татбиқи назорати буҷетӣ ва баҳисобгирӣ, инчунин, дигар сиёсат ва низомҳои фаъолияти баҳисобгирӣ;

– таҳия ва сертификатсияи ҳисоботи молиявӣ барои пешниҳод ба роҳбарият, саҳмдорон ва дигар мақомоти пешбининамудаи қонун;

– таҳияи эъломияҳои андоз, машварат оид ба масъалаҳои андозбандӣ ва даъвоҳои баҳсбарангез дар назди нозирони андоз;

– таҳия ё пешниҳоди ҳисобот оид ба пешгӯии даромад ва буҷет;

– гузаронидани таҳқиқоти молиявӣ аз рӯйхати масъалаҳои ба монанди қаллобӣ ва муфлисӣ;

– тафтиши ҳисоботҳо ва ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ;

– гузаронидани таҳқиқот ва машварат ба роҳбарият оид ба ҷанбаҳои молиявии фаъолият, ҷувздонҳои қоғазҳои қиматнок, мушкилоти фурӯш, маҳсулоти нав ва монанди инҳо;

– таҳия ва назорати низомҳои муайян кардани арзиши мол ва хизматрасонӣ.

520. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– аудитор;
– муҳосиб;
– муҳосиб оид ба андозбандӣ;
– муҳосиб–муфаттиш;
– ҳамоҳангсози буҷет;
– иқтисодчии банақшагирӣ.

521. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:
- роҳбари ҳисоби муҳосибӣ (сармуҳосиб)–1211;
– ёрдамчии муҳосиб–3313;
– ҳисобчӣ–3313.

## § 3. 2412. Машовирон оид ба масъалаҳои молиявӣ ва сармоягузорӣ

522. Мушовирон оид ба масъалаҳои молиявӣ ва сармоягузорӣ нақшаҳои молиявиро барои шахсони алоҳида ва ташкилотҳо таҳия намуда, аз номи онҳо сармоягузорӣ ва идора мекунанд.

523. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:
– ташкил ва нигоҳ доштани базаи мизоҷон;
– мусоҳиба бо мизоҷон барои фаҳмидани вазъи молиявӣ ва ҳадафҳо, муайянкунии устувории хатарӣ ва гирифтани дигар маълумоти зарурӣ барои таҳияи нақшаҳои молиявӣ ва стратегияҳои сармоягузорӣ;
– муқаррар намудани ҳадафҳои молиявӣ, инчунин, таҳия ва татбиқи стратегияҳо барои расидан ба онҳо;
– омодасозии хариду фурӯши саҳмияҳо ва вомбаргҳо барои мизоҷон;
– мониторинги самаранокии иқтисодии сармоягузории асосӣ, инчунин таҳлил ва таҷдиди нақшаҳои сармоягузорӣ дар асоси эҳтиёҷоти бознигаришуда ва тағйирот дар бозор;
– пешниҳоди тавсия ва мувофиқакунии пардохтҳои суғуртавӣ барои мизоҷон.

524. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– мушовири сармоягузорӣ;
– мутахассиси банақшагирии молиявӣ;
– мудири амвол.

## § 4. 2413. Таҳлилгарони молиявӣ ва мутахассисони соҳаи молия

525. Таҳлилгарони молиявӣ ва мутахассисони соҳаи молия таҳлили миқдории иттилооти марбут ба барномаҳои сармоягузории ташкилотҳои давлатӣ ё хусусиро анҷом медиҳанд.

526. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– таҳлили маълумоти молиявӣ барои гирифтани пешгӯиҳои шароити тиҷоратӣ, саноатӣ ва иқтисодӣ бо мақсади қабули қарорҳои сармоягузорӣ;

– пайгирӣ намудани дастовардҳои охирини технологияҳои саноатӣ, тиҷорат, молия ва назарияи иқтисод;

– тафсири маълумоти марбут ба барномаҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла нархҳо, даромаднокӣ, устуворӣ, дурнамои оянда дар масоили хатарҳои сармоягузорӣ ва таъсири иқтисодӣ;

– мониторинги тағйироти иқтисодӣ, саноатӣ ва корпоративӣ тавассути таҳлили иттилоот аз нашрияҳои молиявӣ ва хадамот, ширкатҳои бонкии сармоягузорӣ, муассисаҳои давлатӣ, нашрияҳои соҳавӣ, кормандони ширкат ва аз мусоҳибаҳои шахсӣ;

– тавсия оид ба сармоягузорӣ ва муҳлати сармоягузорӣ барои ширкатҳо, кормандони ширкати сармоягузорӣ ё сармоягузорон;

– муайян кардани нархҳое, ки аз рӯйи онҳо саҳмияҳоро метавон муттаҳид (синдикаткунонӣ) кардан ва барои ҷойгиркунӣ дархост кардан;

– таҳияи нақшаҳои чорабиниҳо оид ба маблағгузории асосӣ аз рӯйи натиҷаҳои таҳлили молиявӣ;

– арзёбӣ ва муқоисаи сифати нисбии саҳмияҳои гуногун дар соҳаҳои алоҳида;

– омодакунии ҳисоботи шифоҳӣ ва хаттӣ дар бораи тамоюлҳои умумии иқтисодӣ, корпоратсияҳои алоҳида ва умуман соҳаҳо;

– гузаронидани арзёбии таҳдидҳо, хатарҳо ва омода намудани чораҳои ҷавобӣ.

527. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– таҳлилгари суғурта;
– мушовири коғазҳои қиматнок;
– таҳлилгари қарз;
– менеҷери хатарҳои молиявӣ.

528. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– менеҷери хатарҳои молиявӣ (соҳаи умумӣ–2413.

### § 5. 2414. Нархгузорон ва коршиносон

529. Нархгузорон ва коршиносони амвол ва ҳуқуқ фаъолиятеро анҷом медиҳанд, ки ба муқаррар намудани арзиши бозорӣ, барқарорӣ ё дигар арзишҳоро нисбат ба объектҳои нархгузорӣ ва ҳуқуқ, сарфи назар аз шакли моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд.

530. Ба ухдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– муайян кардани арзиши объекти нархгузории аз рӯйи санаи баҳогузорӣ, мувофиқи намуди интихобшудаи арзиш ва истифодаи се равиш (хароҷот, даромад ва муқоисавӣ) муқарраршуда;

– муайян кардани арзиши амволи ғайриманқул (биноҳо ва иншоот) ва қитъаҳои замини категорияҳои гуногуни истифода ва намуди моликият.

– муайян кардани арзиши молу мулки манқул (таҷҳизоти саноатӣ ва маишӣ, моликияти шахсӣ ва хонагӣ, ҷиҳоз ва олотҳо ва тафтишоти асбобҳо, техникаи идоравӣ ва компютерӣ, воситаҳои нақлиёт ва техникаи махсус, асарҳои санъат, сангҳои қиматбаҳо ва ғ);

– муайян кардани арзиши дороиҳои ғайримоддӣ ва моликияти зеҳнӣ (тамғаҳои савдоӣ ва некномии корхонаҳо (аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, патентҳо, ҳуқуқи муаллифӣ, тамғаҳои молӣ, иҷозатномаҳо ва обрӯи тиҷорӣ);

– арзёбии ҳаҷми зарар ё зиён ва уҳдадориҳои ширкатҳои суғуртавӣ, суғуртакунандагон нисбати зарари дар санади суғурта пешбинишуда;

– муайян кардани арзиши мол ё амволи шабеҳ;

– тартиб додани маълумотномаи нархҳо, нархномаҳо, таҳлил ва таҳқиқоти бозори молҳо, хидматҳо ва меҳнат бо нишон додани арзиши гузошташуда (ё диапазони нархҳо барои давраи муайян ё санаи гузашта/ретроспективӣ);

– навиштани ҳисобот дар бораи нархгузории объектҳое, ки дар он хулосаи касбии нархгузор дар асоси маълумот ва ҳисобҳои ҷамъшуда нисбати арзиши объект тасдиқ шудааст;

– гузаронидани экспертизаи судӣ-нархгузорӣ (пешазмурофиавӣ, ғайримурофиавӣ, коммиссиёнӣ) (аз ҷумла экспертизаҳои марбута), инчунин, иштирок дар дигар гурӯҳҳои экспертӣ дар экспертизаи ҳамаҷониба бо додани хулосаҳои коршиносон.

531. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– нархгузори сертификатдори амволи ғайриманқул;
– нархгузори амволи манқул;
– коршинос-нархгузори моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқҳои ғайримоддӣ;
– коршинос-нархгузори маъданҳои табиӣ ва маъданҳои зеризаминӣ;
– коршиноси суғурта;
– коршиноси шикоятҳо;
– коршиноси ташкилоти худтанзимкунии нархгузорон;
– коршинос-машовил.

532. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

- агенти суғурта–3321;
– музоядакунанда–3339.

## 45. ГУРӮҲИ ХУРДИ 242.

### § 1. Мутахассисони соҳаи маъмурӣ

533. Мутахассисони соҳаи маъмурӣ мафҳумҳо ва назарияҳои мухталиферо, ки ба беҳтар намудани фаъолияти ташкилотҳо ва кормандони алоҳидаи ташкилотҳо алоқаманданд, татбиқ мекунанд.

534. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан инҳо дохил мешаванд:

– арзёбии сохтори ташкилотҳо ва муайян намудани соҳаҳои рушди минбаъда;

– таъмини фаъолияти оперативии ташкилот мутобиқи ҳадафҳои асосии ташкилот;

– интихоб, омӯзиш, рушд ва машварати кормандон дар дохили ташкилот.

535. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2421 | Таҳлилгарони низоми идоракунӣ ва ташкилӣ |
| 2422 | Мутахассисони соҳаи сиёсати маъмурӣ |
| 2423 | Мутахассисони соҳаи интихоб ва истифодаи ҳайат |
| 2424 | Мутахассисон дар соҳаи тайёркунӣ ва рушд ҳайат |
| 2425 | Мутахассисони мақомоти ҳокимияти давлатӣ |

## § 2. 2421. Таҳлилгарони низоми идоракунӣ ва ташкилӣ

536. Таҳлилгарони низоми идоракунӣ ва ташкилӣ ба ташкилотҳо барои ноил шудан ба самаранокии беҳтар ва ҳалли масъалаҳои ташкилӣ мусоидат мекунанд. Онҳо сохторҳои ташкилӣ, қоидаҳо, усулҳо ва тартиботро меомӯзанд.

537. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– мусоидат ва ҳавасмандгардонӣ дар соҳаи муайян кардани ҳадафҳо, стратегияҳо ва нақшаҳои ба қонеъ кардани ниёзҳои мизоҷон ва истифодаи оқилонаи захираҳои ташкилот нигаронидашуд;

– таҳлил ва арзёбии низомҳои амалкунадаи идоракунӣ ва сохторҳои ташкилӣ;

– муҳокима бо кормандон оид ба оқилонагии низомҳои амалкунадаи идоракунӣ ва арзёбии самаранокии онҳо дар ҳама сатҳҳои ташкилот;

– додани тавсияҳо ба мизоҷон оид ба ташкили самаранок ва таҳияи роҳҳои ҳалли мушкилоти ташкилӣ;

– гузаронидан ва таҳлили таҳқиқот дар соҳаи ташкили меҳнат тавассути таҳлили усулҳо ва амалиёти мавҷуда ва пешниҳодшуда, аз ҷумла тартиботи маъмурӣ, хидматӣ ва равандҳои тиҷорат;

– таҳия ва таҳлили ҷадвали пайдарпайии амалиёт, ҳуҷҷатҳо, ҳисоботҳо, дастурҳо ва дастурамалҳои вазифавии ташкилот;

– таҳия ва таҳлили пешниҳодҳо оид ба бознигарии усулҳо ва амалиёт, тағйир додани равандҳои кор, азнавтақсимкунии уҳдадориҳои вазифавӣ ва ҳалли мушкилоти ташкилӣ;

– мусоидат дар амалисозии тавсияҳои тасдиқшуда, баровардани дастурамал ва дастурҳои мурофиавӣ бознигаришуда ва омодасозии лоиҳаҳои дигар ҳуҷҷатҳо;

– бознигарии амалиёт ва тавсияҳои корӣ нисбати дуршавӣ аз амалиёт ва стандартҳо.

538. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мушовири тиҷоратӣ;
– мушовир оид ба такмили идоракунӣ;
– мушовир оид ба идоракунӣ (менеҷмент).

539. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– муҳандис оид ба автоматонӣ–2141;
– таҳлилгари тиҷорат (системаҳои иттилоотӣ)–2511.

## § 3. 2422. Мутахассисон дар соҳаи сиёсати маъмурӣ

540. Мутахассисон дар соҳаи сиёсати маъмурӣ сиёсатро марбут ба таҳия, татбиқ ва бознигарии фаъолият ва барномаҳои ташкилотҳои давлатию тиҷоратӣ таҳия ва таҳлил мекунанд.

541. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– робита ва машварат бо маъмурони барнома ва дигар ҷонибҳои манфиатдор барои муайян кардани мушкилот ва ҳангоми татбиқи сиёсат;

– таҳияи чораҳо оид ба бознигарии сиёсат ва қонунгузории мавҷуда барои муайян кардани дуршавӣ ва муқаррароти куҳна;

– таҳқиқи тамоюлҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва саноатӣ, инчунин интизориҳои мизоҷон вобаста ба барномаҳо ва хидматҳои пешниҳодшаванда;

– тасвия ва таҳлили имконоти алтернативии сиёсати татбиқшаванда, омода намудани ҳуҷҷат ва тавсияҳои маълумотномавӣ оид ба тағйироти сиёсат ва тавсияҳо оид ба варианти писандида;

– арзёбии таъсир, оқибатҳои молиявӣ, ҳамкорӣ бо дигар барномаҳо, инчунин мувофиқи мақсад будани барномаҳои сиёсӣ ва маъмурӣ;

– гузаронидани арзёбии хатар ва хавфҳо, инчунин, омода намудани чораҳои ҷавобӣ;

– баррасии амалиёт ва барномаҳо барои таъмини мувофиқат ба сиёсати ташкилот.

542. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– таҳлилгари сиёсати корпоративӣ;
– мушовири стратегияи бозор;
– корманди амнияти иттилоотӣ.

## § 4. 2423. Мутахассисони соҳаи интихоб ва истифодаи ҳайат

543. Мутахассисони соҳаи интихоб ва истифодаи ҳайат ба тиҷорат дар сиёсати кадрӣ, кироя кормандон, рушди онҳо, таҳлили шуғл ва роҳнамоии касб хидмат мерасонанд.

544. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– машварат ва кор бо кадрҳои алоқаманд ба кирояи кормандон, маҷмуъкунонии ҷойҳои корӣ, омӯзиш, болоравӣ дар касб, ҳавасмандӣ, муносибатҳои роҳбарон ва кормандон ва дигар соҳаҳои сиёсати кадрӣ;

– омӯзиш ва таҳлили корҳои дар ташкилот бо тарзҳои гуногун, аз ҷумла мусоҳиба бо коргарон, мансабдорон ва роҳбарони боло иҷрошаванда, инчунин тартиб додани тавсифи муфассали вазифаҳо, корҳо ва шуғл дар асоси маълумоти бадастомада;

– омодасозии маълумот дар бораи машғулиятҳо ё таҳияи низомҳои таснифи машғулиятҳо;

– машварат ва таҳияи усулҳои таҳлили ҷойҳои корӣ ва шуғлҳо дар соҳаҳои идоракунии ҳайати кормандон, омӯзиш ва банақшагирии захираҳои меҳнатӣ, омӯзиш, маълумот дар бораи касбҳо ва роҳнамоии касбӣ;

– омӯзиш ва машваратдиҳӣ ба шахсони алоҳида оид ба имкониятҳои бакортаъминшавӣ, интихоби афзалиятҳои болоравӣ ва таҳсил ё омӯзиши минбаъда.

545. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– таҳлилгари амалиёти тиҷоратӣ ва меҳнат;
– машваратчӣ оид ба болоравии касбӣ;
– машваратчӣ оид ба роҳнамои касбӣ;
– мутахассис оид ба масоили кадрӣ;
– мутахассис оид ба интихоби ҳайати кормандон;
– мутахассиси захираҳои меҳнатӣ;
– мутахассис оид ба бакортаъминкунии кормандони аз кор озодшуда.

### § 5. 2424. Мутахассисон дар соҳаи тайёркунӣ ва рушди ҳайат

546. Мутахассисон дар соҳаи тайёркунӣ ва рушди ҳайат натиҷаҳои барномаҳои омӯзиш ва рушди ҳайати кормандонро бо мақсади ба даст овардани малака ва гирифтани тахассуси роҳбарон ва кормандони ба ҳадафҳои рушди ташкилот мувофиқ, банақшагирӣ, таҳия, дар амал татбиқ ва арзёбӣ менамоянд.

547. Ба ухдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– муайян кардани эҳтиёҷоту талаботи шахсони алоҳида ва ташкилотҳо;

– гузоштани ҳадафҳо дар соҳаи рушди ҳайати кормандон ва арзёбии натиҷаҳои омӯзиш;

– таҳия ва тахлили маводи васоити таълимӣ, аз қабили китобҳои дарсӣ, асбобҳои аёнӣ, воситаҳои онлайнии таълимӣ ва амсилаҳои таълимӣ, инчунин нигоҳдории ҳуҷҷатҳои маълумотномавии таълимӣ;

– таҳия, ҳамоҳангсозӣ, ҷадвалбандӣ ва татбиқи барномаҳои таълимӣ ва рушд, ки метавонанд, дар шакли дарсҳои инфиродӣ ё коллективӣ сурат

гиранд, инчунин, мусоидат намудан дар гузаронидани семинарҳо, ҷаласаҳо, намоишҳо ва конфронсҳо;

– робита бо ташкилотҳои таълимии беруна бо мақсади амалӣ намудани барномаҳои махсуси омӯзиш ва такмили кадрҳо;

– дастгирии чорабиниҳои дохилӣ ва берунӣ оид ба таълим ва такмили кадрҳо, инчунин, арзёбии чунин чорабиниҳо;

– назорат ва гузаронидани арзёбии ҷорӣ сифат ва самаранокии чорабиниҳои таълимии дохилӣ ва берунӣ, инчунин бознигарӣ ва тағйир додани ҳадафҳо, усулҳо ва маводи гузоришдиҳӣ барои курс;

– ҷамъоварӣ, омӯзиш ва таҳқиқи мавод бо мақсади татбиқи таҷрибаи пешқадам дар соҳаи рушди захираҳои инсонӣ.

548. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мутахассис оид ба тайёркунии кадрҳо;
– мутахассиси оид ба рушди ҳайати кормандон;
– мутахассиси рушди захираҳои инсонӣ;
– мутахассиси оид ба арзёбии ҳайати кормандон.

### § 6. 2425. Мутахассисони мақомоти ҳокимияти давлатӣ

549. Мутахассисони мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои татбиқи мақсадҳои макомоти ҳокимияти давлатӣ тибқи қонунгузорӣ ва сиёсати давлатӣ маводи таҳлилию иттилоотӣ ва ҳуҷҷатҳо омода менамоянд, дастовардҳои нишондиҳандаҳои муқарраршуда ва иҷрои нақшаҳои чорабиниҳое, ки аз ҷониби ҳукумат ва мақомоти қонунгузор тасдиқ шудаанд, иҷрои буҷет дар доираи сиёсати буҷетӣ ва барномаҳои татбиқшаванда назорат мекунанд ва мониторинг мегузаронанд, лоиҳаҳои буҷети давлатӣ, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо асосноккунии зарурӣ омода мекунанд, назорати риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таъмин мекунанд, ба дархостҳо оид ба татбиқи онҳо мувофиқи қоидаҳои муқарраршуда машваратҳо медиҳанд ва ҷавобҳо омода менамоянд.

550. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– омода намудани қайдҳои иттилоотӣ ва ҳисоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, минтақавӣ ё маҳаллӣ ва қонунгузорон оид ба сиёсати пешбаранда;

– машварат оид ба таҳияи буҷети давлатӣ, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ворид намудани тағйирот;

– таҳияи тавсияҳо оид ба тартиби татбиқи барномаҳо ва чорабиниҳои қабулшуда аз ҷониби ташкилотҳои зертобеъ;

– таҳлили натиҷаҳо ва арзёбии самаранокии татбиқи сиёсати давлатӣ ва нақшаҳои чорабиниҳои татбиқи он;

– назорат оид ба иҷрои тадбирҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, саривақтӣ ва пуррагии иҷрои онҳо, истифодаи мақсаднок ва самараноки захираҳо;

– таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қарорҳои

қабулнамудаи мақомоти давлатӣ;

– амалисозии ҳамкории байниидоравӣ ва ҳамоҳангсозии ҳуҷҷатҳо, омода намудани ҷавобҳо ба дархостҳо ва мактубҳо.

551. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сармутахассис;
– мутахассиси пешбар;
– машваратчӣ;
– мушовир;
– мутахассис;
– мутахассис оид ба корҳои сафарбаркунӣ;
– мутахассис–эксперт.

552. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– директори департамент–1112;
– роҳбари дастгоҳ–1113.

## 46. ГУРӮҲИ ХУРДИ 243.

### § 1. Мутахассисон оид ба робита бо ҷомеа, фурӯш ва бозоршиноси (маркетинги)–и маҳсулот ва хизматрасонӣ

553. Мутахассисон оид ба робита бо ҷомеа, фурӯш ва бозоршиноси (маркетинги)–и маҳсулот ва хизматрасонӣ барномаҳои паҳнкунии иттилоотро барои тарғиби ташкилот, маҳсулот ва хидматҳоро банақшагирӣ, таҳия, ҳамоҳанг ва амалӣ менамоянд, инчунин, ширкатҳоро дар фурӯши маҳсулот ва хидматҳои гуногуни техникӣ, саноатӣ, тиббӣ, дорусозӣ ва иттилоотӣ намояндагӣ мекунанд.

554. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– таъйин ва гузаронидани таҳқиқоти маркетингӣ, таҳлили натиҷаҳои онҳо ва банақшагирии фаъолияти таблиғотӣ, маркетинг ва робита бо ҷомеа;

– мусоидат ба тавсеа ва рушди тиҷорат тавассути таҳия ва татбиқи ҳадафҳо, стратегияҳо ва барномаҳои бозоршиносӣ;

– банақшагирӣ ва ташкили маъракаҳои таблиғотӣ;

– арзёбӣ ва интихоби маводи пешниҳоднамудаи рӯзноманигорон, суратгирон, мусавварон ва дигар мутахассисон бо мақсади эҷоди симои мусоид;

– гирифтан ва нав кардани маълумот дар бораи молу хизматрасониҳои корфармоён ва рақибон, инчунин, дар бораи вазъи бозор;

– арзёбии эҳтиёҷоти мизоҷон, инчунин, шарҳ додан ва намоиш додани молу хизматрасониҳо барои онҳо;

– боздиди мизоҷони доимӣ ва дурнамо бо мақсади дарёфти имкониятҳои бозоршиносӣ ва андешидани чораҳо аз рӯи натиҷаҳои чунин боздидҳо;

– таъйин кардан ва муҳокима намудани нархҳо ва шартҳои қарздиҳӣ, инчунин, бастани шартномаҳо.

555. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2431 | Мутахассисон оид ба реклама, бозоршиносӣ (маркетингӣ) ва робита бо ҷомеа |
| 2432 | Мутахассисон оид ба логистика |
| 2433 | Мутахассисон оид ба фурӯши маҳсулоти техникӣ ва тиббӣ (ба истисноі технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ) |
| 2434 | Мутахассисон оид ба фурӯши тенологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ |

### § 2. 2431. Мутахассисон оид ба реклама, бозоршиносӣ (маркетинг) ва робита бо ҷомеа

556. Мутахассисон оид ба реклама, бозоршиносӣ (маркетинг) ва робита бо ҷомеа стратегияҳо ва маъракаҳои таблиғотиро тарҳрезӣ ва ҳамоҳанг мекунанд, бозорҳои фуруши молу хизматҳои пайдо мекунанд, имкониятҳои бозоршиносии маҳсулот ва хидматҳои мавҷударо муайян ва таҳия мекунанд, стратегияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии ба фаҳмиш ва қабули ташкилотҳо, молҳо ва хидматҳои онҳо ва нақши онҳо дар ҷомеа мусоидаткунандаро ба нақша мегиранд, таҳия ва татбиқ мекунанд.

557. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– банақшагирӣ, таҳия, ташкили стратегияҳо ва маъракаҳои таблиғотӣ барои дастгирии ҳадафҳои фурӯш;

– машварат ба роҳбарият ва мизоҷон оид ба стратегияҳо ва маъракаҳое, ки аз худ кардани бозорҳои мақсаднок, баланд бардоштани огоҳии истеъмолӣ ва пешбурди самараноки молҳо ва хидматҳо нигаронида шудаанд;

– навиштани матн ва сенарияҳои таблиғотӣ, инчунин ҳамоҳангсозии истеҳсоли телевизион ва филмҳо, ҷойкунии таблиғ дар воситаҳои ахбори омма;

– ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар бораи рафтор ва ҳавасҳои истеъмолкунандагон;

– тавзеҳ ва пешгӯйии ҳавасҳои ҷорӣ ва ояндаи истеъмолкунандагон;

– тавзеҳ ва пешгӯии эҳтиёҷоти эҳтимолӣ ва тавсифоти бозории молу хизматрасониҳои нав;

– мусоидат ба тавсеа ва рушди тиҷорат тавассути омодасозӣ ва амалисозии ҳадафҳо, стратегияҳо ва барномаҳои бозоршиносӣ;

– таъйин ва гузаронидани таҳқиқоти бозоршиносӣ барои муайян кардани имкониятҳои бозоршиносӣ барои молу хизматрасониҳои нав ва мавҷуда;

– машварат оид ба тамоми ҷанбаҳои бозоршиносӣ, аз ҷумла, сабати маҳсулот, нархгузорӣ, таблиғ ва ҳавасмандии фурӯш, инчунин, воситаҳои фурӯш ва паҳнкунӣ;

– банақшагирӣ ва ташкили маъракаҳои таблиғотӣ ва стратегияҳои иртиботӣ;

– машварат додан ба роҳбарият оид ба оқибатҳои сиёсати онҳо ба ҷамъият, барномаҳо ва усулҳо, инчунин омода ва назорати нашри ахбор ва баёнияҳои матбуотӣ;

– ташкили чорабиниҳои махсус, семинарҳо, фароғатӣ, озмунҳо ва қабулҳо барои баланд бардоштани нуфуз ва ташаккули имиҷи мусбати ташкилот;

– намояндагии манфиатҳои ташкилот ва мувофиқакунии мусоҳибаҳо дар васоити ахбори омма;

– ташриф овардан ба қабулҳои корӣ ва  дигар қабулҳо бо мақсади муаррифии ташкилот;

– интихоб, арзёбӣ ва баррасии маводи пешниҳодкардаи рӯзноманигорон, суратгирон, рассомон ва дигар мутахассисон бо мақсади эҷоди симои мусбати ташкилот.

558. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
- агенти робита бо ҷомеа;
- бозоршинос;
- мутахассиси робита бо матбуот;
- мутахассиси реклама.

## § 3. 2432. Мутахассисон оид ба логистика

559. Мутахассисон оид ба логистика ҳаракати молро дар роҳи  аз истеҳсолот то ба нуқтаи фурӯш назорат ва ҳамоҳанг менамояд, инчунин, кори анборҳо, хадамоти нақлиёти ташкилотро  назорат менамоянд.

560. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– иштирок дар таҳия ва татбиқи стандартҳои ташкили нигаҳдорӣ, фурӯш ва интиқоли маҳсулот бо мақсади кам кардани хароҷоти ташкилот;

– омӯхтани механизмҳои фаъолияти занҷирҳои фурӯш ва ташкили татбиқи чораҳои идоракунии низомии захираҳо ва тақсимоти молҳо;

– таҳияи хатсайр ва усулҳои мусоиди (оптимали)-и интиқоли бор;

– таҳияи дурнамо ва нақшаҳои мантиқӣ;

– таҳлили сифати интиқол ва дастрасии саривақтии борҳо;

– ҳисоб кардани хароҷот барои ташаккул ва нигаҳдории захираҳо, хароҷоти харид, итсифодабарии ҷойҳои нигоҳдорӣ, суғурта;

– ташкили барасмиятдарории гумрукӣ ва гузарондаи мол аз гумрук;

– ҳамкорӣ бо ташкилотҳои нақлиётӣ ва экспедиторӣ.

561. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
- муҳандис оид ба ташкли ҳамлу накл;
- мутахассиси логистика;

– мутахассис оид ба расмикунонии гумрукии мол.

562. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– экспедитор оид ба ташкили ҳамлу нақл–3331;

– хизматчӣ дар анбор–4321.

## § 4. 2433. Мутахассисон оид ба фурӯши маҳсулоти техникӣ ва тиббӣ (ба истисмнои технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ)

563. Мутахассисон оид ба фурӯши маҳсулоти техникӣ ва тиббӣ (ба истиснои технологияҳои иттилоотӣ– коммуникатсионӣ) дар соҳаи фурӯши маҳсулоти чаканаи техникӣ, тиббӣ, дорусозӣ ва дигар маҳсулот ба ташкилотҳои саноатӣ, тиҷоратӣ ва ғайра хизмат мерасонанд.

564. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– тартиб додани рӯйхати мизоҷони эҳтимолӣ бо истифода аз маълумотномаҳо ва дигар манбаъҳо;

– ба даст овардан ва нав кардани маълумот дар бораи молу хизматрасониҳои истеҳсолкунанда ва рақибон, инчунин, дар бораи вазъи бозор;

– боздид аз мизоҷони доимӣ ва эҳтимолӣ бо мақсади дарёфти имкониятҳои бозоршиносӣ ва андешидани чораҳо оид ба натиҷаҳои чунин боздидҳо;

– арзёбии эҳтиёҷот ва захираҳои мизоҷон, инчунин тавсия додани маҳсулот ва хидматҳои мувофиқ;

– пешниҳоди маълумот дар бораи тарҳи маҳсулот, агар мол ё хизматрасонӣ мутобиқи талаботи мизоҷон мутобиқ карда шавад;

– таҳияи ҳисобот ва пешниҳодҳо дар доираи муаррифии тиҷоратӣ барои нишон додани манфиатҳои истифодаи мол ё хизматрасонӣ;

– арзёбии хароҷоти вобаста ба насби таҷҳизот ва хизматрасонии он;

– пайгирии ниёзҳои тағйирёбандаи мизоҷон ва фаъолияти рақибон, инчунин омода кардани ҳисобот дар бораи чунин тағйирот барои менеҷерони фурӯш;

– таъйин ва муҳокимаи нархҳо ва шартномаҳои қарзӣ, инчунин, таҳия ва татбиқи шартномаҳои хариду фурӯш;

– ҳамоҳангсозии интиқоли молҳо, насби таҷҳизот ва хизматрасонӣ;

– таҳияи ҳисоботҳо барои менеҷерони фурӯш дар бораи фурӯши анҷомдодашуда ва бозорпазирии молу хизматрасониҳо;

– гузаронидани машваратҳо бо мизоҷон пас аз фурӯш барои ҳалли дурусти ҳама гуна мушкилот, инчунин, расонидани дастгирии доимӣ.

565. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мудири фурӯш;

– намояндаи фурӯш (маҳсулоти тиббӣ ва фармасевтӣ);

– намояндаи фурӯш (маҳсулоти саноатӣ);

– намояндаи фурӯши молҳои техникӣ.

566. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– намояндаи фурӯш (технологияи коммуникатсионӣ)–2434;

– агенти тиҷоратии фурӯш–2434.

### § 5. 2434. Мутахассисон оид ба фурӯши технологияҳои иттилоотӣ– коммуникатсионӣ

567. Мутахассисон оид ба фурӯши технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ таъминоти гуногуни дастгоҳии компютерӣ ва дигар маҳсулот ва хидматҳои тенологияи иттилоотӣ–коммуникатсионро, аз ҷумла, насб яклухт фурӯхта, дар ҳолати зарурӣ маълумоти махсусро пешниҳод менамоянд.

568. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– қабули фармоиш ва фурӯши мол ба корхонаҳои чаканафурӯшӣ, саноатӣ, яклухт ва дигар коохонаҳо;

– фурӯши таҷҳизоти техникӣ, масолеҳ ва хизматрасонии дахлдор ба корхонаҳои тиҷоратию саноатӣ ё шахсони алоҳида,;

– муҳокимаи ниёзҳои мизоҷони нав ё ҷорӣ ва пешниҳоди маълумоти махсус дар бораи он ки чӣ гуна намудҳои алоҳидаи таҷҳизот, мавод ва хидматҳо ба ниёзҳои онҳо ҷавобгӯ мебошанд;

– таъйин ва муҳокимаи нархҳо ва шартномаҳои қарзӣ, инчунин имзои шартномаҳо ва қабули дархостҳо;

– навсозии маълумоти мизоҷон ва таҳияи ҳисобот оид ба фурӯш;

– ҳамоҳангсозии интиқоли молҳо, насби таҷҳизот ва хизматрасонӣ;

– омода намудани ҳисобот оид ба вокуниши ҷавобии истеъмолкунандагон ва талаботи онҳо ба истеҳсолкунандагон.

569. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– намояндаи фурӯш (технологияи коммуникатсионӣ);

– намояндаи фурӯш (компютерҳо).

570. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб: фурӯшанда дар мағоза–5223.

## 47. ГУРӮҲИ ХУРДИ 244.

### § 1. Мутахассисон оид ба амнияти иқтисодӣ

571. Мутахассисон оид ба амнияти иқтисодӣ фаъолияти огоҳӣ ва пешгирии хатарҳоро банақшагирӣ, таҳия, ташкил, идора мекунанд, гузарондани чорабиниҳои назоратиро, аз ҷумла, таҳлили хатарҳо, вайронкунии эҳтимолии қонун дар низомҳои ҳисоботи молиявӣ ва дигар ҳисобот дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор роҳбарӣ мекунанд, муқовимат ба таъсири хатарҳо ва таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ, ки дар ҷараёни амалисозии фаъолияти иқтисодӣ ва дигар фаъолиятҳо ба вуҷуд меоянд.

572. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– татбиқи барномаҳои идоракунии хатарҳо ва арзёбии андозаи хатар бо мақсади амнияти иқтисодӣ;

– дар ташкилот муайян кардани амалиёт (доду гирифт), ки бояд бо мақсади амнияти иқтисодӣ назорат карда шаванд;

– таҳлили амалиёти мизоҷони ташкилот бо мақсади ошкор кардани ҳуқуқвайронкуниҳои иқтисодӣ,

– банақшагирӣ ва гузаронидани корҳои назоратӣ–тафтишотӣ ва санҷишҳои хизматӣ барои ошкор кардани вайронкуниҳои фаъолияти иқтисодӣ;

– мониторинги фаъолияти маъмурӣ-хоҷагидорӣ оид ба риояи талаботи амнияти иқтисодӣ

– идоракунии хатарҳои молиявӣ (суғурта, андоз ва ғайра) дар низоми амнияти иқтисодӣ;

– таҳия ва ташкили ҳисоботи молиявии ташкилот;

– таҳлили маводи молиявии ташкилот;

– пешниҳоди тавсияҳои молиявӣ ба шахсони алоҳида ва ташкилотҳо;

– таҳияи ҳисоботи таҳлилӣ барои бахшҳои алоҳидаи иқтисодӣ.

573. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2440 | Мутахассисон оид ба амнияти иқтисодӣ |

## § 2. 2440. Мутахассисон оид ба амнияти иқтисодӣ

574. Мутахассисон оид ба амнияти иқтисодӣ фаъолияти огоҳӣ ва пешгирии хатарҳоро банақшагирӣ, таҳия, ташкил, идора мекунанд, гузарондани чорабиниҳои назоратиро, аз ҷумла, таҳлили хатарҳо, вайронкунии эҳтимолии қонун дар низомҳои ҳисоботи молиявӣ ва дигар ҳисобот дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор роҳбарӣ мекунанд, муқовимат ба таъсири хатарҳо ва таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ, ки дар ҷараёни амалисозии фаъолияти иқтисодӣ ва дигар фаъолиятҳо ба вуҷуд меоянд.

575. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– татбиқи барномаҳои идоракунии хатарҳо ва арзёбии андозаи хатар бо мақсади амнияти иқтисодӣ;

– дар ташкилот муайян кардани амалиёт (доду гирифт), ки бояд бо мақсади амнияти иқтисодӣ назорат карда шаванд;

– таҳлили амалиёти мизоҷони ташкилот бо мақсади ошкор кардани ҳуқуқвайронкуниҳои иқтисодӣ,

– банақшагирӣ ва гузаронидани корҳои назоратӣ–тафтишотӣ ва санҷишҳои хизматӣ барои ошкор кардани вайронкуниҳои фаъолияти иқтисодӣ;

– мониторинги фаъолияти маъмурӣ-хоҷагидорӣ оид ба риояи талаботи амнияти иқтисодӣ

– идоракунии хатарҳои молиявӣ (суғурта, андоз ва ғайра) дар низоми амнияти иқтисодӣ;

– таҳия ва ташкили ҳисоботи молиявии ташкилот;

– таҳлили маводи молиявии ташкилот;

– пешниҳоди тавсияҳои молиявӣ ба шахсони алоҳида ва ташкилотҳо;

– таҳияи ҳисоботи таҳлилӣ барои бахшҳои алоҳидаи иқтисодӣ.

576.Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мутахассис дар соҳаи амнияти иттилоотӣ;

– мутахассис дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ ва дигар моликияти шахсӣ;

– таҳлилгари молиявӣ.

577. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– муҳосиб–2411;

– аудитор–2411.

## 48. ЗЕРГУРӮҲИ 25. МУТАХАССИСОНИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ–КОММУНИКАТСИОНӢ

578. Мутахассисони технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ мебаранд, системаҳои технологияҳои иттилоотӣ, таъминоти дастгоҳӣ ва барномавӣ ва консепсияҳои ба онҳо марбутро барои истифодаи махсус банақшагирӣ, таҳия, тавсиф, озмоиш, машварат ва такмил медиҳанд, ҳуҷҷатҳои вобастабуда, аз ҷумла, принсипҳо, сиёсат ва амалиётро таҳия мекунанд, инчунин маҳзани маълумот ва дигар системаҳои иттилоотиро барои таъмини тавсифоти беҳтарин, бехатарӣ ва амнияти додаҳо тарҳрезӣ, таҳия, назорат, корбарӣ ва нигоҳдорӣ мекунанд.

579. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур, одатан аз инҳо иборатанд:

– омӯзиши истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар тиҷорат;

– муайян кардани соҳаҳои ба такмил эҳтиёҷманд ва таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва усулҳои истифодаи компютер;

– арзёбӣ, банақшагирӣ ва таҳияи ҳамҷойии таъминоти дастгоҳӣ ва барнормавӣ барои замимаҳои махсус, аз ҷумла, Интернет, шабакаҳои дохилӣ ва системаи мултимедӣ;

– таҳия, навиштан, озмоиш ва мушоияти барномаҳои компютерӣ;

– тарҳрезӣ ва татбиқи меъмории маҳзани маълумот ва системаҳои идоракунии маҳзани дмаълумот;

– таҳия ва татбиқи нақшаҳои амниятӣ ва сиёсати идоракунии маълумот, инчунин идоракунии шабакаҳои компютерӣ ва муҳитҳои ҳисоббарории ба онҳо алоқаманд;

– таҳлил, таҳия, тафсир ва арзёбии системаҳои мураккаб ва махсусияти меъмории онҳо, амсилаҳо ва диаграммаҳои дар таҳиябуда, шаклсозӣ ва ҳамгироии системаҳои компютерӣ.

580. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 251 | Таҳиягарон ва таҳлилгарони таъминоти барномавӣ ва замимаҳо |
| 252 | Мутахассисон оид ба махзани маълумот ва шабакаҳо |

## 49. ГУРӮҲИ ХУРДИ 251.

### § 1. Таҳиягарон ва таҳлилгарони таъминоти барномавӣ ва замимаҳо

581. Таҳиягарон ва таҳлилгарони таъминоти барномавӣ ва замимаҳо корҳои таҳқиқотӣ мебаранд, системаҳои технологияҳои иттилоотиро аз қабили таъминоти дастгоҳӣ ва барномавӣ ва дигар замимаҳоро мувофиқи талаботи мушаххас банақшагирӣ, таҳия, тавсиф, озмоиш, машварат ва такмил медиҳанд.

582. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан инҳо дохил мешаванд:

– омӯзиши истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар тиҷорат ва муайян кардани соҳаҳое, ки барои беҳтар кардани самаранокӣ ва даромаднокӣ метавон такмил дод;

– гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи ҷанбаҳои назариявӣ ва усулҳои истифодаи компютер;

– арзёбӣ,банақшагирӣ ва таҳияи тарҳҳои таъминоти дастгоҳӣ ва барномавӣ барои замимаҳои махсус;

– таҳия, навиштан, озмоиш ва мушоияти барномаҳои компютерӣ тибқи талаботи махсус;

– арзёбӣ, банақшагирӣ ва таҳияи низомҳо барои Интернет, шабакаҳои дохилӣ ва системаҳои мултимедӣ.

583. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2511 | Таҳлилгарони системавӣ |
| 2512 | Таҳиягарони таъминоти барномавӣ |
| 2513 | Таҳиягарони Web ва барномаҳои амалӣ (замимаҳо)-и мултимедӣ |
| 2514 | Барномасозони барномаҳои амалӣ (замимаҳо) |
| 2519 | Таҳиягарон ва таҳлилгарони таъминоти барномавӣ ва барномаҳои амалӣ (замимаҳо)-и ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

### § 2. 2511. Таҳлилгарони системавӣ

584. Таҳлилгарони системавӣ таҳқиқот гузаронда эҳтиёҷоти мизоҷон дар технологияҳои иттилоотӣ, амалиёт ё мушкилоти мизоҷонро таҳлил ва

арзёбӣ намуда, пешниҳодҳо, тавсияҳо ва нақшаҳоро барои такмил додани низомҳои иттилоотии ҷорӣ ё оянда таҳия ва амалӣ менамоянд.

585. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– гузарондани машварат бо истифодабарандагон барои тасвияи талаботҳои хаттӣ ва бо роҳбарият барои мувофиқат намудани ҳама принсипҳои кори системаҳо;

– муайян ва таҳлили равандҳои тиҷорат, амалиёт ва усулҳои кор;

– муайян ва арзёбии минтақаҳои бесамар ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба беҳсозии усулҳои таҷрибаи тиҷорӣ, инчунин, амалкард ва рафтори система;

– густариши қарорҳои функсионалӣ зери масъулияти худ, аз ҷумла, таҳия, қабул ва татбиқи нақшаҳои гузаронидани озмоиши системаҳо;

– таҳияи таснифоти функсионалӣ барои истифода аз ҷониби таҳиягарони низом;

– васеъ кардан ё тағйир додани низомҳо барои беҳтар кардани равандҳои корӣ ё ноил шудан ба ҳадафҳои нав;

– ҳамоҳангсозӣ ва иртиботи низомҳои компютерӣ дар дохили созмон барои баланд бардоштани мутобиқатӣ.

586. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– таҳлилгари системаҳои иттилоотӣ;

– таҳлилгари тиҷорат (системаҳои иттилоотӣ);

– мушовири системаҳо;

– таҳиягари системаҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;

– мутахассис оид ба назарияи мошин ва системаҳои ҳисобарора

587. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– маъмури системавӣ (компютерҳо)–2523;

– таҳлилгар, коммуникатсия(компютерҳо)–2523;

– таҳлилгари шабакавӣ–2523.

## § 3. 2512. Таҳиягарони таъминоти барномавӣ

588. Таҳиягарони таъминоти барномавӣ талаботро ба барномаҳои амалӣ (замимаҳо) ва системаҳои амалиётии ҷорӣ ва нав таҳқиқ, таҳлил ва арзёбӣ мекунанд ва қарорҳои барномавиро мутобиқ ба ин талаботҳо тарҳсозӣ, таҳия, озмоиш ва дастгирӣ менамоянд.

589. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– таҳқиқ, таҳлил ва арзёбии талабот ба барномаҳои амалӣ (замимаҳо) ва системаи амалиётӣ;

– таҳқиқот, тарҳрезӣ ва таҳияи низомҳои таъминоти барномавии компютерӣ;

– гузаронидани машваратҳо бо кормандони муҳандисӣ ва техникӣ барои арзёбии интерфейси байни таъминоти дастгоҳӣ ва барномавӣ;

– таҳия ва озмоиши таъминоти барномавӣ ва амалиёти аттестатсионӣ;

– тағйирдиҳии таъминоти барномавии ҷорӣ барои ислоҳи хатогиҳо, мутобиқ кардани он ба таъминоти дастгоҳӣ ё навсозии интерфейс ва беҳкунонии тавсифот;

– навиштани таъминоти барномавӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳо;

– арзёбӣ, таҳия, навсозӣ ва ҳуҷҷаткунонии амалиёти хизматрасонии техникии системаҳои истифодабарӣ, воситаҳои коммуникатсионӣ ва таъминоти барномавии амалӣ;

– машварат бо мизоҷон оид ба масъалаҳои хизматрасонии техникии системаҳои барномавӣ.

590. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– Муҳандис-барномасоз;
– барномасоз-таҳлилгар;
– лоиҳакаши таъминоти барномавӣ;
– таҳиягари таъминоти барномавӣ.

591. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– барномасози замимаҳо–2514;
– техник-электроник–3114.

### § 4. 2513. Таҳиягарони Web ва барномаҳои амалӣ (замимаҳо) мултимедӣ

592. Таҳиягарони Web ва барномаҳои амалӣ (замимаҳо) мултимедӣ дар кори худ таҷрибаи тарроҳӣ ва донишҳои техникиро барои таҳқиқ, таҳлил, арзёбӣ, тарҳрезӣ, барномасозӣ ва тағйир додани Web- сайтҳо ва додаҳо якҷоя мекунанд, ки воситаҳои матнӣ, графикаӣ, аниматсионӣ, тасвирӣ, моводи садоӣ ва наворӣ ва дигар васоити интерактивиро муттаҳид мекунанд.

593. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– таҳлил, тарҳрезӣ ва таҳияи сайтҳо барои Интернет тавассути пайвасти воситаҳои гуногуни бадеӣ ва эҷодӣ бо таъминоти барномавӣ, ссенария ва интерфейс бо муҳити амалиётӣ;

– тарҳрезӣ ва таҳияи аниматсияҳои рақамӣ, тасвирҳо, рӯнамоҳо, бозиҳо, клипҳои садоӣ ва наворӣ ва Интернет-замимаҳо бо истифода аз таъминоти барномавии мултимедӣ, восита ва утилитҳо, графикаи интерактивӣ ва забонҳои барномасозӣ;

– алоқа бо мутахассисони шабакавӣ дар масъалаҳои марбут ба Интернет ба монанди амният ва ҷойкунии Web-сайтҳо бо мақсади назорат ва таъмини амният дар шабакаи Интернет ва амнияти Web-сервер, тақсимоти фазо, дастрасии корбарон, кори муттасил, захиракунии Web-сайт ва барқарорсозӣ пас аз садама;

– тарҳрезӣ, таҳия ва ҳамгироии рамзи мошин бо дигар маълумоти вурудии махсус, аз ҷумла, файлҳои тасвирӣ, файлҳои садоӣ ва забонҳои ссенарияҳо, бо мақсади таҳия, мушоият ва нигоҳдории Web-сайтҳо;

– мусоидат дар таҳлил, муайян ва таҳияи Интернет-стратегияҳо, методология ва нақшаҳои рушд дар асоси Web.

594. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– таҳиягари интернет;
– барномасози мултимедӣ;
– барномасоз-мултипликатор;
– барномасоз-таҳиягари бозиҳои компютерӣ;
– барномасози меъмории Web-сайт;
– таҳиягари Web-сайт.

595. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– таррохи Web-сайт–2166;
– маъмури Web-сайт–3514;
– Web–усто–3514;
– мутахассис -техник оид ба Web–3514;

## § 5. 2514. Барномасозони барномаҳои амалӣ (замимаҳо)

596. Барномасозони барномаҳои амалӣ (замимаҳо) рамзи барномасозиро, ки дар дастурҳои техникӣ ва таснифоти таъминоти барномавӣ ва низомҳои амалиётӣ зикр шудаанд, месозанд ва нигоҳдорӣ мекунанд.

597. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– мувофиқи стандартҳои сифат сохтан ва дастгирии рамзи барномавӣ, ки дар дастурҳо ва таснифот нишон дода шудааст;

– бознигарӣ, соз кардан ё васеъ кардани барномаҳои мавҷуда барои баланд бардоштани самаранокии онҳо ё мутобиқ шудан ба талаботи нав;

– гузаронидани тестиронии барномаҳо ва барномаҳои амалӣ (замимаҳо) барои санҷидани таъмини маълумоти талабшуда;

– таҳия ва омодасозии ҳуҷҷатҳо оид ба таҳияи барномаҳо;

– ошкор ва огоҳ кардани мушкилоти техникӣ, равандҳо ва ҳалли онҳо.

598. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– барномасози замимаҳо;
– мутахассис оид ба тестиронии замимаҳо.

599. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

- барномасоз-таҳлилгар–2512;
– таҳиягари таъминоти барномавӣ–2512;
– барномасози мултимедӣ–2513;

## § 6. 2519. Таҳиягарон ва таҳлилгарони

таъминоти барномавӣ ва барномаҳои амалӣ
(замимаҳо)-и ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

600. Ин гурӯҳи ибтидоӣ таҳиягарон ва таҳлилгарони таъминоти барномавӣ ва барномаҳои амалӣ (замимаҳо)-ро дар бар мегирад, ки ба дигар гурӯҳҳои хурди 251 – Таҳиягарон ва таҳлилгарони барномаҳои таъминотӣ ва замимаҳо дохил намешаванд. Масалан, ба ин гурӯҳ мутахассисоне дохил мешаванд, ки дар таъмини сифат, аз ҷумла озмоиши таъминоти барномавӣ, тахассус доранд.

601. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– таҳия ва ҳуҷҷатгузории нақшаҳои озмоиши;

– насби таъминоти дастгоҳӣ ва барномавӣ ва таҷҳизот ва тарҳсозии таъминоти барномавии системаи амалиётӣ ҳангоми омодагӣ ба озмоиш;

– санҷиши кори барномаҳо мувофиқи талаботи истифодабаранда ва меъёрҳои муқарраргардида;

– бақайдгирӣ, таҳлил ва ҳуҷҷатгузории натиҷаҳои озмоиши барномаҳои амалӣ (замимаҳо), инчунин, озмоишҳои системаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ;

– таҳия ва ба ҳаёт татбиқи тартиб, амалиёт, ссенарияҳои озмоиши таъминоти барномавӣ ва системаҳои иттилоотӣ.

602. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– таҳлилгари таъмини сифат (компютерҳо);
– озмоишгари таъминоти барномавӣ;
– озмоишгари системаҳо.

## 50. ГУРӮҲИ ХУРДИ 252.
### § 1. Мутахассисон оид ба махзани маълумот ва шабакаҳо

603. Мутахассисон оид ба махзани маълумот ва шабакаҳо тарҳрезӣ, таҳия, назорат, корбарӣ ва нигоҳдории самаранокӣ ва амнияти муносиб барои система ва инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла махзани маълумот, таъминоти дастгоҳӣ ва барномавӣ, шабакаҳо ва низомҳои амалиётӣ мебошанд.

604. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– тарҳрезӣ, таҳияи меъмории махзани маълумотҳо, сохторҳои луғатҳо ва истилоҳот барои лоиҳаҳои системаҳои иттилоотӣ;

– тарҳрезӣ, сохтан, тағйир додан, ҳамгироӣ, татбиқ ва озмоиши системаҳои идоракунии маҳзани иттилоот;

– таҳия ва татбиқи нақшаҳои амният, сиёсати маъмуронии маълумот, ҳуҷҷатгузорӣ ва стандартҳо;

– дастгирӣ ва маъмуронии шабакаҳои компютерӣ ва муҳитҳои ҳисоббарории ба онҳо алоқаманд;

– таҳлил,таҳия,тасниф ва арзёбии системаҳои мураккаб ва таснифоти меъмории онҳо, амсилаҳои додаҳо ва диаграммаҳои дар таҳия, танзим ва ҳамгироии системаи компютерӣ қарордошта.

605. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2521 | Тарроҳон ва маъмурони махзани маълумот |
| 2522 | Маъмурони шабакавӣ,системавӣ ва маъмурони серверҳо |
| 2523 | Мутахассисон оид ба шабакаҳои компютерӣ ва инфрасохтор |
| 2524 | Мутахассисон оид ба бехатарии инфрасохтор ва технологияҳои иттилоотӣ |
| 2529 | Мутахассисони технологияҳои иттилоотии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

## § 2. 2521. Тарроҳон ва маъмурони махзани маълумотҳо

606. Тарроҳон ва маъмурони махзани маълумотҳо самаранокии беҳтарин ва бехатарии маҳзани маълумотҳоро тарҳрезӣ, таҳия, назорат, корбарӣ, нигоҳдорӣ мекунанд.

607. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– тарҳрезӣ ва таҳияи меъмории инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ;

– тарҳрезӣ, сохтан, тағйир додан, ҳамгироӣ, татбиқ ва озмоиши системаҳои идоракунии маҳзани маълумотҳо;

– гузаронидани таҳқиқот ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба интихоб, истифода ва татбиқи воситаҳои идоракунии маҳзани маълумотҳо;

– таҳия ва татбиқи сиёсати идоракунии маълумот, ҳуҷҷатгузорӣ, стандартҳо ва амсилаҳо;

– таҳияи амалиёти дастрасӣ ба маҳзани маълумотҳо, истифодаи онҳо, захиракунӣ ва барқарорсозии маълумот;

– гузаронидани чорабиниҳои корӣ ва пешгирикунанда вобаста ба захиракунӣ, амалиёти барқарорсозӣ ва таъмини истифодаи воситаҳои назорати амният ва комилӣ.

608. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– таҳлилгари махзани маълумотҳо;
– меъмори инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ;
– муҳандиси мушоияти маҳзанҳо;
– мутахассиси кор бо маълумоти калон.

609. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– маъмури шабака–2522;
– маъмури шабакаҳои компютерӣ–2523;
– маъмури Web -сайтҳо–3513.

## § 3. 2522. Маъмурони шабакавӣ-системавӣ ва маъмурони серверҳо

610. Маъмурони шабакавӣ, системавӣ ва маъмурони серверҳо самаранокии беҳтарин ва бехатарии системаи технологияҳои иттилоотиро тарҳрезӣ, таҳия, назорат, корбарӣ, нигоҳдорӣ мекунанд.

611. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– дастгирӣ, маъмуронии шабакаҳои компютерӣ ва ба онҳо алоқаманди муҳити ҳисоббарорӣ, аз ҷумла таъминоти дастгоҳии компютерӣ, системаҳои таъминоти барномавӣӣ, таъминоти барномавии замимавӣ ва тарҳи (конфигуратсия) онҳо;

– тавсия додани тағйирот барои беҳтар кардани тарҳи (конфигуратсия) система ва шабакаҳо, инчунин муайян кардани талабот ба таъминоти дастгоҳӣ ва барномавӣ вобаста ба чунин тағйирот;

– ташхиси мушкилоти марбут ба таъминоти дастгоҳӣ ва барномавӣ;

– захиракунии маълумот ва барқарорсозии садамавӣ;

– истифодаи консолҳои асосӣ барои пайгирӣ кардани хусусиятҳои система ва шабакаҳои компютерӣ, инчунин, ҳамоҳангсозии дастрасӣ ба шабакаи компютерӣ ва истифодаи он.

612. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– маъмури шабакавӣ;

– маъмури системавӣо.

613. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

- таҳлилгари шабакавӣ–2523;

– маъмури Web-сайтҳо–3513;

– мутахассис–техник оид ба Web–3513.

## § 4. 2523. Мутахассисон оид ба шабакаҳои компютерӣ ва инфрасохтор

614. Мутахассисон оид ба шабакаҳои компютерӣ ва инфрасохтор стратегияҳоро дар соҳаи меъмории шабакавӣ ва рушд таҳқиқ, таҳлил, тарроҳӣ, озмоиш ва тавсия медиҳанд. Онҳо таъминоти дастгоҳӣ ва барномавии шабакавиро амалӣ, идора, нигоҳдорӣ ва тарҳсозӣ мекунанд, инчунин, мониторинг, ошкор ва бартарафкунии носозиҳо ва беҳсозии тавсифотро иҷро мекунанд.

615. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– таҳлил, таҳия, тафсир ва арзёбии низомҳои мураккаб ва таснифоти меъмории онҳо, амсилаҳои маълумот ва диаграммаҳои дар таҳия қарордошта, тарҳсозӣ ва ҳамгироии системаҳои компютерӣ;

– гузаронидани таҳқиқот, таҳлил, арзёбӣ ва мониторинги инфрасохтори шабакавӣ барои таъмини тарҳи оптималӣ ва самаранакии шабакаҳо;

– арзёбӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба беҳтар намудани кори шабака ва таъминоти дастгоҳӣ ва барномавии шабакавии ҳамгирошуда, системаҳои коммуникатсионӣ ва амалиётӣ;

– истифодаи малакаҳои махсус барои дастгирӣ ва пайгирӣ ва бартарафкунии носозиҳо дар кори шабака ва дар ҳолатҳои садамавӣ;

– насб, тарҳсозӣ, озмоиш, дастгирӣ ва маъмуронии шабакаҳои нав ва навсозишуда, барномаҳои амалӣ (замимаҳо)-и маҳзани маълумотҳо, серверҳо ва истгоҳҳои корӣ;

– таҳия ва гузарондани амалиёт ва ҳуҷҷатгузорӣ ҳангоми гузарондани барӯйхатгирии шабака, бақайдгирии ҳолат ва бартарафкунии носозиҳои шабака, ворид намудани такмилот ва тағйирот дар шабака, инчунин, омода кардани дастурҳои хизматрасонии техникӣ;

– муоинаи трафик ва ҳолати шабака, ғунҷоиш ва истифода бо мақсади таъмини комилии муттасил ва самаранокии оптималии шабака.

616. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– таҳлилгари шабакавӣ;

– муҳандиси шабакаӣ.

617. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– маъмури шабакавӣ–2522.

### § 5. 2524. Мутахассисон оид ба бехатарии инфрасохтор ва технологияи иттилоотӣ

618. Мутахассисон оид ба бехатарии инфрасохтор ва технологияи иттилоотӣ кафолатҳои амнияти технологияҳои иттилоотиро таъмин мекунанд.

619. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– таҳияи нақшаҳо оид ба таъмини амнияти файлҳои компютерӣ аз тағйирдиҳӣ, нобудкунӣ ё ошкоркунии тасодуфӣ ё беиҷозати маълумот, инчунин, таъмини талаботи коркарди маълумот дар ҳолатҳои садамавӣ;

– омӯзиш ва ҷалби таваҷҷуҳи корбарон ба масъалаҳои амниятӣ ҷиҳати таъмини низоми амният ва баланд бардоштани самаранокии сервер ва шабака;

– бо истифодабарандагон муҳокима кардани масъалаҳои нисбат ба талаботи дастрасӣ ба маълумоти компютерӣ, вайронкунии амният ва тағйироти барномавӣ;

– мониторинги ҳисоботҳои ҷорӣ оид ба вирусҳои компютерӣ бо мақсади муайян кардани муҳлатҳои навсозии низомҳои муҳофизатӣ аз вирус;

– тағйирот ба ҳуҷҷатҳои амнияти компютер барои ворид намудани таъминоти барномавии нав, ислоҳи хатоҳо ё тағйир додани мақоми дастрасӣ барои шахсони алоҳида;

– назорати истифодаи файлҳо бо додаҳо ва танзими дастрасӣ бо мақсади ҳифзи иттилооти дар файлҳои компютерӣ сабтшуда;

– арзёбии хатар ва озмоиши низоми коркарди маълумот бо мақсади таъмини кори он ва риояи чораҳои бехатарӣ;

– рамзкунонии маълумоти интиқолшаванда ва насби брандмауэрҳо барои пинҳон кардани маълумоти махфии интиқолшаванда ва пешгирии интиқоли беиҷозати иттилоот.

620. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– аудитори амнияти иттилоотӣ;

– муҳандиси амнияти иттилоотӣ;

– мутахассиси амнияти иттилоотӣ.

621. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

- аудитори технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ–2519.

## § 6. 2529. Мутахассисони технологияи иттилоотии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

622. Ба ин гурӯҳи ибтидоӣ мутахассисони технологияҳои иттилоотӣ дохил мешаванд, ки ба гурӯҳҳои дигари зергурӯҳи 25 Мутахассисони касбии технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ дохил намешаванд. Масалан, ба ин гурӯҳ мутахассисон оид ба тартиб додани ҳуҷҷатҳои техникӣ дохил мешаванд.

623. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– таҳияи ҳуҷҷатҳои техникӣ барои таҳияи нармафзор ва додаҳо;

– пешниҳоди натиҷаҳо дар форматҳои гуногун.

624. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– роҳбари лоиҳа дар технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ;

– мутахассис оид ба таҳияи ҳуҷҷатҳои техникӣ (таҳлилгари техникӣ).

# 51. ЗЕРГУРӮҲИ 26. МУТАХАССИСОН ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚ, СОҲАҲОИ ГУМАНИТАРӢ ВА ФАРҲАНГ

625. Мутахассисон дар соҳаи ҳуқуқ, соҳаҳои гуманитарӣ ва фарҳанг таҳқиқот мегузаронанд, консепсияҳо, назарияҳо ва методҳоро такмил ё таҳия мекунанд, бо татбиқи амалии дониш дар соҳаи ҳуқуқ, нигоҳдорӣ ва ҷустуҷӯи иттилоот ва ашёҳои фарҳанги моддӣ, равоншиносӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, сиёсат, иқтисод, таърих, дин, илмҳои забон, ҷомеашиносӣ, дигар илмҳои ҷамъиятӣ, санъат ва фароғат машғуланд. Сатҳи тахассуси аксар машғулиятҳои ба ин зергурӯҳ дохилшаванда, ба сатҳи чоруми тахассуси мувофиқат мекунад.

626. Ба уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур, одатан дохил мешаванд:

- гузаронидани таҳқиқот оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ;

- таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- машварат ба мизоҷон оид ба парвандаҳои судӣ;

- пешбурди парвандаҳо дар судҳои тобеияти умумӣ;

- раёсат ҳангоми мурофиаи судӣ дар судҳои тобеияти умумӣ;
- тартиб додан ва нигоҳдории китобхонаҳо ва ҷамъоварии бойгониҳо;
- гузаронидани таҳқиқот, такмил ё таҳияи консепсияҳо, назарияҳо ва усулҳо ё истифодаи донишҳо дар соҳаи илмҳои ҷамъиятӣ;
- дарккунӣ, эҷод ва иҷрои осори адабию бадеӣ;
- тафсир ва паҳн кардани ахборот, идеяҳо, таассурот ва далелҳо.

627. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 261 | Мутахассисони соҳаи ҳуқуқ |
| 262 | Китобдорон, бойгондорон ва нигоҳдорандаҳои осорхонаҳо |
| 263 | Мутахассисони соҳаи гуманитарӣ ва дин |
| 264 | Нависандагон, рӯзноманигорон ва забоншиносон |
| 265 | Рассомон ва санъаткорон |

## 52. ГУРӮҲИ ХУРДИ 261.
### § 1. Мутахассисони соҳаи ҳуқуқ

628. Мутахассисони соҳаи ҳуқуқ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ таҳқиқот мегузаронанд, ба мизоҷон оид ба ҷанбаҳои ҳуқуқии мушкилот машварат медиҳанд, парвандаҳои дифоъ ва айбдоркуниро дар судҳои тобеияти умумӣ пеш мебаранд, дар мурофиаҳои судии тобеияти умумӣ роҳбарӣ мекунанд, лоиҳаи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таҳия мекунанд.

629. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд: машварат додан ба мизоҷон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, ташкили тиҷорати қонунӣ аз номи мизоҷ ва пешбурди (дар ҳолати зарурӣ) баҳсҳо, ё раёсат дар мурофиаҳои судӣ ва эълони ҳукм дар судҳои тобеияти умумӣ. Уҳдадориҳо метавонад, роҳарии дигар коргаронро фарогир бошад.

630. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2611 | Ҳуқуқшиносон |
| 2612 | Судяҳо |

### § 2. 2611. Ҳуқуқшиносон

631. Ҳуқуқшиносон ба мизоҷон оид ба доираи васеи масъалаҳо, аз ҷумла, корҳои патентӣ ва ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ машварати ҳуқуқӣ медиҳанд, ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ таҳия мекунанд, манфиатҳои мизоҷонро дар шӯроҳои маъмурӣ ё мақомоти судӣ намояндагӣ мекунанд, парвандаҳои дифоъ ва айбдоркуниро дар суд пеш мебаранд ва ба ҳимоятгарҳое, ки дар судҳои сатҳи олӣ баромад мекунанд, машварат медиҳанд.

632. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– машварат додан ба мизоҷон оид ба доираи васеи масъалаҳои ҳуқуқӣ ва намояндагӣ кардани манфиатҳои қонунии мизоҷон дар тиҷорат;

– таҳқиқи принсипҳои ҳуқуқӣ, санадҳои қонунгузорӣ ва қарорҳои қаблии суд, марбут ба парвандаҳои алоҳида, гузаронидани таҳқиқоти маҷмуии патентӣ- иттилоотӣ;

– ҷамъ овардани далелҳо барои таҳияи ҳимоя ё оғози мурофиаи судӣ тавассути воситаҳо, ба монанди: мусоҳиба бо мизоҷон ва шоҳидон барои тафтиши далелҳои парванда;

– арзёбии натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи стратегияҳо ва далелҳо дар ҷараёни омодагӣ ба баҳси ҷонибҳо;

– иштирок ба сифати коршинос дар чораҳои пешгирии маҳсулоти қалбакӣ ва рақобати беадолатона;

– таъмини ҳимояи парвандаҳои мизоҷон дар судҳои тобеияти умумӣ, мақомоти адлия ва шӯроҳои маъмурӣ ё дастур додани химоятгарон, ки дар судҳои сатҳи олӣ баромад мекунанд,

– қабули парвандаҳо ва барандагӣ дар судҳои сатҳи олӣ;

– бурдани гуфтушунид оид ба созиш дар масъалаҳои бавуҷудоварандаи баҳсҳои ҳуқуқӣ;

– таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ва омодасозии қарорҳои ҳукуматӣ дар асоси қонунгузории амалкунанда;

– таҳияи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, ба монанди шартномаҳо, додугирифти амволи ғайриманқул ва васиятнома, инчунин омода кардани хулосаҳои ҳуқуқӣ.

633. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– адвокат(ҳимоятгар);
– таҳлилгар оид ба масъалаҳои моликияти зеҳнӣ;
– нотариус;
– миёнарав (медиатор);
– мутахассиси патент;
– иҷрокунандаи суд, хусусӣ;
– мушовири ҳуқуқӣ;
– сабткунандаи асноди ҳолати шаҳрвандӣ.

634. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– иҷрочии суд–2611;
– ёрдамчии ҳуқуқшинос–3411;
– мушовири ҳуқуқӣ (тахассуси миёна)–3411.

## § 3. 2612. Судяҳо

635. Судяҳо дар мурофиаҳои шаҳрвандӣ ва ҷиноятӣ дар судҳои тобеияти умумӣ раисӣ мекунанд.

636. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– раёсат дар мурофиаҳои судӣ;

– тафсир ва иҷрои маҷбурии меъёрҳои мурофиавӣ ва баровардани қарорҳои ба ҷоизияти далелҳо дахлдор;

– муайян намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо, аз ҷумла, дар ҳолатҳое, ки парванда аз ҷониби ҳайати қасамиён (ҳакамон) баррасӣ мешавад;

– шинос намудани ҳайати қасамиён бо нуқтаҳои қонуни ба парванда татбиқшаванда;

– арзёбӣ ва таҳқиқи далелҳо дар рафти парвандаҳои бе иштироки ҳайати қасамиён баррасишаванда ва баровардани қарори гунаҳкорӣ ё бегуноҳӣ, инчунин дараҷаи ҷавобгарии айбдоршаванда ё ҷавобгар;

– таъйини ҳукм ба айбдоршаванда азрӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ, муайянкунии зарар ё дигар воситахои дахлдори ҳифзи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои щаҳрвандӣ, инчунин баровардани қарорҳои суд;

– таҳқиқи масъалахои ҳуқуқӣ ва омода намудани хулоса оид ба масъалаҳои болозикр.

637. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

–довар;

–судя.

## 53. ГУРӮҲИ ХУРДИ 262.

### § 1. Китобдорон, бойгондорон ва нигоҳдорандаҳои осорхонаҳо

638. Китобдорон, бойгондорон ва нигоҳдорандаҳои осорхонаҳо ба мукаммалкунӣ ва хизматрасонии ҷамъовардаҳо (коллексияҳо)-и бойгониҳо, китобхонаҳо, осорхонаҳо, намоишгоҳҳои санъат ва дигар муассисаҳои шабеҳ машғуланд.

639. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

- арзёбӣ ё тартибдиҳӣ ташкили оканаи бойгонӣ ва ашёҳои фарҳанги моддии дорои аҳамияти таърихӣ, фарҳангӣ ё бадеӣ, инчунин таъмини бехатарӣ ва амният онҳо;

- ташкили коллексияҳо ва намоишномаҳо дар осорхонаҳо, намоишгоҳҳои рассомӣ ва муассисаҳои шабеҳ;

- мукаммалкунӣ ва хизматрасонии маҷмӯаҳои мунтазами маводи сабтшуда ва нашршуда, таъмини дастрасии мизоҷони китобхонаҳо ва муассисаҳои марбута ба онҳо;

- таҳияи ҳуҷҷатҳои илмӣ ва ҳисоботҳо;

- гузарондани таҳӯиқот таҳқиқот;

640. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2621 | Бойгондорон ва нигоҳдорандаҳои осорхонаҳо |
| 2622 | Китобдорон ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанди ба нигоҳдории иттилоот вобастабуда |

## § 2. 2621. Бойгондорон ва нигоҳдорандаҳои осорхонаҳо

641. Бойгондорон ва нигоҳдорандаҳои осорхонаҳо бехатарӣ ва амнияти маводи бойгонӣ, ашёҳои моддии фарҳанг ва сабтҳои дорои аҳамияти таърихӣ, фарҳангӣ, маъмурӣ ва бадеӣ, инчунин, ашёҳои санъат ва дигар ашёҳоро арзёбӣ ва таъмин мекунанд. Онҳо системаи нигоҳдории бехатари сабтҳо ва ҳуҷҷатҳои арзиши таърихидоштаро ба нақша гирифта, тарҳрезӣ ва татбиқ мекунанд.

642. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– арзёбӣ ва нигоҳдории сабтҳо бо мақсадҳои маъмурӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ, далелӣ ва дигар мақсадҳо;

– роҳбарӣ ё омода кардани индексҳо, библиографияҳо, нусхаҳои микрофилмҳо, дигар маводи маълумотномавӣ ба маводи ҷамъоваришуда ва таъмини дастрасӣ ба онҳо;

– таҳқиқоти пайдоиш, тақсимот ва истифодаи мавод ва ашёҳои ифодакунандаи аҳамияти фарҳангӣ ва бадеӣ;

– ташкил, мукаммалкунӣ ва нигоҳдории ҷамъовардаҳо (коллексия)-и ашёҳои дорои аҳамияти бадеӣ, фарҳангӣ, илмӣ ё таърихӣ;

– идоракунӣ, тартиб додани таснифот ва феҳрасти ҷамъовардаҳои осорхонаҳо, нигористонҳо, инчунин ташкили намоишгоҳҳо;

– гузаронидани корҳои илмию таҳқиқотӣ, арзёбӣ, ташкил ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои таърихии муҳим ва арзишманд, ба монанди ҳуҷҷатҳои хукуматӣ, қоғазҳои шахсӣ, аксҳо, харитаҳо, дастнависҳо ва маводи аудиовизуалӣ;

– омодакунии ҳуҷҷатҳо ва ҳисоботҳои илмӣ;

– банақшагирӣ ва татбиқи идоракунии компютерии бойгониҳо ва сабтҳои электронӣ;

– ташкили намоишгоҳҳо дар осорхонаҳо ва нигористонҳо, таблиғоти нигораҳои ифодакунандаи аҳамияти умумӣ, махсус ва таълимӣ;

– арзёбӣ ва ба даст овардани маводи бойгонӣ барои ташкил ва рушди ҷамъовардаҳои бойгонӣ бо мақсадҳои таҳқиқотӣ.

643. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– археограф;
– бойгондор (архивист);
– палеограф;
– мутахассиси баҳисобгирии ашёи осорхона;
– нигаҳдоранда (асарҳои санъатӣ).

## § 3. 2622. Китобдорон ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанди ба нигоҳдории иттилоот вобастабуда

644. Китобдорон ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанди ба нигоҳдории иттилоот вобастабуда ҷамъоварӣ, интихобкунӣ, мукаммал, ташкил ва хизматрасонии фондҳои китобхонаҳо ва дигар анбори

иттилоотиро анҷом медиҳанд, дигар хизматрасониҳои китобхонагиро ташкил ва назорат мекунанд, ба мизоҷон маълумот пешниҳод мекунанд.

645. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– ташкил, мукаммал кардан ва нигоҳдории маҷмӯаҳои доимии китобҳо, нашрияҳои даврӣ ва дигар маводи чопӣ, маводи аудиовизуалӣ ё рақамӣ;

– интихоб ва тавсияҳо оид ба хариди китобҳо ва дигар маводи чопӣ ё маводи аудиовизуалӣ ё рақамӣ;

– ташкил, таснифот ва воридкунӣ ба феҳрасти маводи китобхона;

– идоракунии низоми истирдоди фонди китобхонаҳо барои истифодаи муваққатӣ, қарзи байни китобхонаҳо ва шабакаи иттилоотӣ;

– барқарор намудани мавод ва таъмини истифодабарандагони иттилоотии тиҷоратӣ ва дигарон аз ҳисоби фондҳои шахсӣ ё шабакаи китобхонавию иттилоотӣ қабулашуда;

– гузаронидани таҳқиқот, таҳлил ва тағйирдиҳии хизматрасониҳои китобдорӣ ва иттилоотӣ мувофиқи талаботи тағйирёбандаи корбарон;

– таҳия ва татбиқи система ва амсилаҳои нигоҳдорӣ, ташкил, тасниф ва дарёфти иттилоот;

– таҳияи ҳуҷҷатҳо ва ҳисоботҳои илмӣ;

– гузаронидани ҷустуҷӯҳои дастӣ, онлайнӣ ва интерактивӣ дар васоити ахбори омма, пешниҳоди хизматрасониҳои обунагии байникитобхонагӣ ва иҷрои дигар уҳдадориҳои ёрирасонӣ ба истифодабарандагон дар дастрасии маводи китобхона.

646. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– библиограф;
– китобдор;
– китобдор–мураттиби феҳрастр;
– видеонигоҳдоранда (тахассуси баланд).

## 54. ГУРӮҲИ ХУРДИ 263.

### § 1. Мутахассисони соҳаи гуманитарӣ ва дин

647. Мутахассисони соҳаи гуманитарӣ ва дин корҳои таҳқиқотӣ мегузаронанд, консепсияҳо, назарияҳо ва методҳоро такмил ё таҳия мекунанд, ба татбиқи амалии донишҳои марбут ба фалсафа, сиёсат, иқтисодиёт, ҷомеашиносӣ, антропология, таърих, равоншиносӣ ва дигар илмҳои ҷамъиятӣ машғуланд, инчунин мувофиқи ниёзҳои шахсони алоҳида ва оилаҳо хизматрасонии иҷтимоӣ мерасонанд.

648. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан инҳо дохил мешаванд:

- тасвият ва ҳалли амалии мушкилоти иқтисодӣ, сиёсӣ ё иҷтимоии мавҷуда ва пешбинишаванда;

- таҳқиқ ва таҳлили ҳодисаюҳо ва фаъолияти гузашта, инчунин пайдоиш ва таҳаввулоти инсоният;

- омӯзиши равандҳои равонӣ ва рафтори шахси алоҳида ва гурӯҳҳо;

- хизматрасонии иҷтимоӣ;

- таҳияи ҳуҷҷатҳои илмӣ ва ҳисоботҳо. Уҳдадориҳо метавонанд, роҳбарии дигар коргаронро дар бар гиранд.

649. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2631 | Таҳлилгар– таҳқиқотчиҳо |
| 2632 | Ҷомеашиносон, антропологҳо ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 2633 | Файласуфон, муаррихон ва сиёсатшиносон |
| 2634 | Равоншиносон |
| 2635 | Мутахассисон дар соҳаи ташкил ва пешбурди корҳои иҷтимоӣ |
| 2636 | Ходимони дин |
| 2637 | Мутахассисон дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ |
| 2638 | Мутахассисон оид ба табобати ҷисмонӣ (физиотерапия) дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ |
| 2639 | Мутахассисони эрготерапия дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ |

## § 2. 2631. Таҳлилгар–таҳқиқотчиҳо

650. Таҳлилгар–таҳқиқотчиҳо дар макро ва микросатҳ таҳқиқот ва мониторинги маълумот гузаронда, иттилооти истеҳсолӣ ва дигар иттилоотро тахлил мекунанд, ҳисоботҳо ва нақшаҳоро барои ҳалли мушкилоти иқтисодӣ ва тиҷоратӣ омода мекунанд ва амсилаҳоро барои таҳлил, шарҳ, пешгӯии амалиява рафтори иқтисодиро таҳия менамоянд. Онҳо ба соҳибкорон, гурӯҳҳои манфиатдор ва мақомоти ҳокимиятбо мақсади тасвияти ҳалли мушкилоти ҷорӣ ё пешбинишавандаи иқтисодӣ ва тиҷоратӣ машварат медиҳанд

651. Ба ухдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– пешгӯии тағйироти шароити иқтисодӣ барои таҳияи буҷетҳои кӯтоҳмуддат, банақшагирии дарозмуддат ва арзёбии сармоягузорӣ;

– омодасозии тавсияҳо, барномаҳо ва нақшаҳои иқтисодӣ, стратегияҳо ва сармоягузориҳои корпоративӣ, инчунин, таҳлили имконпазирии техникӣ-иқтисодии лоиҳаҳо;

– мониторинги маълумоти иқтисодӣ барои арзёбии самаранокӣ ва пешниҳоди тавсияҳо мансуб ба мутобиқати сиёсати қарзию пулӣ ва андоз;

– пешгӯии истеҳсол ва истеъмоли баъзе намудҳои мол ва хизматрасонӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои сатҳи қаблии истеҳсолот ва истеъмоли намудҳои муайяни маҳсулот ва хизматрасонӣ дар заминаи ҳуҷҷатҳои қаблии сатҳи истеҳсолот ва истеъмол, инчунин шароити умумииқтисодӣ ва вазъи соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолот;

– таҳияи дурнамоҳои даромад ва хароҷот, меъёри фоизҳо ва қурби мубодила;

– таҳлили омилҳои сатҳи фаъолнокии иқтисодӣ, шуғл, музди меҳнат, бекорӣ ва дигар нишондиҳандаҳои бозори меҳнатро муайянкунанда;

– истифодаи формулаҳои риёзӣ ва усулҳои оморӣ барои санҷиши назарияҳои иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти иқтисодӣ;

– ҷамъоварӣ, таҳлил ва тафсири маълумоти иқтисодӣ бо истифода аз назарияҳои иқтисодӣ, инчунин қоидаҳои гуногуни оморӣ ва дигар усулҳо;

– арзёбии оқибатҳои қабули қарорҳои сиёсӣ дар масоили иктисодиёти ҷамъиятӣ ва молияи давлатӣ, инчунин, машварат оид ба сиёсати иқтисодӣ, интихоби самти амал бо дарназардошти омилҳо ва тамоюлҳои иқтисодии гузашта, имрӯза ва пешбинишаванда;

– таҳияи ҳуҷҷатҳо ва ҳисоботҳои илмӣ;

– таҳлили мушкилоти марбут ба фаъолияти иқтисодии ширкатҳои алоҳида;

– гузаронидани таҳқиқоти вазъи бозор дар сатҳи маҳаллӣ, минтақавӣ ё миллӣ барои муайян кардани ҳаҷми фурӯш ва нархи молу хизматрасониҳо, арзёбии иқтидори бозор ва тамоюлҳои оянда ва таҳияи стратегияҳои оянда.

652. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мушовири иқтисодӣ;
– машваратчии иқтисодӣ;
– иқтисодчӣ (соҳаи умумӣ);
– иқтисодчӣ оид ба кори шартномавӣ ва даъвоҳо;
– иқтисодчӣ, эконометрика;
– иқтисодчӣ оид ба шуғл ва масоили иҷтимоӣ-меҳнатӣ;
– таҳлилгари амалиёт;
– таҳлилгари иқтисодӣ.

653. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

- оморчӣ–2122;
– таҳлилгари молиявӣ–2143.

## § 3. 2632. Ҷомеашиносон, антропологҳо ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд

654. Ҷомеашиносон, антропологҳо ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд сохтор ро таҳқиқ ва тавсиф мекунанд, пайдоиш ва тағйироти ҷомеаҳо, вобастагии байни шароити муҳити зист ва фаъолияти инсонро таҳқиқ ва тавсиф мекунанд. Онҳо оид ба татбиқи амалии натиҷаҳои тасвияти сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии бадастовардашуда машварат медиханд.

655. Ба ухдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– гузаронидани таҳқиқот оид ба пайдоиш, рушд, сохтор, бунёди иҷтимоӣ, ташкилот ва муносибатҳои ҷомеаи инсонӣ;

– таҳқиқи пайдоиш ва таҳаввули инсоният тавассути омӯзиши тавсифоти тағйирёбандаи муассисаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ;

– таҳлили таҳаввули инсоният тавассути омӯзиши боқимондаҳои моддии гузашта, мисли манзилҳо, маъбадҳо, асбобҳо, маҳсулоти гилӣ, тангаҳо, аслиҳа ё муҷассамаҳо;

– омӯзиши ҷанбаҳои физикӣ ва иқлимии минтақа ва ноҳияҳо, муқаррар намудани робитаи ин омилҳо бо фаъолияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;

– таҳияи назарияҳо, амсилаҳо ва усулҳои шарҳу тавсифи падидаҳои иҷтимоӣ;

– арзёбии натиҷаҳои қарорҳои сиёсӣ барои соҳаи иҷтимоӣ;

– таҳлил ва арзёбии маълумоти иҷтимоӣ;

– машварат оид ба татбиқи амалии натиҷаҳои бадастомада ҳангоми тасвияти сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои гурӯҳҳои аҳолӣ ва минтақаҳо, инчунин, барои рушди бозор;

– таҳияи ҳуҷҷатҳо ва ҳисоботҳои илмӣ.

656. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– антрополог;
– бостоншинос;
– географ;
– ҷомеашинос;
– қавмшинос (этнолог).

### § 4. 2633. Файласуфон, муаррихон ва сиёсатшиносон

657. Файласуфон, муаррихон ва сиёсатшиносон дар бораи моҳияти таҷриба ва мавҷудияти инсон, марҳила ё ҷанбаҳои таърихи башар, ташаккулҳои сиёсӣ, ҳаракат ва рафтори инсонӣ таҳқиқот мегузаронанд. Онҳо натиҷаҳои бадастомадаро бо мақсади огоҳӣ ва ташаккули амалиёти сиёсӣ ва инфиродӣ ҳуҷҷатгузорӣ ва гузориш омода мекунанд.

658. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– таҳқиқот, аз ҷумла тавассути мулоҳизаҳо, сабабҳои бештари умумӣ, хусусиятҳо ва мафҳумҳои ҷомеа, фаъолияти инсон, таҷриба ва мавҷудият, инчунин тафсир ва рушди консепсия ва назарияҳои фалсафӣ;

– машварат ва муқоиса кардани сарчашмаҳои аввалия, ба монанди сабтҳои аслӣ ё муосири рӯйдодҳои гузашта, инчунин, сарчашмаҳои дуюмдараҷаи бозёфтҳои археологӣ ва антропологӣ;

– ҷустуҷӯи маводи дахлдор, санҷиши аслии он, таҳқиқ ва тавсифи таърихи давраи муайян, кишвар, минтақа ё ҷанбаи муайяни таърихӣ, масалан, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ё сиёсӣ;

– гузаронидани таҳқиқот дар соҳаҳои фалсафаи сиёсӣ, назария ва амалияи гузашта ва имрӯзаи низоми сиёсӣ, мауссисаҳо ва рафтор;

– омӯзиши муассиса ва афкорҳои сиёсии муосир, ҷамъоварии маълумот дар бораи онҳо аз сарчашмаҳои гуногун, аз ҷумла, мусоҳиба бо

мансабдорони ҳукумат ва ҳизбҳои сиёсӣ, инчунин, бо дигар шахсони манфиатдор;

– таҳияи назарияҳо, амсилаҳо, усулҳо барои тавзеҳ ва тавсифи моҳияти таҷрибаи инсонӣ, инчунин рӯйдодҳо ва рафтори таърихӣ ва сиёсӣ;

– пешниҳоди натиҷаҳо ва хулосаҳо ба нашр ё барои истифода аз ҷониби ҳизбҳои сиёсии давлатӣ ё дигар ташкилотҳо ва шахсони манфиатдор;

– таҳияи ҳуҷҷатҳо ва ҳисоботҳои илмӣ.

659. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– муаррихон;
– сиёсатшинос;
– мутахассис оид ба насабшиносӣ;
– файлосуфон.

660. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– таҳлилгари сиёсӣ –2421;
– омӯзгорор, дотсент, профессори таърих, МТО–2312;
– омӯзгори таърих, коллеҷ–2321.

## § 5. 2634. Равоншиносон

661. Равоншиносон корҳои таҳқиқотӣ мегузаронанд, равандҳои равонӣ ва рафтори одамон, чи шахсони алоҳида ва чи гурӯҳҳоро меомӯзанд, инчунин, ин донишҳоро бо мақсади банақшагирии тағйирот ва рушди шахсӣ, иҷтимоӣ, таълимӣ ё касбӣ истифода мебаранд.

662. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– банақшагирӣ ва тестиронӣ барои муайян кардани тавсифоти равонӣ, ҷисмонӣ ва дигар тавсифот, аз ҷумла, зеҳн, қобилият, майл ва ғайра, тафсир ва арзёбии натиҷаҳо, инчунин, пешниҳоди машваратҳо;

– таҳлили таъсири ирсият, омилҳои иҷтимоӣ, касбӣ ва дигар омилҳо ба тафаккур ва рафтори шахс;

– машварат ё мусоҳибаҳои табобатӣ бо шахсони алоҳида , гурӯҳҳо ва мушоҳидаи минбаъда;

– нигоҳ доштани робитаҳои зарурӣ, аз ҷумла бо аъзоёни оила, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ё корфармоён, инчунин тавсияҳо мансуб ба ҳалли имконпазир ва танзими мушкилот;

– омӯзиши омилҳои равонӣ ҳангоми ташхис, табобат ва пешгирии бемориҳои рӯҳӣ, инчунин нукси эҳсосӣ ва шахсӣ, инчунин машваратҳо оид ба ин масъалаҳо бо мутахассисони касбҳои ба ҳам алоқаманд;

– таҳияи ҳуҷҷатҳо ва ҳисоботҳои илмӣ;

– таҳияи тестҳо барои санҷиши сатҳи омодагӣ, тестҳои ташхисӣ ва пешгӯӣ барои истифодаи омӯзгорон дар раванди банақшагирӣ, усулҳо ва мундариҷаи барномаҳои таълимӣ;

– гузаронидани пурсишҳо ва таҳқиқот вобаста ба уҳдадориҳои мансабӣ, гурӯҳҳои корӣ, ҳолати маънавӣ, ҳавасмандкунӣ, назорат ва идоракунӣ;

– таҳияи назарияҳо, амсилаҳо ва усулҳои шарҳу тавсифи рафтори инсон.

663. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мутахассиси равоншиносии муҳандисӣ;
– равоншинос, мураббӣ;
– омӯзгор-равоншинос;
– равоншиноси варзишӣ;
– равоншинос дар соҳаи меҳнат ва равоншиносии ташкилӣ;
– равоншиноси мактаб.

664. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– табиб-равоншинос–2212;
– мушовир оид ба солимии руҳӣ–2635.

## § 6. 2635. Мутахассисон дар соҳаи ташкил ва пешбурди корҳои иҷтимоӣ

665. Мутахассисон дар соҳаи ташкил ва пешбурди корҳои иҷтимоӣ ниёзмандии шаҳрвандонро меомӯзанд, хизматрасонии иҷтимоиро банақшагирӣ ва ташкил мекунанд, ба шахсони алоҳида, оилаҳо, гурӯҳҳо, ҷомеаҳо ва ташкилотҳо дар ҳалл намудани мушкили иҷтимоӣ ва шахсӣ тавсия ва дастурҳо таъмин менамоянд. Онҳо ба мизоҷон дар рушди малака ва дастрасӣ ба захираҳо ва хадамоти ёрирасони барои ҳалли мушкилии дар натиҷаи бекорӣ, камбизоатӣ, маъюбӣ, одатҳои зараровар, рафтори ҷиноятиву ғайриқонунӣ, мушкилоти оилавӣ ва дигар мушкилот, кумак мерасонанд.

666. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– татбиқи сиёсати давлатии иҷтимоӣ нисбат ба гурӯҳҳои шаҳрвандони ба ёрии иҷтимоӣ ниёзманд;

– иштирок дар банақшагирӣ, ташкил ва рушди низоми хизматрасониҳои иҷтимоӣ;

– таҳия ва пешбурди чораҳои ҳифзи иҷтимоӣ барои шаҳрвандони дар вазъи душвори зиндагӣ қарордошта;

– корҳои таълимию методӣ барои барқароршавии касбии шахсони дорои маъюбӣ, мутобиқ ба талаботи нишондиҳандаҳои тиббии бозори меҳнат. Таҳия ва татбиқи чорабиниҳ ва машғулиятҳои тасҳеҳӣ-омӯзишӣ, тарбиявӣ, иҷтимоӣ- мутобиқшавӣ, ҷубронӣ бо шахсони дорои маъюбӣ;

– назорати мутобиқати ташкили барқароршавии касбӣ ба стандартҳо ва меъёрҳои амалкунанда;

– гузаронидани суҳбатҳои инфиродӣ бо мизоҷон, бо иштироки оилаҳои онҳо ё мусоҳибаҳои ҷамъиятӣ, бо мақсади арзёбӣ намудани вазъ

ва мушкилоти бавуҷудомада ва муайян намудани ниёзмандӣ ба намуди хизматрасонӣ;

– таҳлили вазъи мизоҷон ва тавсияҳои муносибатҳои алтернативӣ ҷиҳати ҳалли мушкилот;

– машваратдиҳӣ доир ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла, расондани ёрӣ дар ҷамъоварӣ ва тартибдиҳии ҳуҷҷатҳо ба мизоҷон;

– омодакунии таърихи беморӣ ё ҳисоботҳо барои пешниҳод ба суд ё барои иҷрои дигар амалиёти мурофиавӣ;

– машваратдиҳӣ, табобат ва хизматрасонии миёнаравӣ, инчунин, гузаронидани чорабиниҳои гурӯҳӣ бо мақсади кумак ба мизоҷон барои инкишофи фаҳмишу малакаҳои барои ҳалли масъалаҳои шахсиву иҷтимоии онҳо зарур;

– банақшагирӣ ва татбиқи барномаҳои кумак, аз он ҷумла, дахолат ҳангоми вазъи бӯҳронӣ ва равон намудан ба агентиҳои расонандаи мусоидати молиявӣ, ёрии ҳуқуқӣ, пешниҳоди манзил, ёрии тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо;

– таҳқиқи ҳодисаҳои сӯиистемолӣ ё худ беэътиноӣ ва андешидани чораҳо барои ҳифзи кӯдак ва дигар шахсони мубталои хатар;

– кор бо ҳуқуқвайронкунандагон ҳангоми иҷрои ҷазо ва баъди он бо мақсади ёрӣ барои якҷояшавӣ дар ҷомеа, тағйир додани муносибату рафтор барои минбаъд роҳ надодан ба хатоиҳо;

– пешниҳоди тавсияҳо ба сардорони маҳбасхонаҳо, комиссияҳо барои ҳабси шартӣ ва озодшавии пеш аз муҳлат барои ёрӣ дар муайян намудани оё ҳуқуқвайронкунанда ба ҳабс гирифта мешавад, аз ҳабс озод мешавад ё худ чораҳои алтернативииислоҳ дида мешавад, дар сурати мусбӣ будан, дар кадом шартҳо;

– ҳифз ва фишоровари барои манфиатҳои гурӯҳҳи мизоҷон дар ҷомеа бо мақсади ҳалли масъалаҳои ба манфиати онҳо тааллуқдошта;

– таҳияи барномаҳои пешгирӣ ва чораҳои дахолат, мутобиқ ба ниёзмандии ҷомеа;

– мусоидат намудан барои алоқа бо дигар мақомоти таъминоти иҷтимоӣ, муассисаҳои таълимӣ ва кормандони тиббии бо мизоҷон муносибатдошта барои пешниҳоди маълумот ва гирифтани посух оид ба вазъият ва ҳолати кори мизоҷ;

– назорати сифати хизматрасонии иҷтимоии пешниҳодшуда мутобиқи стандартҳои муқарраршуда.

667.Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– нозир оид ба назорати озодшавии шартӣ;
– машваратчӣ оид ба барқароршавиии касбӣ;
– мутахассис оид ба кори иҷтимоӣ бо шахсони мутеъ;
– мутахассис оид ба ҳифзи саломатии кӯдакон;
– мутахассис оид ба кори иҷтимоӣ (самти умумӣ);
– машваратчӣ оид ба масъалаи оила ва издивоҷ.

668. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– равоншинос–2634;
– корманди иҷтимоӣ–3412.

### § 7. 2636. Ходимони дин

669. Ходимони дин ба сифати нигоҳдорандаҳои анъанаҳои рӯҳонӣ, амалияҳо ва догматҳои имон амал мекунанд. Онҳо ибодатҳои динӣ мегузаронанд, тибқи меъёрҳои расму оин ва мазҳаб маросимҳо мегузаронанд ё иҷро мекунанд, ҳидояти маънавию ахлоқиро таъмин карда, дигар уҳдадориҳоро мувофиқ ба дини омурзиш иҷро мекунанд.

670. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– нигоҳ доштани анъанаҳои руҳонӣ, урфу одатҳо ва азалиҳои мазҳаб;
– иҷрои ибодатҳои динӣ, расму оин ва маросимҳои динӣ;
– иҷрои вазифаҳои гуногуни маъмурӣ ва ҷамъиятӣ, аз ҷумла, иштирок дар кумитаҳо ва маҷлисҳои ташкилотҳои динӣ;
– таъмини ҳидояти маънавӣ ва ахлоқӣ мувофиқи дини омурзишшуда;
– паҳн кардани эътиқоди динӣ дар кишвари худ ё берун аз он;
– омода кардан ва хондани мавъизаҳои динӣ;
– таҳия ва идоракунии курсҳои таълимӣ ва барномахои таълими динӣ;
– роҳнамоии шахсони алоҳида дар масоили мушкилоти байнишахсӣ, молиявӣ, динӣ ва саломатӣ;
– сохтани ҷадвалҳо ва иштирок дар чорабиниҳои махсус, аз ҷумла конфронсҳо, семинарҳо ва семинарҳои сайёр.

671. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сархатиб;
– руҳонӣ;
– теолог .

672. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

- хизматчиёни ташкилотҳои диние, ки рутбаи руҳонӣ надоранд–3413;

Эзоҳ: Аъзоёни ҷамъиятҳои динӣ, ки кори онҳо ба иҷрои вазифаҳои ба дигар машғулияҳо хос алоқаманд аст, масалан, ба сифати омӯзгор, ҳамшираи шафқат ё корманди иҷтимоӣ, аз рӯи вазифаҳо ва масъулиятҳои асосии ба ин кор хос ҳисоб карда мешаванд.

### § 8. 2637. Мутахассисон дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ

673. Мутахассисон дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ нигоҳубин ва хидматрасонӣ касбӣ, муҳофизат, дастгирии шаҳрвандони ниёзманди дар шароити душвори зиндагӣ қарордоштаро дар алоҳидагӣ ва гурӯҳҳои хурд, таъмин менамояд.

674. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– таҳқиқ ва таҳлили сабабҳо ва оқибатҳои зухуроти рафтори качравии шахсон (авбошӣ, майзадагӣ, нашъамандӣ, талбандагӣ ва ғайра) ва ҳолатҳои мунокишавӣ дар оила ва коллективҳои меҳнатӣ;

– татбиқи сиёсати иҷтимоии давлатӣ нисбати гурӯҳҳои шаҳрвандони ба кумаки иҷтимоӣ ниёзманди (нафақагирон, маъюбон, кӯдакон, камбизоатон, шахсони дар вазъияти душвори зиндагӣ дучоршуда ва ғайра);

– иштирок дар арзёбии эҳтиёҷоти мизоҷ, банақшагирӣ ва пешниҳоди нигоҳубин ва хидматҳои касбии инфиродӣ ё гурӯҳӣ;

– ташкил ва расонидани ёрии амалии ҳаррӯза, сарпарастӣ, нигоҳубини бевосита ва/ё хизматрасонӣ ба шахсони дорои маъюбӣ, ки қобилияти худхизматрасониро пурра ё қисман гум кардаанд;

– ташкили хизматрасонии хусусияти таълимидоштаи инфиродӣ, инчунин, дигар намудҳои кумак вобаста ба талаботи мизоҷон;

– расондани хизматрасонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шахсони алоҳидае, ки тарзи ҳаёташон ба тартиботи ҳуқуқӣ, ахлоқи ҷамъиятӣ, саломатии наздикони ӯ ва атрофиён тахдид мекунад.Таҳияи барномаҳои дахлдор барои гирандагони хизматрасонии иҷтимоӣ ва аъзои оилаҳои онҳо;

– кор бо оилаҳо ва шахсони алоҳида, инчунин, коллективхои меҳнатие, ки дар ҳалли ихтилофхои маишӣ ва меҳнатӣ ба ёрӣ эҳтиёҷ доранд. Таҳияи маҷмуи тадбирҳо оид ба бартараф намудани ихтилофот ва кам кардани таъсири манфӣ ба шахс (оила). Ҳалли вазъиятҳои ихтилофӣ тавассути пешниҳоди як қатор хизматрасонии иҷтимоӣ ва раввонӣ;

– гузаронидани машваратҳои инфиродӣ ва гурӯҳии оилавӣ бо мақсади муайян намудани мушкилот дар нигоҳубини мизоҷ ва мусоидат дар ҳалли онҳо;

– ба аъзои оила омӯзонидани малакаҳои нигоҳубини мизоҷе, ки қобилияти худхизматрасониро пурра ё қисман гум кардааст;

– мусоидат дар фаъолсозӣ ва рушди салоҳиятҳои иҷтимоии мизоҷон;

– иҷрои уҳдадориҳои ҳаммонанд вобаста ба мундариҷа;

– роҳбарии дигар коргарон.

675. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мутахассиси хадамоти иҷтимоӣ;

– мутахассис оид ба мутобиқсозии меҳнатӣ ва маишӣ;

– мутахассис-низоъшинос;

– коршиноси иҷтимоӣ /патолог.

## § 9. 2638. Мутахассисон оид ба табобати ҷисмонӣ (физиотерапия) дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ

676. Мутахассисон оид ба табобати ҷисмонӣ (физиотерапия) дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ кӯшиш мекунанд, ки ба дараҷаи ниҳоят имконпазир имкониятҳои мутаҳаррикӣ ва функсионалии шахс ё гурӯҳро ташаккул, нигоҳдорӣ а барқарор намоянд. Соҳаи фаъолияти касбии ин мутахассисон кор бо кӯдакон, наврасон, калонсолон ва пиронсолонеро, ки

ин ё он гуна норасоӣ дар функсия ё сохтори организмашон доранд ва ин норасоиҳо ба сабаби беморӣ, осебгирӣ ё потологияи модарзодӣ пайдо шуда, фаъолият ва ҳаракатро дар ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо маҳдуд карданаш мумкин аст, фаро мегирад. Ҳадафи фаъолияти мутахассис оид ба табобати ҷисмонӣ (физиотерапия) аз солимии инсон, қобилияти ӯ барои ҳаракат ва фаъолнокии функсионалӣ, инчунин, қобилияти маъюб ба амал кардан ва мутобиқат ба шароити ивазшавандаи муҳити беруна иборат аст. Мутахассис бо фард, бо оилаи ӯ, атрофиёни наздик, кормандони муассисаҳои тандурустӣ, маориф ва хадамоти иҷтимоӣ дар ҳамкории зич кор мекунад. Чорабиниҳое, ки мутахассисон доир ба табобати ҷисмонӣ (физиотерапия) мегузаронанд, ба усулҳои ҷисмонии таъсир (муқаррарӣ ё табиӣ) ба фард дар ҳаракат, таъсири мануалӣ, масҳ, таъсири рефлекторӣ ба таъсири гармӣ, равшанӣ, лаппишҳои баланд, ултрасадо ва об асос меёбад. Мутахассис оид ба табобати ҷисмонӣ (физиотерапия) асосан ҳаракатҳои фаъоли аз ҷониби худи фард оғозкардашударо истифода мебаранд Мутахассисон оид ба табобати ҷисмонӣ (физиотерапия) дар хадамоти иҷтимоӣ, муассисаҳои тандурустӣ, мактабӣ ва томактабӣ кор мекунанд.

677. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– гузаронидани чорабиниҳо, дахолатҳои табобати ҷисмони (физиотерапия)-е, ки ба беҳтар шудан, ҷуброн кардан ё профилактикаи маҳдудшавии фаъолнокӣ равона шудаанд;

– муайян намудани масъалаҳои муҳити атроф ва иҷрои чорабиниҳое, ки барои тағйир додани он дар сатҳи инфиродӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ равона шудаанд;

– пешгирӣ (аввалия, дувумӣ ва сеюмӣ), абилитатсия ва тавонбахшӣ истифодабарандагон бо ҳолати кӯҳнашудаи хуруҷкунанда ва кӯҳнашудаи муътадил;

– иштирок дар банақшагирӣ, ташкил, татбиқи хизматрасониҳои физиотерапиявӣ, инкишофи низоми ҳамин хизматрасониҳо;

– банақшагирӣ ва гузаронидани корҳое, ки ба пешбурди ғояҳои тарзи ҳаёти солим равона шудаанд;

– ошкор кардани захираҳои фард, мусоидат дар рушди онҳо, вобаста ба имкониятҳо, талабот ва хоҳиши инфиродӣ;

– маълумотдиҳӣ ва таълими асосҳои табобати ҷисмонӣ (физиотерапия) барои истифодабарандагон, аъзоёни оилаи онҳо ва мутахассисони дигар;

– омода кардани ҳисоботи хаттӣ, протоколҳо дар бораи чорабиниҳои гузаронидашуда ва дахолатҳо;

– иҷрои уҳдадориҳои аз рӯйи мундариҷа монанд;

– роҳбарӣ ба кормандони дигар.

678. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мутахассис оид ба табобати ҷисмонӣ (физиотерапия).

## § 10. 2639. Мутахассисони эрготерапия дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ

679. Мутахассисони эрготерапия дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ, кӯшиш менамоянд, сифати зиндагии фардро беҳтар кунанд ва то ҳадди афзал ҳаёти ӯро аз кумаки атрофиён мустақил кунанд. Соҳаи фаъолияти ин мутахассисон дар худ кӯдакон, наврасон, калонсолон ва пиронсолонеро, ки ин ё он гуна нуқсҳо дар функсия ё сохтори организмашон доранд ва ин нуқсҳо ба сабаби бемориӣ, осебгириӣ ё патологияи модарзодӣ пайдо шудаанд, фаъолнокӣ ва ҳаракатро мумкин дар ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо маҳдуд кунанд, фаро мегирад. Ин мутахассисон дар кори худ усул ва воситаҳои гуногунро истифода мебаранд, ки ба барқарор намудани функсияҳои гумшуда ва мутобиқшавӣ ба муҳити атроф равона шудаанд. Ин кор чи ба таври инфиродӣ ва ҳам ба тариқи гурӯҳӣ гузаронида мешавад. Мутахассисон оид ба эрготерапия метавонанд, дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ, дар муассисаҳои тандурустӣ, мактабӣ ва томактабӣ кор мекунанд.

680. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– гузаронидани арзёбӣ ва ошкор кардани масъалаҳо ба фаъолияти ҳаррӯза алоқамандбуда;

– гузаронидани чорабиниҳо, дахолати эрготерапияи бемориҳои дарунӣ, ки ба беҳтар кардан, ҷуброн намудан ё пешгирии маҳдудшавии ҳаракат равона шудаанд;

– муайян намудани масъалаҳои муҳити зист ва иҷрои чорабиниҳои барои тағйир додани он равонашуда дар сатҳи фардӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъият;

– иштирок дар банақшагирӣ, амалӣ кардани хизматрасониҳои эрготерапиявӣ, инкишоф додани низоми ин хизматрасониҳо;

– банақшагирӣ ва гузаронидани корҳои ба тарғиби тарзи ҳаёти солим равонашуда;

– маълумотдиҳӣ ва таълими асосҳои эрготерапия ба истифодабарандагон, аъзои оилаи онҳо, дигар мутахассисон;

– машваратдиҳӣ оид ба беҳтар кардани шароити эргономикӣ дар истеҳсолот ва дар муассиса;

– омода кардани ҳисоботи хаттӣ, протоколҳо дар бораи гузаронидани чорабиниҳо ва дахолатҳо;

– машваратдиҳии мақомоти маъмурӣ оид ба масъалаҳои бунёди муҳити бемонеа;

– иҷрои уҳдадориҳои аз рӯйи мундариҷа монанд;

– роҳбарӣ ба кормандони дигар.

681. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мутахассис оид ба эрготерапия дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ (эрготерапевт);

– мутахассис оид ба мутобиқшавии меҳнатӣ ва маишӣ.

## 55. ГУРӮҲИ ХУРДИ 264.

### § 1. Нависандагон, рӯзноманигорон ва забоншиносон

682. Нависандагон, рӯзноманигорон ва забоншиносон асарҳои адабиро ният мекунанд, эҷод мекунанд, ахбор ва рӯйдодҳои ҷамъиятиро тавассути ВАО тафсир ва паҳн мекунанд, тарҷумаи хаттӣ ё шифоҳиро аз як забон ба забони дигар анҷом медиҳанд.

683. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан инҳо дохил мешаванд:

- навиштани асарҳои адабӣ;
- арзёбии сифатҳои асарҳои адабӣ ва дигар осори бадеӣ;
- ҷамъоварии маълумот дар бораи рӯйдодҳои ҷорӣ ва тавсифи онҳо;
- ҷустуҷӯ, таҳқиқ, тафсир ва паҳн кардани ахбор ва рӯйдодҳои ҷамъиятӣ тавассути рӯзномаҳо, телевизион, радио ва дигар васоити ахбори омма;
- тарҷумаи хаттӣ, тарҷумаи синхронӣ (ҳамзамонӣ) аз як забон ба забони дигар.

684. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2641 | Нависандагон, шоирон ва дигар адибон |
| 2642 | Рӯзноманигорон |
| 2643 | Филологон, мутарҷимон ва дигар забоншиносон |

## § 2. 2641. Нависандагон, шоирон ва дигар адибон

685. Нависандагон, шоирон ва дигар адибон нақшаҳо месозанд, таҳқиқот мегузаронанд, китобҳо, сенарияҳо, сужетҳо, песаҳо, очеркҳо, эссе, нутқҳо, дастурҳо, таснифот ва дигар мақолаҳои ғайрирӯзноманигорӣ (ба истиснои мавод барои рӯзнома, маҷалла ва дигар нашрияҳои даврӣ) барои нашр ё рӯнамоӣ менависанд.

686. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– нияткунӣ, навиштан ва таҳрири романҳо, песаҳо, сенарияҳо, шеърҳо ва дигар маводҳо барои чоп ё рӯнамоӣ;

– гузаронидани таҳқиқот барои муқаррар намудани далелҳо ва гирифтани дигар маълумоти зарурӣ;

– навиштани сенария, матни намоишномаҳо ва тайёр намудани барномаҳо барои басаҳнагузорӣ дар театр, кино, радио ва телевизион;

– таҳлили масолеҳ, аз ҷумла, таснифот, қайдҳо ва нақшаҳо, тайёр кардани дастурҳо, дастурамал оид ба истифодабарӣ, дастури истифодабаранда ва дигар ҳуҷҷатҳо барои фаҳмо ва мухтасар тавзеҳ додани раванди насби, истифодабарӣ ва хизматрасонии техникии таъминоти барномавӣ, таҷҳизоти электронӣ, механикӣ ва ғ.;

– навиштани брошюраҳо, китобчаҳои роҳнамо ва нашрияҳои техникии шабеҳ;

– интихоби мавод барои нашр, санҷиши услуб, грамматика ва дурустии мундариҷа, мувофиқа намудани ҳама ислоҳоти зарурӣ ва тафтиши нусхаҳои санҷишӣ пеш аз нашр.

687. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– муаллифи сенария;
– драманавис;
– мунаққиди синамо;
– очеркнавис;
– нависанда;
– романнавис;
– шоир;
– муҳаррири китоб;
– мураттиби баромадҳо;
– мураттиби матнҳои техникӣ;
– мураттиби феҳристҳо;
– сенариянавис

688. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:
- мураттиби матнҳои робита бо ҷомеа–2641;
– рӯзноманигор–2642;
– муҳаррири рӯзнома–2642.

## § 3. 2642. Рӯзноманигорон

689. Рӯзноманигорон рӯйдодҳои ҷамъиятӣ ва иттилотро таҳқиқот мегузаронанд, тафтишот ва тафсир мекунанд, тавассути рӯзномаҳо, телевизион, радио ва дигар васоити ахбори омма паҳн мекунанд.

690. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– ҷамъоварии ахборҳои маҳаллӣ, миллӣ ва байналмилалӣ тавассути мусоҳиба, таҳқиқ ва мушоҳидаҳо, иштирок дар чорабиниҳои оммавӣ, ҷустуҷӯи ҳуҷҷатҳо, баррасии асарҳои хаттӣ, тамошои филмҳо ва намоишномаҳои саҳавӣ;

– ҷамъоварӣ, тартиб додани гузориш ва омода намудани шарҳу эзоҳ ба ахбор ва рӯйдодҳои ҷорӣ барои интишор дар рӯзномаҳо ва нашрияҳои даврӣ ё пахши радио, телевизион ва шабакаи Интернет;

– қабул, таҳлил ва тафтиши дурустии ахборот ва ҳуҷҷатҳои дигар;

– мусоҳиба бо ходимони сиёсӣ ва дигар ходимони ҷамъиятӣ дар нишастҳои матбуотӣ ё дигар чорабиниҳо, аз ҷумла мусоҳибаҳои инфиродии барои радио, телевизион ва нашрияҳои интернетӣ сабт шудаанд;

– гузаронидани таҳқиқот ва тартиб додани ҳисобот оид ба рушди рӯйдодҳо дар соҳаҳои махсусгардонидашуда, аз қабили тиб, илм ва техника;

– навиштани мақолаҳои таҳририя ва омода намудани шарҳу эзоҳот оид ба мавзуъҳои мубрам бо мақсади ҷалби таваҷҷӯҳи аҳли ҷомеа ва баёни андешаҳо дар бораи нашр ё маводи эфирӣ;

– тайёр намудани тақризҳои осори адабӣ, мусиқӣ ва дигар асарҳои бадеӣ дар асоси дониш, мулоҳиза ва таҷрибаи худ барои рӯзномаҳо, телевизион, радио ва дигар васоити ахбори омма;

– интихоби мавод барои нашр, тафтиши услуб, грамматика, дурустӣ ва қонунии мундариҷа, инчунин, мувофиқа кардани ҳама таҳрирҳои зарурӣ;

– алоқа бо ҳайати кормандони истеҳсолӣ барои санҷидани ислоҳи охирин пеш аз чоп;

– қабул, интихоб ва омода намудани маводи таблиғотӣ оид ба ташкилоти тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳо барои нашр дар матбуот, радио, телевизион ва дигар васоити ахбори омма.

691. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– хабарнигори рӯзнома;
– рӯзноманигорон, барандаи ахбори ашрофӣ;
– мухбир;
– мухаррири рӯзнома;
– хабарнигори телевизион ва радио.

692. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

-мутахассиси робита бо ҷомеа–2431;
– шоир–2641;
– муҳаррири китобҳо–2641;
– суратгир–3431;
– наворбардори видео–3521.

## § 4. 2643. Филологҳо, мутарҷимон ва дигар забоншиносон

693. Филологҳо, мутарҷимон ва дигар забоншиносон тарҷумаи хаттӣ ва шифоҳии аз як забон ба забони дигар иҷро мекунанд ва таърих, рушд ва сохтори забонҳоро таҳқиқ мекунанд.

694. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– омӯзиши робитаи байни забонҳои қадим ва гурӯҳҳои забонҳои муосир, муайян кардани пайдоиш ва таҳаввулоти калимаҳо, шаклҳои грамматикӣ ва забонӣ, инчунин, навиштани ҳисобот оид ба натиҷаҳо;

– машварат ё омода намудани системаи таснифоти забонҳо, грамматика, луғатҳо ва маводи шабеҳ;

– тарҷумаи хаттӣ аз як забон ба забони дигар, таъмини нигоҳ доштани мазмуни дурусти нусхаи асл, дурустии тарҷумаи корҳои ҳуқуқӣ, техникӣ ё илмӣ, инчунин ба таври дақиқ интиқоли фразеология, истилоҳот, руҳия ва услуби осори адабӣ;

– ташаккули методикаи истифодаи компютерҳо ва дигар асбобҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати тарҷумаҳо;

– тарҷума аз як забони шифоҳӣ ё имову ишора ба дигар забони шифоҳӣ ё имову ишора, бахусус, дар маҷлисҳо, ҷамъомадҳо ва

чорабиниҳои шабеҳ, инчунин,ба қадри имкон аниқ интиқол додани мазмун ва руҳияи нусхаи аслӣ;

– таҳрир ва ислоҳи маводи тарҷумашуда.

695. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– забоншинос;
– мутарҷим (хаттӣ);
– мутарҷим(нутқи шифоҳӣ);
– мутарҷим(синхронӣ);
– мутарҷим-дактиолог;
– мутарҷими имову ишора;
– филолог.

696. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– муҳаррири китобҳо–2641;
– рӯзноманигор–2642.

## 56. ГУРӮҲИ ХУРДИ 265.

### § 1. Рассомон ва санъаткорон

697. Рассомон ва санъаткорон ғояҳо, таассурот ва далелҳоро тавассути васоити мухталиф барои ба даст овардани таъсири махсус паҳн мекунанд, асарҳоро, аз ҷумла партитура ё сенарияҳоро бо мақсади иҷро кардан ё ба саҳна гузоштан шарҳ медиҳанд, намоишномаҳо ва дигар чорабиниҳоеро мегузаронанд, ки ба васоити ахбори омма аҳамият доранд,.

698. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

- тарҳрезӣ ва эҷоди шаклҳои санъати тасвирӣ;
- тарҳрезӣ ва навиштани мусиқии аслӣ;
- андешаронӣ, басаҳнагузорӣ, гузаронидани машқҳо ва иҷрои намоишҳои мусиқӣ, рақсӣ, театрӣ ва филмофарӣ;
- бар зиммаи худ гирифтани масъулияти эҷодӣ, молиявӣ ва ташкилӣ вобаста ба тайёр кардани барномаҳои телевизионӣ, филмҳо ва намоишҳои театрӣ;
- омӯзиши сенарияҳо, песаҳо ё китобҳо ва омода кардани тафсири онҳо ва гузаронидани машқҳо;
- интихоб ва пешниҳоди мусиқӣ, наворҳои видео ва дигар маводи фароғатӣ барои пахш, омодакунии таблиғ ва эълонҳои хадамоти иттилооти ҷамъиятӣ.

699. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 2651 | Рассомон ва ҳайкалтарошҳо |
| 2652 | Навозандагон, сароядагон ва бастакорон |
| 2653 | Раққосон ва хореографҳо |
| 2654 | Коргардонҳои филм, театр ва ходимони санъат ва продюссерони |

| | |
|---|---|
| | ба онҳо ҳаммонанд |
| 2655 | Актёрҳо |
| 2656 | Барандаҳо, шореҳон ва дикторон |
| 2659 | Санъаткорони ба гурӯҳҳои дигар шомил нагардида |

## § 2. 2651. Рассомон ва ҳайкалтарошҳо

700. Рассомон ва ҳайкалтарошҳо асарҳои санъатиро эҷод мекунанд, ҳайкалҳо меофаранд, ҳайкалтарошӣ мекунанд, бо ранг расм мекашанд, филмҳои тасвирӣ меофаранд, кандакорӣ ва ё дигар усулҳоро истифода мебаранд.

701. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– тарҳрезӣ ва таҳияи ғояҳо, ҳалли созанда ва услубҳои наққошӣ, рассомӣ ва ҳайкалтарошӣ;

– ҷойгиршавии объектҳо, гузоштани амсилаҳо ва интихоби манзараҳо ва дигар шаклҳои дидорӣ (визуалӣ) мувофиқи мавзуи интихобшуда;

– интихоби ороиш, усул ва мавод;

– сохтани тасвир ё шаклҳои абстрактии сеченака ё релефӣ тавассути шаклдарорӣ, кандакорӣ ва коркард, инчунин бо истифода аз мувофиқатии маводҳо ба монанди чӯб, санг, гил, филиз, ях ё коғаз;

– сохтани тасвирҳо ё расмҳои абстрактӣ ва наққошиҳо,бо истифода аз қалам, ранг, бур, рангҳои равғанӣ, рангҳои обӣ (акварел) ё бо истифода аз замимаҳо ё дигар усулҳо;

– сохтани расмҳо вазарробӣ, нақшзанӣ дар рӯйи филиз, чӯб ва дигар мавод;

– офаридани филмҳои тасвирӣ бо тасвири одамон ва воқеаҳо, аксар вақт дар шакли расмҳои ҳаҷвӣ (карикатура);

– барқарор намудани нигорҳои вайроншуда, ифлосшуда ва рангпарида ва дигар ашёи санъат.

702. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– рассоми карикатура;
– ҳайкалтарош;
– рассом;
– рассом–наққош;
– иллюстратор;
– рассом-барқарорсоз.

703. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– конструктори маҳсулоти саноат–2163;
– рассом оид ба реклама–2166;
– омӯзгори санъат (таълими иловагӣ)–2321.

## § 3. 2652. Навозандагон, сарояндагон ва бастакорон

704. Навозандагон, сарояндагон ва бастакорон асарҳои мусиқиро эҷод, аранжировка, ҳамроҳӣ ва иҷро мекунанд.

705. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– сохтани сохтори хущоҳангӣ, мавзун ва вазндор барои ифодаи ғояҳо ва эҳсосот дар шакли мусиқӣ;

– табдил додани ғояҳо ва мафҳумҳо ба аломатҳо ва ишораҳои стандартии мусиқӣ барои бавуҷудоварӣ ва иҷро;

– мутобиқ ё аранжировкаи мусиқӣ барои гурӯҳҳои инструменталӣ ё вокалӣ, асбобҳо ё чорабиниҳо;

– роҳбари (дирижёри)-и гурӯҳҳои инструменталӣ ё вокалӣ;

– интихоби мусиқӣ барои намоишномаҳо ва вобастакунии партияҳои инструменталӣ ба навозандагон;

– навохтани як ё якчанд асбоби мусиқӣ ба сифати якканавоз ё аъзои оркестр ё гурӯҳи навозандагон;

– сурудхонӣ ба сифати яккахон ё аъзои гурӯҳи овозӣ ё ансамбли дигар;

– гузаронидани машқҳо ва репетитсия барои нигоҳ доштани санъати олии иҷроиш.

706. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– аккомпанист;
– ҳунарпешаи ансамбли суруд ва рақс;
– ҳунарпешаи оркестр;
– ҳунарпешаи хор;
– вокалист(опера ва камера);
– дирижёр;
– бастакор;
– конертмейстер;
– сароянда.

707. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– омӯзгори вокали эстрадӣ, коллеҷ–2334;
– омӯзгори мактаби мусиқӣ–2321.

## § 4. 2653. Раққосон ва хореографҳо

708. Раққосон ва хореографҳо рақсҳоро тарҳрезӣ, эҷод ва иҷро менамоянд.

709. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– тарҳрезӣ ва эҷоди рақсҳое, ки дар онҳо сужет, мавзуъ, ғоя ё табъи онҳо бо қадамҳои муайяни рақс, ҳаракат ва имову ишора ифода шудааст;

– иҷрои рақс ҳамчун якка, бо шарик ё иштирокчии гурӯҳи рақсӣ дар назди тамошобинони зинда ё барои филм, телевизион ё дигар воситаҳои иттилооти дидорӣ (визуалӣ);

– тамрин, машқҳои ҷисмонӣ ва иштирок дар дмашғулиятҳои рақс барои нигоҳ доштани сатҳи зарурии қобилият ва омодагии ҷисмонӣ;

– роҳбарӣ ва иштирок дар машқҳо барои такрори қадамҳои рақс ва усулҳои барои намоиш зарурӣ;

– азназаргузаронии номзадҳо ба нақшҳои рақсӣ ё ба аъзогии гурӯҳҳои рақс;

– ҳамоҳангсозии эҷоди асарҳои мусиқӣ бо роҳбарони мусиқӣ.

710. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– санъаткори балет;

– хореограф.

### § 5. 2654. Коргардонҳои филм, театр, ходимони санъати ба онҳо ҳаммонанд ва продюсерон

711. Коргардонҳои филм, театр, ходимони санъати ба онҳо ҳаммонанд ва продюсерон ҷанбаҳои техникӣ ва бадеии раванди истеҳсоли филмҳо, барномаҳои телевизионӣ ё радиоӣ ва намоишҳои саҳнавиро назорат мекунанд

712. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– интихоби нависандагон, омӯзиши сенарияҳо барои таҳияи тафсири бадеӣ, инчунин ба актёрҳо фахмондани усулҳои бозӣ;

– роҳбарии тамоми ҷанбаҳои намоишҳои драмавӣ дар саҳна, телевизион, радио ё филмҳо, аз ҷумла интихоби актёрҳо, қабули қарорҳои ниҳоӣ оид ба либосҳо, ороиши саҳнаҳо, воситаҳои садоӣ ва равшанӣ;

– банақшагирӣ, ташкил, назорати давраҳо ва марҳалаҳои гуногуни тайёр намудани намошномаҳо, синамо, намоишҳои телевизионӣ ва барномаҳои радио;

– кироя ва назорат кардани хамаи ҳайати техникӣ, инчунин муайян кардани муносибат, миқёс ва ҷадвалҳои истеҳсолӣ;

– пешбурди бойгонии истеҳсол ва муҳокимаи пардохтҳои литсензионӣ;

– таҳия, банақшагирӣ ё навиштани сенарияҳо барои сабт, сабти видео, инчунин таҳрири барномаҳо;

– назорати ҷойгиршавии декоратсияҳо, асбобҳо, инчунин асбобҳои рӯшноӣ ва садоӣ.

713. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– коргардони садо;

– коргардони синамо;

– ёрдамчии рассом оид ба наворгирии омехта;

– филмбардор-басаҳагузоранда;

– коргардони филмҳои ҳуҷҷатӣ;

– коргардон-басаҳнагузоранда;

– продюсери филмҳои телевизионӣ ва синамо;

– продюсери хабарҳои телевизионӣ ва радио;

– рассом- басаҳнагузорандаи театр.

714. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– наворбардори видео–3521;
– наворбардори сабти садо–3521;
– васлгар/монтажчӣ (ихтисоси миёна)–3521.

## § 6. 2655. Актёрҳо

715. Актёрҳо нақшҳоро дар синамо, намоишҳои телевизионӣ ё радио ва намоишномаҳои саҳнавӣ иҷро мекунанд.

716. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– дар ёд гирифтани кардани ашъор, луқмаҳо ё иҷрои нақшҳо дар намоишномаҳои драмавӣ дар саҳна, реклама, телевизион, радио ва филмҳо;

– воридшавӣ ба накши офаридаи драманавис ё муаллиф ва ба тамошобин пешкаш намудани ин нақш;

– нақл кардани қиссаҳо ё бо овози баланд хондани асарҳои адабӣ барои тарбия ё фароғати шунавандагон;

– иштирок дар азназаргузарониҳо ва шуниданҳо барои нақшҳо;

– омодагӣ ба намоишномаҳо тавассути машқҳо таҳти назорат ё роҳбарии коргардон-басаҳнагузорҳо;

– мутолиаи сенарияҳо ва гузаронидани таҳқиқот барои дарки нақшҳо, мундариҷа ва нишонаҳои хислат;

– иҷро ва намоиши нақшҳои дар марҳилаҳои машқҳо, синамо, намоишномаҳои телевизион, радио ва саҳнавӣ омода шудаанд.

717. Намунаҳои машғулияти ба ин гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– актёр;
– ҳунарманди драма;
– ҳунарманди ансамбли қиёфабозӣ.

718. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– актёри дубляж–2656;
– дорбоз–3440;
– каскадёр–3440.

## § 7. 656. Барандаҳо, шореҳон ва дикторон

719. Барандаҳо, шореҳон ва дикторҳо маълумоти хабариҳоро мехонанд, мусоҳибаҳо мегузаронанд ва эълонҳоро дар радио, телевизион, театр ва дигар васоити ахбори омма мерасонанд.

720. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– хондани хабару эълонҳо тариқи радио ё телевизион;

– муаррифии ходимони санъат ва мусоҳибон, хондани эълонҳои дахлдор ба воситаи радио ва телевизион, дар театрҳо, клубҳои шабона ва дигар муассисаҳо;

– гузаронидани мусоҳибаҳои кушода бо ашхоси гуногун, аз ҷумла тавассути радио ё телевизион;

– омӯзиши маводи маълумотӣ бо мақсади омодагӣ ба барнома ё мусоҳиба;

– пешниҳоди тақризҳо ба асарҳои мусиқӣ ва дигар масъалаҳо, аз ҷумла вазъи обу ҳаво ё ҳаракати нақлиёт.

721. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– актёри дубляж;

– барандаи барномаи ахборот;

– барандаи ток–шоу;

– диктори редаксияи радиошунавонӣ;

– шореҳи варзиш.

722. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– рӯзноманигор–2642;

– ҳунарпешаи драма–2655.

§ 8. 2659. Санъаткорони ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

723. Ба ин гурӯҳи ибтидоӣ рассомоне дохил мешаванд, ки ба дигар гуруҳи гурӯҳи хурди 265 Рассомон ва санъаткорон дохил нестанд. Масалан, ба ин гурӯҳ масхарабозон, акробатҳо ва дигар ходимони санъат дохил мешаванд.

724. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– бозигарӣ ва нақл кардани ҳикояҳои хандовар;

– завқманд намудани тамошобинон ба воситаи чашмбандӣ, намоиш додани найрангҳо, ҳилла ва гипноз;

– намоиш додани баромадҳои мураккабу ҳаячонбахши акробатикӣ, гимнастикӣ ва жонглёрӣ;

– таълими ҳайвонот ва намоишҳо бо иштироки онҳо.

725. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоӣ мазкур мансуб:

– ҳунарпешаи жанри «ҳаҷв»;

– ҳунарпенша-гимнасти ҳавоӣ;

– ҳунарпешаи жанри варзишӣ-акробатикӣ;

– ҳунарпешаи сирк.

726. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– ҳунарпешаи ансамбли қиёфабозӣ–2655.

## 57. ГУРӮҲИ АСОСИИ 3.

### § 1. Мутахассисони тахассуси сатҳи миёна

727. Мутахассисони тахассуси сатҳи миёна уҳдадориҳои техникӣ ва аз рӯи мундариҷа ҳаммонанди ба таҳия ва истифодаи консепсияҳои илмӣ ё бадеӣ ва усулҳои кор, инчунин бо идоракунии давлатӣ ё ташкили тиҷорат вобастаро иҷро менамоянд. Бештари машғулиятҳои гурӯҳи асосии мазкур сатҳи сеюми тахассусро талаб менамоянд.

728. Уҳдадориҳои мутахассисони тахассуси сатҳи миёна иҷрокунанда, одатан о дарбар мегиранд:

- иҷрои корҳои техникии алоқаманд ба таҳия ва истифодаи консепсияҳо ва усулҳо дар соҳаи илмҳои физикӣ, аз ҷумла техника ва технология, илмҳои табиатшиносӣ, аз ҷумла тибб, ҳамчунин, илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарӣ;

- ташкил ва иҷрои хизматрасонии гуногуни техникии алоқаманд ба савдо, молия, идоракунӣ, бо назардошти риояи қонун ва қоидаҳои давлатӣ, ҳамчунин кори иҷтимоӣ;

- амалисозии таъминоти техникӣ дар соҳаи санъат ва фароғат;

- иштирок дар фаъолияти варзишӣ;

- иҷрои баъзе уҳдадориҳо дар соҳаи дин. Ҳамчунин, метавонанд, назорати кормандони дигарро анҷом диҳанд.

729. Машғулиятҳои гурӯҳи асосии мазкур ба зергурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 31 | Мутахассисон–техникҳо дар соҳаи илм ва техника |
| 32 | Техникҳо, ҳайати миёнаи тиббӣ ва дорусозӣ дар соҳаи тандурустӣ |
| 33 | Ҳайати миёнаи махсус дар соҳаи фаъолияти молиявӣ, баҳисобгирӣ ва коркарди иттилооти рақамӣ |
| 34 | Ҳайати ёрирасони касбӣ дар соҳаи корҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, фарҳанг, варзиш ва машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 35 | Мутахассисон–техникҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ |

## 58. ЗЕРГУРӮҲИ 31. МУТАХАССИСОН–ТЕХНИКҲО ДАР СОҲАИ ИЛМ ВА ТЕХНИКА

730. Мутахассисон–техникҳо дар соҳаи илм ва техника вазифаҳои техникии алоқаманд ба таҳия ва истифодаи консепсияҳо ва усулҳои оперативии дар соҳаи илм ва техника истифодашавандаро иҷро менамоянд. Онҳо ҷанбаҳои техникӣ ва баҳрабардории истихроҷи канданиҳои фоиданок, равандҳои истеҳсолӣ, сохтмон ва иҷрои корҳои дигари техникӣ, ҳамчунин, баҳрабардории таҷҳизоти техникӣ, аз ҷумла, таҷҳизоти ҳавопаймоҳоро назорат мебаранд. Аксари машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур сатҳи сеюми тахассусиро талаб менамоянд.

731. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур, одатан дарбар мегиранд:

– сохтан, назорат ва баҳрабардории асбобҳо ва таҷҳизот, гузаронидани таҷриба ва озмоишҳои системаҳо ва мониторинги онҳо;

– ҷамъоварӣ ва тестиронии намунаҳо;

– бақайдирии мушоҳидаҳо ва таҳлили маълумот;

– омодасозӣ, таҳрир ва истифодаи тарҳҳо ва нақшаҳои техникӣ, ҳамоҳангсозӣ, назорат, идора ва банақшагирии фаъолияти дигар кормандон;

– баҳрабардорӣ ва мониторинги дастгоҳҳои коммутаторӣ, системаҳои идоракунии худкор ва механизмҳои бисёрвазифавии идоракунии равандҳои технологӣ;

– иҷрои уҳдадориҳои техникӣ оид ба таъмини ҳаракати бехатар ва самараноки истифодаи киштиҳои обӣ ва ҳавоӣ ва таҷҳизоти дигар.

732. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 311 | Техникҳои соҳаи илмҳои физика ва техника |
| 312 | Устоҳо (саркорҳо) дар истеҳсолот ва сохтмон |
| 313 | Техникҳо (операторҳо)оид ба идоракунии равандҳои технологӣ |
| 314 | Ҳайати миёнаи махсус дар биология, кишоварзӣ ва ҷангал |
| 315 | Мутахассисон–техникҳо оид ба идоракунӣ ва истифодабарии ҳавопаймоҳо |

## 59. ГУРӮҲИ ХУРДИ 311.

### § 1. Техникҳои соҳаи илмҳои физика ва техника

733. Техникҳои соҳаи илмҳои физика ва техника вазифаҳои техникиро ба мақсади кумакрасонӣ, ҳангоми омӯзиш ва истифодаи амалии консепсияҳо, принсипҳо ва усулҳои кор, хусусан, дар соҳаи илмҳои физикӣ, аз он ҷумла чунин соҳаҳо, монанди кори муҳандисӣ, банақшагирии техникӣ ё самаранокии иқтисодии равандҳои истеҳсолӣ, иҷро менамоянд.

734. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур,одатан дохил мешавад:

– анҷом додани корҳои техникӣ дар соҳаи кимиё, физика, геология, ҳавошиносӣ, нуҷум, кори муҳандисӣ ва лоиҳакашии техникӣ;

– танзим, баҳрабардорӣ ва хизматрасонии абзорҳо ва таҷҳизоти озмоишгоҳӣ, мониторинги додаҳои таҷрибаҳо, гузаронидани мушоҳида, ҳамчунин ҳисоб ва сабти натиҷаҳо;

– омода кардани мавод барои анҷоми таҷрибаҳо;

– гузарондани озмоиши системаҳо;

– ҷамъоварӣ ва тестиронии намунаҳо;

– бақайдгирӣ ва таҳлили маълумот;

– омодакунӣ, санҷиш ва истифодаи тарҳҳои техникӣ, нақшаҳои барқӣ, нақшаи васли лавҳаҳо (платаҳо) ё омода кардани ангораи нақшаҳо.

735. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3111 | Техникҳо дар соҳаи илмҳои кимиёвӣ ва физикӣ |
| 3112 | Техникҳо оид ба сохтмони шаҳрвандӣ |
| 3113 | Техник- барқчиҳо |

| | |
|---|---|
| 3114 | Техник-электроникҳо |
| 3115 | Техник–механикҳо |
| 3116 | Техникҳои истеҳсолоти кимиёвӣ |
| 3117 | Техникҳо дар истихроҷи маъдан ва металлургия |
| 3118 | Нақшакашҳо |
| 3119 | Техникҳо дар соҳаи илмҳои физикӣ ва техникии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

### § 2. 3111. Техникҳои соҳаи илмҳои кимиёвӣ ва физикӣ

736. Техникҳои соҳаи илмҳои кимиёвӣ ва физикӣ вазифҳои техникиро бо мақсади кумакрасонӣ, ҳангоми анҷом додани таҳқиқот дар соҳаҳои кимиё, физика, геология, геофизика, ҳавошиносӣ ва нуҷум, ҳамчунин дар раванди истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада дар саноат, тибб, ҳарбӣ ва соҳаҳои дигар, амалӣ месозанд. Техникҳо оид ба ҳифзи муҳити зист вазифаҳои техникиро дар соҳаи таҳқиқот оид ба пешгирӣ, назорат ва бартараф кардани оқибатҳои манфии фаъолияти инсон ба муҳити зист, аз ҷумла, дар соҳаи сохтмон ва коркарди партовҳо иҷро менамоянд.

737. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– ҷамъоварии намунаҳо ва омода кардани мавод ва таҷҳизот барои озмоиш, тест ва таҳлилҳо;

– таҳияи тестҳои озмоишгоҳии соддатарин ва хуб коркардшуда, иҷрои вазифаҳои техникии гуногун ҳамчун кӯмак ба олимони таҳқиқгар барои анҷом додани таҳқиқоти кимиёвӣ ва физикӣ, таҳлил ва тестҳо;

– назорат ба сифат ва миқдори маводи озмоишгоҳии сарфшаванда барои гузаронидани озмоиши намунаҳо истифодашаванда, назорат аз истифодаи мавод ва арзёбии муфассали масрафи моддӣ ва меҳнатии барои амалисозии лоиҳаҳо мутобиқи талаботи техникӣ зарур;

– баҳрабардорӣ ва хизматрасонии абзор ва таҷҳизоти озмоишгоҳӣ, мониторинги корҳои таҷрибавӣ ва озмоишҳо, гузарондани мушоҳидаҳо, инчунин ҳисобкунӣ ва қайди сабтҳои натиҷаҳо;

– омода кардани мавод барои таҷрибагузаронӣ, монанди яхкунонӣ, сохтани намунаҳо ва омехта кардани маводи кимиёвӣ;

– ҷамъоварӣ ва санҷиши намунаи замин ва об, сабти мушоҳидаҳо ва таҳлили маълумот барои кумак ба геологон ва геофизикҳо;

– расонидани кумак ба мутахассисони соҳаи ҳифзи муҳити зист ҳангоми гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ ва арзёбии таъсироти намудҳои гуногуни фаъолияти инсон ба муҳити зист, аз ҷумла, дар соҳаи сохтмон ва коркарди партовҳо;

– расонидани кумаки техникӣ ба муҳандисон ҳангоми лоиҳакашии система, равандҳо ва таҷҳизот барои назорат, идора ё барқарорсозии сифати об, ҳаво ё хок;

– тафтиши муассисаҳои саноатӣ ва коммуналӣ ба мақсади ошкор намудани вайронкунии қонунгузории ҳифзи табиат ва масрафи ғайриоқилонаи захираҳои табиӣ, таҳдид ё далелҳои осебрасонӣ ба муҳити атроф;

– анҷом додани таҳлилҳои озмоишгоҳии намунаҳои муҳити зист ба мақсади муайян намудани сатҳи зарари муҳити зист;

– назорати ҳолати корӣ, санҷиш ва танзими таҷҳизот ва абзори озмоишгоҳӣ мутобиқи дастурамалҳои таҳияшуда.

738. Намунаҳои машғулияти ба ин гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– техник- геодезчӣ;
– техник- геолог;
– техник- физик;
– техник- кимиёшинос (самти умумӣ);
– техник оид ба кадастр;
– техник оид ба мониторинги ифлосшавии муҳити зист;
– техник оид ба коҳиши партовҳо;
– техник оид ба ҳифзи муҳити зист;
– техник оид ба экология.

739. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– техник оид ба технологияи кимиёвӣ–3116;
– техник- кимиёшиносм (нафт ва газ)–3116;
– техник- биолог–3141;
– эколог–2133;
– муҳандис оид ба ҳифзи муҳити зист–2143.

## § 3. 3112. Техникҳо оид ба сохтмони шаҳрвандӣ

740. Техникҳо оид ба сохтмони шаҳрвандӣ вазифаҳои техникиро дар соҳаи таҳқиқот доир ба сохтмони шаҳрвандӣ, лоиҳасозӣ, сохтмон, баҳрабардорӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири биноҳо ва дигар иншоот, ба монанди системаи обтаъминкунӣ ва коррезӣ, пулҳо, роҳҳо, сарбанд ва майдони ҳавоӣ иҷро мекунанд. Нозирони корҳои сохтмонӣ оид ба назорати сифат ва ҳифзи меҳнат назорати ҷойҳои корӣ, бино, иншоот, равандҳои истеҳсолӣ, мол ва хизматрасониҳои истеҳсолшаванда, истеъмолшаванда ва фурӯхташаванда, назорати иҷрои қонунгузории ҳимоякунандаи инсон, олами ҳайвонот, объектҳои мероси таърихӣ-фарҳангӣ ва муҳити атрофро амалӣ менамоянд. Онҳо ҳамчунин, назорати меъёр ва қоидаҳои баҳрабардорӣ, истеҳсолоти – техникӣ, ташкилӣ ва дигар масъалаҳоро амалӣ менамоянд.

741. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– иҷро кардан ё расонидани кумак ҳангоми гузаронидани озмоишҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳии хок ва маводи сохтмонӣ;

– расонидани кумаки техникии ба сохтмони биноҳо ва дигар иншоот, ҳамчунин ба гузаронидани озмоиш ё омода кардани гузоришҳо оид ба натиҷаҳои таҳқиқот алоқаманд;

– таъмини риояи хусусиятҳои техникӣ, қонунгузории амалкунанда ва муқаррароти меъёрӣ, ҳамчунин, стандартҳои муқарраршудаи иҷрои корҳо ва маводи истифодашаванда;

– истифодаи донишҳои техникии усулҳои муҳандисии сохтмони мулкӣ дар амал, ба мақсади ошкор намудан ва ҳаллу фасли масъалаҳои бавуҷудомода;

– расонидани кумак барои арзёбии дақиқи микдор ва арзиши хароҷоти моддӣ ва меҳнатӣ ҷиҳати иҷрои лоиҳа мутобиқи талаботи муқарраршудаи техникӣ;

– ташкили хизматрасонии техникӣ ва таъмир;

– санҷиши биноҳо ва иншоот ҳангоми сохтмон ва баъд аз он ҷиҳати таъмини мутобиқати онҳо бо қонунгузории соҳаи сохтмон, таъмини дараҷанокӣ, минтақабанӣ ва бехатарӣ, ҳамчунин, ҳамчунин ба нақшаҳои тасдиқшуда, таснифот, стандартҳо ва дигар меъёрҳои дахлдор ба сифат ва бехатарии биноҳо;

– санҷиши муассисаҳои саноатӣ, меҳмонхонаҳо, кинотеатрҳо ва дигар биноҳо ва иншоот ҷиҳати ошкор сохтани риоя накардани тадбирҳои бехатарии зиддисӯхтор ва пешниҳоди тавсияҳо барои бартараф намудани он;

– машваратдиҳӣ оид ба масоили насби детекторҳои сӯхтор ва системаи оташхомӯшкунӣ, ҳамчунин, истифода ҳангоми сохтмони биноҳо ва воситаҳои нақлиёт, маводи коҳишдиҳандаи сӯхтор, миқёси хатар ва зарар дар сурати ба вуҷуд омадани он;

– бозрасӣ кардани сохтмонҳои нав ва дар истифода қарордоштаи биноҳо ва иншооти гуногун, корхонаҳо, воситаҳои нақлиёт, минтақаҳои истеҳсолӣ, ҷойҳои истеҳсол, ҳамлу нақл, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулот ба мақсади назорат аз риояи қонунҳои амалкунанда, меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмон, стандартҳои давлатӣ, қоидаҳои бехатарии сӯхтор ва дигар санадҳои меъёрӣ;

– таҳқиқ кардани ҷойи сӯхтор ҷиҳати муайян намудани сабаби оташгирӣ, таҳқиқ намудани  сабабҳои садама дар объектҳои истеҳсолии хатарнок;

– андешидани тадбирҳо оид ба нигоҳдорӣ ё беҳсозии шароити беҳдоштию беҳдоштӣ ва пешгирии ифлосии об, ҳаво ва хок;

– мусоидат ба амалисозии тадбирҳои пешгирикунанда ва тасҳеҳӣ оид ба мубориза бо беморӣ, коҳиши миқдори микроорганизмҳои зарарнок ва маводи зараровар дар ҳаво, ба сурати муносиб дур кардани партовҳо ва поккории ҷойҳои ҷамъиятӣ;

– мониторинги риояи қоидаҳо ҳангоми муқаррар намудани нархи амвол ва хизматрасонӣ барои арзёбии сатҳи таносуби онҳо бо хароҷот ва ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон;

– баррасӣ кардани аризаҳо ва мониторинги риояи қонунгузории меҳнат ҷиҳати таъмини сатҳи муносиби пардохти музд барои иҷрои кор ва таъмини талаботи ҳифзи меҳнат;

– назорат аз риояи қонунгузорӣ дар соҳаи моҳигирӣ, истифодаи ҷангал, ошкор намудани ҳодисаҳои шикори ғайриқонунӣ, ғайриқонунӣ буридани дарахтон, таҳдиди бавуҷуд омадани сӯхтор дар ҷангал ва пешгирии вайронкунии қоидаҳо ва дастурҳои давлатӣ ва дигар вайронкуниҳои муқарраршуда, мушваратдиҳии муассисаҳо ва аҳолӣ оид ба мушкилоти амалисозии қоидаҳо ва муқаррароти давлатӣ алоқаманд ба бехатарии истеҳсолот ва муҳити истеҳсолӣ, бехатарии нақлиёт, шароити беҳдоштию беҳдоштӣ, покӣ ва сифати ашё, маводи хӯрока, доруворӣ, маводи ороишӣ ва дигар маҳсулоти ҳаммонанд.

742. Намунаҳои машғулияти ба ин гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– техник оид ба сохтмони шаҳрвандӣ;

– коргузор (прораб);

– техник-бинокор;

– нозирони корҳои сохтмонӣ оид ба назорати сифат ва ҳифзи меҳнат.

743. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– муҳандис оид ба мушаххасот ва харҷномаҳо - 2149;

– техник – механикҳо–3115;

– нозири зиддисӯхтор–5411.

## § 4. 3113. Техник–барқчиён

744. Техник–барқчиҳо вазифаҳои техникӣ дар соҳаи техникаи барқӣ, ҳамчунин лиҳакаш, сохтан, васл, сохтмон, баҳрабардорӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири таҷҳизоти барқӣ, воситаҳо ва системаи тақсими нерӯи барқиро иҷро мекунанд.

745. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– пешниҳоди кумаки техникӣ дар раванди таҳқиқот ва таҳияи таҷҳизоти нави техникаи барқӣ ва иншоот ё тестиронии таҷҳизоти мушобеҳи амалкунандаи онҳо;

– лоиҳакшӣ ва омода кардани тарҳ ва нақшаҳои дастгоҳҳои барқӣ мутобиқи нишондиҳандаҳои додашудаи техникӣ;

– омодакунии арзёбии муфассали микдор ва арзиши хароҷоти моддӣ ва меҳнатии зарурӣ барои истеҳсолот ва насби таҷҳизот мутобиқи нишондиҳандаҳои техникӣ;

– назорати техникӣ ба таёркунӣ, васл, истифода, хизматрасонӣ ва таъмири система ва таҷҳизоти барқӣ ҷиҳати таъмини кори қаноатбахш мутобиқи таснифот ва қоидаҳо;

– банақшагирии усулҳои васл ва санҷиши сифати он ҷиҳати таъмини баҳрабардории бехатар, назорат кардан ё ба кор даровардани таҷҳизот ва системаи нави барқӣ;

– васл, бакордарорӣ, тестиронӣ, танзим, такмилдиҳӣ ва таъмири таҷҳизот ва дастгоҳҳои техникии барқӣ мутобиқи қоидаҳо ва талаботи бехатарии кори онҳо.

746. Намунаҳои машғулияти ба ин гурӯҳи ибтидоӣ мансуб ҳастанд:

– техник-техники гармӣ;

– техник- энергетик;

– техник- барқчӣ;

– техник- техникаи барқӣ.

747. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– техник - электроник–3114;

– васлгари барқӣ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизоти барқӣ–7413.

## § 5. 3114. Техник–электроникҳо

748. Техник–электроникҳо вазифаҳои техникиро дар соҳаи таҳқиқот дар электроника, ҳамчунин, ҳангоми лоиҳакашӣ, тайёркунӣ, васл, сохтмон, баҳрабардорӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири таҷҳизоти электронӣ иҷро мекунанд.

749. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– расонидани кумаки техникӣ ҳангоми таҳқиқот ва таҳияи таҷҳизоти нави электронӣ ё тестиронии таҷҳизоти мушобеҳи амалкунандаи онҳо;

– лоиҳакашӣ ва омода кардани тарҳҳои электронӣ мутобиқи нишондиҳандаҳои муқарраршудаи техникӣ;

– омодакунии арзёбии муфассали миқдор ва арзиши хароҷоти моддӣ ва меҳнатии зарурӣ барои истеҳсолот ва насби таҷҳизот мутобиқи нишондиҳандаҳои техникӣ;

– назорати техникӣ ба таёркунӣ, васл, истифода, хизматрасонӣ ва таъмири система ва таҷҳизоти барқӣ ҷиҳати таъмини кори қаноатбахш мутобиқи таснифот ва қоидаҳо;

– банақшагирии усулҳои васл ва санҷиши сифати он ҷиҳати таъмини баҳрабардории бехатар, назорат кардан ё ба кор даровардани таҷҳизот ва системаи нави барқӣ;

– гузарондани озмоиши системаи электронӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили додаҳои қабулшуда , ҷамъоварии нақшаҳои электронӣ барои расондани кумак ба муҳандисон-электрончихо.

750. Намунаҳои машғулияти ба ин гурӯҳи ибтидоӣ мансуб ҳастанд:

– механики авиатсионӣ оид ба асбоб ва таҷҳизоти барқӣ;

– мутахассис – техник оид ба радиошунавонӣ ва телевизион;

– техники барномасоз;

– техник оид ба таъминоти дастгоҳии компютерӣ;

– техник- электрончӣ.

751. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– техник–барқчӣ–3113;
– техник оид ба таҷҳизоти телекомуникатсионӣ–3522;
– васлгари таҷҳизоти электронӣ–8213.

## § 6. 3115. Техник–механикҳо

752. Техник–механикҳо вазифаҳои техникиро ҳангоми таҳқиқот дар соҳаи мошинсозӣ, ҳамчунин ҳангоми лоиҳакашӣ, тайёркунӣ, васл, сохтмон, баҳрабардорӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳо, қисмҳо ва таҷҳизоти механикӣ иҷро мекунанд.

753. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– расонидани кумаки техникӣ дар соҳаи омӯзиш ва рушди мошинсозӣ ва бунёди иншооти нави механикӣ, насб ва маҷмаъкунонии онҳо, ҳамчунин тестиронии таҷҳизоти мушобеҳи амалкунанда;

– лоиҳакашӣ ва таҳияи амсилаи мошин ва системаи механикӣ, таҷҳизот ва маводи маҷмуъкунанда мутобиқи нишондиҳандаҳои муқарраршудаи техникӣ;

– омодакунии арзёбии муфассали миқдор ва арзиши хароҷоти моддӣ ва кории барои истеҳсолот ва насби таҷҳизот зарур мутобиқи таснифоти муқаррашуда;

– таъмини назорати техникӣ ба тайёркунӣ, васл, истифодабарӣ, хизматрасонӣ, таъмири мошинҳо ва дастгоҳҳои механикӣ ба мақсади кори қаноатбахши он мутобиқи таснифот ва қоидаҳо;

– таҳия ва назорат аз риояи қоидаҳои бехатарӣ, стандартҳо ва тартиботи корҳои иктишофии мутобиқ ба баданаи киштиҳо, таҷҳизоти киштиҳо ва бор;

– васл ва насби қисмҳои нав ва такмилдодашудаи механикӣ, маҳсулоти маҷмуъкунанда, дастгоҳҳо ва воситаҳои назорат, ҳамчунин, системаи гидроэнергетикӣ;

– анҷом додани озмоиши системаҳои механикӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти қабулшуда, ҳамчунин, насби қисмҳои механикӣ ҷиҳати расонидани кумак ба муҳандисон – механикҳо;

– таъмини иҷрои корҳо аз оғози лоиҳакашии конструксияҳои механикӣ то анҷоми онҳо, дар асоси таснифоти амалкунанда, қоидаҳо ва шартҳои қарордод.

754. Намунаҳои машғулиятҳои ба ин гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– техник (механик)–и авиатсионӣ оид ба баҳрабардории киштиҳои ҳавоӣ (системаҳои киштиҳои ҳавоӣ);
– техник оид ба асбобу анҷом;
– техник оид ба танзими ҳаво;
– техник- мошинсоз;
– техник-механик (самти умумӣ).

755. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

–васлгари муҳаррик –8211;
– васлгари дастгоҳҳои парвоз–8211.

### § 7. 3116. Техникҳои истеҳсолоти кимиёвӣ

756. Техникҳои истеҳсолоти кимиёвӣ вазифаҳои техникиро ҳангоми таҳқиқот дар соҳаи технологияи кимиёвӣ, ҳамчунин, ҳангоми лоиҳакашӣ, тайёркунӣ, сохтмон, баҳрабардорӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири таҷҳизоти корхонаҳои кимиёвӣ.

757. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– расонидани кумаки техникӣ дар раванди омӯзиш ва таҳияи равандҳои нави кимиёвии саноатӣ, дастгоҳҳо, таҷҳизот, ҳамчунин тестиронии таҷҳизоти мушобеҳи амалкунанда;

– таҳия ва омодакунии амсилаҳои муассисаҳои кимиёвӣ мутобиқи талаботи муқарраршудаи техникӣ;

– омодакунии арзёбии муфассали микдор ва арзиши хароҷоти моддӣ ва кории барои истеҳсолот ва насби таҷизоти кимиёвӣ зарур мутобиқи таснифоти муқарраршуда;

– таъмини назорати техникӣ ба тайёркунӣ, васл,, истифодабарӣ, хизматрасонӣ ва таъмири таҷҳизот ва дастгоҳҳои кимиёвӣ ба мақсади кори қаноатбахши он мутобиқи таснифот ва қоидаҳои муқарраршуда;

– анҷом додани озмоишҳои кимиёвӣ ва физикӣ ҷиҳати расонидани кумак ба олимон ва муҳандисон дар раванди таҳлили нишондиҳандаҳои сифатӣ ва микдории маводи сахт, моеъ ва газмонанд.

758. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– техник оид ба технологияи кимиёвӣ;
– техник оид ба ҳифзи барқӣ-кимиёвӣ;
– техник- кимиёшинос (нафт ва газ);
– техник оид ба тозакунии нафт.

759. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– техник- кимиёшинос (самти умумӣ)–3111.

### § 8. 3117. Техникҳои кӯҳкорӣ, техник-металлургон ва мутахассисон-техникҳои машғулиятҳои ҳаммонанд

760. Техникҳои кӯҳкорӣ, техник-металлургон ва мутахассисон-техникҳои машғулиятҳои ҳаммонанд вазифаҳои техникиро ҳангоми таҳқиқот ва таҷрибаҳо дар соҳаи металургӣ, такмили усулҳои истихроҷи канданиҳои фоиданок, ҳамчунин, дар раванди лоиҳакашӣ, сохтмон, баҳрабардорӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири конҳо, таҷҳизоти конӣ, инчунин, таҷҳизот барои ҳосил кардани метал аз маъдан иҷро мекунанд.

761. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– расонидани кумаки техникӣ ба муҳандисон дар раванди омӯзиш ва такмили раванди муайянкунии хосиятҳои метал ва хӯлаҳои нав;

– расонидани кумаки техникӣ ба мутахассисон ҳангоми аксбардории геологӣ ва топографӣ, лоиҳакашӣ ва истихроҷи канданиҳои сахти фоиданок, таҳия ва нишонагузории системаи нақлиёт, таҷҳизот барои ҳосилкунӣ ва коркарди канданиҳои фоиданок ва метал;

– омодакунии арзёбии муфассали миқдор ва арзиши хароҷоти моддӣ ва кории барои амалисозии лоиҳаҳо зарур барои ҷустуҷӯ, истихроҷ, коркард ва ҳамлу нақли канданиҳои фоиданок;

– таъмини назорати техникӣ, назорат аз таъминоти меъёрӣ ва техникаи бехатарӣ ҳангоми сохтмон, васл, баҳрабардорӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири таҷҳизот ва дастгоҳҳо барои истихроҷ, интиқол ва нигоҳдории маъданҳои маъданӣ;

– иҷрои корҳои ёрирасон ҳангоми банақшагирӣ ва тлоиҳакашии конҳои маъдан, нақб ва нуқтаҳои зеризаминии расонидани кумаки аввалия;

– ҷамъоварӣ ва омодакунии ҷинсҳои кӯҳӣ, намунаҳои маъдани маъданӣ ва филизӣ, анҷом додани таҳқиқоти озмоишгоҳӣ барои муайян намудани хосияти онҳо, таҳлил ва пешниҳоди натиҷаи тестиронӣ ва хизматрасонии таҷҳизоти озмоишӣ;

– қобилияти истифода бурдани заррабин, мошинҳои афканишоти барқимагнитӣ, спектрсанҷ, спетрограф, денситосанҷ ва асбобҳои муайянкунандаи шиддат;

– расонидани кумаки техникӣ ва дастгирии таҳқиқотчиён ҳангоми истифодаи воситаҳои андозагирии барқӣ, ултрасадо ё радиатсионӣ дар шароити озмоишгоҳӣ ва фаъолияти истеҳсолӣ ҷиҳати дарёфти маълумоти зарурӣ, аз ҷумла маълумоти алоқаманд ба муқаррар намудан манбаъҳои эҳтимолии истхроҷи маъдани метал.

762. Намунаҳои машғулиятҳои ба ин гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– техники кӯҳкорӣ;
– механик оид ба корҳои пармакунӣ ва кӯҳкорӣ;
– техник оид ба истихроҷи ангишт;
– техник-металлург.

763. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– техник–геолог–3111;
– оператори чоҳҳои истихроҷи сулфур ва обпарто–8113;
– конкан–8113.

## § 9. 3118. Нақшакашҳо

764. Нақшакашҳо нақшаҳои техникӣ, харитаҳо ва тасвирҳоро аз рӯи амсилаҳо, андозагириҳо ва дигар маълумот, ҳамчунин аз нусхаҳои

нақшаҳо ва тасвирҳо барои галваноклише ва шаклҳои чопӣ омода менамоянд.

765. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– омода кардан ва санҷиши нақшаҳои корӣ аз рӯи амсилааҳо ва таснифоти таҳиякардаи муҳандисон ва тарҳсозон барои сохтан, васл ва танзими мошинҳо ва таҷҳизот ё барои сохтмон, таҷдид, баҳрабардорӣ ва таъмири биноҳо, сарбанд, пулҳо, роҳҳо ва дигар иншооти меъморӣ ва муҳандисӣ;

– истифодаи системаи лоиҳакашии автоматонида барои таҳия, таҳрир ва чоп кардани нақшаҳо ва сохтани нақшаҳои корӣ ба шакли рақамӣ;

– истифодаи таҷҳизоти компютерӣ ё таҷҳизоти ҳаммонанд барои табдили нақшаҳои кории ададишуда ба қолаби чопӣ ва табдили харитаҳо ва дигар тасвирҳо ба қолаби рақамӣ;

– омода кардан ва санҷиши тасвирҳо барои нашрияҳои маълумотӣ, брошюраҳова маълумотномаҳои техникӣ оид ба насб, васл, баҳрабардорӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳо ва дигар таҷҳизот ва маҳсулот;

– нусхабардории нақшаҳо ва гузарондании тасвирҳо ба қолаби сангӣ ва филизӣ барои чоп;

– таҳияи ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва нақшаҳои ҷамъоварӣ ва ҷадвалҳои пешакии истифодашаванда барои истеҳсолот, васл ва таъмири таҷҳизоти техникии барқӣ дар корхонаҳо, нерӯгоҳҳои барқӣ ва биноҳо;

– таҳияи нақшаҳои муфассали кории таҷҳизот ва дастгоҳҳои механикӣ, аз ҷумла бо зикри андоза, усули насб ва дигар иттилооти техникӣ;

– ташкили нусхабардории нақшаҳои омодашуда барои истифодаи онҳо ба сифати нақшаҳои корӣ.

766. Намунаҳои машғулияти ба ин гурӯҳи ибтидоӣ мансуб ҳастанд:

– нақшакаш (самти умумӣ);
– нақшакаши авиатсионӣ;
– нақшакаш –тарҳкаш;
– нақшакаш – механик;
– нақшакаш- баркчӣ.

767. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– харитакаш–2165;
– топограф–2165.

## § 10. 3119. Техникҳо дар соҳаи илмҳои физикӣ ва техникии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

768. Ин гурӯҳи ибтидоӣ тахникҳои соҳаи илмҳои физикӣ ва техникии ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ ва хурди 311–312 Техникҳои соҳаи илҳои физикӣ ва техникӣ шомилшударо дарбар мегирад,. Масалан, гурӯҳ он

мутахассисонеро фаро мегирад, ки ба олимон ва муҳандисони машғул ба таҳияи амалиёт ё гузарондани таҳқиқоти таъмини бехатарӣ, ҳаллу фасли масъалаҳои тиббӣ – биологӣ, экологӣ ва дар соҳаҳои дигари таъминоти саноатӣ ва истеҳсолотӣ кумаки техникӣ мерасонанд.

769. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ҷамъоварии маълумот ва дастгирии техникии алоқаманд ба истифодаи самаранок, бехатар ва оқилонаи ҳайати кормандон, мавод ва таҷҳизот,усулҳои кор ва пайдарпайии амалиёт, ҳамчунин, назорат аз амалисозии онҳо, ҷойгиркунонии самарабахши корхонаҳо ё муассисаҳо;

– расонидани кумак барои ошкор намудани хатари воқеаҳои нохуш ва ҷорикунонии воситаҳо ва қоидаҳои бехатарӣ;

– ҷорӣ намудан такмил ва гузарондани озмоиши таҷҳизот ва дастгоҳҳои истифодашаванда барои пешгирӣ, назорат ва барқарорсозии минтақаҳои ифлосшуда ва обёрикунии замин;

– расонидани кумак дар бобати пешгирии ифлосшавӣ ва барқарорсозии муҳити зист таҳти роҳбарии муҳандисон;

– расонидани кумак ба муҳандисон барои тестиронӣ ва таҳияи таҷҳизоти худкор ва техникаи роботӣ.

770. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии зерин мансуб:

– техники озмоишгоҳи криминалӣ;
– техник оид ба маводшиносӣ;
– техник-рехтагар;
– техник–оптик;
– технологи саноати хӯрокворӣ.

771. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– муҳандис дар истеҳсолот–2141;
– муҳандис оид ба таснифот ва смета–2149;
– техник оид ба бехатарии ҳаракати ҳавопаймоҳо–3155;
– техник-механик–3115.

## 60. ГУРӮҲИ ХУРДИ 312.

### § 1. Устоҳо (саркорҳо) дар истеҳсолот ва сохтмон

772. Устоҳо (саркорҳо) дар истеҳсолот ва сохтмон фаъолияти кормандони дар саноати истихроҷ, коркард ва сохтмон машғулро ҳамоҳанг месозанд, назорат ва идора менамоянд ва ба нақша мегиранд.

773. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан, дохил мешаванд:

– мушоҳида, назорат ва ҳамоҳангсозии фаъолияти коргарони ихтисосманд, операторон–техникҳо, идоракунандаҳои равандҳои технологӣ, операторони мошин ва механизмҳо, васлгарон, коргарони тахассуси паст ва дигар кормандон;

– ташкил ва банақшагирии кори ҳамарӯза;

– омода кардани смета, ҳисобот ва арзномаҳо;
– ошкор кардани норасоӣ ё барзиёии кормандон;
– таъмини амнияти кормандон;
– дастурдиҳӣ ва омӯзиши кормандони нав.

774. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3121 | Устоҳо (саркорҳо) дар саноати истихроҷ |
| 3122 | Устоҳо (саркорҳо) дар саноати коркард |
| 3123 | Устоҳо (саркорҳо)дар сохтмон |

Эзоҳ: Машғулиятҳои ба гурӯҳи хурди 312 Устоҳо (саркорҳо) дар истеҳсолот ва сохтмон воридшуда, асосан бо банақшагирӣ, ташкил, ҳамоҳангсозӣ, назорат ва идораи корҳи аз ҷониби одамони дигар алоқаманданд. Қисми бештари вақти кормандони машғул дар ин ҷойҳои корӣ на ба иҷрои уҳдадорӣ ва вазифаҳои онҳое, ки онҳоро назорат мекунанд, сарф мешавад, гарчанде онҳо аксар вақт дар иҷрои ин вазифаҳо иштирок мекунанд. Онҳое, ки вазифа ва уҳдадориҳои ҳаммонанд бо вазифаҳо ва уҳдадориҳои кормандони назораткунандаи онҳо анҷом медиҳанд, илова ба уҳдадориҳои назоратӣ оид ба таъмини сифати техникии тамоми кори анҷомдодаи дигарон, бояд якҷо бо коргароне, ки онҳоро назорат мекунанд, таснифбандӣ шаванд.

Зимни муқоисакунӣ байни роҳбарони шомил дар гурӯҳи асосии таснифии 1 Роҳбарон ва устоҳо (саркорон)и дохилшуда дар дигар гурӯҳҳои асосӣ, бояд таъкид кард, ки ҳамонҳо ва дигарон метавонанд, кори дигаронро банақшагирӣ, ташкил, ҳамоҳангсозӣ, назорат ва равона кунанд. Аммо, роҳбарон, одатан, масъулиятро бар дӯш доранд ва қарорҳоеро қабул кунанд ки алоқаманд ба идоракунии умумии стратегӣ ва оперативии рушди тиҷорат дар умум ё воҳиди алоҳида (масалан, муайян намудани номгӯй, миқдор ва сифати амволе, ки бояд истеҳсол шавад), буҷет (чӣ қадар маблағ бояд масраф шавад ва ба кадом мақсадҳо), ҳамчунин интихоб, таъйин ва аз кор озод кардан бошанд. Устоҳо (саркорҳо) метавонанд, ба роҳбарон аз рӯи тамоми масъалаҳои номбаршуда, махсусан, аз рӯи масъалаҳои алоқаманд ба интихоб ва аз кор озод кардани кормандон машварат диҳанд ва мадад расонанд, аммо салоҳияти қабули қарорро надоранд.:

Фарқияти намоён аз он иборат аст, ки устоҳо (саркорҳо) танҳо барои назорат ба фаъолияти кормандони дигар масъулият доранд, дар ҳоле ки роҳбарон умуман барои фаъолияти тамоми воҳиди сохторӣ масъул мебошанд.

## § 2. 3121. Устоҳо (саркорҳо) дар саноати истихроҷ

775. Устоҳо (саркорҳо) дар саноати истихроҷ бевосита кори коргарони конҳоро назорат мекунанд, фаъолияти конканҳои дар зери замин ё дар конҳои кушода коркунандаро ҳамоҳанг месозанд.

776. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– назорат ва ҳамоҳангсозии фаъолияти коргарони машғул ба истихроҷи канданиҳои фоиданок аз қаъри замин, баҳрабардории воситаҳои нақлиёти зеризаминӣ дар конҳои зеризаминӣ ё таҷҳизоти вазнин дар конҳои кушода;

– таҳияи усулҳои риояи ҷадвали корӣ ва тавсияҳо оид ба тадбирҳои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат барои роҳбарони дигар;

– кор бо ҳайати идоракунанда ва техникӣ, кормандони дигар воҳидҳо ва пудратчиён барои ҳалли таъҷилии масъалаҳои оперативӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолият;

– пешниҳоди ҳисобот ва дигар иттилоот ба роҳбарони болоӣ аз рӯйи тамоми масоили алоқаманд ба истихроҷ ё коркарди канданиҳои фоиданок;

– муайян намудани эҳтиёҷоти кадрӣ ва моддии конҳои зеризаминӣ ва кушода.

777. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии зерин мансуб:

– саркори шуъбаи пармакунӣ;
– саркори нақбканон;
– устои (саркор) оид ба баҳрабардории таҷҳизоти иншооти газӣ;
– устои (саркор)қитъаи кон;
– усто оид ба истихроҷи нафт.

778. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– роҳбари кон–1322;
– назоратчӣ дар кон–3117;
– конкан–8111.

## § 3. 3122. Устоҳо (саркорҳо) дар саноати коркард

779. Устоҳо (саркорҳо) дар саноати коркард фаъолияти техникҳо–операторон оид ба идораи равандҳои технологӣ, операторони мошин ва механизмҳо, васлгарон ва дигар коргарони истеҳсолиро ҳамоҳанг месозанд ва назорат менамоянд.

780. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ҳамоҳангсозӣ ва назорат аз фаъолияти техникҳо–операторон оид ба идораи равандҳои технологӣ, операторони мошин ва механизмҳо, насбгарон ва дигар коргарони саноати коркард;

– ташкил ва банақшагирии кори ҳаррӯза мутобиқи нақша, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва ҳайати кормандон ва уҳдадориҳо оид ба ҳифзи муҳити зист;

– омода кардани смета, ҳисобот ва арзномаҳо;
– ошкор намудани норасоии кормандон ё қисмҳои эҳтиётӣ;
– таъмини амнияти кормандон;
– дастуриҳӣ ва омӯзиши кормандони нав.

781. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии зерин мансуб:

– усто (саркоргшар) дар васлгарӣ;
– усто (саркор) оид ба автоматонии комплексӣ;
– усто (саркор) оид ба таъмири таҷҳизоти технологӣ;
– устои (саркори) баст (дар корхона, фабрика);
– устои (саркори)минтақаи корҳои васлкунӣ.

782. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– роҳбари коргоҳи истеҳсолӣ–1321;

– коргузор–3123.

§ 4. 3123. Устоҳо (саркорҳо) дар сохтмон

783. Устоҳо (саркорҳо) дар сохтмон фаъолияти кормандони машғул дар сохтмон, таъмири биноҳо ва иншоотро ҳамоҳанг месозанд, назорат менамоянд ва ба нақша мегиранд.

784. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– хондани мушаххасот барои муайян кардани талаботи сохтмонӣ ва амалиёти нақшавӣ;

– ташкил ва ҳамоҳангсозии таъминоти моддӣ ва кадрии зарурӣ барои анҷоми кор;

– баррасӣ ва санҷиши ҷараёни иҷрои кор;

– муоинаи таҷҳизот ва майдони сохтмон ба мақсади таъмини ҳифзи саломатӣ ва риояи талаботи техникаи бехатарӣ;

– назорат аз сохтмони объектҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолият бо лоиҳаҳои дигари сохтмонӣ;

– назорат ба фаъолияти коргарони баландихтисоси сохтмонӣ, коргарони бетахассус ва дигар кормандони сохтмон.

785. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– усто (саркор)–и сохтмон;

– коргузор.

786. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– роҳбари лоиҳа дар сохтмон–1323;

– сохтмончӣ–лоиҳакаш–1323.

## 61. ГУРӮҲИ ХУРДИ 313.

### § 1. Техникҳо (операторон) оид ба идоракунии равандҳои технологӣ

787. Техникҳо (операторон) оид ба идоракунии равандҳои технологӣ роҳбариро тавассути мушоҳидаи монитор бо истифода аз системаи идоракунии автоматӣ, механизмҳои раванди бисёрҷанбаи назорат ва нигоҳдории ҳолати кории дастгоҳҳои технологӣ, истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ, фаъолияти системаи коррезӣ ва поксозии гандоб, равандҳои технологӣ оид ба коркарди партов, истеҳсолоти кимиёвӣ, коркарди нафт ва гази табиӣ, истеҳсоли метал ва дигар равандҳои гуногуни технологӣ, анҷом медиҳанд.

788. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– идоракунӣ бо кумаки лавҳаи идоракунии амалиёти электронӣ ё

компютерӣ аз марказҳои идоракунӣ барои назорат ва беҳсозииравандҳо;

– назорати раванди бакордарорӣ ва хомӯш кардани дастгоҳҳо;

– истифода ва пайгирии нишондиҳандаҳои монитор ва дигар таҷҳизоти вобастабуда;

– мониторинг ва тафтиши таҷҳизот ва система ба мақсади ошкор намудани вайронӣ;

– таҳлили нишондиҳандаҳои асбобҳо, ҳисобкунакҳо ва қосидакҳо (датчикҳо)-и дар фосилаҳо насбшуда;

– ошкор намудани вайронӣ ва андешидани тадбир барои ислоҳи он дар ҳолати зарурӣ;

– бурдани ҳисобгирӣ, журналҳо ва таҳияи ҳисобот;

– ҳамкорӣ бо коркунони дигар ҷиҳати арзёбии ҳолати таҷҳизоти корӣ;

– таъмини тозакунӣ ва хизматрасонии таҷҳизот;

– назорати фаъолияти операторони мошинҳо, механизмҳо ва дигар кормандон.

789. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3131 | Техникҳо / операторони дастгоҳ оид ба истеҳсоли нерӯи барқ |
| 3132 | Техникҳо / операторони кӯраи партовсӯз, иншооти тозакунӣ ва таҷҳизоти ҳаммонанд |
| 3133 | Техникҳо / операторони идоракунии равандҳои технологӣ дар истеҳсолоти кимиёвӣ |
| 3134 | Техникҳо / операторони дастгоҳҳои тозакунӣ ва коркарди нафту газ |
| 3135 | Техникҳо / операторони равандҳои технологии истеҳсоли метал |
| 3139 | Техникҳо (операторон)- и идоракунии равандҳои технологии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

Эзоҳ: Дар баъзе ҷойҳои корӣ ба уҳдадории техникҳои (операторони) идоракунии равандҳои технологӣ, метавонад назорат ба кори дигар ҳайат, масалан, назорат ба коргарони корхона, операторони мошинҳо ва механизмҳо ва васлгарон дохил карда шавад. Ин машғулиятҳоро бояд дар гурӯҳи хурди 313 Техникҳо (операторон) оид ба идораи равандҳои технологӣ дохил кард, агар назорат ба кормандони дигар унсури ошкорои афзалиятноки кори онҳо набошад ва раванди назорат ба фаъолияти дигарон нисбатан содда бошад. Масалан, операторони дастгоҳи коркарди ашёи кимиёвӣ, ки кори дастгоҳҳо ва таҷҳизоти коркарди кимиёиро аз маркази танзимгарӣ идора мекунанд, ҳамчунин ба фаъолияти коргарон ва операторони истеҳсолоти кимиёвӣ назорат мебаранд, бояд дар гурӯҳи ибтидоии 3133 Техникҳо / операторони идоракунии равандҳои технологӣ дар истеҳсолоти кимиёвӣ дохил карда шаванд. Ҳамзамон, саркорҳои васлгарони масъули ба кор даровардан ва қисман мутаваққиф кардани хатҳои васлкунандаи автоматӣ бошанд, бояд дар гурӯҳи ибтидоии 3122 Устоҳо (саркорҳо) дар саноати коркард ба назар гирифта шаванд.

Операторони дастгоҳҳо ва механизмҳо ё мошинҳои алоҳида, ки бо системаи идоракунии автоматишуда ва раванди ягонаи технологӣ алоқаманд нестанд, набояд

дар гурӯҳи хурди 313 Техникҳо (операторон) оид ба идораи равандҳои технологӣ шомил шаванд. Чунин машғулиятҳо асосан, дар гурӯҳи асосии 8–Операторони дастгоҳҳои истеҳсолӣ ва мошинҳо, васлгарон ва ронандагон дар назар гирифта шаванд.

Тамоми операторони комбинатҳои маъдантозакунӣ дар гурӯҳи ибтидоии 8111 Операторон ва машинистҳои таҷҳизоти кӯҳкорӣ ва конӣ дохил карда мешаванд.

## § 2. 3131. Техникҳо / операторони дастгоҳҳои истеҳсоли нерӯи барқ

790. Техникҳо / операторони дастгоҳҳои истеҳсоли нерӯи барқ роҳбариро тавассути мушоҳидаи монитор ва дигар таҷҳизоти ҳаммонанд, дар марказҳои идоракунӣ, ки истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ ё дигар энергияро дар шабакаҳои интиқол назорат мекунанд, амалӣ месозанд. Дар доираи амали онҳо дастгоҳҳои зерини барқӣ қарор доранд: реакторҳо, турбинаҳо, генераторҳо ва дигар таҷҳизоти ёрирасони истеҳсоли нерӯи барқ дар нерӯгоҳҳои барқӣ.

791. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– идоракунӣ, мониторинг ва санҷиши таҷҳизоти гуногуни нерӯгоҳҳои барқӣ оид ба истеҳсоли нерӯи барқ;

– идоракунӣ ва назорати системаи энергетикӣ ва таҷҳизот, аз ҷумла, дегҳо, турбинҳо, генераторҳо, конденсаторҳо ва реакторҳои дар нерӯгоҳҳои обӣ-ҳароратӣ (бо ангишт, нафт, гази табиӣ коркунанда) ва нерӯгоҳҳои барқии атомӣ амалкунанда барои истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ;

– назорати ба кор андохтан ва хомӯш кардани таҷҳизоти энергетикӣ, назорати амалиёти ивазкунии танзимкунандаи сатҳи об, ҳамкорӣ бо системаҳои амалиётии танзимкунанда ва ҳамоҳангкунандаи сарборӣ, басомад ва шиддат дар хаттҳои барқ;

– назорати нишондиҳандаҳои асбобҳо, ҳисобкунакҳо ва қосидакҳо (датчикҳо)-и насбшуда дар таҷҳизот, ошкор намудани вайронӣ ва дар сурати зарурат, андешидани тадбирҳо бароиислоҳи вазъият;

– пайгирии нишондиҳандаҳои асбобҳо, ҳисобкунакҳо ва қосидакҳои дар фосилаҳо насбшуда, ошкори носозиҳо ва дидани тадбирҳои ислоҳкунии вазъхият дар ҳолати зарирӣ;

– бурдани қайди нишондиҳандаҳо, пур кардани журнал ва тартиб додани ҳисобот, ҳамкорӣ бо дигар кормандон ҷиҳати арзёбии ҳолати таҷҳизоти коркунанда;

– таъмини тозакунӣ ва хизматрасонии таҷҳизот, монанди, генераторҳо, дегҳо, турбинҳо, помпаҳо, компрессорҳо ба мақсади роҳ надодан ба радкунӣ ва бадтаршавии кори таҷҳизот.

792. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи зерини ибтидоӣ мансуб:

– операторони нерӯгоҳҳои барқии атомӣ;

– операторони нерӯгоҳҳои генераторӣ;

– операторони нерӯгоҳҳои барқии обӣ;

– операторони нерӯгоҳҳои барқ.

793. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

–васлгари барқӣ, генераторҳо–7412;

– операторони мошинҳои буғӣ (деги буғӣ)–8182.

## § 3. 3132. Техникҳо / операторони кӯраи партовсӯз, иншооти тозакунӣ ва таҷҳизоти ҳаммонанд

794. Техникҳо / операторони кӯраи партовсӯз, иншооти тозакунӣ ва таҷҳизоти ҳаммонанд системаи идоракунии автоматӣ ва ба онҳо алоқманди таҷҳизоти корхонаҳоро оид ба коркарди партовҳои сахт ва моеъ ба мақсади танзими коркард, дур кардани гандоб ва партовҳо, вале ҳангоми полоиши об дар иншооти тозакунӣ – танзими тозакунӣ ва тақсими об мушоҳида мекунанд.

795. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ба кор андохтан ва назорат ба системаи идоракунии компютерӣ, техника ва таҷҳизоти иловагии тозакунии гандоб ва партовҳои моеъ дар корхонаҳо ба мақсади танзими ҷараён, коркард ва дур кардани гандоб ва партовҳо, дар истгоҳҳои полоиши об ва иншооти тозакунӣ бошад, танзими тозакунӣ, тақсими оби ошомиданӣ ва оби минбаъд коркардшаанда ва рехташаванда ба системаи обҳои табиӣ;

– назорати кори якчанд кӯраи ҳароратбаланд барои сӯзондани партов, таҷҳизоти иловагӣ барои сӯзонидани тагшин ва партовҳои сахт дар корхонаҳои коркарди партовҳо ва партовсӯзӣ;

– тафтиши таҷҳизот ва назорати шароити баҳрабардорӣ, ҳисобкунакҳо, полояҳо, хлораторҳо ва қосидакҳо (датчикҳо) дар маркази танзимгарӣ ба мақсади риояи талаботи муқаррашуда, ошкор намудани вайрониҳо ва таъмини селобӣ, фишор ва ҳарорат ба нишондиҳандаҳои таснифоти муқарраршуда;

– назорат ва идора намудани таҷҳизоти ёрирасони барорандаи гази иҳроҷӣ, скрубберҳо ва дастгоҳҳо барои сӯзонидани партов ба мақсади ҳосили энергияи гармӣ;

– ҷамъоварӣ ва тестиронии намунаи об ва гандоб барои муайян намудани таркиби кимиёвӣ ва бактериявӣ бо кумаки дастгоҳҳои назоратӣ–андозагирӣ;

– таҳлили натиҷаҳои тестиронӣ ба мақсади ислоҳи кори таҷҳизоти корхона, тамиз ва дезодоратсияи об ва дигар моеъҳо;

– таъмини бехатарӣ ва тафтиши риояи қоидаҳои бехатарӣ дар корхона ва дар муҳити зист;

– пур кардан ва бурдани журнал ва ҳисоботҳои истеҳсолӣ.

796. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии зерин мансуб:

– оператори истгоҳҳои обкашӣ;

– оператори иншооти тозакунӣ;

– оператор оид ба тоза кардани обпартовҳо;
– операторӣ дастгоҳи коркарди об;
– операторӣ дастгоҳи коркарди партовҳои моеи технологӣ;
– операторӣ дастгоҳи партовсӯз;
– операторӣ дастгоҳи ҷасадсӯзонии ҳайвонҳо.

### § 4. 3133. Техникҳо / операторони идоракунии равандҳои технологӣ дар истеҳсолоти кимиёвӣ

797. Техникҳо / операторони идоракунии равандҳои технологӣ дар истеҳсолоти кимиёвӣ хизматрасонӣ ва мушоҳидаи кори корхонаҳои кимиёвӣ ва дигар таҷҳизоти технологии бисёрфунксионалиро анҷом медиҳанд, ҳамчунин, қисмҳои корӣ ва таҷҳизоти соф, полоиш, ҷудо, гарм ё поккунандаи маводи кимиёиро танзим ва нигоҳдорӣ менамоянд.

798. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ба кор андохтани лавҳаи идоракунии электронӣ ё компютерӣ дар маркази танзимгарӣ ҷиҳати назорат ва беҳсозии равандҳои физикӣ ва кимиёии дар якчанд протсессорҳо ҷараёндошта;

– танзими асбобҳо, сарпӯшҳо, помпаҳо, танзимаҳо ва дигар таҷҳизоти технологӣ;

– назорати омодакунӣ, баркашӣ ва диҳиши ашёи хом барои коркард, инчунин, дигар мавод, монанди катализаторҳо ва воситаҳои полоиш;

– назорати раванди бакорандозӣ ва хомӯшкунии таҷҳизот, ҷустуҷӯи вайрониҳо ва мониторинги кори таҷҳизот берун аз раванди технологӣ;

– тафтиши таҷҳизот ба мақсади ошкор кардани вайронҳо, гузаронидани озмоишҳои қабулу супориш оид ба баҳрабардорӣ ва хизматрасонии техникии таҷҳизот;

– таҳлили намунаҳои маҳсулот, анҷом додани озмоиш, қайд кардани маълумот ва қайдҳо дар журналҳои истеҳсолӣ.

799. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– операторӣ таҷҳизоти коркарди кимиёвӣ–ҳароратӣ;
– операторӣ таҷҳизоти полоиши кимиёвӣ ва ҷудокунӣ;
– операторӣ таҷҳизоти кимиёвии тақтирӣ ва реакторӣ;

800. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:
– оператор дар корхонаи коркарди нафт(коркарди газ)–3134;
– операторӣ дастгоҳи коркарди ашёи хоми кимиёвӣ–8131.

### § 5. 3134. Техникҳо / операторони дастгоҳҳои тозакунӣ ва коркарди нафту газ

801. Техникҳо/операторони дастгоҳҳои тозакунӣ ва коркарди нафту газ таҷҳизотро ба кор меандозанд ва назорат мебаранд, кори муътадили воҳидҳои технологӣ ва дастгоҳҳои тозакунӣ, софкунӣ ва коркарди нафт ва

гази табий, истеҳсоли маҳсулот аз нафт, газ, ҳамчунин, маҳсулоти дуюмдараҷаро танзим менамоянд.

802. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ба кор андохтани лавҳаи идоракунии электронӣ ё компютерӣ дар маркази танзимгарӣ ҷиҳати назорат ва беҳсозии равандҳои физикӣ ва кимиёии дар якчанд протсессорҳо ҷараёндошта;

– танзими асбобҳо, сарпӯшҳо, помпаҳо, танзимаҳо ва дигар таҷҳизоти технологӣ;

– назорати раванди бакорандозӣ ва хомӯшкунии таҷҳизот, ҷустуҷӯи вайрониҳо ва мониторинги кори таҷҳизот берун аз раванди технологӣ;

– тафтиши таҷҳизот ба мақсади ошкор намудани носозӣ, лӯлаҳо барои ошкори чакиш ва шикастагиҳо, ташкили хизматрасонии техникӣ;

– таҳлили намунаҳои маҳсулот, анҷом додани озмоишҳо, қайди маълумот ва сабт дар журнали истеҳсолӣ.

803. Намунаҳои машғулияти ба гурӯҳи ибтидоӣ мансуб ҳастанд:

– оператори дастгоҳҳои коркарди нафту газ;

– оператори таҷҳизоти тозакунӣ ва коркарди гази табий;

– оператори дастгоҳ (блендер) барои коркарди нафт ва гази табий;

– оператори дастгоҳи коркарди нафт;

– оператори дастгоҳи истеҳсоли парафин.

804. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– оператори таҷҳизоти кимиёвӣ–3133;

– оператори мошин ва механизмҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти кимиёвӣ–8131.

## § 6. 3135. Техникҳо /операторони равандҳои технологии истеҳсоли метал

805. Техникҳо/операторони равандҳои технологии истеҳсоли метал таҷҳизоти технологии бисёрфунксионалии раванди гудозиш ва резиши метал, кори кӯраҳо, дастгоҳи варақакунӣ, рехтагарӣ ва қолибгарии метал анҷомдиҳандаро ба кор андохта, назорат мекунанд.

806. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ҳамоҳангсозӣ ва назорати иҷрои марҳалаи муайяни истеҳсол ва коркарди метал тавассути лавҳаи идоракунӣ, терминалҳои компютерӣ ва дигар системаи идоракунӣ аз маркази танзимгарӣ;

– ба кор андохтани дастгоҳи марказии бисёрфунксионалии идораи равандҳои технологӣ ба мақсади майдакунӣ, тоза, полоиш, гудохтан, беҳтар кардани сифат ва дигар равандҳои истеҳсоли метал;

– мушоҳидаи чопи компютерӣ, видеомониторҳо ва қосидакҳо (датчикҳо) ҷиҳати санҷиши шартҳои муайяни коркарди метал ва ворид карданиислоҳи зарурӣ;

– ҳамоҳангсозӣ ва назорати кори бригадаҳои истеҳсолӣ;

– ба кор андохтан ва анҷом додани кори таҷҳизоти истеҳсолӣ дар вазъияти фавқулода ё мутобиқи ҷадвал;

– интихоби кормандон ва ташкили курсҳои омӯзиш барои аъзои бригадаи истеҳсолӣ;

– пешбурди журнали тамоилҳои ҳангоми истеҳсоли метал бавуҷудомада, дигар нишондиҳандаҳо ва омода кардани ҳисоботи истеҳсолӣ ва дигар ҳисобот.

807. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– оператори кӯраи оҳангудозӣ;

– оператори лавҳаи идоракунии варақабандии метал;

– оператори лавҳаи идоракунии резиши метал.

808. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– варақабанди метал–8121;

– рехтагари метал–8121;

– оператори мошин оид ба пардози метал–8122.

## § 7. 3139. Техникҳои (операторони) идоракунии равандҳои технологии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

809. Ин гурӯҳи ибтидоӣ техникҳо (операторон)-и идоракунии равандҳои технологии дар дигар гурӯҳҳои ибтидоии хурди 313 Техникҳо (операторон) оид ба идоракунии равандҳои технологӣ дохилнашударо дарбар мегирад. Масалан, дар гурӯҳи мазкур онҳое дохил мешаванд, ки якбора якчанд намуди равандҳои технологӣ ва таҷҳизотро дар хатҳои истеҳсолии ҷамъкунӣ ва ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти селлюлозӣ – коғазӣ идора мекунанд.

810. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– идоракунӣ ва назорати риояи тартиби технологии кори таҷҳизот дар хатҳои истеҳсолии васлкунӣ ва ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти селлюлозӣ– коғазӣ бо кумаки лавҳаи идоракунӣ, терминалҳои компютерӣ ё дигар системаи идоракунӣ ва барномасозии роботҳои саноатӣ;

– ба кор андохтан ва анҷом додани кори таҷҳизоти истеҳсолӣ мутобиқи ҷадвали корҳои нақшавӣ– пешгирикунанда ва дар ҳолатҳои фавқулода;

– санҷиши таҷҳизоти истеҳсолӣ ва роботҳои саноатӣ ба мақсади сари вақт ошкор намудан ва бартараф кардани вайронӣ;

– назорат ба кори бригадаҳои истеҳсолии хизматрасони таҷҳизот ва хатҳои роторӣ;

– интихоби кормандон ва ташкили омӯзиш барои аъзои бригадаҳои истеҳсолӣ;

– пешбурди журнали тамоюлҳои дар раванди истеҳсолот ба вуқуъ омада, дигар нишондиҳандаҳо ва тайёр кардани ҳисобот.

811. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– оператори  идоракунии роботҳои саноатӣ
– оператори  хатҳои васлкунии автоматӣ
– оператори  дастгоҳҳои истеҳсоли хамираи коғаз

Эзоҳ: Тамоми операторони комбинатҳои тозакунии маъдан дар гурӯҳи ибтидоии 8111 Операторон ва машинистҳои таҷҳизоти кӯҳкорӣ ва конҳо дохил мешаванд.

## 62. ГУРӮҲИ ХУРДИ 314.

### § 1. Ҳайати миёнаи махсуси биологӣ, кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал

812. Ҳайати миёнаи махсуси биологӣ, кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал як силсила вазифаҳои техникиро дар соҳаи илми биология (илм дар бораи ҳаёт) бо ҳамзамон кумакрасонӣ ба мутахассисони касбӣ ҳангоми гузарондани таҳқиқот, таҳия корҳои вобаста ба нигоҳдорӣ ва ҳифзи табиат дар биология, ботаника, зоология, биотехнология ва биохимия, ҳамчунон дар кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳигирӣ иҷро мекунанд.

813. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– анҷом додани озмоишҳо ва таҷрибаҳо, таҳлилҳои озмоишгоҳӣ, таҳқиқоти саҳроӣ ва ҷамъоварии иттилоот бо истифодаи усулҳои илмии қабулшуда;

– бурдани баҳисобгирӣ;

– мусоидат ба ҷамъбасти маводи таҳлилӣ ва тартиб додани гузоришҳо;

– баҳрабардорӣ ва хизматрасонии техникии таҷҳизот.

814. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3141 | Мутахассисон–техникҳо дар соҳаи таҳқиқоти биологӣ (ба истиснои ҳайати миёнаи тиббӣ) |
| 3142 | Ҳайати миёнаи агрономӣ дар кишоварзӣ |
| 3143 | Мутахассис–техникҳо дар хоҷагии ҷангал |

### § 2. 3141. Мутахассисон–техникҳо дар соҳаи таҳқиқоти биологӣ (ба истиснои ҳайати миёнаи тиббӣ)

815. Мутахассисон–техникҳо дар соҳаи таҳқиқоти биологӣ (ба истиснои ҳайати миёнаи тиббӣ) ба мутахассисони касбии соҳаи илми биология (илм дар бораи ҳаёт) ҳангоми таҳқиқот, таҳлил ва омӯзиши организмҳои зинда, ҳамчунин, дар ҷараёни коркард ва истифодаи дониши азхудшуда дар натиҷаи таҳқиқоти вобаста ба истифодаи оқилонаи манбаъҳои табиат, ҳифзи муҳити зист, олами наботот ва ҳайвонот (флора ва фауна), микробиология, биологии ҳуҷайрагӣ ва молекулярӣ кумаки техникӣ мерасонанд.

816. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– расонидани кумак барои тарроҳӣ, ташкил ва анҷом додани таҷрибаҳо;

– васл, танзим, истифода ва хизматрасонии техникии асбобҳо ва таҷҳизоти озмоишгоҳӣ;

– ҷамъоварӣ ва омода кардани намунаҳо, маҳлулҳои кимиёвӣ, намунаи зироатҳои сабзанда барои истифода дар таҷрибаҳо;

– анҷом додани озмоишҳои анъанавии саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ;

– мониторинги озмоишҳо ба мақсади риояи назорати сифати дурусти озмоишгоҳӣ, ҳифзи саломатӣ ва техникаи бехатарӣ;

– мушоҳидаи озмоишҳо ва корҳои таҳлилӣ, баҳисобгирӣ, тартиб додани гузоришҳо дар бораи натиҷаи таҳқиқот бо истифода аз усулҳои дахлдори илмӣ;

– нигоҳдорӣ, таснифот ва феҳрасткунонии намунаҳо;

– пешбурди муфассали журнали иҷрои корҳо;

– истифодаи компютерҳо барои таҳияи амсилаҳо ва таҳлили маълумот;

– истифодаи таҷҳизоти мураккаб ва дақиқсанҷ барои иҷрои корҳо;

– иштирок дар таҳқиқот, таҳия ва истеҳсоли маҳсулот ва равандҳо;

– батартибдарорӣ ва нигоҳдории лавозимоти озмоишгоҳ;

– бурдани базаи маълумотҳои мувофиқ.

817. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ҳамоҳангсози таҳқиқоти клиникӣ;

– техник–бактерияшинос;

– техник–зоолог;

– техник–дорушинос.

818. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи дигари ибтидоӣ мансуб: дорусоз (бо тахассуси миёна)–3213

### § 3. 3142. Ҳайати миёнаи агрономӣ дар кишоварзӣ

819. Ҳайати миёнаи агрономӣ дар кишоварзӣ дар анҷоми таҳқиқот ва таҷрибаҳо иштирок мекунанд, ҳамчунин ба олимон–агрономҳо, фермерҳо ва роҳбарони хоҷагӣ кумаки техникӣ ва илмӣ мерасонанд.

820. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– омода кардани мавод ва таҷҳизот барои гузаронидани таҷрибаҳо, озмоишҳо ва таҳлилҳо;

– ҷамъоварӣ ва омода кардани намунаҳо ( хок, ҳуҷайра ва бофтаҳои растаниҳо ё ҳайвонот) барои гузаронидани таҷрибаҳо, озмоишҳо ва таҳлилҳо;

– кумак барои гузаронидани таҷрибаҳо, озмоишҳо ва таҳлилҳо дар асоси истифодаи чунин усул ва методика, монанди заррабиния, гистология, хроматография, электрофорез ва спектроскопия;

– ошкор намудани микроорганизмҳои касалиовар, ҳашарот, паразитҳо, пӯпанак ва алафҳои бегонаи барои растаниҳо ва ҳайвонот зараровар, ҳамчунин расонидани кумак барои таҳияи усулҳои назорат;

– анҷом додани таҳлилҳо ба мақсади дастёбӣ ва риояи сифати маҳсулот;

– назорат ба иҷрои нақшаҳои ҷории кор (кори корхонаи моҳипарварӣ, гармхонаҳо, нақшаҳои истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ва мурғпарварӣ);

– таҳлили намунаҳои тухмӣ барои арзёбии сифат, тозагӣ ва қобилияти сабзиши онҳо;

– ҷамъоварии маълумот ва арзёбии миқдор ва арзиши хароҷоти моддӣ ва кории зарурӣ барои амалисозии тарҳҳо;

– ташкили хизматрасонии техникӣ ва таъмири таҷҳизоти таҳқиқотӣ.

821. Намунаҳои шуғле, ки ба гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– агроном (бо тахассуси миёна);

– зоотехники истеҳсоли шир;

– техник– агроном (боғдорӣ);

– техник-чорводор;

– техник-мурғпарвар;

– техник-боғдор;

– техник–фермер (чорводорӣ).

822. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– агроном–2132;

– фелдшери байторӣ–3240.

### § 4. 3143. Мутахассисон–техникҳо дар хоҷагии ҷангал

823. Мутахассисон–техникҳо дар хоҷагии ҷангал вазифаи техникӣ ва назоратиро ҳангоми таҳқиқот дар соҳаи ҷангалпарварӣ, истифодаи ҷангал, нигоҳдории захираҳои ҷангал ва ҳифзи муҳити зист иҷро менамоянд.

824. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ба рӯихатгирии ҷангалҳо, таҳқиқ ва андозагирии саҳроӣ бо риояи тартиботи илмӣ ва истеҳсолии қабулшуда;

– расонидани кумак ҳангоми иҷрои укҳдадориҳои техникӣ дар ҷараёни истифодаи ҷангал ва тартиб додани нақшаҳои парвариши (барқарорсозии) ҷангалҳо бо истифода аз усулҳои фотограмметрӣ, харитасозӣ ва системаи иттилоотии худкор;

– расонидани кумак ҳангоми банақшагирӣ ва назорати сохтмони роҳҳои даромад ва роҳҳои ҷангалӣ;

– иҷрои уҳдадориҳои техникӣ, ҳамчунин назорат ба раванди амалиёти хоҷагии ҷангал вобаста ба омода кардани қитъаҳо, ниҳолшинонӣ ва нигоҳубини дарахтони шинондашуда;

– ҳамоҳангии чунин тадбирҳо, монанди муайян намудани ҳаҷми чӯб, мубориза бо сӯхтор дар ҷангал, касалиҳо, ҳашароти зарарасон ё арзёбии пешакии тиҷоратии ниҳолҳои ҷангал;

– таъмини риояи қоидаҳо ва амалисозии сиёсати ҳифзи муҳити зист, истифодаи захираҳои ҷангал, риояи бехатарии сӯхтор ва пешгирии ҳодисаҳои нохуш;

– назорат аз болои фаъолияти хоҷагии ҷангал дар парваришхонаҳои ҷангал;

– ба роҳ мондани дастгирии техникии татбиқи барномаҳои таҳқиқотии рушди хоҷагии ҷангали алоқаманд ба беҳтаршавии сифати дарахтзор, афзоиш додани масоҳати ҷангал ва шинонидани ниҳолҳо, мубориза бо ҳашаротҳо ва бемориҳо, гузаронидани озмоиш ё таҷрибаҳо дар соҳаи хоҷагии ҷангал ё муҳандисии ҷангал;

– омоданамоии нақшаҳои парвариш ва буридани ҷангал.

825. Намунаҳои шуғле, ки ба гурӯҳи ибтидоӣ мансуб ҳастанд:

– техник оид ба таҷдиди ҷангал ва ҷангалпарварӣ;

– техник– ҷангалпарвар.

826. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанд, ки ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– шикорчӣ–5419;

– дарахтбур–6210.

## 63. ГУРӮҲИ ХУРДИ 315.

### § 1. Мутахассисон–техникҳо оид ба идоракунӣ ва истифодабарии ҳавопаймоҳо

827. Мутахассисон–техникҳо оид ба идоракунӣ ва истифодабарии ҳавопаймоҳо вазифаҳои техникӣ ва амлиёти таъмини амният ва ҳаракати муассири ин воситаҳои нақлиёт, ҳамчунин, такмили системаҳои идоракунии барқӣ, барқимеханикӣ ва худкори киштиҳо ва ҳавопаймоҳоро иҷро менамоянд.

828. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд: назорати кори таҷҳизоти механикӣ, барқӣ ва электронии борти фармондиҳӣ ва киштиронии дарёӣ ва ҳавоӣ, идоракунии ҳаракати киштиҳои дарёӣ ва ҳавоӣ ва такмили системаҳои идоракунии барқӣ, механикӣ, барқимеханикӣ ва худкори ҳаракат.

829. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3151 | Авиамеханикҳо |
| 3153 | Хавонавардони ҳавопаймо ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 3154 | Танзимгарони авиатсионӣ |
| 3155 | Техник–электроникҳо оид ба системаи бехатарии парвоз |

## § 2. 3151. Авиамеханикҳо

830. Механикҳои авиатсионӣ (штурман) киштиронии ҳавопаймоҳо ва роҳбаладии онҳоро дар фазои ҳавоӣ иҷро мекунанд. Инчунин, назорат, истифодабарӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири таҷҳизот ва техникаи механикӣ, барқӣ ва электрониро дар киштӣ ё уҳдадориҳои фаръии мувофиқро дар соҳил анҷом медиҳанд.

831. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– назорат ва иштирок дар баҳрабардорӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири таҷҳизот ва техникаи механикӣ, барқӣ ва электронӣ дар ҳавопаймо;

– омодакунӣ ва тасдиқи нақшаи парвоз ё баррасии нақшаи стандартии парвоз;

– таъмини сӯзишворӣ ва дигар талаботи таҷҳизоти ҳавопаймо, иҷрои қайдгирӣ ва баҳисобгирӣ;

– иҷрои назорати техникиивасл, хизматрасонии техникӣ ва таъмири муҳаррики ҳавопаймо ба мақсади таъмини риояи таснифот ва қоидаҳо;

– муоина ва гузарондани хизматрасонии техникӣ ва таъмири садамавии муҳаррикҳо ва таҷҳизоти ёрирасон;

– навбатдорӣ дар шуъбаи мошинҳо, мушоҳида ва қайди тасифоти кори муҳаррикҳо, мошин ва таҷҳизоти ёрирасон.

832. Баъзе машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– механики хизматрасонии таҷҳизоти барқӣ;

– механик.

833. Баъзе шуғлҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи дигари ибтидоӣ мансуб:

– муҳандис–механик–2144;

– механики дастгоҳҳои барқӣ–7232.

## § 3. 3153. Ҳавонавардони ҳавопаймо ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд

834. Ҳавонавардони ҳавопаймо ва мутахассисони машғулиятҳои ҳаммонанд назорат ва идораи кори таҷҳизоти механикӣ, барқӣ, электрониро барои интиқоли мусофирон, почта ва бор амалӣ месозанд, вазифаҳо ва уҳдадориҳои пешазпарвозӣ, инчунин уҳдадориҳои мавофиқро ҳангоми парвоз иҷро мекунанд.

835. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– идора кардани киштии ҳавоӣ дар парвоз мутобиқи тартиботи назорат ва баҳрабардорӣ;

– омода ва тасдиқ намудани нақшаи парвоз ё баррасии нақшаи стандартии парвоз;

– назорати кори таҷҳизоти механикӣ, барқӣ ва электронӣ ва таъмини кори дурусти тамоми асбобҳо ва системаи идоракунӣ;

– истифодаи дониши назариявӣ ва амалӣ дар кори парвозӣ ҷиҳати ошкор ва ҳал намудани масъалаҳои бавуҷудомада дар ҷараёни кор;

– омӯхтани журнали парвоз ва гузаронидани санҷиш ба мақсади таъмини дурустии механикии киштии ҳавоӣ, пуррагӣ ва инҷомии хизматрасонии техникӣ ва ба ҳолати корӣ овардани таҷҳизот;

– имзои сертификатҳои зарурӣ ва тартиб додани гузоришҳои расмӣ (журнал) оид ба парвоз;

– гузарондани дастурдиҳӣ ва бартараф кардани монеаҳо пеш аз парвоз ва барқарор намудани алоқа бо хадамоти заминии идоракунии парвозҳо ҳангоми парвоз.

836. Намунаҳои шуғле, ки ба гурӯҳи ибтидоӣ мансуб ҳастанд:

– ҳавонавард;

– идоракунандаи киштии ҳавоӣ;

– роҳнамои киштии ҳавоӣ (штурман).

## § 4. 3154. Танзимгарони авиатсионӣ

837. Танзимгарони авиатсионӣ ҳаракати киштиҳои ҳавоиро дар фазои ҳавоӣ ва замин бо истифода аз радио, системаҳои радарӣ ва нурӣ идора мекунанд, ҳамчунин дар бораи парвозҳо иттилоот пешниҳод менамоянд.

838. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– идора кардани ҳаракати киштиҳои ҳавоӣ ва назорати он ҳангоми наздик шудан ба фурудгоҳ ва парвоз аз фурудгоҳ, ҳамчунин дар замин;

– идораи ҳаракат ва назорати киштиҳои ҳавоии дар бахши муайяни фазои ҳавоӣ қарордошта;

– баррасӣ ва тасдиқи нақшаҳои парвоз;

– огоҳ намудани экипажи парвоз ва кормандони хизматрасон аз шароити обу ҳаво, кори асбобу дастгоҳҳо, нақшаҳои парвоз ва ҳаракати киштиҳои ҳавоӣ;

– истифодаи дониш ва малакаҳои назариявию амалӣ дар ҷараёни идоракунии ҳаракати ҳавоӣ ба мақсади ошкор ва ҳал намудани масъалаҳои мавҷуда;

– ташаббускорӣ ва гузаронидани тадбирҳо ва амалиёти садамавӣ–наҷотдиҳӣ ва ҷустуҷӯйӣ-наҷотдиҳӣ;

– идоракунии фаъолияти тамоми киштиҳои ҳавоӣ, воситаҳои нақлиёти хизматӣ дар қаламрав ва дар наздикии хатти парвозу фуруд;

– нигоҳдории алоқаи радиоӣ, телефонӣ бо манораҳои идоракунӣ, терминалҳои ҷузъиёти идоракунӣ ва дигар марказҳои идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии харакати киштиҳои ҳавоӣ дар минтақаҳои ҳамшафат.

839. Намунаҳои машғулияти ба гурӯҳи ибтидоӣ мансуб ҳастанд:

– танзимгари фурудгоҳ;

– танзимгари хадамоти фурудгоҳӣ;

– танзимгар–оператор.

## § 5. 3155. Техник–электроникҳо оид ба системаи бехатарии парвоз

840. Техник–электроникҳо оид ба системаи бехатарии парвоз вазифаҳои техникӣ оид ба лоиҳасозӣ, насб, идоракунӣ, баҳрабардорӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири системаи аэронавигатсионии идораи ҳаракати ҳавоиро иҷро мекунанд.

841. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– иҷрои уҳдадориҳои техникии ба рушди система ва таҷҳизоти аэронавигатсионии электронӣ ва компютерӣ, ҳамчунин озмоиши намунаҳои амалкунанда алоқаманд;

– кумаки техникӣ барои таҳия ва ҷойгиркунонии нақшаҳои мушаххаси аэронавигатсионӣ ва системаи пайгирии парвозҳо;

– омода кардан ё иштирок дар муайян намудани сиетаи хароҷот;

– таҳияи таснифоти техникӣ ва қоидаҳои омӯзиши идоракунии ҳаракати ҳавоӣ ва таҷҳизот ҷиҳати таъмини бехатарӣ;

– расондани кумак барои назорати техникӣ ба сохтмон, васл ва баҳрабардории таҷҳизоти аэронавигатсионии заминӣ, хизматрасонии техникӣ таъмири он ба мақсади таъмини риояи стандартҳо ва шартҳои техникӣ;

– истифодаи дониш ва малакаҳои назариявӣ, амалӣ барои таъмини бехатарии ҳаракати ҳавоӣ, ошкор ва бартараф намудани масъалаҳои бавуҷудомада дар ҷараёни кор;

– таҳия, такмил ва танзими системаи таъминоти барномавӣ;

– такмили система ва таҷҳизоти аэронавигатсионии амалкунандаи заминӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба тартиботи нави идоракунии ҳаракати ҳавоӣ ба мақсади густариши имкониятҳо, баланд бардоштани эътимодият ва бутунии системаи идораи ҳаракати ҳавоӣ, таъмини бехатарии парвоз ва фурудоии фазои ҳавоӣ;

– назорат, мониторинг ва сертификатсияи воситаҳои навигатсионӣ, алоқа ва таҷҳизот барои мушоҳидаи ҳаракат дар ҳаво, санҷиши системаи аэронавигатсионии заминӣ барои таъмини аниқӣ, бехатарии парвоз, болоравӣ ва фурудоӣ;

– таъминкунӣ ва назорати омодагии техникии дигар кормандон.

842. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– техник оид ба коркарди иттилооти парвоз;

– техник оид ба радиолокатсия, радионавигатсия ва алоқа;

– техники баҳисобгирии имконияти киштиҳои ҳавоӣ ва таҷҳизоти онҳо.

843. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои дигари ибтидоӣ мансуб:

– муҳандиси ҳавопаймо–2144;

– муҳандис – электроник–2152;

– механики ҳавопаймо–7232.

# 64. ЗЕРГУРӮҲИ 32. ТЕХНИКҲО, ҲАЙАТИ МИЁНАИ ТИББӢ ВА ДОРУСОЗӢ ДАР СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ

844. Техникҳо, ҳайати миёнаи тиббӣ ва дорусозӣ дар соҳаи тандурустӣ вазифаҳои техникӣ ва амалиро оид ба ташхис ва муоличаи беморӣ, захмҳо ва нуқсҳо дар организми инсон ва ҳайвонотро иҷро мекунанд, хизматрасонии тиббӣ, риояи дастур оид ба муолиҷа, ки одатан ба мутахассисони соҳаи тибб, байторӣ ва дигар кормандони тиббӣ медиҳанд, таъмин менамоянд.

845. Аксарият машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур сатҳи сеюми тахассусро талаб менамоянд.

846.Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур одатан иборатанд:

– санҷиш ва истифодаи техникаи тиббӣ барои муоина ва муоличаи нурӣ;

– иҷрои озмоиши клиникии намунаҳои моеъ ва бофтаҳои биологӣ, омода кардани доруворӣ ва дигар пайвастаҳои дорусозӣ таҳти роҳбарии дорусозҳо;

– лоиҳасозӣ, васл, хизматрасонӣ ва таъмири асбоб ва дастгоҳҳои тиббӣ ва дандонпизишкӣ;

– таъмини нигохубин ва беҳдоштии шахсӣ, ҳамчунин хизматрасонии момодоягӣ;

– истифода бурдани гиёҳҳо ва дигар намудҳои муолиҷа барои дар асоси тибби мардумӣ ва эътиқодҳои динӣ ва таҷрибаҳои халқҳо ва фарҳангҳои гуногун.

847. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 321 | Ҳайати миёнаи тиббӣ (фелдшерҳо), техникҳо оид ба хизматрасонии таҷҳизоти тиббӣ ва дорусозӣ |
| 322 | Ҳайати миёнаи тиббӣ барои нигоҳубин ва момодоягӣ |
| 323 | Табибони тибби мардумӣ ва шифобахшон |
| 324 | Фелдшерҳо ва ёрдамчиҳои байторӣ |
| 325 | Ҳайати дигари миёнаи тиббии соҳаи тандурустӣ |

# 65. ГУРӮҲИ ХУРДИ 321.

## § 1. Ҳайати миёнаи тиббӣ (фелдшерҳо), техникҳо оид ба хизматрасонии таҷҳизоти тиббӣ ва дорусозон

848. Ҳайати миёнаи тиббӣ (фелдшерҳо), техникҳо оид ба хизматрасонии таҷҳизоти тиббӣ ва дорусозон як силсила вазифаҳои техникиро барои расонидани кумак ба ташхис ва табобати касалӣ, беморон, зарбхӯрӣ ва нуқси функсионалӣ иҷро мекунанд.

849. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– санҷиш ва истифодаи таҷҳизоти радиографӣ, ултрасадо ва дигар таҷҳизот барои таҳқиқи визуалии тиббӣ;

– идораи таҷҳизоти радиокимиёвӣ ва радиатсионӣ ба мақсади ошкор кардани касалӣ ва табобати беморон;

– гузаронидани озмоишҳои клиникӣ дар намунаҳои моеъ ва бофтаҳои органикӣ;

– омода кардани доруворӣ ва дигар пайвастаҳои дорусозӣ таҳти роҳбарии дорусозон;

– лоиҳакашӣ, васл, хизматрасонӣ ва таъмири асбобҳо ва таҷҳизоти тиббӣ ва дандонпизишкӣ.

850. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3211 | Техникҳо оид ба хизматрасонии таҷҳизоти тиббӣ |
| 3212 | Фелдшерҳо |
| 3213 | Техник – дорусозҳо ва ёрдамчиёни дорусозҳо |
| 3214 | Техникҳои дандон |
| 3215 | Техникҳо–протезчиён |

## § 2. 3211. Техникҳо оид ба хизматрасонии таҷҳизоти тиббӣ

851. Техникҳо оид ба хизматрасонии таҷҳизоти тиббӣ ба таҷҳизоти радиографӣ, ултрасадо ва дигар таҷҳизоти тиббии барои қабули тасвири сохтори бадан ва узвҳои инсон, барои ташхис ва табобати ҷароҳат, беморӣ ва дигар нуқсҳо истифодашавандаро озмоиш ва хизматрасонӣ менамоянд.

852. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– истифода ва мушоҳидаи кори дастгоҳҳои радиологӣ, ултрасадо ва магнитӣ барои қабули тасвири бадани бемор бо мақсади ташхис;

– дастурдиҳӣ, мушоҳида ва ҷойгир кардани беморон, истифодаи асбобҳои муҳофизатӣ барои таъмини бехатарӣ ва бароҳатӣ ҳангоми муоина, сканеронӣ ва табобат;

– ҷойгир кардани таҷҳизоти ташхисӣ ва табобатӣ, мониторинги тавсифнома ва танзими нишондиҳандаҳои техникӣ, идораи дастгоҳҳо мутобиқи таснифоти техникӣ;

– омӯзиш ва арзёбии сифати аксҳои шуоӣ (рентгенӣ), видеоғилофак ва иттилооти компютерӣ ҷиҳати муайян намудани эътимодияти тасвирҳо ва имконияти истифодаи онҳо ба мақсади ташхис ва қайди натиҷаҳои ташхис;

– андозагирӣ ва қайди вояи радиатсия ё доруҳои кимиёвӣ-табобатии беморон аз ҷониби табиб таъйиншуда;

– воридкунӣ, ошкоркунӣ ва ченкунии доруҳои кимиёвӣ - табобатӣ ва афканишоти радиатсионии дар бадани бемор ҷамъшуда бо истифода аз радиоизотопҳо, камера ва дигар таҷҳизот барои ташхис ва табобати

беморӣ ошкор намудан ва андозагирӣ намудани таркиби муоличаи бемориҳо;

– баҳисобгирӣ ва партовкунии маводи радиоактивӣ ва кимиёвӣ - табобатӣ мутобиқи қоидаҳои нигоҳдории онҳо ва таъмини бехатарии радиатсионӣ.

853. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– техники ренгент;

– техники хизматрасонии таҷҳизоти тиббӣ.

854. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– мутахассис дар соҳаи муҳофизати радиатсионӣ–2111;

– табиб-рентгенчӣ–2216.

## § 3. 3212. Фелдшерҳо

855. Фелдшерҳо ба мизоҷон кумаки аввалияи тиббӣ пешниҳод менамоянд, озмоишҳои клиникиро дар намунаҳои моеъҳо ва бофтаҳо бо мақсади дастрас намудани маълумот дар бораи ҳолати саломатии бемор ё сабабҳои марги ӯ мегузаронанд .

856. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– гузаронидани амалиёти тиббӣ ва ворид намудани доруворӣ, истифодаи дигар усулҳои табобат дар мутобиқатӣ бо протоколи расонидани кумаки таъҷилии тиббӣ, аз он ҷумла, эҳёи беморон бо истифодаи дефибрилляторҳо ва дигар таҷҳизоти ҳаёттаъминкунанда;

– расонидани кумаки тодухтурӣ ва ёварӣ намудан ба табибон ҳангоми гузаронидани корҳои муоличавӣ – ташхисӣ ва амалиёти хурд дар шароити амбулаторӣ ва статсионарӣ;

– гузарондани назорати беҳбудсозӣ ва гузаронидани таҳқиқоти одии озмоишгоҳӣ;

– воридкунии маълумоти таҳлилӣ ва таҳқиқоти озмоишгоҳии гузаронидашуда, пешбурди қайдҳои натиҷаҳои клиникӣ дар система ва бонки нигоҳдории иттилоот, пешниҳоди маълумот ба кормандони тиббӣ ва дигар кормандони соҳаи тандурустӣ;

– пешбурди ҳуҷҷатгузории баҳисобгирӣ–ҳисоботии тасдиқшудаи тиббӣ;

– гузаронидани корҳои беҳдоштӣ–фаҳмондадиҳӣ оид ба устувории саломатӣ ва пешгирии бемориҳо, тарғиби тарзи ҳаёти солим.

857. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– фелдшери таҷрибаи умумӣ;

– фелдшери беҳдоштӣ.

858. Баъзе машғулияти ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– фелдшери байторӣ–3240.

## § 4. 3213. Техник–дорусозҳо ва ёрдамчиёни дорусозҳо

859. Техник– дорусозҳо ва ёрдамчиёни дорусозҳо як қатор вазифаҳои бо фурӯши доруворӣ алоқамандро тахти роҳбарии дорусозҳо ё дигар кормандони тиббӣ иҷро менамоянд.

860. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– тайёркунии доруворӣ ва дигар пайвастҳои дорусозӣ таҳти роҳбарии дорусозҳо ё дигар кормандони тиббӣ;

– фурӯши воситаҳои доруворӣ ба беморон ва дастурдиҳии хаттӣ ва шифоҳии онҳо оид ба истфиодабарии доруворӣ мувофиқи дастурамалҳои табибон, байторон ва дигар кормандони тиббӣ;

– гирифтани дастурамал ва дархостҳо аз ҷониби кормандони тибб, санҷиши пуррагӣ ва дақиқии иттилооти гирифташуда ва мутобиқатии он бо талаботи тиббии нигаҳдории стандартҳо;

– таъмини нигоҳдории мувофиқ ва шароити бехатарӣ ҳангоми нигоҳдории маводи мухаддир;

– пур кардан ва тамғазании зарфҳо бо доровории таъйиншуда;

– расонидани кумак ба мизоҷон ҳангоми ба вуҷуд омадани саволҳо, фаҳмондадиҳии бандҳои алоҳида ё раонкунии онҳо ба назди дорусозҳо барои гирифтани иттилоот дар бораи доруворӣ;

– муайян намудани нархҳо ва ҷузъҳои дорухатӣ, ки дар таърихи бемории беморон таъйин ва қайд шудаанд, аз он ҷумла, рӯйхати доруворихои тиббии беморони алоҳида истеъмолкунанда;

– батартибдарорӣ, тамғазанӣ ва қайди захираҳои доруворӣ, химикатҳо ва мавод, ҳамчунин ворид намудани маълумоти барӯйхатгирӣ дар сабти системаҳои нигоҳдорӣ;

– тоза ва омода намудани таҷҳизот ва зарфҳои барои тайёркунӣ ва воякунонии доруворӣ ва дармонҳои дорусозӣ истифодашаванда.

861. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дорусоз (тахассуси миёна);

– ёвари дорусоз.

862. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– дорусоз–2262;

– техник–дорушинос–3141;

– ёрдамчӣ оид ба нигоҳубин ва қабули воситаҳои доруворӣ–5312.

## § 5. 3214. Техникҳои дандон

863. Техникҳои дандон таҷҳизот ва асбобҳои дандонпизишкиро дар мутобиқатӣ бо фармоиш ва дастурҳои табибҳо тарҳкашӣ, насб, хизматрасонӣ ва таъмир мекунанд.

864. Онҳо метавонанд, доираи васеи воситаҳои ёрирасони заруриро барои ҳалли дурусти масъалаҳои дандонпизишкӣ, масалан, дандонҳои ориятӣ, ғилофаки дандонҳо, тайёр кунанд.

865. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– гузаронидани муоина ва ченкунии андозаи мизоҷон бо мақсади муайян кардани хусусиятҳои хос, талаботҳои онҳо ба ин ва ё он сохт ва

ҳамчунин, ошкор намудани омилҳое, ки метавонанд, ба хусусиятҳои хоси инфиродии сохт таъсир расонанд;

– бо таҷрибагирандагони тиббӣ ва кормандони дандонпизишкӣ муҳокимаи масъалаҳои таҳияи таснифот ва фармоишҳо барои сохт ва асбобҳо;

– омӯзиши дастурамалҳо ё таснифот барои муайян кардани навъҳои маҳсулот ё сохт ва ҳамчунин, маводи зарурӣ ва асбобҳо;

– омода намудан ё истифодаи қолиби дандонҳо барои истифодаи минбаъда ҳамчун амсила;

– васли асбобҳо ва сохтҳо ба мизоҷон, муайян кардани аниқии тайёркунӣ ва зарурати тасҳеҳ барои таъмини мутобиқатӣ бо хусусиятҳои хоси мизоҷон, бадастории мутобиқаткунии функсияҳо ва ҳузуру ҳаловат;

– таъмир, такмилдиҳӣ ва таъмини кори муътадили ориятҳои дандонпизишкӣ ва таҷҳизоти фаръӣ дар мутобиқатӣ бо таснифот;

– қаткунӣ, қолибрезӣ ва тайёркунии бофтаҳои зарурӣ ва маҳсулот барои тайёр намудани қисмҳои созавии дандонҳои ориятӣ дар мутобиқатӣ бо амсилаҳои тайёршуда;

– дастурдиҳии мизоҷон оид ба ба истифода ва нигоҳубини дандонҳои ориятӣ.

866. Намунаҳои машғулияти ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– техники дандон.

867. Баъзе машғулияти ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– ёрдамчӣ оид ба нигоҳубини беморони дандонпизишкӣ – 5312.

Эзоҳ: Машғулиятҳои ба ин гурӯҳи ибтидоӣ воридшуда, одатан баъзе донишҳои тиббӣ, дандонпизишкӣ, анатомӣ ва муҳандисии тавассути омӯзиши махсус гирифташударо талаб менамояд. Техникҳое, ки асбобҳои дақиқи тиббӣ ва ҷарроҳиро тайёр менамоянд, дар ин ҷо ба инобат гирифта намешаванд.

## § 6. 3215. Техник – протезчиҳо

868. Техник – протезчиҳо маҳсулоти аз масолеҳи нимтайёри стандартии протезӣ – ортопедиро барои ҳолатҳои хоси протезонӣ аз тамоми навъҳои масолеҳи дар протезонӣ истифодашаванда ва ҳамчунин, ҳангоми вобасткунӣ ва узвбурии хос ва тағйири шакливазкунии бадан ва сутунмухра тайёр, чен, ҷо ба ҷо ва таъмир менамоянд.

869. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– кор бо таҷҳизоти технологӣ, асбобу анҷом, воситаҳо ва абзорҳои назоратӣ– ченкунанда;

– тайёркунии протезҳои қисмати болоии дастҳо бо сарчашмаҳои қувваи (биоспротезҳо) беруна, протезҳо аз қисмҳои таҷрибавӣ ва бисёрқабатаи протезҳои пойҳо бо системаи идораи электронӣ;

– омоданамоии гилзаҳои қабулкунанда протез ва ортезҳои аз пластикаҳои қабатдор ва термопластҳо бо усули қолибсозии вакуумӣ барои амсилаҳои гаҷӣ аз дасту пойҳо ё қисмҳои узви мизоҷон;

– ошкор намудани нуқсҳо дар сохаи ҷузъҳо ва нимтайёрҳо, иштирок дар таҳияи пешниҳодҳо барои бартарафсозии онҳо;

– васл ва мувофиқгардонии маҳсулот тибқи дастури табибон, нақшаи васлкунӣ ва равандҳои технологӣ;

– андозагирӣ ва ислоҳи минбаъда пас аз андозагирӣ мувофиқи хусусиятҳои хоси инфиродии мизоҷон барои ба даст овардани корnamии маҳсулот ва ҳузуру ҳаловати мизоҷон;

– таъмири маҳсулот мувофиқи дастури табибон;

– омӯзонидани мизоҷон бо малакаҳои истифодабарии маҳсулот ва қоидаҳои нигоҳубини онҳо;

– расонидани кумаки протезӣ – ортопедӣ дар ҳолатҳои мураккаб ва ғайримаъмулӣ;

– истифодаи муносибати системаӣ ҳангоми расонидани кумаки протезӣ– ортопедӣ аз мавқеи эҷоди системаҳои биотехникии «одам– протез» ё «одам– ортез».

870. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– техник–ортопед;

– механик–протезчӣ.

871. Баъзе машғулияти ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– васлгари асбобҳо ва дастгоҳҳои ҷарроҳӣ–7311.

## 66. ГУРӮҲИ ХУРДИ 322.

### § 1. Ҳайати миёнаи тиббӣ оид ба парасторӣ ва момодоягӣ

872. Ҳайати миёнаи тиббӣ оид ба парасторӣ ва момодоягӣ нигоҳубини умумӣ ва инфиродиро ба беморони ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, маъюбон ё шахсони камқувват ва ҳамчунин, дигар эҳтиёҷмандони парасторӣ аз сабаби хатари имконпазир барои саломатӣ, аз ҷумла расонидани кумак ҳангоми таваллуд, таъмин менамоянд.

873. Одатан, онҳо таҳти назорати табибон, момодояҳо ва дигар кормандони тибб кор мекунанд, ба онҳо ҳангоми ба роҳ мондани парастории тиббӣ ва татбиқи усулҳо ва нақшаҳои муолиҷавӣ кумак мерасонанд.

874. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– таъмини парасторӣ ва беҳдошти шахсӣ, табобат ва машваратдиҳии мизоҷон дар мутобиқатӣ бо дастурҳои табибон;

– мусоидат ба ҳамшираҳои касбии тиббӣ, момодояҳо ва табибони таъйинкунандагони қабули доруворӣ ва усулҳои табобатро муайянкунанда;

– тоза намудани ҷароҳатҳо ва истифода бурдани маводи ҷароҳатбандӣ;

– машваратдиҳӣ ба шахсони алоҳида, оилаҳо ва ҷомеа вобаста ба масъалаҳои ба саломатӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд дахлдор;

– арзёбии чараёни ҳомиладорӣ ва таваллуд, расонидани кумак дар пешниҳоди кумаки тиббӣ ва ҳамчунин, шинохтани аломат ва нишонаҳои бемориҳои барои мурочиат ба табибон талабкунанда;

– таъмини парасторӣ ва нигоҳубини занон ва тифлон пас аз таваллуд.

875. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3221 | Ҳайати миёнаи тиббӣ оид ба парасторӣ |
| 3222 | Ҳайати миёнаи тиббӣ оид ба момодоягӣ |

## § 2. 3221. Ҳайати миёнаи тиббӣ оид ба парасторӣ

876. Ҳайати миёнаи тиббӣ оид ба парасторӣ парастории умумӣ ва фардиро барои одамони бемор ба кумаки тиббӣ ниёздошта, дар алоқамандӣ бо омилҳои синнусолӣ, бемориҳо, чароҳатҳо, ноқисҳои дигари чисмонӣ ё ақлонӣ таъмин менамоянд.

877. Одатан, онҳо таҳти назорати табибон, момодояҳо ва дигар кормандони тиббӣ кор мекунанд, ба онҳо ҳангоми ба роҳ мондани парастории тиббӣ ва татбиқи усулҳо ва нақшаҳои муоличавӣ кумак мерасонанд.

878. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– гузаронидани амалиёти дастӣ, ба монанди масҳ ё табобати нуқтагӣ (масҳи нуқтагӣ);

– таъмини парасторӣ ва беҳдошти шахсӣ, табобат ва машварати тиббии беморон дар мутобиқатӣ бо дастурҳои табибон;

– ворид намудани дору, истифода бурдани дигар усулҳои табобати беморон, мушоҳидаи ҳолати беморон ва таъсирпазирии онҳо бо усулҳои табобати истифодагардида, равон карданибеморон ва хешовандони онҳо ба назди табибон барои расонидани кумаки тиббии махсус аз рӯйи зарурат;

– тоза намудани чароҳатҳо ва истифода бурдани мавод чароҳатбандӣ;

– навкунонии иттилоот дар бораи беморон вобста ба шароит ва усулҳои табобат, ворид намудани қайдҳо дар системаҳои нигоҳдории маълумот;

– расонидани кумак ҳангоми банақшагирӣ ва ташкили парасторӣ ба ҳар як бемор;

– мусоидат дар пешниҳоди кумаки аввалия дар ҳолатҳои фавқулодда.

879. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– маҳсгар;

– ҳамшираи тибӣ;

– ҳамшираи тибӣ (соҳибтахассус);

– ҳамшираи тибӣ оид ба парасторӣ.

880. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– табиб–момодоя–2214

– момодоя–3222;

– ёрдамчӣ оид ба парасторӣ (дар беморхона ё табобатгоҳ)–5312;

– ёрдамчӣ оид ба парасторӣ дар хона–5313.

Эзоҳ: Ба гурӯҳи 3221 ҳамчунин, ҳамшираи тиббии дорои маълумоти миёнаи тиббӣ дохил мешаванд.

### § 3. 3222. Ҳайати миёнаи тиббӣ оид ба момодоягӣ

881. Ҳайати миёнаи тиббӣ оид ба момодоягӣ хизматрасонии тиббии стандартӣ ва машваратдиҳиро ҳангоми таваллуд таъмин менамоянд. Онҳо парасторӣ, табобат ва татбиқи дастурҳоеро, ки аз ҷониби мутахассисони касбии тиббӣ (табибон, момодояҳо ва дигар мутахассисони тибб) муайян шудааст, ба роҳ мемонанд.

882. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– машваратдиҳӣ ба занон, оила ва ҷомеа дар соҳаи тандурустӣ, ғизо, беҳдоштӣ, машқҳои ҷисмонӣ, таваллуд ва ҳомиладоршавӣ, синамаконӣ, парастории навзодон, банақшагирии оила ва зиддиҳомиладоршавӣ, тарзи ҳаёт ва дигар мавзуъҳои алоқаманд бо ҳомиладоршавӣ ва таваллуд;

– арзёбии ҷараёни ҳомиладорӣ ва таваллуд, ҳамчунин, муайян кардани аломат ва нишонаҳои барои муроҷиат ба табибон талабшаванда;

– мустақилона расонидани кумаки тиббӣ дар ҳолатҳои мавҷуд набудани нуқсҳои имконпазир ё кумак намудан ба табибон ва мутахассисон- момодояҳо;

– таъмини парасторӣ ва дастгирии занон ва навзодон пас таваллуд, мушоҳидаҳои вазъи саломатии онҳо ва ҳамчунин, ошкор намудани аломат ва нишонаҳои барои муроҷиат ба табибонро талабшаванда.

883. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– момодоя;

– момодояи амалияи умумӣ.

884. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– табиб– момодоя – 2214;

– ҳамшираи тиббӣ оид ба парасторӣ–3221.

## 67. ГУРӮҲИ ХУРДИ 323.

### § 1. Табибони тибби мардумӣ ва шифобахшон

885. Табибони тибби мардумӣ ва шифобахшон кумаки пешгирикунанда мерасонанд, бемориҳои ҷисмонӣ ва равонии инсон, иллатҳо ва ҷароҳатҳоро бо роҳи гиёҳдармонӣ ва дигар усулҳои мардумии аз назария, эътиқод ва таҷрибаҳои фарҳанг ва халқҳои мушаххас асоснокшуда парасторӣ ва табобат менамоянд. Онҳо татбиқи муолиҷаро дар истифодаи усул ва воситаҳои табобатии асосёфтаи анъанавӣ ташкил менамоянд, мустақилона ё дар чаҳорчӯбаи кумаки банақшагирифташудаи муолиҷавӣ аз ҷониби тибби мардумӣ ё дигар кормандони тиббӣ ташкил мекунанд.

886. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– муоинаи мизоҷон, ҳамсӯҳбат шудан бо онҳо ва аъзои оилаи онҳо барои муайян кардани вазъи саломатӣ ва хосиятҳои иллати ҷисмонӣ ё равонӣ, касалӣ ё дигар намуди бемориҳо;

– тавсия барои парасторӣ ва табобати беморӣ ё дигар намуди касалӣ бо истифодаи усул ва воситаҳои анъанавии мардумӣ, ҳаракатҳои ҷисмонӣ ва машқҳо, хунравонӣ бо истифодаи зарфҳо ва дорувориҳои табиии дар асоси растаниҳо, алафҳо, ҳашарот ва ширави ҳайвонот гирифташуда;

– таъйини табобат бо чунин воситаҳо ва усулҳо, ба монанди, акупунктура, аюрвед, доруворӣ гомеопатикӣ ва гиёҳҳои муолиҷавӣ дар мутобиқатӣ бо нақшаҳо ва амалиёти муолиҷавӣ, ки одатан дар тибби анъанавӣ ё аз ҷониби кормандони тиббӣ истифода бурда мешаванд;

– амалӣ намудани парасторӣ ва табобати ҷароҳатҳои ҷисмонии бо ба ҷояш даровардан ва табобати шикастагиҳо ва баромадани устухонҳо алоқаманд дар асоси усулҳои анъанавии таъсиррасони ҷисмонӣ ва гиёҳдармонӣ;

– машваратдиҳӣ ба шахсони алоҳида, оила ва ҷомеа дар соҳаи тандурустӣ, ғизо, беҳдоштӣ, тарзи ҳаёт ва дигар масъалаҳо барои нигаҳдорӣ ё беҳсозии саломатӣ ва некӯаҳволӣ;

– равонкунии беморон ба дигар мутахассисон барои расонидани кумакҳои тиббӣ – беҳдоштӣ ва табодули иттилоот бо онҳо барои таъмини табобати пурра ва парастории бетанаффус.

887. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3230 | Табибони тибби мардумӣ ва шифобахшон |

## § 2. 3230. Табибони тибби мардумӣ ва шифобахшон

888. Табибони тибби мардумӣ ва шифобахшон кумаки пешгирикунанда мерасонанд, бемориҳои ҷисмонӣ ва равонии инсон, иллатҳо ва ҷароҳатҳоро бо роҳи гиёҳдармонӣ ва дигар усулҳои мардумии аз назария, эътиқод ва таҷрибаҳои фарҳанг ва халқҳои мушаххас асоснокшуда парасторӣ ва табобат менамоянд. Онҳо татбиқи муолиҷаро дар истифодаи усул ва воситаҳои табобатии асосёфтаи анъанавӣ ташкил менамоянд, мустақилона ё дар чаҳорчӯбаи кумаки банақшагирифташудаи муолиҷавӣ аз ҷониби тибби мардумӣ ё дигар кормандони тиббӣ ташкил мекунанд.

889. Ба ухдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– муоинаи мизоҷон, ҳамсӯҳбат шудан бо онҳо ва аъзои оилаи онҳо барои муайян кардани вазъи саломатӣ ва хосиятҳои иллати ҷисмонӣ ё равонӣ, касалӣ ё дигар намуди бемориҳо;

– тавсия барои парасторӣ ва табобати беморӣ ё дигар намуди касалӣ бо истифодаи усул ва воситаҳои анъанавии мардумӣ, ҳаракатҳои ҷисмонӣ ва машқҳо, хунравонӣ бо истифодаи зарфҳо ва дорувориҳои табиии дар асоси растаниҳо, алафҳо, ҳашарот ва ширави ҳайвонот гирифташуда;

– таъйини табобат бо истифодаи доруҳои гомеопатӣ ва гиёҳҳои табобатӣ дар мутобиқатӣ бо нақшаҳо ва амалиёти муолиҷавӣ;

– амалӣ намудани парасторӣ ва табобати ҷарроҳатҳои ҷисмонии бо ба ҷояш даровардан ва табобати шикастагиҳо ва баромадани устухонҳо алоқаманд дар асоси усулҳои анъанавии таъсиррасони ҷисмонӣ ва гиёҳдармонӣ;

– машваратдиҳӣ ба шахсони алоҳида, оила ва ҷомеа дар соҳаи тандурустӣ, ғизо, беҳдоштӣ, тарзи ҳаёт ва дигар масъалаҳо барои нигаҳдорӣ ё беҳсозии саломатӣ ва некӯаҳволӣ;

– равонкунии беморон ба дигар мутахассисон барои расонидани кумакҳои тиббӣ– беҳдоштӣ ва табодули иттилоот бо онҳо барои таъмини табобати пурра ва парастории бетанаффус.

890. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– шикастабанд;
– табиб, гиёҳдармонӣ;
– шифобахш, усулҳои мардумӣ.

891.Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– гомеопат–2230;
– мутахассис оид ба акупунктура–2230;
– остеопат–2269.

Эзоҳ: Машғулиятҳо дар соҳаи шифобахшӣ ва истифодаи таҷрибаи тибби мардумӣ, ки фаҳмиши амиқи бартариятҳои анъанавӣ ва усулҳои табобати ғайрианъанавии дар натиҷаи истифодаи амалии дурударози ин усулҳо ва ҳамчунин, донишҳои анатомии инсон ва ҷузъҳои тибби муосир таҳиягардида, дар гурӯҳи ибтидоии 2230 Табибони баландихтисос ва таҷрибадори тибби мардумӣ ва ғайрианъанавӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Онҳое, ки фаъолияти назариявии донишҳои васеи дар асоси давраҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши амалӣ ва тайёрии махсус дар заминаи омӯзиши анъанаҳои мардумӣ ва таҷрибаҳои дар ҷойҳои истиқомати онҳо истифодашударо талаб менамояд, дар гурӯҳи ибтидоии 3230 Табибони тибби мардумӣ ва шифобахшон дохил карда мешаванд. Табибони таҷрибакори ба сифати усулҳои асосӣ гиёҳдармонӣ, табобати диниро истифодабаранда аз гурӯҳи ибтидоии 2230 хориҷ карда мешаванд.

Табибони дар асоси эътиқодҳо, ки бемориҳои инсонро тавассути амалиёти динӣ бе истифодаи гиёҳдармонӣ ё дигар доруҳориҳо ва таъсиррасонии ҷисмонӣ табобат мекунанд, дар гурӯҳи ибтидоии 3413 Хизматчиёни динии рутбаҳои рӯҳонӣ надошта, дохил мешаванд.

Машғулиятҳое, ки табобатро бо истифодаи шаклҳои анъанавии масҳ ва системаи фишор, ба монанди, масҳи нуқтагӣ ва методикаи шиатсу пешбинӣ гардидаанд, дар гурӯҳи ибтидоии 3255 Фелдшерҳо–физиотерапевтҳо ва дигар физиотерапевтҳои тахассуси сатҳи миёна дохил карда мешаванд.

Момодояҳои анъанавӣ ва момодояҳое, ки ба занон бо сабаби ҳомиладорӣ ва таваллуд кумак мерасонанд, парасторӣ мекунанд, тавсияҳои пеш аз ҳама аз таҷрибаҳои амалӣ ва донишҳои на дар раванди омӯзиш, балки тавассути анъанаҳо ва таҷрибаи тибби анъанавӣ гирифташударо медиҳанд, бояд дар гурӯҳи ибтидоии 3222 Ҳайати миёнаи тиббӣ оид ба момодоягӣ ба ҳисоб гирифта шаванд.

## 68. ГУРӮҲИ ХУРДИ 324.
### § 1. Фелдшерҳо ва ёрдамчиҳои байтор

892. Фелдшерҳо ва ёрдамчиҳои байтор корҳои машваратдиҳӣ, ташхисӣ, пешгирӣ ва табобатии байтории бештар аз рӯйи маҳдудияти миқёс ва мураккабӣ нисбат ба дигар корҳое, ки аз ҷониби табибони байторӣ ба роҳ монда мешаванд, иҷро менамоянд. Онҳо ба ҳайвонот ҳангоми табобат ва кумаки байторӣ дар ҷойҳои муваққатии ҷойгиршавӣ ғамхорӣ мекунанд, ҳамчунин, ба байторҳо дар вақти иҷрои амалиёт ёрӣ мерасонанд.

893. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан, дохил мешаванд:

– машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои муносибат бо ҳайвонот, табобати онҳо ва ҷарроҳатбардорӣ;

– гузаронидани муоина бо мақсади ташхис ё роҳхат ба назди табиби байтор дар ҳолатҳои нисбатан мураккаб;

– табобати ҳайвоноти бемор ё ҷарроҳатбардошта, махсусан, ҳангоми бемориҳо ва нуқсҳои маъмулӣ;

– тозакунӣ ва тамйизкунии миз ва асбобҳо, омоданамоии мавод барои муоина ва табобати ҳайвонот;

– амаликунии вазифаҳои техникии бо бордоркунии сунъии ҳайвонот алоқаманд;

– дастгир намудани ҳайвоноти барои муоина ё нигоҳдорӣ дар вақти табобат таъйингардида;

– расонидани кумак ба байторҳо ҳангоми ворид кардани наркоз ва оксиген дар вақти табобат;

– ҷойгиркунонии ҳайвонот дар қафасҳо барои барқарорсозӣ пас аз ҷарроҳӣ, назорати ҳолати онҳо.

894. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин дохил мешавад:

| | |
|---|---|
| 3240 | Фелдшерҳои байторӣ ва ёрдамчиҳо |

### § 2. 3240. Фелдшерҳои байторӣ ва ёрдамчиҳо

895. Фелдшерҳо ва ёрдамчиҳои байтор корҳои машваратдиҳӣ, ташхисӣ, пешгирӣ ва табобатии байтории бештар аз рӯйи маҳдудияти миқёс ва мураккабӣ нисбат ба дигар корҳое, ки аз ҷониби табибони байторӣ ба роҳ монда мешаванд, иҷро менамоянд. Онҳо ба ҳайвонот ҳангоми табобат ва кумаки байторӣ дар ҷойҳои муваққатии ҷойгиршавӣ ғамхорӣ мекунанд, ҳамчунин, ба байторҳо дар вақти иҷрои амалиёт ёрӣ мерасонанд.

896. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои муносибат бо ҳайвонот, табобати онҳо ва ҷарроҳатбардорӣ;

– гузаронидани муоина бо мақсади ташхис ё роҳхат ба назди табиби байтор дар ҳолатҳои нисбатан мураккаб;

– табобати ҳайвоноти бемор ё ҷарроҳатбардошта, махсусан, ҳангоми бемориҳо ва нуқсҳои маъмулӣ;

– тозакунӣ ва тамйизкунии миз ва асбобҳо, омоданамоии мавод барои муоина ва табобати ҳайвонот;

– амаликунии вазифаҳои техникии бо бордоркунии сунъии ҳайвонот алоқаманд;

– дастгир намудани ҳайвоноти барои муоина ё нигоҳдорӣ дар вақти табобат таъйингардида;

– расонидани кумак ба байторҳо ҳангоми ворид кардани наркоз ва оксиген дар вақти табобат;

– ҷойгиркунонии ҳайвонот дар қафасҳо барои барқарорсозӣ пас аз ҷарроҳӣ, назорати ҳолати онҳо.

897. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ҳамшираи тиббии байторӣ;

– байтори ваксинакун;

– фелдшери байторӣ.

898. Баъзе машғулияти ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– табиби байторӣ–2250.

## 69. ГУРӮҲИ ХУРДИ 325.

### § 1. Ҳайати дигари миёнаи тиббии соҳаи тандурустӣ

899. Ҳайати дигари миёнаи тиббии соҳаи тандурустӣ вазифаҳои техникиро иҷро мекунанд ва дар соҳаи дандонпизишкӣ, идоракунии тиббӣ ва пеш бурдани ҳуҷҷатгузории тиббӣ, саломатии ҷомеа, тасҳеҳи пастшавии тезбинӣ, физиотерапевтӣ, беҳдошти муҳити зист, расонидани кумаки таъҷилии тиббӣ ва дигар чораббиниҳо вобаста ба нигаҳдорӣ ва беҳтар намудани саломатии инсон хизматрасонӣ менамоянд.

900. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– расонидани кумак бо мақсади пешгирӣ ва табобати бемориҳо ва иллатнокии дандонҳо ва ковокии даҳон;

– машваратдиҳӣ вобаста ба масъалаҳои беҳдоштӣ, ғизо ва дигар чораҳои пешгирии кам намудани хатарҳои этимолӣ барои саломатӣ;

– тартибдиҳӣ ва пеш бурдани қайдҳои тиббӣ ва ҳуҷҷатҳо оид ба ҳолат ва табобати беморон, пешниҳод намудани маълумот барои гузаронидани таҳқиқот, пешниҳоди ҳисобҳо, назорати хароҷот ва мукаммалнамоии парасторӣ;

– мусоидат намудан ба оилаҳо дар рушди малакаҳои зарурӣ ва истифодабарии захираҳо вобаста ба беҳтар сохтани вазъи саломатии онҳо;

– гузаронидани корҳои машваратӣ ва равшаннамоӣ дар соҳаи беҳдоштӣ ва беҳдоштӣ бо мақсади маҳдуд намудани паҳншавии бемориҳои

сироятӣ, андозгирӣ ва муайян намудани нишондиҳандаҳои линзаҳои оптикӣ;

– омӯзиши меъёрҳо ва қоидаҳои ба омилҳои экологӣ ва истеҳсолӣ алоқаманде, ки метавонанд, ба саломатии инсон таъсир расонанд;

– масҳи мулоими бофтаҳои бадан;

– муоинаи беморон дар ҳуҷраҳои азнаназгузаронӣ ва омодакунии онҳо барои гузаронидани муоина;

– иштирок ва расонидани кумак ҳангоми садамаҳо, ба вуҷуд омадани ҳолатҳои фавқулода ва зарурати расонидани кумаки тиббӣ.

901. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3251 | Фелдшер–дандонпизишк |
| 3252 | Хизматчиён оид ба иттилооти тиббӣ |
| 3253 | Кормандони саломатии ҷамъиятӣ |
| 3254 | Мутахассисони тиббии оптикӣ–оптометристҳо |
| 3255 | Фелдшерҳо–физиотерапетҳо ва дигар терапевтҳои сатҳи миёнаи тахассусӣ |
| 3256 | Ёрдамчиҳо (ёварон)-и табибон |
| 3257 | Нозирон ва дигар ҳайати миёнаи тиббӣ оид ба ҳифзи меҳнат ва муҳити зист |
| 3258 | Ҳайати миёнаи тиббии ёрии таъҷилӣ |
| 3259 | Ҳайати миёнаи тиббӣ дар соҳаи тандурустии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

### § 2. 3251. Фелдшер–дандонпизишк

902. Фелдшер–дандонпизишк хизматҳои асосии дандонпизишкиро оид ба пешгирӣ ва табобати беморӣ ва нуқснокии дандон ва ковокии даҳони аз ҷониби дандонпизишкон ва дигар табибони дандонпизишк пешниҳодгардида мерасонанд.

903. Ба ухдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои беҳдошти ғизо ва ковокии даҳон ва дигар чораҳои пешгирикунандаи пасткунии таваккали эҳтимолӣ барои солимии ковокии даҳон;

– гузаронидани муоинаи визиуалӣ ва ҷисмонии ковокии даҳони беморон ва бофтаҳои ба ҳамин алоқаманд барои арзёбии вазъи саломатӣ;

– ошкор намудани беморон бо вазъи бади ковокии даҳон ё бемориҳои ковокии даҳон барои муроҷиат намудан ба табибон ва дигар мутахассисони тиббӣ талабдошта;

– расониданини кумак ба дандонпизишкҳо ҳангоми гузаронидани амалиёти душвори дандонпизишкӣ;

– фторкунонии дандонҳо, тозакунӣ ва нест кардани лояҳои дандон, муолиҷаи холигии дандон ва пломбазании дандон, гузаронидани

карахткунии маҳаллӣ ва ҳамчунин, иҷрои дигар намудҳои асосӣ ё бештар маъмули амалиёти клиникии дандонпизишкӣ;

– омоданамоӣ, тозакунӣ ва безараргардонии асбобҳо, таҷҳизот ва маводи истифодашавандаи дандонпизишкӣ ҳангоми муоина ва табобаткунии беморон;

– омоданамоии беморон барои гузаронидани муоина ё табобат, аз ҷумла, фаҳмондадиҳии моҳияти муолиҷа ва дуруст мавқеъгирӣ;

– гирифтани қолаби дандон ва дастрас кардани тасвири рентгени дандонҳо барои гузаронидани ташхис ва мондани протезҳои дандон.

904. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ёрдамчии дандонпизишк;
– дандонсоз;
– табиби дандон.

905. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– табиб–дандонпизишк–2261;
– техники дандон–3214;
– техник–протезчии дандон–3215.

## § 3. 3252. Хизматчиён оид ба иттилооти тиббӣ

906. Хизматчиён оид ба иттилооти тиббӣ донишҳои махсуси худро оид ба истилоҳоти тиббӣ ва амалиёти солимгардонии расондани ёрии беҳдоштӣ истифода бурда, ба табибон ва дигар кормандони муассисаҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ ёрӣ мерасонанд, корҳои гуногунро дар соҳаи алоқа, пеш бурдани ҳуҷҷатгузорӣ, вазифаҳои идоравӣ ва монанди инҳоро барои ҳамоҳангсозӣ иҷро менамоянд ва ҳамчунин, ба кормандони тиббии муассисаҳои тиббӣ ва дигар корхонаҳои тандурустӣ кумак мерасонанд.

907. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– тартиб додани рӯйхат ва тасдиқи дастурҳои тиббӣ ва додани маълумот ба ҳайати тиббӣ ва беморон;

– тартиб додан, барасмиятдарорӣ ва қабули картаи тиббӣ, ҳисоботҳо, ҳуҷҷатҳо ва мукотибот;

– пурсиши беморон барои пур кардани намунаҳо, ҳуҷҷатҳо ва таърихи беморӣ;

– пур кардани намунаҳои суғуртавӣ ва дигар даъвоҳо;

– пеш бурдани ҳуҷҷатгузории тиббӣ ва қайдҳо, китобхонаҳои техникӣ;

– омоданамоии ҳисоботҳои молиявӣ ва ҳисобҳо барои амалиёти тиббӣ;

– расонидани кумак дар таҳияи буҷет, назорати хароҷот, тартиб додани шартномаҳо ва харид ё ба даст овардани фармоишҳо;

– таъмини иттилооти тиббии кормандон ва дигар кормандони идора.

908. Намунаи машғулияти ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– бақайдгирандаи тиббӣ.

909. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– котиб (таснифоти умумӣ)–4120;
– котиби бемористон–4229;
– хизматчӣ оид ба қабули мизоҷон дар идораи тиббӣ–4229.

Эзоҳ: Машғулиятҳои дар ин гурӯҳи ибтидоӣ воридшуда, одатан, донишҳои истилоҳоти тиббӣ, ҷанбаҳои кори ҳуқуқӣ бо иттилооти тиббӣ, донишҳои стандартҳои тиббӣ–беҳдоштӣ ва ҳамчунин, малакаҳои кор бо маълумот дар компютер ё шакли коғазӣ дар чаҳорчӯбаи таҳсилоти миёнаи тиббӣ ва / ё аз ҷойи кор гирифташударо талаб менамоянд.

## § 4. 3253. Кормандони саломатии ҷамъиятӣ

910. Кормандони саломатии ҷамъиятӣ маърифати тиббӣ-беҳдоштӣ, пешниҳодот барои баррасӣ ва қабули чораҳои минбаъда, , идораи корҳоро амалӣ мекунанд, ба аҳолӣ хизматрасонии асосии ёрии тиббии профилактиро мерасонанд. Онҳо дастгирӣ ва расонидани кумакро ба шахсони алоҳида ва оилаҳо дар гузаронидани чорабиниҳои ба саломатӣ ва соҳаи иҷтимоӣ дахлдор таъмин менамоянд.

911. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– пешниҳод намудани маълумот ба аҳолӣ, оилаҳо ва шаҳрвандони алоҳида оид ба як қатор масъалаҳои ба саломатӣ алоқаманд, аз ҷумла, ғизо, воситаҳои беҳдоштӣ, нигоҳубини кӯдак, ваксинакунонӣ, банақшагирии оила, омилҳои таваккал ва пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятӣ, заҳролудшавӣ, расонидани кумаки аввалия ҳангоми табобати бемориҳои одӣ ва умумӣ, нашъамандӣ, зӯроварӣ дар оила ва мавзуъҳои дигар;

– ташрифи оилаҳо ба хонаи онҳо бо мақсади пешниҳод намудани иттилоот дар бораи хизматрасониҳои тиббӣ, иҷтимоии дастрас ва монанди инҳо, расонидани кумак дар дастрасӣ ба ин хизматрасониҳо;

– ташрифи оилаҳое, ки одатан дастрасӣ ба муассисаҳои тиббӣ, барои мониторинг дар асоси муттасилии нишондиҳандаҳои алоҳида, ба монанди, ҳомиладорӣ, афзоиш ва инкишофи кудак ва ҳамчунин, ҳолати беҳдоштии муҳити атроф надоранд;

– байни хоҷагиҳои хонаводагӣ паҳн намудани воситаҳо ва доруворӣҳои тиббии таъйингардида барои пешгирӣ ва табобати бемориҳои эндемикӣ, ба монанди табларза, илтиҳоби шуш ва бемориҳои меъдаю рӯда ва ҳамчунин, дастурдиҳӣ ба аъзои оила ва ҷомеа оид ба истифодаи ин воситаҳо ва доруворӣҳо;

– ба роҳ мондани чорабиниҳои таблиғотии пешбинигардида ба гурӯҳҳое, ки одатан ба муассисаҳои тиббӣ дастрасӣ надоранд, ба онҳо пешниҳод кардани маълумот ва доруворӣҳои асосӣ барои пешгирӣ ва табобати баъзе бемориҳое, ки онҳо ба хатари бештар дучор мегарданд, ба монанди ВНМБ (вируси норасоии масъунияти бадан-) ва дигар бемориҳои сироятӣ;

– ҷамъоварии маълумот аз хоҷагиҳои хонаводагӣ ва ҷомеа, ки одатан ба муассисаҳои тиббӣ дастрасӣ надоранд, бо мақсади гузаронидани

мониторинги вазъи беморон ва самти ҳисоботдиҳӣ дар мутобиқатӣ бо қоидаҳои тиббӣ– беҳдоштӣ.

912. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– нозир оид ба тарбияи беҳдоштӣ;
– ёрдамчии табиб оид ба беҳдошти кӯдакон ва наврасон;
– ёрдамчии табиб оид ба тарбияи беҳдоштӣ;
– ёрдамчии табиб оид ба беҳдошти коммуналӣ;
– ёрдамчии табиб оид ба беҳдоштии умумӣ.

913. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– момодоя–3222;
– ёрдамчӣ оид ба нигоҳубини умумӣ–5312.

## § 5. 3254. Мутахассисони тиббии оптикӣ–оптометристҳо

914. Мутахассисони тиббии оптикӣ–оптометристҳо линза (шиша)-ҳои оптикиро барои мизоҷон дар асоси дастури духтури чашм барои таҳрири пастшавии тезбинии чашм интихоб мекунанд. Онҳо барои нигоҳубини айнакҳои ислоҳкунанда, линзаҳои тиббӣ ва дигар лавозимот барои шахсони биниши заифдошта ва дигар намуди асбобҳои оптикӣ хизматрасонӣ мекунанд.

915. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– омӯзиши сохт ва тарҳи рӯй ва чашм, андозагирии нишондиҳандаҳои чашмони мизоҷон барои интихоби айнакҳо ва дигар асбобҳои оптикӣ;

– расонидани кумаки машваратӣ дар интихоб ва мондани айнакҳо ва айнакҳои чанбаракдор, интихоб намудани линзаҳои тиббӣ ва дигар асбобҳои оптикӣ барои баланд кардани техбинӣ, бехатарӣ, ҳузуру ҳаловат ва сабки ҳаёт;

– фаҳмидани дастури оптикӣ ва омодашави корҳои озмоишггузаронии оптикии иҷрокунандаи суфтакунӣ ва насби линзаҳо ба чанбараки айнак, омодакунии линзаҳо ва дигар корҳои зарурӣ;

– санҷиши дақиқият ва мутобиқатии асбобҳои тайёри оптикӣ ва дастгоҳҳо ба дастури ибтидоӣ ва талаботи мизоҷон.

916. Намунаи машғулияти ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– оптометрист.

917. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб: табиби чашм–2214.

## § 6. 3255. Фелдшерҳо–физиотерапевтҳо ва дигар терапевтҳои сатҳи миёнаи тахассусӣ

918. Фелдшерҳо–физиотерапеҳо ва дигар терапевтҳои сатҳи миёнаи тахассусӣ гузаронидани амалиёти табобати ҷисмониро барои беморон дар шароите, ки ба кори ҳаракати функсионалӣ ба ҷароҳатҳо, бемориҳо ё дигар нуқсҳо таҳдид менамоянд, таъмин мекунанд. Физиотерапия, одатан дар мутобиқатӣ бо нақшаҳои тиббии барқарорсозии бемороне, ки аз

ҷониби физиотерапевтҳо ё дигар мутахассисони тиббӣ (табибон) муқаррар карда мешаванд, пешниҳод карда мешаванд.

919. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– гузаронидани амалиёти дастӣ, ба монанди масҳ ё табобати нуқтагӣ (масҳи нуқтагӣ);

– гузаронидани табобат ба барқ, ултрасадо ва дигар намудҳои табобати ҷисмонӣ бо истифодаи технология ва таҷҳизоти махсус;

– дастурдиҳӣ, далелноккунӣ, таъмини бехатарӣ ва расонидани кумак ба беморон ҳангоми машғулиятҳои ҷисмонӣ, техникаи оромиш ва дигар фаъолиятҳои функсионалӣ;

– муҳокимаи маълумот оид ба беморон барои банақшагирӣ, тағйирот ва ҳамоҳангсозӣ бо физиотерапевтҳо ва дигар мутахассисони тиббӣ;

– мушоҳида ва бақайдгирии вазъи беҳтаршавии беморон дар ҷараёни табобат, аз ҷумла тағйирдиҳии амплитудаи ҳаракат ва функсияҳои ҳаётан муҳим;

– ба мизоҷон гузоштани тахтачаи шикастабандӣ, протезҳо ва дигар таҷҳизоти ёрирасон, ба монанди, асобағалҳо, дастурдиҳии беморон оид ба истифодабарии чунин обзорҳо.

920. Намунаи машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дастурдиҳанда оид ба тарбияи ҷисмонии табобатӣ;
– масҳгар;
– ҳамшираи тиббӣ оид ба масҳ;
– ҳамшираи тиббӣ оид ба эҳё;
– ҳамшираи тиббӣ оид ба физиотерапия.

921. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– табиб–физиотерапевт–2264;
– табиб–ортопед–2214;
– табиби табобати равонӣ–2212.

## § 7. 3256. Ёрдамчиҳо (ёварон)–и табибон

922. Ёрдамчиҳо (ёварон)–и табибон вазифаҳои асосии клиникӣ ва идоравиро барои таъмини хизматрасонии босифат ба беморон таҳти назорати бевоситаи табибон ё дигар кормандони тиббӣ иҷро мекунанд.

923. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– пурсиши беморон ва оилаи онҳо бо мақсади гирифтани маълумот дар бораи вазъи саломатӣ ва таърихи бемориҳо;

– ба табибон ва дигар мутахассисони тиббӣ расонидани кумак дар муоина ва табобати беморон, аз он ҷумла, гузаронидани ченкунӣ ва бақайдгирии функсияҳои ҳаётан муҳими узвҳо, додани доруворӣ ва инчунин, иҷрои амалиёти одии табобатӣ, ба монанди, тазриқ ва гирифтани кӯкҳо;

– омоданамоии беморон барои муоина ва табобат, аз ҷумла, ба онҳо фаҳмонидани табобати дарпешистода ва нишон додани ҳуҷраҳои муолиҷавӣ;

– омодакунӣ ва коркарди асбобҳои тиббӣ ва маводи хароҷотӣ, аз ҷумла, тамъизи тасбобҳо ва партофтани маводи ифлосшуда дар мутобиқатӣ бо амалиёти бехатарӣ ва риояи беҳдоштӣ;

– гирифтани хун, бофтаҳо ё дигар намунаҳо, тайёркунии онҳо барои санҷиши озмоишгоҳӣ;

– пешниҳод намудани маълумот ба беморон ва оилаи онҳо дар бораи кумакҳои ба онҳо расонидашаванда, инчунин дастури дорувории табибон ё дигар кормандони тиббӣ;

– пешниҳод намудани дорухат барои гирифтани доруворӣ ва давоҳои нашъадор барои пур кардани маълумот дар дорухонаҳо;

– нигоҳ доштани тозагӣ дар толорҳои мунтазиршавии беморон ва ҳуҷраҳои муоинавӣ;

– бурдани қайди маълумот дар бораи беморон дар таърихи беморӣ, маълумот дар бораи ташхиси гузошташуда ва амалиёи муолиҷавӣ, натиҷаҳои табобат ва дигар иттилоот дар системаҳои нигоҳдории ҳуҷҷатгузории тиббӣ;

– таъйини мулоқот бо беморон, омоданамоии ҳуҷҷатгузории зарурӣ барои пешниҳоди ҳисобҳо, ҳисоботдиҳӣ ва мақсади суғуртакунонӣ;

– гузаронидани скрининги инкишофи кӯдакони синни барвақтӣ бо мақсади сари вақт ошкор намудани тамоюлҳо дар инкишоф ва даъвати волидон ба қабули табиби бемориҳои кӯдакона дар ҳолати ошкоршавии хатарҳои қафомонӣ дар инкишоф;

– назорат аз рӯйи тақвими воякунонӣ, даъват ва омоданамоии кӯдакон барои гузаронидани воякунонии пешгирикунанда;

– пеш бурдани корҳои беҳдоштӣ–маърифатӣ бо волидон оид ба масъалаҳои нигоҳубини кӯдакон, тайёр кардани ғизои кӯдакона, тарбия ва инкишофи кӯдакон;

– расонидани кумак ба одамони калонсол ҳангоми риояи беҳдошти шахсӣ, қабули ғизо ва воситаҳои муолиҷавӣ;

– ҷалби одамони калонсол ба ҳаёти иҷтимоӣ тавассути ташкили корҳои фароғатӣ, вохӯрӣ бо аъзои ҷомеа, ташкили сафарҳо ба ҷойҳои ҷамъиятӣ.

924. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

- ҳамшираи тиббии табиби таснифоти умумӣ (табиби оилавӣ);
- ҳамшираи тиббии кӯдакон;
- ҳамшираи тиббии гериатрӣ;
- ёрдамчии табиб оид ба беҳдошти кӯдакон ва наврасон;
- ёрдамчии табиб оид ба беҳдошти радиатсионӣ;
- ёрдамчии табиби эпидемиолог

925. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

- табиби ёрии таъҷилии тиббӣ–2240;
- техники дандон–3214;
- дандонпизишк–3251;
- ёрдамчии физиотерапевт–3255;
- оморчии тиббӣ–3344.

Эзоҳ: Машғулиятҳои ба ин гурӯҳи ибтидоӣ воридшуда, одатан, маълумоти тиббии миёнаро оид ба пешниҳоди хизматрасонии тиббӣ талаб менамояд. Мутахассисони тиббӣ оид ба расонидани кумаки тиббии омодагии махсус ва тахассуси бештар баландро талабкунанда, имконияти мустақилона гузаронидани ташхис ва таъйин намудани табобати беморонро пешбиникунанда, дар гурӯҳи ибтидоии 2240 Табибони ёрии таъҷилии тиббӣ ва фелдшерҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд.

## § 8. 3257. Нозирон ва дигар ҳайати миёнаи тиббӣ оид ба ҳифзи меҳнат ва муҳити зист

926. Нозирон ва дигар ҳайати миёнаи тиббӣ оид ба ҳифзи меҳнат ва муҳити зист истифодаи меъёр ва қоидаҳои ба омилҳои экологӣ алоқамандро назорат мекунанд ва метавонанд ба саломатии инсон, бехатарӣ дар ҷойи кор, бехатарии равандҳои истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо таъсир расонанд. Онҳо метавонанд барномаҳои барқарорсозӣ ё баланд бардоштани сатҳи бехатарӣ ва шароити беҳдоштӣ–беҳдоштиро таҳти назорати ҳайати тиббии сатҳи олии тахассусӣ ба роҳ монанд ва арзёбӣ намоянд.

927. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– машварат ба корфармоён ва кормандон оид ба масъалаҳои татбиқи қоидаҳо ё тартибҳои давлатӣ ё дигари ба ҳифзи меҳнат ва бехатарии муҳити истеҳсолӣ вобаста;

– санҷиши ҷойҳои корӣ бо мақсади таъмини мутобиқатии шароити кор, воситаҳои техникӣ ва таҷҳизоти давлатӣ ё дигар меъёрҳо, қоидаҳо ва стандартҳои бо вазъи беҳдоштӣ ва/ё муҳити истеҳсолӣ ва зист, беҳдоштӣ ва бехатарӣ алоқаманд;

– машваратҳо оид ба масъалаҳо ва усулҳои экологӣ ва беҳдоштӣ;

– тафтиши ҷойҳои корӣ тавассути гузаронидани пурсишҳо, мушоҳидаҳо ва дигар намуди чорабиниҳо, дастрас намудани иттилоот дар бораи фаъолияти истеҳсолӣ ва ҳодисаҳои нохуш бо мақсади муайян кардани риояи қоидаҳо ва меъёрҳои техникаи бехатарӣ;

– санҷиши минтақаҳои истеҳсолӣ, ҷойҳои коркард, ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулот барои таъмини мутобиқатии онҳо ба меъёрҳо, қоидаҳо ва стандартҳо давлатӣ ва монанди инҳо;

– машваратдиҳӣ ба корхонаҳо ва дар маҷмӯъ, ба аҳолӣ оид ба масъалаҳои татбиқи қоидаҳо ва тартибҳои давлатӣ ва монанди инҳо, ки ба шароити беҳдоштӣ–беҳсозӣ, тозагӣ ва сифати ашёи хом, маҳсулоти хӯрока, муолиҷавӣ, косметикӣ ва дигар маҳсулоти ба ҳаминҳо монанд вобастагӣ доранд;

– санҷиши корхонаҳо дар мисоли мутобиқатии онҳо бо меъёрҳо ва дигар қоидаҳои давлатии ба партофтҳои моддаҳои ифлоскунанда ва партофтани партовҳои хатарнок вобаста;

– ташаббуси чораҳои нигоҳдорӣ ё беҳтаркунонии шароити беҳдоштӣ–беҳсозӣ ва барҳамдиҳии ифлосшавии об, ҳаво, маҳсулоти хӯрока ва хок;

– ҳамкорӣ дар татбиқи чораҳои эҳтиётӣ ва ислоҳкунанда оид ба мубориза бо бемориҳо, кам кардани миқдори микроорганизмҳои зараррасон ва моддаҳои зараррасон дар ҳаво, коркарди беҳдоштии маводи хӯрокаи ба партофтани партовҳо ва тоза намудани ҷойҳои ҷамъиятӣ лозим;

– муайян кардани миқдор ва арзиши хароҷоти молӣ ва меҳнатии барои татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи ҳифзи саломатӣ, риояи бехатарӣ ва беҳдошти зарурӣ, аз байн бурдани оқибатҳои манфӣ.

928. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– нозир оид ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат;

– нозир оид ба бехатарии маводи хӯрока;

– нозир оид ба мубориза бо ифлоскунии муҳити зист;

– нозир оид ба ҳифзи саломатӣ;

– нозири беҳдоштӣ.

929. Машғулияти ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– ёрдамчии табиб оид ба беҳдоштӣ–3253.

### § 9. 3258. Ҳайати миёнаи тиббии ёрии таъҷилии тиббӣ

930. Ҳайати миёнаи тиббии ёрии таъҷилии тиббӣ ёрии таъҷилии тиббиро ба бемории ҷароҳатбардошта, беморон, бемадорон ё бо дигар нуқсдорони ҷисмонӣ ё ақлонӣ, то ва ҳангоми ҳамлу нақли онҳо ба муассисаҳои тиббӣ мерасонанд.

931. Ба ухдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– арзёбии вазъи шахсоне, ки қурбонии ҳодисаҳои нохуш, фалокатҳои табиӣ ва дигар ҳолатҳои фавқулода гардидаанд ва ҳамчунин, муайян кардани талаботҳо дар расонидани ёрии тиббии таъҷилӣ ё махсусгардонидашуда;

– гузаронидани амалиёти тиббӣ ва ворид кардани воситаҳои доруворӣ, истифодаи дигар усулҳои муолиҷа дар мутобиқатӣ бо протоколҳои расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ, аз ҷумла, эҳёгардонии беморон бо истифодаи дефибрилляторҳо ва дигар таҷҳизоти таъминкунандаи ҳаёт;

– мониторинги тағйирёбии вазъи саломатии беморон ҳангоми ҳамлу нақл ба муассисаҳои муолиҷавӣ, эҳёгардонӣ ва дигар муассисаҳои тиббӣ ва аз муассисаҳои муолиҷавӣ, эҳёгардонӣ ва дигар муассисаҳои тиббӣ;

– пешниҳоди иттилоот ва омӯзонидани аҳолӣ ва ҳамчунин, дигар кормандони хадамоти расонидани ёрии аввалия барои нигоҳубини аввалиндараҷаи беморон ё ҷароҳатбардоштагон;

– иштирок ва/ё мушоҳидакунии ҷалласаҳои умумии калонмиқёс ва дигар чорабиниҳои умумие, ки онҷо хатарнокии баланд ба саломатӣ ва ба вуҷуд омадани ҳолатҳои фавқулодда мавҷуд аст;

– бақайдгирии иттилоот дар бораи вазъи саломатии беморон ва табобати пешниҳодшуда дар системаи нигоҳдории ҳуҷҷатҳои тиббӣ.

932. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ҳамшираи тиббӣ оид ба қабули даъвати ёрии таъҷилии (фаврӣ) тиббӣ;

– фелдшери ёрии таъҷилии тиббӣ;

– фелдшери дастаи махсусгардонидашудаи ёрии таъҷилии тиббӣ;

– фелдшер– ҷарроҳатшинос.

933. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– табиби ёрии таъҷилии тиббӣ–2240;

– ронандаи мошини ёрии таъҷилӣ–8322.

Эзоҳ: Машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур дохилшуда, одатан маълумоти миёнаи тиббиро оид ба расонидани ёрии оперативии тиббӣ, ҳамлу нақли беморон, хусусиятҳо ва таҷрибаи кори ёрии таъҷилии тиббӣ ё соҳаҳои омехтаро талаб менамоянд. Ронандагони мошинҳои ёрии таъҷилии тиббие, ки кумаки тиббӣ намерасонанд, дар гурӯҳи ибтидоии 8322 Ронандаҳои мошинҳои сабукрав, таксӣ ва каппадор дар назар дошта мешаванд.

## § 10. 3259. Ҳайати миёнаи тиббӣ дар соҳаи тандурустии ба гурӯҳҳои дигар шомилнашуда

934. Ба ин гурӯҳи ибтидоӣ ҳайати миёнаи соҳаи тандурустии дар дигар гурӯҳҳои зергурӯҳи 321 Ҳайати миёнаи тиббӣ (фелдшерҳо), техникҳо оид ба хизматрасонии таҷҳизоти тиббӣ ва дорусозон дохил намешаванд, ворид мегарданд. Масалан, ба гурӯҳи мазкур чунин мутахассисон, ба монанди, дастурдиҳанда оид ба табобати ҷисмонӣ ва дигарони дар соҳаи нигаҳдорӣ ва барқарорсозии саломатӣ машғул, дохил мешаванд.

935. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– пурсиш ва муоинаи беморон барои гирифтани иттилоот дар бораи вазъи саломатӣ, тавсиф ва дараҷаи ҷароҳатҳо, бемориҳо ё дигар масъалаҳои ҷисмонӣ ё равонӣ бо саломатӣ;

– воякунонӣ ва машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои истифодаи иловагиҳои хӯрока, зидди ретровирусҳо ва дорувориҳои табобатии пешгирикунанда ва ҳамчунин, дигар воситаҳои ёрии тиббӣ – беҳдоштӣ;

– мушоҳидаи беҳтаршавии вазъи саломатии беморон дар мутобиқатӣ бо усулҳои муолиҷава ва ҳамчунин, ошкор намудани аломатҳо ва нишонаҳои талаботкунандаи мурочиаткунӣ ба табибон ё дигар мутахассисони тиббӣ;

– бақайдгирии иттилоот оид ба вазъи саломатии беморон ва табобати пешниҳодшуда дар системаи нигоҳдории ҳуҷҷатҳои тиббӣ;

– табодули иттилоот бо дигар мутахассисони кумаки тиббӣ – беҳдоштиро расонанда, дар сурати зарурат барои таъмини нигоҳубини доимӣ ва ҳамаҷониба.

936. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– нозир оид ба тарбияи ҷисмонии табобатӣ;

– ҳамшираи тиббӣ оид ба ғизои парҳезӣ.

937. Машғулияти ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– ҳамшиари тиббӣ оид ба парасторӣ–3221.

## 70. ЗЕРГУРӮҲИ 33. ҲАЙАТИ МИЁНАИ МАХСУС ДАР ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ ВА МАЪМУРӢ

938. Ҳайати миёнаи махсус дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ва маъмурӣ асосан вазифаҳои техникии бо истифодаи донишҳои амалии баҳисобгирии молиявӣ ва додугирифти молиявӣ, ҳисобкунии риёзӣ ва ҳисобиҳо, рушди захираҳои инсонӣ, харид ва фурӯши молу ашёҳо тариқи ҳуҷҷатҳои молиявӣ, иҷрои корҳои котиботии махсусгардонидашуда ва ҳамчунин, бо пешбурд ё истифодаи қоидаҳо ва меъёрҳои давлатӣ алоқамандро иҷро менамоянд. Илова ба ин, дар ин гурӯҳ ҳамон кормандоне дохил мешаванд, ки хизматрасонии тиҷоратӣ, ба монанди барасмиятдароии гумрукӣ, конфронс-бананақшагириҳо, бо кор таъминкунӣ, харид ва фурӯши воситаҳои ғайриманқул ё як миқдори маҳсулоти яклухтро мерасонанд, дохил шудаанд, ба сифати агент (вакил) барои варзишгарон ва ҳунармандон баромад мекунанд. Сатҳи салоҳияти аксар машғулиятҳои ба ин зергурӯҳ дохилшаванда, ба сатҳи чоруми тахассусӣ мувофиқат мекунад.

939.Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур, одатан иборатанд:

– таҳия ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳо оид ба харид ва фурӯши қоғазҳои қимматнок, саҳмияҳо, облигатсияҳо ё дигар воситаҳои молиявӣ барои хариди дарпешистода ё оперативии арзҳои хориҷӣ;

– пешниҳоди қарзҳо ва дархостҳои қарзӣ ба роҳбарият бо тавсияҳо барои тасдиқ ё рад намудан;

– тасдиқ ё рад намудани аризаҳо дар чаҳорчӯбаи ҳудудҳои таъминоти иҷозатдодашуда бо риояи стандартҳои тасдиқшудаи қарзӣ;

– таъмини ҳисоботбарии пурраи ҳамаи амалиёти молиявии корхона дар мутобиқатӣ бо принсипҳои умумии ҳисобгирии муҳосибӣ таҳти роҳбарии муҳосибон;

– мусоидат намудан дар бананақшагирӣ ва иҷрои ҳисобкунии риёзӣ, оморӣ, актуарӣ, муҳосибӣ ва ба онҳо алоқаманд;

– фурӯш ва хариди воситаҳои молиявӣ.

940. Машғулиятҳои зегурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 331 | Ҳайати миёнаи махсус дар соҳаи фаъолияти молиявӣ, баҳисобгирӣ ва коркарди иттилооти рақамӣ |
| 332 | Агентҳо оид ба харид ва фурӯш, брокерҳои савдо |
| 333 | Агентҳо оид ба хизматрасонии тиҷоратӣ |
| 334 | Ҳайати миёнаи дар фаъолияти маъмурӣ – идоракунӣ машғулбуда |
| 335 | Ҳайати миёнаи техникӣ дар хизмати давлатӣ |

## 71. ГУРӮҲИ ХУРДИ 331.

### § 1. Ҳайати миёнаи махсус дар соҳаи фаъолияти молиявӣ, баҳисобгирӣ ва коркарди иттилооти рақамӣ

941. Ҳайати миёнаи махсус дар соҳаи фаъолияти молиявӣ, баҳисобгирӣ ва коркарди иттилооти рақамӣ арзиши ҳар як ашёи алоҳида ва моликиятро дар маҷмӯъ муайян менамояд, баҳисобгирии амалиёти молиявиро пеш мебарад, иттилоотро оид ба аризаҳо таҳлил менамояд, оид ба харид ва фурӯши воситаҳои молиявӣ қарор мебарорад ва ҳамчунин, ҳисоботҳои риёзӣ ва дигар ҳисобтҳои ба он алоқамандро иҷро менамояд.

942. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– барасмиятдарорӣ ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳо оид ба харид ва фурӯши қоғазҳои қиматнок, саҳмияҳо, облигатсияҳо ё дигар воситаҳои молиявӣ барои хариди дарпешистода ё оперативии арзҳои хориҷӣ;

– пешниҳоди қарзҳо ва дархостҳои қарзӣ ба роҳбарият бо тавсияҳо барои тасдиқ ё рад намудан;

– тасдиқ ё рад намудани аризаҳо дар чаҳорчӯбаи ҳудудҳои таъминоти иҷозатдодашуда бо риояи стандартҳои тасдиқшудаи қарзии муассисаҳо;

– таъмини ҳисоботбарии пурраи ҳамаи амалиётҳои молиявии корхонаҳо дар мутобиқатӣ бо прнинсипҳои умумии ҳисобгирии муҳосибӣ таҳти роҳбарии муҳосибон;

– мусоидат намудан дар банақшагирӣ ва иҷрои баҳисобгириҳои риёзӣ, оморӣ, актуарӣ,муҳосибӣ ва ба онҳо алоқаманд.

943. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3311 | Дилерҳо ва брокерҳо оид ба хариду фурӯш дар бозорҳои молиявӣ, арзӣ ва мол |
| 3312 | Агентҳои қарзӣ |
| 3313 | Ҳисобкорон ва муҳосибони баҳисобгирӣ |
| 3314 | Техникҳо–оморчиён ва ҳайати машғулиятҳои ҳаммонанд бо гузаронидани ҳисоби риёзӣ ва ҳисоббарорӣ |
| 3315 | Баҳодиҳандаҳо ва коршиносон(мушовирон)оид ба зарарҳо |

### § 2. 3311. Дилерҳо ва брокерҳо оид ба хариду фурӯш дар бозорҳои молиявӣ, арзӣ ва мол

944. Дилерҳо ва брокерҳо оид ба хариду фурӯш дар бозорҳои молиявӣ, арзӣ ва мол қоғазҳои қимматнок, саҳмияҳо, облигатсияҳо ва дигар воситаҳои молиявиро мехаранд ва мефурӯшанд, ҳамчунин, додугирифтро бо асъори хориҷӣ дар ҷой ё дар бозорҳои фючерӣ аз номи ширкат ё барои мизоҷон дар асоси комиссионӣ ба роҳ мемонанд. Онҳо барои додугирифтҳо бо мизоҷон ва роҳбарияти болоӣ машваратҳо медиҳанд.

945. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– гирифтани иттилоот дар бораи вазъи молиявии мизоҷон ва ширкатҳое, ки ба онҳо сармоягузорӣ кардан мумкин аст;

– таҳлили тамоюлҳои бозори қоғазҳои қимматнок, облигатсияҳо, саҳмияҳо ва дигар воситаҳои молиявӣ, аз ҷумла, дар асъори хориҷӣ;

– иттилоотонии мизоҷони иқтидорманд дар бораи шароити бозорӣ ва дурнамо;

– машваратдиҳӣ ва иштирок дар гуфтушунидҳо оид ба шартҳои ташкили гирифтан/додани қарзҳо ва ҷойгиркунонии саҳмияҳо ва облигатсияҳо дар бозори молиявӣ барои афзоиш додани сармояи мизоҷон;

– барасмиятдарорӣ ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳо оид ба харид ва фурӯши қоғазҳои қимматнок, саҳмияҳо, облигатсияҳо ё дигар воситаҳои молиявӣ барои хариди дарпешистода ё оперативии арзҳои хориҷӣ.

946. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– брокери саҳмия ва бастаҳо;
– брокери асъори хориҷӣ;
– брокер оид ба қоғазҳои қимматнок;
– дилери асъорӣ;
– брокери сармоягузорӣ.

947. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– таҳлилгари молиявӣ–2413;
– брокери савдо–3324;
– хизматчӣ оид ба қоғазҳои қимматнок–4312.

## § 3. 3312. Агентҳои қарзӣ

948. Агентҳои қарзӣ иттилооти молиявии дар аризаҳо барои гирифтани қарзҳо дарҷгардидаро таҳлил ва арзёбӣ менамоянд, дар бораи маъқул донистан ё рад намудани пешниҳоди қарз ба мизоҷон қарор қабул мекунанд ва ба роҳбарият барои маъқул донистан ё рад намудан тавсия медиҳанд.

949. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– гуфтушунидҳо бо дархосткунандагон барои гирифтани қарзҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, ипотекӣ, донишҷӯӣ ва қарзҳои тиҷоратӣ;

– омӯзиш ва арзёбии вазъи молиявии қарзгиранда, тавсияҳо, таърихи қарзӣ ва қобилияти қарзпардохткунӣ;

– пешниҳоди қарз ва дархостҳои қарзӣ ба роҳбарият барои маъқул донистан ё рад намудан;

– тасдиқ ё рад кардани дархостҳо дар доираи ҳудудҳои иҷозатдодашудаи таъминот бо риояи стандартҳои тасдиқшудаи қарзии муассисаҳо;

– пешбурди баҳисобгирии пардохтҳо ва ҳамчунин, омоданамоии мактубҳои стандартӣ бо дархости пардохти ҳисобиҳои муҳлаташон гузашта ва додани маълумот барои амали ҳуқуқӣ;

– ба анҷом расонидани қарз ва ҳуҷҷатгузории қарзӣ.

950. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– агенти қарзӣ;
– брокери қарзӣ;

– агент оид ба қарздиҳӣ.

951. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– роҳбари агентии суғуртаӣ–1346;

– брокери суғуртавӣ–3321.

## § 4. 3313. Ҳисобкорон ва муҳосибони баҳисобгирӣ

952. Ҳисобкорон ва муҳосибони баҳисобгирӣ таҳти роҳбарии муҳосибони тахассусашон бештар баланд кор мекунанд, баҳисобгирии амалиёти молиявии муассисаро ба роҳ мемонанд ва дурустии ҳуҷҷатгузорӣ ва қайдҳои ба чунин амалиёт кардашударо назорат мебаранд.

953. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ба роҳ мондани ҳамаи амалиёти баҳисобгирии молиявии корхонаҳо дар мутобиқатӣ бо принсипҳои умумии ҳисобгирии муҳосибӣ таҳти роҳбарии муҳосибон;

– санҷиши дурустии барасмиятдарорӣ, пеш бурдани ҳуҷҷатгузорӣ ва қайдҳои ба пардохт, ҳисобвароқаҳо ва дигар амалиёти молиявӣ алоқамандланд;

– омоданамоии ҳуҷҷатгузории молиявӣ ва ҳисоботҳо ба муҳлати муакйян;

– истифодаи дониши принсип ва таҷрибаи ҳисобгирии муҳосибӣ бо мақсади ошкор намудан ва ҳалли масъалаҳои бавуҷудомада дар раванди кори онҳо;

– иҷро кардани ҳисоби муҳосибӣ ва ба онҳо алоқаманд дар компютер бо истифодаи бастаҳои стандартии таъминоти барномавӣ.

954. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ёварони муҳосиб;

– ҳисобгар.

955. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– муҳосиб–2411;

– ёрдамчии актуар–3314;

– корманди муҳосибот–4311.

## § 5. 3314 .Техникҳо–оморчиён ва ҳайати машғулиятҳои ҳаммонанд бо гузаронидани ҳисобгирии риёзӣ ва ҳисоббарорӣ

956. Техникҳо–оморчиён ва ҳайати машғулиятҳои ҳаммонанд бо гузаронидани ҳисобгирии риёзӣ ва ҳисоббарорӣ ҳангоми банақшагирии ҷамъоварӣ, коркард ва пешниҳоди маълумоти оморӣ, риёзӣ ё актуарӣ барои гузаронидани дигар амалиёт таҳти роҳбарии оморчиён, риёзиётшиносон ва актуарон кумак мерасонанд.

957. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– расонидани кумак ҳангоми банақшагирӣ ва гузаронидани ҳисоботҳои оморӣ, риёзӣ ва актуарӣ ба ҳаминҳо алоқаманд;

– тайёр намудани арзёбии муфассали микдой ва арзиши хароҷоти молӣ ва меҳнатии барои гузаронидани бақайдгирии аҳолӣ ва дигар таҳқиқоти соҳаи шуғли аҳолӣ зарур;

– иҷрои вазифаҳои техникии алоқаманд бо насб, нигаҳдорӣ ва истифодаи қайдгирҳо ва иқтибос барои барӯйхатгирии оморӣ ва таҳқиқоти шуғл;

– иҷрои вазифаҳои техникии алоқаманд бо ҷамъоварии маълумотҳо ва ба роҳ мондани амалиёт оид ба назорати сифат дар ҷараёни гузаронидани барӯйхатгирӣ ва таҳқиқот;

– иҷрои ҳисобгирии риёзӣ, актуарӣ, оморӣ ва ба инҳо алоқаманд дар комютер бо истифодаи бастаи стандартҳои таъминоти барномавӣ;

– омода намудани натиҷаҳои оморӣ, риёзӣ, актуарӣ, муҳосибӣ ва дигар натиҷуҳо барои пешниҳод дар шакли графикӣ ва ҷадвал;

– назорати кори хизматчиён (ходиман)-и оморӣ.

958. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ёрдамчии актуар(бимакоршинос);

– ёрдамчии риёзиётшинос;

– техник–оморчӣ.

959. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– актуар–2121;

– риёзиётшинос–2121;

– оморчӣ–2122;

– ёрдамчӣ оид ба пешбурди ҳисобгирии муҳосибӣ–3313.

## § 6. 3315. Баҳодиҳандаҳо ва коршиносон (мушовирон) оид ба зарарҳо

960. Баҳодиҳандаҳо ва коршиностон (мушовирон) оид ба зарарҳо арзиши моликият ва маҳсулоти гуногунро муайян мекунанд, талафотро барои рӯйпӯшкунии пардохтҳои суғуртавӣ арзёбӣ мекунанд.

961. Ба ухдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– муайян кардани сифат ё арзиши ашёи хом, мулки ғайриманқул, таҷҳизоти саноатӣ, моликияти шахсӣ ё хонаводагӣ, эҷодиёти санъат, сангҳои қиматбаҳо ва дигар ашёҳо;

– арзёбии андозаи зарар ва уҳдадориҳои ширкатҳои суғуртавӣ ва суғурташавандагон нисбати зарарҳои дар суғуртанома дарбаргирифта;

– муайян кардани сатҳи рекордии фурӯш ва арзиши маҳсулоти ҳаммонанд ё моликият;

– санҷиши ашё ё моликият барои арзёбии холат, андоза ва созаҳо;

– омоданамоии ҳисобот оид ба арзёбиҳое, ки дар онҳо омилҳо ва усулҳои истифодашуда дарҷ гардидаанд.

962. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– баҳодиҳанда;

– баҳодиҳандаи моли ғайриманқул;

– коршинос оид ба арзёбии зарари суғуртавӣ;

– коршинос оид ба даъвоҳо.

963. Машғулияти ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:
– музояда–3339.

## 72. ГУРӮҲИ ХУРДИ 332.

### § 1. Агентҳо оид ба хариду фурӯш ва брокерҳои савдо

964. Агентҳо оид ба хариду фурӯш ва брокерҳои савдо ширкатҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва дигаронро барои харид ва фурӯши молҳо, маҳсулот, хизматрасониҳои суғуртавӣ, нақлиётӣ ва дигар намудҳои хизматрасониҳои барои саноат, сохтмон, савдо ва дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ намояндагӣ мекунанд ё ба сифати агентҳои мустақил ҳангоми шиносоии харидорон ва фурӯшандагони маҳсулот ва хизматрасониҳо баромад мекунанд.

965. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– гирифтани маълумот дар бораи кордиҳандагон ва маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазир;

– мониторинг ва таҳлили тамоюлҳои бозорӣ ва шароиттҳо, ҷустуҷӯи корфармоён ва ҷӯяндагони маҳсулот ва хизматрасониҳо;

– гирифтани маълумот оид ба эҳтиёҷоти мизоҷон ва муайян кардани мавод ва хизматрасониҳои мувофиқ;

– фаҳмондадиҳӣ ва намоиши маҳсулот ва хизматрасониҳо ба мизоҷон;

– гуфтушунидҳо оид ба арзиш, шартҳои бастани шартномаҳо, шарт ва чорабиниҳо оид ба боркунонӣ, барои харид ё фурӯши маҳсулот, хизматрасониҳо ва молҳо.

966. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3321 | Агентҳои суғуртавӣ |
| 3322 | Агентҳо оид ба фурӯши тиҷоратӣ |
| 3323 | Харидкунандаҳо ва таъминотчиён |
| 3324 | Брокерҳои савдо |

Эзоҳ: Роҳбарони хадамот оид ба фурӯш дар гурӯҳи хурди 122 Роҳбарони хадамот оид ба фурӯш, бозоршиносӣ (маркетинг) ва рушд ба ҳисоб гирифта мешаванд. Мутахассисон оид ба фурӯши маҳсулоти техникӣ, тиббӣ ва технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ дар гурӯҳи хурди 243 Мутахассисон оид ба робита бо ҷомеа, фурӯш ва бозоршиноси (маркетинги)–и маҳсулот ва хизматрасонӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дилерҳо оид ба фурӯши қоғазҳои қимматнок ва ҳуҷҷатҳои молиявӣ дар гурӯҳи хурди 331 Ҳайати миёнаи махсус дар соҳаи фаъолияти молиявӣ, баҳисобгирӣ ва коркарди иттилооти рақамӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

### § 2. 3321. Агентҳои суғуртавӣ

967. Агентҳои суғуртавӣ хизматрасониҳои суғуртавиро оид ба суғурта-кунонии ҳаёт, аз ҳодисаҳои нохуш, нақлиёт, масъулиятҳо, дороиҳо, аз сӯхтор ва дигар намудҳои суғуртакунонӣ барои мизоҷони нав ва доимӣ мерасонанд.

968. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– гирифтани маълумоти зарурӣ дар бораи вазъияти мизоҷон барои муайян намудани намуди зарурии суғуртакунонӣ ва шартҳои суғурта;

– бурдани гуфтушунид бо мизоҷон барои муайян кардани намуд ва андозаи таваккалҳои суғуртавӣ, суғуртаҳое, ки ҳатмӣ ба ҳисоб мераванд;

– фаҳмондадиҳии ҷузъиёт ва шартҳои суғуртакунонӣ, андозаи пардохти суғуртавӣ барои рӯйпӯшкунонии таваккалҳо ва манфиатҳо барои мизоҷон;

– расонидани кумак ба мизоҷон бо муайян кардани намуд ва андозаи талабшавандаи суғуртавӣ, ҳисобии пардохтҳои суғуртавӣ ва муқаррар намудани усулҳои пардохтҳо;

– бурдани гуфтушунидҳо ва ҷойгир кардани шартномаҳои азнавсуғуртакунонӣ;

– машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои бурдани гуфтушунидҳо дар бораи шартҳо ва ҷойгиркунонии онҳо дар шартномаҳои суғуртавӣ барои намудҳои лоиҳаҳои калон ё махсусгардонидашуда, иншоот ё таваккалҳо.

969. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– агент оид ба фурӯши суғурта;

– брокери суғуртавӣ;

– суғуртакунанда оид ба объекҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ.

970. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– роҳбари агентии суғурта1346;

– брокер оид ба қоғазҳои қимматнок–3311;

– коршинос оид ба зарарҳои суғуртавӣ–3315;

– хизматчӣ оид ба суғуртакунӣ–4312.

## §3. 3322. Агентҳо оид ба фурӯши тиҷоратӣ

971. Агентҳо оид ба фурӯши тиҷоратӣ ширкатҳои вобаста ба фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо барои корхонаҳо ва ташкилотҳои гуногунро намояндагӣ мекунанд, гирифтани иттилооти мушахассро аз рӯйи зарурат таъмин месозанд.

972. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ҷустуҷӯи фармоишҳо ва фурӯши маҳсулот барои савдои чакана, саноат, муассисаҳои яклухтфурӯш ва дигар муассисаҳо;

– фурӯши таҷҳизот, маводи хароҷотӣ ва хизматрасониҳои ҳаммонанд барои корхонаҳои тиҷоратӣ ё шахсони хусусӣ;

– гирифтан ва навкунонии иттилоот дар бораи шароитҳои бозор ва ҳамчунин, молҳо ва хизматрасониҳои истеҳсолнамудаи кироякунандагон ва ҳамчунин, молҳо ва хизматрасониҳои рақибон;

– ба мизоҷони эҳтимолӣ пешниҳод намудани маълумот дар бораи тавсифот ва функсияҳои таҷҳизоти фурӯшӣ, намоиши истифодабарӣ ва сифат;

– муайян кардани арзиш ва шарти қарздиҳӣ, бақайдгирии фармоишҳо ва ташкили дастрасонӣ;

– тартиб додани ҳисоботҳо дар бораи таассури мизоҷон ва талабот ба таъминкунандагон ва истеҳсолкунандагон;

– мушоиати мизоҷон барои таъмини қаноатмандӣ аз маҳсулоти харидоришуда.

973. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– агент оид ба фурӯш ва омӯзиши истеъмолкунандагон;
– агент оид ба хизматрасонии баставӣ ба мизоҷон;
– агенти сайёр;
– агент оид ба рушди тиҷорат.

974. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– роҳбари хадамоти бозоршиносӣ–1221;
– намояндаи савдо (маҳсулоти тиббӣ ва дорусозӣ)–2433;
– намояндаи савдо оид ба фурӯши таҷҳизоти техникӣ–2433;
– фурӯшандаи мағоза–5223;
– намояндаи савдо, пешниҳодкунандаи мол дар ба ҷойи зист–5243.

## § 4. 3323. Харидкунандаҳо ва таъминотчиён

975. Харидкунандаҳо ва таъминотчиён маҳсулотро аз номи муассисаҳои саноатӣ, тиҷоратӣ, давлатӣ ва дигар корхона ва ташкилот барои истифода ё харидуфурӯш харидорӣ менамоянд.

976. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– муайян намудан ё бурдани гуфтушунид оид ба шартҳои шартномаҳо, молрасонӣ ё қарордодҳои тавсияшуда барои хариди таҷҳизот, ашёи хом, маҳсулот, хизматрасониҳо ва харидории маҳсулот барои харидуфурӯш;

– гирифтани маълумот дар бораи эҳтиёҷот ва захираҳо, коркарди талаботҳо вобаста ба миқдор ва сифати маҳсулоти харидоришуда, арзиш, муҳлати дастрасонӣ ва дигар шартҳои шартнома;

– харидории таҷҳизоти умумӣ ва махсус, масолеҳ ё хизмартрасонии тиҷоратӣ барои истифодабарӣ ё коркарди минбаъда вобаста ба таъйинот;

– иштирок дар тендерҳо, машварат бо таъминкунандагон ва таҳлили нархтаъйинкунӣ;

– харидории маҳсулот барои харидуфурӯш дар савдои чакана ва яклухт;

– омӯзиши вазъи бозор, нашрияҳои даврии савдо ва масолеҳ, ташрифи намоишгоҳҳои савдо, толорҳои савдо, фабрикаҳо ва муассисаҳои ороишгарӣ;

– интихоби молҳо ё маҳсулоте, ки беҳтар аз ҳама ба талаботҳои пешниҳодшуда мутобиқат менамоянд;

– пурсиши таъминкунандагон ва бурдани гуфтушунид дар бораи нархҳо, тахфифҳо, шартҳои қарздиҳӣ ва ҳамлу нақл;

– назорати тақсимоти молҳо барои нуқтаҳои савдо ва нигоҳдории сатҳи кифоягии захираҳо;

– муқаррар кардани речаи дастрасонии молҳо, мониторинги иҷрои шартномаҳо ва алоқа бо мизоҷон ва таъминкунандагон барои ҳалли масъалаҳои бавуҷудомада.

977. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– агент оид ба харид;
– агент оид ба таъминот;
– харидкунанда;
– намоянда оид ба дастрасонӣ.

978. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– мутахассис оид ба бозоршиносӣ–2431;
– брокери савдо–3324.

## § 5. 3324. Брокерҳои савдо

979. Брокерҳои савдо ҳамодатан миқдори зиёди молҳо ва хизматрасониҳои нақлиётиро аз номи ширкати худ ё барои мизоҷон дар асоси комиссионӣ мехаранд ва мефурӯшанд.

980. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– барқарор намудани алоқа байни харидорон ва фурӯшандагони молҳо;

– муҳокима намудани талаботҳои мизоҷон оид ба харид ё фурӯш ва пешниҳоди машваратҳои дахлдор;

– гуфтушунид дар бораи харидорӣ ё фурӯши маҳсулот ва фючерсҳои молҳо;

– пайдо кардани бор ва /ё ҷой барои нигаҳдории молҳо, ба роҳ мондани гуфтушунид дар бораи шартҳои (арзиши) боркунонӣ, ҳамлу нақл ва нигаҳдорӣ;

– мониторинг ва таҳлили тамоюлҳои бозор ва дигар омилҳои барои талабот ва пешниҳоди молҳо ва хизматрасониҳои ҳамлу нақл таъсиррасон.

981. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– брокер оид ба ҳамлу нақли молҳо;
– брокери савдо.

982. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– брокер оид ба қоғазҳои қиматнок–3311;
– дилер оид ба қоғазҳои қиматнок–3311;
– брокери молиявӣ–3311;
– дилери молиявӣ–3311.

## 73. ГУРӮҲИ ХУРДИ 333.

## § 1. Агентҳо оид ба хизматрасонии тиҷоратӣ

983. Агентҳо оид ба хизматрасонии тиҷоратӣ алоқаҳоро бо мақсади ба роҳ мондани фурӯши хизматрасониҳои тиҷоратии гуногун, ба монанди, пешниҳод кардани ҷойҳои реклама дар васоити ахбори омма, таъмини ҳуҷҷатгузории зарурӣ барои барасмиятдарории додугирифтҳои гумрукӣ дар мутобиқати бо тартиби муқарраргардида, ҷустуҷӯи ҷойҳои кории холӣ барои корҷӯён, интихоби кормандон барои корфармоён, ташкили созишномаҳо барои баромад намудани варзишгарон, хунарпешагон ва рассомон ва ҳамчунин, барои нашри китоб, истеҳсоли бозиҳо ё фиттаҳо, навиштан ва фурӯхтани асарҳои мусиқӣ, банақшагирӣ ва ташкили конфронсҳо ва чорабиниҳои ба ҳаминҳо монандро ба танзим медароранд.

984. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– гузаронидани барасмиятдарории гумрукии тартиби содирот ва воридот, хизматрасониҳо барои ташкил ва гузаронидани конфронсҳо ва чорабиниҳои ба ҳамин монанд, чун ҷиҳозонидани толори конфронс, муассисаҳои хӯроки умумӣ, ороиши лавҳаҳо, дисплейҳо, истифодаи техникаҳои аудиовизуал ва компютерӣ, ҷойгиркунонӣ, мушоиати нақлиётӣ ва иҷтимоӣ барои иштирокчиён;

– ҷустуҷӯи номзадҳо барои ҷойҳои кории холии корфармоён;

– интихоби ҷойҳои корӣ барои корҷӯён;

– нишон додани объектҳои ғайриманқул барои фурӯш ё ба иҷора додан ба харидорон ё иҷорагирандагони эҳтимолӣ;

– шарҳдиҳии шартҳои фурӯш ва шартҳои иҷора ё лизинг;

– дар музоядаҳо ба фурӯш гузоштани намудҳои гуногуни молу мулк, мошинҳо, молҳо, чорво, эҷодиёти санъат, маҳсулоти заргарӣ ва дигар объектҳо;

– ташкили созишномаҳо барои иҷрокунандагон ва намоишномаҳо.

985. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазку ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3331 | Агентҳо оид ба тозакунии гумрукӣ ва мушоиати бор ва молҳо |
| 3332 | Ташкилкунандагони конфронсҳо, намоишгоҳҳо ва дигар чорабиниҳо |
| 3333 | Агентҳо оид ба шартномаҳои меҳнатӣ ва кироя |
| 3334 | Агентҳо оид ба амалиётҳо бо молу мулки ғайриманқул ва дигар моликияти шахсӣ |
| 3339 | Агентҳо оид ба хизматрасонии тиҷоратии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

## § 2. 3331. Агентҳо оид ба тозакунии гумрукӣ ва мушоиати бор ва молҳо

986. Агентҳо оид ба тозакунии гумрукӣ ва мушоиати бор ва молҳо амалиёти барасмиятдарории гумрукиро мутобиқ ба тартиби муқарраргардидаи суғуртавӣ, додани литсензияҳои содиротӣ–воридотӣ ва риояи дигар амалиёт ба роҳ мемонанд.

987. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– гузаронидани барасмиятдарории тартиби содиротӣ – воридотӣ;

– таъмини риояи қоидаҳои суғуртакунонӣ;

– таъмини дуруст ба расмият даровардани литсензияҳои содиротӣ – воридотӣ ва риояи дигар расмиятҳо;

– ба имзо расонидан ва додани борпномаҳо;

– санҷиши ҳуҷҷатгузории содиротӣ – воридотӣ барои муайян кардани оганаи бор ва ҳамчунин, таснифоти молҳо ба гурӯҳҳо, вобаста аз тарифҳо ё гурӯҳи тарифҳо бо истифода аз системаи рамзкунонии тарифҳо.

988. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– агент оид ба дастраскунонии борҳо;

– агент оид ба тозакунии гумрукии борҳо;

– экспедитор.

989. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– логистик–2432;

– мутахассис оид ба барасмиятдарории борҳои гумрукӣ–2432.

## § 3. 3332. Ташкилкунандагони конфронсҳо, намоишгоҳҳо ва дигар чорабиниҳо

990. Ташкилкунандагони конфронсҳо, намоишгоҳҳо ва дигар чорабиниҳо барои ташкил ва ҳамоҳангсозии гузаронидани конфронсҳо, рӯйдодҳо, ҷашнҳо, зиёфатҳо ва семинарҳо хизматрасонӣ мекунанд.

991. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– мусоидат дар гузаронидани конфронсҳо, маҷлисҳо ва намоишгоҳҳо барои мизоҷони эҳтимолӣ;

– ҷавоб додан ба дархостҳо ба хизматрасониҳо ва хароҷоти дахлдор барои истиқомат, кирояи ҷиҳозот, ғизо ва дигар намудҳои хизматрасониҳои ба инҳо алоқаманд;

– вохӯрӣ бо мизоҷон барои муҳокимаи талаботи онҳо ва коркарди вариантҳои қаноаткунандаи талаботҳои онҳо;

– ташкил ва ба роҳ мондани хизматрасониҳо оид ба ҷиҳозонидани толорҳои конфронс, муассисаҳои хӯроки умумӣ, ороиши лавҳаҳо, дисплейҳо, истифодаи техникаҳои аудиовизуалӣ ва комютерӣ, ҷойгиркунонӣ, мушоиати нақлиётӣ ва иҷтимоии иштирокчиён, таъминоти моддӣ-техникии барандаҳо;

– ташкили бақайдгирии иштирокчиён;

– гузаронидани гуфтушунидҳо оид ба хусусият ва арзиши хизматрасониҳои пешниҳодшаванда дар доираи буҷет;

– назорати кори пудратчиён ва ҳисобдиҳӣ вобаста ба тағйирёбии супоришномаҳо ба кор.

992. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
- ҳамоҳангсози намоишгоҳҳо;
- ташкилкунандаи конфронсҳо;
- ташкилкунандаи тӯйҳо;
- ташкилкунандаи семинарҳо.

993. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:
- агентҳои реклама–3339;
- агенти мусиқавӣ–3339;
- агенти варзишӣ–3339;
- агенти театрӣ–3339.

## § 4. 3333. Агентҳо оид ба шартномаҳои меҳнатӣ ва кироя

994. Агентҳо оид ба шартномаҳои меҳнатӣ ва кироя барои шахсони корҷӯянда ҷойҳои кории холӣ мекобанд, барои корфармоён кормандонро меёбанд, ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои мушаххас бо дархости корхонаҳо ва дигар ташкилотҳо, аз ҷумла сохторҳо ва муассисаҳои давлатӣ ё вобаста ба бокортаъминкунӣ дар асоси комиссионӣ шартномаҳои меҳнатиро барасимият медароранд.

995. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:
- интихоби ҷойҳои кории холӣ барои шахсони корҷӯянда;
- интихоби кормандон барои ҷойҳои холии корӣ ба комиссияи корфармоён ё корманд;
- бо корхонаҳо/ташкилотҳо муҳокима намудани малакаҳои зарурӣ ва дигар тавсифоти талаботдоштаи кормандон барои барасмиятдарории онҳо дар воҳиди корӣ ё кори шартномавӣ;
- интихоби кормандон мувофиқи тахассус ва ҳамчунин, риояи расмиётҳои зарурӣ дар мутобиқатӣ бо қоидаҳо ва талаботҳои миллӣ ё байналмилалӣ;
- таъмини мутобиқатии шартномаҳои меҳнатӣ бо талаботҳои қонунгузорӣ ва имзогузории онҳо;
- машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои омоданамоии кадрҳо.

996. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
- агент оид ба интихоби кори мувофиқ;
- агент оид ба шартномаҳои меҳнатӣ;
- машваратчӣ оид ба бокортаъминкунӣ.

997. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:
- таҳлилгари шуғул–2423;
- агенти мусиқӣ–3339;
- агенти варзишӣ–3339;
- агенти театӣр–3339.

## § 5. 3334. Агентҳо оид ба амалиёт бо мулки ғайриманқул ва дигар моликияти шахсӣ

998. Агентҳо оид ба амалиёт бо мулки ғайриманқул ва дигар моликияти шахсӣ фурӯш, харид, лизинг ва ба иҷорадиҳии мулки ғайриманқул ва дигар моликияти шахсиро, одатан, бо супориши мизоҷон ва тариқи комиссионӣ ташкил менамоянд.

999. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– гирифтани иттилоот дар бораи объектҳои ғайриманқул ва дигар моликияти шахсӣ бо мақсади фурӯш ё додани онҳо ба иҷора, талаботҳои соҳибмулк ва дархостҳои харидорон ё иҷорагирандагони эҳтимолӣ;

– ҷустуҷӯ барои моликияти шахсие, ки мехоҳанд фурӯшанд ё иҷора диҳанд, ҷустуҷӯи харидорон ё иҷорагирандагони эҳтимолӣ, ба онҳо фаҳмонидани шартҳои фурӯш ва шартҳои иҷора ё лизинг;

– сабуккунии гуфтушунидҳо бо иҷорагирандагон ва моликон дар бораи андозаи пардохти иҷора ва мукофотпулӣ;

– таҳия ва татбиқи шартномаҳои лизингӣ ва арзёбии хароҷотҳо;

– ташкили баимзорасонии шартномаҳои иҷора ва додани ҳуқуқи соҳибмулкӣ;

– ҷамъоварии пардохтҳои иҷора ва пардохтҳои қарзӣ аз номи соҳибмулкон, санҷиши моликияти шахсӣ то иҷора, ҳангоми иҷора ва пас аз он;

– таъмини мавҷудияти кормандон барои иҷрои хизматрасонии техникии объектҳои ғайриманқул.

1000. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– агент оид ба мулки ғайриманқул;

– риелтор;

– мутахассис оид ба мулки ғайриманқул.

1001. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– агентҳо оид ба фурӯши тиҷоратӣ – 3322.

## § 6. 3339. Агентҳо оид ба хизматрасонии тиҷоратии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

1002. Ин гурӯҳи ибтидоӣ агентҳоро оид ба хизматрасонии тиҷоратии дар дигар гурӯҳи ибтидоии шомилнагардидаи гурӯҳи хурди 333 Агентҳо оид ба хизматрасониҳои тиҷоратӣ дохил намудааст. Масалан, ба гурӯҳи мазкур онҳое дохил мешаванд, ки муносибатҳои кориро барқарор менамоянд, хизматрасониҳои гуногуни тиҷоратиро ба монанди, майдонҳои рекламавӣ дар воситаҳои ахбори омма, мефурӯшанд, баимзорасонии шартномаҳоро барои баромад кардани варзишгарон, ҳунарпешаҳо ва рассомон, нашри китобҳо, истеҳсоли бозиҳо ва фиттаҳоро ташкил менамоянд, асарҳои мусиқиро фармоиш медиҳанд ва мефурӯшанд, ҳамчунин, шахсоне, ки молу мулк, маҳсулотро дар музояда мефурӯшанд, самт ва саёҳатҳои гурӯҳиро таҳия ва ташкил мекунанд.

1003. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– гирифтани иттилоот дар бораи хизматрасониҳое, ки дар фурӯш гузошта мешаванд ва талаботҳои харидорони эҳтимолӣ;

– бастани шартномаҳо аз номи фурӯшанда ё харидор ва фаҳмондадиҳии шартҳои фурӯш ва пардохтҳо барои мизоҷон;

– баимзорасонии шартномаҳо аз номи фурӯшанда ё харидор ва таъмини он, ки шартнома дорои қувваи қонунӣ мебошад;

– тасдиққунии он, ки хизматрасониҳои тиҷоратии харидашуда барои харидорон дар шакли мувофиқашуда ва дар мӯҳлати мувофиқашуда дастрас шудаанд;

– дар музояда фурӯхтани намудҳои гуногуни моликият, мошинҳо, молҳо, чорво, асарҳои бадеӣ, ороишоти заргарӣ ва дигар маҳсулот;

– ташкили саёҳатҳои гурӯҳӣ барои тиҷорат ё сайёҳат барои истироҳат, омоданамоии бастаи саёҳатҳо ва мувофиқанамоии фармоишҳо.

1004. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

- музоядакор;
- агенти адабӣ;
- агенти мусиқӣ;
- агенти варзишӣ;
- агенти театрӣ.

1005. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

- ҳамоҳангсози намоишгоҳҳо–3332;
- ташкилкунандаи конфронсҳо–3332;
- агент оид ба шартномаҳои меҳнатӣ–3333;
- мутахассис оид ба мулки ғайриманқул–3334.

## 74. ГУРӮҲИ ХУРДИ 334.

### § 1. Ҳайати миёнаи дар фаъолияти маъмурӣ–идоракунӣ машғулбуда

1006. Ҳайати миёнаи дар фаъолияти маъмурӣ–идоракунӣ машғулбуда дастгирии ташкилкунӣ, коммуникатсионӣ ва ҳуҷҷатгузориро бо истифодаи донишҳои махсус дар фаъолияти тиҷоратии ташкилоте, ки дар онҳо кор мекунанд, ба роҳ мемонанд. Ин кормандон ба худ масъулият ва назоратро аз болои хизматчиёни муассиса мегиранд.

1007. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– ҳамоҳангсозӣ, муайянкунӣ ва таҳлили хизматчиёни дафтардорӣ;

– барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо;

– омоданамоӣ ва коркарди ҳуҷҷатгузории ҳуқуқӣ ва қоғазҳои корӣ ба монанди, васиятнома, нишондодҳои хаттӣ ва баёни кӯтоҳи парвандаҳои ҳуқуқӣ;

– ҷорӣ намудан ва дастгирии алоқа, гардиши ҳуҷҷатҳо ва ҳамоҳангсозии идоравии дохилии фаъолияти зерсозхторҳо, дар баъзе ҳолатҳо истифодаи донишҳо оид ба ташкили фаъолияти хоҷагидорӣ;

– банақшагирӣ ва тасдиққунии гузаронидани маҷлисҳо, вохӯриҳо ва муоширaт тариқи ахборотдиҳӣ барои мизоҷон;

– таҳия, бақайдгирӣ ва баррасии ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва тиббӣ, ҳисоботҳо, ҳуҷҷатҳо ва мукотибот.

1008. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3341 | Менеҷерҳои идоравӣ |
| 3342 | Ҳайати миёнаи ҳуқуқӣ |
| 3343 | Ҳайати маъмурӣ ва дигар ҳайати миёнаи техникии иҷроия |
| 3344 | Оморчиёни тиббӣ |
| 3349 | Хайати миёнаи машғул дар фаъолияти маъмурӣ–идоравии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

## § 2. 3341. Менеҷерҳои идоравӣ

1009. Менеҷерҳои идоравӣ назорат ва ҳамоҳангсозии фаъолияти кормандони дар гурӯҳи асосии 4 Хизматчиёни машғули омодакунӣ ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо, бақайдгирӣ ва хизматрасонӣ дохилшударо назорат ва ҳамоҳангсозӣ мекунанд.

1010. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ҳамоҳангсозӣ, муайян ва таҳлил кардани кори хизматчиёни иҷрокунандагони уҳдадориҳои зерин: коркарди матнҳо, бурдани ҳисобот ва бақайдгирӣ, хизматрасонии телефонҳо ва коммутаторҳо;

– ворид намудани маълумот, чопкунии онҳо ва дигар чорабиниҳои малакаҳои умумии идоравӣ ва корҳои идоракуниро талабкунанда;

– коркарди ҷадвалҳои корӣ ва амалиёт ва ҳамоҳангсозии фаъолият бо дигар кормандони зерсохторҳо ва бахшҳо;

– ҳалли масъалаҳои алоқаманд бо корҳо, омодакунӣ ва пешниҳоди мавод дар бораи комёбиҳои бадастовардашуда ва дигар ҳисоботҳо;

– омӯзонидан ва дастурдиҳии кормандон дар хусуси иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ, таъмини бехатарӣ ва татбиқи сиёсати ширкат ё ташкили омӯзиш вобаста ба самти мазкур;

– арзёбии корҳои иҷронамудаи кормандон, риояи қоидаҳо ва тавсияҳо мувофиқи амалҳои ҳайат;

– расонидани кумак ҳангоми қабули кормандон ба кор, гузаронидани суҳбат ва интихоби ҳайат.

1011. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– роҳбари идора;
– роҳбари ҳайати амаликунандаи воридкунии иттилоот;
– роҳбар оид ба бақайдгирии ҳуҷҷатҳо;
– роҳбари хизматчиён оид ба коргузории кадрӣ.

1012. Баъзе машғулияти ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб: бақайдгирандаи тиббӣ–3252.

Эзоҳ: Кормандони назораткунандаи фаъолияти хизматчиёни идоравӣ дар идораҳои ҳимоятгарӣ (адвокатӣ) ва шуъбаҳои ҳуқуқӣ, дар гурӯҳи ибтидоии 3342 Ҳайати миёнаи ҳуқуқӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Онҳое, ки фаъолияти хизматчиёни идоравиро дар муассисаҳои тиббии талабкунандаи донишҳои махсус дар соҳаи тандурустӣ ва тиб барои коркарди қайдҳои тиббӣ ва муайянкунии муфассалии ба беморхона хобкунонӣ истифодабаранда, назорат мебаранд, дар гурӯҳи ибтидоии 3344 Оморчиёни тиббӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Онҳое, ки бевосита ба роҳбарият ё мутахассисон (бе назардошти кормандони ҳуқуқшинос ва тиббӣ) кумаки котиботӣ ва идоравӣ мерасонанд ва ҳамчунин, фаъолияти хизматчиёни идориро назорат мебаранд, дар гурӯҳи ибтидоии 3343 Ҳайати маъмурӣ ва дигар ҳайати миёнаи техникии иҷроия ба ҳисоб гирифта мешаванд.

## § 3. 3342. Ҳайати миёнаи ҳуқуқӣ

1013. Ҳайати миёнаи ҳуқуқӣ донишҳои махсуси истилоҳоти ҳуқуқшиносӣ ва амалиётро оид ба расонидани кумак ба ҳуқуқшиносон ҳангоми кор бо воситаҳои коммуникатсионӣ, ҳуҷҷатгузорӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти дохилии ҳамоҳангсозӣ– идоракунӣ дар идораҳои ҳимоятгарӣ, шуъбаҳои ҳуқуқии ширкатҳои бузургва сохторҳои давлатӣ истифода менамоянд.

1014. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– омода ва коркарди ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва қоғазҳои корӣ, ба монанди, васиятнома, гувоҳиҳои хаттӣ ва баёноти кӯтоҳи парвандаҳои ҳуқуқӣ;

– баррасӣ,ислоҳи ҳуҷҷатҳо ва мукотиба бо мақсади таъмини риояи амалиёти ҳуқуқӣ;

– фиристодани ҳуҷҷатҳо, ирсоли факсҳо ё ташкили дастраскунии мукотиботи ҳуқуқӣ бо мизоҷон, шоҳидон ва мақомоти судӣ;

– ташкил ва пеш бурдани ҳуҷҷатгузорӣ, парвандаҳо ва китобхонаҳои ҳуқуқӣ;

– ҷудокунии дархостҳо оид ба вохӯриҳо, банақшагирӣ ва ташкили вохӯриҳо;

– расонидани кумак дар таҳияи буҷет, назорати хароҷот, тартиб додани шартномаҳо ва харид ё ба даст овардани фармоишҳо;

– назорат аз болои хизматчиёни идоравӣ.

1015. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– котиби идораи ҳимоятгарӣ (адвокатӣ);

– котиби ҳуқуқӣ.

1016. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– мушовири ҳуқуқӣ–2611;

– ёрдамчӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ–3411.

## §4. 3343. Ҳайати маъмурӣ ва дигар ҳайати миёнаи техникии иҷроия

1017. Ҳайати маъмурӣ ва дигар ҳайати миёнаи техникии иҷроия вазифаҳоро дар соҳаи алоқа, ҳамоҳангсозӣ ва ташкилӣ барои кумак ба

роҳбарон ва мутахассисон ва/ё омоданамоии мукотибот, ҳисоботҳо, протоколҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои махсус иҷро менамоянд.

1018. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– пешбурди мукотиботи идоравӣ ва протоколҳо;

– муайянкунӣ ва назорати муҳлатҳои пешниҳодшаванда ва санаҳои ниҳоӣ;

– ба навъҳо ҷудокунии дархостҳо дар бораи вохӯриҳо, банақшагирӣ ва ташкили вохӯриҳо ва сафарҳо;

– расонидани кумак дар таҳияи буҷет, назорати хароҷот, тартиб додани шартномаҳо ва харид ё ба даст овардани фармоишҳо;

– нигоҳ доштани алоқа бо дигар кормандон дар хусуси доираи масъалаҳои ба фаъолияти ташкилот дахлдор;

– таҳияи мактубҳои корӣ ё техникӣ ва пешбурди дигар мукотибаи ба ҳаминҳо монанд;

– омода намудани стенограммаҳои тафтишоти судӣ дар мақомоти судӣ, судҳо ва дигар ҷойҳо бо истифодаи таҷҳизоти идоравии сайёр ё махсус;

– назорати кори хизматчиёни идоравии ёрирасон.

1019. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– котиби маъмурӣ;
– ёрдамчии иҷроия;
– ёрдамчии шахсӣ;
– ёрдамчӣ оид ба мукотибот;
– хабарнигор аз толори суд.

1020. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– оморчии тиббӣ–3344;
– котиби самти умумӣ–4120.

## § 5. 3344. Оморчиёни тиббӣ

1021. Оморчиёни тиббӣ баҳисобгирии оморӣ ва гардиши ҳуҷҷатнигории муассисаҳои тиббиро мебаранд, шаклҳои муқарраргардидаи баҳисобгирии омориро пур менамоянд ва системаҳои қабулнамудаи рамзгузорӣ ва таснифоти бемориҳоро истифода мебаранд, дурустии пур намудани шаклҳои оморӣ ва боэътимодииии маълумоти солонаи омориро назорат мебаранд, ҳисобкунии нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи кори ташкилотҳоро мегузаронанд.

1022. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– пешбурди баҳисобгирии оморӣ ва гардиши ҳуҷҷатгузории омори муассисаҳои тиббӣ;

– рамзгузории маълумоти оморӣ дар асоси баҳисобгирии ибтидоӣ (талонҳо, кортҳо ва монанди инҳо) дар мутобиқатӣ бо таснифоти миллӣ ва байналмилалии бемориҳо;

– коркард ва системакунонии маълумотҳои баҳисобгирӣ – ҳисоботдиҳӣ, муайян кардани нишондиҳандаҳои омории тавсифкунандаи кори ташкилотҳо;

– гузаронидани дастурдиҳӣ ба кормандони сохторҳои таркибии ташкилотҳо оид ба қоидаҳои пешбурди шаклҳои бақайдгирӣ ва тартиб додани ҳисоботҳои оморӣ;

– назорати дурустии пешбурд ва пур кардани ҳуҷҷатгузории оморӣ, боэътимодии маълумотҳои солонаи ҳисоботҳои оморӣ;

– ташкили нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯ ва истифодаи иттилоот бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ барои тартиб додани ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ;

– барасмиятдарорӣ ва пешниҳод намудани дархост барои хариди бланкҳои шаклҳои омории баҳисобгирӣ – ҳисоботии ҳуҷҷатгузории тиббӣ, таъмин намудани сохторҳои таркибии муассисаҳо бо онҳо;

– тайёр намудани маълумотномаҳои гуногун дар асоси маълумотҳои баҳисобгирии оморӣ.

1023. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– рамзгузори маълумотҳои баҳисобгирии ибтидоӣ;
– оморчии тиббӣ;
– мутахассис оид ба рамзгузории маълумоти омори тиббӣ.

1024. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– оморчӣ, баҳисобгирии истеҳсолӣ–2122;
– хизматчии идора, оморчӣ–4312.

### § 6. 3349. Ҳайати миёнаи машғул дар фаъолияти маъмурӣ–идоравии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

1025. Ба ин гурӯҳ ҳайати миёнаи маъмурӣ–идоравии дар дигар гурӯҳҳо шомилнашударо дохил менамоянд. Масалан, маъмури толор, маъмури бино, коменданти хобгоҳ, аниматор дар истироҳатгоҳ ва монанди инҳо.

1026. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– маъмури хонаи фарҳанг;
– мудири қасри ақди никоҳ.

## 75. ГУРӮҲИ ХУРДИ 335.

### § 1. Ҳайати миёнаи техникӣ дар хизмати давлатӣ

1027. Ҳайати миёнаи техникӣ дар хизмати давлатӣ меъёрҳои давлатӣ ва санадҳои меъёрии дахлдорро татбиқ мекунад ё истифода мебарад, ҳуҷҷатҳоро аз шаҳрвандон барои пешниҳод намудани хизматрасониҳои давлатӣ дар соҳаи пардохтҳои иҷтимоӣ, молумулк, гирифтани иҷозатнома, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда барои пеш бурдани тиҷорат қабул мекунанд ва месанҷанд.

1028. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешавад:

– ба аҳолӣ додани машварат оид ба масъалаҳои расонидани хизматрасониҳои давлатӣ;

– машваратдиҳӣ ба шахсони воқеӣ ва корхонаҳо дар бораи қонунҳо, қоидаҳо ва дастурамалҳои батанзимдарорандаи барномаҳои давлатии кумаки иҷтимоӣ, муайянкунӣ ва пардохти кумакпулӣ ё пешниҳоди хизматрасониҳо, инчунин, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсият;

– қабул ва санҷиши аризаҳо, ҳуҷҷатҳо аз аҳолӣ барои расонидани хизматрасонии давлатӣ, аз ҷумла, барои дастгирии иҷтимоӣ ва кумакҳо;

– баррасии дархостҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои мувофиқ барои муайян кардани намуд ва андозаи кумакпулиҳое, ки шахс ба гирифтани онҳо ҳуқуқ дорад;

– ба дархосткунандагон додани иттилоот дар бораи вазъи баррасии аризаҳо ва қабули қарорҳо ба онҳо алоқ;

– баррасӣ ва қабули ҳуҷҷатҳо оид ба пешниҳоди иҷозатномаҳо аз ҷониби ҳукумат;

– санҷиши корхонаҳои тиҷоратӣ бо мақсади таъмини истифодабарии ченак ва тарозуҳои дуруст дар савдо;

– назорати иҷрои қонунугузорӣ, иҷрои амалҳои тафтишотӣ ва маъмурӣ оид ба тасдиқи ҳуҷҷатии риояи қонунгузорӣ ё ошкор намудани вайронкуниҳо ва ба ҷавобгарӣ кашидан, омоданамоии санадҳо, протоколҳо, ҳисоботҳо ва мукотибот. Онҳо метавонанд, дастурҳои идоравиро аз шахсони мансабдори олии ҳукумат ё дигар роҳбарон гиранд. Ба ӯҳдадориҳои онҳо мумкин аст, назорати дигар кормандон низ дохил карда шавад.

1029. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3350 | Ҳайати миёнаи техникӣ дар хизмати давлатӣ |

## § 2. 3350. Ҳайати миёнаи техникӣ дар хизмати давлатӣ

1030. Ҳайати миёнаи техникӣ дар хизмати давлатӣ меъёрҳои давлатӣ ва санадҳои меъёрии дахлдорро татбиқ мекунад ё истифода мебарад, ҳуҷҷатҳоро аз шаҳрвандон барои пешниҳод намудани хизматрасониҳои давлатӣ дар соҳаи пардохтҳои иҷтимоӣ, молумулк, гирифтани иҷозатнома, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда барои пеш бурдани тиҷорат қабул мекунанд ва месанҷанд.

1031. Ба ӯҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ба аҳолӣ додани машварат оид ба масъалаҳои расонидани хизматрасониҳои давлатӣ;

– машваратдиҳӣ ба шахсони воқеӣ ва корхонаҳо дар бораи қонунҳо, қоидаҳо ва дастурамалҳои батанзимдарорандаи барномаҳои давлатии кумаки иҷтимоӣ, муайянкунӣ ва пардохти кумакпулӣ ё пешниҳоди хизматрасониҳо, инчунин, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсият;

– қабул ва санҷиши аризаҳо, ҳуҷҷатҳо аз аҳолӣ барои расонидани хизматрасонии давлатӣ, аз ҷумла, барои дастгирии иҷтимоӣ ва кумакҳо;

– баррасии дархостҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои мувофиқ барои муайян кардани намуд ва андозаи кумакпулиҳое, ки шахс ба гирифтани онҳо ҳуқуқ дорад;

– ба дархосткунандагон додани иттилоот дар бораи вазъи баррасии аризаҳо ва қабули қарорҳо ба онҳо алоқ;

– баррасӣ ва қабули ҳуҷҷатҳо оид ба пешниҳоди иҷозатномаҳо аз ҷониби ҳукумат;

– санҷиши корхонаҳои тиҷоратӣ бо мақсади таъмини истифодабарии ченак ва тарозуҳои дуруст дар савдо;

– назорати иҷрои қонунугузорӣ, иҷрои амалҳои тафтишотӣ ва маъмурӣ оид ба тасдиқи ҳуҷҷатии риояи қонунгузорӣ ё ошкор намудани вайронкуниҳо ва ба ҷавобгарӣ кашидан, омоданамоии санадҳо, протоколҳо, ҳисоботҳо ва мукотибот. Онҳо метавонанд, дастурҳои идоравиро аз шахсони мансабдори олии ҳукумат ё дигар роҳбарон гиранд. Ба уҳдадориҳои онҳо мумкин аст, назорати дигар кормандон низ дохил карда шавад.

1032. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– нозир оид ба даъвоҳо ба таъминоти иҷтимоӣ;
– нозири расонандаи хизматрасонии давлатӣ;
– мутахассис оид ба расонидани хизмати иҷтимоӣ ба аҳолӣ;
– нозир оид ба таъминоти нафақа.

1033. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– директори маркази хизматрасонии иҷтимоӣ–1344;
– мутахассис оид ба кори иҷтимоӣ–2635;
– хизматчӣ оид ба мусоидат ба шуғли аҳолӣ–3333.

## 76. ЗЕРГУРӮҲИ 34. ҲАЙАТИ МИЁНАИ МАХСУС ДАР СОҲАИ КОРҲОИ ҲУҚУҚӢ, ИҶТИМОӢ, ФАРҲАНГ, ВАРЗИШ ВА МАШҒУЛИЯТҲОИ ҲАММОНАНД

1034. Ҳайати миёнаи махсус дар соҳаи корҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, фарҳанг, варзиш ва машғулиятҳои ҳаммонанд, супоришҳои техникии алоқамандро бо истифодаи донишҳои амалии мансуб ба хизматрасониҳои ҳуқуқӣ, кори иҷтимоӣ, фарҳанг, омоданамоии ғизо, варзиш ва дин, иҷро менамоянд. Сатҳи салоҳияти аксар машғулиятҳои ба ин зергурӯҳ дохилшаванда, ба сатҳи чоруми тахассуси мувофиқат мекунад.

1035. Ба уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур, одатан, дохил мешавад:

– пешниҳод намудани хизматрасониҳои техникӣ ва амалии иҷрои корҳои ёрирасон дар мурофиаҳои судӣ ва тафтишот ҳангоми татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ ва кумаки ҷамъиятӣ ва ҳамчунин, ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои динӣ ва фарҳангӣ;

– иштирок ва доварӣ дар чорабиниҳои варзишӣ;

– коркард ва амаликунии тамринҳои варзишӣ, фитнес ва барномаҳои дамгирӣ;

– муттаҳидкунии малакаҳои эҷодӣ ва техникӣ дар чорабиниҳои гуногуни бадеӣ, фарҳангӣ ва дигар чорабиниҳо;

– эҷоди таом, таҳияи таомнома ва назорати омоданамоии хӯрок.

1036. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 341 | Ҳайати миёнаи махсус оид ба хизматрасониҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва дин |
| 342 | Кормандони соҳаҳои варзиш, тайёрии ҷисмонӣ ва фитнес |
| 343 | Ҳайати миёна дар соҳаи фарҳанг ва таббоҳӣ |
| 344 | Ҳайати миёна дар саноати фароғатӣ ва истироҳатӣ |
| 345 | Ҳайати миёна дар соҳаи корҳои иҷтимоӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ, иҷтимоии абилитатсионӣ ва тавонбахшӣ |

## 77. ГУРӮҲИ ХУРДИ 341.
### § 1. Ҳайати миёнаи махсус оид ба хизматрасониҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва дин

1037. Ҳайати миёнаи махсус оид ба хизматрасониҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва дин кумакҳои техникӣ ва амалӣ ва дастгирии функсионалиро дар пешбурди равандҳои ҳуқуқӣ ва тафтишот, татбиқи барномаҳои кумакҳои иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ ва фаъолиятҳои динӣ мерасонанд.

1038. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан, дохил мешаванд:

– мусоидат намудан ва дастгирии мутахассисон–соҳибкасбон дар соҳаи фаъолиятҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва динӣ;

– гирифтан ва таҳлили маълумоти воқеӣ, омоданамоии ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва супоридани қарорҳои судӣ;

– идоракунӣ ва татбиқи барномаҳои кумакҳои иҷтимоӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ, мусоидат намудан ба мизоҷон ҳангоми ҳалли масъалаҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ;

– расонидани кумаки амалӣ ва дастгирии маънавии шахсони алоҳида ва ҷомеаи ба дигар гурӯҳ дохилшуда.

1039. Машғулиятҳои гурӯҳи хурд ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3411 | Ҳайати миёнаи махсус дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 3412 | Кормандон дар соҳаи ташкил ва пешбурди кори иҷтимоӣ |
| 3413 | Хизматчиёни динии мартабаи руҳонӣ надошта |

### § 2. 3411. Ҳайати миёнаи махсус дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва машғулиятҳои ҳаммонанд

1040. Ҳайати миёнаи махсус дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва машғулиятҳои ҳаммонанд корҳои ёрирасонро дар судҳои умумии ҳуқуқи ё дар идораҳои адвокатӣ иҷро менамоянд, хизматрасониҳои алоқаманд ба масъалаҳои зерини ҳуқуқӣ, ба монанди, барасмиятдарории шартномаҳои суғуртавӣ, додани молумулк ва қарзҳо, ҳамчунин, дигар амалиёти молиявӣ мерасонанд ё барои мизоҷон тафтишот мегузаронанд.

1041. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– барасмиятдарории ҳуҷҷатии амалиёти судӣ ва қарорҳои суд;

– супоридани аризаҳои даъвогӣ, даъватномаҳо, огоҳномаҳо, ордерҳо, хабарномаҳо бо даъват ба суд ва дигар қарорҳои судӣ;

– нигоҳ доштани тартибот дар суд ва ҳуҷраҳои машваратӣ;

– омоданамоии ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла дарҷҳои кӯтоҳи парвандаҳои судӣ барои ҳимоятгарон, ариза, муроҷиат, васиятнома ва шартнома, ҳамчунин, тайёр кардани қоғазҳо барои ҷамъбасткунии мавқеи ҳуқуқӣ ё бо дарҷи шартҳои пешниҳоди қарзҳо ё суғуртакунонӣ;

– таҳқиқи далелҳо, ҷамъоварии маълумот ва омӯзиши кодексҳои дахлдор, қарорҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ барои омоданамоии парвандаҳо;

– ба мизоҷон расонидани хизматрасониҳои машваратӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ;

– омӯзиши ҳуҷҷатҳо аз рӯйи масъалаҳои ҳуқуқӣ, ба монанди барасмиятдарории қарзҳои ипотекӣ, гаравҳо, қарорҳои судӣ, сервитутҳо, шартномаҳо ва ҳуҷҷатҳо барои санҷиши аслӣ будани кафолатҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи моликият;

– омода намудани ҳуҷҷатҳои алоқаманд бо супоридани мулки ғайриманқул, саҳмияҳо ё дигар масъалаҳои бақайдгирии расмиро талабкунанда;

– санҷишҳои имконпазирии ҳолатҳои дуздии маҳсулот, пул, маълумот аз муассисаҳои корӣ ва дигар ҳолатҳои имконпазири ахлоқи ғайриқонунии фармоишгарон ва кормандон;

– санҷиши фаъолияти муассисаҳо, вазъият ё ахлоқи шахсони хусусӣ аз номи мизоҷон.

1042. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ёрдамчии ҳуқуқшинос;
– маъмури судӣ;
– машвартчии ҳуқуқӣ (тахассуси миёна).

1043. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– машваратчии ҳуқуқӣ–2611;
– ҳуқуқшинос–2611;
– нотариус–2611;
– судя–2612;
– маъмури судӣ–3411.

## § 3. 3412. Кормандон дар соҳаи

ташкил ва пешбурди кори иҷтимоӣ

1044. Кормандон дар соҳаи ташкил ва пешбурди кори иҷтимоӣ идора ва татбиқи барномаҳои кумаки иҷтимоӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои ҷамъиятиро амалӣ менамоянд ва ба мизоҷон барои ҳалли масъалаҳои шахсӣ ва иҷтимоии онҳо кумак мерасонанд.

1045. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ҷамъоварии маълумоти дахлдор ба талаботи мизоҷон ва арзёбии малакаҳои мувофиқ, тарафҳои қавӣ ва камбудиҳо;

– расонидани кумак ба шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд ва одамони куҳансол бо мақсади гирифтани хизматрасониҳои зарурӣ ва беҳтарсозии қобилияти мутобиқшавии онҳо дар ҷомеа;

– расонидани кумак ба мизоҷон барои муайян кардани вариантҳои эҳтимолӣ ва таҳияи нақшаҳои амалиёт ва таъмин намудани кумаки лозимӣ;

– расонидани кумак ба мизоҷон ба муайян кардан ва таъмини дастрасӣ ба захираҳои ҷамъиятӣ,аз ҷумла кумакҳои ҳуқуқӣ, тиббӣ ва молиявӣ, манзил, шуғл, нақлиёт, кумакрасонӣ дар рафтуомад, боғчаҳои кӯдакона ва дигар намуди хизматрасониҳо;

– машвартдиҳӣ ба шахсони дар хонаҳои кӯдакон ва интернатҳо истиқоматкунанда, назорати фаъолияти онҳо ва расонидани кумак дар банақшагирии тохатмӣ ва баъдихатмии ҳаёти минбаъдаи онҳо;

– иштирок дар интихоб ва қабули мизоҷон барои иштирок дар барномаҳои мувофиқ;

– пешниҳод намудани кумак ҳангоми ҳолатҳои бухронӣ ва хизматрасонӣ оид ба пешниҳоди манзили муваққатӣ;

– расонидани кумак барои ба даст овардани касб ва бокортаъминшавӣ, ҷалб намудан ба барномаҳои пешгирӣ ва табобат аз нашъамандӣ, барномаҳои идоракунандаи рафтор, барномаҳои ҷавонон ва дигар барномаҳои ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ таҳти роҳбарии мутахассисон–соҳибкасбон дар соҳаи кори иҷтимоӣ ё тандурустӣ;

– расонидани кумак дар арзёбии самаранокии чораҳо ва барномаҳои истифодашаванда, мониторинг ва пешбурди ҳисоботҳо оид ба кор бо мизоҷон;

– нигоҳдории алоқа бо дигар хадамоти иҷтимоӣ, мактабҳо ва муассисаҳои тандурустии алоқаманд бо пешниҳодкунии иттилоот дар бораи мизоҷон ва барои гирифтани робитаи мутақобила аз мизоҷон барои арзёбии тағйирот дар вазъияти умумӣ.

1046. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– корманд оид ба корҳои ҷавонон;
– корманди маркази бухронӣ;
– корманди маркази оилавӣ;
– корманди иҷтимоӣ.

1047. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– машваратчии оилавӣ–2635;
– мутахассис оид ба кори иҷтимоӣ–2635.

### § 4. 3413. Хизматчиёни динии мартабаи руҳонӣ надошта

1048. Хизматчиёни динии мартабаи руҳонӣ надошта ба ибодаткунандагон ё ҷамоати динӣ кумак мерасонанд ва дастгирӣ мекунанд, вазъ мегӯянд ва таълимоти динҳои муайянро бо кушиши беҳтар кардани некӯаҳволӣ ба қувваи эътиқод ва маслиҳати руҳонӣ паҳн мекунанд.

1049. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– вазъгӯӣ ва паҳн кардани таълимоти ин ва ё он эътиқоди динӣ;

– расонидани кумак ҳангоми гузаронидани ибодат ва маросимҳои динӣ;

– мусодат намудан дар гирифтани таълимоти динӣ, идоракунии руҳонӣ ва дастгирии маънавии одамон ва ҷомеа;

– ташкил ва иштирок дар барномаҳо оид ба таъмини хӯрокворӣ, либос ва манзил барои муҳтоҷон;

– машваратдиҳӣ ба ҷомеа ва шахсони алоҳида оид ба масъалаҳои ахлоқи мувофиқ, нигоҳдории эътиқод ё беҳтарсозии некуаҳволии онҳо.

1050. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– воиз (католикӣ);

– имомхатиб;

– хизматчиёни ташкилоти динии мартабаи руҳонӣ надошта.

1051. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– сархатиб–2636;

– руҳонӣ–2636.

## 78. ГУРӮҲИ ХУРДИ 342.

### § 1. Кормандони соҳаҳои варзиш, тайёрии ҷисмонӣ ва фитнес

1052. Кормандони соҳаҳои варзиш, тайёрии ҷисмонӣ ва фитнес чорабиниҳои варзиширо барои ҷалби даромадҳои молиявӣ омода мекунанд ва дар он иштрок менамоянд, дӯстдорон ва варзишгарони касбиро барои беҳтар намудани натиҷаҳои варзишӣ тамрин медиҳанд, машғулиятҳои тайёрии ҷисмонӣ ва варзиши оммавиро барои ҷавонон ва дигар гурӯҳҳои аҳолӣ ташкил мекунанд, ташкил ва доварии чорабиниҳои варзиширо таъмини менамоянд, омӯзиши варзишӣ, омоданамоӣ ва назорати шаклҳои гуногуни фаъолнокӣ ва дигар чорабиниҳои дилхуширо ба роҳ мемонанд.

1053. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– иштирок дар мусобиқаҳои варзишӣ;

– гузаронидани чорабиниҳои варзишӣ оид ба рушди қобилиятҳо ва васеъ намудани донишҳо оид ба варзиш;

– тартиб додани қоидаҳои гузаронидани мусобиқаҳои варзишӣ ва ҳамчунин, назорати рафти гузаронидани онҳо дахлдор;

– банақшагирӣ, ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои амалӣ (тамринҳо);

– рушд ва тартиб додани фитнес - барномаҳо;

– гузаронидани машғулиятҳои гурӯҳӣ дар синфҳо ва омӯзиши инфиродӣ дар ҷараёни машғулиятҳои фитнесӣ;

– оммавигардонии варзиш ва дастовардҳои варзишӣ;

– ҷалби ҷавонон ба варзиш.

1054. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3421 | Варзишгарон |
| 3422 | Мураббиёни варзишдастурдиҳандагон, аз ҷумла дар муассисаҳои таълимӣ |
| 3423 | Дастурдиҳандагони клубҳои фитнес, минтақаҳои варзишии истироҳатӣ ва ташкилкунандагони барномаҳои варзишӣ |

## § 2. 3421. Варзишгарон

1055. Варзишгарон дар мусобиқаҳои варзишӣ иштирок менамоянд. Онҳо дар шакли инфиродӣ ё дар дохили дастаҳо, вобаста ба интихоби намуди варзиш тамрин ва мусобиқа мекунанд

1056. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– иштирок дар мусобиқаҳои варзишӣ;

– иштирок дар машқҳои пайвастаи амалӣ ва таълимӣ ва гузаронидани дарсҳои хусусӣ барои нигоҳ доштани сатҳи зарурии омодагии ҷисмонӣ ва маҳорат;

– гузаронидани чорабиниҳои варзишӣ ва ширкатҳои рекламавӣ дар васоити ахбори омма;

– нигоҳдории сатҳи баланди маҳорат дар намуди маълуми варзиш;

– қабули қарорҳо оид ба стратегияи омодагии варзишӣ дар раванди гузаронидани машваратҳо бо мураббиён;

– арзёбии дигар рақибон ва шароитҳо дар майдонҳои варзишӣ;

– иштирок дар чорабиниҳои варзишӣ;

– риояи қоидаҳо ва дастурҳои алоқаманд бо намуди мушаххаси варзиш;

– иҷрои нақшаҳои инфиродии омодашавӣ, вазифаҳои тамрин ва мусобиқавӣ;

– ба роҳ мондани ташвиқу тарғиби тайёрии ҷисмонӣ ва варзиш;

– расонидани кумаки амалӣ ба варзишгари ҷавон.

1057. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳҳои ибтидоии мазкур мансуб:

– муштзан;
– гӯштингир;
– дучархарон;
– лижарон;

– варзишгар;
– теннисбоз;
– футболбоз;
– хоккейбоз;
– шоҳмотбоз.

## § 3. 3422. Мураббиёни варзиш, дастурдиҳандагон, аз ҷумла дар муассисаҳои таълимӣ

1058. Мураббиёни варзиш, дастурдиҳандагон, аз ҷумла дар муассисаҳои таълимӣ омӯзиши таълимгирандагони тарбияи ҷисмониро ба нақша мегиранд ва ба роҳ мемонанд, ҳамчунин, бо варзишгарон–дӯстдорон ва варзишгарони касбӣ барои беҳтар намудани дастовардҳои варзишии онҳо кор мекунанд, мусоидат намудан ба иштироки бештар дар варзиш, барасмиятдарории ҳуҷҷатгузориҳое, ки дар онҳо дастовардҳои варзишӣ ва натиҷаҳои алоҳидаи варзишгарон ва дастаҳо ба қайд гирифта мешаванд, ҳамчунин омодакунӣ ва гузаронидани чорабиниҳои варзиширо дар мутобиқатӣ бо қоидаҳои муқаррargardида ташкил ва иҷро менамоянд.

1059. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– банақшагирӣ ва ба роҳ мондани раванди таълим дар мутобиқатӣ бо барномаҳои омӯзишӣ бо назардошти синну сол, тайёр будан, хусусиятҳои хоси инфиродӣ ва рӯҳонию ҷисмонӣ ва шавқу ҳаваси таълимгирандагон;

– коркард, банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии ҷадвалҳо ва барномаҳои мусобиқот;

– омодашавӣ барои ташкил ва гузаронидани чемпионатҳо ва дигар мусобиқаҳои варзишӣ;

– ҳавасмандӣ ва омоданамоии варзишгарон ё дастаҳо барои мусобиқаҳо ё бозиҳо;

– коркарди стратегияҳои рақобатпазир, нақшаҳои бозӣ ва амали варзишгарон ва бозингарон ҳангоми бозӣ ё гузаронидани чорабиниҳои варзишӣ;

– пайгирӣ ва таҳлили техника ва баромадҳои варзишгарон ва муайян намудани зарурияtҳо барои такмили минбаъда;

– назорати вақти баанҷомрасии бозӣ ва пешбурди ҳисоб дар вақти гузаронидани чорабиниҳо ва мусобиқаҳо;

– доварӣ дар вақти баромади варзишгарон дар мусобиқаҳо, додани холҳо, ҷаримабандӣ вобаста ба ҳуқуқвайронкунӣ ва муайян кардани натиҷаҳо;

– ташкили ҳамоҳангсозӣ бо васоити ахбори омма ва сарпарастон;

– бақайдгирии ҳисобҳои варзишӣ ва дигар рекордҳои варзишӣ ва дастовардҳо;

– назорати риояи қоидаҳои мусобиқаҳои варзишӣ ва қоидаҳои зиддидопингӣ;

– банақшагирӣ ва гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба тарғибу ташвиқи тайёрии ҷисмонӣ ва варзиш;

1060. Намунаҳои машғулияти ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– довари варзиш, ҳакам;
– довар;
– мураббӣ;
– дастурдиҳанда– методисти муассисаҳои варзишӣ.

1061. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– дастурдиҳанда оид ба аэробика–3423;
– дастурдиҳанда оид ба дайвинг–3423;
– дастурдиҳанда оид ба фитнес–3423.

### § 4. 3423. Дастурдиҳандагони клубҳои фитнес, минтақаҳои варзишии истироҳатӣ ва ташкилкунандагони барномаҳои варзишӣ

1062. Дастурдиҳандагони клубҳои фитнес, минтақаҳои варзишии истироҳатӣ ва ташкилкунандагони барномаҳои варзишӣ барномаҳоро мебаранд, гурӯҳ ва шахсони алоҳидаро оид ба гузаронидани фароғат, ташрифи фитнес– клубҳо ё дилхушӣ дар фазои кушод ташкил ва дастур медиҳанд.

1063. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– банақшагирӣ ва гузаронидани фароғат ва машғул шудан бо фитнес;
– мониторинги чорабиниҳои рекретсионӣ, варзишӣ ва фитнесӣ барои таъмини бехатарӣ ва расонидани ёрии оперативӣ ва аввалияи тиббии дар сурати зарурӣ;
– арзёбӣ ва мониторинги қобилиятҳои варзишӣ ва маълумоти мизоҷон, додани тавсияҳо барои фаъолияти минбаъда;
– намоиш ва омӯзонидани ҳаракатҳои бадан, мафҳумҳо ва малакаҳои истифодашаванда дар қоидаҳои фитнес ва фаъолияти рекреатсионӣ;
– омӯзонидани истифодабарии таҷҳизоти варзишӣ;
– дастурдиҳӣ барои риояи техникаи бехатарӣ, меъёрҳо ва қоидаҳои варзишӣ.

1064. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дастурдиҳанда оид ба аэробика;
– дастурдиҳанда оид ба кӯҳнавардӣ ва шухпаймоӣ;
– дастурдиҳанда оид ба дайвинг;
– дастурдиҳанда оид ба оббозӣ;
– дастурдиҳанда оид ба дилхушӣ дар ҳавои кушод;
– дастурдиҳанда оид ба йога;
– дастурдиҳанда оид ба варзиш бо воҳидҳои таваккалӣ.

1065. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– дастурдиҳанда оид ба картинг–5170;
– дастурдиҳанда оид ба ракс–5170.

## 79. ГУРӮҲИ ХУРДИ 343.

### § 1. Ҳайати миёнаи соҳаи санъат, фарҳанг ва таббоҳӣ

1066. Ҳайати миёнаи соҳаи санъат, фарҳанг ва таббоҳӣ қобилияти эҷодӣ, техникӣ ва донишҳои фарҳангиро ҳангоми истеҳсол ва тайёр кардани аксҳо, ороиши саҳна, сипарҳои реклама ва лавҳаҳо барои мағозаҳо, дохили хонаҳо, объектҳоро барои ороишдиҳӣ, намоишҳои коллексияҳои китобхона ва коллексияи долонҳо, системаи нигоҳдорӣ ва феҳристкунонӣ, таҳияи таомномаҳо ва пешниҳоди маҳсулоти хӯрока, расондани дастгирӣ ҳангоми истеҳсоли кинофилмҳо ва дар телевизион ва ҳамчунин, дигар соҳаҳои бадеӣ ва фаъолияти фарҳангӣ муттаҳид мекунанд.

1067. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

- кор бо камераи суратгирӣ барои гирифтани сурати одамон, воқеаҳо, саҳнаҳо, масолеҳ ва дигар ашёҳо;
- истифодаи усулҳои бадеии ороиши маҳсулот, ороиши дохили биноҳо ва ҳавасмандгардонии фурӯш;
- васл ва омоданамоии объектҳо барои инъикос, коркард ва ташкили намоишгоҳҳои ҷиҳозот, намоишдиҳии ашёҳо ва намоишдиҳии минтақаҳо;
- тарҳсозии таомномаҳо ва назорати омоданамоии маҳсулоти хӯрокворӣ;
- кумакрасонӣ ба роҳбарон ва иҷрокунандагон дар басаҳнагузории намоишномаҳои театрӣ, истеҳсоли кинофилмҳо, татбиқи лоиҳаҳои телевизионӣ ё тиҷоратӣ.

1068. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3431 | Суратгирҳо (бадеӣ) |
| 3432 | Ороишгарони дохили бино ва рассомон–ороишдиҳандаҳо |
| 3433 | Ҳайати миёнаи долонҳои бадеӣ, осорхонаҳо ва китобхонаҳо |
| 3434 | Сарошпазҳо |
| 3435 | Ҳайати миёнаи санъат, фарҳанг ва таббоҳии ба гурӯҳҳои дигар шомилнашуда |

## § 2. 3431. Суратгирҳо (бадеӣ)

1069. Суратгирҳо (бадеӣ) бо камераҳои суратгирӣ кор мекунанд ва одамон, ҳодисаҳо, саҳнаҳо, масолеҳ, маҳсулот ва дигар ашёҳоро сурат мегиранд. Дар асоси суратҳо бо истифода аз муносибати эҷодӣ, асарҳои бадеӣ (суратҳо) ва манзараҳо месозанд.

1070. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– тайёркунии суратҳо барои реклама ё дигар мақсадҳои тиҷоратӣ, саноатӣ ва илмӣ, барои тасвирҳои ҳикояҳо ва мақолаҳо дар рӯзнома, маҷаллаҳо ва дигар нашрияҳо;

– тайёр кардани суратҳои шахс ва гурӯҳи шахсон, асарҳои бадеӣ (суратҳо) ва манзараҳо;

– омӯхтани талаботҳои супоришҳои мушаххас ва қабули қарор оид ба навъҳои камера, наворҳо, ҷузъиёти равшандиҳанда ва манзарҳое, ки истифода мешаванд;

– муайян кардани композитсияи тасвир, гузаронидани танзими техникии таҷҳизот ва суратгирии объект;

– кор бо сканерҳо барои гузарондани тасвири сурат ба компютер;

– кор бо компютер барои ислоҳи тасвири сурат;

– мутобиққунонии тасвири суратҳои мавҷуда ҳангоми сохтани тасвирҳои нави рақамие, ки ба маҳсулоти мултимедӣ ворид карда мешаванд;

– истифодаи компютер ва дигар усулҳо барои ташкили асарнокии визуалии зарурӣ.

1071. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– суратгири хабарнигор;
– суратгири варзишӣ;
– суратгир;
– суратгири пайкарнигар;
– рассом–суратгир.

1072. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– банаворгирандаи синамо–3521;
– банаворгирандаи видеонаворҳо–3521;
– суратгири ҳаккокии механикии сурат–7321.

## § 3. 3432. Тарроҳони дохили бино ва рассомон–ороишдиҳандаҳо

1073. Тарроҳони дохили бино ва рассомон–ороишдиҳандаҳо тарҳкашӣ ва тарроҳии дохили биноҳои тиҷоратӣ, саноатӣ, ҷамъиятӣ, савдо ва иншооти истиқоматиро барои ташаккулдиҳии муҳит бо назардошти ҳадафҳо, бо ба эътибор гирифтани моилҳое, ки барои беҳтар гардидани сифати зиндагӣ ва шароити кор ва ҳамчунин, ҳавасмандкунии фурӯш мусоидат мекунад, роҳандозӣ менамоянд. Онҳо корҳоро ба роҳ мемонанд, дар сохтмон ва пардози бино ва иншоот барои ороишоти бадеии дохили бино, намоишномаҳо (дар театрҳо) ҳамоҳангсозӣ менамоянд. Ба гурӯҳи мазкур ҳамчунин, тарроҳони тарҳкаши амсилаҳои нави либосҳо ва пойафзолҳо дохил мешаванд.

1074. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– муайян кардани ҳадафҳо ва маҳдудиятҳои тарроҳӣ тавассути гузаронидани машварат бо мизоҷон ва ҷонибҳои манфиатдор;

– таҳқиқот ва таҳлили талаботҳои фазоӣ, функсионалӣ ва эстетикӣ, инчунин, талаботҳои самаранокӣ ва бехатарӣ;

– коркарди консепсияҳои тарҳ барои дохили биноҳо;

– тайёркунии ангораҳо, ҷадвалҳо, тасвирҳо ва нақшаҳо барои муҳокимаи консепсияи тарроҳӣ;

– гуфтушунидҳо бо мизоҷон оид ба қарорҳои лоиҳавӣ ва ҳамчунин, бо ҳайати амаликунандаи идоракунӣ, боррасонӣ ва сохтмон;

– интихоб, аниқ кардан ва тавсияҳо оид ба масолеҳи функсионалӣ ва пардоздиҳӣ, ҷиҳозот ва маҳсулот барои дохили биноҳо;

– муҳокима ва қабули тарроҳии интихобшуда барои сохтмон ва ороиши иншоот;

– ҳамоҳангсозии сохтмон ва ороишоти дохили бино;

– лоиҳакашӣ ва ороиш ва нақшунигорбандии ороиши саҳна;

– коркард ва тарроҳии амсилаҳои либос, пойафзол ва дигар молҳои талаботи умум (аз ҷумла, тарҳроҳии пойафзолҳои ортопедӣ);

– лоиҳакашӣ ва ороиш додани намоишҷоҳо ва дигар минтақаҳои рекламавӣ барои пешбарӣ кардани маҳсулот ва хизматрасониҳо дар бозорҳо.

1075. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ороишдиҳандаи дохили бино;

– тарроҳи дохили бино;

– тарроҳи манзарҳо;

– тарроҳи студия;

– тарроҳи саҳна;

– рассом–ороишдиҳанда (тахассуси миёна);

– тарҳкаши пойафзоли ортопедӣ.

1076. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– тарроҳи дохили бино ва рассомон–ороишдиҳандагон–3432;

– меъмор–2161;

– меъмори манзарӣ–2162;

– тарроҳи ҷиҳозот–2163.

### § 4. 3433. Ҳайати ёридиҳандаи касбии долонҳои бадеӣ, осорхонаҳо ва китобхонаҳо

1077. Ҳайати ёридиҳандаи касбии долонҳои бадеӣ, осорхонаҳо ва китобхонаҳо омоданамоии асарҳои санъат, намунаҳо ва артефактҳоро барои коллексия роҳандозӣ менамоянд, намоишгоҳҳои нигораҳоро маслиҳат ва ташкил менамоянд, ба китобдорон дар раванди ташкил ва идораи системаҳои коркарди маводҳои бақайдгирифташуда ва ҳуҷҷатҳо кумак мерасонанд.

1078. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– баҳисобгирӣ ва омоданамоии объектҳо барои инъикос;

– таҳия ва ташкили расондани таҷҳизоти намоишгоҳӣ, ороиши пештоқҳо ва минтақаҳои намоишӣ;

– расонидани кумак дар ташкили рӯшноӣ ва таҷҳизоти намоишӣ;

– қабул, расонидан, бастабандӣ ва бастакушоии нигораҳо;

– фармоиши масолеҳи нав барои китобхонаҳо ва нигоҳдории фондҳои китобхонаҳо ва системаҳои коллектории китобхонаҳо;

– феҳристкунонии маводи нашриётӣ ва дастхатҳо;

– ворид намудани маълумот дар махзани маълумот ва таҳрири қайдҳо дар компютер;

– кор бо техникаҳои аудиовизуалӣ ва чопкунанда;

– ҷустуҷӯ ва санҷиши маълумоти библиографӣ.

1079. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– хизматчии китобхона;
– мутахассис оид ба бақайдгирии ашёҳои осорхона;
– техники осорхона.

## § 5. 3434. Сарошпазҳо

1080. Сарошпазҳо таомномаҳоро месозанд, хӯрокҳои нав эҷод мекунанд, раванди банақшагирӣ, ташкил ва худи тайёр кардани хӯрокҳоро дар меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо ва дигар ҷойҳои хӯроки ҷамъиятӣ, дар қаторахои мусофиркаш ва дар хоҷагиҳои шахсӣ назорат мебаранд.

1081. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– банақшагирӣ ва коркарди дастурҳои ошпазӣ, таомномаҳо бо баҳодиҳии маҳсулоти хӯрока ва арзиши қувваи корӣ ва ҳамчунин, фармоиши маҳсулот;

– назорати сифати хӯрокҳо дар ҳамаи давраи омодакунӣ ва пешниҳоди онҳо;

– муҳокимаи масъалаҳои омоданамоии хӯрокҳо бо роҳбарон, парҳездонон, кормандони ошхона ва ҳайати хизматрасон;

– назорат ва ҳамоҳангсозии фаъолияти ошпазҳо ва дигар кормандони машғул ба омода кардани хӯрок;

– санҷиши масолеҳ, таҷҳизот ва минтақаҳои корӣ барои таъмини мутобиқатӣ бо стандартҳои муқарраргардида;

– муайян намудани чӣ тавр пешниҳод кардани хӯрок ва ҳамчунин, эҷоди тарзи ороишдиҳии таом;

– дастурдиҳии ошпазҳо ва дигар кормандон оид ба масъалаҳои омоданамоӣ, тайёркунии хӯрокҳо, гарнирҳо, инчунин, рӯнамокунонии маҳсулоти хӯрока;

– иштирок дар интихоби ҳайат барои ошхона ва мониторинги истифодабарии онҳо;

– тайёркунӣ, интихоби забудаҳо ва омоданамоии маҳсулоти махсуси хӯрока ва таомҳои мураккаб;

– фаҳмондадиҳӣ ва таъмини риояи беҳдоштӣ ва бехатарии маҳсулоти хӯрока.

1082. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– бренд–сардор;
– су–сардор;
– сардор–қаннод;
– сарошпаз;
– сарошпази намакинҳо;
– сарошпази қайлаҳо.

1083. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:
– ошпаз–5120;
– ошпаз дар меҳмонхона–5120;

– ошпаз дар қаҳвахонаҳо–5120;
– тайёркунандаи хӯроки тезтайёр–9410.

### § 6. 3435. Ҳайати миёнаи санъат, фарҳанг ва таббоҳии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

1084. Ба ин гурӯҳи ибтидоӣ ҳайати миёнаи санъат, фарҳанг ва таббоҳии ба дигар гурӯҳҳои ибтидоии гурӯҳи хурди 343 Ҳайати миёна дар соҳаи санъат, фарҳанг ва таббоҳӣ шомилнашуда дохил мегарданд. Масалан, ин ҷо онҳое дохил шудаанд, ки ба роҳбарон ё ҳунармандон дар басаҳнагузории намоишномаҳои театрӣ, истеҳсоли кинофилмҳо, татбиқи лоиҳаҳои телевизионӣ ё дигар лоиҳаҳои тиҷоратии бадеӣ кумак мерасонанд.

1085. Намунаҳои машғулияти ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– каскадер;
– ҳамоҳангсози ҳуққабозӣ;
– суфлер;
– техник оид ба воситаҳои махсус;
– рассом оид ба бодиарт;
– рассом оид ба ҳуққаҳо.

1086. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:
– басаҳнагузоранда–2654;
– ҳунарманд оид ба воситаҳои махсус–3440.

## 80. ГУРӮҲИ ХУРДИ 344.

### § 1. Ҳайати миёна дар соҳаи саноати фароғатӣ ва истироҳат

1087. Ҳайати миёна дар соҳаи саноати фароғатӣ ва истироҳат намоишномаҳои диданбоб ва дилхушкунандаро дар саҳна, мюзик-хол, дар кӯча, сирк ва дар майдонҳои варзишӣ, боғҳои истироҳатӣ ба намоиш мегузоранд. Онҳо таҳти роҳбарии менеҷерҳо, продюссерон ё мустақилона кор мекунанд. Дар баъзе мавридҳо, онҳо метавонанд, кори роҳбарӣ ё омоданамоии дигар кормандонро ба роҳ монанд.

1088. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан, дохил мешавад: иҷрои баромадҳои тамошобоби дилхушикунанда, намоишдиҳии шуъбадаҳо, иҷрои ҳуққабозиҳои акробатикии мураккабу таъсиррасон ва дигар баромадҳои сиркӣ.

1089. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3440 | Ҳайати миёна дар соҳаи саноати фароғатӣ ва истироҳат |

### § 2. 3440. Ҳайати миёна дар саноати фароғатӣ ва истироҳат

1090. Ҳайати миёна дар саноати фароғатӣ ва истироҳат ҳозиронро бо нишон додани намоишномаҳои диданбоб ва дилхушкунанда дар саҳна, мюзик-хол, дар кӯча, сирк. майдонҳои варзишӣ, боғҳои истироҳатӣ хушнуд мекунанд.

1091. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– омоданамоии сенарияи баромадҳои худ барои тамошобинон;

– иҷрои ҳуққабозиҳои дилхушкунанда, бозӣ кардани саҳнаҳои хандаовар;

– намоишдиҳии шуъбадаҳо, намоишҳои жанри чашмбандӣ, санъати гипноз;

– иҷрои намоишҳои мураккаб ва таъсиррасони акробатикӣ ва гимнастикӣ, ҳуққабозиҳои жонглёрӣ.

1092. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ҳунарманд оид ба таъсиррасонии махсус;

– раққоси клубҳои шабона;

– ҳофизи кӯчагӣ (мусиқачӣ).

1093. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– ҳунарманди ансамбли қиёфабозӣ–2655;

– диск – жокей дар радио–2656;

– ҳунарманди жанри «акробатика»–2659;

– ҳунарманди жанри «жонглёрӣ»–2659;

– каскадёр–3440.

## 81. ГУРӮҲИ ХУРДИ 345.

### § 1. Ҳайати миёна дар соҳаи кори иҷтимоӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ, абилитатсия ва тавонбахшии иҷтимоӣ

1094. Ҳайати миёна дар соҳаи кори иҷтимоӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ, абилитатсия ва тавонбахшии иҷтимоӣ бо маъюбон, шахсони пиронсоли танҳо, модарони серфарзанд, кӯдакони ятим, шахсони аз касалиҳои вазнин, аз майпарастӣ ва нашъамандӣ ранҷкашида, шаҳрвандони бенаво дар ҳолати руҳафтодагӣ бо сабабҳои садамаҳои экологӣ, низоъ ва ҷангҳои байни миллатҳо, , аз даст додани наздикон, оила, манзил ва монанди инҳо қарордошта, кор мекунанд.

1095. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан, дохил мешаванд:

– ташкил ва пешниҳоди кумаки зарурии иҷтимоии (хизматрасониҳои иҷтимоӣ, хизматрасониҳо, тавонбахшӣ, машваратдиҳӣ) инфиродӣ, дар доираи оила, дар ҷомеа ва дар муассисаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ;

– ҳайати миёна дар амалишавии ҳуқуқҳои шаҳрвандон барои ҳифзи иҷтимоӣ, маориф, меҳнат ва истироҳат мусоидат менамоянд, барои пешгирӣ ва паси сар кардани ҳолатҳои вазнини ҳаётӣ ва масъалаҳои иҷтимоӣ кумак мерасонанд;

– ҳайати миёна тахти роҳбарии мутахассисони дорои сатҳи бештар баланд тахассусӣ ва роҳбарони ташкилотҳо кор мекунанд ва ҳамчунин, метавонанд, роҳбарии дигар кормандонро роҳандозӣ намоянд.

1096. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3451 | Кормандони иҷтимоӣ |
| 3452 | Ёварони иҷтимоӣ |
| 3453 | Ёрдамчиёни табибони ҷисмонӣ (физиотерапевтҳо) |
| 3454 | Ёрдамчиёни эрготерапевтҳо |

## § 2. 3451. Кормандони иҷтимоӣ

1097. Кормандони иҷтимоӣ дар ташкили расонидани кумак ва ёрии байниҳамдигарии одамон ва гурӯҳҳои дар ҳолати душвори ҳаётӣ афтода, барқарорсозии равонӣ– иҷтимоӣ ва воридкунии онҳо бо ҷомеа мусоидат менамоянд. Онҳо кумакҳои молӣ– маишӣ ва дастгириҳои ахлоқӣ– ҳуқуқӣ мерасонанд, шаҳрвандони чунин намудҳои кумакҳо эҳтиёҷдоштаро ошкор мекунанд, тавсифот ва андозаи дастгирии заруриро муайян месозанд.

1098. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– иштирок дар банақшагирӣ, ташкил ва бевосита пешниҳод намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ;

– мусоидат намудан дар рушди системаҳои пешниҳодкунии хизматрасониҳо барои шаҳрвандони дар ҳолати душвори ҳаётӣ қарордошта;

– муайян намудани шахсони осебпазир ва гурӯҳи шаҳрвандон дар ҷомеа, муайян намудани тавсифот ва андозаи кумаки зарурӣ ба онҳо;

– ташкили раванди пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ;

– мусоидат дар гузаронидани мониторинг ва шарҳи натиҷаҳои хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, аз ҷумла, мониторинги парастории фардӣ;

– расонидани кумак ба шахсони алоҳида ва оилаҳо дар ҳалли масъалаҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ;

– расонидани кумак дар бартарафсозии омилҳои расонандаи таъсири манфӣ ба ҳолатҳои ҷисмонӣ, иҷтимоӣ, равонӣ, иқтисодӣ ё тиббии мизоҷон;

– машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла гирифтани пардохтҳои иҷтимоӣ;

– расонидани кумак ба одамони дорои тамоилҳои равонӣ ё ҷисмонӣ дар гирифтани табобати зарурӣ ва иштирок дар ҳаёти иҷтимоӣ–меҳнатӣ;

– машваратдиҳӣ, дастгирии эҳсосотӣ, равонӣ ва амалии мизоҷон ва аъзои оилаи онҳо, пешниҳод намудани маълумот дар бораи хадамоти иҷтимоӣ ва хизматрасониҳо, роҳхат додан ба хадамоти иҷтимоии зарурӣ дар ҷомеа;

– гузаронидани мушоиати инфиродии иҷтимоии мизоҷон дар ҷомеа ва муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ;

– гузаронидани корҳои тарбиявӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ байни кӯдакон ва бо роҳи ҷалби онҳо ба фаъолияти фоиданоки иҷтимоӣ;

– гузаронидани корҳои маърифатӣ ва иттилоотӣ дар ҷомеа, оила ва ғайра;

– иҷрои корҳои мазмунан ҳаммонанд;

– роҳбарии дигар кормандон.

1099. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳҳои ибтидоии мазкур мансуб:

– корманди иҷтимоӣ;

– ёвари иҷтимоӣ;

– мураббии иҷтимоӣ.

§ 3. 3452. Ёварони иҷтимоӣ

1100. Ёварони иҷтимоӣ бо шаҳрвандони хизматрасони (парастори)-и иҷтимоиро дар ҷомеа ё/ва муассисаҳои хизматрасониҳои иҷтимоигирифта, кор мекунанд. Ёварони иҷтимоӣ метавонанд ҳам таҳти роҳбарии мутахассисон ва ҳам мустақилона фаъолият мекунанд.

1101. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– иштирок дар арзёбии талаботҳо ва таҳия намудани нақшаи инфиродии хизматрасонӣ ба мизоҷон;

– пешниҳоди парастории бевосита ва/ё хизматрасони ба шахсони дорои маъюбӣ, аз он ҷумла, ба кӯдакон ва оилаи онхо дар ҷомеа ё муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ;

– рушди малакаҳои мустақилона зиндагӣ кардан барои шахсони дорои маъюбӣ дар хона ва дар ҷомеа;

– бевосита пешниҳод кардани кумаки амалии ҳаррӯза, сарпарастӣ, парасторӣ ва/ ё хизматрасонӣ ба шахсони дорои маъюбии пурра ё қисман, имкониятҳои худхизматрасониашонро аздастдода;

– парастории инфиродии хусусияти иҷтимоӣ ва таълимидошта инчунин, дигар намудҳои кумакҳои дар ҳаёти ҳамарӯзаи мизоҷон ҷойдошта;

– расонидани кумак ба мизоҷон дар ҷамъоварии маълумоти зарурӣ ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо;

– ба роҳ мондани фаъолияти барқарор ва нигоҳдории амалҳои байниҳамдигарӣ бо мизоҷони ба фаъолияти ҳаётии онҳо таъсири мусбат расонанда (кори калидӣ);

– зиёрати хонаҳо ва ба роҳ монадин равандҳои барқарорсозии шахсони дорои маъюбӣ ва аъзои оилаи онҳо аз рӯйи барномаи инфиродии барқарорсозӣ, таҳия ва амалисозии нақшаҳои инфиродии барқарорсозӣ дар асоси арзёбии талаботҳои инфиродии шахсони дорои маъюбӣ;

– ҳамоҳангсозии дигар намудҳои фаъолият мувофиқи нақшаҳои хизматрасонии инфиродӣ;

– иҷрои корҳои аз рӯйи мазмун ҳаммонанд;

– роҳбарии дигар кормандон.

1102. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
- корманди иҷтимоӣ;
- ёвари иҷтимоӣ;
- тютор (омӯзгори дарсҳои иловагӣ);
- ёвари мураббии муассисаҳои ислоҳӣ–меҳнатӣ.

## § 4. 3453. Ёрдамчиёни табибони ҷисмонӣ (физиотерапевтҳо)

1103. Ёрдамчиёни табибони ҷисмонӣ метавонанд, таҳти роҳбарии табибони ҷисмонӣ ва ҳам мустақилона кор кунанд. Мустақилона кор намуда, онҳо дар ҳолатҳои пешбинигардидаи гузошташудаи истифодаи доираи муайяни усулҳои стандартҳои табобати ҷисмониро талабкунанда, амал мекунанд.

1104. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:
- гузаронидани чорабиниҳо/мудохилаҳои физиотерапевтӣ барои беҳтар кардан, ҷуброн ё пешгирии маҳдудиятҳои фаъолнокӣ равонгардида;
- ҳаммонандкунии масъалаҳои муҳити зист ва иҷрои чорабиниҳои ба тағйирёбии он равонашуда дар сатҳҳои инфиродӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ;
- пешгирӣ (аввалия, дубора ва сеюмбора), абилитатсия ва барқарорсозии истифодабарандагон бо бемориҳои кӯҳнаи инкишофёбанда ва бемориҳои ҳолаташ куҳнаи бардавом;
- иштирок дар банақшагирӣ, ташкил, бароҳмонии хизматрасониҳои физиотерапевтӣ, рушди системаҳои ин хизматрасониҳо;
- банақшагирӣ ва гузаронидани корҳои ба пешбурди ғояҳои ба тарзи ҳаёти солим равонакардашуда;
- муайян кардани захираҳои фард, кумак барои инкишофи онҳо вобаста ба имкониятҳои инфиродӣ, талабот ва хоҳишҳо;
- иттилоотонӣ ва омӯзонидани гурӯҳҳои гуногуни одамон (истифодабарандагон, аъзои оилаи онҳо ва дигар мутахассисон);
- омода намудани ҳисоботҳо/протоколҳои хаттӣ дар бораи гузаронидани чорабиниҳо ва мудохилот;
- иҷрои уҳдадориҳои мазмунан ҳаммонанд;
- роҳбарии дигар кормандон.

1105. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
- ёрдамчии мутахассис оид ба табобати ҷисмонӣ;
- ёрдамчии мутахассис оид ба эрготерапия.

## § 5. 3454. Ёрдамчиёни эрготерапия

1106. Ёрдамчиёни эрготерапия метавонанд, таҳти роҳбарии эрготерапевт ва ҳам мустақилона кор кунанд. Мустақилона кор карда, онҳо ба корҳои устохонаҳои барқарорсозӣ-меҳнатӣ роҳбарӣ намоянд,

арзёбии заминавии талаботҳоро гузаронанд ва дар амал қаноатмандии онҳоро татбиқ месозанд.

1107. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– гузаронидани арзёбии заминавии иҷрои фаъолнокии мизоҷон;

– мутобиқнамоии воситаҳои ёридиҳанда, муҳити хонагӣ ва ба ин монанд зери эҳтиёҷоти мизоҷон;

– омӯзонидани беморон/мизоҷон бо малакаҳои ҳаёти мустақилона;

– расонидани кумак барои мутобиқшавии касбии мизоҷони синну солашон қобили меҳнат;

– омӯзонидани ҳунарҳо ба мизоҷон дар устохонаҳои барқарорсозӣ-меҳнатӣ;

– иттилоотонии хешовандони мизоҷон ва дигар муттахассисон оид ба хусусиятҳои кумакрасонӣ ба мизоҷон ва пешгирии ҷарроҳатбардорӣ;

– иҷрои уҳдадориҳои аз рӯйи мазмун ҳаммонанд;

– роҳбарии дигар кормандон.

1108. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ёрдамчии мутахассис оид ба эрготерапия;

– ёрдамчии мутахассис оид ба табобати ҷисмонӣ;

– устои устохонаи барқарорсозӣ- меҳнатӣ;

– устоди мутобиқнамоии меҳнатӣ ва маишӣ.

## 82. ЗЕРГУРӮҲИ 35. МУТАХАССИСОН–ТЕХНИКҲО ДАР СОҲАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ–КОММУНИКАТСИОНӢ

1109. Мутахассисон–техникҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ корҳои ҳаррӯзаи системаҳои компютерӣ, системаҳо ва шабакаои алоқаро нигоҳ медоранд ва вазифаҳои техникии бо телекоммуникатсия, пахшкунии тасвир ва садо, инчунин, бо дигар намудҳои сигналҳои телекоммуникатсионӣ дар замин ва ҳавопаймо алоқамандро иҷро менамоянд. Сатҳи салоҳияти аксар машғулиятҳои ба зергурӯҳи мазкур дохилшаванда, ба сатҳи сеюми тахассусӣ мувофиқат мекунад.

1110. Уҳдадориҳои иҷронамудаи кормандони зергурӯҳи мазкур, одатан иборатанд:

– расонидани кумак ба истифодабарандагони системаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ;

– насб намудани барномаҳо ва таҷҳизоти нав;

– созмон додан, истифодабарӣ ва хизматрасонии техникии шабакаҳо ва дигар системаҳои маълумотдиҳанда;

– насбкунӣ, мониторинг ва нигоҳдории Интернет ва Интернет-сомонаҳо ё таҷҳизоти Web–серверҳо ё таъминоти барномавӣ;

– тағйир додани Web–саҳифаҳо, инчунин иҷрои нусхабардории захиравии Web– серверҳо ва барқарорсозии маълумотҳо;

– назорати таҷҳизот барои сабти садо, таҳрир ва пайвасткунии тасвир ва овоз;

– назорат ва бурдани барномаҳо ва системаҳои шунавонидан ва системаҳои моҳворай барои радио ва барномаҳои телевизионӣ;

– назорат ва нигоҳдории системаҳои алоқаи радиоӣ, хизматрасониҳои моҳворай ва системаҳои бисёршабакавӣ;

– пешниҳоди кумаки техникии алоқаманд бо таҳқиқот ва рушди системаҳои компютерӣ ва таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ ё тестиронии тимсолҳо;

– лоиҳакашӣ ва омоданамоии ҷадвали нақшаҳо дар мутобиқатӣ бо таснифоти маълумотҳо;

– таъмини назорати техникии истеҳсолот, истифодабарӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири системаҳои телекоммуникатсионӣ.

1111. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 351 | Мутахассисон–техникҳо оид ба истифодабарии технологияи иттилоотӣ –коммуникатсионӣ ва дастгирии истифодабарандагон |
| 352 | Мутахассисон–техникҳо оид ба телекоммуникатсия ва телерадиопахшкунӣ |

## 83. ГУРӮҲИ ХУРДИ 351.
### § 1. Мутахассисон–техникҳо оид ба истифодабарии технологияҳои

иттилоотӣ–коммуникатсионӣ ва дастгирии истифодабарандагон

1112. Мутахассисон–техникҳо оид ба истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ– коммуникатсионӣ ва дастгирии истифодабарандагон корҳои ҳаррӯзаи системаҳои алоқа, компютерӣ ва шабакаҳоро нигоҳ медоранд ва ба истифодабарандагон кумаки техникӣ мерасонанд.

1113. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан, дохил мешаванд:

– истифодабарӣ ва идораи таҷҳизоти ғайримарказӣ ва алоқаманд бо компютерҳо;

– мониторинги системаҳо барои пешгирии радкунии таҷҳизот ё хатоӣ дар кори онҳо;

– пурбор кардани таҷҳизоти ғайримарказӣ, ба монанди, принтерҳо, маводи зарурӣ барои бакордарорӣ пур кардан ё назорат аз болои пурборкунии таҷҳизоти ғайримарказӣ аз ҷониби операторони ин таҷҳизот;

– ҷавобҳо ба саволҳои истифодабарандагон нисбати таъминоти барномавӣ ва асбобӣ барои ҳалли масъалаҳо;

– насбкунӣ ва таъмири хурди таҷҳизот, таъминоти барномавӣ ё таҷҳизоти ғайримарказӣ дар мутобиқатӣ бо тарҳҳо ё таснифот барои насб;

– назорати ҳаррӯзаи кори системаҳо;

– танзимкунии таҷҳизот барои истифода бурдани кормандон, иҷро ё таъмини васлкунии зарурии ноқилҳо, системаҳои амалиётӣ ва таъминоти барномавии мавофиқ;

– сохтан, истифодабарӣ ва хизматрасонии техникии шабакаҳо ва дигар системаҳои интиқолдиҳандаи маълумот;

– насб кардан, мониторинг ва нигоҳдории эътимоднокӣ ва бароҳатии Интернет ва Интернет-сомонаҳо ё таҷҳизоти Web– серверӣ ё таъминоти барномавӣ;

– тағйирдиҳии Web–саҳифаҳо ва ҳамчунин, иҷрои нусхабардории захиравии Web–серверҳо ва барқарорсозӣ.

1114. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3511 | Мутахассисон–техникҳо оид ба истифодабарии технологияи иттилоотӣ–коммуникатсионӣ |
| 3512 | Мутахассисон –техникҳо оид ба дастгирии истифодабарандагони технологияи иттилоотӣ–коммуникатсионӣ |
| 3513 | Мутахассисон–техникҳо оид ба шабакаҳо ва системаҳои компютерӣ |
| 3514 | Мутахассисон–техникҳо оид ба Web |

## § 2. 3511. Мутахассисон–техникҳо оид ба истифодабарии технологияи иттилоотӣ–коммуникатсионӣ

1115. Мутахассисон–техникҳо оид ба истифодабарии технологияи иттилоотӣ–коммуникатсионӣ корҳои ҳаррӯза, истифодабарӣ ва мониторинги системаҳои технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, таҷҳизоти ғайримарказӣ, таъминоти барномавӣ ва дигар таҷҳизоти бо компютер алоқамандро бо мақсади таъмини кори муносиб ва муайян кардани мушкилоти бавуҷудоянда мегузаронанд.

1116. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– истифодабарӣ ва идоракунии и таҷҳизоти ғайримарказӣ ва алоқаманд бо таҷҳизоти компютерӣ;

– ворид намудани фармон бо кумаки терминали комютерӣ, инчунин, фаъолкунонии назорати комютерҳо ва таҷҳизоти ғайримарказӣ барои муттаҳидкунӣ ва истифодабарии таҷҳизот;

– мониторинги системаҳои назорати радкунии таҷҳизот ё хатогиҳо дар кор;

– хабардоркунии роҳбар ё ҳайати техникӣ дар бораи вайроншавии таҷҳизот;

– дарёфткунӣ ва ислоҳи мушкилот дар ҷавоб ба иттилои хатогиҳои барнома, бартараф кардани мушкилоти дигар кормандон ё қатъи амали барномаҳо;

– хондани дастурамалҳо оид ба танзими корҳо барои муайян кардани хусусиятҳои таҷҳизоти истифодашаванда, тартиби истифодабарии мавод,

ба монанди, фиттаҳо ва қоғазҳои боршуда, инчунин, назорати нишондиҳандаҳои кор;

– гирифтан, тақсим ва ба навъҳо ҷудокунии баромади барномаҳо аз рӯйи зарурат ва ирсоли маълумот барои истифодабарандагони муайян;

– пурбор кардани таҷҳизоти ғайримарказӣ, ба монанди, принтер, маводи гирифташуда барои ба кор даровардан ё назорати таҷҳизоти ғайримарказӣ аз ҷониби операторони таҷҳизоти ғайримарказӣ.

1117. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– оператори принтери баландсуръати компютерӣ;

– оператори компютер;

– оператори таҷҳизоти ғайримарказӣ.

## § 3. 3512. Мутахассисон–техникҳо оид ба дастгирии истифодабарандагони технологияхои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ

1118. Мутахассисон–техникҳо оид ба дастгирии истифодабарандагони технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ ба истифодабарандагон бевосита ё тариқи телефон, почтаи электронӣ ё дигар воситаҳои электронӣ, аз ҷумла ташхис ва ҳалли масъалаҳо ва мушкилот бо таъминоти барномавӣ, таҷҳизот, таҷҳизоти компютерии ғайримарказӣ, шабакаҳо, махзани маълумот ва Интернет кумаки техникӣ мерасонанд, инчунин, дар кушодан, насб намудан ва хизматрасонии системаҳо тавсияҳо медиҳанд ва дастгирӣ мекунанд .

1119. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ҷавобҳо ба саволҳои истифодабарандагон нисбати таъминоти барномавӣ ва асбобӣ барои ҳалли мушкилот;

– ворид намудани фармон ва таъмини кори системаҳои назоратӣ барои санҷиши дурусти амалиёт ва ошкор кардани хатоиҳо;

– насб намудан ва иҷрои таъмири хурди таҷҳизоти компютерӣ, таъминоти барномавӣ ё таҷҳизоти ғайримарказӣ дар мутобиқатӣ бо хусусиятҳои сохт ё таснифоташон барои насб кардан;

– назорати кори ҳаррӯзаи воситаҳои коммуникатсионӣ ва системаҳои компютерӣ;

– танзими таҷҳизот барои истифодабарии кормандон, иҷро ё таъмини васлкунии дурусти ноқилҳо, системаҳои амалиётӣ ва таъминоти барномавии зарурӣ;

– пешбурди бақайдгирии амалиёт оид ба интиқоли ҳаррӯзаи маълумот, мушкилот ва чораҳои андешида оид баислоҳи вазъият ё корҳои васлкунӣ;

– бартараф намудан ё таҷдиди мушкилоти техникие, ки истифодабарандагон дучор мегарданд;

– машваратдиҳӣ оид ба истифодаи дастурамал барои истифодабарандагон, дастурҳои техникӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо барои омӯзиш ва дарёфти қарорҳо пешбинигардида;

– расонидани кумак ба барномасозони замимаҳо, таҳиягарони системаҳо ва дигар мутахассисон ҳангоми таҳия ва тестиронии маҳсулот ва хизматрасониҳо дар соҳаи технологияи иттилоотӣ– коммуникатсионӣ.

1120. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– оператори хадамоти дастгирии компютерӣ;
– ёрдамчӣ оид ба таҳлили системаҳои компютерӣ;
– ёрдамчӣ оид ба махзани маълумотҳои компютерӣ;
– ёрдамчӣ оид ба барномасозии компютерӣ.

## § 4. 3513. Мутахассисон–техникҳо оид ба шабакаҳо ва системаҳои компютерӣ

1121. Мутахассисон–техникҳо оид ба шабакаҳо ва системаҳои компютерӣ шабакаҳои интернетӣ ва дигар системаҳои интиқолдиҳандаи маълумотҳоро месозанд, истифода мебаранд ва хизматрасонӣ мекунанд.

1122. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– истифодабарӣ, хизматрасонии техникӣ ва бартарафсозии носозиҳои системаҳои шабакавӣ;
– истифодабарӣ ва хизматрасониҳои техникии системаҳои интиқолдиҳандаи маълумот, ба истиснои шабакаҳо;
– расонидани кумак ба истифодабарандагони шабакаҳо ва бартарафсозии мушкилот дар интиқоли маълумот;
– муайян кардани минтақаҳои ба навкунонии таҷҳизот ва таъминоти барномавӣ ниёзманд;
– насб намудани техникаи компютерӣ, таъминоти барномавии шабакавӣ, таъминоти барномавии системаи амалиётӣ ва барномаҳои амалӣ (замимаҳо)-и таъминоти барномавӣ;
– бакордарорӣ ва хомӯш кунонидан ва ҳамчунин, иҷрои амалиёти захиравии нусхабардорӣ ва барқарорсозии садамавии маълумот дар шабакаҳои компютерӣ.

1123. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– техники шабакаҳои компютерӣ;
– техники хадамоти дастгирии техникӣ.

1124. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– маъмури шабакавӣ–2522;
– таҳлилгари шабакаӣ–2521;
– оператори компютер–3511;
– мутахассис–техник оид ба Web–3514.

## § 5. 3514. Мутахассисон–техникҳо оид ба Web

1125. Мутахассисон–техникҳо оид ба Web кори муътадили Интернет ва Интернет-сомонаҳо, Web–серверҳои таҷҳизот ва таъминоти барномавиро техникиро нигоҳ медоранд, назорат ва таъмин мекунанд.

1126. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– насбкунӣ, мониторинг ва нигоҳдории эътимоднокӣ ва бароҳатӣ будани Интернет ва Интернет-сомонаҳо ё Web–серверҳои таҷҳизот ё таъминоти барномавӣ;

– инкишоф додан ва таъмини нигоҳдории ҳуҷҷатҳо, таҳияи сиёсат ва дастурамалҳо, қайди амалиёти оперативӣ ва барасмиятдарории журналҳои системавӣ;

– коркард, ҳамоҳангсозӣ, ба роҳ мондан ва мониторинги чораҳои бехатарӣ;

– таҳлил ва коркарди тавсияҳо барои баланд бардоштани истеҳсолнокӣ, аз ҷумла навгоникунонӣ ва харидории системаҳои нав;

– нигоҳдории алоқа бо мизоҷон ва истифодабарандагон ва ба онҳо расонидани кумаки машваратӣ;

– сохтан ва тағйир додани Web– саҳифаҳо;

– иҷрои Web– серверҳои нусхабардории захиравӣ ва барқароркунӣ.

1127. Намунаи машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– Web–усто;

– маъмури Web–сомона;

– техники Web–сомона

1128. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– тарроҳи Web–сомона–2166;

– таҳлилгари системавӣ (компютерӣ)–2511;

– тарроҳи таъминоти барномавӣ–2512;

– таҳиягари Web–сомона–2513;

– маъмури системаҳои компютерӣ–2522;

– маъмури шабакавӣ–2522.

## 84. ГУРӮҲИ ХУРДИ 352.
### § 1. Мутахассисон–техникҳо оид ба телекоммуникатсия ва телерадиопахшкунӣ

1129. Мутахассисон–техникҳо оид ба телекоммуникатсия ва телерадиопахшкунӣ назорати техникиро аз болои кори асбобҳо барои сабт ва таҳрири тасвирҳо ва садо ва барои интиқоли тасвирҳо ва садои намоишҳои радио ва телевизионӣ, ҳамчунин, дигар намудҳои сигналҳои телекоммуникатсионӣ дар замин ё дар ҳавопаймо амалӣ мекунанд, вазифаҳои техникиро алоқаманд бо таҳқиқот ва лоиҳакашии муҳандисии телекоммуникатсионӣ, сохтан, васлкунӣ, сохтмон, истифодабарӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири системаҳои телекоммуникатсионӣ иҷро мекунанд.

1130. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– назорати таҷҳизот барои сабти овоз, таҳрир ва муттаҳидкунии тасвир ва овоз;

– назорат ва бурдани намоишҳо, системаҳои пахшкунӣ ва системаҳои моҳвораӣ барои барномаҳои радио ва телевизион;

– назорат ва хизматрасонии системаҳои алоқаҳои радиоӣ, хизмати моҳвораӣ ва системаҳои бисёршабака дар хушкӣ, киштиҳои дарёӣ ё ҳавоӣ;

– пешниҳоди кумаки техникии алоқаманд бо таҳқиқот ва рушди таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ ё тестиронии тимсолҳо;

– лоиҳасозӣ ва омода кардани ҷадвали нақшаҳо дар мутобиқатӣ бо талаботҳои дарҷшудаи техникӣ;

– таъмини назорати техникии истеҳсолот, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ ва таъмири системаҳои телекоммуникатсионӣ.

1131. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 3521 | Мутахассисон–техникҳо оид ба телерадиопахшкунӣ ва операторони аудио/видеонаворҳо |
| 3522 | Мутахассисон оид ба телекоммуникатсия |
| 3523 | Операторони таҷҳизоти телекомуникатсионӣ |

## § 2. 3521. Мутахассисон–техникҳо оид ба телерадиопахшкунӣ ва операторони аудио-видеонаворҳо

1132. Мутахассисон–техникҳо оид ба пахши телевизион ва радио ва операторони аудио-видеонаворҳо назорати техникии кори асбобҳоро барои сабт ва таҳрири тасвирҳо ва овоз ва барои интиқоли тасвирҳо ва овозҳои барномаҳои радио ва телевизионӣ ба роҳ мемонанд.

1133. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– назорати таҷҳизот барои сабти овоз;

– назорат аз болои таҷҳизоте, ки барои таҳрир, муттаҳидкунии тасвир ва сабти овоз бо мақсади қонеъ намудани сифати қаноатбахш ва сохтани тасвири махсус ва садоҳои таъсирнок;

– истифода бурдани донишҳо оид ба принсипҳо ва таҷрибаи тасвир ва сабти овоз ва таҳрир бо мақсади ошкор намудан ва ҳалли мушкилот;

– назорати намоишҳо, системаҳои пахшдиҳанда ва системаҳои моҳвораӣ барои барномаҳои радио ва телевизион;

1134. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ёвари оператор (видео, телевизион, овоз);

– оператори синамо;

– васлкунандаи тасвир;

– оператори сабти овоз;

– техник оид ба рӯшноидиҳии технологӣ;

– техник оид ба пахш.

1135. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– муҳандиси сабти овоз–2152;

– муҳандиси теле радиошунавонӣ–2153;

– суратгир–3431.

## § 3. 3522. Мутахассисон–техникҳо оид ба телекоммуникатсия

1136. Мутахассисон оид ба телекоммуникатсия вазифаҳои техникии алоқаманд бо телекоммуникатсия, таҳқиқоти муҳандисӣ ва ҳамчунин, лоиҳакашӣ, сохтан, васлкунӣ, сохтмон, истифодабарӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири системаҳои телекоммуникатсиониро иҷро мекунанд.

1137. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– расондани кумаки техникии алоқаманд бо таҳқиқот ва рушди таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ ё тестиронии тимсолҳо;

– омӯзиши маводи техникӣ, ба монанди, нақшаҳо ва ангораҳо бо мақсади муайян намудани усулҳои коре, ки қабул карда мешаванд;

– омоданамоии арзёбии ботафсили микдор ва арзиши масолеҳ ва хароҷоти меҳнати барои тайёр кардан ва насби таҷҳизоти алоқаи телевизионӣ дар мутобиқатӣ бо талаботҳои дарҷгардидаи техникӣ зарур;

– таъмини назорати техникии истеҳсолот, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ ва таъмири системаҳои телекоммуникатсионӣ барои таъмини кори қаноатбахш дар мутобиқатӣ бо таснифот ва қоидаҳо;

– истифода бурдани донишҳои принсип ва таҷрибаҳои телекоммуникатсионии муҳандисӣ бо мақсади ошкор намудан ва ҳалли мушкилоти дар ҷараёни кори онҳо баамаломада.

1138. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– техник-техники радио;
– техник оид ба васли таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ;
– техник оид ба системаҳои телекоммуникатсионӣ.

1139. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– техник–электрончӣ–3114;
– танзимгари шабакаҳои телекоммуникатсионӣ –7422.

### § 4. 3523. Операторони таҷҳизоти телекомуникатсионӣ

1140. Операторони таҷҳизоти телекомуникатсионӣ назорати техникии кори таҷҳизоти телекоммуникатсиониро барои интиқоли сигналҳои телекоммуникатсионӣ дар замин ё дар ҳавопаймоҳо ба роҳ мемонанд.

1141. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– назорати алоқаҳои радиоӣ, хизматрасониҳои моҳвораӣ ва системаҳои бисёршабака дар замин ва дар ҳавопаймоҳо;

– истифодаи донишҳо оид ба принсипҳо ва таҷрибаи пахшдиҳӣ, терминалҳои телекоммуникатсионӣ ва системаҳои интиқолдиҳанда бо мақсади ошкор кардан ва ҳалли мушкилот;

– ба роҳ монадани таъмири садамавии таҷҳизот.

1142. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– радиочии киштиҳо;
– радиочии ҳавоӣ;
– радиопайгир.

## 85. ГУРӮҲИ АСОСИИ 4. ХИЗМАТЧИЁНИ

## МАШҒУЛИ ОМОДАНАМОӢ ВА БАРАСМИЯТДАРОРИИ ҲУҶҶАТҲО, БАҲИСОБГИРӢ ВА ХИЗМАТРАСОНӢ

1143. Хизматчиёни машғули омоданамоӣ ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо, баҳисобгирӣ ва хизматрасонӣ нигоҳдориро таъмин менамоянд, баҳисобгирӣ ва ҳисоббарорӣ мегузаронанд, иттилооти заруриро ба даст меоранд, инчунин як қатор уҳдадориҳои хизматии бо амалиёти пулӣ, сафарҳо ва сайёҳатҳо, дархостҳо ва вохӯриҳои иттилоотӣ алоқамандро иҷро менамоянд. Бештари машғулиятҳои гурӯҳи асосии мазкур сатҳи дуюми тахассусро талаб менамоянд.

1144. Уҳдадориҳои хизматчиёни дар соҳаи маъмурӣ иҷрокунанда, одатан дар бар мегиранд:

– стенография, навишти мошинӣ, кор бо протсессорҳои амалиётии матнӣ ва дигар мошинаҳои идоравӣ;

– ворид намудани маълумот дар компютерҳо;

– иҷрои уҳдадориҳои котибӣ;

– вориднамоӣ ва коркарди компютерии маълумоти рақамӣ;

– навиштан ва нигоҳдории қайдҳои марбут ба захираҳои анборӣ, истеҳсолот ва нақлиёт;

– ба роҳ мондани бақайдгирии алоқаманд ба ҳамлу нақли мусофирон ва боркашонӣ;

– роҳандозии функсияҳои техникӣ дар китобхонаҳо;

– бақайдгирӣ ва нигаҳдории ҳуҷҷатҳо;

– иҷрои уҳдадориҳои ба хадамоти почта алоқаманд;

– омоданамоӣ ва санҷиши мавод барои нашр ҳангоми кор бо мукотибот;

– иҷрои амалиёти пулӣ;

– пешбурди корҳо оид ба ташкили сафарҳо;

– пешниҳоди иттилоотии мизоҷон ва шахсони мансабдори дархосткунанда;

– хизматрасонии коммутатори телефонӣ, инчунин, шояд ба роҳ мондани назорати кормандони дигар.

1145. Машғулиятҳои гурӯҳи асосии мазкур ба зергурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 41 | Хизматчиёни доираи касбияташон васеъ ва хизматрасонҳои техникаи идоравӣ |
| 42 | Хизматчиёни соҳаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ |
| 43 | Хизматчиён дар соҳаи коркарди иттилооти рақамӣ ва баҳисобгирии маводи арзишнок |
| 44 | Хизматчиёни дигари дар соҳаи маъмурӣ |

## 87. ЗЕРГУРӮҲИ 41. ХИЗМАТЧИЁНИ ДОИРАИ КАСБИЯТАШОН ВАСЕЪ ВА ХИЗМАТРАСОНҲОИ ТЕХНИКАИ ИДОРАВӢ

1146. Хизматчиёни доираи касбияташон васеъ ва хизматрасонҳои техникаи идоравӣ мутобиқи тартиби муқарраргардида иттилоотро бақайдгирӣ, ташкил, нигоҳдорӣ мекунанд ва мегиранд, доираи васеи вазифаҳои дафтардорӣ ва маъмуриро иҷро менамоянд. Бештари машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур сатҳи дуюми тахассусро талаб менамоянд.

1147. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур, одатан иборатанд: бақайдгирӣ, омоданамоӣ, ба навъҳо ҷудокунӣ, тасниф ва пешниҳоди иттилоот;

– ба навъҳо ҷудокунӣ, кушодан ва ирсоли почта;

– омоданамоии ҳисоботҳо ва мукотиботи дорои хусусияти қолибӣ;

– нусхабардорӣ ва факсравонкунии ҳуҷҷатҳо;

– кор дар комютерҳои фардӣ, протсессорҳои матнӣ ё мошинҳои чопкунанда барои бақайдгирӣ, ворид ва коркарди маводи матндор ва рақамӣ;

– таҳрир ва ислоҳи нусхаи ҳуҷҷатҳо;

– омоданамоии ҳисобномаи мол ва санҷиши маълумоти рақамӣ.

1148. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 411 | Хизматчиёни идоравии доираи касбияташон васеъ |
| 412 | Котибони доираи касбияташон васеъ |
| 413 | Хизматчиён оид ба коркард, ҳуруфчинии матнҳо ва воридкунии маълумот |

## 88. ГУРӮҲИ ХУРДИ 411.

### § 1. Хизматчиёни идоравии доираи касбияташон васеъ

1149. Хизматчиёни идоравии доираи касбияташон васеъ мутобиқи тартибҳои муқарраргардида доираи вазифаҳои дафтардорӣ ва маъмуриро иҷро менамоянд.

1150. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– сабтгирӣ, омоданамоӣ, ба навъҳо ҷудокунӣ, тасниф ва пешниҳоди иттилоот;

– ҷудокунӣ, кушодан ва ирсоли почта;

– нусхабардорӣ ва факсравонкунии ҳуҷҷатҳо;

– омоданамоии ҳисобот ва мукотиботи дорои хусусияти қолибӣ;

– бақайдгирии нишондиҳандаҳои таҷҳизот барои ҳайат;

– ҷавобҳо ба дархостҳои телефонӣ ё электронӣ ё ба дигар шахсони дахлдор ирсолкунӣ;

– санҷиши рақамҳо, омоданамоии ҳисобнома ва сабти тафсилоти додугирифтҳои молиявӣ;

– рамзхонии иттилоот дар компютер, ҳамчунин, тасҳеҳ ва ислоҳи нусхаҳо.

1151. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 4110 | Хизматчиёни идоравии доираи касбияташон васеъ |

§ 2. 4110. Хизматчиёни идоравии доираи касбияташон васеъ

1152. Хизматчиёни идоравии доираи касбияташон васеъ як қатор вазифаҳои дафтардорӣ ва маъмурии бо пешбурди коргузорӣ алоқамандро мутобиқи тартиби муқарраргардида иҷро менамоянд.

1153. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– таъмини саривақтии коркарди мукотиботи воридотӣ ва содиротӣ, дастраснамоии он тибқи таъйинот;

– бақайдгирӣ, баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ ва ирсоли ҳуҷҷатҳои ҳаррӯзаи коргузорӣ, аз ҷумла, фармонҳо ва фармоишҳои роҳбарият ба воҳидҳои сохтории дахлдор;

– омоданамоии ҳисоботҳо ва мукотиботи дорои хусусияти қолибӣ;

– бақайдгирии нишондиҳандаҳои таҷҳизот барои ҳайат;

– ҷавобҳо ба дархостҳои телефонӣ ё электронӣ ё ба дигар шахсони дахлдор ирсолкунӣ;

– бурдани назорати муҳлати иҷрои ҳуҷҷатҳо ва дуруст барасмиятдарории онҳо;

– иҷрои корҳои мошиннависӣ, нусхабардорӣ ва зиёдкунии ҳуҷҷатҳо;

– назорати дурустии барасмиятдарорӣ, нигоҳдорӣ ва саривақт додани парвандаҳо ба бойгонӣ;

– таҳияи ҳисобот, маълумот, ахборот оид ба натиҷаҳои назорати иҷрои супоришҳо.

1154. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– коргузор;
– хизматчии идорӣ (самти умумӣ);
– хизматчии дафтари коргузорӣ;
– хизматчӣ оид ба робита бо ҷомеа;
– хизматчӣ оид ба баҳисобгирии кадрҳо.

1155. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:котиби доираи касбияташ васеъ–4120.

Эзоҳ: Ба сифати фарқият байни уҳдадориҳои хизматчиёни тахассусашон умумӣ иҷрошаванда ва кормандони дар гурӯҳи ибтидоии 4120 Котибони касбияташон васеъ баҳисобгирифташуда, қайд кардан зарур аст, ки кори котибон дар навбати аввал ба сабт, андозабандӣ ва коркарди мукотибот ва дигар намудҳои ҳуҷҷатгузорӣ дохл дорад. Ҳамзамон, хизматчиёни идории касбияташон васеъ метавонанд,баъзе аз ин намуд корҳоро иҷро кунанд, вале састкунӣ ва коркарди ҳуҷҷатгузорӣ мундариҷаи кори асосии онҳо ба ҳисоб намеравад.

## 89. ГУРӮҲИ ХУРДИ 412.

### § 1. Котибони доираи касбияташон васеъ

1156. Котибони доираи касбияташон васеъ мошинҳои чопӣ, компютерҳои фардӣ ё дигар таҷҳизоти коркарди матнҳоро барои навистани мактуб ва дигар ҳуҷҷат истифода мебаранд, ҳуҷҷатҳои дигар кормандон омоданамударо месанҷанд ва андозабандӣ мекунанд, бо ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ сару кор доранд, хоҳишҳоро дар бораи вохӯриҳо ё таъйинот ҷудо мекунанд ва ҳамчунин, вазифаҳои гуногуни ёридиҳандаи маъмуриро иҷро менамоянд.

1157. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

- санҷидан, андозабандӣ ва чопкунии ҳуҷҷатҳои маъмурӣ, протоколҳо ва ҳисоботҳо зери дикта, ҳуҷҷатҳои электронӣ ё сиёҳнависҳо бо кумаки мошинҳои чопкунанда, компютерҳои фардӣ ё дигар намуди таҷҳизот барои коркарди матнҳо тибқи стандартҳои барасмиятдарории ҳуҷҷатгузорӣ;
- роҳандозии дастгирии маъмурӣ бо истифодаи бастаҳои гуногуни барномаҳои компютерӣ, аз ҷумла ҷадвалҳои электронӣ;
- таъмини қабул ва интиқоли маълумот бо кумаки алоқаҳои телефонӣ, факсималӣ ва почтавӣ;
- сканиронӣ, сабт ва паҳнкунии паёмҳои почтавӣ, мукотибот ва ҳуҷҷатҳо;
- таъмини қабул, баҳисобгирӣ ва нигоҳдории маълумоти ҳуҷҷатонидашуда;
- ҷудокунии дархостҳо дар бораи вохӯриҳо, муайян кардани навбатнокии худи вохӯриҳо ё расонидани кумак дар ташкили вохӯриҳо, мушоиати хизматрасонӣ дар раванди гуфтушунидҳо;
- мувофиқакунонии навбатнокии рухсатиҳо, бақайдгирии рухсатиҳо ва риояи дигар ҳуқуқҳои кормандон;
- ташкил ва назорати системаҳои бақайдгирӣ ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳо;
- пешбурди муросилоти қолибӣ бо ташаббуси шахсӣ.

1158. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 4120 | Котибони доираи касбияташон васеъ |

## § 2. 4120. Котибони доираи касбияташон васеъ

1159. Котибони доираи касбияташон васеъ мошинҳои чопӣ, компютерҳои фардӣ ё дигар таҷҳизоти коркарди матнҳоро барои навиштани мактуб ва дигар ҳуҷҷатҳо истифода мебаранд, ҳуҷҷатҳои дигар кормандон омоданамударо месанҷанд ва андозабандӣ мекунанд, бо ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ сару кор доранд, хоҳишҳоро оид ба вохӯриҳо ё таъйинот ҷудо мекунанд ва ҳамчунин, вазифаҳои гуногуни ёридиҳандаи маъмуриро иҷро менамоянд.

1160. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– санҷиш, андозабандӣ ва чопкунии ҳуҷҷатгузориҳо, мактуб, протоколҳо ва ҳисоботҳо зери дикта, ҳуҷҷатҳои электронӣ ё сиёҳнависҳо бо кумаки мошинҳои чопкунанда, компютерҳои фардӣ ё дигар намуди таҷҳизот барои коркарди матнҳо тибқи стандартҳои барасмиятдарории ҳуҷҷатгузорӣ;

– роҳандозии дастгирии маъмурӣ бо истифодаи бастаҳои гуногуни барномаҳои компютерӣ, аз ҷумла ҷадвалҳои электронӣ;

– кор бо почтаи воридотӣ ва содиротӣ;

– сканиронӣ, сабт ва паҳнкунии паёмҳои почтавӣ, мукотибот ва ҳуҷҷатҳо;

– ҷудокунии дархостҳо дар бораи вохӯриҳо, муайян кардани навбатнокии худи вохӯриҳо ё расонидани кумак дар ташкили вохӯриҳо, мушоиати хизматрасонӣ дар раванди гуфтушунидҳо;

– мувофиқакунонии навбатнокии рухсатиҳо, бақайдгирии рухсатиҳо ва риояи дигар ҳуқуқҳои кормандон;

– ташкил ва назорати системаҳои бақайдгирӣ ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳо;

– пешбурди муросилоти қолибӣ бо ташаббуси шахсӣ.

1161. Намунаи машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ёрдамчии шахсӣ;

– котиби ҳуҷраи корӣ;

– стенографист.

1162. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– бақайдгирандаи тиббӣ, табобатгоҳ–3252;

– котиби дандонпизишкӣ–3251;

– котиби ҳуқуқӣ–3342.

## 90. ГУРӮҲИ ХУРДИ 413.

### § 1. Хизматчиён оид ба коркард, ҳуруфчинии матнҳо ва воридкунии маълумот

1163. Хизматчиён оид ба коркард, ҳуруфчинии матнҳо ва воридкунии маълумот воридкунӣ ва коркарди матнҳо ва маводи рақамӣ ҳамчунин, омодакунӣ, таҳрир ва сохтани ҳуҷҷатҳоро барои нигоҳдорӣ, коркарди минбаъда, нашр ё интиқоли маълумот амалӣ менамояд.

1164. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– ворид намудани маълумот ва рамзҳои барои коркарди иттилоот зарурӣ;

– гирифтан, нигаҳдорӣ ва навкунонии маълумоти дар диски устувор ва ҷудошавандабуда;

– пешбурди баҳисобгирии маълумоти содиротӣ;

– пешбурди сабтҳои стенографӣ бо истифодаи таҷҳизоти компютеронидашуда ё мошинҳои стенографӣ;

– рамзхонии иттилооти стенографии дар шакли стенограммаҳо (кӯтоҳ) ё дар асбобҳои сабти овоз сабтшуда, тасҳеҳ ва ислоҳи нусхаҳо;

– навишти мошинии матнҳои шифоҳӣ, инчунин, барномаҳои телевизионӣ.

1165. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 4131 | Коркардкунандаҳо ва ҳуруфчинҳои матнҳо |
| 4132 | Хизматчиён оид ба ворид намудани маълумот |

## § 2. 4131. Коркардкунандаҳо ва ҳуруфчинҳои матнҳо

1166. Коркардкунандаҳо ва ҳуруфчинҳои матнҳо маводи матниро бо кумаки мошинҳои чопӣ, компютерҳои фардӣ ё дигар протсессорҳои матнӣ чоп, таҳрир ва нашр мекунанд, инчунин зери дикта чоп мекунанд ё сабтҳои стенографӣ менамоянд.

1167. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– чопкунии маводи сиёҳнависи бо даст нависташуда, ислоҳи нусхаҳо, чопкунӣ зери дикта чопкардашуда ё нашри стенограммаҳо бо кумаки компютер, протсессорҳои матнӣ ё машини чопкунӣ;

– назорати корҳои иҷрокардашуда аз нуқтаи назари риояи қоидаҳои орфографӣ, грамматикӣ, аломатҳои китобатӣ ва андозабандӣ;

– ҷамъоварӣ ва батартибдарории маводи ҳуруфчиншуда бо риояи дастурамалҳо;

– воридкунӣ ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои тайёр дар диски сахти компютер ё диски ҷудошаванда, дастгирии системаи нигоҳдории компютерӣ, гирифтан ва навкунонии ҳуҷҷатҳо;

– чопкунӣ зери дикта ва стенографикунонӣ;

– рамзкушоии иттилоотӣ дар шакли стенограммаҳо ё дар асбобҳои сабти овоз сабтшуда.

1168. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб :

– ҳуруфчини матнҳо;

– коркардкунандаи матнҳо;

– оператори телефаксҳо.

1169. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб: стенографист–4120.

## § 3. 4132. Хизматчиён оид ба ворид намудани маълумот

1170. Хизматчиён оид ба ворид намудани маълумот вориднамоии маълумоти рамзгузоришуда, молиявӣ ва дигар маълумоти рақамии омориро дар таҷҳизоти электронӣ, махзани маълумоти компютерӣ, ҷадвалҳои электронӣ ё дигар маҳзанҳои маълумот бо кумаки калидлавҳа, мушак ё сканери оптикӣ, таъминоти барномавии шинохти нутқ ва дигар воситаҳои воридкунандаи маълумот, амалӣ мекунанд. Онҳо маълумотро

дар дастгоҳҳои механикӣ ва электронӣ барои иҷрои ҳисобҳои риёзӣ ворид менамоянд.

1171. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– қабул ва бақайдгирии ҳисобномаҳо, шаклҳо, ҳисобот ва дигар ҳуҷҷатҳо барои ҷамъоварии маълумот;

– ворид намудани маълумоти рақамӣ, рамзҳо ва матнҳо аз маводи содиротӣ дар таҷҳизоти дастгоҳи бо компютер якҷояшаванда барои нигаҳдорӣ ва коркарди иттилоот;

– санҷиши дурустӣ ва пуррагии маълумот, воридкунииислоҳот дар маълумоти воридшуда дар ҳолати зарурӣ;

– кор дар мошинҳои амалиёти муҳосибӣ ва ҳисоббарорӣ;

– табодули маълумот байни системаҳои гуногуни нигаҳдории махзани маълумот ва таъминоти барномавӣ.

1172. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– операторон оид ба ворид кардани маълумот;

– хизматчӣ оид ба ворид кардани маълумот;

– хизматчӣ оид ба ворид кардани маълумот дар бораи музди меҳнат.

## 91. ЗЕРГУРӮҲИ 42. ХИЗМАТЧИЁНИ СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ БА АҲОЛӢ

1173. Хизматчиёни соҳаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ барои амалӣ кардани амалиёти пулӣ, сафарҳо ва саёҳатҳо, дархостҳо дар бораи пешниҳоди иттилоот, муайян кардани вохӯриҳо, хизматрасонии коммутаторҳои телефонӣ, гузаронидани мусоҳибаҳо барои муоина ё пур кардани дархостҳоро барои муайян намудани ҳуқуқ ба хизматрасониҳо бо мизоҷон сару кор доранд. Аксари машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур, сатҳи дуюми тахассусиро талаб мекунанд.

1174. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур, одатан иборатанд:

– ба роҳ мондани амалиёти пулӣ дар бонкҳо, шуъбаҳои почта, муассисаҳои қиморбозӣ ва ҳангоми шартбандӣ ё барасимиятдарории сафарҳо ва саёҳатҳо;

– пешниҳод намудани маълумот бо дархости мизоҷон ва ҳангоми ташкили вохӯриҳо;

– хизматрасонии коммутаторҳои телефонӣ;

– вохӯрӣ ва қабули мизоҷон;

– пурсиши респондентҳо, пурсидани довталабон барои хизматрасонӣ.

1175. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 421 | Хазинадорҳо ва кормандони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 422 | Кормандон оид ба хизматрасонӣ ва иттилоотонии мизоҷон |

## 92. ГУРӮҲИ ХУРДИ 421.

### § 1. Хазинадорҳо ва кормандони машғулиятҳои ҳаммонанд

1176. Хазинадорҳо ва кормандони машғулиятҳои ҳаммонанд амалиёти пулиро дар муассисаҳои расонандаи хизматрасонии бонкӣ ва почтавии диҳандаҳои қарзҳои пулӣ таҳти гарав ва амаликунандаи ҷамъоварии қарзҳо иҷро мекунанд.

1177. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– кор бо мизоҷони бонк ва шуъбаҳои почта бо сабаби амалиёти пулӣ ё хизматрасониҳои алоқаи почта;

– додани қарзҳо таҳти гарави амонатҳои молӣ ё дигар қоғазҳои қимматнок;

– ҷамъоварии қарзҳо ва дигар пардохтҳо.

1178. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 4211 | Хазинадорҳои бонкҳо ва кормандони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 4213 | Кормандони гаравхона ва дигар агентҳо оид ба гарави ашёҳо |
| 4214 | Коллекторҳо ва кормандони машғулиятҳои ҳаммонанд оид ба ҷамъоварии қарзҳо ва пардохтҳо |

## § 2. 4211. Хазиндорҳои бонкҳо ва кормандони машғулиятҳои ҳаммонанд

1179. Хазинадорҳо ва кормандони машғулиятҳои ҳаммонанд бо мизоҷони бонкҳо ё шуъбаҳои бонкӣ бо сабаби гирифтан, иваз намудан ва пардохти воситаҳои пулӣ ё пешниҳод намудани хизматрасониҳои почтавӣ мустақиман кор мекунанд.

1180. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– хизматрасонӣ ба мизоҷон алоқаманд ба барасмиятдарории амонатҳои пулӣ ва гирифтани пулҳо, расидҳо, интиқоли пулӣ, суратҳисобҳо, пардохтҳо бо кортҳои қарзӣ, интиқолҳои пулӣ, зоминӣ ва дигар амалиёти пулӣ;

– барасмиятдарории дохилшавии воситаҳои пулӣ ва гирифтани онҳо аз суратҳисобҳои мизоҷон;

– пардохти ҳисобномаҳо ва амаликунии интиқолҳои пулӣ бо супориши мизоҷон;

– қабули почта, фурӯши маркаҳои почтавӣ ва гузаронидани дигар амалиёти ҳисобикунӣ дар шуъбаҳои почта, ба монанди, пардохти ҳисобномаҳо, интиқолҳои пулӣ ва амалиёти ҳаммонанд;

– интиқоли маблағи пулӣ аз як асъор ба дигар тибқи талаботи мизоҷон;

– бақайдгирии ҳама додугирифт ва мувофиқанамоӣ бо боқимондаи воситаҳои пулӣ.

1181. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– хазинадори бонкӣ;

– хазинадори асъор дар бонк;

– оператори хазинаи мубодила;
– хизматчии почта, барасмиятдарории амалиёти пулӣ.

1182. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– назоратчӣ–хазинадор – 5230.

### § 3. 4213. Кормандони гаравхона ва дигар агентҳо оид ба гарави ашёҳо

1183. Кормандони гаравхона ва дигар агентҳо оид ба гарави ашёҳо додани қарзи пулиро зери гарави амонатҳои молӣ ё дигар моликияти шахсӣ, инчунин, дигар таъминот амалӣ мекунанд.

1184. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– арзёбии молҳои ба сифати гаравмондашуда, ҳисобиҳои фоизҳо ва муайянкунии андозаи қарзҳо;

– бозгардонии молҳо дар ҳолати баргардонидани қарзҳо ё фурӯши маҳсулот дар ҳолати пардохт накардан;

– додани қарзҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ зери гарави ҳосили минбаъда гирифташуда ва дигар корхонаҳои ҳаммонанд;

– гирифтани қарзи бозгардонидашудаи зери гарави ҳосили минбаъда гирифташуда ва дигар корхонаҳои ҳаммонанд додашуда;

– пешбурди бақайдгирии мол ва маблағҳои пулии зери гарав қабулшудаи додашуда ва баргардонидашуда.

1185. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб :

– молшиноси гаравхона;
– хизматчии гаравхона.

### § 3. 4214. Коллекторҳо ва кормандони машғулиятҳои ҳаммонанд оид ба ҷамъоварии қарзҳо ва пардохтҳо

1186. Коллекторҳо ва кормандони машғулиятҳои ҳаммонанд оид ба ҷамъоварии қарзҳо ва пардохтҳо пардохтҳоро аз рӯйи ҳисобиҳои мухлаташон гузашта ва расидҳои қалбакӣ ва ҳамчунин, пардохтҳои хайриявӣ ҷамъоварӣ менамоянд.

1187. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– пайгирӣ ва ҷустуҷӯӣ қарздорон;

– иттилоотонии мизоҷон тариқи телефон, шахсан ё хаттӣ оид ба зарурати пардохтҳо ё ба даст овардани бамувофиқарасӣ дар бораи пардохтҳои мухлаташон дарозкардашуда;

– омоданамоии маълумот дар бораи маблағҳои гирифташуда ва пешбурди сабтҳо ва файлҳои бо ҷамъоварии пардохтҳо алоқаманд;

– омоданамоии тавсияҳо оид ба амалҳои ҳуқуқӣ ё қатъ кардани хизматрасониҳо дар ҳолатҳое, ки агар пардохт гирифта шуда набошад;

– муроҷиат кардан бо хоҳишҳо ва ҷамъоварии пардохтҳои хайриявӣ.

1188. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– коллектор оид ба ситондани қарзҳо;
– коллектор оид ба суратҳисобҳо ва векселҳо.

## 93. ГУРӮҲИ ХУРДИ 422.

### § 1. Кормандон оид ба хизматрасонӣ ва иттилоотонии мизоҷон

1189. Кормандон оид ба хизматрасонӣ ва иттилоотонии мизоҷон шахсан тариқи телефон ё бо кумаки воситаҳои электронӣ, ба монанди почтаи электронӣ бо сабаби ташкили сафарҳо ва саёҳат, тавсифи маҳсулот ё хизматрасониҳо, бақайдгирӣ ва пешвози меҳмонон, ташрифоварандагон, ташкили вохӯриҳои расмӣ, пайвасткунии зангҳои телефонӣ, ҷамъоварии маълумот аз респондентҳо ё довталабон барои хизматрасониҳо иттилоотро пешниҳод ё қабул мекунанд.

1190. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– коркарди хатсайрҳои саёҳат, бандкунии чиптаҳо ва меҳмонхонаҳо барои мизоҷон;

– вохӯрӣ ва қабули мизоҷон ва ташрифоварандагон;

– бақайдгирии ҷойгиркунонии меҳмонон, пешниҳод намудани маълумот дар бораи молҳо, хизматрасониҳо ва сиёсати ташкилот;

– ташкили вохӯриҳои расмӣ;

– хизматрасонии коммутарори телефонӣ;

– пурсиши респондентҳо ва довталабон барои имтиёзҳо

1191. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 4221 | Агентҳои сайёҳӣ ва хизматчиёни машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 4222 | Хизматчиёни марказҳои иттилоотии тамосӣ (кол-марказҳо) |
| 4223 | Телефончиҳо |
| 4224 | Хизматчиёни пешвозгиранда ва бақайдгирандаи мизоҷон дар меҳмонхонаҳо (меҳмонсароҳо) |
| 4229 | Хизматчиён оид ба иттилоотонии мизоҷони ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

### § 2. 4221. Агентҳои сайёҳӣ ва хизматчиёни машғулиятҳои ҳаммонанд

1192. Агентҳои сайёҳӣ ва хизматчиёни машғулиятҳои ҳаммонанд оид ба самтҳои сайёҳӣ маълумот пешниҳод менамоянд, хатсайрҳои саёҳатро таҳия мекунанд, бандкунии чипта ва истиқоматро дар меҳмонхонаҳо ба расмият медароранд, мусофиронро ҳангоми рафтан ва омадан ба қайд мегиранд.

1193. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– гирифтани иттилоот дар бораи мавҷуд будан, арзиш ва бароҳатиии намудҳои гуногуни нақлиёт ва ҷойгиршавӣ дар меҳмонхонаҳо, муайян кардани талаботи мизоҷон ва ба онҳо пешниҳод намудани машваратҳо оид ба ташкили сафарҳо ва саёҳат;

– пешниҳоди маълумот дар бораи ёдгориҳои таърихии маҳаллӣ ва минтақавӣ, сайрҳо, тарабхонаҳо, муассисаҳои бадеӣ ва фароғатӣ, инчунин, пешниҳоди харитаҳо ва брошураҳои иттилоотӣ;

– таҳияи хатсайрҳои саёҳат;

– ба роҳ мондан ва тасдиқи бандкунӣ барои сафарҳо, сайрҳо ва истиқомат;

– додани чиптаҳо, талонҳои нишаст ва расидҳо;

– расонидани кумак ба мизоҷон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои зарурии сафарӣ, аз ҷумла, раводидҳо;

– санҷиши ҳуҷҷатҳои сафарӣ ва бақайдгирии мусофирон ва бағоҷ ҳангоми рафтан ва омадан;

– омода кардани ҳисобиҳо ва гирифтани пардохтҳо.

1194. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– агенти тафтиш;

– агенти сайёҳӣ;

– оператор оид ба бандкунии чиптаҳо (ҳавоӣ, роҳи оҳан ва дигар намуди мусофиркаш);

– хизматчӣ оид ба додани чиптаҳо (ҳангоми саёҳат);

– хизматчӣ оид ба иттилооти сайёҳӣ.

1195. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– роҳбаладИ сайёҳӣ–5113;

– хазинадор оид ба додани чиптаҳо (чорабиниҳои фароғатӣ ва варзишӣ)–5230;

§ 3. 4222. Хизматчиёни марказҳои иттилоотии тамосӣ (кол-марказҳо)

1196.Хизматчиёни марказҳои иттилоотии тамосӣ (кол–марказҳо) ба мизоҷон машваратҳо ва иттилоот медиҳанд, ба дархостҳои ба ширкат ё маҳсулоти истеҳсолшаванда, хизматрасониҳо ё сиёсат, инчунин, иқдомҳои молиявӣ бо истифодаи телефон ё васоити электронии ахбори омма, ба монанди, почтаи электронӣ посуххо медиҳанд. Онҳо дар биноҳое ки метавонанд аз мизоҷон дур бошанд, ё дигар ташкилотҳо ва ширкатҳое, ки дар бораи онҳо иттилоот дода мешавад, ҷойгир мешаванд.

1197. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– қабули зангҳои воридотӣ ва паёмҳо аз мизоҷон оид ба посуххо ба дархостҳо, коркарди даъватҳо барои пешниҳоди хизматрасониҳо ё қабули арзу шикоятҳо дахлдор;

– муайянкунии талабот ва ворид намудани иттилоот дар системаи компютерӣ;

– банизомгардонии масъалаҳо ба дигар сохторҳо дар ҳолатҳои зарурӣ;

– муайян кардани андоза ё ба роҳ мондани пардохтҳои зарурӣ;

– ирсоли мактубҳо, бюллетенҳои иттилоотӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ба мизоҷон;

– машваратдиҳӣ ба мизоҷон оид ба масъалаҳои маҳсулот ва хизматрасониҳои иловагӣ.

1198. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

- хизматчии иттилоотии маркази тамосӣ;

- оператори маркази иттилоотӣ (колл–марказ).

1199. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– оператори телефон–4223;

– фурӯшандаи мағозаи телефонҳо–5249.

Эзоҳ: Он кормандоне, ки ба дархостҳо оид ба пешниҳоди иттилоот ҷавоб медиҳанд ва/ё амалиёти дастиро оид ба доду гирифт иҷро мекунанд, дар гурӯҳи ибтидоии 4222 Хизматчиёни марказҳои иттилоотии тамосӣ (колл–марказҳо) ба ҳисоб гирифта мешаванд. Онҳое, ки хизматрасониҳои махсус мерасонанд, ба монанди, ба сифати мушовир ба макон рафтан, ба гурӯҳҳои махсусгардонидашудаи мувофиқ, новобаста аз он ки, онҳо дар марказҳои тамосӣ бо мизоҷон кор мекунанд ё не, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

## § 4. 4223. Телефончиҳо

1200. Телефончиҳо алоқаи телефониро бо кумаки коммутаторҳо ва лавҳаҳои алоқа амалӣ мекунанд, зангҳои телефонӣ ва паёмҳоро оид ба масъалаҳои хизматрасонӣ қабул мекунанд, инчунин, паёмҳоро ба ҳамкорон ё мизоҷон ирсол менамоянд ва ба қайд мегиранд.

1201. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– хизматрасонии сипарҳои тақсимкунанда ва лавҳаҳои алоқа барои насб, нигоҳдорӣ, интиқол ва ҷудокунии зангҳои телефонӣ;

– насбии алоқа барои зангҳои содиротӣ;

– тақсими зангҳои телефонӣ ва қайди паёмҳо;

– ба дигар суроғаҳо равона намудани паёмҳо ба ҳамкорон ва мизоҷон;

– таҳқиқи масъалаҳои системаҳои амалиётӣ ва иттилоотии хадамоти таъмирӣ.

1202.Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– оператор– телефончӣ;

– оператори коммутатори телефонӣ;

– оператори алоқаи маркази тамосӣ.

## § 5. 4224. Хизматчиёни пешвозгиранда ва бақайдгирандаи мизоҷон дар меҳмонхонаҳо

1203. Хизматчиёни пешвозгиранда ва бақайдгирандаи мизоҷон дар меҳмонхонаҳо қабул ва бақайдгирии меҳмононро дар меҳмонхонаҳо ва дигар муассисаҳои пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои ҷойгиркунонӣ амалӣ менамоянд. Онҳо ҷудо намудани ҳуҷраҳо, додани калидҳоро амалӣ намуда, оид ба хизматрасониҳои меҳмонхонавӣ иттилоот медиҳанд, ҳуҷраҳоро банд мекунанд, ҳучраҳои барои истиқомат омодашударо баҳисобгирӣ мекунанд, пеш мебаранд, мизоҷонро оид ба қоидаҳои будубош иттилоот медиҳанд ва барои истиқомат пардохт қабул мекунанд.

1204. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– гузаронидани барӯйхатгирии ҳуҷраҳои барои ҷойгиркунонӣ омода, бандкунӣ ва вобасткунии ҳуҷраҳо;

– бақайдгирии меҳмонони ташрифоварда, таъмини ҳуҷраҳо;

– санҷиши пардохтпазирии мизоҷон ва додани калидҳои ҳучраҳо;

– пешниҳоди иттилоот дар бораи хизматрасониҳои меҳмонхонавӣ ва дигар хизматрасониҳои дастрас;

– пешниҳоди иттилоот дар бораи мавҷуд будани ҳучраҳои холӣ ва бандкунии ҳуҷраҳо;

– қаноатбахш намудани дархостҳои меҳмонон вобаста ба хизматрасониҳои хоҷагидорӣ ва техникӣ ва ҳамчунин, арзу шикоятҳои воридгардида;

– ҳалли мушкилиҳои хизматрасониҳои хоҷагидорӣ ва техникӣ ҳангоми дар мизоҷон ба вуҷуд омадани онҳо;

– тартибдиҳӣ ва санҷиши сабтҳои баҳисобгирии меҳмонхонавӣ бо истифода бурдани системаҳои компютерӣ ё тариқи дастӣ;

– гирифтан ва интиқол намудани паёмҳо шахсан, бо кумаки телефон ё коммутатори телефонӣ;

– таҳлили иттилоот оид ба рафтани меҳмонон ва қабули пардохтҳо.

1205. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– маъмури меҳмонхона;

– дарбон дар меҳмонхона.

## § 6. 4229. Хизматчиён оид ба иттилоотонии мизоҷони ба дигар гурӯҳҳо шомилнагардида

1206. Ин гурӯҳи ибтидоӣ дар худ хизматчиёнро оид ба иттилоотонии мизоҷони дар дигар гурӯҳҳои гурӯҳи хурди 422 Кормандон оид ба хизматрасонӣ ва иттилоотонии мизоҷон дохил намешаванд, дохил менамояд. Масалан, он дар худ кормандонеро, ки аз мизоҷон иттилооти заруриро барои муайян кардани ҳуқуқ барои гирифтани хизматрасониҳо қабул ва коркард мекунанд, дохил менамояд.

1207. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– пурсиши мизоҷон барои гирифтан ва коркарди маълумоти ба пешниҳоди хизматрасониҳои беморӣ алоқаманд;

– пурсиши довталабон оид ба кумаки давлатӣ барои ҷамъоварии маълумоти алоқаманд ба фарогирии онҳо бо ин намуди хизматрасониҳо;

– санҷиши дурустии иттилооти пешниҳодшаванда;

– ташаббуси амалиёти пешниҳод, тағйирдиҳӣ, радкунӣ ё қатъ кардани кумак;

– пешниҳоди иттилоот ва ҷавобҳо ба саволҳои дахлдор ба имтиёзҳо ва даъвоҳо оид ба тартиби пешниҳоди кумак;

– фиристодани беморон ё дархостткунандагон ба дигар муассисаҳо, агар онҳо ҳуқуқ ба гирифтани хизматрасониҳоро надошта бошанд.

1208. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мусоҳибагир оид ба муқарраркунии ҳуқуқ ба имтиёзҳо ва хизматрасониҳо;

– хизматчӣ оид ба ташкили бистарикунонӣ;

– хизматчӣ оид ба муқарраркунии ҳуқуқ ба имтиёзҳо ва хизматрасониҳо.

## 94. ЗЕРГУРӮҲИ 43. ХИЗМАТЧИЁН ДАР СОҲАИ КОРКАРДИ ИТТИЛООТИ РАҚАМӢ ВА БАҚАЙДГИРИИ МАВОДИ АРЗИШНОК

1209. Хизматчиён дар соҳаи коркарди иттилооти рақамӣ ва бақайдгирии маводи арзишнок коркарди иттилооти рақамӣ ва бақайдгирии масолеҳи арзишнок ҳисобгирии муҳосибӣ, коркарди муҳосибӣ, оморӣ, молиявӣ ва дигар маълумоти рақамиро қабул, ҷамъоварӣ ва ҳисобгирӣ менамоянд, инчунин, ба худ масъулиятро барои амалиёти хазинавии барои пешбурди тиҷорат алоқамандро ба зимма мегиранд. Баъзе машғулиятҳое, ки ба зергурӯҳи мазкур дохил мешаванд, ба пешбурди баҳисобгирии молу масолеҳи истеҳсолшуда, харидшуда, амборкунонида ва боршудаи барои сабти санаи сикли истеҳсолӣ ё пешбурди баҳисобгирии ҷанбаҳои идоракунӣ ва мувофиқакунии муҳлати мусофиркашонӣ ва интиқоли борҳо заруранд, алоқаманд мебошанд. Аксари машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур сатҳи дуюми тахассусро талаб мекунанд.

1210. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур, одатан иборатанд:

– расонидани кумак дар амаликунии ҳисобгирии муҳосибӣ, пешбурди ҳисобҳои муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботҳо;

– гузаронидани ҳисобҳои хароҷотӣ ба ҳар як воҳиди маҳсулот;

– ҳисобкунии музди меҳнат ва дар баъзе ҳолатҳо, пардохти музди меҳнат, бо ба худ гирифтани масъулият ба амалиёти хазинавии алоқаманд бо тиҷорат;

– қабул, тартиб додан ва ҳисобкунии маълумоти оморӣ ё актуарӣ;

– иҷрои корҳои дафтардории бо амалиёти молиявӣ дар ташкили суғуртавӣ, бонкӣ ё муассисаҳои ҳаммонанд алоқаманд;

– бақайдгирии молҳои истеҳсолгардида, амборкардашуда, бастабандшуда ва боршуда;

– баҳисобгирии маҳсулоти қабулшудаи дар амбор ҷойгиршуда ё додашуда;

– муайян кардани миқдори маҳсулоти истеҳсолшудаи дар муҳлати муайяни вақт зарур ва кумак дар тайёркунӣ ва санҷиши ҷадвали фаъолияти истеҳсолӣ;

– пешбурди бақайдгирии ҷанбаҳои истифодашаванда ва ҳамоҳангсозии муҳлати ҳамлу нақли мусофирон ва борҳо.

1211.Машғулиятҳои гурӯҳи асосии мазкур ба зергурӯҳҳои зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 431 | Хизматчиёни коркардкунандаи маълумоти рақамӣ |
| 432 | Хизматчиёни машғул бо баҳисобгирии масолеҳ ва интиқоли нақлиётӣ |

## 95. ГУРӮҲИ ХУРДИ 431.
### § 1. Хизматчиёни коркардкунандаи маълумоти рақамӣ

1212. Хизматчиёни коркардкунандаи маълумоти рақамӣ ҳисобиҳоро оид ба ҳисобгирии муҳосибӣ, коркарди маълумоти рақамии муҳосибӣ, оморӣ, молиявӣ ва ғайраро қабул, ҷамъоварӣ ва амалӣ мекунанд, инчунин, масъулиятро аз амалиёти хазинавии ба пешбурди тиҷорат алоқамананд, ба дӯши худ мегиранд.

1213. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– расонидани кумак дар амаликунии ҳисобгирии муҳосибӣ, пешбурди ҳисобҳои муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботҳо;

– гузаронидани ҳисобҳои хароҷотӣ ба ҳар як воҳиди маҳсулот;

– ҳисобкунии музди меҳнат ва дар баъзе ҳолатҳо, пардохти музди меҳнат, бо ба худ гирифтани масъулият ба амалиёти хазинавии алоқаманд бо тиҷорат;

– қабул, тартиб додан ва ҳисобкунии маълумоти оморӣ ё актуарӣ;

– иҷрои корҳои дафтардории бо амалиёти молиявӣ дар ташкили суғуртавӣ, бонкӣ ё муассисаҳои ҳаммонанд алоқаманд;

1214. Машғулиятҳои гурӯҳи хурд ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 4311 | Хизматчиён оид ба амалиёти муҳосибӣ ва бақайдгирӣ |
| 4312 | Хизматчиён оид ба коркарди маълумоти оморӣ, молиявӣ ва суғуртавӣ ва пешбурдани ҳисобгирӣ |
| 4313 | Хизматчиён оид ба бақайдгирии вақти корӣ ва ҳисобкунии музди меҳнат |
| 4314 | Хизматчиён оид ба коркарди маълумоти оморӣ ва таҳқиқоти бозоршиносӣ (маркетингӣ) |
| 4315 | Хизматчиён оид ба амалиёти компютерӣ |

### § 2. 4311. Хизматчиён оид ба амалиёти муҳосибӣ ва бақайдгирӣ

1215. Хизматчиён оид ба амалиёти муҳосибӣ ва бақайдгирӣ ҳисоббарориро мегузаронанд, таснифот ва сабьти маълумоти рақамиро оид ба пешбурди ҳуҷҷатгузории молиявӣ ба роҳ мемонанд, инчунин ҷамъоварӣ, санҷиш ва коркарди маълумотро барои ҳисобкунии музди меҳнат ва дигар пардохтҳоро тибқи дастурамалҳо дар бораи пардохтҳо ва ҳавасмандгардонии меҳнат, дигар ҳуҷҷатҳои батанзимдорорандаи муносибатҳои иҷтимоӣ–меҳнатиро роҳандозӣ менамоянд, андозаи пардохтҳо ва кумакпулиҳои кормандони шуъбаҳо, ширкатҳо ё дигар ташкилотҳоро бо назардошти мақоми онҳо ҳисобӣ мекунанд. Онҳо ҳар намуди ҳисобкуниҳои тартибҳои муайяншуда, гузаронидан ва ҷойгиркунонии нишондиҳандаҳо ва уҳдадориҳои гирифтани маълумоти ибтидоии молиявӣ барои истифода намудани онҳо ҷиҳати пешбурди ҳисобгирии муҳосибӣ иҷро менамоянд.

1216. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– санҷиши рақамҳо, бақайдгирии онҳо ва санҷиши ҳуҷҷатҳо барои дуруст воридкунӣ, таъмини дақиқияти риёзӣ ва рамзхонии мувофиқ;

– кор дар компютер бо таъминоти барномавии муҳосибӣ барои сабт, нигаҳдорӣ ва таҳлили маълумот;

– таснифот, бақайдгирӣ ва ҷамъбасткунии маълумоти шуморӣ ва молиявӣ барои тартиб додан ва пешбурди ҳуҷҷатҳои молиявӣ бо истифода аз маҷаллаҳо, китобҳо ва компютерҳо;

– гузаронидани ҳисобиҳо, омоданамоӣ ва додани векселҳо, ҳисобномаҳо, нусхаҳо аз суратҳисобҳо ва дигар ҳисоботҳои молиявӣ тибқи тартибҳои муқарраргардида;

– пешбурди бақайдгирии вақти кории кормандон, рухсатиҳо ва корҳои аз муҳлати муқарраргардида зиёд барои ҳисобкунии музди меҳнат ва кумакпулиҳо, бо истифодаи ҳисобкуниҳои дастӣ ва системаҳои компютерӣ;

– омоданамоӣ ва санҷиши дастурамалҳои пардохти музди меҳнати умумии кормандон ва ҳисобкуниҳо, ба монанди пардохти андоз, ҳаққи аъзогии иттифоқи касаба, нафақаҳои суғуртавӣ;

– омоданамоии пардохтҳо ба кормандон ва кумакпулиҳо тавассути расидҳо ё интиқоли электронӣ;

– баррасии табелҳои қайди вақти кории кормандон, ҷадвалҳои корӣ, ҳисобии музди меҳнат ва дигар маълумот ошкор кардан ва бартараф намудани хатогиҳо дар муайян кардани андозаи музди меҳнат;

– санҷиши вақти корӣ, миқдори соатҳои корҳои анҷомдодашуда ва пардохти фарқиятҳо, ворид намудани маълумотиислоҳкунанда ба ҳуҷҷатгузории муносиб;

– тартиб додани ҳисоботи оморӣ, молиявӣ, муҳосибӣ ва аудиторӣ ва ҷадвалҳои ба масъалаҳои, ба монанди, маблағҳои воридгардида, хароҷот, қарздории дебиторӣ ва кредитӣ, инчунин, даромаднокӣ ва зарар дахлдор.

1217. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– хизматчии муҳосиб оид ба бақайдгирии ибтидоӣ;

– ёрдамчӣ оид ба аудит;

– хизматчӣ оид ба суратҳисобҳо барои пардохт;
– табелчӣ;
– ҳисобчӣ.

1218. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:
– муҳосиби ҳисоббарор –3313.

### § 3. 4312. Хизматчиён оид ба коркарди маълумоти оморӣ, молиявӣ ва суғуртавӣ ва пешбурди ҳисобикунӣ

1219. Хизматчиён оид ба коркарди маълумоти оморӣ, молиявӣ ва суғуртавӣ ва пешбурди ҳисобикунӣ маълумоти оморӣ ё актуариро қабул, ҷамъоварӣ ва ҳисоб менамоянд ё вазифаҳои дафтардории алоқаманд бо фаъолияти муассисаҳои суғуртавӣ, бонкӣ ва дигар ташкилотҳои молиявиро иҷро мекунанд.

1220. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– коркарди рӯйхатҳои суғуртавӣ, пешбурди маълумот дар бораи бекор кардан ва тасдиқи додугирифтҳо, тағйирот дар сиёсат ва пардохтҳо;

– қабул ва ҷамъбаст намудани маълумоти оморӣ ё актуарсӣ дар асоси сарчашмаҳои маълумотии доимӣ ё махсус;

– ҳисобикунии маблағ, дараҷаҳои миёна, фоизҳо ва дигар нишондиҳандаҳо, нишон додани онҳо дар шакли ҷадвалҳои талабшуда;

– омоданамоии ҳуҷҷатҳои молиявӣ, инчунин, ҳисобикунии фоизҳо, боҷҳои брокерӣ ва қарздориҳо аз андоз ва маблағҳо;

– пешбурди баҳисобгирии облигатсияҳо, саҳмияҳо ва дигар қоғазҳои қимматноки харидоришуда ё фурӯхташуда тибқи супориши мизоҷон ва корфармоён.

1221. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– хизматчии брокерӣ;
– хизматчӣ оид ба ҳисобикуниҳои актуарӣ;
– хизматчӣ оид ба суғуртакунонӣ;
– хизматчӣ оид ба қоғазҳои қимматнок;
– хизматчии молиявӣ.

1222. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанд ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:
– брокер оид ба фурӯши қоғазҳои қимматнок–3311;
– муҳосиби ҳисобикунӣ–3313;
– брокери савдо–3324;
– хизматчии муҳосибӣ–4311;
– хизматчӣ оид ба баҳисобгирӣ–4311.

### § 4. 4313 .Хизматчиён оид ба бақайдгирии вақти корӣ ва ҳисобикунии музди меҳнат

1223. Хизматчиён оид ба бақайдгирии вақти корӣ ва ҳисобикунии музди меҳнат ҷамъоварӣ, санҷиш ва коркарди маълумотро дар бораи ҳисобикунии музди меҳнат ва дигар пардохтҳо тибқи дастурамалҳои пардохтҳо ва ҳавасмандгардонии меҳнат, дигар ҳуҷҷатгузориҳои батанзимдарорандаи муносибатҳои иҷтимоӣ–меҳнатиро роҳандозӣ менамоянд, андозаи пардохтҳо ва кумакпулиҳои кормандони шуъбаҳо, ширкатҳо ё дигар ташкилотҳоро бо назардошти мақоми онҳо ҳисобӣ мекунанд.

1224. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– пешбурди бақайдгирии вақти кории кормандон, рухсатиҳо ва корҳои аз муҳлати муқарраргардида зиёд барои ҳисобикунии музди меҳнат ва кумакпулиҳо, бо истифодаи ҳисобкуниҳои дастӣ ва системаҳои компютерӣ;

– омоданамоӣ ва санҷиши дастурамалҳои пардохти музди меҳнати умумии кормандон ва ҳисобикуниҳо, ба монанди пардохти андоз, ҳаққи аъзогии иттифоқи касаба, нафақаҳои суғуртавӣ;

– омоданамоии пардохтҳо ба кормандон ва кумакпулиҳо тавассути расидҳо ё интиқоли электронӣ;

– баррасии табелҳои қайди вақти кории кормандон, ҷадвалҳои корӣ, ҳисобикунии музди меҳнат ва дигар маълумот ошкор кардан ва бартараф намудани хатогиҳо дар муайян кардани андозаи музди меҳнат;

– санҷиши вақти корӣ, миқдори соатҳои корҳои анҷомдодашуда ва пардохти фарқиятҳо, ворид намудани маълумоти ислоҳкунанда ба ҳуҷҷатгузории муносиб;

1225. Намунаи машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– хизматчӣ оид ба ҳисобикунии музди меҳнат;
– табелчӣ.

1226. Намунаҳои машғулияти ба ин гурӯҳи ибтидоӣ мансуб ҳастанд:

– муҳосиби ҳисобикунӣ–3313;
– ёрдамчӣ оид ба пешбурди ҳисобгирии муҳосибӣ–3313;
– хизматчии муҳосибӣ–4311;
– хизматчӣ оид ба баҳисобгирӣ–4311.

### § 5. 4314. Хизматчиён оид ба коркарди маълумоти оморӣ ва таҳқиқоти бозоршиносӣ (маркетингӣ)

1227. Хизматчиён оид ба коркарди маълумоти оморӣ ва таҳқиқоти бозоршиносӣ (маркетингӣ) маълумоти оморӣ ё актуариро қабул, ҷамъоварӣ ва ҳисоб менамоянд. Ба усулҳои гирифтани маълумот мусоҳиб шудан бо одамон ва сабти ҷавобҳои онҳо ба саволҳо дар доираи гузаронидани таҳқиқоти маркетингӣ дохил мешаванд.

1228. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– муоширатъ бо шахсони мусоҳибашаванда тариқи телефон ё шахсан ва фаҳмонида додани мақсади мусоҳиба;

– додани саволҳо дар асоси пурсишномаҳо ва пурсишҳо;

– навиштани ҷавобҳо дар қоғаз ё ворид намудани ҷавобҳо бевосита дар махзани маълумот тариқи системаҳои мусоҳибавӣ бо истифода бурдани компютер;

– муайян ва бартарафкунии номутобиқатӣ дар ҷавобҳо;

– ҳамкорӣ бо сарпарастони таҳқиқот нисбати мушкилот дар қабули маълумоти боэътимод;

– қабул ва ҷамъбасти маълумоти оморӣ ва актуарӣ дар асоси сарчашмаҳои маълумоти мунтазам ё махсус.

1229. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мусоҳибакунанда дар таҳқиқоти саҳроӣ;

– мусоҳибакунанда оид ба гузаронидани пурсишҳо;

– рамзгузор;

– хизматчӣ оид ба коркарди маълумоти оморӣ.

1230. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанд ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– оморчӣ–2122;

– таҳлилгар–бозоршинос–2431.

## § 6. 4315. Хизматчиён оид ба амалиёти компютерӣ

1231. Хизматчиён оид ба амалиёти компютерӣ ҷадвали равандҳои истеҳсолиро омода менамоянд ва амалиёти компютериро ба қайд мегиранд.

1232. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– омодакунии ҳаррӯзаи ҷадвали равандҳои истеҳсолӣ барои амалиёти компютерӣ;

– омоданамоии алгоритмҳои иҷрои супоришҳо, аз он ҷумла, файлҳои барои ворид намудан ба компютер зарур.

1233. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

нақшакаш (оид ба амалиёти компютерӣ);

хизматчӣ оид ба назорати коркарди маълумот.

1234. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– оператор оид ба воридкунӣ, санҷиш ва коркарди маълумот–4132;

– хизматчӣ оид ба воридкунии маълумот–4132.

## 96. ГУРӮҲИ ХУРДИ 432.
### § 1. Хизматчиёни машғул бо баҳисобгирии масолеҳ ва ҳамлу нақли нақлиётӣ

1235. Хизматчиёни машғул бо баҳисобгирии маҳсулот ва ҳамлу нақли нақлиётӣ маҳсулоти истеҳсолгардида, харидоришуда, анборкардашуда, боршуда, инчунин, масолеҳи зарурӣ барои истеҳсолро тибқи нақшаҳо баҳисобгирӣ менамоянд ё баҳисобгирии хизматрасониҳои нақлиётиро пеш

мебаранд, муҳлати ҳамлу нақли мусофиркашонӣ ва борҳоро мувофиқа менамоянд.

1236. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– амаликунии баҳисобгирии моли истеҳсолгардида, фиристодашуда ба амборҳо, бастабандшуда ва боршуда;

– баҳисобгирии маҳсулоти қабулшудаи ба амборҳо роҳикардашуда ё додашуда аз анбор;

– муайян кардани миқдори масолеҳи истеҳсолии барои муҳлати муайяни вақт зарур ва кумак дар омоданамоӣ ва санҷиши ҷадвалҳои фаъолияти истеҳсолӣ;

– пешбурди бақайдгирии хизматрасониҳои нақлиётӣ ва ҳамоҳангсозии муҳлатҳои ҳамлу нақли мусофирон ва борҳо.

1237. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 4321 | Хизматчиён дар анбор |
| 4322 | Хизматчиён оид ба баҳисобгирӣ дар истеҳсолот |
| 4323 | Хизматчиён дар нақлиёт |

### § 2. 4321. Хизматчиён дар анбор

1238. Хизматчиён дар анбор масолеҳи истеҳсолшуда ва қабулшударо барои истеҳсолот ба ҳисоб мегиранд, онҳоро бар мекашанд, медиҳанд, бор мекунанд ё ба анбор равон мекунанд.

1239. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ташкил ва назорати қабул ва интиқоли масолеҳ ва пешбурди ҳуҷҷатгузории мувофиқ;

– пешбурди сабти ҳисобгирии анборӣ, санҷиши захираи масолеҳ, арзёбии талабот ва қабули дархостҳо ба миқдорҳои нав барои амборкунонӣ;

– қабул, нигаҳдорӣ ва додани асбобҳо, қисмҳои эҳтиётӣ ё дигар таҷҳизот ва пешбурди баҳисобгирии мувофиқ;

– бар кашидани молҳои қабулшуда, додашуда, истеҳсолшуда ё интиқолдодашуда ва пешбурди сабтҳои мувофиқ;

– гузаронидани барӯйхатгирии ҷиҳозот ва дигар ашёҳои барои нигоҳдорӣ қабулшуда.

1240. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– тарозукаш;
– хизматчӣ оид ба барӯйхатгирӣ;
– ҳисобчӣ оид ба боркунии молҳо (дар анбор);
– ҳисобчӣ дар анбор.

1241. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб: хизматчӣ оид ба қабули фармоишҳо–4322.

### § 3. 4322. Хизматчиён оид ба баҳисобгирӣ дар истеҳсолот

1242. Хизматчиён оид ба баҳисобгирӣ дар истеҳсолот миқдори масолеҳи заруриро ба давраи муайяни вақти истеҳсол, сохтмон ё татбиқи барномаҳои ҳаммонанд ҳисоб мекунанд, инчунин, омодакунӣ ва санҷиши ҷадвалҳои таъмини ашё, масолеҳ, маҷмуъкунандаҳоро тибқи барномаҳои истеҳсолӣ аз таъминкунандаҳои берунӣ ва байни минтақаҳои истеҳсолӣ ба роҳ мемонанд.

1243. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– ҳисобгирии миқдор, сифат ва намудҳои ашёи хом, масолеҳ, маҷмуъкунандаҳои зарурӣ барои иҷрои барномаҳои истеҳсолӣ;

– назорати оперативии иҷрои ҷадвали таъминоти масолеҳи талабшавандаи кафолатдиҳандаи таъминоти онҳо тибқи рафти равандҳои истеҳсолӣ ва пешбурди ҳуҷҷатгузории мувофиқ;

– омодакунӣ ё расонидани кумак дар омоданамоии ҷадвалҳои пурборкунии истеҳсолӣ дар асоси фармоишҳои мизоҷон, таъмини истифодаи пурраи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва маҳсулнокии меҳнат;

– ташхис ва мониторинги вайрониҳои рафти равандҳои истеҳсолӣ;

– баҳисобгирӣ ва ҳамоҳангсозии марҳилаи коркард ва ҳаракати ашёи хом ва масолеҳ байни сохторҳо.

– омоданамоии ҳисобот аз рафти равандҳои истеҳсолӣ.

1244. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– хизматчӣ оид ба баҳисобгирии танзимгарии масолеҳ;
– хизматчӣ оид ба баҳисобгирии танзимгарии истеҳсолот;
– хизматчӣ оид ба ҷадвали таъминот (масолеҳ);
– хизматчӣ оид ба қабули фармоишҳо;
– оператори хадамоти танзимгарӣ.

## § 4. 4323. Хизматчиён дар нақлиёт

1245. Хизматчиён дар нақлиёт батанзимдарории фаъолияти оперативиро дар нақлиёт пеш мебаранд, муҳлатҳои иҷрои ҳамлу нақли мусофирон ва борҳоро тариқи роҳи оҳан, нақлиёт ва ҳавоӣ мувофиқа ва назорат мекунанд. инчунин барои роҳбарият ҳисобот омода мекунанд.

1246. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– пешбурди баҳисобгирии оперативии истеҳсолии истифодабарии воситаҳои нақлиётӣ, ҳамоҳангсозии муҳлатҳои ҳамлу нақли мусофирон ва борҳо;

– идораи хатсайрҳои анъанавии воситаҳои нақлиётӣ дар дохили дохили шуъба ё минтақа, ҳамоҳангсозии ҷойивазкунии онҳо ва пешбурди баҳисобгирии мувофиқ;

– санҷиши дурустии барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ҳангоми бароҳмонии ҳамлу нақли нақлиётӣ;

– ҳамоҳангсозӣ ва баҳисобгирии фаъолияти оперативӣ дар соҳаи ҳамлу нақли нақлиётӣ, масалан, тақсимкунӣ ва банақшагирии ҳаракати

воситаҳои нақлиёт ва кори ронандагон, боркунонӣ ва борфурории воситаҳои нақлиёт ва нигаҳдории борҳо дар роҳҳо;

– ҳамоҳангсозӣ ва баҳисобгирии фаъолият оперативӣ дар соҳаи нақлиёти ҳавоии мусофиркашонӣ ва боркашонӣ, тартиб додани рӯйхати мусофирон ва баённомаи борҳо;

– омоданамоии ҳисобот барои роҳбарият.

1247. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– навбатдори депои қаторaҳои сайёр;

– навбатдор оид ба мушоияти ҳавопаймоҳо.

1248. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– назоратчии боркунонӣ ва борфурории мол–4321.

## 97. ЗЕРГӮҲИ 44. ХИЗМАТЧИЁНИ ДИГАРИ ИДОРАВӢ

1249. Хизматчиёни дигари идоравӣ ба навъҳо ҷудокунӣ ва дастраснамоии почтаро амалӣ мекунанд, файлҳои ҳуҷҷатҳо ва иттилоотро барои коркард, пешбурди баҳисобгирии кадрҳо омода менамоянд, маводро тибқи нусхаи аввалӣ месанҷанд, ба шахсон дар барасмиятдарории ҳуқуқ барои гирифтани хизматрасониҳо ва имтиёзҳо кумак мерасонанд, инчунин дигар уҳдадориҳои техникии гуногуни махсусро иҷро мекунанд. Қисмати зиёди машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур сатҳи дуюми тахассусиро талаб менамоянд.

1250. Ба уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур, одатан дохил мешавад:

– сабти иттилооти барои харидорӣ намудан, додан ва баргардонидани китобҳои китобхонаҳо дахлдор;

– пешбурди баҳисобгирии кадрӣ;

– таснифот ва додани ҳуҷҷатҳои гуногун ва дигар мавод;

– ба навъҳо ҷудокунӣ, баҳисобгирӣ ва дастраснамоии почта аз шуъбаҳои почта ва ҳамчунин, дар дохили муассиса;

– рамзкунонӣ;

– ислоҳи нишондодҳои шоҳидон;

– иҷрои як қатор уҳдадориҳои гуногуни техникӣ;

– барасмиятдарории аризаҳо ва мактубҳо ҳангоми расонидани кумак ба одамон дар барасмиятдарории ҳуқуқ ба хизматрасониҳо ва имтиёзҳо.

1251. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳи хурди зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 441 | Хизматчиёни дигари идоравӣ |

## 98. ГУРӮҲИ ХУРДИ 441.
### § 1. Хизматчиёни дигари идоравӣ

1252. Хизматчиёни дигари идоравӣ ба навъҳо ҷудокунӣ ва дастраснамоии почтаро амалӣ мекунанд, файлҳои ҳуҷҷатҳо ва иттилоотро

барои коркард, пешбурди баҳисобгирии кадрҳо омода менамоянд, маводро тибқи нусхаи аввалӣ месанҷанд, ба шахсон ҳангоми навиштани хат, аризаҳо кумак мерасонанд, аз номи шахсони хондан ва навистан ба забони расмии муқаррааргардида наметавониста шаклҳоро пур мекунанд, барои барасмиятдарории ҳуқуқ барои гирифтани хизматрасониҳо ва имтиёзҳо кумак мерасонанд, инчунин дигар уҳдадориҳои техникии гуногуни махсусро иҷро мекунанд.

1253. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– сабти иттилооти барои харидорӣ намудан, додан ва баргардонидани китобҳои китобхонаҳои дахлдор;

– таснифот ва додани ҳуҷҷатҳои гуногун ва дигар мавод;

– пешбурди баҳисобгирии кадрӣ;

– ба навъҳо ҷудокунӣ, баҳисобгирӣ ва дастраснамоии почта аз шуъбаҳои почта ва ҳамчунин, дар дохили муассиса;

– рамзкунонӣ;

– ислоҳи нишондодҳои шоҳидон;

– иҷрои як қатор уҳдадориҳои гуногуни техникӣ;

– барасмиятдарории аризаҳо ва мактубҳо ҳангоми расонидани кумак ба одамон дар барасмиятдарории ҳуқуқ ба хизматрасониҳо ва имтиёзҳо.

1254. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 4411 | Кормандони китобхонаҳо |
| 4412 | Хаткашонҳо ва ба навъҳо ҷудокунандагони почта |
| 4413 | Рамзгузорҳо, мусаҳҳеҳон ва хизматчиёни дигари ҳаммонанд |
| 4415 | Барӯйхатгирандаҳо ва нусхабардорҳо |
| 4416 | Хизматчиён оид ба пешбурди ҳуҷҷатҳои кадрӣ |
| 4419 | Хизматчиёни идоравии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

## § 2. 4411. Кормандони китобхонаҳо

1255. Кормандони китобхонаҳо маводи китобхонагиро медиҳанд ва қабул мекунанд, китобҳо, аудио ва видеонаворҳо, нашриёҳои давравӣ, брошураҳо, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳоро ба навъҳо ҷудо мекунанд ва дар рафҳо ҷойгир месозанд ва ба истифодабарандагони китобхонаҳо маълумоти умумиро дар бораи онҳо медиҳанд.

1256. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– додан ва қабули китобҳои китобхонагӣ ва дигар мавод, пур кардани кортҳо;

– ҷойгиркунонии китобҳо ва дигар маводи китобхона дар рафҳо, пешбурди феҳрастҳои муттасил ва аз алифбоӣ;

– иҷрои корҳои дафтардорӣ, ба монанди дастӣ ва тариқи электронӣ пур кардани бланкҳо, коркард ва баъзан вақт ҳуруфчинии матнҳо;

– пешбурди журналҳо барои обуна ва барасмиятдарории нашрияҳои воридшуда;

– расонидани кумак ба истифодабарандагони китобхонаҳо дар дастрасӣ ба маводи асосии китобхонаҳо ва таъмини кори муштаригии байникитобхонавӣ;

– пешбурди ҳуҷҷатгузории китобхонагии ба харидорӣ, аз ҳэътибор соқит кардан ва ҳаракати китобҳо ва дигар нашрияҳо алоқаманд.

1257. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб :

– хизматчии китобхона;

– ёрдамчии китобдор.

1258. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣмансуб:

– китобшинос–2622;

– китобдор–2622.

## § 3. 4412. Хаткашонҳо ва ба навъҳо ҷудокунандагони почта

1259. Хаткашонҳо ва ба навъҳо ҷудокунандаи почтаҳо ба навъҳо ҷудокунӣ, баҳисобгирӣ, дастраскунонӣ ва дигар уҳдадориҳои хадамоти почтаро дар шуъбаҳои почта ё муассисаҳои ба онҳо алоқамандро иҷро менамоянд.

1260. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– иҷрои коркарди почта дар шуъбаҳои давлатии почта ё муассисаҳои хусусии дастраскунии почта;

– ба навъҳо ҷудокунӣ ва дастраскунонии почта ба хонаҳои хусусӣ ва ташкилотҳо;

– пешниҳод намудани ҳисоботи тасдиққкунандаи дастраснамоӣ бо дархости мизоҷ;

– ба навъҳо ҷудокунӣ ва нигоҳдории мукотиботи одии воридотӣ ва содиротӣ ва ирсоли почтаи содиротӣ ба муассисаҳои гуногун.

1261. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– нақлкунанда–дастраскунандаи почта;

– хаткашон;

– ба навъҳо ҷудокунандаи почта.

## § 4.4413. Рамзгузорҳо, мусаҳҳеҳон ва хизматчиёни дигари ҳаммонанд

1262. Рамзгузорҳо, мусаҳҳеҳон ва хизматчиёни дигари ҳаммонанд маълумотро рамзгузорӣ мекунанд, тасҳеҳотро месанҷанд ва ислоҳ мекунанд, инчунин, як қатор уҳдадориҳои гуногуни дафтардориро иҷро менамоянд.

1263. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– рамзгузории иттилоот ва таснифоти иттилоот тибқи рамзҳо бо мақсади коркарди минбаъдаи маълумот;

– санҷиши нусхаи чопии матнҳо ва маводи ба онҳо алоқаманд барои нашр омодашуда, муқоиса намудан ба нусхаи асл,ислоҳи хатогиҳо ва нишонагузории матнҳо барои принтер тибқи тартиби муқарраргардида;

– ба хелҳо ҷудокунии шаклҳои чопӣ ва нишонагузории рақамҳои мувофиқатии онҳо;

– ба хелҳо ҷудокунии ҳуҷҷатҳо барои диҳиш ё интихоби саҳифаҳо;

– унвоникунонии дастурҳо, эъломҳои рекламавӣ ва лифофаҳо тариқи дастӣ.

1264. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– хизматчӣ–рамзгузор;

– хизматчӣ–мусаҳҳеҳ.

## § 5. 4415. Барӯйхатгирандаҳо ва нусхабардорҳо

1265. Барӯйхатгирандаҳо ва нусхабардорҳо мукотибот, кортҳо, ҳисобномаҳо, расидҳо ва дигар ҳуҷҷатҳоро бо тартиби алифбо ё рақамӣ ё тибқи системаҳои бақайдгирӣ истифодашаванда ба қайд мегиранд. Онҳо маводро меёбанд, онро дар сурати зарурӣ барои нусхабардорӣ, тасвирбардори (сканеронӣ) ё тариқи факс ирсол намудани ҳуҷҷатҳо аз файл мегиранд

1266. Ба ухдадории онҳо дохил мешавад:

– ба хелҳо ҷудокунонӣ ва таснифоти мавод тибқи дастурҳое, ки мундариҷа, мақсад, меъёри истифодабарӣ ё тартиби пайдарҳамӣ, алифбогӣ ва рақамӣ муқаррар менамоянд;

– ҷойгиркунонии мавод дар қуттиҳо, ҷевонҳо барои нигаҳдории ҳуҷҷатҳо;

– дарёфт ва баровардани мавод аз файлҳо тибқи дархост;

– пешбурди бақайдгирии маводи дар парвандаҳо нигаҳдоришуда ва аз онҳо гирифташуда;

– нусхабардорӣ, тасвирбардорӣ (сканерон) ё ирсоли ҳуҷҷатҳо тариқи факс.

1267. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– хизматчӣ–нусхабардор;

– хизматчӣ–бақайдгиранда.

## § 6. 4416. Хизматчиён оид ба пешбурди ҳуҷҷатгузории кадрӣ

1268. Хизматчиён оид ба пешбурди ҳуҷҷатгузории кадрӣ баҳисобгирии кадрии дорои чунин маълумот, ба монанди гузариш ва болоравии хизматӣ, аттестатсияи хизматии ҳайат, рухсатиҳои истифодашуда ва ғуншудаи кормандон, музди меҳнат, тахассусӣ ва тайёрии касбиро пеш мебаранд ва нав мекунанд.

1269. Ба ухдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– навкунонии маълумот дар бораи собиқаи корӣ, музди меҳнат, аттестатсия, тахассуснокӣ ва тайёрии касбӣ, рухсатиҳои истифодашуда ва ғуншуда;

– пешбурди сабтҳои ба кормандони навтаъйиншуда дахлдор ва санҷиши пуррагии маълумот;

– баррасии аризаҳо барои шуғл ва болоравии хизматӣ, машваратдиҳӣ ба дархосткунандаи натиҷаҳо;

– қабул ва посухдиҳӣ ба дархостҳо оид ба шуғл тибқи меъёрҳо ва шартҳо;

– ба ҳар тараф фиристодани пешниҳод дар бораи қабул ба кор ва эълонҳои ҷойҳои холии корӣ ва давраҳои озмоишӣ;

– нигоҳдорӣ ва навкунонии дастурҳо ва системаҳои автоматонидаи диҳиш ва бақайдгиранда, инунин, тартиб додан ва омоданамоии гузоришҳо ва ҳуҷҷатҳои ба фаъолияти ҳайат дахлдор;

– нигаҳдории ҳуҷҷатгузориҳо ва гирифтани маводи бақайдгирии кадрӣ ва файлҳо тибқи дархост.

1270. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– нозир оид ба кадрҳо;

– корманди шуъбаи кадрҳо.

## § 7. 4419. Хизматчиёни идоравии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

1271. Ба ин гурӯҳи ибтидоӣ хизматчиёни идоравии дар дигар гурӯҳҳои гурӯҳи асосии 4 Хизматчиёни машғули омоданамоӣ ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо, бақайдгирӣ ва хизматрасонӣ дохил намегарданд, ворид мешаванд. Масалан, ба гурӯҳи зерин кормандони пешбари мукотибакунӣ, матнҳоро аз матбуот буридагиранда ва кормандони бо маводи интишорӣ коркунанда дохил мешаванд.

1272. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– қабули дархостҳои мизоҷон барои ба хелҳо ҷудокунии реклама, навиштан ва таҳири нусхаҳои мавод, ҳисобкунии тарифҳои рекламавӣ ва пешниҳоди ҳисобнома ба мизоҷон;

– пешбурди мукотиботи расмии дорои посухдиҳӣ ба дархостҳо орид ба пешниҳод кардани иттилоот ва кумак, талабот оид ба товони зарар, дархостҳои қарзӣ ва пардохтӣ ва шикоятҳои хизматӣ;

– мусоидат намудан дар омоданамоии нашрияҳои даврӣ, эълонҳои рекламавӣ, феҳристҳо, маълумотномаҳо ва дигар мавод барои нашр;

– хондани рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, варақаҳои матбуотӣ ва дигар нашрияҳо бо мақсади ҷустани мақолаҳои нашршудаи ифодакунандаи манфиатҳо барои кормандон ва мизоҷон.

1273. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– хизматчии рекламакунанда;

– хизматчӣ оид ба мукотибот;

– хизматчӣ оид ба нашрияҳо;

– хизматчӣ оид ба тартибдиҳии маълумот.

## 99. ГУРӮҲИ АСОСИИ 5. КОРМАНДОНИ СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ ВА САВДО

1274. Кормандони соҳаи хизматрасонӣ ва савдо хизматҳои гуногуни инфиродии алоқаманд бо саёҳатҳо, рӯзгордорӣ, хӯроки умумӣ, нигоҳубини инфиродӣ, ҳифз аз сӯхтор ва амалҳои ғайриқонуниро мерасонанд, ё маҳсулотро намоиш медиҳанд ва дар мағозаҳои савдои чакана ё яклухт ва дар муассисаҳои ҳаммонанд, инчунин дар нуқтаҳои савдо ва дар бозорҳо мефурӯшанд ва дар соҳаи ҳифзи шаҳрвандон ва моликият хизматрасонӣ мекунанд. Бештари машғулиятҳои гурӯҳи асосии мазкур сатҳи дуюми тахассусро талаб менамоянд.

1275. Уҳдадориҳои кормандони соҳаи хизматрасонӣ ва савдо иҷрокунанда одатан дарбар мегиранд:

- ташкил ва расонидани хизматрасониҳо дар вақти саёҳат;
- пешбурди хоҷагии хонаводагӣ;
- тайёркунӣ ва додани ғизо ва нӯшокиҳо;
- нигоҳубини кӯдакон;
- расонидани хизматрасонӣ дар соҳаи нигоҳубини инфиродӣ ва хизматрасониҳои заминавии тандурустӣ дар хона ва дар муассисаҳо, аз ҷумла, хизматрасониҳо дар сартарошхонаҳо ва толорҳои зебогӣ, инчунин хизматрасониҳои мушоиатӣ;
- марҳамкунонӣ (ҳунуткунонӣ) ва ташкили маросими дафн;
- расонидани хизматрасонӣ дар соҳаи ҳифзи шаҳрвандон ва моликият аз сӯхтор ва амалиётҳои зиддисӯхторӣ;
- нигоҳдории (дастгирии) қонунгузорӣ ва тартибот;
- кор ба сифати тамсилаҳои зинда бо мақсадҳои рекламавӣ дар намоишҳои бадеӣ ва намоишгоҳҳои молҳо;
- фурӯши молҳо дар корхонаҳои савдои яклухт ва чакана, инунин дар нуқтаҳои савдо ва дар бозорҳо;
- намоишдиҳии молҳо ба харидорони боэътимод. Уҳдадориҳои онҳо метавонад роҳбарии дигар кормандонро дарбар гирад.

1276. Машғулиятҳои гурӯҳи асосии мазкур ба зергурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд

| | |
|---|---|
| 51 | Кормандони соҳаи хизматрасонии инфиродӣ |
| 52 | Фурӯшандаҳо |
| 53 | Кормандони дастраскунандаи (расонандаи) хизматрасонии нигоҳубини инфиродӣ |
| 54 | Кормандони хадамоти ҳифзи шаҳрвандон ва моликияти шахсиро амаликунанда |

## 100. ЗЕРГУРӮҲИ 51. КОРМАНДОНИ СОҲАҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ ИНФИРОДӢ

1277. Кормандони соҳаҳои хизматрасонии инфиродӣ хизматрасониҳои инфиродии алоқаманд бо саёҳат, пешбурди рӯзғордорӣ, хӯроки умумӣ ва хизматрасонии меҳмонхонавӣ, хизматрасониҳо дар сартарошхонаҳо ва толорҳои зебоӣ, нигоҳубини ҳайвонот ва ромкунӣ, хизматрасонии мушоиатӣ, инчунин дигар хизматрасониҳои хусусияти инфиродиро, мерасонанд. Бештари машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур сатҳи дуюми тахассусро талаб менамоянд.

1278. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур иҷрокунанда, одатан иборатанд:

– ташкил ва пешниҳоди хизматрасониҳои алоқаманд ба саёҳатҳо ва муоинаи мавзеъҳои таърихӣ;

– рӯзғордорӣ;

– омоданамоӣ ва пешниҳоди хӯрокҳо ва нӯшокиҳо;

– хизматрасонӣ дар сартарошхонаҳо ва толорҳои зебоӣ;

– марҳамкунонӣ (ҳунуткунонӣ) ва ташкили маросими дафн;

– нигоҳубини ҳайвонот ва ромкунонии онҳо;

– омӯзонидани одамон ҷиҳати рондани воситаҳои нақлиёт;

– мушоиат ва дигар хизматрасониҳои инфиродӣ. Уҳдадориии онҳо метавонад роҳбарии дигар кормандонро дарбар гирад.

1279. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 511 | Кормандони соҳаҳои сайёҳӣ ва нақлиёти ҷамъиятӣ |
| 512 | Ошпазҳо |
| 513 | Барменҳо, буфетчиҳо ва пешхизматҳо |
| 514 | Сартарошон, косметологҳо ва кормандони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 515 | Ҳайати хизматрасонии коммуналӣ ва хизматрасонӣ |
| 516 | Кормандони дигари дастраскунандаи хизматрасонии инфиродӣ |

## 101. ГУРӮҲИ ХУРДИ 511.

### § 1. Кормандони соҳаҳои сайёҳӣ ва нақлиёти ҷамъиятӣ

1280. Кормандони соҳаҳои сайёҳӣ ва нақлиёти ҷамъиятӣ хизматрасониҳои гуногуни инфиродии алоқаманд бо саёҳатҳо дар ҳавопаймо, қатора, киштӣ, автобус ё дигар воситаҳои нақлиёт, инчунин мушоиати шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои шахсонро дар сафарҳои сайёҳӣ ҳангоми муоинаи ҷойҳои таърихӣ ва дар экскурсияҳо мерасонанд.

1281. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– таъмини фароғат ва бехатарии мусофирон;

– тақсим кардани хӯрок ва хӯришҳо;

– пешниҳод намудани иттилоот ва ҷавобҳо ба саволҳои алоқаманд ба сафар;

– ҷамъоварӣ ё додани чиптаҳо дар наклиёти ҷамъиятӣ;

– мушоиати шахсони алоҳида ё гурӯҳи шахсон ҳангоми муоинаи мавзеъҳои таърихӣ ё дар экскурсияҳо, инчунин пешниҳоди иттилоот дар бораи ҷойҳои шавқовар.

1282. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 5111 | Роҳбаладҳо ва стюардҳо |
| 5112 | Кондукторҳо ва назоратчиёни чиптаҳо |
| 5113 | Роҳбаладҳои сайёҳӣ ва экскурсияҳо |

## § 2. 5111. Роҳбаладҳо ва стюардҳо

1283. Роҳбаладҳо ва стюардҳо фароғат ва бехатарии мусофиронро таъмин намуда, ғизо ва нӯшокиҳо дода, хизматрасониҳои (одатан дар дохили ҳавопаймо) инфиродӣ мерасонанд. Онҳо нигоҳдории тозагӣ ва тартибот ва гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатиро дар вагонҳо ва каютаҳо (дар қаторaҳо) ва толорҳои тайёраҳо таъмин мекунанд.

1284. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– пазироии мусофирон ҳангоми ворид шудан ба вагонҳои қатораҳои роҳи оҳан, ҳавопаймо, санҷиши чиптаҳо ё талонҳои ҷойи нишаст ва мушоиати мусофирон ба ҷойи нишаст ё каютаашон (ҳуҷраашон);

– эълоннамоӣ, фаҳмонидадиҳӣ ё намоишдиҳии чунин қоидаҳо тартиби амал дар ҳолатҳои садамавӣ, чун қоида истифодаи ниқобҳои оксигенӣ, тасмаҳои бехатарӣ, камзӯлҳо ва дигар воситаҳои наҷотдиҳӣ;

– ҷобаҷогузорӣ ва додани хӯрокҳо ва нӯшокиҳои қаблан омодакардашуда;

– фурӯши маҳсулоти бе боҷ ва дигар молҳо;

– ғамхорӣ оид ба талаботи умумӣ ва фароғати мусофирон, батанзимдарории таҷҳизоти ҳавокаш, конденсионеронӣ ва гармидиҳанда;

– таъминкунӣ бо рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо, нигаҳдории тозагӣ ва тартибот дар толорҳо;

– роҳнамоии мусофирон ва ба онҳо расонидани кӯмак ҳангоми иҷрои тартибҳои муқарраргардида дар ҳолати садама, масалан, ҳангоми тахлия (эвакуатсия) аз дохили ҳавопаймо пас аз ба заминнишинии садамавӣ;

– санҷиши ҳолати кории таҷҳизоти садамавӣ – наҷотдиҳанда ва доруқуттиҳои кӯмаки аввалия;

– расонидани кӯмаки аввалияи тиббӣ ба мусофирон дар ҳолатҳои зарурӣ;

– омӯзиши дастурҳои пешбинишуда оид ба масъалаҳои обу ҳаво, хатсайрҳо, тартиби амалкунӣ дар ҳолати садамавӣ, ҳамоҳангсозии кори аъзои экипаж, давомнокии хатсайр, омоданамоии хӯрокҳо ва нӯшокиҳои додашаванда бо назардошти теъдоди мусофирони пешбинигардида;

– муайян намудани талаботҳои махсус ва расонидани кӯмак ба чунин мусофирон ба монанди, кӯдакон, калонсолон ё маъбон.

1285. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– роҳбалад (ҳавоӣ);
– роҳбаладИ вагони мусофиркашонӣ (қатораҳои мусофирбар);
– стюард;
– стюардесса.

## § 3. 5112. Кондукторҳо ва назоратчиёни чиптаҳо

1286. Кондукторҳо ва назоратчиён чиптаҳоро месанҷанд ва чипта медиҳанд, бехатарӣ ва фароғати мусофирони қаторaҳо, тролейбусҳо, автобусҳо ва дигар намудҳои воситаҳои нақлиётро таъмин месозанд.

1287. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ҷамъоварии пардохтҳо ва додани чиптаҳо, санҷиши ҳуҷҷатҳои саворагардии қаблан додашуда;

– мусоидат намудан ҳангоми нишастан, ҷойгиркунонӣ ва истифодаи боғоҷ вобаста ба зарурат, дар навбати аввал ба калонсолон, беморон ё маъюбон, инчунин мусофирони кӯдакдор;

– кушодан ва пӯшидани дарҳо барои мусофирон;

– санҷиши бехатарии таҷҳизот то оғози ҳаракат;

– ба ронандагон бонг додан барои таваққуф (боздоштан) ё оғози ҳаракат;

– пазироии мусофирон ҳангоми нишастан дар воситаҳои нақлиёт ва эълон кардани хатсайр ва истгоҳҳо;

– таъмини риояи талаботҳои бехатарӣ;

– таассур ба хоҳишҳо ва шикоятҳои мусофирон ва пешниҳоди маълумотҳо дар бораи истгоҳҳо ва гузаришҳо;

– қабули чораҳои зарурӣ ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳолатҳои ғайричашмдошт ё ҳангоми ҳолатҳои фалокатовар;

– бозшумории чиптаҳои фурӯхташуда ва додани маблағҳои мавҷуда.

1288. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– кондуктори автобус;
– кондуктори троллейбус;
– назоратчии чиптаҳо.

## § 4. 5113. Роҳбаладҳои сайёҳӣ ва сайёрӣ

1289. Роҳбаладҳои сайёҳӣ ва сайёрӣ шахсони алоҳида ё гурӯҳи шахсонро дар сафарҳо ҳангоми муоинаи мавзеъҳои таърихӣ, дар сайрҳо ва ҳангоми сафар барои шинос шудан бо ҷойҳои шоёни таваҷҷуҳ, ба монанди, муҷассамаҳои таърихӣ, корхонаҳои саноатӣ ва боғҳои мавзӯӣ роҳнамоӣ мекунанд. Онҳо дар бораи мавзеъҳои қобили таваҷҷуҳ иттилоъ медиҳанд ва маълумотҳои иловагиро дар бораи хусусиятҳои хоси онҳо манзур менамоянд.

1290. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– роҳнамоии сайёҳон ба ҷойҳое, ки барои истиқомати онҳо ҷудо карда шудаанд ва ҳангоми муоинаи мавзеъҳои таърихию қобили таваҷҷӯҳ;

– роҳнамоии муштариён ба чунин ҷойҳои таърихию қобили таваҷҷӯҳ, ба монанди, осорхонаҳо, боғҳои ҳозиразамон, заводҳо (корхонаҳо) ва дигар иншоот;

– иттилоъ додан ва пешниҳоди иттилоот дар бораи мавзеъҳои таърихию қобили таваҷҷӯҳ ва экспонатҳо ва ҷавобҳо ба саволҳо;

– гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ бо кӯдакон;

– мушоҳидаи муштариён бо мақсади таъмини риояи меъёр ва қоидаҳои бехатарии техникии дар заводҳо (корхонаҳо) амалкунанда ё дар сафар;

– пазироӣ ва бақайдгирии муштариён ва иштирокчиёни сафар, ичунин додани рухсатномаҳои зарурӣ ё асбобҳои ҳимоявӣ;

– паҳн кардани брошураҳо, гузаронидани рӯнамоии шунидорию дидорӣ ва фаҳмондадиҳии қоидаҳо ва тартибҳои қабулшуда дар объекти сайёҳӣ;

– таъмини бехатарии ҷисмонии гурӯҳ ва қабули чораҳое ба монанди, расонидани кумаки аввалияи тиббӣ ва гузаронидани таҳлил дар ҳолати хатарҳо;

– ҳалли масъалаҳои дар хатсайр бааmаломада ва масъалаҳои алоқаманд бо хизматрасонӣ ё ҷойгиркунӣ.

1291. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– роҳбаладии боғи ҳайвонот;
– роҳбалад (осорхона, толори бадеӣ, сафар);
– роҳбаладии боғи истироҳатӣ;
– роҳбалад–тарҷумон;
– роҳбаладии сайёҳӣ;
– роҳбаладии саёҳат.

## 102. ГУРӮҲИ ХУРДИ 512.
### § 1. Ошпазҳо

1292. Ошпазҳо хӯрокҳоро тибқи дастуруламалҳо ё таҳти назорати сарошпазҳо дар тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо ва дигар муассисаҳои хӯроки умумӣ, дар меҳмонхонаҳо, қаторахои мусофиркашони роҳи оҳан, муассисаҳои табобатӣ ва дар хонаҳои хусусӣ ба нақша гирифта, ташкил, омода ва тайёр мекунанд.

1293. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– банақшагирии рӯйхати хӯрокҳо;

– тайёркунӣ ва омоданамоии хӯрокҳо;

– банақшагирӣ, назорат ва ҳамоҳангсозии кори ёрдамчиён дар ошхона;

– санҷиши сифати маҳсулот;

– баркашӣ, андозагирӣ ва омехтакунии қисмҳои таркибӣ мувофиқи дастурҳо ва аз рӯйи диди худ;

– батанзимдарории ҳарорати ҷевонҳои оташдонҳо, асбоби грилҳо, манқалҳо ва дигар таҷҳизоти ошхона;

– муоина ва рӯбучини ошхона, асбобу анҷоми ошхона, минтақаҳои дастархоноройӣ ва монанди инҳо барои таъмини қоидаҳои бехатарӣ ва беҳдоштӣ ҳангоми кор кардан бо маҳсулоти хӯрока;

– истифодаи чунин таҷҳизоти калони ошхона, ба монанди, грилҳо ва манқалҳо.

1294. Машғулиятҳои гурӯҳи хурд ба гурӯҳи ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 5120 | Ошпазҳо |

## § 2. 5120. Ошпазҳо

1295. Ошпазҳо хӯрокҳоро тибқи дастуруламалҳо ё таҳти назорати сарошпазҳо дар тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо ва дигар муассисаҳои хӯроки умумӣ, дар меҳмонхонаҳо, долонҳои киштиҳо, қаторахои мусофирбари роҳи оҳан, муассисаҳои табобатӣ ва дар хонаҳои хусусӣ ба нақша гирифта, ташкил мекунанд, омода ва таҳия месозанд.

1296. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– банақшагирии таомнома;

– банақшагирӣ, дастурдиҳӣ ва ҳамоҳангсозии кори ёрдамчиён дар ошхона;

– санҷиши сифати маҳсулот;

– баркашидан, андозагирӣ ва омехтакунии қисмҳо тибқи дастурҳо ва аз рӯйи диди худ;

– батанзимдарории ҳарорати ҷевонҳои оташдонҳо, асбоби грилҳо, манқалҳо ва дигар таҷҳизоти ошхона;

– дида баромадан ва рӯбучини ошхона, асбобу анҷоми ошхона, минтақаҳои дастархоноройӣ барои таъмини қоидаҳои бехатарӣ ва беҳдоштӣ ҳангоми кор кардан бо маҳсулоти хӯрока;

– истифодабарии чунин таҷҳизоти калони ошхона, ба монанди, асбоби грилҳо ва манқалҳо.

1297. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ошпази қаҳвахона;

– ошпази муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

– ошпази муассисаи табобатӣ;

– ошпаз дар зиёфатҳо;

– қайлахобон.

1298. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– директори қаҳвахона–1412;

– директори тарабхона–1412;

– директори қаҳвахонаи қаннодӣ–1412;
– сарошпаз–3434;
– омодакунандаи ғизоҳои зудтайёр–9410.

Эзоҳ: Кормандони қаҳвахонаҳои хурд, тарабхонаҳо ва барҳое, ки барои онҳо идоракунӣ ва назорати ҳайат қисми муҳими кори онҳо ба ҳисоб намеравад, ба гурӯҳи ибтидоии 5120 Ошпазҳо ё 5131 Пешхизматҳо, 5132–Буфетчиҳо (барменҳо) вобаста аз уҳдадориҳои асосии иҷроменамудаи онҳо дохил мешаванд.

## 103. ГУРӮҲИ ХУРДИ 513.

### § 1. Барменҳо, буфетчиҳо ва пешхизматчиҳо

1299. Барменҳо, буфетчиҳо ва пешхизматчиҳо дар тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо, барҳо ва дигар муассисаҳои хӯроки умумӣ, бошгоҳҳо (клубҳо) ва қаторахо ғизо ва нӯшокиҳоро пешниҳод менамоянд.

1300. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– мусоидат ҳангоми пуракунии захираҳо дар барҳо ва ҷобаҷогузории шишаҳо ва зарфҳо;

– шустани зарфҳои истифодашуда ва тоза намудани ҳудуди бар;

– омоданамоӣ ва додани нӯшокиҳои майдор ва бемай дар бар;

– оростани мизҳо бо дастархонҳои тоза, асбобҳои ошхона, табақчаҳо ва зарфҳо;

– пазироии муштариён ва ба онҳо додани таомнома ва номгӯйи нӯшокиҳо;

– пешниҳоди тавсияҳо ҳангоми интихоби таомҳо ва нӯшокиҳо;

– қабули фармоишҳо ва пешниҳод кардани онҳо ба ошхона;

– пешниҳоди таомҳо ва нӯшокиҳо;

– пешниҳоди ҳисобиҳо, қабули пардохтҳо ва кор бо терминалҳои пардохткунанда ва дастгоҳҳои хазинавӣ.

1301. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 5131 | Пешхизматҳо |
| 5132 | Буфетчиҳо (барменҳо) |

### § 2. 5131. Пешхизматҳо

1302. Пешхизматҳо таомҳо ва нӯшокиҳоро дар тарабхонаҳо, барҳо, қаҳвахонаҳо ва бошгоҳҳо (клубҳо) ва дар қаторахо ба мизҳо манзур менамоянд.

1303. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– оростани мизҳо бо дастархонҳои тоза, асбобҳои ошхона, табақчаҳо ва зарфҳо;

– пазироии муштариён ва ба онҳо додани таомнома ва нӯшокиҳо;

– пешниҳоди тавсияҳо ҳангоми интихоби таомҳо ва нӯшокиҳо;

– қабули фармоишҳо ва пешниҳод кардани онҳо ба ошхона ё ба ҳайти бар;

– ба мизи мизоҷон пешниҳод намудани таомҳо ва нӯшокиҳо;

– тоза намудани мизҳо ва баргардонидани таомҳо ва зарфҳо ба ошхона;

– пешниҳоди ҳисобиҳо, қабули пардохтҳо ва кор бо терминалҳои пардохткунанда ва дастгоҳҳои хазинавӣ.

1304. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– пешхизмат;

– сомеле (майшинос).

1305. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– роҳбари тарабхона–1412;

– роҳбари қаҳвахона–1412;

– буфетчӣ (барменҳо)–5132.

Эзоҳ: Кормандони қаҳвахонаҳои хурд, тарабхонаҳо ва барҳое, ки барои онҳо идоракунӣ ва назорати ҳайат қисми муҳими кори онҳо ба ҳисоб намеравад, ба гурӯҳи ибтидоии 5120 Ошпазҳо ё 5131 Пешхизматҳо, 5132 Буфетчиҳо (барменҳо) вобаста аз уҳдадориҳои асосии иҷроменамудаи онҳо дохил мешаванд.

### § 3. 5132. Буфетчиҳо (барменҳо)

1306. Буфетчиҳо (барменҳо) нӯшокиҳои майдор ва бе май, хӯришҳои сард ва маҳсулоти қаннодиро бевосита ба муштариён тавассути мизи сутунии барҳо ё пештахтаҳо ё тавассути пешхизматҳо тайёр, омехта ва пешниҳод менамоянд.

1307. Ба уҳдадории онҳо дохил мешаванд:

– қабули фармоишҳо барои нӯшокиҳо, хӯришҳо ва маҳсулоти қаннодӣ, дигар намудҳои маҳсулоти ғизоии тайёркардашуда аз ҳайати хизматрасон ё бевосита аз муштариён;

– омоданамоӣ ва пешниҳод кардани нӯшокиҳои майдор ва бе май дар барҳо;

– шустани зарфҳои истифодашуда, тоза кардан ва хизматрасонии толорҳои хизматӣ дар барҳо, мизи сутунии бар барои омоданамоии чой ё қаҳва ва таҷҳизот, ба монанди, мошинҳои қаҳватайёркунӣ;

– гирифтани пардохтпулӣ ҳангоми фурӯш, кор бо дастгоҳҳои хазинавӣ ва бозҳисобии даромадҳои хазинавӣ;

– рехтани нӯшокиҳо аз кегҳо ва ба онҳо пайваст намудани найчаҳо;

– мусоидат барои сари вақт пур кардани захираҳо дар барҳо ва ҷобаҷогузории шишаҳо ва зарфҳо;

– санҷиши ҳуҷҷатҳои муштариён бо мақсади риояи маҳдудиятҳои синнусолӣ ҳангоми харидорӣ намудани нӯшокиҳои майдор;

– қабули чораҳо барои маҳдудияти мушкилиҳо оид ба истеъмоли барзиёди май, ба монанди, муътакид намудани муштариён барои дигар

нанӯшидан, рад кардан аз хизматрасонии минбаъда ё даъвати хадамоти марбута барои ҳамлу нақли мизоҷон;

– омехтакунии қисмҳо барои омоданамоии коктейлҳо ва дигар намуди нӯшокиҳо;

– ороиши пештахтаи бар ва ҷевони маҳсулот

1308. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– бармен;

– буфетчӣ.

1309. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанд ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– роҳбари тарабхона–1412;

– роҳбари қаҳвахона–1412;

– пешхизмат–5131.

Эзоҳ: Кормандони қаҳвахонаҳои хурд, тарабхонаҳо ва барҳое, ки барои онҳо идоракунӣ ва назорати ҳайат қисми муҳими кори онҳо ба ҳисоб намеравад, ба гурӯҳи ибтидоии 5120 Ошпазҳо ё 5131 Пешхизматҳо, 5132 Буфетчиҳо (барменҳо) вобаста аз уҳдадориҳои асосии иҷроменамудаи онҳо дохил мешаванд.

## 104. ГУРӮҲИ ХУРДИ 514.
### § 1. Сартарошҳо, косметологҳо ва кормандони машғулиятҳои ҳаммонанд

1310. Сартарошҳо, косметологҳо ва кормандони машғулиятҳои ҳаммонанд кӯтоҳкунӣ ва ороиши муйҳо, кутоҳкунӣ ва тарошидани риш, хизматрасониҳои косметикӣ (ҳуснорой), гузоштани косметика ва грим, дигар намуди корҳоро барои беҳтар шудани намуди зоҳирии мизоҷон амалӣ менамоянд.

1311. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– бо мизоҷон муҳокима намудани дархостҳои онҳо;

– мӯйтарошӣ ва ба тартиб даровардани мӯйи сар;

– тарошидану кӯтоҳкунии риш;

– пешниҳод намудани хизматрасониҳои косметикӣ;

– молидани косметика ва грим;

– шаклдарорӣ, ранг кардани нохунҳо дар даст ва пойҳо ва табобати бемориҳои сабуки пӯст ва нохунҳо;

– расонидани кумак ба муштариёни ҳаммомҳо ва гузаронидани масҳи одӣ.

1312. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд

| | |
|---|---|
| 5141 | Сартарошҳо |
| 5142 | Косметологҳо ва кормандони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 5149 | Кормандони ба тартиби солимгардони алоқаманди ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

## § 2. 5141. Сартарошҳо

1313. Сартарошҳо мӯйи сарро кӯтоҳ мекунанд, ранг медиҳанд, рост ва онро ҷингила, поктарош мекунанд, мӯйҳои рӯйро тоза намуда, пӯсти сарро коркард мекунанд.

1314. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– сартарошӣ, шустан, рангкунӣ ва ҷингила кардани мӯй;

– тарошидан ва кӯтоҳ кардани риш ва мӯйлаб;

– нигоҳубини пӯсти сар;

– мувофиқ кунонидани мӯйҳои сунъӣ тибқи талаботи мизоҷон;

– пешниҳоди тавсияҳо оид ба нигоҳубини мӯйи сар, масолеҳи косметикӣ ва шаклҳои ороиши мӯйи сар;

– майдабофӣ ва бофтани кокулҳо аз мӯй ва афзоиши мӯйҳо;

– таъйини ташрифҳо ва гирифтани пардохт;

– тоза кардани манзилҳои корӣ ва коркарди беҳдоштии асбобҳо.

1315. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– барбер;

– риштарош;

– сартарош;

– мутахассис оид ба нигоҳубини мӯйи сар;

– услубгар–сартарош.

## § 3. 5142. Косметологҳо ва кормандони машғулиятҳои ҳаммонанд

1316. Косметологҳо ва кормандони машғулиятҳои ҳаммонанд тартибҳои косметикиро барои рӯй ва бадан мегузаронанд, косметика ва грим мекунанд ва дигар намуди корҳоро барои беҳтар намудани намуди зоҳирии мизоҷонро ба роҳ мемонанд.

1317. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– тоза намудани пӯст ва молидани равғанҳо, обҳои мушкин ва воситаҳои ҳаммонанд дар рӯй ва дигар қисмҳои бадан;

– масҳи рӯй ва бадан;

– грим кардани мизоҷон ё ҳунармандон ва дигар иҷрокунандагон дар толори ҳусн;

– тозакунӣ, башаклдарорӣ ва рангкунии нохуни дастҳо, пойҳо ва табобати бемориҳо ба монанди обилаҳо, дуруштӣ ва тағйири шаклкунии нохунҳои пойҳо;

– расонидани кумак ба муштариёни ҳаммомҳо ва гузаронидани масҳи оддӣ;

– гузаронидани тартибҳо бо истифодаи мумҳо ва қанд ва гузаронидани муолиҷаи депилятсионӣ барои бартараф кардани мӯйҳои нодаркор дар бадан;

– ба муштариён пешниҳод кардани тавсияҳо оид ба масъалаҳои парҳезӣ ва машқҳо бо мақсади кам кардани вазн ва харобшавӣ;

– таъини ташриф ва гирифтани музди меҳнат.

1318. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– кокулбоф;
– гримкунанда– мӯйсоз;
– косметолог;
– устои маникюр.

### § 4. 5149. Кормандони ба амалиёти солимгардонӣ алоқаманди ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

1319. Ба ин гурӯҳ кормандони бо амалиёти солимгардонӣ алоқаманди ба дигар гурӯҳҳои гурӯҳи хурди 514 Сартарошҳо, косметологҳо ва кормандони машғулиятҳои ҳаммонанд дохил нестанд, шомиланд. Мисол, ба он машваратгарон оид баислоҳи ҷусса, табибони тибби мардумӣ ва шифобахшон шомиланд.

1320. Ба уҳдадории онҳо дохил мешаванд:

– муҳокимаи талаботҳои мизоҷон, таҳлили хусусиятҳои хоси инфиродӣ ва машваратдиҳӣ аз рӯйи усулҳои табобат;

– тавсияҳо оид ба нигоҳубин ва табобати бемориҳо ё дигар бемориҳо бо истифодаи воситаҳои маъмулии мардумӣ ва усулҳо:ҳаракати ҷисмонӣ ва тамринҳо, шираҳо ва доруввориҳои дар асоси растаниҳо ва гиёҳҳо ҳосилнамуда, ҳашарот ва ширеи ҳайвонот гирифташуда;

– ба роҳ мондани нигоҳубин ва табобати ҷароҳатҳои ҷисмонии алоқаманд бо ҷобаҷокунонӣ ва табобати устухонҳои шикаста ва баромада дар асоси усулҳои маъмулии таъсиррасони ҷисмонӣ ва табобаткунӣ бо растаниҳо;

– масҳи ғайритиббӣ кардани ҷисм;

– ба муштариён додани машварат оид ба масъалаҳои парҳез ва тамринҳои ҷисмоние, ки ба таҳрири ҷисм кумак мекунанд;

– гузаронидани арзёбии равандҳои таҳрири ҷисм ва маҳсулот барои харобшавӣ;

– ташкили вохӯриҳо ва пеш бурдани қайдҳо бо муштариён;

– тоза кардани минтақаи корӣ ва гузаронидани тамйизкунии асбобҳо.

1321. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– машваратчӣ оид ба ислоҳи ҷисм;
– табиб, гиёҳдармонӣ;
– масҳгар (ғайритиббӣ);
– шифокор бо усули мардумӣ.

1322. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– диетолог–2265;
– масҳгари тиббӣ–3221.

Эзоҳ: Машғул шудан дар соҳаи шифобахшӣ ва истифода бурдани таҷрибаи маъмулӣ ва ғайримаъмулии тиббие, ки дарки амиқи бартарияти усулҳои табобати анъанавӣ ва ғайрианъанъанавиро дар натиҷаи таҷрибаи дарозмуддати истифодаи ин таҷрибаҳо, инчунин, донишҳои анатомии инсон ва ҷузъҳои тибби муосирро талаб менамоянд, дар гурӯҳи ибтидоии 2230 Табибон ва мутахассисони тибби анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Онҳое, ки фаъолияти таҷрибавиашон донишҳои бештар васеъи асоснокро дар вобастагӣ бо давраҳои давомнокиашон ками омӯзиши амалиявӣ ва тайёрии касбиро дар асоси омӯхтани таҷрибаи анъанавии мардумӣ дар маҳалҳои истиқоматии онҳо истифода бурда мешаванд, талаб менамояд, ба гурӯҳи ибтидоии 5149–Кормандони бо амалиёти солимгардонӣ алоқаманди ба гурӯҳҳои дигар шомил нагардида, дохил мешаванд. Шифобахшони таҷрибагирандае, ки ба сифати усулҳои асосии табобат гиёҳтабобатӣ, руҳонитабобатӣ ё муолиҷаи мануалӣ истифода мебаранд аз гурӯҳи ибтидоии 2230 хориҷ карда мешаванд. Машғулиятҳое, ки табобаткуниро бо истифодаи шаклҳои маъмулии масҳ ва фишороварӣ ба монанди, масҳи нуқтавӣ ва методикаи шиатсу мекунанд, ба гурӯҳи ибтидоии 3221–Ҳайати миёнаи тиббӣ оид ба парасторӣ дохил мешаванд. Момодояҳои анъанавӣ ва момодояҳое, ки ба занон дар алоқамандӣ бо ҳомиладорӣ ва таваллуд кумак мерасонанд, парасториро роҳандозӣ намуда, тавсияҳои асоснокро пеш аз ҳама вобаста ба таҷриба ва донишҳои амалиявие, ки на дар раванди омӯзиш гирифтаанд, балки тавассути анъанаҳо ва таҷрибаи тибби мардумӣ ба даст овардаанд, бояд ба гурӯҳи ибтидоии 3222–Ҳайати миёнаи тиббӣ оид ба момодоягӣ дохил карда шаванд.

## 105. ГУРӮҲИ ХУРДИ 515.

### § 1. Ҳайати хизматрасонии коммуналӣ ва хоҷагидорӣ

1323. Ҳайати хизматрасонии коммуналӣ ва хоҷагидорӣ корҳои фаррошон ва дигар ҳайати хизматрасонро дар биноҳои тиҷоратӣ, истеҳсолӣ ва истиқоматӣ ҳамоҳанг сохта, ҷадвалҳо тартиб медиҳанд ва назорат мебаранд. Он барои фаъолияти хоҷагидорӣ ва хизматрасонӣ дар меҳмонхонаҳо, идораҳо, ҳуҷраҳо, хонаҳо ва биноҳои истиқоматии хусусӣ масъул мебошанд.

1324. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– таъини вазифаҳо ва дида баромадани манзилҳои гуногун дар биноҳо барои санҷиши тозакунии зарурии гузаронидашуда, корҳои хоҷагидорӣ ва хизматрасониҳои техникӣ;

– додани маҳсулот ва таҷҳизот, инчунин, бақайдгирии захираҳо барои таъмини миқдори зарурии масолеҳи додашаванда;

– интихоб ва киро кардани номзадҳо барои бакоргирӣ;

– омодакунии ҳайати нав ва дорои таҷриба;

– тавсиядиҳӣ оид ба масъалаҳои баланд бардоштани интиқол ба дигар вазифа ё аз кор озодкунӣ;

– гузаронидани намудҳои нави рӯбучин, корҳои хоҷагидорӣ ва хизматрасонии техникӣ.

1325. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 5151 | Саркорони фаррошон ва ёрдамчиён оид ба хоҷагидорӣ дар меҳмонхонаҳо (ҳотелҳо), идораҳо ва дигар муассисаҳо |
| 5152 | қадбонуҳо ва дигар кормандони хонакор |
| 5153 | Нозирони бино ва ҳайати машғулиятҳои ҳаммонанд |

### § 2. 5151. Саркорони фаррошон ва ёрдамчиён оид ба хоҷагидорӣ дар меҳмонхонаҳо (ҳотелҳо), идораҳо ва дигар ташкилотҳо

1326. Саркорони фаррошон ва ёрдамчиён оид ба хоҷагидорӣ дар меҳмонхонаҳо (ҳотелҳо), идораҳо ва дигар ташкилотҳо корҳои гуногуни бо хоҷагидорӣ алоқамандро бо мақсади тозакунӣ ва нигоҳ доштани тозагӣ, зебу зиннати дохилӣ, таркибҳо ва манзилҳои муассисаҳои мазкур роҳбарӣ ва иҷро менамоянд.

1327. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– ташкили корҳо ва назорат аз болои фаъолияти ҳайати ба рӯбучин ва корҳои хоҷагидорӣ (чӯрӣ, фаррош, хизматгор) машғул, тавсия оид ба киро намудан, омӯзонидан ва аз кор хориҷнамоии кормандон;

– харидан ё назорати харид ва хароҷоти мавод;

– назорати ҳолат ва додани мавод;

– таъмини тартиб ва риояи қоидаҳои муқарраргардида;

– рӯбучини дастӣ ё бо истифода аз чангкашак, шустан ва тоза намудани фарш, ҷевонҳо ва дигар ашёҳо;

– ба тартиб овардани рахти хоб, рӯбучини ҳуҷраи дастурӯйшӯӣ, иваз намудани дастмолҳо, собун ва маҳсулоти ҳамроҳикунанда;

– рӯбучини ошхона ва расонидани кумак дар ошхона, дар маҷмуъ, бо дар бар гирифтани шустани зарфҳо;

– пура кардани захираҳо дар барҳои хурд ва маҳсулотҳо ба монанди стаканҳо ва асбобҳои ҳуруфчинӣ.

1328. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– маъмур оид ба ошёна (меҳмонхона);

– хоҳари хоҷагидор (кумак ба хоҷагидорӣ).

1329. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– директори меҳмонхона–1411;

– корманди меҳмонхонаи хурд–5152;

– кадбонуи (сарфакори) соҳибхонаи хусусӣ–5152;

– нозири бино–5153;

– фарроши хона–9111.

### § 3. 5152. Кадбонуҳо ва дигар кормандони хонакор[1]

---

[1]*Карори Хукумати Чумхурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2012, №159 «Дар бораи тасдиқи намудҳои кори хонагӣ»*

1330. Кадбонуҳо ва дигар кормандони хонакор кори ҳайати тобеъро ташкил ва назорат мебаранд, инчунин, мустақилона корҳои гуногунро бо пеш бурдани хоҷагидорӣ дар муассисаҳои на чандон калон, ҳуҷраҳо, хонаҳо ва иншооти истиқоматии хусусии барои истиқомат алоқамандро иҷро менамоянд. Корҳои кормандони хонакор ҳамодатан бо шартнома ба расмият даровардa шуда, аз ҷониби соҳибхона пардохт карда мешавад.

1331. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– идораи кормандоне, ки дар хонаҳо ба сифати хизматгор киро карда шудаанд;

– харидан ё назорат аз болои маҳсулоти харидашуда ва хароҷоткардашуда;

– назорати нигоҳдорӣ ва додани маҳсулот;

– расонидани кумак дар ҳолати ҷароҳатбардории сабук ё бемориҳо тавассути тартибҳое, ба монанди, чен кардани ҳарорат, додани доруворӣ, бастабандӣ кардан;

– рӯфтан ё рӯбучин бо чангкашак, шустан ва тоза намудани фарш, ҷевонҳо ва дигар ашёҳо;

– ба тартиб даровардани рахти хоб, рӯбучини ҳуҷраи дастурӯйшӯӣ, иваз намудани дастмолҳо, собун ва маҳсулоти ҳамроҳикунанда;

– нигоҳубини ҳайвоноти хонагӣ ва растаниҳо, қабули меҳмонон, ҷавобҳо ба зангҳои телефон, дастраскунии иттилоот ва харид намудани маҳсулоти баққолӣ – гастрономӣ;

– омоданамоӣ ва тайёр кардани таомҳо, ба рӯйи миз гузоштан, ва тоза кардани миз ва ҳамчунин, додани хӯрокҳо ва нӯшокиҳо;

– рӯбучини ошхона ва расонидани кумак дар ошхона, дар маҷмуъ, бо дар бар гирифтани шустани зарфҳо.

1332. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– маъмури хона;
– кадбонуи хонаи хусусӣ;
– доя;
– боғбон;
– тарбиятгар–мураббӣ;
– хизматгорзан (хонакор);
– чӯпон;
– муҳофиз;
– ронанда;
– ошпаз.

1333. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– фарроши хона–9111.

Эзоҳ: Кормандони муассисаҳои на он қадар калон барои истиқомат, бо дар бар гирифтани баъзе меҳмонхонаҳи хурд ва пансионҳое, ки ба муштариён оид ба истиқомат хизматрасонӣ, хизматрасониҳои маҳдуди ғизо ва хизматрасониҳои ҳаммонанди пулакӣ дар хонаҳои хусусӣ, ки барои онҳо идора ва назорат қисми кори

бартаридоштаи онҳо ба ҳисоб намеравад, мерасонанд, ба гурӯҳи ибтидоии 5152–Кадбону мансуб медонанд.

### § 4. 5153. Нозирони бино ва ҳайати машғулиятҳои ҳаммонанд

1334. Нозирони бино ва ҳайати машғулиятҳои ҳаммонанд нигоҳубини хонаҳои истиқоматӣ, меҳмонхонаҳо, идораҳо, масҷидҳо (калисо) ва дигар биноҳоро роҳандозӣ намуда, тозагию тартиби онҳо ва ҳудудҳои онҳоро нигоҳ медоранд, инчунин, корҳо оид ба таъмири на он қадар мураккаб ва хизматрасонии техникии дохили манзилҳоро иҷро мекунанд. Онҳо метавонанд роҳбарии дигар кормандон ва пудратчиёнро вобаста аз ҳаҷм ва соҳаи биноҳои зертобеъ роҳандозӣ намоянд.

1335. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– назорати кори ҳайат ва пудратчиён ҳангоми гузаронидани рӯбучин, нигоҳ доштани тозагӣ ва тартибот, истифодабарии нигоҳдории бино;

– иштирок дар рӯбучин, таъмири на он қадар мураккаб ва хизматрасонии техникии манзилҳои дохилии бино;

– хизматрасонии оташдонҳо ва дегхонаҳо барои таъмини гармӣ ва оби гарм;

– таъсиррасонӣ ба ахлоқи иҷорагирандагон (иҷоранишинон) ва меҳмонон бо мақсади паст намудани сатҳи садою ғавғо ё муносибати нодуруст бо амвол;

– ба иҷорагирандагони ҳозирнабуда расонидани хизмати хурд, ба монанди, гирифтани борқуттиҳо аз номи онҳо ё тариқи телефон пешниҳод намудани иттилооти дархосткардашуда;

– бохабар кардани нозир ва соҳиби бино дар бораи зарурати таъмири асосӣ;

– даврзании биноҳо бо мақсади таъмини бехатарии онҳо;

– пур кардани бланкаҳои бақайдгирӣ ва ба иҷорагирандагон додани нусхаи қоидаҳои ахлоқӣ.

1336. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дарбон (бинона);
– нозири бино;
– техники театр;
– техники саҳна.

## 106. ГУРӮҲИ ХУРДИ 516.

### § 1. Кормандони дигари дастраскунандаи хизматрасонии инфиродӣ

1337. Кормандони дигари дастраскунандаи хизматрасонии инфиродӣ оид ба роҳнамоӣ ва дигар хизматрасониҳои инфиродӣ, тозакунӣ, ромкунӣ ва нигоҳубини ҳайвонот хизматрасонӣ мекунанд, ҷасадҳоро марҳам молида, дар маросими дафн хизматрасонӣ мекунанд, инчунин идоракунии воситаҳои нақлиётро ба одамон меомӯзонанд.

1338. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– хизматрасониҳои роҳнамоӣ, нукарӣ ва дигар хизматрасониҳои инфиродӣ барои муштариён;

– марҳаммолии ҷасадҳо ва хизматрасониҳои маросими дафн;

– хӯрокдиҳӣ, нигоҳубин, ромкунӣ ва тоза намудани ҳайвонот;

– омӯзонидани рондан дар шароитҳои воқеии рондандагӣ

1339. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 5162 | Шарикон ва нукарҳо (шахси дастраскунандаи хизматрасонии инфиродӣ) |
| 5163 | Кормандони хизматрасони маросимҳо |
| 5164 | Грумерҳо ва дигар кормандони нигоҳубини ҳайвонот |
| 5165 | Дастурдиҳандаҳо оид ба ронандагӣ (рондан) |
| 5166 | Устоҳо оид ба тайёркунии ороишоти заргарӣ ва маснуот аз металу сангҳои қиматбаҳо, маҳсулоти ҳунарҳои бадеӣ (минйотури локӣ, нақшу нигори бадеӣ дар метал ва сафолот |
| 5169 | Кормандони расонидани хизматрасонии инфиродӣ ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

## § 2. 5162. Шарикон ва пешхизматҳо (шахси дастраскунандаи хизматрасонии инфиродӣ)

1340. Шарикон ва нукарҳо (шахси дастраскунандаи хизматрасонии инфиродӣ) ба мизоҷон ё корфармоён шарикӣ мекунанд ва ба он хизматрасониҳои гуногуни инфиродӣ мерасонанд.

1341. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– роҳнамоии корфармоён ба ҷойҳои гуногун, хондан, суҳбат кардан ва ҳамроҳи онҳо иштирок кардан дар чорабиниҳои гуногун, масалан, варзишӣ;

– расонидани кумак дар қабули меҳмонон дар хонаи корфармо;

– нигоҳубини либос ва ашёҳои шахсии корфармо.

1342. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– нукарҳо;

– шарик;

– хизматгорзани шахсӣ.

1343. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– соҳибхона–5152;

– шарик оид ба рақс–5169;

– ҳамсафар барои роҳнамоӣ дар ҷойҳои фароғатӣ–5169.

## § 3. 5163. Кормандони хизматрасони маросимҳо

1344. Кормандони хизматрасони маросимҳо хизматрасонии маросими гӯронидан ва дигар хизматрасониҳои бо дафн вобастаи дафнкуни ҷасади одамро мерасонанд.

1345. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешаванд:

– ташкил ва гузаронидани маросими дафн, марҳамкунонӣ ва дафнкунӣ, расонидани кумак ҳангоми устадонҳои дафнкунӣ ва муайян намудани замон ва макони баргузории маросими дафн ё марҳамкунонӣ;

– марҳаммолӣ (ҳунуткунонӣ) ҷасади инсон бо мақсади таъхир додан ё қатъ намудани вайроншавии он;

– риояи қоидаҳои беҳдоштӣ–беҳсозӣ ва талаботи қонунгузории бо марҳаммолӣ (ҳунуткунонӣ) ва дафнкунӣ алоқаманд;

– дастраскунии ашёҳои маросимӣ ба макон ва замони зарурӣ, омоданамоии ҷойи дафн;

– нишонидан ва рӯйпӯш кардани буришҳо дар қисмҳои гуногуни ҷисм ва башаклдарорӣ ё ҳангоми зарурат барқарорсозии боқимондаҳои вайроншуда ва маъюбкардашудаи инсон;

– пӯшонидани ҷасадҳо ва дар тобут ҷойгиркунии онҳо;

– гузаронидани суҳбатҳо барои омоданамоии таъзияномаҳо, расонидани кумак дар риоя кардани расму русуми динӣ.

1346. Намунаи машғулияти ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– қабркан.

## § 4. 5164. Грумерҳо ва дигар кормандони нигоҳубинии ҳайвонот

1347. Грумерҳо ва дигар кормандони нигоҳубини ҳайвонот, ҳайвонотро хӯрок медиҳанд, нигоҳубин, ром ва тоза мекунанд, ба бойторҳо, кормандони бойторӣ–техникӣ ва мутахассис-техникҳо дар муасисаҳои бойторӣ, дар паноҳгоҳҳо барои ҳайвонот, парваришгоҳҳо барои нигоҳубини ҳайвонот, боғҳои ҳайвонот, озмоишгоҳҳо, мағозаҳои фурӯши чаканаи ҳайвонот, мактабҳои гашти савора, мактабҳои ромкунии сагҳо, муассисаҳои нигоҳубинкунандаи ҳайвоноти хонагӣ ва муассисаҳои дигари ҳаммонанд мусоидат менамоянд.

1348. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– шустан ва хӯрок додани ҳайвонҳо;

– роҳнамоӣ ё дастраскунии ҳайвонҳо ба ҳуҷраҳои табобатӣ ва нигоҳдории онҳо дар муҳлати табобат;

– тоза ва тамйиз кардани асбобҳои ҷарроҳии байторӣ;

– тамғазанонии воситаҳои табобатӣ, химикатҳо ва дигар лавозимоти дорусозӣ ва пур кардани захираи онҳо;

– тамйизи шишаҳо, зарфҳои дараҷадор ва дигар таҷҳизот;

– тозакунӣ, ташкил ва тамйизи ҷойҳои махсуси нигоҳдории ҳайвонот, молхонаҳо, саисхонаҳо, қафасҳо ва майдонҳо ва ҳамчунин, абзорҳо барои ҳайвонҳо, ба монанди зин ва гарданбандҳо;

– ҷамъоварӣ ва бақайдгирии маълумот дар бораи ҳайвонотҳо, ба монанди, вазн, андоза, ҳолати ҷисмонӣ, табобати гирифташуда, доруворӣи гузаронидашуда ва ғизои гирифташуда;

– ромкунии ҳайвонот барои инкишоф ва нигоҳдории малакаҳои зарурӣ барои мусобиқаҳо, сайру гашт, гӯш додан, ҳифз, саворшавӣ ва дигар чорабиниҳо;

– нигоҳубини ҳайвонот бо дар бар гирифтани гузаронидани чорабиниҳо, ба монанди, шустан, шона кардан, қайчӣ кардан ва тарошидани мӯина, гирифтани нохунҳо ва тоза кардани гӯшҳо.

1349. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– грумерҳо;
– ромкунандаи сагҳо;
– човандоз;
– ромкунанда;
– сонитари байторӣ.

## § 5. 5165. Дастурдиҳандаҳо оид ба ронандагӣ

1350. Дастурдиҳандаҳо оид ба ронандагӣ рондани воситаҳои нақлиётро ба одамон меомӯзонанд.

1351. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– омӯзонидани ронандагӣ дар шароити воқеии ронандагӣ, фаҳмондадиҳӣ ва намоиши кори боздорҳо, пайвастакҳо, тағйирдиҳандаи таҳвил, ноқили ҳаракати автоматӣ, сигналҳои овозӣ (бимоваҳо) ва равшандиҳанда;

– омӯзонидани қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ;

– омӯзонидани малакаҳои ронандагӣ ва қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ;

– пешниҳоди тавсияҳо дар бораи омодагии донишҷӯён ба имтиҳонҳои ронандагӣ;

– пешниҳоди тавсияҳо ва омӯзонидани малакаҳои пешқадами ронандагии зарурӣ барои рондан дар ҳоалтҳои фавқулодда;

– овардани мисолҳо ва фаҳмондадиҳии хусусиятҳои идоракунӣ ва кори қисмҳои механикии воситаҳои нақлиёт ва хусусиятҳои рондан бо истифодаи схемаҳо ва нақшаҳо дар тахтаи синфӣ ва дастурамалҳои аудиовизуалӣ.

1352. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дастурдиҳандаҳо оид ба ронандагӣ;
– дастурдиҳандаҳои мошинҳо, мошинҳои колонҳаҷм.

1353. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

- дастурдиҳандаҳо оид ба идоракунии дастгоҳҳои парвозкунанда–3153.

## § 6. 5166. Устоҳо оид ба тайёркунии ороишоти заргарӣ ва маснуот аз металу сангҳои қиматбаҳо, маҳсулоти ҳунарҳои бадеӣ (минйотури

локӣ, нақшу нигори бадеӣ дар метал ва сафолот)

1354. Устоҳо оид ба тайёркунии ороишоти заргарӣ ва маснуот аз металу сангҳои қиматбаҳо, маҳсулоти ҳунарҳои бадеӣ (минйотури локӣ, нақшу нигори бадеӣ дар метал ва сафолот) ороишоти заргарӣ, маҳсулоти маросимӣ ё динӣ, маҳсулот аз тилло, нуқра, дигар метали қиматнок ва ҷавоҳиротро тарҳ мекашанд, омода, таъмир, барқарор ё нарх мегузоранд, корҳои ҳаккокӣ ва нозук, нақшу нигори бадеии маҳсулоти минйотурии наққоширо бо ҳаракатҳои рақќосӣ ва маҳсулотро аз метал ва сафолот иҷро мекунанд. Онҳо сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо, аз ҷумла сангҳои ранга ва алмос, инчунин ба ороиши заргарӣ нақш кашида, қираҳо баровarда, алмоси саноатиро сайқал медиҳанд.

1355. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– рехтагарии дастии ороишӣ ва дигар маҳсулот аз метали ранга;

– сохтани намои ороишоти нави заргарӣ ва тағйир додани намои мавҷуда ҳангоми зарурат бо истифода аз компютер;

– буридани расмҳо барои намунаҳо ё дигар масолеҳ барои истифода ба сифати қолиб ҳангоми сохтани маҳсулоти филизӣ ва заргарӣ;

– тағйир додани чанбараки мавҷуда барои маҳсулоти заргарӣ бо мақсади ҷойивазкунонии сангҳо ё батанзимдарории чанбаракҳо;

– таъмир, барқарорсозӣ ва навкунонии ороишоти заргарӣ ё маҳсулот аз метали қимматбаҳо дар мутобиқатӣ бо намо ё сохти онҳо;

– омода кардани ороишоти заргарии тайёр, ба монанди ангуштарӣ, гарданбандҳо ва дастпонаҳо аз масолеҳҳо, ба монанди, тилло, нуқра, платина ва сангҳои қиматбаҳо ва камбаҳо;

– муоинаи сатҳи ҷавоҳирот ва сохтори дохилии он бо истифода бурдани асбобҳои махсус, заррабинҳо ва дигар абзорҳои оптикӣ барои дида баромадани гуногунӣ миёни нусхаҳои сангҳои ноёфти дарёфткардашуд ё ошкор намудани норасоиҳо, нуқсонҳо ё хусусиятҳои хоси ба арзиши ҷавоҳирот таъсиррасон;

– суфтакунӣ ва пардоздиҳии сангҳои қимматбаҳо ва ҷобаҷокунии онҳо дар маҳсулоти заргарӣ;

– суфтакунӣ ё пайзании ҳарфҳо, расмҳо ё хатҳои ороишӣ дар маҳсулот аз сангҳо ва метали қимматбаҳо;

– нақшу нигори бадеии маҳсулоти бадеии рассомӣ аз хамираи коғаз ва маҳсулоти филизӣ ва сафолӣ;

– пардоздиҳӣ, пармакунӣ ва коркардкунии саққочархакҳо аз сангҳои қимматбаҳо барои истифода дар абзорҳои комилан дақиқ, ба монанди қутбнамоҳо ва хронометрҳо;

– муоинаи маҳсулоти ҷамъовардашуда ва тайёр барои таъмини мутобиқатии онҳо бо таснифот бо истифода бурдани шишаҳои калонкунанда ё асбобҳои комилан дақиқи ченкунанда.

1356. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– суфтагари алмосҳо;

– суфтагари руфуъҳо барои маҳсулоти заргарӣ ва бадеӣ;
– зарҳалкори маҳсулоти бадеӣ;
– рассоми ороишдиҳандаи нақшу нигор дар филиз:
– заргар.

### § 7. 5169. Кормандони хизматрасониии инфиродии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

1357. Ба ин гурӯҳи ибтидоӣ кормандони хизматрасонии инфиродие, ки ба дигар гурӯҳҳои ибтидоии зергурӯҳи 51 Кормандони соҳаҳои хизматрасонии инфиродӣ дохил намешаванд, ворид мегарданд. Дар ин ҷо он кормандонеро, ки масалан, ба сифати шарик оид ба рақс кор мекунанд, роҳнамоикунандаҳо дар чорабиниҳои гуногуни фароғатӣ ва ҳамчунин, маъмурони клубҳои шабона, пазироикунандагони меҳмонон дар назди даромадгоҳ бояд дохил намуд.

1358. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:
– роҳнамоии мизоҷон дар тарабхонаҳо ва дигар ҷойҳои фароғатӣ;
– вохӯрии мизоҷон дар клубҳои шабона ва таъмини фароғати онҳо.

1359. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– маъмури клуби шабона;
– шарик оид ба рақс;
– ҳамсафар барои роҳнамоӣ ба ҷойҳои фароғатӣ.

## 107. ЗЕРГУРӮҲИ 52. ФУРӮШАНДАҲО

1360. Фурӯшандаҳо маҳсулотро дар мағозаҳои яклухт ва чаканафурӯшӣ, дар ҷойҳои истиқоматӣ, тариқи телефон ё дар марказҳои хизматрасонӣ ба муштариён мефурӯшанд ва намоиш медиҳанд. Онҳо барои харидории молҳо ва хизматрасониҳо метавонанд онҳоро ба қайд гиранд ва пардохтҳоро қабул намоянд ва ҳамчунин, метавонанд нуқтаҳои майдаи савдои чаканаро идора кунанд. Бештари машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур сатҳи дуюми тахассусро талаб менамоянд.

1361. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур, одатан иборатанд:

– ташкили раванди савдо ва фурӯши маҳсулот дар мағозаҳои фурӯши яклухт ва чакана вобаста ба ҷойи истиқомат, бо телефон ё дар марказҳои ба мизоҷон хизматрасон;

– намоишдиҳӣ ва нишон додани маҳсулот ба харидорони иқтидорманд;

– харидорӣ ё бастани шартнома дар бораи пайваста таҳвил намудани молҳое, ки ба фурӯш гузошта мешаванд;

– батартибдарорӣ ва ҷойгиркунонии маҳсулот барои фурӯш ва борпечонӣ ё бастабандӣ кардани молҳои фурӯхташуда;

– муайян кардани номгӯйҳо, захираҳо ё сатҳи нархи маҳсулоти ба фурӯш гузошташаванда;

– кор бо дастгоҳҳои хазинавӣ, сканерҳои оптикии дорои хат– рамзҳо, компютерҳо ва таҷҳизот барои бақайдгирӣ ва қабули пардохтҳо барои хариди мол ва хизматрасониҳо. Баъзе машғулиятҳое, ки ба дигар зергурӯҳ дохил шудаанд, метавон уҳдадориҳо оид ба дастурамалҳои дигар кормандонро ворид намуд.

1362. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 521 | Савдогарони кӯчагӣ ва фурӯшандаҳо дар бозор |
| 522 | Фурӯшандаи мағозаҳо |
| 523 | Хазинадорҳо, бо иловаи хазинадорони чиптаҳо |
| 524 | Кормандони дигар соҳаи савдо |

Эзоҳ: Мудирони мағозаҳо ва менеҷерон оид ба фурӯш ба гурӯҳи асосии 1–Роҳбарон дохил мешаванд. Мутахассисон оид ба фурӯши молҳои техникӣ ва тиббӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ ба гурӯҳи асосии 2–Мутахассисони тахассуси сатҳи олӣ дохил мешаванд. Агентҳо оид ба фурӯши тиҷоратӣ ва агентҳои суғуртавӣ, брокерҳои молиявӣ ва савдо ба гурӯҳи асосии 3–Мутахассисони тахассуси сатҳи миёна дохил мешаванд. Савдогарони кӯчагӣ ба гурӯҳи асосии 9–Коргарони бетахассус ворид мегарданд.

## 108. ГУРӮҲИ ХУРДИ 521.

### § 1. Савдогарони кӯчагӣ ва фурӯшандаҳо дар бозор

1363. Савдогарони кӯчагӣ ва фурӯшандаҳо дар бозорҳо аз дӯкончаҳо дар бозорҳо ё дар кӯчаҳо молро мефурӯшанд ва ғизои гарм ё хунук ва нӯшокиҳои омода истифодаи бевосита дар кучаҳо ва ҷойҳои ҷамъиятиро тайёр намуда, мефурӯшанд.

1364. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– гирифтани иҷозат барои кушодани нуқтаи савдо дар ҷойҳои муайяни кӯча, бозор ё дигар ҳудудҳои кушода ё барои фурӯши ғизо ва нӯшокиҳо дар кӯча;

– харидорӣ ё бастани шартнома дар бораи пайваста расонидани маҳсулоте, ки ба фурӯш гузошта мешавад;

– ҷамъкунӣ ва ба тартиб даровардани дӯкончаҳо ва хаймаҳо;

– ҳамлу нақл, нигаҳдорӣ, боркунонӣ ва фуровардани маҳсулоте, ки барои фурӯш пешбинӣ гардидаанд;

– ба тартиб даровардан, ҷойгиркунонӣ ва фурӯши маҳсулот ва нӯшокиҳо ва қабули пардохтҳо;

– печонидан ва бастабандакунии маҳсулоти фурӯхташуда;

– омоданамоии таомҳо ва нӯшокиҳо барои фурӯш;

– ҷойивазкунӣ ва кашонидани аробаҳои дастӣ, истгоҳҳои молдор, дӯкончаҳо ё сабадҳо барои кашонидани ғизо ва нӯшокиҳо ба ҷойҳои зарурӣ дар кӯчаҳо ё дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ба монанди, истгоҳҳо ё

кинотеатрҳо, пешбурди баҳисобгирии молҳои фурӯхташуда ва сатҳи захираҳо.

1365. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 5211 | Фурӯшандаҳо дар бозорҳо |
| 5212 | Фурӯшандаҳои кӯчагии малҳои хӯрокворӣ |

Эзоҳ: Фурӯшандаҳои маҳсулоти ғайрихӯрока дар кӯчаҳо ва дар ҷойҳои ҷамъиятӣ (ё маҳсулоти қоғазпечи ғизоии зудвайроннашаванда, масалан, маҳсулоти қаннодӣ) бо аробаҳои дастӣ, истгоҳҳои молрасонӣ, дӯкончаҳо ё сабадҳо ба гурӯҳи хурди 9520–Фурӯшандаҳо дар кӯчаҳо ва бозорҳо дохил мешаванд.

## § 2. 5211. Фурӯшандаҳо дар бозорҳо

1366. Фурӯшандаҳо дар бозорҳо маҳсулоти гуногунро таҳти осмони кушод дар бозорҳо ё бозорҳои болопӯшида, дар нуқтаҳои савдо дар кӯчаҳо (дар дӯконҳо) ё дар дигар майдонҳои кушод мефурӯшанд.

1367. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– гирифтани иҷозат барои кушодани нуқтаи савдо дар ҷойҳои муайяни кӯча, бозор ё дигар майдонҳои кушод;

– муайян кардани навъҳо, захираҳо ё сатҳи нархи маҳсулот барои фурӯш пешбинишуда;

– харидорӣ намудани молҳо аз боррасонҳои яклухтфурӯш ё бевосита аз истеҳсолкунандагон, бо онҳо бастани шартномаҳо дар бораи мунтазам дастраскунии молҳои барои фурӯш таъингардида;

– муҷаҳҳазгардонии (омоданамоии) нуқтаи савдо, ҳамлу накл, нигаҳдорӣ, боркунонӣ ва фуровардани маҳсулоти барои фурӯш пешбинишуда;

– намоиш ва фурӯши молҳо ва қабули пардохтҳо;

– батартибдарорӣ ва ҷойгиркунонии молҳо барои фурӯш, печонидан ё бастабандикунонии молҳои фурӯхташуда;

– пешбурди бақайдгирии моли фурӯхташуда ва сатҳи захираҳо.

1368. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– молики нуқтаи савдо дар бозор;

– фурӯшанда дар бозор.

1369. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– фурӯшандаи кӯчагии молҳои хӯрока–5212;

– фурӯшанда дар дӯконча–5221;

– ёрдамчии фурӯшандаи мағоза–5223;

– корманди дӯкон, хизматрасони муштариёни ҷойҳои хӯроки ҷамъиятӣ– 5246;

– фурӯшандаҳо дар кӯча ва бозорҳо–9520.

Эзоҳ: Фурӯшандагони нуқтаҳои савдо дар кӯчаҳо ва бозорҳо, ки маҳсулоти ғизоии тару тозаи барои бевосита истеъмол намудан пешбинӣ нагардидааст

(масалан, меваҳо, сабзавот, маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ) ба гурӯҳи ибтидоии 5211–Фурӯшандаҳо дар бозор дохил мешаванд. Фурӯшандагони нуқтаҳои савдо дар кӯчаҳо ва бозорҳо, ки таомҳои тайёр ва маҳсулоти ғизоиро барои истеъмоли бевосита мефурӯшанд, ба гурӯҳи ибтидоии 5246 – Кормандони дӯкони хизматрасонии мизоҷон дар ҷойҳои хӯроки умумӣ ба ҳисоб мераванд. Фурӯшандаҳо дар кӯчаҳо ва ҷойҳои ҷамъиятие, ки таом ва нӯшокиҳоро барои истеъмоли бевосита аз аробачаҳои дастӣ, истгоҳҳои молрасонӣ, дӯконҳо ё сабадҳо мефурӯшанд, ба гурӯҳи ибтидоии 5212–Фурӯшандаҳои маҳсулоти хӯрока дар кӯчаҳо дохил мешаванд. Фурӯшандагони маҳсулоти ғайрихӯрока дар кӯчаҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ (ё қоғазпечи маҳсулоти зудвайроннашавандаи хӯрока, масалан, маҳсулоти қаннодӣ), ки аз аробачаҳои дастӣ, истгоҳҳои молрасонӣ, дӯконҳо ё сабадҳо мефурӯшанд, ба гурӯҳи ибтидоии 9520 – Фурӯшандаҳо дар кӯча ва дар бозорҳо ба ҳисоб мераванд. Кормандоне, ки маҳсулоти оддии ғизоиро барои бевосита истеъмол намудан тайёр менамоянд, аз он ҷумла, гамбургер тайёр мекунанд, вале, бевосита бо муштарӣ тақрибан дар алоқа намебошанд, ба гурӯҳи ибтидоии 9410–Тайёркунандагони хӯрокҳои зудомодашаванда ва коргарони бетахассуси нуқтаҳои хӯроки умумӣ, ба истиснои фаррошон ба ҳисоб мераванд. Бояд қайд намуд, ки мақсад аз ҷудо намудани фурӯшандаҳои маҳсулоти хӯрока барои истеъмоли бевосита аз он иборат мебошад, ки алоҳида ҷудо намудани машғулиятҳо барои онҳое, ки малакаҳои хизматрасонӣ, малакаҳои заминавӣ барои омоданамоӣ ва муносибати беҳдоштӣ бо маҳсулоти ғизоиро талаб менамоянд, ба ҳисоб гирифта шудааст. Кормандони дӯконҳои дастраскунандаи хизматрасонии муштариёни ҷойҳои хӯроки умумӣ одатан таомҳо ва маҳсулоти доираи васеи бештар мураккабро нисбат ба фурӯшандаҳои кӯчагии фурӯши маҳсулоти хӯрока пешниҳод менамоянд ва аслан ба ҳамлу нақли маҳсулоти хӯрока бо аробаҳои дастӣ, дучархаҳо ё сабадҳо ва фурӯш ба воситаҳои онҳо истифода намебаранд.

## § 3. 5212. Фурӯшандаҳои кӯчагии молҳои хӯрокворӣ

1370. Фурӯшандаҳои кӯчагии молҳои хӯрокворӣ хӯрокҳои гарм, сард ва нӯшокиҳои тайёр барои истеъмол дар кӯчаҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ ба монанди истгоҳҳо, кинотеатрҳо ё боғҳо тайёр карда савдо мекунанд ё пешакӣ тайёргардидаро мефурӯшанд.

1371. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– гирифтани иҷозат ё литсензия (дар ҳолати зарурӣ) барои фурӯхтани ғизо ва нӯшокиҳо дар кӯчаҳо ё дар ҷойҳои ҷамъиятӣ;

– дастраскунии таомҳо ва нӯшокиҳо барои фурӯш;

– омоданамоии (қаблан ё дар ҷойҳо) тайёр кардани таомҳо ва нӯшокиҳо барои фурӯш;

– боркунӣ ва борфурорӣ, аз як ҷой ба ҷойи дигар ва кашонидани аробаҳои дастӣ, аробаҳои ҳамвори (платформаҳои) молкашонӣ, дӯконҳо ё сабадҳо барои ҳамлу нақли хӯрока ва нӯшокиҳо ба ҷойи зарурӣ дар кӯча, ё дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ба монанди, истгоҳҳо, кинотеатрҳо ё боғҳо;

– намоиш ва фурӯши молҳо ва нӯшокиҳо ва қабули пардохтҳо.

1372. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– фурӯшанда–дукондори кӯчагӣ (маҳсулоти хӯрока);

– фурӯшандаи кӯчагии молҳои хӯрокворӣ.

1373.Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:
– ошпаз–5120;
– корманди дукон, хизматрасони муштариёни ҷойҳои ҷамъиятӣ–5246;
– омадакунандагони хӯрокҳои зудтайёр–9410;
– фурӯшандагон дар кӯчаҳо ва бозорҳо–9520.

Эзоҳ: Фурӯшандагон дар нуктаҳои савдо дар кӯчаҳо ва дар бозорҳо, ки маҳсулоти хӯроквории тару тозаро барои бевосита истеъмол накардан пешбинӣ гардидааст, (масалан, меваҳо, сабзавот, маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ) мефурӯшанд, ба гурӯҳи ибтидоии 5211–Фурӯшандаҳо дар бозорҳо мансуб медонанд. Фурӯшандагони нуқтаҳои савдо дар кӯчаҳо ва бозорҳо, ки таомҳои тайёр ва маҳсулоти ғизоиро барои истеъмоли бевосита мефурӯшанд, ба гурӯҳи ибтидоии 5246–Кормандони дукон, хизматрасони мизоҷон дар ҷойҳои хӯроки умумӣ мансуб мебошанд. Фурӯшандаҳо дар кӯчаҳо ва ҷойҳои ҷамъиятие, ки таом ва нӯшокиҳоро барои истеъмоли бевосита аз аробачаҳои дастӣ, аробаҳои ҳамворӣ (платформаи) молрасонӣ, дӯконҳо ё сабадҳо мефурӯшанд, ба гурӯҳи ибтидоии 5212–Савдогарони кӯчагии маҳсулоти хӯрокворӣ мансуб мешаванд. Фурӯшандаҳои маҳсулоти ғайрихӯрока (ғайрихӯрока) дар кӯчаҳо ва дар ҷойҳои ҷамъиятӣ (ё маҳсулоти қоғазпечи ғизоии зудвайроннашаванда, масалан, маҳсулоти қаннодӣ) бо аробаҳои дастӣ, аробаҳои ҳамворӣ (платформаи) молрасонӣ, дӯкончаҳо ё сабадҳо ба гурӯҳи хурди 9520–Фурӯшандаҳо дар кӯчаҳо ва бозорҳо мансуб медонанд. Кормандоне, ки маҳсулоти одии ғизоиро барои бевосита истеъмол намудан тайёр менамоянд, аз ҷумла, гамбургер тайёр мекунанд, вале, бевосита бо муштарӣ тақрибан дар алоқа намебошанд, ба гурӯҳи ибтидоии 9410–Тайёркунандагони хӯрокҳои зудтайёр ва коргарони бетахассуси нуқтаҳои хӯроки умумӣ, ба истиснои фаррошон мансуб медонанд. Бояд дарҷ намуд, мақсад аз ҷудо намудани фурӯшандаҳои маҳсулоти хӯрока барои истеъмоли бевосита аз он иборат мебошад, ки алоҳида ҷудо намудани машғулиятҳо барои онҳое, ки малакаҳои хизматрасонӣ, малакаҳои заминавӣ барои омоданамоӣ ва муносибати беҳдоштӣ бо маҳсулоти ғизоиро талаб менамоянд, ба ҳисоб гирифта шудааст. Кормандони дӯконҳои дастраскунандаи хизматрасонии муштариёни ҷойҳои хӯроки умумӣ, одатан таомҳо ва маҳсулоти доираи васеи бештар мураккабро нисбат ба фурӯшандаҳои кӯчагии фурӯши маҳсулоти хӯрока пешниҳод менамоянд ва аслан ба ҳамлу нақли маҳсулоти хӯрока бо аробаҳои дастӣ, дучархаҳо ё сабадҳо ва фурӯш ба воситаҳои онҳо истифода намебаранд.

## 109. ГУРӮҲИ ХУРДИ 522.
### § 1. Фурӯшандаҳои мағозаҳо

1374. Фурӯшандаи мағозаҳо бевосита ба қишрҳои васеи аҳолӣ дар мағозаҳои чакана ва муассисаҳои яклухтфурӯшӣ (анборҳо) молҳои гуногунро мефурӯшанд ва хизматрасонӣ мекунанд. Онҳо кор ва сифати ин молҳоро ва хизматрасониҳоро мефаҳмонанд ва мағозаҳои хурдро мудирӣ мекунанд ё кори ёрдамчиёни фурӯшандаҳои мағозаҳо ва хазинадорҳоро назорат мебаранд.

1375. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– фаҳмондадиҳии афзалиятҳои муштариён ва пешниҳоди тавсияҳо дар бораи навъҳои маҳсулот, нарх, дастраскунӣ, кафолат, истифодабарии маҳсулот ва нигоҳубини онҳо;

– намоишдиҳӣ, фаҳмондадиҳӣ ва фурӯши маҳсулот ва хизматрасонӣ ба муштариён;

– қабули пардохт барои маҳсулот ва хизматрасониҳо бо истифодаи усулҳои гуногуни пардохткунӣ ва омоданамоии ҳисобиҳо–рӯйхатҳо (чиптаҳо);

– гузаронидан ё расонидани кумак ҳангоми ба роҳ мондани идоракунии ҷории захираҳо, бо дар бар гирифтани аз нав ҳисобукитобкунӣ ва ҳамчунин, иштирок дар барӯйхатгирӣ;

– батартибдарорӣ ва ҷойгиркунонии маҳсулот барои фурӯш ва печонидан ё бастабандикунонии маҳсулоти фурӯхташуда;

– муайян кардани навъҳо, захираҳо ё сатҳи нархи маҳсулоте, ки барои фурӯш пешбинӣ шудаанд;

– ҳамоҳангсозӣ ва назорати кори ёрдамчиёни фурӯшандаҳои мағозаҳо, назоратчиён ва дигар кормандони мағозаҳои бузург (супермаркетҳо) ва мағозаҳои универсалӣ (универмагҳо).

1376. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 5221 | Фурӯшандаи дӯкончаҳо ва дӯконҳо |
| 5222 | Саркорони мағозаҳо (сарфурӯшанда) |
| 5223 | Фурӯшандаҳо ва ёрдамчиёни фурӯшандаҳои мағозаҳо |

### § 2. 5221. Фурӯшандаи дӯкончаҳо ва дӯконҳо

1377. Фурӯшандаи дӯкончаҳо ва дӯконҳо мағозаҳои на он қадар калони чаканафурӯширо (дӯкончаҳо ё дӯконҳо) мустақилона ё бо кумаки шумораи ками дигар одамон идора мекунанд.

1378. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– муайян кардани навъҳо, захираҳо ва сатҳи нархи маҳсулоте, ки барои фурӯш гузошта мешаванд;

– харидорӣ ва фармоиши маҳсулот дар бозор аз яклухтфурӯшон ва дигар молсупорандагон барои фурӯш;

– тартиб додани буҷет ва пеш бурдани баҳисобгирии захираҳо ва амалиёти молиявӣ;

– муайян намудани нархҳо ва чиндани маҳсулот барои фурӯш;

– фурӯши маҳсулот ба мизоҷон ва машваратдиҳӣ ба муштариён дар бораи истифодабарии маҳсулот;

– дида баромадани маҳсулоти бозгардонидашуда ва қабули қарор дар бораи чораҳои зарурӣ;

– гузаронидани барӯйхатгирии молу маҳсулоти арзишманд.

1379. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– баққол;

– молики дӯкончаи рӯзномафурӯшӣ;

– фурӯшандаи дукон.

1380. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

- мудири мағоза–1420;

– молики нуқтаи савдо дар бозор–5211.

Эзоҳ: Танҳо кормандони мағозаҳои хурде, ки барои онҳо идора ва назорати ҳайатҳо қисми асосии корашон ба ҳисоб намеравад, ба гурӯҳи ибтидоии 5221–Фурӯшандаи дӯкончаҳо ва дӯконҳо мансуб медонанд. Кормандони мағозаҳое, ки барои онҳо идора ва назорати ҳайатҳо қисми кори асосӣ ва бештар такроршавандаашон ба ҳисоб меравmend, ба гурӯҳи ибтидоии 1420–Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасонии савдои чакана ва яклухт мансуб мешаванд. Ҳайате, ки фаъолияти ёрдамчиёни фурӯшандаҳои мағозаҳо, назоратчиён ва дигар кормандонро назорат ва идора мекунанд, вале, барои муайян кардани навъҳои маҳсулот, сиёсати ягонаи нархгузорӣ, буҷа, шумораи ҳайат, интихоб ва кирои ҳайат масъулият намебаранд, ба гурӯҳи ибтидоии 5222–Сардорони мағозаҳо мансуб медонанд.

## § 3. 5222. Саркорони мағозаҳо (сарфурӯшанда)

1381. Саркорони мағозаҳо кори фурӯшандаҳои мағозаҳо, назоратгараон ва дигар кормандони мағозаҳои чакана ва яклухтфурӯшӣ, ба монанди мағозаҳои бузург ва мағозаҳои универсалиро назорат мебаранд ва ҳамоҳанг месозанд.

1382. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– банақшагирӣ ва тартиб додани ҷадвали кор ва ба ҳайат додани супориши муайян;

– дастурдиҳӣ ба ҳайат оид ба масъалаҳои бо қоидаҳои фурӯш алоқаманд, аз он ҷумла, ҳалли масъалаҳои душвор ва мураккаб;

– таъмини хизматрасонии оперативӣ ба муштариён;

– қабули иштирок ва пешниҳоди тавсияҳо ба идоракунандагон дар раванди гузаронидани мусоҳиба, кирокунӣ, омоданамоӣ, баландбардорӣ дар ҷойи кор ва хориҷ кардани ҳайат ва ҳамчунин, ҳалли муноқишаҳои меҳнатӣ;

– дида баромадани маҳсулоти бозгардонидашуда ва қабули қарор дар бораи чораҳои зарурӣ;

– гузаронидани барӯйхатгирии молҳо барои фурӯш ва фармоишҳои нав барои ташаккули захираҳо;

– таъмини нишондодҳои дурусти нархҳо ва намоишгузории дурусти маҳсулот ва хизматрасониҳо;

– таъмини риояи қоидаҳои бехатарии техникӣ.

1383. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сардор дар мағозаҳои бузург;

– сардор–назоратгар.

1384. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– маъмури мағоза–1420;

– фурӯшанда дар дӯконча–5221;

– фурӯшандаи нуқтаи савдо (дар кӯча)–5211.

Эзоҳ: Кормандони мағозаҳои хурде, ки барои онҳо идора ва назорати ҳайатҳо қисми асосии корашон ба ҳисоб намеравад, ба гурӯҳи ибтидоии 5221–Фурӯшандаҳои дӯкончаҳо ва дӯконҳо дохил мешаванд. Маъмурони мағозаҳое, ки бар иловаи назорати ҳайат корҳои идоракуниро, ба монанди, муайян кардани навъҳои маҳсулот, сиёсати ягонаи умумӣ, тартиб додани буҷет ва қабули қарор дар бораи шумораи ҳайат, интихоб ва киро намудани ҳайат ба роҳ мемонанд, ба гурӯҳи ибтидоии 1420–Роҳбарон (маъмурон)–и зерсохторҳои махсус оид ба хизматрасонии савдои чакана ва яклухт дохил мешаванд.

## § 4. 5223. Фурӯшандаҳо ва ёрдамчиёни фурӯшандаҳои мағозаҳо

1385. Фурӯшандаҳо ва ёрдамчиёни фурӯшандаҳои мағозаҳо маҳсулоти гуногунро мефурӯшанд ва ба табақаҳои васеи аҳолӣ ё аз номи муассисаҳои савдои чакана ва яклухт бевосита хизматрасонӣ мекунанд ва ҳамчунин, кор ва сифати чунин маҳсулот ва хизматрасониҳоро мефаҳмонанд.

1386. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– фаҳмондадиҳии афзалиятҳои муштариён ва пешниҳоди тавсияҳо дар бораи навъҳои маҳсулот, нарх, дастраскунӣ, кафолат, истифодабарии маҳсулот ва нигоҳубини онҳо;

– намоишдиҳӣ, фаҳмондадиҳӣ ва фурӯши маҳсулот ва хизматрасонии муассиса;

– фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳо, қабули пардохт барои маҳсулот ва хизматрасониҳо ва қайди фурӯш бо истифодаи усулҳои гуногуни пардохткунӣ ва омоданамоии ҳисобиҳо–рӯйхатҳо;

– расонидани кумак ҳангоми ба роҳ мондани идоракунии ҷории захираҳо, бо дар бар гирифтани аз нав ҳисобу китобкунӣ ва ҳамчунин, иштирок дар барӯйхатгирӣ;

– батартибдарорӣ ва ҷойгиркунонии маҳсулот барои фурӯш ва печонидан ё бастабандикунонии маҳсулоти фурӯхташуда.

1387. Намунаи машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ёрдамчии фурӯшандаи мағоза;

– фурӯшанда (муассисаи савдои яклухт);

– фурӯшанда (муассисаи савдои чакана).

1388. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– мудири мағоза–1420;

– фурӯшандаи нуқтаи савдо (дар кӯча)–5211;

– фурӯшанда дар бозор–5211;

– фурӯшандаи маҳсулоти хӯрокворӣ дар кӯча–5212;

– фурӯшанда дар дӯкончa–5221;
– хазинадор–5230.

## 110. ГУРӮҲИ ХУРДИ 523.
### § 1. Хазинадорҳо, бо иловаи хазинадорони хазинаҳои чиптафурӯшӣ

1389. Хазинадорҳо, бо иловаи хазинадорони хазинаҳои чиптафурӯшӣ бо дастгоҳҳои хазинавӣ, сканерҳои оптикии хат–рамздор, компютерҳо ё дигар таҷҳизот барои бақайдгирӣ ва қабули пардохтҳо барои хариди маҳсулот, хизматрасонӣ ва пардохти воридшавӣ ба чунин муассисаҳо, ба монанди, мағозаҳо, тарабхонаҳо ва хазинаи чиптаҳо кор мекунанд.

1390. Ба уҳдадориҳои гурӯҳи хурди мазкур чун қоида дохил мешавад:

– гирифтан ва санҷидани пули пардохт, бо чек, картаи қарзӣ ё тавассути амалиёти дастгоҳи худкори дебетӣ дар мағозаҳо, хазинаҳои чипта ё муассисаҳои ҳаммонанд;

– додани бақия ва расидҳо;

– додани чиптаҳо дар хазинаҳои чиптафурӯшӣ ва қабули пардохтҳои зарурӣ;

– бозҳисобӣ ва бақайдгирии пулҳои гирифташуда ва пардохткардашуда ва муқоиса намудани онҳо бо ҳисоботҳои савдо бо дастгоҳҳои хазинавӣ;

– гирифтани пулҳои воридгардида, санҷиши онҳо аз рӯйи расидҳо (чиптаҳо) оид ба фурӯш ва дигар ҳуҷҷатҳо ва омоданамоӣ барои супоридан ба бонк;

– кор бо дастгоҳҳои хазинавӣ барои ҳисобкунии маблағҳои ба пардохтҳои мизоҷон вобастабуда;

– сканеркунонӣ, баркашӣ ва бақайдгирии нархҳо барои молҳо;

– печонидан ва ҷойгиркунонии молҳо дар халтаҳо.

1391. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 5230 | Хазинадорҳо бо иловаи хазинадорони хазинаҳои чиптафурӯшӣ |

### § 2. 5230. Хазинадорҳо, бо иловаи хазинадорони хазинаҳои чиптафурӯшӣ

1392. Хазинадорҳо, бо иловаи хазинадорони хазинаҳои чиптафурӯшӣ бо дастгоҳҳои хазинавӣ, сканерҳои оптикии рамзхатдор, компютерҳо ё дигар таҷҳизот барои бақайдгирӣ ва қабули пардохтҳо барои хариди маҳсулот, хизматрасонӣ ва пардохти воридшавӣ ба чунин муассисаҳо, ба монанди мағозаҳо, тарабхонаҳо ва воридшавии пулакӣ ба чорабиниҳои дилхушкунанда ва варзишӣ кор мекунанд.

1393. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– гирифтан ва санҷидани пардохти накдӣ, бо чек, картаи қарзӣ ё тавассути амалиёти худкори дебетӣ дар мағозаҳо, хазинаҳои чипта ё муассисаҳои ҳаммонанд;

– додани бақия ва расидҳо;

– додани чиптаҳо барои дидан намудани чорабиниҳои варзишӣ ва фарҳангӣ;

– бозҳисобӣ ва бақайдгирии маблағи гирифташуда ва пардохтшуда ва муқоиса намудани онҳо бо ҳисоботи савдо бо дастгоҳҳои хазинавӣ;

– гирифтани пулҳои воридгардида, санҷиши онҳо аз рӯйи расидҳо оид ба фурӯш ва дигар ҳуҷҷатҳо ва омоданамоӣ барои супоридан ба бонк;

– кор бо дастгоҳҳои хазинавӣ барои ҳисобкунии маблағҳои ба пардохтҳои мизоҷон вобастабуда;

– сканеркунонӣ, баркашӣ ва бақайдгирии нархҳо барои молҳо;

– печонидан ва ҷойгиркунонии молҳо дар халтаҳо.

1394. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– хазинадори мағоза;

– хазинадор дар истгоҳи хизматрасонӣ (нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории автомобилӣ);

– хазинадор оид ба додани чиптаҳо (чорабиниҳои дилхушӣ ва варзишӣ);

– назоратчӣ – хазинадор (супермаркетҳо).

1395. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

- хизматчӣ оид ба додани чипта (саёҳат)–4221;

– саркор– назоратчӣ–5222;

– ёрдамчии фурӯшандаи мағоза–5223;

– хизматчӣ дар истгоҳи хизматрасонӣ–5245.

## 111. ГУРӮҲИ ХУРДИ 524.

### § 1. Кормандони дигари соҳаи савдо

1396. Кормандони дигари соҳаи савдо молҳо, маҳсулоти хӯрокворӣ ва ҳизматрасониҳоро ҳамодатан ба ҷомеаи васеъ дар шароити фарққунанда аз фурӯш дар бозорҳо, кӯчаҳо ва дар мағозаҳо пешниҳод мекунанд, намоиш медиҳанд ва мефурӯшанд. Ба ин гурӯҳ кормандоне, ки дар гурӯҳи хурди 521 Савдогарони кӯчагӣ ва фурӯшандаҳо дар бозор, 522 Фурӯшандаи мағозаҳо ва 523 Хазинадорҳо бо иловаи хазинадорони хазинаҳои чиптафурӯшӣ дохил намешаванд, ворид мегарданд.

1397. Ба уҳдадориҳои гурӯҳи хурди мазкур яун қоида дохил мешавад:

– ҷойкунонӣ ва намоишдиҳии молҳо барои фурӯш;

– мавқеъгузорӣ барои суратгирӣ, сабти кино- ва видеофилмҳо, реклама, ё бо мақсади эҷодиёти бадеӣ;

– ҷавобҳо ба саволҳо ва пешниҳоди тавсияҳо барои истифодаи молҳо ва хизматрасониҳо;

– қабули фармоишҳо ва ташкили пардохтҳо, дастраскунӣ ва гирифтани молҳо ё расонидани хизматрасониҳо;

– фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо ва мусоидат намудан дар бароҳмонии тиҷорат, ташрифи мизоҷони иқтидорманд ва аз як хона ба хонаи дигар рафтан, бо телефон ё истифодаи дигар воситаҳои электронӣ;

– фурӯши сӯзишворӣ, маводи сӯзишворӣ–молиданӣ ва дигар маҳсулот барои нақлиёт дар нуқтаҳои хизматрасонии техникӣ, расонидани хизматрасонӣ, ба монанди, пур кардани сӯзишворӣ, тозакунӣ, равғанмолӣ ва гузаронидани таъмири хурди воситаҳои нақлиёт.

1398. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 5241 | Манекенҳо ва дигар моделҳои зинда |
| 5242 | Намоишдиҳандагони молҳо |
| 5243 | Фурӯшандагони ба харидорон пешниҳодкунандаи молҳо дар ҷойи зист ва тариқи интернет |
| 5245 | Хизматчиён дар пойгоҳҳои хизматрасонӣ |
| 5246 | Кормандони пешдӯкони хизматрасонии мизоҷон дар ҷойҳои хӯроки умумӣ |
| 5249 | Кормандони соҳаи савдо ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

Эзоҳ: Роҳбарони хадамот оид ба фурӯши ба гурӯҳи хурди 122–Роҳбарони хадамот оид ба фурӯш, бозоршиносӣ ва рушд дохил мешаванд. Мутахассисон оид ба фурӯши молҳои техникӣ, тиббӣ ва дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба гурӯҳи хурди 243–Мутахассисон оид ба робита бо ҷомеа, фурӯш ва бозоршиноси (маркетинги)–и маҳсулот ва хизматрасонӣ дохил мешаванд. Агентҳо оид ба фурӯши тиҷоратӣ ва агентҳои суғуртавӣ ба гурӯҳи хурди 332 - Агентҳо оид ба харид ва фурӯш, брокерҳои савдокунӣ мансуб мебошанд.

## § 2. 5241. Манекенҳо ва дигар моделҳои зинда

1399. Манекенҳо ва дигар моделҳои зинда либос ва лавозимотро намоиш медиҳанд ва барои суратгирӣ, кино-видеофилмҳо, рекламаҳо, суратҳо ё бо мақсади эҷоди бадеӣ ба таври махсус меистанд.

1400. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– намоиши намунаҳои либосҳои нав ё либосҳои мӯдӣ ё либосҳо аз рӯйи хоҳиши мизоҷон;

– гардиш, тоб хӯрдан ва дигар усулҳои намоишдиҳӣ бо мақсади нишон додани тарафҳои бештар ҷолиб, услуб ва тавсифи либос, лавозимоти мудӣ ва дигар маҳсулот;

– ба сифати асл барои пайкаратарошӣ, наққошӣ ва дигар намудҳои санъати тасвирӣ ба таври махсус истодан;

– ба сифати модел барои суратгирӣ, маҷаллаҳо ва дигар ҳомилони реклавмавӣ истодан ба таври махсус;

– барои телевизион, рекламаи наворӣ, рекламаҳо дар синамо ва дигар басаҳнагузориҳо ба таври махсус истодан.

1401. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– андомаҳо (манекенҳо);
– модел барои наворбардорӣ дар реклама;
– модел.

## § 3. 5242. Намоишдиҳандагони молҳо

1402. Намоишдиҳандагони молҳо молҳоро дар толорҳои савдо, намоишгоҳҳо ва дар хонаҳои хусусӣ намоиш медиҳанд.

1403. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– батартибдарории ҷевонҳои намоишии маҳсулот ва намоишдиҳии молҳо барои фурӯш бо мақсади иттилоотонии аҳолӣ дар бораи тавсифот ва усулҳои истифодабарии онҳо ва ҳамчунин, барои ҳавасмандсозӣ ва завқи харидорон;

– ҷавобҳо ба саволҳо ва пешниҳоди тавсияҳо дар бораи истифодабарии молҳо;

– фурӯши маҳсулот ё равона кардани мизоҷон ба ҳайати фурӯшандаҳо;

– қабули фармоишҳо ва тагкили пардохт, дастраскунонӣ ва гирифтани молҳо;

– пешниҳоди намунаҳои молҳо, паҳн кардани феҳрист ва маводи рекламавӣ.

1404. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
-намоишдиҳандаи молҳо;
-фурӯшанда– машваратчӣ.

1405. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:
– фурӯшандаи нуқтаҳои савдо (дар кӯча)–5211;
– фурӯшанда дар бозор–5211;
– фурӯшандагони ба харидорон пешниҳодкунандаи молҳо дар ҷойи зист ва тариқи интернет –5243;

## § 4. 5243. Фурӯшандагони ба харидорон пешниҳодкунандаи молҳо дар ҷойи зист ва тариқи интернет

1406. Фурӯшандагони ба харидорон пешниҳодкунандаи молҳо дар ҷойи зист ва тариқи интернет молҳо ва хизматрасониҳоро тавсиф, намоиш медиҳанд ва мефурӯшанд, барои ба роҳ мондани савдои корхонаҳо бо ташрифи мизоҷони иқтидорманд, ки одатан дар хонаҳои шахсӣ истиқомат мекунанд, аз як хона ба хонаи дигар рафта мусоидат менамоянд.

1407. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– муфассал хабар додан дар бораи молҳо ё хизматрасониҳои гуногун ва шароити фурӯш тавассути дидани мизоҷон ва муштариёни иқтидорманд дар хонаҳои шахсӣ ва истифодабарандагони интернет;

– намоиш додан ё тавсифи молҳо ё хизматрасониҳои пешниҳодшаванда;

– бақайдгирии фармоишҳо, ҷойгиркунонии фармоишҳо аз молсупорандагон гирифташуда;

– омоданамоии суратҳисобҳо ва шартномаҳои хариду фурӯш ва қабули пардохтҳо;

– дар байни мизоҷон паҳн намудани мактубҳо, варақаҳои иттилоотӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо;

– тартиб додани рӯйхати мизоҷони минбаъда ва то ба онҳо расонидани иттилоот дар бораи фармоишҳои нави гирифташуда;

– аз як ҷой ба ҷойи дигар байни минтақаҳои фурӯш ва мизоҷон, ҳамлу нақли намунаҳо ё маҳсулоти барои фурӯш пешниҳодшаванда.

1408. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

–фурӯшандаи пешниҳодкунандаи молҳо дар ҷойи истиқомат;

–фурӯшандаи молҳо ва хизматрасониҳо бо телефон ва тавассути интернет.

1409. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– агент оид ба фурӯши тиҷоратӣ–3322;

– фурӯшандаи кӯчагӣ–9520.

## § 5. 5245. Хизматчиёни пойгоҳҳои хизматрасонӣ

1410. Хизматчиёни пойгоҳҳои хизматрасонӣ фурӯши сӯзишворӣ, маҳсулоти сӯзишворӣ–молиданӣ ва дигар маҳсулот барои нақлиёт ва дигар воситаҳои муҳаррикӣ-нақлиётӣ дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, тозакунӣ, равғанмолӣ ва гузаронидани таъмири хурди воситаҳои нақлиётиро роҳандозӣ мекунанд.

1411. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– пур кардани чалакҳо барои сӯзишворӣ ва зарфҳо то сатҳе, ки мизоҷон нишон медиҳанд;

– санҷидан ва баланд бардоштани фишор дар чарххо, сатҳи равған ва дигар моеъҳо дар воситаҳои нақлиёти мошинҳо;

– шустани шишаҳои пеш ва тирезаҳои воситаҳои нақлиёти автомобалӣ;

– гузаронидани таъмири хурди воситаҳои нақлиёти мошинҳо, аз ҷумла иваз кардани чарххо, лампаҳои барқӣ ва ҷӯткаҳои шишатозакунак;

– хизматрасонии техникӣ ва истифодабарии таҷҳизот барои ба таври автоматӣ шустани мошинҳо;

– гирифтани пардохтҳо аз мизоҷон барои харидҳо;

– тоза кардани помпаи сӯзишворикаш ва рӯбучини роҳҳои наздики роҳравҳои мағозаҳо ва иншоот;

– назорат аз болои захираҳо ва омоданамоии ҳисобот дар бораи сӯзишворӣ, равған, асбобу анҷом ва дигар маҳсулоти фурӯхташуда.

1412. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– хизматчиёни нуқтаҳои хизматрасонӣ;

– шустагари автомобилҳо.

1413. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– ёрдамчии фурӯшандаи мағоза–5223;

– хазинадор дар нуқтаи хизматрасонӣ–5230;

– корманди пешдукони хизматрасонӣ ба мизоҷон дар ҷойҳои хӯроки умумӣ– 5246.

Эзоҳ: Кормандоне, ки пардохт қабул мекунанд ё дар мағозаҳо ва нуқтаҳои хизматрасонӣ мол мефурӯшанд, вале, чунин хизматрасониҳоро, ҳангоми пур кардани сӯзишворӣ, равғанмолӣ, шустан ва таъмири техникӣ мусоидат намекунанд, ба гурӯҳи ибтидоии 5245–Хизматчиён дар нуқтаҳои хизматрасонӣ дохил намекунанд.

## § 6. 5246. Кормандони пешдӯкони хизматрасонии мизоҷон дар ҷойҳои хӯроки умумӣ

1414. Кормандони пешдӯкони хизматрасонии мизоҷон дар ҷойҳои хӯроки умумӣ ба мизоҷон дар дӯконҳо ва дар давраи баанҷомрасии омоданамоии маҳсулоти хӯроки оддӣ дар тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо, меҳмонхонаҳо, муассисаҳои ғизои зудомодашаванда, ошхонаҳо, беморхонаҳо ва дигар муассисаҳо хизматрасонӣ мекунанд.

1415. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– ба мизоҷон пешниҳод кардани таом ба пешдукон;

– фаҳмонида додани он, ки кадом намуди маҳсулотро мизоҷон мехоҳанд, расонидани кумак ба онҳо ҳангоми интихоби маҳсулот ва қабули фармоишҳо;

– шустан, тоза намудан, буридан ва реза кардани маҳсулоти хӯрока бо истифодаи асбобҳои дастӣ ва барқӣ;

– омода намудани маҳсулоти одии хӯрока ва гарм кардани таоми тайёршуда;

– тақсим кардани маҳсулоти хӯрока ба ҳиссаҳо, бастабандӣ ё бевосита ҷойгиркунонии онҳо дар табақчаҳо барои ба мизоҷон пешниҳод кардан;

– бастабандии таомҳо барои бурдан;

– зиёд кардани захираҳо дар яхдонҳо, барҳои хӯришҳо ва дӯкончаҳо ва баҳисобгирии миқдори маҳсулоти ғизоии сарфшуда;

– гирифтани пардохтҳо барои харидории маҳсулоти хӯрока.

1416. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

–корманди бар(ёрдамчии бармен);

–тақсимкунанда дар ошхона.

1417. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– ошпаз–5120;

– пешхизмат–5131;
– буфетчӣ–5132;
– фурӯшандаи нуқтаи савдо (дар кӯча)–5211;
– фурӯшанда дар бозор–5211;
– омодакунандаи ғизои зудтайёр–9411.

Эзоҳ: Фурӯшандагон дар нуқтаҳои савдо дар кӯчаҳо ва дар бозорҳо, ки маҳсулоти хӯроквории тару тозаро барои бевосита истеъмол кардан пешбинӣ нагардидааст, (масалан, меваҳо, сабзавот, маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ) мефурӯшанд, ба гурӯҳи ибтидоии 5211–Фурӯшандагон дар бозорҳо мансубанд. Фурӯшандагони нуқтаҳои савдо дар кӯчаҳо ва бозорҳо, ки таомҳои тайёр ва маҳсулоти ғизоиро барои истеъмоли бевосита мефурӯшанд, ба гурӯҳи ибтидоии 5246–Кормандони пешдӯкон, хизматрасони мизоҷони ҷойҳои хӯроки умумӣ мансуб медонанд. Фурӯшандаҳо дар кӯчаҳо ва ҷойҳои ҷамъиятие, ки таом ва нӯшокиҳоро барои истеъмоли бевосита аз аробачаҳои дастӣ, истгоҳҳои молрасонӣ, дӯконҳо ё сабадҳо мефурӯшанд, ба гурӯҳи ибтидоии 5212–Фурӯшангдаҳои кӯчагии маҳсулоти хӯрокворӣ дохил мешаванд.

Фурӯшандаҳои маҳсулоти ғайрихӯрока дар кӯчаҳо ва дар ҷойҳои ҷамъиятӣ (ё маҳсулоти қоғазпечи ғизоии зудвайроннашаванда, масалан, маҳсулоти қаннодӣ) бо аробаҳои дастӣ, истгоҳҳои молрасонӣ, дӯкончаҳо ё сабадҳо ба гурӯҳи хурди 9520–Фурӯшандаҳо дар кӯчаҳо (ба истисноӣ маҳсулоти хӯрокворӣ) дохил мешаванд. Кормандоне, ки маҳсулоти одии ғизоиро барои бевосита истеъмол намудан, тайёр менамоянд, аз ҷумла, гамбургер тайёр мекунанд, вале, бевосита бо муштарӣ амалан дар алоқа намебошанд, ба гурӯҳи ибтидоии 9410 Тайёркунандагони хӯрокҳои зудтайёр ва коргарони бетахассуси нуқтаҳои хӯроки умумӣ, ба истисноӣ фаррошҳо ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки мақсад аз ҷудо намудани фурӯшандаҳои маҳсулоти хӯрока барои истеъмоли бевосита аз он иборат мебошад, ки машғулиятҳои барои онҳо малакаҳои хизматрасонӣ, малакаҳои заминавӣ барои омоданамоӣ ва муносибати бехдоштӣ бо маҳсулоти ғизоӣ зарурӣ , алоҳида ба ҳисоб гирифта шавад.

Кормандони дӯконҳои хизматрасонӣ ба муштариёни ҷойҳои хӯроки умумӣ, одатан таомҳо ва маҳсулоти доирашон васеи бештар мураккабро нисбат ба фурӯшандаҳои кӯчагии фурӯши маҳсулоти хӯрока пешниҳод менамоянд ва одатан, ба ҳамлу нақли маҳсулоти хӯрока бо истифодаи таҷҳизот, ба монанди, аробачаҳои дастӣ, дучархаҳо ё сабадҳо машғул нестанд ва дар вақти фурӯш аз онҳо истифода намебаранд.

### § 7. 5249. Кормандони соҳаи савдои ба гурӯҳҳои дигар шомил нагардида

1418. Ба ин гурӯҳи ибтидоӣ кормандони соҳаи савдо, ки ба дигар гурӯҳҳои зергурӯҳи 52 – Фурӯшандаҳо дохил намешаванд, шомиланд.

1419. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– фурӯшанда дар гаравхона;
– фурӯшанда дар нуқтаи кироя.

## 112. ЗЕРГУРӮҲИ 53. КОРМАНДОНИ ХИЗМАТРАСОНИИ НИГОҲУБИНИИ ИНФИРОДӢ

1420. Кормандони хизматрасонии нигоҳубини инфиродӣ нигоҳубин, кумак ва назорати кӯдакон, беморон ва шахсони калонсол ва маъюбонро дар ташкилот ва дар хона таъмин мекунанд. Аксари машғулиятҳои ба зергурӯҳи мазкур дохилшуда, сатҳи дуюми тахассусро талаб мекунанд.

1421. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур иҷрокунанда, одатан иборатанд:

– кумаки аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдан, шустан ва дигар эҳтиёҷоти шахсӣ;

– ба кӯдакон расонидани кумак дар бадастории малакаҳои иҷтимоӣ дар асоси инфиродӣ;

– назорат ва иштирок дар намудҳои фаъолияти мусоидаткунанда ба рушди ҷисмонӣ, иҷтимоӣ, эҳсосӣ ва зеҳнии кӯдакон;

– мушоҳида ва пешниҳоди ҳисоботи зарурии кормандони мақомоти тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ.

1422. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳи хурди зерин тақсим мешаванд

| | |
|---|---|
| 531 | Кормандони дастраскунандаи хизматрасонӣ оид ба нигоҳубини кӯдакон, беморон, маъюбон, пиронсолон ва ғайра |

## 113. ГУРӮҲИ ХУРДИ 531.

### § 1. Кормандони дастраскунандаи хизматрасонӣ оид ба нигоҳубини кӯдакон, беморон, маъюбон, пиронсолон ва ғайра

1423. Кормандони дастраскунандаи хизматрасонӣ оид ба нигоҳубини кӯдакон, беморон, маъюбон, пиронсолон ва ғайра хизматрасониҳоро дастрас мекунанд. Онҳо нигоҳубин ва муоишатро ба роҳ монда, ба табибон ва ҳамшираҳои тиббӣ, кормандони иҷтимоӣ ва ёварони иҷтимоӣ, табибони касалиҳои дарунӣ ва эрготерапия кумак мерасонанд. Ҳамчунин, онҳо ба мизоҷони муассисаҳои тандурустӣ ва беморони дар хона, мизоҷони муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, маъюбон ва пиронсолон дар харидорӣ намудани маҳсулоти хӯрокворӣ ва хизматрасониҳои гуногуни маишӣ кумак мекунанд. Ба ғайр аз ин, онҳо барои табобат ва бистарикунии ҳайвоноти хонагӣ кумак мерасонанд.

1424. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– нигоҳубини кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, мушоияти онҳо ҳангоми сайру гашт, шустушӯ, либоспӯшӣ, хӯрокхӯрӣ ва ғайра;

– нигоҳубини пиронсолон ва беморон дар хона ва дар муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, коркарди беҳдоштӣ ва рӯбучини иншоот;

– расонидани кумак ба беморон дар муассисаҳои табобатӣ, овардани онҳо ба ҳуҷраҳои табобатӣ–ташхисӣ ва амалиётӣ;

– расонидани кумак ба табибон ва ҳайати миёнаи кумакрасони тиббӣ ба беморон дар хона;

– коркарди асбобҳо ва ашёҳои нигоҳубини беморон;

– харидорӣ ва ба пиронсолони дорои маҳдудият дар ҳаракат, дастраскунии маҳсулоти хӯрокворӣ, доруворӣ ва ба онҳо расонидани хизматрасониҳо барои пеш бурдани хоҷагии хонаводагӣ;

– супоридани ҷойпӯшҳои рахти хоб ба шустушӯйхона, пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ ва монанди инҳо.

1425. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 5311 | Кормандон оид ба нигоҳубини кӯдакон |
| 5312 | Кормандони дастраскунандаи хизматрасонии инфиродӣ ба мизоҷони муассисаҳои муолиҷавӣ |
| 5313 | Ёрдамчиён дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ |
| 5319 | Кормандони хизматрасонии инфиродӣ ва кормандони касбҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои дигар шомил нагардида |

## § 2. 5311. Кормандон оид ба нигоҳубини кӯдакон

1426. Кормандон оид ба нигоҳубини кӯдакон (аз ҷумла, кӯдакони дорои маъюбӣ) ба кормандони иҷтимоӣ ва ёварони иҷтимоӣ барои нигоҳубини кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои тиббӣ, марказҳои будубоши рӯзона ва дигар муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ барои кӯдакон, наврасон ва дигар ҷойҳои ҳозиршавии кӯдакон кумак мерасонанд. Кормандон оид ба нигоҳубини кӯдакон фаъолияти худро таҳти роҳбарӣ ва назорати мутахассисон ба роҳ мемонанд.

1427. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– либоспӯшонӣ, либоскашӣ, хӯрокдиҳӣ, хобонидан дар рахти хоб;

– мушоияти кӯдакон дар сайругашт, тайёркунӣ ва ташкили дарсҳо;

– таъмини зарурии ҳолати беҳдоштии иншоот, таҷҳизот ва асбобу анҷом;

– омӯзонидани кӯдакон барои мустақилона хӯрдани хӯрок;

– иҷтимоикунонии кӯдакон, дар онҳо инкишоф додани малакаҳои бозӣ кардан ва иҷтимоӣ;

– кумак намудан дар гузаронидани чорабиниҳои беҳдоштӣ, инкишофёбӣ ва тавонбахшӣ;

– кумак дар дастраскунии хизматрасониҳо мутобиқи нақшаҳои инфиродии хизматрасонӣ.

1428. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– доя,мураббӣ (мураббия);

– ёрдамчии мураббӣ;

– кормандони хизматрасонандаи инфиродӣ дар хона;

– ёрдамчиён дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ;

– ёрдамчии фардӣ;

– ёрдамчии корманди иҷтимоӣ оид ба кор бо кӯдакони дорои маъюбӣ;

– аниматори гурӯҳҳои бозигарӣ.

## § 3. 5312. Кормандони дастраскунандаи хизматрасонии инфиродӣ ба мизоҷони муассисаҳои табобатӣ

1429. Кормандони хизматрасонии инфиродии мизоҷони муассисаҳои табобатӣ, беморонро нигоҳубин мекунанд, муолиҷаҳои тиббӣ мегузаронанд, мизоҷонро барои муоина ё табобат омода намуда, коркарди беҳдоштии асбобҳо, ашёҳо барои нигоҳубини беморон ва манзилҳоро мегузаронанд.

1430. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– нигоҳубини беморон;

– расонидани беморон ба муассисаҳои табобатӣ– ташхисӣ ва муолиҷавӣ, ба табибон расонидани кумак ҳангоми гузаронидани амалиёти табобатӣ ва ташхисӣ;

– расонидани кумак ба беморони эҳтиёҷманд ҳангоми либоспӯшӣ, либоскашӣ, шустушӯ ва хӯрокхӯрӣ, иваз кардани ҷойпӯшҳои рахти хоб, коркарди асбобҳо ва ашёҳои нигоҳубини беморон, рӯбучини бино;

– назорати иҷрои қоидаҳои тартиботи дохилӣ аз ҷониби беморон.

1431. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ҳамшираи хурди тиббӣ оид ба парастории беморон;

– ҳамшираи тиббӣ;

– ёрдамчии корманди иҷтимоӣ оид ба кор бо шахсони дорои маъюбӣ ва пиронсол.

## § 4. 5313. Ёрдамчиён дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ

1432. Ёрдамчиён дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ кумаки заруриро ба шахсони эҳтиёҷманд дар алоқамандӣ бо бемориҳо, маъюбият ё синну соли калон мерасонанд. Онҳо барои иштирок ва ҳамгироии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дар ҷомеа мусоидат намуда, барои бартараф намудани мушкилиҳои зиндагӣ кумак мекунанд. Ба ғайр аз ин, ёрдамчиён дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар гузаронидани чорабиниҳои беҳдоштӣ, дастгирикунанда ва инкишофдиҳанда барои мизоҷоне, ки дар хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ қарор доранд, мусоидат менамоянд. Ёрдамчиён дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ фаъолияти худро таҳти роҳбарӣ ва назорати мутахассисон ба роҳ мемонанд.

1433. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– дастгирӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо тибқи нақшаи инфиродии хизматрасонӣ;

– парастории пиронсолон ва беморон дар хона, аз ҷумла, таомпазӣ, пешниҳоди таом ва хӯронидани шахсоне, ки қисман ё пурра қобилияти худхизматрасониашонро аз даст додаанд;

– расонидани хизматрасониҳои маишӣ ва беҳдоштӣ–беҳсозӣ (шустани зарфҳо, рӯбучини бино, иваз кардани ҷойпӯшҳои рахти хоб ва либос, оббозидорӣ, либоспӯшонӣ, расонидани кумак ҳангоми ҳаракаткунии мизоҷон ва ғайра);

– расонидани кумак ҳангоми қабули дорувории зарурӣ ва гузаронидани амалиёт табобатӣ;

– амалӣ намудани равандхои барқарорсозии маъюбон ва аъзои оила аз рӯйи барномаҳои инфиродии тавонбахшӣ дар ҷойи зист, тартиб додан ва амали намудани нақшаи барқарорсозии инфиродӣ дар асоси баҳодиҳии эҳтиёҷоти инфиродӣ;

– иттилоотикунонии табиби табобаткунанда дар бораи аломатҳои тағйирёбии вазъи саломатии истифодабарандагон;

– кумак дар иҷрои чорабиниҳои абилитатсионӣ ва хислати барқарордошта;

– хариди маҳсулоти хӯрокворӣ, маҳсулоти саноативу доруворӣ, додани ҷойпӯш барои шустан, либосҳо барои шустушӯи кимиёвӣ ва пойафзол барои таъмир ва ғайра.

1434. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– доя;
– коргари идораи хизматрасониҳои маишӣ;
– хоҳари тиббии сарпараст;
– ҳамшираи тиббӣ дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ;
– ёрдамчии фардӣ;
– корманди барқарорсозии ҷамъиятӣ;
– ёрдамчии табиби табобати ҷисмонӣ(физиотерапия);
– ёрдамчии эрготерапия.

### § 5. 5319. Кормандони дастраскунандаи хизматрасонии инфиродӣ ва кормандони касбҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

1435. Ба гурӯҳи заминавии мазкур кормандоне, ки хизматрасонии инфиродӣ мерасонанд ва коргарони касбҳои ҳаммонанд, ки ба дигар гурӯҳҳо дохил намегарданд, ворид мешаванд. Ба чунин кормандон, масалан, ҳамон нафароне бояд дохил шаванд, ки ба ҳайвонот, дорусозҳо дар омоданамоии дармонҳои гуногуни табобатӣ ва монанди инҳо хизматрасонӣ мекунанд.

1436. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– шустан ва хӯрок додани ҳайвонот;

– мушоият ё расондани ҳайвоноти касал ба муассисаҳои табобатӣ ва расонидани кумак ба байторон дар гузаронидани муолиҷаи тиббӣ;

– тозакунӣ ва тамйизи асбобҳои ҷарроҳии байторӣ;

– тамйизи шишаҳо, зарфҳо ва дигар таҷҳизот барои омодакунии доруҳои табобатӣ;

– тамғазанонии доруҳо ва дигар намуди доруворихои фарматсевтӣ;

– иҷрои дигар уҳдадориҳо.

1437. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– беҳдошти бойторӣ;

– ёрдамчии дорусоз.

## 114. ЗЕРГУРӮҲИ 54. КОРМАНДОНИ ХАДАМОТИ АМАЛИКУНАНДАИ ҲИФЗИ ШАҲРВАНДОН ВА МОЛИКИЯТИ ШАХСӢ

1438. Кормандони хадамоти амаликунандаи ҳифзи шаҳрвандон ва моликияти шахсӣ, шаҳрвандон ва моликияти шахсиро аз сӯхтор ва дигар хатарҳо ҳифз менамоянд, тартиботи ҷамъиятиро нигоҳ медоранд, иҷрои қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқиро таъмин месозанд. Аксари машғулиятҳои ин зергурӯҳ дохилшуда, сатҳи дуюми тахассусро талаб мекунанд.

1439. Ба уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур одатан дохил мешаванд:

– пешгирӣ, мубориза бо сӯхтор ва хомӯш кардани он, наҷот додани одамон аз бинои сӯхтаистода ва ҷойи ҳодисаҳо ва ҳамчунин, одамоне, ки дар ҳолати хатарнок қарор доранд;

– нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ, истифодаи қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, навбатдорӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва ҳабс кардани гумонбарон дар содир кардани ҷиноят;

– батанзимдарории ҳаракат дар роҳ ва ба худ додани ваколат дар вақти ҳодисаҳои нохуш;

– назорат ва нигоҳдории тартибот миёни ҳабсшудагон дар ҳабсхонаҳо, муассисаҳои ислоҳӣ ва дигар муассисаҳои пенитенсиарӣ;

– навбатдорӣ ва назорати иншоот бо мақсади ҳифзи моликият аз ғорат ва харобкориҳо, назорати дастрасӣ ба муассисаҳо, нигоҳдории тартибот ва истифодаи меъёри ҳуқуқҳо дар вақти чорабиниҳои ҷамъиятӣ ва дар дохили муассисаҳо. Ба уҳдадории онҳо ҳамчунин метавон роҳбарӣ аз болои дигар кормандонро дохил намуд.

1440. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳи хурди зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 541 | Кормандони хадамоти амаликунандаи моликияти шахсӣ ва ҳифзи шаҳрвандон |

## 115. ГУРӮҲИ ХУРДИ 541.

### § 1. Кормандони хадамоти амаликунандаи ҳифзи шаҳрвандон ва моликият

1441. Кормандони хадамоти амаликунандаи ҳифзи шаҳрвандон ва моликият, шаҳрвандон ва моликиятро аз сӯхтор ва дигар хатарҳо ҳифз менамоянд, тартиботи ҷамъиятиро нигоҳ медоранд ва иҷрои қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқиро таъмин месозанд.

1442. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазку, одатан дохил мешаванд:

– пешгирӣ, мубориза бо сӯхтор, хомӯш кардани он, наҷот додани одамон аз бинои сӯхтаистода, ҷойи ҳодисаҳо, инчунин одамони дар ҳолати хатарнок қарордошта;

– нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ, истифодаи қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, посбонии ҷойҳои ҷамъиятӣ ва ҳабс кардани гумонбарон дар содир кардани ҷиноят;

– батанзимдарории ҳаракат дар роҳ ва қабул кардани ваколат дар ҳангоми ҳодисаҳои нохуш;

– назорат ва нигоҳдории тартибот миёни ҳабсшудагон дар ҳабсхонаҳо, муассисаҳои ислоҳӣ ва дигар муассисаҳои ислоҳӣ;

– посбонӣ ё назорати иншоот бо мақсади ҳифзи моликият аз ғорат ва харобгариҳо, назорати дастрасӣ ба муассисаҳо, нигоҳдории тартибот ва истифодаи меъёри ҳуқуқҳо дар вақти чорабиниҳои ҷамъиятӣ ва дар дохили муассисаҳо. Ба уҳдадории онҳо ҳамчунин метавон роҳбарӣ аз болои дигар кормандонро дохил намуд.

1443. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсиммешаванд:

| | |
|---|---|
| 5411 | Оташнишонҳо |
| 5412 | Милитсионерҳо |
| 5413 | Хизматчиёни ҳабсхонаҳо |
| 5414 | Муҳофизон |
| 5415 | Наҷотдиҳандагон |
| 5419 | Кормандони хадамоти ҳифзи шаҳрвандон ва моликияти ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

## § 2. 5411. Оташнишонҳо

1444. Оташнишонҳо оташро хомӯш намуда, бо он мубориза мебаранд, тамоми тавоноиро барои хомӯш кардани он равона месозанд, дар дигар ҳолатҳои фавқулода кумак мерасонанд, ҳаёти одамон ва моликиятро ҳифз менамоянд, инчунин амалиёти наҷотдиҳиро мегузаронанд.

1445. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– эътино ба бонги хатари сӯхтор ва дигар даъватҳо барои ёрӣ, аз ҷумла, дар ҳолатҳои садамаҳои нақлиётӣ ва саноатӣ, таҳдидҳои истифодаи воситаҳои тарканда ва дигар хатарҳо;

– мубориза бо сӯхтор ва оташнишонӣ бо истифодаи таҷҳизоти дастӣ ва қуввагӣ, инчунин реагентҳои кимиёвии зиддиоташнишонӣ;

– мубориза бо сӯхторҳои навъашон махсус ва истифода бурдани таҷҳизоти махсус дар корхонаҳои саноатӣ;

– наҷот додани одамон аз бинои сӯхтаистода, ҷойи ҳодиса, инчунин дар ҳолати хавф қарордошта;

– бартарафкунӣ ё маҳдуд намудани моддаҳои зарарнок ҳангоми сар задани сӯхтор ё ҳангоми ҳодисаҳои нохуш;

– назорати объектҳо ва иншоот дар масъалаи риояи қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор;

– иттилоотонии ҷомеа оид ба чораҳои пешгирӣ.

1446. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– оташнишони ҷангал;

– оташнишон.

1447. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– нозири оташнишонӣ 3112;

– хизматчӣ оид ба сӯхтор ва техникаи бехатарӣ 3112;

– мутахассис оид ба таҳқиқи сӯхтор 3112.

## § 3. 5412. Милитсионерҳо

1448. Милитсионерҳо тартиботи ҳуқуқиро бо посбонӣ кардан дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, истифодаи қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳабс намудани гумонбарон дар содир намудани ҷиноят таъмин месозанд.

1449. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– посбонии ҳудудҳои алоҳида бо мақсади нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ, эътино ба ҳолатҳои фавқулода, ҳифзи одамон, моликият ва дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ;

– ошкор намудан, пайгирӣ, ҳабс кардани гумонбарон ва ҷиноятко-рони содирнамудаи корҳои ҷиноятӣ;

– батанзимдарории ҳаракати роҳ ва ба худ гирифтани ваколат дар вақти ҳолатҳои нохуш;

– расонидани кумакҳои таъхирнопазир ба қурбониёни ҳолатҳои нохуш, ҷиноятҳо ва офатҳои табиӣ.

1450. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– милитсионерҳо;

– корманди гвардияи миллӣ.

## § 4. 5413. Хизматчиёни ҳабсхонаҳо

1451. Хизматчиёни ҳабсхонаҳо маҳбасони ҳабсхонаҳо, муассисаҳои ислоҳӣ ва дигар муассисаҳои бошишгоҳиро мушоҳида намуда, тартиботро миёни онҳо нигоҳ медоранд.

1452. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– кофтукоби маҳбусони воридшуда, барои нигоҳдорӣ додани ашёҳои арзишноки онҳо, роҳнамоии маҳбусон ба камераҳо (ҳуҷраҳо) ва қулф кардани онҳо;

– давра ба давра тафтиши камераҳо, муоина ва нигоҳдории қулфҳо, тирезаҳо ва дарҳо дар ҳолати бехатарӣ;

– назорати маҳбусон дар вақти кор, хӯрокхӯрӣ ва истроҳат;

– мушоҳидаи рафтори маҳбусон бо мақсади пешгирии бетартибиҳо ва фирор;

– посбонии ҳудуди маҳбасхона барои пешгирии фирор;

– мусоидат ҳангоми татбиқи барномаҳои тавонбахшӣ;

– посбонӣ кардани маҳбусон ҳангоми таҳвил ва дар вақти иҷозати муваққатӣ барои баромадан.

1453. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– посбон;

– муҳофизи ҳабсхона.

§ 5. 5414. Муҳофизон

1454. Муҳофизон бехатарии саломатӣ ва ҳаёти мизоҷи муҳофизатшавандаро дар сафарҳои гуногун, вохӯриҳо таъмин намуда, манзилҳоро бо мақсади ҳифзи моликият аз дуздӣ ва харобкории ваҳшиёна посбонӣ ё мушоҳида менамоянд.

1455. Онҳо назорати воридшавӣ ба муассисаҳоро ба роҳ монда, тартиботро нигоҳ медоранд ва меъёрҳои ҳуқуқиро дар вақти чорабиниҳои ҷамъиятӣ ва дар дохили бино истифода мебаранд.

1456. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– таъмини бехатарӣ ва дахлнопазирии шахси ҳифзшаванда;

– нишон додани зиракӣ, бақайдгирии ҳамаи тағйиротҳои вазъ дар атрофи шахси муҳофизатшаванда, таваҷҷӯҳ зоҳир накардан ба воқеаҳои дар гирду атроф баамалоянда ва ба амалҳои шахси муҳофизатшаванда;

– посбонии бино, санҷиши дарҳо, тирезаҳо, дарвозаҳо барои пешгирӣ кардан ва ошкор намудани аломатҳои дастрасии ғайрирухсатӣ;

– назорати воридшавӣ ба муассиса, мониторинг ва иҷозати вурудшавӣ ё хориҷшавии кормандон ва ташрифорандагон, санҷидани шахсият, додани рухсатномаҳо;

– ҳузур доштан миёни ташрифорандагон, мизоҷон ё кормандон бо мақсади нигоҳдории тартибот, ҳифзи моликият аз дуздӣ ё харобкорӣ ва истифодаи қоидаҳои амалкунанда дар муассисаҳо;

– эътино ба бонги хатар, тафтиши сабабҳои нооромӣ ва муроҷиат ба мақомоти болоӣ, милитсионерҳо ё хадамоти оташнишонӣ аз рӯйи зарурат;

– санҷишии мусофирон ва бағоҷ дар фурӯдгоҳҳо барои таъмини бехатарӣ;

– ҷамъоварӣ ва таъмини бехатарии дастрасонии нақдинаҳо ва пурбаҳо ба бонкҳо, банкаматҳо ва муассисаҳои савдои чакана.

1457. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– инкассатор;

– посдор;

– муҳофиз;

– корманд (оператор)-и хадамоти бехатарии дохилӣ.

1458. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– наҷотдиҳанда 5415.

## § 6. 5415. Наҷотдиҳандагон

1459. Наҷотдиҳандагон дар дидбони наҷотдиҳӣ навбатдорӣ намуда, назорат ва ҳифзи ҳаёти одамонро дар ҷойҳои хатарнокиашон баланд ба роҳ мемонанд, якумин шуда ба зарардидагон ҳангоми ҳолатҳои фалокатовар дар об, дар кӯҳҳо, садамаҳо ба ёрӣ меоянд ва ҳангоми зарурат ба зарардидагон хизматрасониҳои тиббӣ мерасонанд.

1460. Ба уҳдадории онҳо дохил мешаванд:

– посбонии соҳилҳо ва ҳавзҳои оббозӣ бо мақсади пешгирӣ кардан аз ҳолатҳои фалокатовар ва наҷот додани ғарқшудагон;

– ҷустуҷӯи зарардидагон, аз ҷумла бо истифодаи асбобҳои махсуси ҷустуҷӯкунанда, қабули чораҳо барои наҷот додани онҳо;

– расонидани кумаки тотабобатгоҳӣ ба зарардидагон ҳангоми ҳолатҳои фалокатовар;

– ба шаҳрвандон фаҳмонидани қоидаҳои бехатарии рафтор бо мақсади роҳ надодан ба ҳолатҳои фавқулода ва тартиби амалкунӣ дар ҳолатҳои сар задани онҳо;

– омодакунии воситаҳои садамавӣ– наҷотдиҳанда ба кор, воситаҳо ва асбобу анҷом барои иҷрои корҳои садамавӣ–наҷотдиҳӣ.

1461. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сагшинос;

– наҷотдиҳандаи кӯҳӣ;

– наҷотдиҳанда дар соҳил (дар об);

– наҷотдиҳанда–ғаввоз.

1462. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

- оташнишон–5411.

## § 7. 5419. Кормандони хадамоти ҳифзи шаҳрвандон ва моликияти ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

1463. Гурӯҳи ибтидоии мазкур кормандони хадамоти амаликунандаи ҳифзи шаҳрвандон ва моликияти шахсии ба дигар гурӯҳҳои хурди 541 Кормандони хадамоти амаликунандаи ҳифзи шаҳрвандон ва моликият шомилангардидаро дар бар мегирад. Мисол, ба ин гурӯҳи ибтидоӣ муффатишҳои хусусӣ, шикорчиён ва нозирони мамнӯъгоҳҳо дохил мешаванд.

1464. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– гузаронидани корҳои ҷустуҷӯӣ тибқи фармоишҳои мизоҷ;

– ҷамъоварии иттилоот, ошкоркунии шарикони беэътимоди қарзпардохткунӣ ё шарикони корӣ (бизнес);

– назорат аз болои риояи қоидаҳои шикор;

– ташкил ва гузаронидани шикорҳои инфиродӣ ва дастаҷамъона;

– мушоҳидаи ҳайвонот, паррандагон дар мамнӯъгоҳҳо, мусоидат ба нигоҳдории онҳо якҷо бо мутахассисони сатҳи тахассуси баланд.

1465. Мисоли машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– шикорчӣ;

– нозири мамнӯъгоҳҳо;

– дедектив.

## 116. ГУРӮҲИ АСОСИИ 6 . ДЕҲҚОНОН (ФЕРМЕРОН) ВА КОРГАРОНИ ХОҶАГИҲОИ КИШОВАРЗӢ, ҶАНГАЛ, МОҲИПАРВАРӢ ВА МОҲИДОРӢ

1466. Деҳқонон (фермерон) ва коргарони хоҷагиҳои кишоварзӣ, ҷангал, моҳипарварӣ ва моҳидорӣ: ҳосили зироатҳои кишоварзӣ ва мевадиҳандаро парвариш ва ҷамъоварӣ намуда, меваю гиёҳҳои худрӯйро меғундоранд; ҳайвонотро наслгирию парвариш, нигоҳубин менамоянд ё онҳоро шикор мекунанд; маҳсулоти гуногуни чорводориро истеҳсол мекунанд; ҷангалзорҳоро парвариш, муҳофизат ва истифода мебаранд; моҳӣ парвариш менамоянд ё моҳидорӣ мекунанд; дигар намуди ҷонварони обиро барои таъмини худ ва аъзои оила бо ғизо, манзил ва даромад парвариш ва ҷамъоварӣ мекунанд. Аксари машғулиятҳои ин гурӯҳи асосии мазкур сатҳи дуюми тахассусро талаб мекунанд.

1467. Уҳдадориҳое, ки деҳқонон (фермерон) ва кормандони хоҷагиҳои кишоварзӣ, ҷангал, моҳипарварӣ ва моҳидорӣ иҷро мекунанд, одатан дарбар мегиранд:

– омода кардани замин;

– кишт, коштан, обёрӣ, истифодаи нуриҳои маъданӣ ва ҷамъоварии зироатҳои саҳроӣ;

– парвариши зироатҳои мевагӣ, буттамевагӣ ва табобатӣ;

– парвариши зироатҳо ва маҳсулоти боғдорӣ;

– ҷамъоварии мева ва растаниҳои худрӯй;

– парвариш ва нигоҳубини чорво, инчунин, шикори онҳо барои ба даст овардани гӯшт, шир, пашм, чарм, пӯст, маҳсулоти пиллапарварӣ, занбуриасалпарварӣ ва дигар намуди маҳсулот;

– парвариш, нигоҳдорӣ ва истифодабарии ҷангалзор;

– моҳипарварӣ ва моҳидорӣ;

– парвариш ва ҷамъоварии дигар намуди ҷонварони обӣ;

– нигоҳдорӣ ва коркарди нахусти маҳсулоти худ;

– фурӯши маҳсулоти худ ба харидорон, ташкилотҳои фурӯшанда ё дар бозор. Уҳдадориии онҳо метавонад. роҳбарии дигар кормандонро дарбар гирад.

1468. Машғулиятҳои гурӯҳи асосии мазкур ба зергурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 61 | Деҳқонон (фермерон) ва кормандони хоҷагии деҳқонии истеҳсолкунандаи маҳсулот барои фурӯш |
| 62 | Шикорчиён ва кормандон оид ба истеҳсоли маҳсулоти ҷангал ва моҳӣ |
| 63 | Деҳқонон (фермерон)-и кишоварзӣ, моҳипарварӣ ва моҳидории истеҳсолкунандаи маҳсулот барои истеъмоли шахсӣ |

## 117. ЗЕРГУРӮҲИ 61. ДЕҲҚОНОН (ФЕРМЕРОН) ВА КОРМАНДОНИ ХОҶАГИИ ДЕҲҚОНИИ ИСТЕҲСОЛКУНАНДАИ МАҲСУЛОТ БАРОИ ФУРӮШ

1469. Деҳқонон (фермерон) ва кормандони кишоварзии истеҳсолкунандаи маҳсулот барои фурӯш: корҳои кишоварзӣ оид ба парвариш ва ҷамъоварии ҳосили зироатҳо, сабзавот, меваю буттамева ва ғайраро ба нақша гирифта, ташкил ва иҷро менамоянд; чорвои гуногун ва паррандаи хонагиро нигоҳубин мекунанд, маҳсулоти чорводориро истеҳсол намуда, ба харидорони яклухт, ташкилотҳои савдо ё ба бозор мунтазам, дар асоси доимӣ пешниҳод мекунанд. Аксари машғулиятҳои ин зергурӯҳ сатҳи дуюми тахассусро талаб мекунанд.

1470. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур одатан аз инҳо иборатанд:

– омода кардани хок;

– кишт, коштан, обёрӣ, истифодаи нуриҳои маъданӣ ва чамъоварии зироатхои саҳроӣ;

– парвариши мева ва дигар зироатҳо, ки дар дарахтон ва буттамеваҳо мерӯянд;

– парвариши зироатҳо ва маҳсулоти боғдорӣ;

– парвариш ва нигоҳубини чорво, бештар барои ба даст овардани гӯшт, шир, пашм, мӯина, пӯст ва ё маҳсулоти пиллапарварӣ, занбурпарварӣ ва дигар намуди маҳсулот;

– нигоҳдории баъзе навъҳои коркарди ибтидоии махсулот;

– фурӯши маҳсулоти худ ба мизоҷон (харидорон), ташкилотҳои фурӯш ё дар бозор. Уҳдадориҳои онҳо метавонад, назорат аз болои кормандони дигарро дарбар гирад.

1471. Машғулиятҳои гурӯҳи асосии мазкур ба зергурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 611 | Деҳқонон (фермерон) ва кормандон оид ба парвариши маҳсулоти полезӣ, мевагӣ ва зироатҳои саҳроӣ барои фурӯш |
| 612 | Деҳқонон (фермерон) ва коргарон дар чорвопарварӣ |
| 613 | Деҳқонон (фермерон)ва коргарон оид ба истеҳсоли маҳсулоти омехтаи растанипарварӣ ва чорводорӣ |

Эзоҳ: Машғулиятҳои ба зергурӯҳи 63 Деҳқонон (фермерон)–и кишоварзӣ, моҳипарварӣ ва моҳидории маҳсулотро барои истеъмоли худ истеҳсол менамоянд,

шомиланд, ки агар молҳо (асосан маҳсулоти озуқаворӣ) танҳо истеҳсоли маҳсулотро барои истеъмоли худ ва ё дигар аъзои оилаи корманд дар бар гирад.

Агар маҳсулот аз меъёр зиёд истеҳсол шуда, молҳо нисбат ба истифода бештар фурӯхта шаванд ҳам, аммо мақсади асосии истеҳсолот истеъмоли шахсӣ бошад, он гоҳ ин гуна машғулиятҳоро, дар ҳама маврид зарур мебошад, ки ба зергурӯҳи 63 нисбат дода шаванд. Машғулиятҳоро ба зергурӯҳи 61 Деҳқонон (фермерон)ва коргарони кишоварзии маҳсулотро барои фурӯш истеҳсолкунанда ё 62 Шикорчиён ва коргарон оид ба истеҳсоли маҳсулоти ҷангал ва моҳигӣ нисбат медиҳанд, агар мақсади асосии фаъолият истеҳсоли маҳсулот барои фурӯш (дар бозорҳо) бошад.

## 118. ГУРӮҲИ ХУРДИ 611.
### § 1. Деҳқонон (фермерон) ва кормандон оид ба парвариши маҳсулоти полезӣ, мевагӣ ва зироатҳои саҳроӣ барои фурӯш

1472. Деҳқонон (фермерон) ва кормандон оид ба парвариши маҳсулоти полезӣ, мевагӣ ва зироатҳои саҳроӣ барои фурӯш: корҳо оид ба парвариш ва ҷамъоварии ҳосили зироатҳои саҳроӣ, мевагӣ ва дигар зироатҳо, зироатҳои боғдорӣ, растаниҳои шифобахшу техникӣ, истеҳсоли маҳсулоти боғу токпарварӣ ва ниҳолпарварӣ барои фурӯш ё барои дастрасномоӣ ба таври доимӣ ба харидорони яклухт, ташкилотҳои фурӯшанда ё барои фурӯши онҳо дар бозорҳоро ба нақша гирифта, ташкил ва иҷро менамоянд.

1473. Ба уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур, одатан дохил мешаванд:

– мушоҳида намудани вазъи бозор ва шароити он, муайян кардани намудҳо ва миқдори зироатҳои парваришшаванда, инчунин банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии раванди истеҳсолот;

– харид намудани тухмӣ, бехпиёз ва нуриҳои маъданӣ;

– маблағгузории замин бо мақсади обёрӣ;

– омода намудани замин, кишт, ниҳолшинонӣ, нармкунонӣ, ва ҷамъоварии зироатҳои гуногун;

– нигоҳубини чорвои хонагӣ, хизматрасонии иншооти хоҷагиҳои кишоварзӣ, мошин ва таҷҳизот;

– парвариши кӯчатҳо, бехиҳо ва тухмӣ;

– нигоҳдорӣ ва баъзе намудҳои коркарди аввалияи маҳсулот;

– таҳвил ё фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ. Уҳдадориҳои онҳо метавонад, назорат аз болои кормандони дигарро дарбар гирад.

1474. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 6111 | Зироаткорон ва сабзаводкорон |
| 6112 | Деҳқонон (фермерон) ва кормандон оид ба парвариши зироатҳо дар дарахтонҳо ва буттаҳо |
| 6113 | Боғдорон, боғпарварон ва коргарони парваришгоҳҳои меваю сабзавотпарварӣ |

| | |
|---|---|
| 6114 | Деҳқонон (фермерон) ва коргарони маҳсулоти омехтаи растанипарварӣ |

## §2. 6111. Зироаткорон ва сабзавоткорон

1475. Зироаткорон ва сабзавоткорон корҳои кишоварзиро оид ба парвариш ва ҷамъоварии ҳосили навъҳои гуногуни зироатҳои саҳрой, аз қабили гандум, ҷав, шолӣ, дигар зироатҳои ғалладонагӣ, ба монанди ҷуворимакка, чормағзиҳо, тамоку, пахта, зағир, инчунин, картошка, карам, лаблабӯ, сабзӣ ва ё дигар зироатҳои полезию саҳрой барои фурӯш ба харидорони яклухт, ташкилотҳои фурӯшанда ё барои фурӯши онҳо дар бозорҳо ба таври доимӣ ба нақша гирифта, ташкил ва иҷро менамоянд.

1476. Ба уҳдадорҳои онҳо дохил мешавад:

− мушоҳида намудан аз рӯйи шароити бозор ва вазъи он, муайян кардани намудҳо ва миқдори зироатҳои парваришшаванда, инчунин, банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии раванди истеҳсолот;

− омода намудани заминҳои корам ва пошидани нуриҳои минерелӣ ва пору тариқи дастӣ ё техникаи кишоварзӣ;

− интихоб ва кишти тухмӣ ва шинонидани ниҳолҳо;

− парвариши зироатҳо тавассути коркарди замин, аз нав шинонидани ниҳол, ягонакунӣ ва кӯтоҳкунии растанӣ, инчунин, бо роҳи соз намудан ва истифода бурдани таҷҳизоти обёрӣ;

− тоза намудани зироатҳои кишоварзӣ аз алафҳои бегона, мубориза бо ҳашароти зарарасон ва касалиҳо бо роҳи истифодаи гербитсидҳо ва пестисидҳо;

− ҷамъоварӣ ва нест намудани зироатҳои ба касалӣ гирифторшуда ё пастсифат;

− тафтиш, тоза намудан, ба навъҳо ҷудо кардан, баста ва боркунии ҳосил барои фурӯш ё дастраснамой дар бозор ;

− нигоҳубин аз рӯйи чорвои корӣ ва хизматрасонии техникии биноҳои хоҷагӣ, иншоот ва системаи обтаъминкунӣ;

− нигоҳдорӣ ва баъзе навъҳои аввали коркарди маҳсулот;

− пешниҳод ва маркетинги маҳсулот, бастани шартномаҳо оид ба фурӯш, харид, интиқоли маҳсулот ва захираҳо, инчунин, баҳисобгирӣ ва арзёбии корҳо ва амалиёти кишоварзӣ;

− банақшагирӣ ва тақсимкунии кор, омодакунии коргарон ва назорати онҳо ҳангоми иҷрои амалиётҳои технологии кишоварзӣ, хизматрасонии техникӣ, назорат аз рӯйи риояи талаботи беҳдоштиию беҳдоштӣ ва қоидаҳои техникии бехатарӣ, инчунин ба кор қабул ва аз кор озод намудани коргарон ва пудратчиён.

1477. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– пахтакор;
– истеҳсолкунандаи занбурӯғ;
– коргари тахассуманди кишоварзӣ (зироатҳои саҳрой);

– сабзаводкор;
– зироаткор;
– тамокупарвар.

1478. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– агроном–2132;
– коргари анбори меваю сабзавот–9211;
– ҷамъоварандаи сабзавот–9211.

Эзоҳ: Сабзаводкороне, ки усулҳои серҳосилии (интенсивии) парваришро истифода мебаранд, бояд ба гурӯҳи ибтидоии 6113–Боғдорон, боғпарварон ва кормандони парвариши ниҳолҳо дохил карда шаванд.

## § 3. 6112. Деҳқонон (фермерон) ва коргарон оид ба парвариши зироатҳо дар дарахтҳо ва буттаҳо

1479. Деҳқонон (фермерон) ва кормандон оид ба парвариши зироатҳо дар дарахтҳо ва буттаҳо корҳои кишоварзиро оид ба парваришу ҷамъоварии ҳосил аз чунин зироатҳо, ба монанди дарахтони мевадор ва чормағзӣ, буттаҳои ҳосилдиҳандаю чойӣ, ангур, буттамеваҳо, ҳосил кардани шарбат барои фурӯш ё бо тартиби даврӣ дастрас кардани онҳо ба харидорони яклухт, ташкилотҳои фурӯшӣ ё барои фурӯши онҳо дар бозорҳо, ба нақша гирифта, ташкил менамоянд ва иҷро мекунанд.

1480. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

− мушоҳидаи вазъи бозор ва сатҳи талаботу пешниҳод (конъюктура), муайян кардани намудҳо ва миқдори зироатҳо барои парвариш, инчунин банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии раванди истеҳсолот;
− омода намудани заминҳои корам ва пошидани нуриҳои маъданӣ ба тариқи дастӣ ё техникаи кишоварзӣ;
− интихоб ва кишти тухмӣ ва шинонидани ниҳолҳо;
− парвариши зироатҳо тавассути коркарди замин, аз нав шинонидани ниҳол, ягонакунӣ ва кутоҳкунии растанӣ, инчунин, бо роҳи соз намудан ва истифода бурдани таҷҳизоти обёрӣ ;
− мубориза бо алафҳои бегона, ҳашароти зараррасон ва бемориҳо бо роҳи истифодаи гербистидҳо ва пестисидҳо;
− нигоҳубинии дарахту буттаҳо, ҷамъоварии шира ва ҳосил;
− муоина, тоза намудан, ба навъҳо ҷудо кардан, бастабандӣ, нигоҳдорӣ ва боркунии ҳосил барои фурӯш ё дастраскунӣ ба бозор;
− нигоҳубини ҳайвоноти корӣ, ва хизматрасонии техникии биноҳои кишоварзӣ,иншоот, таҷҳизот ва низоми обтаъминкунӣ:
− нигоҳдорӣ ва баъзе намудҳои коркарди аввалияи маҳсулот;
− пешниҳод ва маркетинги маҳсулот, бастани шартномаҳо оид ба фурӯш, харид, интиқоли маҳсулот ва захираҳо, инчунин, баҳисобгирӣ ва арзёбии корҳо ва амалиёти кишоварзӣ;

– банақшагирӣ ва тақсимкунии кор, омодакунии коргарон ва назорати онҳо ҳангоми иҷрои амалиётҳои технологии кишоварзӣ, хизматрасонии техникӣ, назорат аз рӯйи риояи талаботи беҳдоштию беҳдоштӣ ва қоидаҳои техникии бехатарӣ, инчунин ба кор қабул ва аз кор озод намудани коргарон ва пудратчиён.

1481. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– токпарвар;
– меваю сабзаводкор;
– анорпарвар;
– фермер (мева).

1482. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– ҷамъовари сабзавот–9211;
– ҷамъовари меваҳо–9211.

### § 4. 6113. Боғдорон, боғпарварон ва коргарони парваришгоҳҳои меваю сабзавотпарварӣ

1483. Боғдорон, боғпарварон ва кормандони парваришгоҳҳои меваю сабзавотпарварӣ корҳои парвариш ва нигоҳдории дарахтон, буттаҳо, гулҳо ва дигар растаниҳоро дар боғҳо ва боғҳои шахсӣ, инчунин кучатҳо, бехпиёз ва тухмиҳоро истеҳсол ё сабзавот ва гулҳоро бо усулҳои интенсивӣ (дар гармхонаҳо ё боғҳои сунъӣ (оранжерияҳо) барои савдо ё дар асоси доимӣ ба харидорони яклухт, ташкилотҳои фурӯшанда ё барои фурӯш дар бозорҳо нақшагирӣ, ташкил ва иҷро мекунанд.

1484. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– мушоҳидаи вазъи бозор ва сатҳи талаботу пешниҳод, муайян кардани намудҳо ва миқдори зироатҳо барои парвариш, инчунин банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии раванди истеҳсолот;

– омода намудани замин бо усули коркарди хок, ҳамвор кардани хок ва насбу истифодабарии низомҳои обёрӣ ва заҳкашҳо;

– шинонидани дарахтҳо, панҷараҳои ниҳолии зинда, растаниҳо ва алафҳои боғӣ;

– буридану кутоҳ кардани дарахтон, буттаҳо ва панҷараҳои ниҳолии зинда, гузоштани пояҳо ва деворчаҳо барои растаниҳо, инчунин ғелонидан, кутоҳкунӣ, тозакунии ҳаво, кутоҳкунии сабзазорҳо;

– муоинаи сиҳатии растаниҳо ва дарахтҳо, муайянкунӣ ва коркарди алафҳои бегона, зараррасонҳо ва бемориҳо, инчунин истифодаи пору ва нуриҳо;

– истеҳсоли ниҳолҳо (кӯчатҳо), бехиҳо, тухмӣ ва парвариши растаниҳо аз тухмӣ ё қаламчаҳо;

– ҷамъоварии ҳосил, муоина, тозакунӣ, навъҷудокунонӣ, бастабандӣ, нигоҳдорӣ ва боркунии маҳсулот барои фурӯш ё расонидан ба бозор;

– хизматрасонии техникии бино, гармхона ва иншооти дигар, таҷҳизот ва низоми обтаъминкунӣ;

– нигоҳдорӣ ва баъзе намудҳои коркарди нахусти маҳсулот;

– пешниҳод ва маркетинги маҳсулот, бастани шартномаҳо оид ба фурӯш, харид, интиқоли маҳсулот ва захираҳо, инчунин, баҳисобгирӣ ва арзёбии корҳо ва амалиёти кишоварзӣ;

– банақшагирӣ ва тақсимкунии кор, омодакунии коргарон ва назорати онҳо ҳангоми иҷрои амалиётҳои технологии кишоварзӣ, хизматрасонии техникӣ, назорат аз рӯйи риояи талаботи беҳсозию беҳдоштӣ ва қоидаҳои техникии бехатарӣ, инчунин ба кор қабул ва аз кор озод намудани коргарон ва пудратчиён.

1485.Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– боғпарвар;
– гулпарвар;
– истеҳсолкунандаи лимӯ;
– фермер дар боғдорӣ ва растанипарварӣ.

1486. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– коргари беихтисос дар боғдорӣ–9214.

Эзоҳ: Коргароне, ки буттаҳо ва дарахтони мевадорро дар парваришгоҳҳои ниҳолҳои мевадор парвариш менамоянд, ба гурӯҳи ибтидоии 6112 Деҳқонон (фермерон)ва коргарон оид ба парвариши зироатҳо дар дарахтҳо ва буттаҳо мансубанд. Сабзаводкорон дар саҳроҳо, ки усулҳои интенсивии коркардро истифода накардаанд, ба гурӯҳи ибтидоии 6111 -Саҳрокорон ва сабзаводкорон мансубмедиҳанд.

## § 5. 6114. Деҳқонон (фермерон) ва коргарони маҳсулоти омехтаи растанипарварӣ

1487. Деҳқонон (фермерон) ва коргарони маҳсулоти омехтаи растанипарварӣ корҳои кишоварзиро оид ба парвариш ва ҷамъоварии зироатҳои муайяни тавъами донагии саҳроӣ, зироатҳои саҳроии сабзаводкорӣ, зироатҳои мевагӣ-буттамевагӣ, инчунин полезӣ, маҳсулоти боғдорӣ ва маводи кӯчатӣ барои фурӯш ё таҳвил ба харидорони яклухт, ташкилотҳои фурӯш ё барои фурӯши онҳо дар бозорҳо нақшагирӣ, ташкил ва иҷро менамоянд.

1488. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– мушоҳидаи фаъолият ва талаботу пешниҳод дар бозор, муайянкунии намудҳо ва миқдори зироатҳо барои парвариш, инчунин нақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии раванди истеҳсолот;

– омода намудани хок тариқи дастӣ ё техникаи кишоварзӣ ва ворид кардани нуриҳои минарелӣ ва пору;

– интихоб коридани тухмӣ ва шинонидани кӯчатҳо;

– парвариши ҳосил ба воситаи нармкунии хок, бозшинонӣ, кутоҳкунӣ, ягонакунии кӯчатҳо, дарахтҳо ва буттаҳо, инчунин ба воситаи мувофиқгардонӣ ва истифодаи таҷҳизоти обёрикунонӣ;

– парвариши гулҳо ва сабзавотҳо бо усули технологияи интенсивӣ;

– истеҳсоли кӯчатҳо, бехпиёз ва тухмӣ;

– ҷамъоварии ҳосил ва муоина, тозакунӣ, навъҷудокунӣ, бастабандӣ, нигоҳдорӣ ва боркунии маҳсулот барои фурӯш ё расонидан ба бозор;

– нигоҳубини ҳайвоноти корӣ ва хизматрасонии техникии бинои кишоварзӣ, иншоот, таҷҳизот ва низоми обтаъминкунӣ;

– нигоҳдорӣ ва баъзе намудҳои коркарди нахусти маҳсулот;

– пешниҳод ва маркетинги маҳсулот, бастани шартномаҳо оид ба фурӯш, харид, интиқоли маҳсулот ва захираҳо, инчунин, баҳисобгирӣ ва арзёбии корҳо ва амалиёти кишоварзӣ;

– банақшагирӣ ва тақсимоти кор, омоданамоии коргарон ва назорати иҷрои онҳо.

1489. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– коргари тахассусноки кишоварзӣ (зироатҳои омехта);

– деҳқонон (фермерҳои) зироати омехта.

1490. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– коргари беихтисос дар растанипарварӣ–9211;

– ҷамъовари сабзавот–9211;

– ҷамъовари меваҳо–9211.

## 119. ГУРӮҲИ ХУРДИ 612.

### § 1. Деҳқонон (фермерон) ва коргарон дар чорводорӣ

1491. Деҳқонон (фермерон) ва коргарон дар чорводорӣ корҳои кишоварзиро оид ба наслгирӣ, парвариши ҳайвонҳои хонагишуда, парандаҳо, ҳайвонҳои хонагинашударо барои истеҳсоли гӯшт, пӯст, пашм, махсулоти ширӣ, асал, абрешим, матоъ ва дигар маҳсулот ё барои истифода ба сифати ҳайвонҳо барои кор, шуғл ба варзиш ё истироҳат ва дар ин асос барои фурӯш ё дастрас кардан ба харидорони яклухт, ташкилотҳои фурӯшанда ё барои фурӯши онҳо дар бозорҳо ба нақша мегиранд, ташкил ва иҷро менамоянд.

1492. Ба уҳдадориҳои коргарони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– мушоҳидаи фаъолият ва талаботу пешниҳод дар бозор, муайянкунии намудҳо ва миқдори зироатҳо барои парвариш, инчунин нақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии раванди истеҳсолот;

– парвариш, хӯронидан ва нигоҳубини ҳайвонот;

– омодакунии чорво ё маҳсулоти чорводорӣ барои фурӯш дар бозор;

– назорат ва муоинаи чорво барои муайянкунии беморӣ, ҷароҳат ё беморӣ, инчунин назорати вазнгирӣ, ширдиҳӣ ва дигар нишондиҳандаҳои ҳосилнокӣ;

– иҷрои чунин уҳдадориҳои вобаста ба бозистеҳсолии чорво, ба монанди ҷуфткунонӣ, бордоркунонии сунъӣ ва кӯмак ба ҳайвонот ҳангоми таваллуд;

– иҷора ё сармоягузорӣ, хизматрасонии техникӣ ва тозакунии биноҳо, мошинҳо, таҷҳизот ва иншоот;

– нигоҳдорӣ ва баъзе намудҳои коркарди нахусти маҳсулот;

– пешниҳод ва маркетинги маҳсулот, бастани шартномаҳо оид ба фурӯш, харид, интиқоли маҳсулот ва захираҳо, инчунин, баҳисобгирӣ ва арзёбии корҳо ва амалиёти кишоварзӣ;

– омодакунии коргарон ва назорати онҳо ҳангоми иҷрои амалиёти технологии кишоварзӣ, хизматрасонии техникӣ, назорат аз рӯйи риояи талаботи беҳдоштию беҳсозӣ ва қоидаҳои техникии бехатарӣ, инчунин ба кор қабул ва аз кор озод намудани коргарон ва пудратчиён.

1493. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 6121 | Деҳқонон (фермерон) ва коргарони чорводории гӯшт ва шир ба ғайр аз забҳи чорво |
| 6122 | Паррандапарварон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 6123 | Занбӯриасалпарварон ва кирмакпарварон |
| 6124 | Кормандони кишоварзӣ, инчунин ҳунармандони мардумии забҳи чорво, коркарди гӯшт ва тайёркунии маҳсулоти гӯштӣ ва моҳӣ |
| 6129 | Коргарон оид ба истеҳсоли маҳсулоти чорводории ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

### § 2. 6121. Деҳқонон (фермерон) ва коргарони чорводории гӯшт ва шир ба ғайр аз забҳи чорво

1494. Деҳқонон (фермерон) ва коргарони чорводорӣ, ба ғайр аз забҳи чорво корҳои кишоварзиро оид ба парвариши чунин ҳайвоноти хонагишуда (ба истиснои парранда), ба монанди чорвои калони шохдор, гӯсфанд, буз, қутос, асп ва шутур барои истеҳсоли гушт, шир ва дигар маҳсулоти ширӣ, пуст ва пашм ё ҷиҳати истифода ба сифати ҳайвонот барои кор, машғулият ба варзиш ё истироҳат, барои фурӯш ё дастрас намудан ба харидорони яклухт, ташкилотҳои фурӯш ё барои фурӯш дар бозорҳо банақшагирӣ, ташкил ва иҷро менамоянд.

1495. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– мушоҳидаи фаъолият ва талаботу пешниҳод дар бозор, муайянкунии намудҳо ва миқдори сарҳо барои истеҳсолот, инчунин банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии раванди истеҳсолот;

– нармкунии чарогоҳҳо, инчунин таъмин ва назорати захираҳои хӯроки чорво ва об барои дар сатҳи зарурӣ нигоҳдории хӯрок ва ҳолати чорво;

– назорат ва муоинаи ҳайвонот бо мақсади ошкор намудани беморихо, ҷароҳатҳо ва касалиҳо, инчунин назорати афзоиши вазн, ширҷушӣ ва дигар нишондихандахои маҳсулнокӣ;

– нигоҳубин, тамғагузорӣ, кутоҳкунӣ, тарошидан, ворид намудани дору ва/ё безурётгардонии чорво, инчунин тарошидани пашм ва ҷамъоварии мӯй ё пашм;

– рондани чорво ба чарогоҳҳо барои чаронидан ё ба тарозу, оғилҳо, ба воситаи нақлиёт ё ба молхонаҳо;

– дӯшидани чорво дастӣ ё бо истифодаи дастгоҳҳои ширдӯшӣ;

– парвариш ва хариди хӯроки чорво, омехта кардани хӯроки чорво, иловаҳо ва маводи дорӯгӣ дар таносуби муқарраршуда ва тақсимкунӣ ё дастӣ додан барои истеъмоли чорво;

– иҷрои чунин уҳдадориҳо вобаста ба такрористеҳсолкунии чорво ба монанди ҷуфтикунонӣ, бордоркунии сунъӣ ва кумак ба ҳайвонот;

– хизматрасонии техникӣ ва тозакунии биноҳои кишоварзӣ, мошинҳо, таҷҳизот ва иншоот;

– нигоҳдорӣ ва баъзе намудҳои коркарди аввалияи маҳсулоти чорводорӣ ва ширӣ;

– пешниҳод ва маркетинги маҳсулот, бастани шартномаҳо оид ба фурӯш, харид, интиқоли чорво, маҳсулот ва захираҳо, инчунин, баҳисобгирӣ ва арзёбии корҳо ва амалиёти кишоварзӣ;

– банақшагирӣ ва тақсимкунии кор, омодакунии коргарон ва назорати онҳо ҳангоми иҷрои амалиётҳои технологии кишоварзӣ, хизматрасонии техникӣ, назорат аз рӯйи риояи талаботи беҳбудсозию беҳдоштӣ ва қоидаҳои техникии бехатарӣ, инчунин ба кор қабул ва аз кор озод намудани коргарон ва пудратчиён.

1496. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– говҷӯш;
– чорводор;
– аспparвар;
– қутоспарвар;
– деҳқон (фермер)-и маҳсулоти ширӣ;
– деҳқон (фермер) оид ба парвариши буз;
– деҳқон (фермер)оид ба парвариши гӯсфанд.

1497. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– роҳбар (маъмур, мудир) дар кишоварзӣ -1310;
– ваҳшпарвар– 6129

Эзоҳ: Коргароне, ки якчанд намуди ҳайвоноти хонагӣ ва дигар ҳайвонот, аз ҷумла парранда ва ҳайвоноти хонагинагардидаро парвариш мекунанд, аз рӯи намуди фаъолияти бартаридошта тасниф менамоянд. Коргароне, ки хошок ва дигар хӯрокиҳои чорворо барои истифодаи минбаъда асосан барои он ҳайвоноте, ки барои онҳо масъуланд, ба гурӯҳи ибтидоии 6121 Деҳқонон (феремерон) ва коргарони чорводории гушт ва шир ба истиснои забҳ шомил менамоянд.

## § 3. 6122. Паррандапарварон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1498. Паррандапарварон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд корҳои кишоварзиро оид ба парвариши чӯҷа, мурғи марҷон, мурғобӣ, ғоз ва дигар паррандаҳо барои истеҳсоли гӯшт, тухм, инчунин галаи зотӣ барои фурӯш ё дастрас кардан ба харидорони яклухт, ташкилотҳои фурӯшанда ё барои фурӯш дар бозорҳо банақшагирӣ, ташкил ва иҷро менамоянд.

1499. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– мушоҳидаи вазъи бозор, башақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии раванди истеҳсолот, инчунин баҳисобгирӣ ва арзёбии корҳои кишоварзӣ;

– парвариш ва хариди хӯрок ва дигар захираҳо барои таъмини сатҳи хӯрок ва ҳолати паррандаҳо зарурӣ;

– назорат ва муоинаи ҳайвонот бо мақсади ошкор намудани беморихо, ҷароҳатҳо ё касалиҳо, инчунин назорати рушди дуруст ва нишондиҳандаҳои маҳсулнокӣ ба монанди вазнгирӣ, тухмдиҳӣ ва ғайраҳо, инчунин дур намудани паррандаҳои заиф, касалӣ ва мӯрда аз галла;

– омехтакунии хӯрокҳо ва иловаҳои ғизоӣ ва пур намудани контейнерҳо барои хӯрок ва об;

– эмкунии паррандаҳо ба воситаи оби нӯшокӣ, инъексия ё пошдиҳӣ дар ҳаво;

– ҷамъоварӣ ва нигоҳдории тухм ва бастабандии онҳо барои савдо ё дастрасӣ намудан ба бозор;

– муайянкунии ҷинси чуҷаҳо ва мусоидат ҳангоми парвариш, бордоршавии сунъӣ ва чуҷабарории тухмҳо;

– иҷора ё сармоягузорӣ, хизматрасонии техникӣ ва рӯбучини биноҳои барои истеҳсолот истифодашаванда, мошинҳо, таҷҳизот ва иншоот;

– забҳ ва пӯсткунии паррандаҳо барои фурӯш ё дастраскунӣ ба бозор;

– нигоҳдорӣ ва баъзе намудҳои коркарди аввалияи маҳсулот;

– бастани шартномаҳо оид ба фурӯш, харид ва интиқоли галлаҳо, маҳсулот ва захираҳо;

– банақшагирӣ ва тақсимкунии кор, омӯзиши коргарон ва назорати онҳо ҳангоми иҷрои амалиётҳои технологии кишоварзӣ, хизматрасонии техникӣ, назорат аз рӯйи риояи талаботи беҳбудсозию беҳдоштӣ ва қоидаҳои техникии бехатарӣ, инчунин ба кор қабул ва аз кор озод намудани коргарон ва пудратчиён.

1500. Намунаи машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– деҳқон (фермер) оид ба парвариши мурғи марҷон;
– деҳқон (фермер) оид ба парвариши кабк ва бедона;
– деҳқон (фермер)-и парандапарвар.

Эзоҳ: Коргароне, ки якчанд намуди ҳайвоноти хонагӣ ва дигар намуди ҷонварон, аз ҷумла парранда, ҳашарот ва ҳайвоноти хонагинашударо парвариш мекунанд, аз рӯйи намуди фаъолияти бартаридоштаашон тасниф менамоянд.

§ 4. 6123. Занбӯриасалпарварон ва кирмакпарварон

1501. Занбӯриасалпарварон ва кирмакпарварон корҳоро оид ба парвариш ва нигоҳубини чунин ҳашаротҳо ба монанди занбӯри асал, кирми пилла ва дигар намуди ҳашарот барои истеҳсоли асал, муми занбӯри асал, абрешим ва дигар маҳсулот барои фурӯш ё дастрас намудан ба харидорони яклухт, ташкилотҳои фурӯш ё барои фурӯш дар бозорҳо банақшагирӣ карда, ташкил ва иҷро менамоянд.

1502. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– мушоҳидаи ҳолат ва пешниҳоду талаботи бозор, муайянкунии намудҳо ва миқдори ҳашаротҳо барои истеҳсолот, инчунин башақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии раванди истеҳсолот;
– харид ва парвариши ҳашаротҳо ё хариди хӯрока ва дигар захираҳо;
– парвариш ва нигоҳубини ҳашаротҳо ва ҷамъоварии маҳсулоти онҳо;
– иҷора ё сармоягузорӣ ба бино, мошинҳо, таҷҳизот ва иншооти кишоварзии барои истеҳсол ва хизматрасониҳои техникии онҳо истифодашаванда;
– нигоҳдорӣ ва баъзе намудҳои коркарди нахусти маҳсулот;
– бастани шартномаҳо оид ба фурӯш, харид ва интиқоли галлаҳо, маҳсулот ва захираҳо, инчунин баҳисобгирӣ ва арзёбии корҳо ва амалиёти кишоварзӣ;
– банақшагирӣ ва тақсимкунии кор, омӯзиши коргарон ва назорати онҳо ҳангоми иҷрои амалиётҳои технологӣ, хизматрасонии техникӣ, назорати риояи талаботи беҳдоштию беҳсозӣ ва қоидаҳои техникии бехатарӣ, инчунин ба кор қабул ва аз кор озод намудани коргарон ва пудратчиён.

1503. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– занбӯриасалпарвар;
– кирмакпарвар;
– деҳқон (фермер) –занбӯрпарвар.

§ 5. 6124. Кормандони кишоварзӣ
, инчунин ҳунармандони мардумии забҳи чорво,
коркарди гӯшт ва тайёркунии маҳсулоти гӯштӣ ва моҳӣ

1504. Кормандони кишоварзӣ, инчунин ҳунармандони мардумӣ ҳайвонотро забҳ, тоза, бурида ва гӯшту моҳиро ба қисмҳо тақсим карда, устухонҳоро ҷудо намуда, маҳсулоти дахлдори хӯрокаро омода мекунанд ё гӯшт, моҳӣ ва дигар маҳсулотро бо роҳи хушккунӣ, намаккунӣ ё дудкунӣ консерв мекунанд.

1505. Ба уҳдадории онҳо дохил мешаванд:

– забҳи чорвои калон ва майдаи шохдор, парранда ва харгӯш;

– пӯсткунӣ ва буридани чорво;

– ҷудо намудани устухонҳо, буришу ҷудокунии гӯшт ва моҳӣ барои фурӯш ва коркарди минбаъда;

– омода намудани ингредиентҳо ва тайёр кардани ҳасиб ва маҳсулоти монанд бо истифодаи мошинаҳо барои буриш, омехтакунӣ ва қолибкунӣ;

– захира кардани гӯшт, моҳӣ ва дигар маҳсулот бо роҳи яхкунонӣ, намаккунонӣ ва очорӣ;

– идораи камераҳои дуддиҳӣ ё оташдонҳо барои дуддиҳии гӯшт, моҳӣ ва дигар маҳсулоти хӯрока;

– ҷӯшонидан, бирён кардан, дудди҃ҳӣ ё бо дигар усулҳо тайёр кардан (коркард)-и гӯшт, моҳӣ ва маҳсулоти монанд барои фурӯш;

– фурӯши гӯшт ё моҳӣ ба истеъмолкунандагон, аз ҷумла бастабандӣ, баркашӣ ва тамғагузории маҳсулот.

1506. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– қассоби чорво;

– захиракунандаи гӯшти моҳӣ;

– тайёркунандаи маҳсулоти нимтайёр аз гӯшт;

– коркардкунандаи нимтаҳои гӯшт;

– коркунандаи моҳӣ;

– захиракунандаи моҳӣ;

– тартибдиҳандаи гӯшти қимма.

## § 6. 6129. Коргарон оид ба истеҳсоли маҳсулоти чорводории ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

1507. Гурӯҳи ибтидоии мазкур коргарони дигари оид ба истеҳсоли маҳсулоти чорводории ба гурӯҳҳои дигари гурӯҳи хурди 612 Деҳқонон (фермерон) ва кормандони чорводории шомилнагардидаро дар бар мегирад. Мисол, ба ин гурӯҳ онҳоеро дохил мекунанд, ки ба парвариш ва нигоҳубини ҳайвоноти хонагинашудаи пашмдор, паррандаҳо (ба истисмои паррандаи хонагӣ), тӯкумшуллуқ, морҳо ва дигар хазандаҳо, инчунин ҳашарот ва ҳайвоноти гуногуни барои таҷрибаҳои озмоишӣ зарурӣ, барои фурӯш ё дастрасӣ барои харидорони яклухт дар заминаи доимӣ, ташкилотҳои фурӯш, боғи ҳайвонот, сирк ё ба бозор машғуланд.

1508. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– мушоҳидаи ҳолат ва пешниҳоду талаботи бозор, муайянкунии намудҳо ва миқдори маҳсулот барои истеҳсолот, инчунин банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии раванди истеҳсолот;

– парвариш ва нигоҳубини ҳайвонот;

– назорат ва муоинаи ҳайвонот бо мақсади ошкор намудани беморихо, ҷароҳатҳо ё касалиҳо, инчунин ҳолати ҷисмонии онҳо ва инкишофёбӣ;

– иҷрои уҳдадориҳо вобаста ба такрористеҳсолкунии ҳайвонот, чун ҷуфткунонӣ, бордоркунии сунъӣ ва кумак ба ҳайвонот ҳангоми зоиш;

– иҷора ва сармоягузорӣ, хизматрасонии техникӣ ва рӯбучини катакҳо, қафасҳо, молхона, нигоҳдории ҳарорат, намнокӣ ва рӯшноӣ дар биноҳо;

– забҳ ва азнавкунии ҳайвонот ва омодакунии маҳсулоти онҳо барои бозор;

– нигоҳдорӣ ва баъзе намудҳои коркарди нахусти маҳсулот;

– пешниҳод ва маркетинги маҳсулот, бастани шартномаҳо оид ба фурӯш, харид, интиқоли саршумор (галла), маҳсулот ва захираҳо, инчунин, баҳисобгирӣ ва арзёбии корҳо ва амалиёти кишоварзӣ;

– банақшагирӣ ва тақсимкунии кор, бозтайёркунии коргарон ва назорати онҳо ҳангоми иҷрои амалиётҳои технологии кишоварзӣ, хизматрасонии техникӣ, назорати риояи талаботи беҳбудсозию беҳдоштӣ ва қоидаҳои техникии бехатарӣ, инчунин ба кор қабул ва аз кор озод намудани коргарон.

1509. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ваҳшпарвар;

– ҷудокунандаи пашм ва пар;

– селексионер оид ба парвариши сагҳо;

– деҳқон (фермер), ҳайвоноти мӯинадор (ҳайвоноти хонагинашуда);

– деҳқон (фермер)-и шутурмурғпарвар.

1510. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

– грумер (мӯинашинос) – 5164;

– шикорчӣ – 5419;

– паррандапарвар – 6122.

## 120. ГУРӮҲИ ХУРДИ 613.

### § 1. Деҳқонон (фермерон) ва кормандон оид ба истеҳсоли маҳсулоти омехтаи растанипарварӣ ва чорводорӣ

1511. Деҳқонон (фермерон) ва кормандон оид ба истеҳсоли маҳсулоти омехтаи растанипарварӣ ва чорводорӣ корҳои кишоварзиро оид ба парвариш ва ҷамъоварии ҳосили зироатҳои саҳроӣ, ғалладона, сабзавот, меваю буттамева ва дигар зироатҳо нақшагирӣ, ташкил ва иҷро карда, инчунин чорворо парвариш ва нигоҳубин мекунанд ва барои фурӯш ё

дастрас кардан ба харидорони яклухт, ташкилотҳои фурӯш ё ба бозор маҳсулоти гуногуни чорводорӣ истеҳсол менамоянд.

1512. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– мушоҳидаи ҳолат ва пешниҳоду талаботи бозор, муайянкунии намудҳо ва миқдори кишт барои парвариш ва чорво барои истеҳсолот, инчунин банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии раванди истеҳсолот;

– хариди тухмиҳо, нуриҳо, хӯрока ва дигар захираҳо;

– иҷрои чунин корҳои кишоварзӣ, чун омодакунии замин, кишт, шинонидан, нармкунӣ ва ҷамъоварии ҳосил;

– парвариш ва хариди хӯрока ва дигар маҳсулоти хӯрока;

– парвариш ва нигоҳубини чорво;

– забҳ ва азнавкунии чорво ва омодакунии маҳсулоти онҳо барои бозор;

– иҷора ва сармоягузорӣ, хизматрасонии техникӣ ва рӯбучини бино, мошин, таҷҳизот ва иншооти кишоварзӣ;

– нигоҳдорӣ ва баъзе намудҳои коркарди нахусти маҳсулот;

– пешниҳод ва маркетинги маҳсулот, бастани шартномаҳо оид ба фурӯш, харид ва интиқоли чорво, маҳсулот ва захираҳо, инчунин, баҳисобгирӣ ва арзёбии корҳо ва амалиёти кишоварзӣ;

– бозтайёркунии коргарон ва назорати онҳо дар раванди истеҳсолот ҳангоми иҷрои хизматрасонии техникӣ, назорати риояи талаботи беҳбудсозию беҳдоштӣ ва қоидаҳои техникии бехатарӣ, инчунин ба кор қабул ва аз кор озод намудани коргарон.

1513. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 6130 | Деҳқонон (фермерон) ва коргарони оид ба истеҳсоли маҳсулоти омехтаи растанипарварӣ ва чорводорӣ |

### § 2. 6130. Деҳқонон (фермерон) ва коргарон оид ба истеҳсоли маҳсулоти омехтаи растанипарварӣ ва чорводорӣ

1514. Деҳқонон (фермерон) ва коргарон оид ба истеҳсоли маҳсулоти омехтаи растанипарварӣ ва чорводорӣ корҳои кишоварзиро оид ба парвариш ва ҷамъоварии ҳосили зироатҳои саҳрой, ғалладона, сабзавот, меваю буттамева ва дигар зироатҳо нақшагирӣ, ташкил ва иҷро карда, инчунин чорворо парвариш ва нигоҳубин мекунанд ва барои фурӯш ё дастрас кардан ба харидорони яклухт, ташкилотҳои фурӯш ё ба бозор маҳсулоти гуногуни чорводорӣ истеҳсол менамоянд.

1515. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– мушоҳидаи ҳолат ва пешниҳоду талаботи бозор, муайянкунии намудҳо ва миқдори кишт барои парвариш ва чорво барои истеҳсолот, инчунин банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии раванди истеҳсолот;

– хариди тухмиҳо, нуриҳо, хӯрока ва дигар захираҳо;

– иҷрои чунин корҳои кишоварзӣ, чун омодакунии замин, кишт, шинонидан, нармкунӣ ва ҷамъоварии ҳосил;

– парвариш ва хариди хӯрока ва дигар маҳсулоти хӯрока;

– парвариш ва нигоҳубини чорво;

– забҳ ва азнавкунии чорво ва омодакунии маҳсулоти онҳо барои бозор;

– иҷора ва сармоягузорӣ, хизматрасонии техникӣ ва рӯбучини бино, мошин, таҷҳизот ва иншооти кишоварзӣ;

– нигоҳдорӣ ва баъзе намудҳои коркарди нахусти маҳсулот;

– пешниҳод ва маркетинги маҳсулот, бастани шартномаҳо оид ба фурӯш, харид ва интиқоли чорво, маҳсулот ва захираҳо, инчунин, баҳисобгирӣ ва арзёбии корҳо ва амалиёти кишоварзӣ;

– банақшагирӣ ва тақсимкунии кор, бозтайёркунии коргарон ва назорати онҳо ҳангоми иҷрои амалиётҳои технологии кишоварзӣ, хизматрасонии техникӣ, назорати риояи талаботи беҳбудсозию беҳдоштӣ ва қоидаҳои техникии бехатарӣ, инчунин ба кор қабул ва аз кор озод намудани коргарон.

1516. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– коргари тахассусноки кишоварзӣ (истеҳсолоти омехта);

– деҳқон (фермер) (истеҳсолоти омехта).

1517. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои дигари ибтидоӣ мансуб:

– роҳбар (роҳбар, мудир) дар кишоварзӣ 1311;

– коргарони бетахассус дар растанипарварӣ 9211.

Эзоҳ: Деҳқонон (фермерон) ва коргарони тахассусноки дигари кишоварзӣ, ки уҳдадориҳои асосии онҳо ба парвариши чорво ё маҳсулоти растанипарварӣ алоқаманд мебошад, аммо дар баробари ин фаъолияти иловагӣ оид ба парвариши маҳсулоти растанипарварӣ ё нигоҳубини чорворо иҷро менамоянд, мутобиқан набояд ба гурӯҳи ибтидоии 6130 Деҳқонон (фермерон) ва коргарон оид ба истеҳсоли маҳсулоти омехтаи растанипарварӣ ва чорводорӣ мансуб гарданд.

Мисол, деҳқон (фермер), ки барои фурӯш дар бозор чорво парвариш мекунад, аммо инчунин як миқдори на чандон вақти зиёди худро барои парвариши зироати обчакорӣ сарф мекунад, бояд ба гурӯҳи ибтидоии 6121 деҳқонон (фермерон) ва кормандони чорвопарварии гӯшт ва шир ба истиснои забҳи чорво мансуб карда шавад. Ҳамин тавр, деҳқонон (фермерон)-и парваришкунанда гандум, ки инчунин миқдори на чандон зиёди чӯҷа ва ҳайвоноти дигарро доранд, ба гурӯҳи ибтидоии 6111-Зироаткорон ва сабзавоткорон мансуб медонанд.

Коргарон дар хоҷагиҳои омехта, ки ба маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводорӣ барои бозор махсусгардонида шудаанд, ба гурӯҳи ибтидоии дахлдор дар гурӯҳи хурди 611–Деҳқонон (фермерон) ва кормандон оид ба парвариши зироатҳои полезӣ, мевагӣ ва саҳроӣ барои фурӯш ё 612 Деҳқонон (фермерон) ва кормандон дар чорводорӣ мансуб медонанд.

# 121. ЗЕРГУРӮҲИ 62. ШИКОРЧИЁН ВА КОРГАРОН ОИД БА ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ХОҶАГИИ ҶАНГАЛ ВА МОҲИПАРВАРӢ

1518. Шикорчиён ва кормандони оид ба истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии ҷангал ва моҳипарварӣ корҳоро оид ба парвариш ва нигоҳдории ниҳолзорҳои ҷангал, парвариши моҳӣ, моҳидорӣ, шикору доштани ҳайвонот барои фурӯш ё дастрас намудан ба харидорони яклухт, ташкилотҳои фурӯш ё барои фурӯш дар заминаи доимӣ дар бозорҳо нақшагирӣ, ташкил ва иҷро менамоянд. Бештари машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур сатҳи дуюми тахассусро талаб менамоянд.

1519. Уҳдадориҳои коргарони зергурӯҳи мазкур, одатан иборатанд:

– иҷора ё сармоягузорӣ барои таҷҳизот, мошинҳо ва хариди захираҳо;

– банақшагирӣ ва гузаронидани корҳо вобаста ба ҷангал, моҳипарварӣ, моҳидорӣ ва шикор;

– хизмарасонии техникии биноҳо, зарфҳо, мошинҳо ва дигар таҷҳизот;

– бурда расонидан ё фурӯши маҳсулот;

– назорати коргарони дигар ва омӯзиши онҳо.

1520. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд

| | |
|---|---|
| 621 | Ҷангалпарварон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 622 | Коргарони моҳипарварӣ ва моҳидорӣ, шикорчӣ-тирандозҳо ва шикорчӣ- домгузорон |
| 623 | Шикорчиён |

Эзоҳ: Машғулиятҳо ба зергурӯҳи 63 Деҳқонон (фермерон)-и кишоварзӣ, моҳипарварӣ ва моҳидории маҳсулотро барои истеъмоли шахсӣ истеҳсолкунанда шомиланд, агар мол (асосан маводи хӯрока) асосан барои истеъмоли шахсӣ ё барои истеъмоли аҳли дигари хонаи корманд, истеҳсол шуда бошад. Агар маҳсулот аз меъёр зиёд истеҳсол шуда, он нисбат ба истеъмол бештар фурӯхта шавад, вале мақсади асосии истеҳсолот истеъмоли худи шахс бошад, он гоҳ ин гуна машғулиятҳоро дар ҳама маврид ба зергурӯҳи 63 мансуб медонанд. Машғулиятҳоро ба зергурӯҳи 61 Деҳқонон (фермерон) ва коргарони кишоварзии маҳсулотро барои фурӯш истеҳсолкунанда ё 62 Шикорчиён ва коргарон оид ба истеҳсоли маҳсулоти ҷангал ва моҳӣ мансуб медонанд, агар мақсади асосии фаъолият истеҳсоли маҳсулот барои бозор бошад.

## 122. ГУРӮҲИ ХУРДИ 621.

### § 1. Ҷангалпарварон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1521. Ҷангалпарварон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд корҳоро оид ба парвариш ва ниҳолзорҳои ҷангал ба нақша мегиранд, ташкил ва иҷро менамоянд.

1522. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– арзёбии майдонҳо барои барқарорсозии ҷангал, омода кардани хок барои шинондани ниҳолҳо, интихоби ниҳолҳо ва шинонидани дарахтон бо истифода аз асбобҳои дастӣ, инчунин бунёд ва нигоҳубини ҷангалзорҳо;

– интихоби дарахтон барои буридан ва арзёбии захираи чӯб;

– истифодаи асбобҳои дастӣ ва дигар арраҳои механикӣ барои арра кардани ниҳолзорҳои ҷангал, кӯтоҳ кардани шохачаҳо, қисмати болои дарахтон ва буридани дарахтон ва арракунии онҳо барои ғӯлачӯб.

– коркарди нахусти ғӯлачӯб дар дарахтбурӣ;

– гузоштани ғӯлачӯбҳо дар сарҷинҳо, боркунии онҳо ба қаиқҳо ё омехта дар дарёҳо;

– ҳифз ва мушоҳидаи ҷангалҳо барои муайянкунии сӯхторҳо ва иштирок дар мубориза бо оташ, омода намудани ҳисоботҳо оид ба мубориза бо сӯхторҳо ва хизматрасонии техникии таҷҳизоти зиддисӯхторӣ;

– тоза кардани алафҳои бегона ва буттаҳо ҳангоми барқарорунии ниҳолзорҳои ҷангал бо истифодаи асбобҳои дастӣ ва реагентҳои кимиёӣ;

– истифодабарӣ ва хизматрасонии техникии чӯббур (чӯбкашон), булдозерҳо ё дигар тракторҳо ҷиҳати ҷойивазкунии таҷҳизоти гуногун барои нармкунии хок ё тайёр кардани майдонҳо дар ҷойҳо барои барқарорунии ниҳолзорҳои ҷангал;

– ҷамъоварии чалғӯза, кӯтоҳкунии дарахтон, расонидани кӯмак ҳангоми аксгирии геодезии ҷойҳои ниҳолшинонӣ ва тамғагузории дарахтон барои гузаронидани амалиётҳои минбаъда;

– омӯзиш ва назорати коргарони дигар дар соҳаи ҷангалпарварӣ, аз ҷумла коргарони бетахассус дар ҷангалпарварӣ ва операторҳои дастгоҳҳо.

1523. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин шомиланд:

| | |
|---|---|
| 6210 | Ҷангалпарварон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |

## § 2. 6210. Ҷангалпарварон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1524. Ҷангалпарварон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд корҳоро оид ба парвариш ва нигоҳдории ниҳолзорҳои ҷангал ба нақша гирифта, ташкил ва иҷро менамоянд.

1525. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– арзёбии майдонҳо барои барқарорсозии ҷангал, интихоби ниҳолҳо ва шинонидани дарахтон бо истифода аз асбобҳои дастии ниҳолшинонӣ,

инчунин бунёд ва нигоҳубини ҷангалзорҳо корҳо оид ба ҷамъоварӣ ва коркарди тухмиҳои ҷангал, парвариши маводи кишт;

– интихоби дарахтон барои буридан ва арзёбии захираи чӯб;

– истифодаи асбобҳои дастӣ (арраи муҳаррикдор) ва дигар арраҳои механикӣ барои ягонакунии ниҳолзорҳои ҷавон, кӯтоҳ кардани шохачаҳо, ва қисмати болоию буридани дарахтон ва арракунии онҳо барои ғӯлачӯб.

– коркарди нахусти ғӯлачӯб дар дарахтбурӣ;

– гузоштани ғӯлачӯбҳо дар сарҷинҳо;

– ҳифз ва мушоҳидаи ҷангалҳо барои муайянкунии сӯхторҳо ва иштирок дар мубориза бо оташ, омода намудани ҳисоботҳо оид ба мубориза бо суӯторҳо ва хизматрасонии техникии таҷҳизоти зиддисӯхторӣ;

– тоза кардани алафҳои бегона ва буттаҳо ҳангоми барқарроруниии ниҳолзорҳои ҷангал бо истифодаи асбобҳои дастӣ ва реагентҳои кимиёӣ;

– истифодабарӣ ва хизматрасонии техникии чӯббур (чӯбкашон), булдозерҳо ё дигар тракторҳо ҷиҳати ҷойивазкунии таҷҳизоти гуногун барои нармкунии хок ё тайёр кардани майдонҳо дар ҷойҳо барои барқарроруниии ниҳолзорҳои ҷангал;

– ҷамъоварии чормағзҳо ва дӯлона (худрӯй), кӯтоҳкунии дарахтон, расонидани кӯмак ҳангоми аксгирии геодезии ҷойҳои ниҳолшинонӣ ва тамғагузории дарахтон барои гузаронидани амалиётҳои минбаъда;

– омӯзиш ва назорати коргарони дигар дар соҳаи ҷангалпарварӣ, аз ҷумла коргарони бетахассус дар ҷангалпарварӣ ва операторҳои дастгоҳҳо.

1526. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дарахтбури ҷангал;
– сӯзонандаи ангишти чӯбӣ;
– захиракунандаи чормағзҳо ва дӯлона;
– захиракунандаи най (қамиш);
– ҷангалпарвар;
– арракаш (тахтабур).

1527. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои дигари ибтидоӣ мансуб:

– агроном-дарахтшинос 2132;
– техник -ҷангалпарвар 3143;
– оператори мошин барои буридани ғӯлачӯбҳо 8172;
– коргари беихтисос дар хоҷагии ҷангал 9211.

## 123. ГУРӮҲИ ХУРД 622.

### § 1. Коргарони моҳипарварӣ ва моҳидорӣ, шикорчӣ-тирандоз ва шикорчӣ-қапқонгир

1528. Коргарони моҳипарварӣ ва моҳидорӣ, шикорчӣ-тирандоз ва шикорчӣ-қапқонгир моҳиро парвариш мекунанд, моҳиро медоранд, ҳайвонҳоро барои фурӯш ё дастрас кардан ба харидорони яклухт,

ташкилотҳои фурӯш ё барои фурӯш дар заминаи доимӣ дар бозорҳо шикор карда, онҳоро медоранд.

1529. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– парвариш ва нигоҳубини моҳӣ, организмҳои дигари обӣ ба сифати зироати молӣ ё барои сар додан дар обҳои ширин;

– мушоҳидаи ҳолати муҳити атроф барои таъмини шароити муътадил барои ҳаёти организмҳои обӣ;

– тозакунӣ, яхкунонӣ, хунуккунонӣ ё намакунонии сайди моҳӣ дар соҳил, инчунин тайёркунии моҳӣ ва дигар маҳсулот барои ҳамлу нақл;

– иҷора ва сармоягузорӣ, инчунин хизматрасонии техникии бино, зарфҳо, мошинҳо, киштиҳои моҳидорӣ ва дигар таҷҳизот;

– тайёркунӣ ва аъмири шабакаҳо ва дигар лавозимоту таҷҳизоти моҳидорӣ;

– идоракунии киштиҳои моҳидорӣ дар роҳи минтақаҳои моҳипарварӣ (моҳидорӣ), дар роҳи баргашт ва дар минтақаи моҳидорӣ;

– шинонидани мулӯх, партофдан ва кашида гирифтани лавозимоти моҳидорӣ;

– гузоштани қапқонҳо (домҳо) барои сайд кардани ҳайвоноти ширхӯр, паррандагон ё хазандагон, таҳвил ё фурӯши маҳсулот;

– назорати коргарони дигар ва омӯзиши онҳо.

1530. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд

| | |
|---|---|
| 6221 | Моҳипарварон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 6222 | Коргарони моҳидорӣ дар обанборҳои дохилӣ ва дарёҳо |
| 6223 | Коргарони хоҷагии моҳипарварӣ |

## § 2. 6221. Моҳипарварон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1531. Моҳипарварон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд моҳӣ ва дигар намудҳои организмҳои обиро барои фурӯш ё дастрас кардан ба харидорони яклухт, ташкилотҳои фурӯш ё барои фурӯш дар заминаи доимӣ дар бозорҳо парвариш менамоянд.

1532. Ба уҳдадорҳои онҳо дохил мешавад:

– парвариш ва нигоҳубини моҳӣ ва дигар намудҳои организмҳои обӣ ба сифати зироати молӣ ё барои паҳн кардан дар обҳои ширин ё обанборҳои намакдор;

– ҷамъоварӣ ва бақайдгирии маълумотҳо оид ба афзоиши организмҳо, истеҳсол ва муҳити атроф;

– гузаронидани муоинаҳо ва назорат саршумор барои муайянкунии касалиҳо ё паразитҳо;

– мушоҳидаи ҳолати муҳити атроф барои таъмини шароити муътадил барои организмҳои обӣ;

– роҳбарӣ ва мушоҳидаи моҳидорӣ ва тухммонии моҳиҳо, азтухмбарой ва парвариши моҳичаҳо бо истифодаи донишҳо дар бораи усулҳои ташкили кор ва парвариши моҳӣ;

– тозакунӣ, яхкунӣ, хукуккунӣ ва намаккунии сайди моҳӣ, нчунин, тайёркунии моҳӣ ва дигар маҳсулот барои ҳамлу нақл;

– таъмири техникии биноҳо, зарфҳо, мошинҳо, киштиҳо ва дигар таҷҳизот;

– дастраскунӣ ва ё фурӯши маҳсулот;

– иҷора ё сармоягузорӣ, инчунин, хизматрасонии техникии биноҳо, таҷҳизот ва мошинҳо, инчунин хариди хӯрок ва дигар захираҳо;

– назорат ва тайёр кардани коргарони дар соҳаи моҳипарварӣ ва барои кор дар ҷойҳои парвариши моҳӣ.

1533. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– коргари тахассусноки кишоварзӣ, моҳипарварӣ;

– моҳипарвар;

– деҳқон (фермер)-и моҳипарвар.

1534. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои дигари ибтидой мансуб:

– директор (сардори) заводи моҳӣ 1312;

– коргари хоҷагии моҳипарварӣ 9212.

## § 3. 6222. Коргарони моҳидор дар обанборҳои дохилӣ ва дарёҳо

1535. Коргарони моҳидор дар обанборҳои дохилӣ ва дарёҳо моҳӣ медоранд ё дигар намуди организмҳои обиро аз обанборҳои дохилӣ барои фурӯш ё дастрас кардан ба харидорони яклухт, ташкилотҳои фурӯш ё барои фурӯш дар бозорҳо ҷамъоварӣ мекунанд.

1536. Ба уҳдадорҳои онҳо дохил мешаванд:

– омода ва таъмир кардани тӯрҳо ва дигар асбобу анҷом ва таҷҳизоти моҳидорӣ;

– шинонидани мулӯх, партофтан ва кашида гирифтани асбобу анҷомҳои моҳидорӣ тариқи дастӣ ё бо истифодаи таҷҳизоти борбардор;

– ҷамъоварии намудҳои гуногуни организмҳои обӣ аз соҳилҳо ва камобҳо;

– хизматрасонии техникии ҷиҳозоти муҳаррикдори моҳидорӣ ва дигар таҷҳизот;

– баҳисобгирии амалиётҳо, фаъолияти моҳидорӣ, шароити обу ҳаво, инчунин, баҳодиҳии сайд ва хароҷот;

– ба навъҳо ҷудо кардан ва нигоҳдории сайд дар борхонаи киштӣ (трюм) бо намак ва ях;

– баровардани сайд аз таҷҳизоти моҳидорӣ, андозагирии он мутобиқи андозаи қонунгузории пешбинишуда ва ба об баргардонидани сайди номатлуб ё ғайриқонунӣ.

1537. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– моҳидор дар обанборҳои дохилӣ ва дарёҳо;

– моҳидорони умумӣ;

– моҳидори соҳилӣ.

1538. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди мансуби гурӯҳҳои ибтидоии дигар:

– усто оид ба доштани моҳӣ - 1312;

– моҳидор - 6223;

– коргари хоҷагии моҳипарварӣ - 9212.

## § 4. 6223. Коргарони хоҷагии моҳипарварӣ

1539. Коргарони моҳидор моҳиро барои фурӯш ё дастрас кардан ба харидорони яклухт, ташкилотҳои фурӯш ё барои фурӯш дар бозорҳо медоранд.

1540. Ба уҳдадорҳои онҳо дохил мешаванд:

– омода ва таъмир кардани тӯрҳо ва дигар асбобу анҷом ва таҷҳизоти моҳидорӣ;

– фармондиҳӣ ва идораи киштиҳои моҳигирӣ дар роҳи минтақаҳои моҳидорӣ, дар роҳи баргашт ва дар минтақаи моҳидорӣ;

– интихоби минтақаҳои моҳидорӣ, муайян кардани самт ва ҳисоб кардани мавқеи роҳнамоӣ бо истифода аз қутбнамо, харитаҳо ва дигар воситаҳо;

– идора кардани киштиҳои моҳидорӣ ва истифодаи асбобҳои навигатсионӣ ва электронии моҳигирӣ;

– шинонидани мулӯх, партофтан ва кашида гирифтани асбобу анҷомҳои моҳидорӣ;

1541. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– оператори таҷҳизоти коркарди моҳӣ;

– моҳидор.

1542. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди мансуби гурӯҳҳои ибтидоии дигар:

– моҳипарвар - 6221.

## 124. ГУРӮҲИ ХУРДИ 623.

## § 1. Шикорчиён

1543. Шикорчиён ширхӯрон, паррандаҳо ё хазандаҳоро асосан барои ба даст овардани гӯшт, пӯст, пар ва дигар маҳсулот, барои фурӯш ё дастрас кардан ба харидорони яклухт, ташкилотҳои фурӯш ё барои фурӯш дар бозорҳо медоранд ва мезананд.

1544. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– гузоштани қапқон барои сайди ширхӯрон, паррандагон ё хазандагон;

– забҳи ба қапқон афтодагон ё ширхӯрони ваҳшӣ, паррандагон ё хазандагон бо истифодаи силоҳи оташфишон ё силоҳи дигар;

– пусткунӣ ва коркарди дигари ширхӯрон, паррандагон ё хазандагон ҷиҳати ба даст овардани маҳсулоти зарурӣ барои фурӯш ва таҳвил;

– таҳвил ё фурӯши ҳайвоноти зиндаи ширхӯр, паррандагон ё хазандагони зинда;

– таъмир ва хизматрасонии техникии таҷҳизот.

1545. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 6230 | Шикорчиён-тирандозон ва шикорчиён-домгузорон |

§ 2. 6230 .Шикорчиён-тирандозон ва шикорчиён-домгузорон

1546. Шикорчиён ширхӯрон, паррандаҳо ё хазандаҳоро асосан барои ба даст овардани гӯшт, пӯст, пар ва дигар маҳсулот, ҷиҳати фурӯш ё таҳвил дар заминаи доимӣ ба харидорони яклухт, ташкилотҳои фурӯш ё барои фурӯш дар бозорҳо медоранд ва шикор мекунанд.

1547. Ба уҳдадорҳои онҳо дохил мешаванд:

– гузоштани қапқон барои сайди ширхӯрон, паррандагон ё хазандагон;

– забҳи дар қапқон дошташудагон ё ширхӯрони ваҳшӣ, парранда ё хазандагон бо истифодаи силоҳи оташфишон ё дигар силоҳ;

– пӯсткунӣ ва коркарди дигари ширхӯрон, паррандагон ё хазандагон ҷиҳати ба даст овардани маҳсулоти зарурӣ барои фурӯш ва таҳвил;

– таҳвил ё фурӯши ҳайвоноти зиндаи ширхӯр, паррандагон ё хазандагони зинда;

– таъмир ва хизматрасонии техникии таҷҳизот;

1548. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– шикорчӣ (шоҳин, бургут)

– шикорчии касбӣ;

– шикорчӣ-домгузор.

## 125. ЗЕРГУРӮҲИ 63. ДЕҲҚОНОН (ФЕРМЕРОН)-И КИШОВАРЗӢ, МОҲИПАРВАРӢ ВА МОҲИДОРИИ ИСТЕҲСОЛКУНАНДАИ МАҲСУЛОТ БАРОИ ИСТЕЪМОЛИ ШАХСӢ

1549. Деҳқонон (фермерон)-и кишоварзӣ, моҳипарварӣ ва моҳидории истеҳсолкунандаи маҳсулот барои истеъмоли шахсӣ: ҳосили зироатҳои саҳроӣ ё зироатҳои мевагию буттамева, сабзавоту меваро парвариш ва ҷамъоварӣ мекунанд; меваи худруй, гиёҳҳои шифобахш ва дигар

растаниҳоро ҷамъоварӣ мекунанд; чорворо парваришу нигоҳубин ё худ шикор мекунанд; моҳӣ дошта, намудҳои гуногуни организмҳои обиро, барои он ки худ ва аъзои оилаи худро бо ғизо, манзил ва дар баъзе мавридҳо даромади ҳадди ақали пулӣ таъмин намоянд, ҷамъоварӣ мекунанд. Аксари машғулиятҳои ин зергурӯҳ сатҳи дуюми тахассусро талаб мекунанд.

1550. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур, одатан иборатанд:

– омода намудани хок;

– кишт, шинондан, парвариш ва ҷамъоварии зироатҳои саҳроӣ;

– парвариши сабзавот, меваю буттамева ва дигар зироатҳо;

– ҷамъоварии меваҳои худруй, буттамева, гиёҳҳои шифобахш ва дигар растаниҳо;

– парвариш, нигоҳубин ва хӯронидани чорво ва паррандаҳои хонагӣ, асосан барои ба даст овардани гӯшт, тухм, шир, пашм, чарм ё дигар маҳсулот;

– шикор ва ё гузоштани қапқон барои ҳайвонҳо;

– сайди моҳӣ ва дигар намудҳои организмҳои обӣ;

– таҳвили об ва ҷамъоварии ҳезум;

– нигоҳдории маҳсулот барои истифодаи минбаъда ва баъзе намудҳои коркарди аввалияи маҳсулот;

– сохтмон ва хизматрасонии техникии манзил ё дигар паноҳгоҳ;

– тайёр намудани олат, либос ва асбобу анҷом барои истифода дар хоҷагидорӣ;

– фурӯш ё мубодилаи молҳои зиёдатии баъзе маҳсулот дар бозорҳои маҳаллӣ.

1551. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳи хурди зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 631 | Деҳқонон (фермерон)-и кишоварзӣ, моҳипарварӣ ва моҳидории истеҳсолкунандаи маҳсулот барои истеъмоли шахсӣ |

Эзоҳ: Дар доираи машғулиятҳои мансуб ба зергурӯҳи 63 Деҳқонон (фермерон)-и кишоварзӣ, моҳипарварӣ ва моҳидории истеҳсолкунандаи маҳсулот барои истеъмоли шахсӣ шомиланд, агар молҳо (асосан маҳсулоти хӯрока) асосан барои истеъмоли шахсӣ ё барои истеъмоли дигар аъзои оилаи корманд истеҳсол шавад.

Агар маҳсулот бо изофаи зиёд истеҳсол шуда, он нисбат ба истеъмол бештар фурӯхта шавад, вале мақсади асосии истеҳсолот истеъмоли худи шахс бошад, он гоҳ ин гуна машғулиятҳоро дар ҳама маврид ба зергурӯҳи 63 мансуб медонанд. Машғулиятҳоро ба зергурӯҳи 61 Деҳқонон (фермерон) ва коргарони кишоварзии маҳсулотро барои фурӯш истеҳсолкунанда ё 62 Шикорчиён ва коргарон оид ба истеҳсоли маҳсулоти ҷангал ва моҳӣ мансуб медонанд, агар мақсади асосии фаъолият истеҳсоли маҳсулот барои бозор бошад.

## 126. ГУРӮҲИ ХУРДИ 631.

### § 1. Деҳқонон (фермерон)-и кишоварзӣ, моҳипарварӣ ва моҳидории истеҳсолкунандаи маҳсулот барои истеъмоли шахсӣ

1552. Деҳқонон (фермерон)-и кишоварзӣ, моҳипарварӣ ва моҳидории истеҳсолкунандаи маҳсулот барои истеъмоли шахсӣ ҳосили зироатҳои саҳроӣ ё зироатҳои мевагию буттамева, мева ва дигар зироатҳоро парвариш ва ҷамъоварӣ мекунанд, ҳайвоноти хонагӣ ва паррандаро парвариш менамоянд, меваи худруй ва растаниҳоро ҷамъоварӣ карда, ҳайвоноти ваҳшӣ ва паррандаҳоро шикор мекунанд, дар ҷангал дарахтҳоро бурида, ҳезум ҷамъоварӣ мекунанд, занбӯри асалро парвариш намуда, барои таъмини ғизо, манзил ва даромади ҳадди ақали пулии худ ва аъзои оила моҳӣ дошта, намудҳои флора ва фаунаи обиро ҷамъоварӣ мекунанд ва маҳсулоти изофаро мефурӯшанд.

1553. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– омода намудани хок барои кишти зироатҳои сабзавотӣ ва боғдорӣ, шинонидан, ворид намудани нӯриҳо дар хок ва ҷамъоварии ҳосили сабзавот, растанипарварӣ ва боғдорӣ;

– ҷамъоварии меваҳои худрӯй, занбурӯғ ва гиёҳҳои шифобахш;

– парвариш ва нигоҳубини чорво ва парандаи хонагӣ бо мақсади ба даст овардани гӯшт, шир, тухм, пашм, пар ва дигар маҳсулоти чорводорӣ;

– парвариш ва нигоҳубинии занбӯри асал бо мақсади ба даст овардани маҳсулоти занбӯрпарварӣ;

– шикори ҳайвоноти ваҳшӣ ва парандаҳо бо мақсади ба даст овардани гӯшт, пуст ва дигар маҳсулот;

– захираи ҳезум ва шоххҳои хӯк барои гармкунӣ ва масолеҳи сохтмонӣ барои сохтмон ва таъмири манзил;

– сайди моҳӣ, ҷамъоварии обсабза ва дигар намуди набототу ҳайвоноти обӣ;

– тайёркунии олати одӣ, либос ва зарф барои истифода дар хоҷагии хонавода;

– фурӯши изофаи маҳсулоти кишоварзии бадастоварда, маҳсулоти шикор, моҳидорӣ ва ҷамъоварӣ намуда, дар бозорҳо ё супоридани онҳо дар нуктаҳои захиракунӣ, барои таъмини худ ва аъзои оилаи худ бо даромади ҳадди ақал.

1554. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 6310 | Деҳқонон (фермерон)-и кишоварзӣ, моҳипарварӣ ва моҳидории истеҳсолкунандаи маҳсулот барои истеъмоли шахсӣ |

### § 2. 6310. Деҳқонон (фермерон)-и кишоварзӣ, моҳипарварӣ ва моҳидории истеҳсолкунандаи маҳсулот барои истеъмоли шахсӣ

1555. Деҳқонон (фермерон)-и кишоварзӣ, моҳипарварӣ ва моҳидории истеҳсолкунандаи маҳсулот барои истеъмоли шахсӣ ҳосили сабзавот, меваю буттамева, мевагӣ ва дигар зироатҳоро парваришу ҷамъоварӣ

карда, чорво ва парандаҳои хонагиро парвариш ва нигоҳубин менамоянд, гиёҳҳои худруй ва шифобахшро ҷамъоварӣ намуда, ҳайвоноти ваҳшӣ ва парандаҳоро шикор мекунанд, занбӯрҳоро парвариш ва нигоҳубин намуда, дар ҷангалҳо дарахтҳоро мебуранд, барои таъмини ғизо, манзил ва даромади пулии худ ва аъзои оилаи худ ва барои фурӯши маҳсулоти изофа моҳӣ дошта, мавҷудоти гуногуни набототу ҳайвоноти обиро ҷамъоварӣ менамоянд.

1556. Ба уҳдадорҳои онҳо дохил мешаванд:

– тайёр кардани хок барои шинондани зироатҳои сабзавот, меваю буттамеваҳо ва гул;

– шинондан, воридкунии нурӣ ба замин, парвариш ва ҷамъоварии маҳсулоти сабзавоткорӣ, растанипарварӣ, боғпарварӣ ва гулҳо;

– парваришу нигоҳубини чорво ва парандаҳои хонагӣ, бо мақсади ба даст овардани гӯшт, шир, тухм, пашм, пар ва дигар маҳсулоти чорводорӣ;

– парвариш ва нигоҳубини занбӯрон бо мақсади ба даст овардани асал, мум ва дигар маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ;

– ҷамъоварии меваҳои худрӯй, занбӯруғ ва гиёҳҳои шифобахш;

– шикори ҳайвоноти ваҳшӣ ва парандаҳо, бо мақсади ба даст овардани гӯшт, пӯст ва дигар маҳсулот;

– захираи ҳезум ва шоххҳои хӯшк барои гармкунӣ ва масолеҳи сохтмонӣ барои сохтмон ва таъмири манзил;

– сайди моҳӣ, обсабза ва дигар намуди набототу ҳайвоноти обӣ;

– истеҳсоли асбобу анҷом барои корҳои кишоварзӣ, шикор ва моҳидорӣ.

1557. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– шикорчӣ (истеъмоли шахсӣ);

– деҳқонон (фермерҳо)-и истеҳсолкунандаи маҳсулот барои истеъмоли шахсӣ;

– ғаввоси обсабзаҳо ва маҳсулоти дарёӣ (моҳӣ) барои истеъмоли шахсӣ.

Эзоҳ: Коргароне, ки вазифаҳои асосии онҳо кашонидани об ва ҷамъоварии ҳезум барои истифодаи шахсӣ мебошанд, ба гурӯҳи ибтидоии 9629 Коргарони бетахассуси ба дигар гурӯҳҳо шомилнашуда, мансубанд. Коргарони кишоварзии ба истеҳсоли мол барои истифодаи шахсӣ машғул, ки миқдори маҳдуди вазифаҳои оддию стандартиро иҷро мекунанд, одатан ба зергурӯҳи 92 Коргарони бетахассуси кишоварзӣ ва ҷангал, моҳипарварӣ ва моҳидорӣ мансуб медонанд.

## 127. ГУРӮҲИ АСОСИИ 7. КОРГАРОНИ САНОАТ, СОХТМОН, НАҚЛИЁТ ВА МАШҒУЛИЯТҲОИ ҲАММОНАНД

1558. Коргарони саноат, сохтмон, нақлиёт ва машғулиятҳои ҳаммонанд, донишу маҳорати касбии худро дар соҳаи сохтмон ва хизматрасонии техникии биноҳои начандон калон, сохтани қолибҳо барои рехтагарии оҳан; сохтани конструксияҳои филизӣ; ба кор андохтани

дастгоҳҳо дар самти тайёркунӣ, хизматрасонии техникиву таъмири мошинҳо, таҷҳизот ё асбобҳо; иҷрои корҳои чопӣ; истеҳсол ва коркарди маҳсулоти хӯрока, маҳсулот аз матоъ, чӯб ва дигар маҳсулот, аз ҷумла маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ дар амал татбиқ менамоянд. Аксари машғулиятҳои ин зергурӯҳ сатҳи дуюми тахассусро талаб мекунанд. Кор бо истифодаи даст ё бо воситаи асбобҳои дастӣ ва асбобҳои дигар барои кам кардани қувваи ҷисмонӣ ва кӯтоҳ намудани муҳлати иҷрои супоришҳои мушаххас, инчунин беҳтар кардани сифати маҳсулот иҷро мешаванд. Уҳдадориҳои ин коргарон дониши ҳамаи марҳалаҳои раванди истеҳсолот, масолеҳу асбобҳои истифодашаванда, инчунин тавсиф ва таъйиноти истифодаи маҳсулоти ниҳоиро талаб мекунад.

1559. Уҳдадориҳои коргарони саноат, сохтмон, нақлиёт ва машғулиятҳои ҳаммонанд иҷрокунанда, одатан дарбар мегиранд:

– сохтмон, хизматрасонии техникиву таъмири биноҳо ва дигар иншоот;

– насб, сохтани конструксияҳои вазнини филизӣ, болобардор ва таҷҳизоти ба ин монанд;

– сохтани механизмҳо, асбобҳо, таҷҳизот ва дигар маҳсулоти филизӣ;

– барои операторон танзимкунӣ ва танзим ва истифодабарии дастгоҳҳои гуногуни механикӣ;

– танзим, насб ва таъмир намудани таҷҳизоти саноатӣ, муҳаррикҳо, воситаҳои нақлиёт, таҷҳизоти барқиву электронӣ ва дигар таҷҳизот;

– истеҳсоли асбобҳои дақиқ, ашёи рӯзгор, ҷавоҳирот ва дигар маҳсулот аз метали қиматбаҳо, маҳсулоти кулоливу шишагӣ ва маҳсулоти шабеҳ;

– истеҳсоли маҳсулоти ҳунарҳои бадеӣ;

– иҷрои корҳои чопӣ;

– истеҳсол ва коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ ва маҳсулоти гуногун аз чӯб, нассоҷӣ, чарм ва маводи шабеҳ. Кормандони соҳибихтисоси саноат ва коргарони касбҳои ҳаммонанд, фаъолияти тиҷоратии худро мустақилона ё бо ёрии теъдоди ками шахсон анҷом медиҳанд, инчунин, метавонанд. дар як қатор вазифаҳои идоракунии тиҷорат, баҳисобгирии муҳосибӣ ва хидматрасонии муштариёнро ичро намоянд, гарчанде ки ин гуна вазифаҳо одатан, асосӣ намебошанд.

1560. Машғулиятҳои гурӯҳи асосии мазкур ба зергурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 71 | Сохтмончиён – васлгарон, сохтмончиён–пардозгарон, рангмолон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд, ғайр аз барқчиён |
| 72 | Коргарони коркарди метал, хизматрасонии таҷҳизот ва машғулиятҳои ҳаммонанд ғайр аз барқчиён |
| 73 | Коргарони ба тайёркунии асбоб ва таҷҳизоти дақиқ, ҳунарҳои бадеӣ ва истеҳсоли полиграфӣ машғулбуда |
| 74 | Коргарон дар соҳаи электротехника ва электроника |

| | |
|---|---|
| 75 | Коргарони саноати хӯрокворӣ, коркарди чӯб, саноати нассоҷиву дӯзандагӣ ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 76 | Ҳунармандон ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ |

## 128. ЗЕРГУРӮҲИ 71. СОХТМОНЧИЁН–ВАСЛГАРОН, СОХТМОНЧИЁН–ПАРДОЗГАРОН, РАНГМОЛОН ВА КОРГАРОНИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ҲАММОНАНД, ҒАЙР АЗ БАРҚЧИЁН

1561. Сохтмончиён–васлгарон, сохтмончиён–пардозгарон, рангмолон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд, ғайр аз барқчиён сохтмон, хизматрасонии техникӣ, таъмири бино, сохтан ва таъмири таҳкурсӣ, деворҳо ва бинои хиштӣ, санг ва масолеҳи ҳаммонанд, инчунин тарошидан ва ҷило додани санг барои сохтмон ва дигар мақсадҳо амалӣ мекунанд. Аксари машғулиятҳои ин зергурӯҳ сатҳи дуюми тахассусро талаб мекунанд. Кор бо истифодаи даст ё бо воситаи асбобҳои дастӣ ва асбобҳои дигар барои кам кардани қувваи ҷисмонӣ ва кӯтоҳ намудани муҳлати иҷрои супоришҳои мушаххас, инчунин беҳтар намудани сифати маҳсулот иҷро мешаванд. Уҳдадориҳои ин коргарон донистани ҳамаи марҳалаҳои раванди истеҳсолот, масолеҳу асбобҳои истифодашаванда, инчунин тавсифот ва таъйиноти истифодаи маҳсулоти ниҳоиро талаб мекунад.

1562. Уҳдадориҳои коргарони зергурӯҳи мазкур, одатан иборатанд:

– сохтмон, нигоҳдориву таъмири биноҳо ва иншооти дигар бо истифода аз масолеҳи анъанавию муосир;

– сохтмон ва таъмири пойдевор, девору конструксияҳо аз хишт, санг ва масолеҳи ба ин монанд;

– ба тахтасанг ё блокҳо шикастани сангҳои конӣ;

– буридан, суфта ва ҷило додани санг барои сохтмон, ороиш, ёдгориҳо, нимпайкара, ҳайкал ва дигар мақсадҳо;

– сохтани қафасаҳо ва конструксияҳои оҳану бетонӣ, инчунин пардоз ва таъмири сатҳи бетонӣ;

– буридан, ҳамвор, васлу насб кардани конструксияҳои чӯбӣ ва милбастҳо (арматураҳо);

– иҷрои корҳои гуногуни сохтмонӣ ва вазифаҳои ба нигоҳдории биноҳо алоқаманд. Уҳдадориҳои онҳо метавонанд, назорати коргарони дигарро дар бар гиранд.

1563. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 711 | Сохтмончиён–васлгарон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 712 | Сохтмончиён–пардозгарон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 713 | Коргарон оид ба хизматрасонии биноҳо, тозакунӣ, рангмолҳо ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |

## 129. ГУРӮҲИ ХУРДИ 711.

## § 1. Сохтмончиён–васлгарон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1564. Сохтмончиён–васлгарон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд сохтани қолиби биноҳои пастошёна, хизматрасонии техникӣ ва таъмири биноҳо; бардоштан ва таъмири таҳкурсӣ, деворҳо, аз хишту санг ва масолеҳи ҳаммонанди он сохташуда; бо мақсади сохтмон ва ороиш сангҳоро тарошидаву сайқал медиҳанд, инчунин корҳои гуногуни сохтмонӣ ва вазифаҳои марбут ба нигоҳдории биноҳоро иҷро мекунанд.

1565. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– сохтмон, хизматрасонии техникӣ, таъмири биноҳо ва иншооти дигар бо истифода аз масолеҳи анъанавию муосир;

– сохтан ва таъмири таҳкурсӣ, девор ва иншоот аз хишт, санг ва масолеҳи ҳаммонанд;

– шикастани сангҳои кон барои тахтасангҳо ё блокҳо;

– буридан, тарошидан, ҷило додани санг барои мақсадҳои сохтмониву ороишӣ, ҳайкал ва дигар мақсадҳо;

– сохтани қафасаҳои оҳану бетонӣ ва конструксияҳо , инчунин ороиш ва таъмири сатҳи бетон;

– буридан, ҳамвор, васл, насб кардани конструксияҳои чӯбӣ ва милбастҳо (арматураҳо);

– иҷрои корҳои гуногуни сохтмонӣ ва вазифаҳои ба хизматрасонии техникии биноҳо алоқаманд. Уҳдадориҳои онҳо метавонанд, назорати коргарони дигарро дар бар гиранд.

1566. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7111 | Милбасткорон (арматурачиён)ва рӯйпӯшкорон |
| 7112 | Хиштчинҳо ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 7113 | Коркардкунандаҳои санг ва сангтарошон |
| 7114 | Бетончиён ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 7115 | Чӯбтарошон ва дуредгарон |
| 7119 | Сохтмончиён–васлгарон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

## § 2. 7111. Милбасткорон (арматурачиён) ва рӯйпӯшкорон

1567. Милбасткорон (арматурачиён) ва рӯйпӯшкорон қафасаҳои биноҳои пастошёнаро месозанд, бо таъмири техникӣ бо истифодаи хизматрасонии технкӣ ва таъмир бо истифодаи технология ва масолеҳи анъанавию муосир машғуланд.

1568. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– тайёр кардани майдон барои сохтмони бино ё дигар иншоот;

– сохтани таҳкурсӣ, деворҳои синҷӣ ва қисмҳои такягӣ барои нигоҳ доштани бом, сохтан ва пӯшонидани деворҳои беруна бо масолеҳи муҳофизатии дахлдор;

– насби болорҳо ва унсурҳои конструктивии бом;

– тайёр намудани сатҳҳо барои пӯшонидани онҳо бо кошин ва ё дигар маводи ороишӣ, масалан, барои садоногузарӣ;

– бардоштнаи қабатҳои байниошёнагӣ ва истеҳсоли фаршҳои рехта;

– рӯйпушкунии сатҳҳои беруниву дохилии биноҳо ва иншооти сохташаванда;

– хизматрасонии техникӣ ва таъмири иншооти мавҷуда;

– ҳамоҳангсозӣ бо зерпудратчиён барои иҷрои корҳои махсус, аз қабили хиштчинӣ, рангмолӣ, корҳои обгузаронӣ ва барқгузаронӣ.

1569. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– милбасткорон (истеҳсоли семент, конструктсияҳои оҳану бетонӣ);

– васлгари лӯлагазарони беруна.

1570. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– сармуҳандис–сохтмончӣ–1323;

– директор (дар сохтмон)–1323.

## § 3. 7112. Хиштчинҳо ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1571. Хиштчинҳо ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд хиштҳо, сангҳои буридашуда ва дигар намуди блокҳои сохтмонӣ бо истифода аз маҳлулҳои сохмонӣ барои сохтану таъмири девор, панҷараҳо, аркҳо ва дигар иншоотро иҷро мекунанд.

1572. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– гузоштани санг, хишт ва блокҳои сохтмонии ҳаммонанд барои бардоштан ё таъмири девор, панҷараҳо, оташдонҳо ва дигар иншоот ба мисоли қубурҳои дудкаши тафдонҳо;

– бо масолеҳи ба оташ тобовар пӯшонидани қабати болоии конвертерҳо (кулаи пулодгудозӣ), тафдон, тафдонҳои гармидиҳӣ, блокҳои пулҳо ва таҳкурсиҳо;

– тахтасангшинонии роҳравҳо, сангҳоии канорӣ ва сангфарш кардани роҳравҳо;

– гузоштани хишт ва истеҳсоли дигар масолеҳи сангӣ барои сохтани айвонҳо (патио-ҷойи нишаст дар боғ), деворҳои боғ ва дигар иншооти ороишӣ.

1573. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– хиштчин;

– бӯтабанд-хиштчин;

– ҷобаҷокунандаи блокҳо, тахтасанг ва хиштҳои ба оташ тобовар.

1574. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– бурандаи санг–7113;
– бетончӣ–7114.

## § 4. 7113. Коркардкунандаҳои санг ва сангтарошон

1575. Коркунандаҳои санг ва сангтарошон блоку тахтасангҳо аз санги сахт ва нармро барои сохтмон ва хизматрасонии техникии иншооти сангӣ ва ҳайкалҳо мекафонанд, метарошанд, инчунин нақшу нигор ва суробҳо метарошанд.

1576. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– куфтани фонаҳои кафонанда дар сангҳои конӣ барои тайёр ва тақсим кардани тахтасанг ё блокҳо ;

– интихоб ва ба навъҳо ҷудо кардани тахтасангҳо ва блокҳои хоросанг, мармар ва дигар сангҳо;

– буридан, тарошидан ва суфта кардани санг барои мақсадҳои сохтмонӣ ва ҳайкалҳо аз хоросанг ё мармар бо истифода аз асбобҳои дастӣ ё автоматонидашуда;

– нишонагузории санг барои буридан, тарошидан, пармакунӣ ва дигар амалиёти тарошидан ва буридани санг;

– буридан ва пайкании навиштаҷот, акс ё сурат дар блокҳои сангӣ барои ҳайкалҳо ва санги мазор истифодашаванда;

– чиндани санг ҳангоми бардоштани ҳайкалҳо ва санги мазор;

– таъмир ва иваз кардани сангҳои чиндашуда дар биноҳо, масчидҳо ва ҳайкалҳои кӯҳна.

1577. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– буранда-васлгари санг (санг, мармар);
– суфтакори санг ( дастӣ ё асбобҳои дастӣ);
– сангбур;
– бурандаи санги хоро;

1578. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– кошинкор–7122;
– оператори дастгоҳи коркарди санг–8114.

## § 5. 7114. Бетончиён ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1579. Бетончиён ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд қафаса ва иншооти оҳану бетонӣ месозанд, барои шакл даровардани бетон қолиб тайёр намуда, сатҳи бетониро тақвият медиҳанд, ҷойҳои холии деворҳо ё девораҳои гирди қубурҳои чоҳро сементкорӣ мекунанд, сатҳҳои сементшударо пардоз ва таъмир мекунанд, корҳои кошинкориро бо усули «терратсо» иҷро мекунанд.

1580. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– сохтан ва таъмири фаршҳои оҳану-бетонӣ, деворҳо, зарфҳо, бункерҳо ва дигар иншооти бетонӣ;

– тайёр кардани тахтабанд ё васлкунии блокҳои тахтабандӣ барои шаклдиҳии семент;

– сементкунонии холигиҳои девор ё девораҳои гирди қубурҳои чоҳ;

– соз ва ҳамвор кардани сатҳи иншооти бетонӣ;

– рупӯши мустаҳкам ва ҳамвор кардани фарши сементӣ, пигменти рангдиҳанда, резгиҳои мармарӣ дар фарш, яъне истеҳсоли тахтасангҳои бетонии навъи «терратсо».

1581. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мумпечкунандаҳои лӯлаҳо;

– бетончӣ;

– пардозгар, семент;

– бетонрез.

1582. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– оператори дастгоҳи бетономехтакунанда–8114;

– оператори дастгоҳи пардози бетон–8114;

– оператори дастгоҳи истеҳсоли тахтасангҳои рангорангбетонӣ-кошинкорӣ-8114;

– мошинисти мошини асфалту–бетонхобонӣ–8342;

– мошинисти мошини бетонхобонӣ–8342.

## § 6. 7115. Чӯбтарошон ва дуредгарон

1583. Чӯбтарошон ва дуредгарон масолеҳи чӯбиро мебуранд, ранда мекунанд, конструктсия ва тахтабастҳои гуногунро аз чӯб ё дигар масолеҳ месозанд, хизматрасонии техникӣ ва таъмир мекунанд.

1584. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– иҷрои корҳо оид ба тайёр кардани қисматҳои чӯбини конструксия, тағйирдиҳӣ ва таъмири дигар маҳсулоти чӯбӣ дар дастгоҳи дуредгарӣ ё дар майдони сохтмонӣ;

– сохтан, бардоштан ва васл кардани қафасаҳои вазнини чӯбӣ дар майдонҳои сохтмонӣ;

– насб, васл ва таъмири қисматҳои дохилӣ ва берунии биноҳо, аз қабили деворҳо, дарҳо, чорчӯбаи дару тиреза, рӯйпӯшҳо ва лавҳаҳо;

– тайёр кардан, таъмир ва насби ороиши саҳна барои намоишҳои театрӣ, синамо ё саҳнаҳои телевизионӣ;

– сохтан, васл намудан, азнавсозӣ ва таъмири қисматҳо ва ҷузъҳои чӯбӣ дар вагонҳои роҳи оҳан, ҳавопаймоҳо, қаиқҳо ва дигар воситаҳои ҳаракат.

1585. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– чӯбтарош

– дуредгар;

– дуредгари ороиши саҳна;

– дуредгар, сохтмон;

1586. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– чархчӣ барои ҷиҳоз–7522;

– дуредгари дарахти сурх–7522.

### § 7. 7119. Сохтмончиён–васлгарон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

1587. Ин гурӯҳи ибтидоӣ сохтмончиён ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанди шомилнагардида ба гурӯҳҳои дигари гурӯҳи хурди 711 Сохтмончиён - васлгарон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонандро дар бар мегирад. Мисол, ба гурӯҳи ибтидоии мазкур бологард (болобаро), таҷзиякорони биноҳо дохил мешаванд.

1588. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– бароштан ва амалӣ намудани корҳои гуногуни сохтмонӣ ва хизматрасонии техникӣ аз қабили манораҳо, дудкашҳо ва торҳо;

– дар майдонҳои сохмтонӣ сохтани хавозаҳои филизӣ ё чӯбии муваққатӣ;

– вайрон кардани биноҳо ва дигар иншоот.

1589. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– коргари беихтисос (сохтмони бино)–9312;

– коргари беихтисос оид ба вайрон кардани биноҳо–9312.

## 130. ГУРӮҲИ ХУРДИ 712.

### § 1. Сохтмончиён–пардозгарон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1590. Сохтмончиён–пардозгарон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд бо ҷобаҷокунӣ, рӯйпушкунӣ ва насби бомҳо, фаршҳо, деворҳо, низомҳои рӯйпушкунӣ, инчунин, насбкунии таҷҳизоти техникӣ, қубурҳои обгузар, хати барқи биноҳо ва сохтмонҳо, шишабандии тирезаҳову печониданиро, иҷро мекунанд.

1591. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– бо як ё якчанд масолеҳ пӯшонидани бом;

– густурдани паркет дар фарш ё масолеҳи дигар, инчунин, бо кошин ё лавҳаҳои кошинкорӣ рӯпӯшкунии фаршу деворҳо;

– андова кардани девору шифт;

– бо масолеҳи оиққорӣ пӯшонидани деворҳо, фаршҳо ва шифтҳо;

– буридан, мувофиққунӣ ва шишабандии тирезаҳо ва холигиҳои ҳаммонанд ;

– соз кардани таҷҳизоти сантехникӣ ва қубурҳои обгузар;

– васли ноқилҳои барқӣ ва дигар таҷҳизоти ҳаммонанд. Уҳдадориҳои онҳо метавонанд, назорати коргарони дигарро дарбар гиранд.

1592. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7121 | Бомпӯшкорон |
| 7122 | Фаршгарон ва тахтасангкорон |
| 7123 | Андовачиён |
| 7124 | Оиҳкорон |
| 7125 | Шишагарон |
| 7126 | Техникҳои беҳдоштӣ ва қубургузаронҳо |
| 7127 | Механикҳо, васлгарони кондитсионерҳо ва дастгоҳҳо хунуккунанда |
| 7129 | Сохтмончиён ва коргарони дигари машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

## § 2. 7121. Бомпӯшкорон

1593. Бомпӯшкорон барои ҳама намуди биноҳо бо истифода аз як ё якчанд масолеҳи бомпӯшонӣ бомҳоро мепӯшонанд ва таъмир мекунанд.

1594. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

− омӯзиши нақшаҳо, таснифот ва майдонҳои сохтмонӣ барои муайян намудани масолеҳи зарурӣ;

− бомпӯш намудан бо шифер, сафол аз масолеҳи бомпӯшии табииву синтетикӣ ё филизӣ;

− насби сипарҳои обногузар ва мустаҳкам намудани масолеҳи филизӣ ё синтетикӣ ба қафасаҳои биноҳо;

− ба навъҳо ҷудо кардан, чокбурӣ ва буриши масолеҳи бомпӯшӣ барои ҷо ба ҷо кардани атрофи канораҳо, кунҷҳо ва барҷастагиҳо, ба монанди дудкашҳо ;

− истифодаи масолеҳи табиӣ, аз қабили каҳ, най барои рӯйпуш намудани бом;

− сохтани иншооти муваққатӣ, аз қабили хавозаҳо ва зинапояҳои сохтмонӣ.

1595. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– бомпӯшкор оид ба бомпӯши лӯлапеч ва бомпӯш аз маводи донагӣ;
– бомпӯшкори бомҳои пулодӣ;
– бомпӯшкор, битум;
– бомпӯшкор, рӯпӯши филизӣ;
– бомпӯшкор, корҳои таъмирӣ;
– бомпӯшкор, сафол;
– бомпӯшкор, шифер.

Эзоҳ: Насбгарони боми филизӣ ба гурӯҳи ибтидоии 7121–Бомпӯшкорон мансубанд.Коргарони маҳсулоти пӯлодии барои истифода ва насби бомпӯшкорон истеҳсолкунанда ба гурӯҳи ибтидоии 7213–Варақасозҳо мансубанд.

## § 3. 7122. Фаршгарон ва тахтасангкорон

1596. Фаршгарон ва тахтасангкорон хизматрасонии техникӣ ва таъмири фаршҳоро иҷро мекунанд, деворҳо ва дигар сатҳҳо бо масолеҳи рӯпушӣ, тахтасанг ё лавҳаҳои кошинкориро барои ороиш ё дигар мақсадҳо рӯкаш мекунанд.

1597. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

- тайёр кардани фарш барои густурдани масолеҳи гуногун;
- маҷмуи масолеҳи рӯйпӯшӣ, кошин ё дигар мавод ва густурдани блокҳои васлшуда дар фаршҳо тибқи супориши техникӣ ё дигар таснифои;
- тайёр кардани деворҳо барои пӯшондани бо кошинҳо ё дигар мавод бо мақсади ороишӣ масалан, барои оиқкории садонозузарӣ;
- рӯйкашкунии девор, фаршҳо ва дигар сатҳҳо, инчунин сохтан ва чиндани лавҳаҳои кошинкорӣ.

1598. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

- фаршгари паркет;
- рӯкашкори масолеҳи синтетикӣ;
- рӯкашкор-кошинкор (мозаика);
- рӯкашкор- кошинкор;
- рӯкашкор-суфтагар;
- рӯкашкори оид ба масолеҳи рӯпӯшӣ;
- кошинкор;
- мармаркор.

1599. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

- бӯтабанд–7111.

## § 4. 7123. Андовачиён

1600. Андовачиён сатҳҳои андовагии биноҳоро хизматрасонии техникӣ ва таъмир намуда, инчунин, дохили順 оншоот ё беруни онро ба рӯйпӯшҳои ороишиву муҳофизатӣ аз андова, семент ва масолеҳи ҳаммонанд мемоланд

1601. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

- як ё якчанд қабат андова намудани деворҳову шифтҳои дохилии биноҳо барои сохтани сатҳи коркардшуда;
- андозагирӣ, тамғагузорӣ ва насби лавҳаҳои гаҷӣ– ороишӣ, рехтан ва буридани нивонҳои гаҷӣ– ороишӣ;
- чен кардан, тамғагузорӣ ва буридани лавҳаҳои гаҷӣ, бардоштан ва ҷойгузории лавҳаҳо ва часпондани онҳо дар девор, шифт ва зеҳтахтаҳо;
- рӯпӯшонии пайвандиҳо ва сурохӣ аз меххо бо андоваи тар ва маҳлулҳои ҳавоногузаркунӣ, инчунин, ҳамвор кардани онҳо бо ёрии чӯткаҳои мартуб ва коғазҳои абразивӣ;

– молидани рӯпӯшҳои муҳофизатӣ ва ороишии қабатҳои сатҳи берунии биноҳо аз семент, гаҷ ва масолеҳи ҳаммонанд;

– истеҳсол ва насби қисмҳои ороишии гаҷии нахбастшуда;

– истифода ва коркарди ниҳоии масолеҳи садонозузарӣ, оиқӣ, оташногири бо андова, маҳлули сементии пластикӣ ва масолеҳи ҳаммонанд часпонидашуда.

1602. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

- гаҷкори ҷузъҳои меъморӣ;
- андовачӣ;
- андовачӣ, гаҷи нахбастшудак;
- андовачӣ, корҳои ороишӣ;
- андовачӣ, корҳои беруна;
- андовачӣ бо истифодаи маҳлулҳои андовагарӣ;
- андовачӣ, андоваи хушк.

## § 5. 7124. Оиқкорон

1603. Оиқкорон масолеҳи оиқиро дар биноҳо, дегҳои буғӣ, қубурҳо, дастгоҳҳои хунуккунанда, системаи ҳавотаъминкунӣ насб ва таъмир мекунанд.

1604. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

–чокбурииии масолеҳи оиқкунӣ аз рӯи андоза ва шакл;

–насб кардани лавҳаҳо ва варақаҳои масолеҳи оиқӣ ё садонагузарон дар деворҳо, фаршҳо ва шифтҳои биноҳо;

–пур кардан ва шиббакунии масолеҳи оиқӣ ё садоногузарон дар холигоҳҳои байни деворҳо, фаршҳо ва шифти биноҳо бо истифодаи механизмҳо;

– омӯзиши нақшаҳо, таснифот ва минтақаҳои сохтмон барои муайян кардани намуд, сифат ва миқдори масолеҳи зарурӣ;

– рӯпушкунии масолеҳи оиқӣ ба сатҳҳои таҷҳизот- дегҳо, қубурҳо ва зарфҳои нигоҳдорӣ;

–оиқкунии дастгоҳҳои хунуккунанда ва системаи ҳавотаъминкунӣ.

1605. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

- оиқкори ноқилҳои барқӣ;
- оиқкори обногузаронӣ;
- оиқкори гарминогузаронӣ;
- оиқкор, садоногузаронӣ;
- оиқкори дегҳо ва қубурҳо;
- оиқкори дастгоҳҳои хунуккунанда ва системаи ҳавотаъминкунӣ.

## § 6. 7125. Шишагарон

1606. Шишагарон шиша ва ойинаҳоро чен мекунанд, мебуранд, пардоз медиҳанд ва насб мекунанд.

1607. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

− интихоби намуди шишаи истифодашаванда, буридани шиша бо андоза ва шакли зарурӣ ва шишабандии тирезаҳо, дарҳои ҳаммом ва таворaҳои биноҳо;

− насби шиша ва ойина дар равзанҳои бом, чевонҳои маҳсулонмонӣ, дар шифту деворҳои дохилӣ;

− насб ё иваз кардани шишаҳои шамолгардон дар воситаҳои нақлиёт ё қаиқҳо;

− сохтани ашёи ороишӣ аз шиша, ба мисли деворҳои шишагӣ, зинапояҳо, панҷараҳо ва витражҳо

1608. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– витражчӣ;

– шишагар;

– шишагар, бомпӯш;

– шишагар, воситаҳои нақлиёт.

1609. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– суфтагари шиша ва зарфҳои шишагин–7314;

– шишадамкун–8181

– шишабур–7314;

– шаклдиҳандаи қисмҳои шишагӣ–7314.

## § 7. 7126. Техникҳои беҳдоштӣ ва лӯлагузаронҳо

1610. Техникҳои беҳдоштӣ ва лӯлагузаронҳо хизматрасонии техникии лӯлаҳо, обдавҳо, обрезҳо, маҷро ва арматураи иловагӣ ва лавозимот барои об, газ, ифлосӣ, обҳои ганда, системаҳои гармидиҳӣ, ҳунукидиҳанда ва ҳавополо, инчунин, таҷҳизоти гидравликӣ ва пневматикиро васл, насб, таъмир мекунанд ва хизматрасонии техникӣ мегузаронанд.

1611. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

− омӯзиши лоиҳаҳо, нақшаҳо ва таснифот барои муайян кардани тарҳи системаҳои беҳдоштӣ-техникӣ ва маводи зарурӣ;

− ченкунӣ, буридан, чоккунӣ, қат кардан, пайваст, васл, насб кардан, хизматрасонии техникӣ ва таъмири лӯлаҳо, арматура ва лавозимоти системаҳои коррезӣ, гармидиҳӣ, ҳавотозакунӣ, обтаъминкунӣ ва шабакаҳои обу коррезӣ;

− насби асбобҳои газӣ, мошинҳои зарфшӯӣ ва обгармкунакҳо, дастшӯяк ва қисмҳои беҳдоштӣ бо истифода аз асбобҳои дастӣ ё механикӣ;

− хобондани лӯлаҳои гилӣ, сементӣ ва чӯянӣ дар хандак барои ташкил намудани системаи коррезӣ, заҳбур, обгузарон ё барои дигар мақсадҳо;

− санҷиш, тафтиш ва озмоиши система ва лӯлагузаронҳои насбшуда бо истифода аз датчикҳои фишор, манганаи гидравликӣ, мушоҳида ё усулҳои дигар.

1612. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– устои обгузарон;
– устои газгузарон;
– васлгари система ва таҷҳизоти беҳдоштӣ-техникӣ;
– челонгар-тьехники беҳдоштӣ;
– мутахассис-техники обдав;
– лӯлагузарон;
– лӯлакаш.

1613. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:
– механики таҷҳизоти ҳавотаъминкунӣ–7127.

Эзоҳ: Насбкунандагони обдавҳои филизӣ, обпарто ва маҷроҳо ба гурӯҳи ибтидоии 7126–Техникҳои беҳдошӣ ва лӯлагузаронҳо дохил мешаванд. Коргароне, ки аз варақаҳои пӯлодӣ барои истифода ва насби челонгарон-техникҳои беҳдошти маҳсулот истеҳсол мекунанд, ба гурӯҳи ибтидоии 7213–Варақасозон мансубанд.

## § 8. 7127. Механикҳо васлгарони кондинсионерҳо ва дастгоҳҳои хунуккунанда

1614. Механикҳо ва васлгарони кондинсионерҳо ва дастгоҳҳои хунуккунанда система ва таҷҳизоти ҳавополо ва хунуккуниро васл ва насб мекунанд, хизматрасонии техникӣ менамоянд, таъмир мекунанд.

1615. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:
– хондани рӯшноинусхаҳо, нақшаҳо ва дигар таснифот;
– васл, насб ва таъмири ҷузъҳо ва монанди компрессорҳо, муҳаррикҳо, хунуккунакҳо, бухоркунандаҳо, коммутаторҳо ва асбобҳои ченкунии системаҳои ҳавотаъминкунӣ ва хунуккунанда;
– пайваст кардани лӯлаҳо ва таҷҳизот бо мустаҳкамкунӣ тариқи мурват, парчинкорӣ ва лаҳимкорӣ;
– озмоиши низомҳо, ташхиси вайрониҳо ва анҷом додани хизматрасонии техникии нақшавӣ ё таъмир.

1616. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– механики таҷҳизоти ҳавополо;
– механик оид ба таъмир ва хизматрасонии кондитсионерҳо;
– механики дастгоҳҳои хунуккунанда;
– васлгар (насбгар)-и кондитсионерҳо.

1617. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:
– насбгари лӯлаи ҳаводиҳанда–7126;
– челонгар-техники беҳдоштӣ–7126.

## § 9. 7129. Сохтмончиён ва пардозгарони машғулиятҳои ба ҳаммонанди ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

1618. Ин гурӯҳи ибтидоӣ пардозгарон ва коргарони ҳаммонанди шомилнагардида ба гурӯҳҳои дигари гурӯҳи хурди 712 Сохтмончиён–пардозгарон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонандро дар бар мегирад.

1619. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– иҷрои насбкуниҳои гуногун, хизматрасонии техникӣ ва корҳои таъмирӣ, аз қабили биноҳои идорӣ, хонаҳои истиқоматӣ, фабрикаҳо ва дигар муассисаҳои дар ҳолати хуб қарордошта;

– иҷрои хизматрасонии техникӣ, корҳои сохтмонӣ ва таъмирӣ дар баландии ғайримуқаррарӣ.

1620. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– тиргакмон (сохтмон);

– васлгари лавҳаҳо (ғайриэлектронӣ);

– васлгари тирезаҳо.

1621. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– бологард–7119;

– васлгар- баландикор–7119;

– коргар оид ба нигоҳдории техникӣ ва таъмири қисматҳои баланди биноҳо–7119.

## 131. ГУРӮҲИ ХУРДИ 713.

### § 1. Коргарон оид ба хизматрасонии биноҳо, тозакунӣ, рангмолҳо ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1622. Коргарон оид ба таъмири биноҳо, тозакунӣ, рангмолҳо ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд сатҳҳоро омода мекунанд, биноҳо, дигар иншоот, воситаҳои нақлиёт ё маҳсулоти гуногунии саноатиро, ранг менамоянд. Онҳо девору шифтҳои дохилиро бо зардевор мечаспонанд, қисмати дудбарову сатҳҳои берунии биноҳо ва дигар иншоотро тоза мекунанд.

1623. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– омода кардани сатҳ ва бо ранг ё масолеҳи ҳаммонанд пӯшонидани биноҳо ва дигар иншоот;

– рангмолӣ ё локзании воситаҳои нақлиёт ва маҳсулоти саноатӣ ё маҳсулоти гуногунии саноатӣ, одатан бо ёрии рангпошак;

– часпонидани деворҳои дохилӣ ва шифтҳо бо зардеворҳо, абрешим ё дигар газворҳо;

– тоза намудани дудбароҳо;

– тоза кардани сатҳҳои берунии биноҳо ва дигар иншоот. Уҳдадориҳои онҳо метавонанд, назорати коргарони дигарро дарбар гиранд.

1624. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7131 | Рангмолони сохтмонӣ ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 7132 | Локзанҳо,рангмолон ва дигар рангзанҳо |
| 7133 | Коргарон оид ба хизматрасонии бино ва тозакунии намои биноҳо |

## § 2. 7131. Рангмолони сохтмонӣ ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1625. Рангмолҳои сохтмонӣ сатҳҳои биноҳо ва дигар иншоотро барои ранг кардани омода менамоянд, қабатҳои рангҳои ороишиву муҳофизатӣ ё масолеҳи ҳаммонандро мемоланд, дар шифту деворҳои дохили бино зардевор мечаспонанд ё бо дигар масолеҳи пардозӣ ороиш медиҳанд.

1626. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– тоза ва тайёр намудани деворҳо ва қабатҳои болоии биноҳо барои рангмолӣ ё часпонидани зардевор;

– интихоб ва тайёр кардани рангҳо барои дарёфти рангҳои зарурӣ бо роҳи омехта кардани он ва моддаҳои кимиёвӣ;

– молидан ё пошидани ранг, лок ва масолеҳи ҳаммонанд ба қабати болоӣ, конструксия ва арматураи биноҳо;

– нишонагузорӣ ва часпонидани зердевор ба девору шифтҳои дохилӣ;

– бо ёрии чутка, навардчаҳо ва рангпошак дар сатҳҳо молидани ранг, лок ва моддаҳои рангкунанда.

1627. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– рангмол;
– рангмол, бино;
– рангмол-андовачӣ;
– ширешгари зардеворӣ.

## § 3. 7132. Локзанҳо, рангмолон ва дигар рангзанҳо

1628. Локзанҳо, рангмолон ва дигар рангзанҳо таҷҳизотро барои пошидани ранг, молидани лок бо мақсади рӯйпушии муҳофизатӣ ба маҳсулоти саноатӣ ё оншоот идора мекунанд.

1629. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– тайёр намудани сатҳҳо ба рӯйпуш бо истифодаи усулҳои гуногун барои тоза намудан аз равған, ифлосӣ ва занг;

– ранг кардани автомобилҳо, автобусҳо, автомобилҳои боркаш ва дигар воситаҳои нақлиёт, молидани лок ва дигар масолеҳи муҳофизат-кунанда;

– пошидани ранг, инчунин, қабати муҳофизатии ранг ё лок ба маҳсулоти филизӣ, чӯбин ва дигар маҳсулоти саноатӣ, одатан бо ёрии рангпошак.

1630. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– локзани тунука ва лӯла;
– локзани чӯбу тахта;

– рангмоли метал;
– рангмоли таҷҳизот;
– рангмоли воситаҳои ҳаракаткунанда;
– рангмоли масолеҳи пластикӣ;
– рангмол, воситаҳои автомобилӣ-нақлиётӣ;
– рангмол, маҳсулоти саноатӣ .

1631. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– рангмоли биноҳо–7132;
– рассоми нақшу нигор дар чӯб-7317;
– коркаркунандаи гармӣ дар чӯб–7521;
– оператори дастгоҳ, филизпӯшонӣ–8124.

## § 4. 7133. Коргарон оид ба хизматрасонии бино ва тозакунии намои бино

1632. Коргарон оид ба хизматрасонии бино ва тозакунии намои бино сатҳи берунии биноҳо ва дигар иншоотро тоза мекунанд, инчунин, аз дудбароҳо дудаҳоро хориҷ мекунанд.

1633. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– тоза кардани сатҳи масолеҳи сангӣ, хиштӣ, филизӣ ё масолеҳи ҳаммонанд бо истифодаи маддаҳои кимиёвӣ ё фавраи буғӣ ё регии бо фишори баланд додашуда;

– аз дудбароҳо ва лӯлаҳои кашанда ва пайвасткунанда тоза кардани дуда;

– тоза кардани сатҳи биноҳои олудашуда, мағорбаста ва аз оташ осебдида.

1634. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– регфавракор (сатҳи берунии биноҳо);
– тозагари лӯлаҳо;
– тозагари намоҳои бино.

1635. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– фарроши граффити (нақшҳои деворӣ)–9129.

# 132. ЗЕРГУРӮҲИ 72.

## §1. Коргарони коркарди метал, хизматрасонии таҷҳизот ва машғулиятҳои ҳаммонанд, ғайр аз барқчиён

1636. Коргарони коркарди метал, хизматрасонии таҷҳизот ва машғулиятҳои ҳаммонанд, ғайр аз барқчиён, ба рехтагарии оҳан, пайвасткунӣ, кӯфтан бо дигар тарзҳо ба шакл медароранд, конструксияҳои филизии вазнинро месозанд, хизматрасонии техникӣ ва таъмир мекунанд, ба танзимдарории дастгоҳҳо ва инчунин, насби онҳо, хизматрасонии

техникӣ ва таъмири мошину механизмҳо, аз ҷумла муҳаррикҳо, воситаҳои нақлиёти автомобилӣ иштирок мекунанд, аз метали ғайриасил асбоб ва маҳсулоти гуногунро тайёр мекунанд. Аксари машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур сатҳи дуюми тахассусро талаб мекунанд. Кор бо истифодаи даст ё асбобҳои дастӣ ё дигар асбоб, ки барои кам кардани қувваи ҷисмонӣ ва кӯтоҳ намудани мӯҳлати иҷрои супоришҳои мушаххас, инчунин, барои беҳтар намудани сифати маҳсулот иҷро мешавад. Уҳдадориҳои коргарони ин зергурӯҳ донистани ташкили раванди истеҳсолот, масолеҳу асбобҳои истифодашаванда, инчунин тавсифот ва таъйиноти маҳсулоти ниҳоиро талаб мекунад.

1637. Вазифаҳои кормандони зергурӯҳи мазкур, одатан иборатанд:

– сохтани қолаб ва миллаҳои шаклсоз барои рехтагарии филиз;

– кафшер, буридан ва шакл додани филиз;

– насбкунӣ, сохтан, хизматрасонии техникӣ ва таъмири конструктсияҳои филизии вазнин, борбардорҳо ва таҷҳизоти ба ин монанд;

– кӯфтан ва шакл додани метали созавӣ барои истеҳсол ва таъмири мошину механизмҳо, асбобҳо, таҷҳизот ва дигар маҳсулот;

– ҷӯрсозӣ барои операторҳо ё танзим ва идоракунии дастгоҳҳои гуногун;

– идоракунӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳои саноатӣ, механизмҳо аз он ҷумла муҳаррик, инчунин воситаҳои нақлиёт. Уҳдадориҳои онҳо метавонанд, назорати коргарони дигарро дарбар гиранд.

1638. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 721 | Қолибсозон, кафшергарон, варақасозон ва машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 722 | Оҳангарон, асбобсозон, суфтагарон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 723 | Механикҳо ва таъмиргарони воситаҳои нақлиёт, таҷҳизоти кишоварзӣ ва саноатӣ ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |

## 133. ГУРӮҲИ ХУРДИ 721.
### § 1. Қолибсозон, кафшергарон, варақасозон ва машғулиятҳои ҳаммонанд

1639. Қолибсозон, кафшергарон, варақасозон ва машғулиятҳои ҳаммонанд қолаб ва меҳварҳои шаклсозиро барои рехтагарии филиз месозанд, қисмҳои онҳоро мебуранд, кафшер мекунанд, маҳсулоти варақагиро истеҳсол, таъмир мекунанд, конструксияҳои вазнини филизӣ, танобҳои ғарғара, вагонҳо, роҳҳои танобӣ ва таҷҳизоти ҳаммонандро насб мекунанд, хизматрасонии техникӣ мегузаронанд ва таъмир мекунанд.

1640. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– истеҳсоли қолиб ва меҳварҳои шаклсоз барои рехтагарии филиз;

– рехтагарӣ, кафшер ва қолибандозии маҳсулоти филизӣ;

– истеҳсол, таъмири маҳсулоти аз варақаҳо ва метал, аз қабили тунукваракаи пӯлодӣ, мис, тунука ё латун;

– насб, сохтан, хизматрасонии техникӣ ва таъмири конструксияҳои филизии вазнин, инчунин, танобҳои ғарғара, вагонҳо, роҳҳои танобӣ ва таҷҳизоти ҳаммонанд

1641. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7211 | Қолибсозон ва меҳварсозон |
| 7212 | Кафшергарон ва газбурҳо |
| 7213 | Варақасозон |
| 7214 | Тайёркунандагон ва васлгарони конструктсияҳои металӣ |
| 7215 | Бандубастгарон ва кабелчӣ-лаҳимкорон |

### § 2. 7211. Қолибсозон ва меҳварсозон

1642. Қолибсозон ва меҳварсозон барои рехтагарни метал қолиб ва меҳварҳои шаклсозро тайёр мекунанд.

1643. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– дастӣ ё кӯмаки механизмҳои ёрирасон дар дастгоҳ тайёр карданит қолибҳо барои тайёр кардани нимтайёрҳои хурди металӣ дар коргоҳи рехтагарӣ ё дар чоҳи рехтагарӣ барои рехтани қолиби калонҳаҷм;

– тайёркунии меҳварҳои шаклсоз барои истифодабарӣ дар қолабҳои филизӣ барои рехтагарии метал;

– тоза кардани қолабҳо ва қуттиҳои меҳварӣ, ҳамвор кардан ва бартараф намудани нуқсонҳои сатҳӣ;

– аз ҷо ба ҷое гузарондан ва ҷойгир кардани маҳсулоти коркард, ба амсоли нимқолибҳо, амсилаҳо ва тахтаҳои тақсимкунӣ, истифода аз кранҳо ё сигналдиҳии дигар кормандон барои ҷойгузаронии маҳсулоти коркардашуда;

– ҷойгир кардани амсилаҳо дар дохили маҳсулоти коркардшуда ва мустаҳкам кардани бахшҳо;

– буридани новадонҳо, сурохиҳои тақсимкунанда ва каналҳои сабикадар қолибҳо;

– бардоштан нимқолибҳои болоӣ (сарпӯшҳо) аз поёнӣ ва гирифтани амсилаҳои қолабӣ.

1644. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– амсиласози амсилаҳои гудохташаванда;

– меҳварсоз;

– меҳварсози қолиби дастӣ;

– хушккунандаимеҳварҳо,қолибҳо ва масолеҳи шаклсоз;

– қолибсози амсилаҳои гудохташаванда;
– қолибсоз, рехтагарии метал.

## § 3. 7212. Кафшергарон ва газбурҳо

1645. Кафшергарон ва газбурҳо қисмҳои филизиро бо ёрии сархонаи газӣ, камони барқӣ ва дигар манбаъҳои гармӣ филизиро барои гудозиш, буриш ё гудозиш ва кафшер кафшер мекунанд ва мебуранд.

1646. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– кафшери қисмҳои филизӣ бо истифодаи сархонаи газӣ, камони барқӣ, таркиби термитӣ ё бо усулҳои дигар;

– идоракунии дастгоҳи кафшергарии тамосӣ;

– истифодаи лаҳимкаш барои тайёр ва таъмир кардани рӯкашҳои сурмавӣ, лӯлаҳо, фарш ва дигар қисмҳои аз сурб сохташуда;

– буриши қисмҳои филизӣ бо истифода аз сархонаи газӣ ва камони барқӣ;

– пайвасткунии қисмҳои филизӣ бо ёрии лаҳимкаши дастӣ;

– мониторинги раванди мувофиқкунонӣ, тафсонидан ва кафшер намудан бо мақсади пешгирии аз ҳад зиёд гарм шудани қисмҳо ё тобхӯрӣ, шиштан, шаклтағйирёбӣ ё ёзидашавии масолеҳ;

– азназаргузаронии маҳсулоти коркардашуда барои ошкор намудани нуқсон ва ченкунии маҳсулоти коркардашуда бо ҷадвали санҷишӣ ё қолиб барои таъмини мутобиқатии таснифот.

1647. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– кафшергари газӣ;
– оператори дастгоҳҳои проексионӣ;
– кафшергар;
– кафшергар дар таҷҳизоти диффузионӣ–кафшерӣ;
– кафшергари барқӣ-газӣ.

## § 4. 7213. Варақасозон

1648. Варақасозон маҳсулот ё қисмҳои маҳсулот аз варақаҳо, пӯлоди тунукварақа, мис, тунука, латун, алюминий, руҳ ё руҳандуди филизиро истеҳсол, насб ва таъмир мекунанд.

1649. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– нишонагузории варақабарои буридан ва шакл додан;

– истеҳсол ва таъмири ашёи рӯзгор ва дигар маҳсулот аз тунука, мис ва хӯлаҳои сабук, инчунин маҳсулот ва арматураи ороишӣ;

– истеҳсол ва таъмири дегҳо, зарфҳо, бакҳо ва зарфҳои ҳаммонанд;

– насб ва таъмири қисмҳои воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ва дастгоҳҳои парвозкунандаи аз метали тунукварақа сохташуда;

– табдил додани равшанинусхаҳо ба нақшаҳои ҷамъшуда барои истифода дар сохтан ва васлкунии маҳсулот аз метали тунукварақа;

– муайян кардани талаботи лоиҳавӣ, аз ҷумла ҳаҷм, пайдарпаии васлкунӣ, усулҳои талабшуда ва масолеҳ дар мувофиқа бо равшанинусха, нақша ва дастурҳои хаттӣ ё шифоҳӣ;

– назорати сифати маҳсулот ва дастгоҳҳо барои таъмини мутобиқатӣ ба таснифот.

1650. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– варақасоз;
– тунукасоз дар майдони сохтмон;
– дегхоначӣ;
– мисгар;
– ростгар.

Эзоҳ: Насбкунандагони бомҳои филизӣ ба гурӯҳи ибтидоии 7121-Бомпӯшгарон таълуқ дорад..Насбкунандагони обдавҳо, обрезҳо ва маҷроҳои филизӣ ба гурӯҳи ибтидоии 7126- Техникҳои беҳдоштӣ ва лӯлагузаронҳо дохил мешаванд. Коргароне, ки маҳсулоти пӯлоди варақагиро барои истифода ва насби аз ҷониби бомпӯшгарон ва техникҳои беҳдоштӣ тайёр карда мешаванд, ба гурӯҳи ибтидоии 7213-Варақасозон дохил мешаванд.

## § 5. 7214. Тайёркунандагон ва васлгарони конструксияҳои металӣ

1651. Тайёркунандагон васлгарони конструксияҳои металӣ конструксияҳои метали биноҳо ва дигар иншоотро ҷамъоварӣ, насб ва таъмир мекунанд.

1652. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– нишонагузории конструксияҳои металӣ барои минбаъд пармакунӣ, буридан ва шакл додани нимтайёрҳои металӣ бо мақсади истифодаи онҳо дар сохтмони биноҳо ва дигар иншоот;

– пармакунӣ, буридан ва шакл додани пӯлоди конструксионӣ дар коргоҳ;

– сохтаниқафасаҳои пӯлодӣ ҳангоми сохтмони биноҳо, пулҳо ва дигар оншоот;

– васлу насби қафасаҳо ва дигар конструксияҳои металӣ;

– печондан ва мувофиққунонии варақаҳои пӯлоди конструксионӣ дар конструксияҳои сохташаванда ё таъмиршаванда;

– дастӣ парчинкунии қисмҳои конструксияҳои металӣ бо истифодаи мошина ё таҷҳизоти махсуси парчинкунӣ.

1653. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– истеҳсолкунандаи тури симӣ;
– парчинкор;
– лаборанти таҳлили газ дар метал;
– васлгар, конструктсияи металӣ;
– коркардкунандаи нуқсҳои сатҳи метал;

– челонгари васли конструктсияҳои метал;
– харрот.

### § 6. 7215. Бандубастгарон ва кабелчӣ-лаҳимкорон

1654. Бандубастгарон ва кабелчӣ-лаҳимкорон асбобу анҷоми бандубастгариро барои ҷойкӯчонӣ ва ҷойкунонии таҷҳизот ва унсурҳои конструксия ҷамъ мекунанд ё сисрӯдаҳо, танобҳо ва симтанобҳоро дар майдонҳои сохтмонӣ, биноҳо ё дигар иншоот насб мекунанд. хизматрасонии техникӣ мегузаронанд

1655. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– баҳодиҳии андоза, шакл ва вазнҳои объектҳо ба ҷойкӯчонӣ зарур, ва қабули қарор дар бораи таҷҳизоти зарурӣ барои ҷойкӯчонии онҳо;

– насб ва таъмири симрӯдаҳо, танобҳо, симтанобҳо, тасмачарххо ва дигар таҷҳизоти бандубастагрӣ;

– пайвасткунӣ, таъмир ва ҷӯрсозии абзорҳои гуногун ба симтанобҳо, танобҳо ва симрӯдаҳо;

– кор ба ҳайси аъзои бригада оид ба насб ва таъмири манораҳо барои пармакунии чоҳҳои амудӣ, газӣ ва нафтӣ;

– бардоштан ва гузоштани ороишоти саҳна, асбобҳои рӯшноидиҳӣ ва дигар дастгоҳҳо дар театрҳо ва майдонҳои синамобардорӣ;

– насб ва хизматрасонии техникӣ дар бурҷҳои алоқа, роҳҳои танобии овезон, болобардорҳои лижаронӣ ва инфросохторҳои ҳаммонанд.

1656. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– кабелчӣ– лаҳимкор;

– бандубастгар дар васлгарӣ;

– бандубастгар, маноравӣ;

– бандубастгар, театрӣ.

1657. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

- манганакори симрӯдаҳо бо сурб ва алюминий–7221;

– мошинисти кран (кранчӣ)–8343.

## 134. ГУРӮҲИ ХУРДИ 722.

### § 1. Оҳангарон, асбобсозон, сайқалкорон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1658. Оҳангарон, асбобсозон, Сайқалкорон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд болор, меҳвар ё қолиби рехтагарӣ аз оҳан, пӯлод ё дигар метал барои тайёр ва таъмир кардани асбобҳои гуногун, таҷҳизот ва дигар маҳсулотро мекӯбанд, мангана мекунанд, дастгоҳҳоро барои операторон танзим менамоянд ё дастгоҳҳои гуногунро танзим ва идора мекунанд, сатҳҳои филизиро суфтакорӣ намуда, асбобҳои бурандаро тез мекунанд.

1659. Ба уҳдадориҳои коргарони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– куфтан ва қолибгарии оҳан, пӯлод ва дигар метал барои истеҳсол ва таъмири асбобҳои гуногун, таҷҳизот ва дигар маҳсулот;

– танзими дастгоҳҳо барои операторон ё танзим ва идоракунии дастгоҳҳои гуногун бо иҷозатномаи қатъӣ;

– суфтагарии сатҳи филизӣ ва тез кардани асбобҳои буранда.

1660. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7221 | Оҳангарон, қолибгарон ва манганакорон |
| 7222 | Челонгарон-асбобсозон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 7223 | Дастгоҳчиён ва танзимгарони дастгоҳҳои коркарди метал |
| 7224 | Сайқалкорон ва суфтагарон ва тезкунандаҳои асбобҳо |

## § 2. 7221. Оҳангарон, қолибгарон ва манганакорон

1661. Оҳангарон, тамғагарон ва манганакорон бо воситаи болғаҳо ва манганаҳо болор, меҳвар ё қолиби рехтагарӣ аз оҳан, пӯлод ё дигар металро мекӯбанд ва мангана мекунанд, инчунин, барои тайёр намудан ва таъмири асбобҳои гуногун, маҳсулоти филизӣ, қисмҳои таҷҳизот, асбобҳои хоҷагии кишоварзӣ ва ҳаммонанди инҳо сим мекашанд.

1662. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– тасфондани филиз дар тафдонҳои оҳангарӣ, тайёр намудан ва таъмири маҳсулот бо роҳи кашидан, қат кардан, буридан, кӯфтани филиз дар дастгоҳи кӯбанда, қолибгарӣ, буридан, пайвандкунӣ, обутобдиҳӣ ва обдиҳии филиз;

– печонидани филизи тафсондашуда дар кӯбиш бо болғаи механикии қолиби кушоддор;

– идоракунии кӯбанда барои манганакунии маҳсулоти филизӣ дар қолиби пӯшида;

– идора кардани манганаи механикии бо қолибгарии пӯшида барои мангана кардани маҳсулоти филизӣ ҷиҳозонидашуда;

– кашидани сим;

– хондани супоришномаи иҷрои корҳо ё рӯшноинусхаҳо барои муайян кардани иҷозатномаҳо ва пайдарпайии амалиёти танзимкунии дастгоҳ;

– андозагирӣ ва муоинаи қисмҳои дастгоҳ барои таъмини мутобиқатии таснифоти маҳсулот .

1663. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– оҳангари метали қиматбаҳо;

– оҳангар бо болға ва манганаҳо;

– оҳангар бо кӯбиши дастӣ;

– оҳангар–қолибгар дар дастгоҳҳои ротатсионӣ;

– манганакори симрӯдаҳои сурбӣ ё алюминӣ;

– манганакор оид ба озмоиши қубурҳо ва баллонҳо;
– бурандаи филизи сард;
– қолибгар.

1664. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

- рехтагари метал ва хӯлаҳо–8121;
– опенратори дастгоҳи рехтагарӣ барои рехтагарӣ зери фишор–8121.

### § 3. 7222. Челонгарон-асбобсозон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1665. Челонгарон-асбобсозон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд асбобҳои муқаррарӣ ва махсуси коркарди метал, милтиқҳои варзишӣ, қулфҳо, сиккаҳо, амсилаҳо, қисмҳои таркибии мошин ва механизмҳо ва дигар маҳсулоти филизиро бо истифода аз асбобҳои дастӣ ва дастгоҳҳои филизбурӣ барои коркарди дақиқи метал истеҳсол ва таъмир менамоянд.

1666. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– хондан ва шарҳ додани нақшаҳои технологӣ ва таснифоти асбобҳо, сиккаҳо, тимсолҳо ё амсилаҳо;

– тайёр намудани қолабу ангораҳо ва муайян кардани раванди технологӣ;

– визуаликунонӣ ва ҳисобкунии андозаҳо, ҳаҷм, шакл ва ҷоизии пайвандкунии гиреҳҳо дар асоси таснифот;

– ҷойгиркунӣ, маҳам чен намудани нимтайёрҳои филизӣ ё рехта барои коркард дар дастгоҳҳо;

– танзим, идоракунӣ ва амаликунии хизматрасонии техникии дастгоҳҳои муқаррарӣ ва дастгоҳҳо бо идоракунии барномавии рақамии компютерӣ барои буридан, таррошидан, варақазанӣ, ҳамвор, пармакунӣ, буридани сӯрохиҳо, суфтагарӣ ё дигар шаклсозии маҳсулоти коркардшаванда мутобиқ бо андозаи пешбинишуда, инчунин, соз кардани онҳо;

– мавофиқкунонӣ ва васли қисмҳо барои истеҳсол ва таъмири кафҳо, қайдгирҳо ва лавозимоти ченкунӣ;

– таъмир ва дигаргункунии милтиқҳои варзишӣ ва дигар яроқи тирандозӣ ;

– истеҳсол, ҷобаҷогузорӣ, васл, таъмир ва насби қулфҳо ва қисмҳои он;

– истеҳсол ва таъмири амсилаҳои филизӣ барои тайёр намудани қолабҳои рехтагарӣ;

– кашидани хатҳо ва нуқтаҳои истинод дар нимтайёрҳои филизӣ барои коргароне, ки коркарди минбаъда, аз ҷумла, буридан, тезкунӣ, варақакунӣ, суфтагарӣ ё дигар қолибсозии филизро анҷом медиҳанд;

– санҷидани андозаҳо, ҳаммарказонӣ ва ҷоизии маҳсулоти тайёр ба мутобиқатии таснифот бо истифода аз асбобҳои дақиқи ченкунӣ ва санҷиши маҳсулоти тайёр барои дуруст кор кардани онҳо.

1667. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– омодакунандаи сиккаҳо;
– асбобсоз;
– таррохи амсилаи филизӣ;
– силоҳсоз;
– челонгар-қулфсоз;
– челонгар–асбобсоз.

1668. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– оператори дастгоҳ, истеҳсоли асбобҳо–7223;
– челонгар–васлкунанда –8211.

## § 4. 7223. Дастгоҳчиён ва танзимгарони дастгоҳҳои коркарди метал

1669. Дастгоҳчиён ва танзимгарони дастгоҳҳои коркарди метал ва дигар таҷҳизоти саноатӣ ҷузъ ва маҳсулотро дар дастгоҳҳои харротӣ, ранда, парма, дандонабурӣ ва печрандавӣ ва дигар дастгоҳҳои коркарди метал бо ёрии лавозимоти гуногун,бо санҷишии дақиқи андоза дар якчанд сатҳ коркард намуда, дастгоҳҳо, нимхудкорҳо, худкорҳо ва дигар таҷҳизотро бо истифодаи асбобҳои буранда ва ченкунанда, дастгоҳ ва лавозимоти нусхабардорӣ танзим мекунад.

1670. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– танзим намудани як ва ё якчанд намуди дастгоҳҳо барои тайёр кардани маҳсулоти филизӣ;

– идоракунӣ ва назорати дастгоҳҳои коркарди метал, аз қабили харротӣ, рандагарӣ, тарошкорӣ, васеъкунӣ, пармагарӣ, суфтагарӣ ё дастгоҳҳои сайқалдиҳӣ (хонингӣ), аз ҷумла дастгоҳҳои универсалии коркарди метал бо идоракунии барномавии рақамӣ;

– иҷрои вазифаҳои ҳаммонанд ҳангоми коркарди мошинии пластмас ва дигар ивазкунандаҳои метал;

– мушоҳидаи кори дастгоҳҳо барои муайн намудани нуқсони ҷузъҳои коркардашуда ё вайроншавии кори муътадилии дастгоҳҳо, инчунин, батанзимдарории дастгоҳҳо аз рӯйи зарурат;

– муоинаи маҳсулоти коркардашуда барои муайян намудани нуқсон ба ашё ва ченкунии маҳсулоти коркардшаванда барои муайян намудани дақиқии кори дастгоҳҳо бо истифодаи ҷадвалҳо, қолибҳо ё дигар асбобҳои ченкунӣ;

– ивазнамоии қисматҳои фарсудашудаи дастгоҳҳо, аз ҷумла теғҳо ва чӯткаҳо бо истифода аз асбобҳои дастӣ.

1671. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– танзимгари дастгоҳҳои дандонабурӣ ва печрандакунӣ;
– танзимгари дастгоҳҳо;
– танзимгари дастгоҳҳои суфтагарӣ;
– танзимгар–оператори дастгоҳҳо;
– оператори дастгоҳ, истеҳсоли асбобҳо;
– дастгоҳчии касбияташ васеъ;
– харрот;
– харроти филиз
– рандагар.

### § 5. 7224. Сайқалкорон ва суфтагарон ва тезкунандагони асбобҳо

1672. Сайқалкорон ва суфтагарон ва тезкунандагони асбобҳо сатҳҳои металро суфта ва сайқал дода, асбобҳоро тез мекунанд.

1673. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– идора кардани дастгоҳҳои статсионарӣ ё сайёри суфтакунанда ва сайқалдиҳанда;

– тез намудани асбобҳои буранда ва лавозимот бо ёрии чархҳои тезкунанда ё мошинҳои механикии тезкунӣ;

– таъмир, танзим ва тезкунии теғҳои буранда ва дандонаҳои филизӣ дар силиндрҳои дастгоҳҳои наддофии нассоҷӣ;

– соз кардани чархҳои суфтакунӣ мувофиқи таснифот;

– мушоҳидаи кори мошинҳо барои муайян намудани зарурати танзими онҳо, инчунин боздории мошинҳо дар сурати пайдо шудани мушкилот;

– санҷиш, назорат ва ченкунии ҷузъҳои коркардашаванда барои таъмин оне, ки сатҳҳо ва андозаҳо ба таснифот мувофиқат намоянд;

– интихоб ва насби чархҳои тезкунӣ дар дастгоҳҳо тибқи таснифот, бо истифодаи асбобҳои дастӣ ва бо татбиқи дониш оид ба масолеҳи абразивӣ ва равандҳои суфтагарӣ.

1674. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– тезкунанда;
– суфтагари дандонаҳо;
– сайқалдеҳи тор аз алмос ва маҳсулоти хеле сахт;
– печбарорсуфиагар;
– суфтагар;
– суфтагари барқӣ;
– сайқалдеҳии асбоб ва таҷҳизоти ҷарроҳӣ;
– сикказан.

1675. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:
– оператори дастгоҳи сайқалдиҳии метал–8124;

– оператори дастгоҳ, коркарди ниҳоии метал–8124.

## 135. ГУРӮҲИ ХУРДИ 723.

### § 1. Механикҳо ва таъмиргарони воситаҳои нақлиёт, таҷҳизоти кишоварзӣ, истеҳсолӣ ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1676. Механикҳо ва таъмиргарони воситаҳои нақлиёт, таҷҳизоти кишоварзӣ, истеҳсолӣ ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд васлкорӣ, танзим, озмоиш, хизматрасонии техникӣ ва таъмири таҷҳизоти кишоварзӣ ва истеҳсолӣ, воситаҳои нақлиёти заминӣ, дастгоҳҳои парвозкунанда, киштиҳои дарёриро амалӣ намуда, ҳамзамон, корҳои челонгарии мураккабии гуногун, танзим ва озмоиши таҷҳизот ва маҳсулот, назорати ҳолати техникии онҳоро иҷро мекунанд.

1677. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– васл, хизматрасонии техникӣ ва таъмири воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ва қатораҳои сайёри роҳи оҳан, дастгоҳҳои парвозкунанда ва киштиҳо, таҷҳизоти кишоварзӣ ва истеҳсолӣ;

– танзим, созкунӣ ва озмоиши мошин ва таҷҳизоти васлшаванда ва таъмиршаванда;

– васл ва таҷзияи лавҳа (стенд)-ҳои озмоишӣ, тартиб додани номгӯйи нуқсонӣ ва барасмиятдарории қабулу супоридани ҳуҷҷатҳо.

1678. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7231 | Механикҳо ва таъмиргарони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ |
| 7232 | Механикҳо ва таъмирчиёни дастгоҳҳои парвозкунанда, қатораҳои сайёри роҳи оҳан |
| 7233 | Механикҳо ва таъмиргарони таҷҳизоти кишоварзӣ ва истеҳсолӣ |
| 7234 | Таъмиргарони дучархаҳо ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |

Эзоҳ: Коргарон ба гурӯҳи асосии 8-Операторон ва васлгарони дастгоҳ ва мошинҳои истеҳсолӣ ворид мешаванд, агар вазифаҳои иҷрошаванда, асосан таҷрибаи кор ва дониши алоқаманд ба мошини истифодашаванда ва назоратшавандаро талаб кунад. Коргаронро ба гурӯҳи асосӣ 9-Коргарони бетахассус дохил мекунанд, агар вазифаҳои ичрошуда корҳои одии такроршавандаро пешбинӣ мекунад, асосан бо истифодаи асбобҳои дастӣ ва қувваи муайяни ҷисмонӣ, набудан ё кам будани таҷрибаи корӣ ва дониши махсус, ташаббус ва қабули қарорро талаб накунанд.

### § 2. 7231. Механикҳо ва таъмиргарони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ

1679. Механик ва кормандони таъмири воситаҳои нақлиёти автомобилӣ васлкунӣ, танзим, созкунӣ, озмоиш, хизматрасонии техникӣ ва таъмири муҳаррикҳо, ҷузъҳо, механизмҳо ва таҷҳизоти ҳомили мошинҳои

мусофиркаш, боркаш, мотосиклҳо ва дигар воситаҳои нақлиёти автомобилиро амалӣ мекунанд.

1680. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– Ошкор намудан ва ташхиси вайронии муҳаррикҳо ва қисмҳои онҳо;

– насб, муоина, озмоиш ва хизматрасонии муҳаррикҳои воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ва мотосиклҳо;

– иваз намудани ҷузъҳои муҳаррик ё муҳаррики пурра;

– насб, муоина, танзим, ба қисмҳо ҷудо кардан, барқарорсозӣ ва иваз намудани қисмҳои нуқсдори воситаҳои нақлиёти автомобилӣ;

– насб ё танзими муҳаррикҳо ва боздорҳо, инчунин, танзим намудани системаи чанбаракӣ ё дигар қисмҳои воситаҳои нақлиёти автомобилӣ;

– насб, танзим, хизматрасонӣ ва иваз намудани мехатроника ва қисмҳои васитаҳои нақлиёти автомобилӣ;

– амалӣ намудани хизматрасонии нақшавии техникӣ, аз ҷумла иваз намудани равған, маводи сӯзишворӣ- молиданӣ ва танзими муҳаррикҳо, барои таъмини гашти равони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ва мутобиқатӣ ба тартиби танзимкунандаи дараҷаи ифлосшавӣ;

– васлкунии такрории муҳарикҳо ва қисмҳо баъди таъмир.

1681. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– механики воситаҳои нақлиёти автомобилӣ;

– механик оид ба таъмири механотроникаи воситаҳои нақлиёти автомобилӣ;

– механики муҳаррикҳои хурдҳаҷм;

– танзимгари муҳаррикҳои дизелӣ (нақлиёти автомобилӣ);

– таъмиргари воситаҳои нақлиёти автомобилӣ;

– челонгари таъмири автомобил;

– челонгари таъмири мошин ва тракторҳои роҳсозӣ-сохтмонӣ.

1682. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– таъмиргар, дучархаҳо–7234;

– барқчии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ –7412;

– механики барқӣ–7412;

– челонгар-васлгар, воситаҳои нақлиёти автомобилӣ –8211.

### § 3. 7232. Механикҳо ва таъмиргарони дастгоҳҳои парвозкунанда ва қатораҳои сайёри роҳи оҳан

1683. Механикҳо ва таъмиргарони дастгоҳҳои парвозкунанда ва қатораҳои сайёри роҳи оҳан хизматрасонии техникӣ, таъмир, танзим, созкунӣ, озмоиши муҳаррикҳо ва ҷузъҳои дастгоҳи парвозкунанда, ба монанди баданаи дастгоҳи парвозкунанда, инчунин таҷҳизоти гидравликӣ ва пневматикӣ, агрегатҳо, асбобҳо, системаҳо, мошинҳо ва механизмҳои ба онҳо насбгардидаро амалӣ мекунанд. Дар гурӯҳи мазкур, ҳамчунин,

шӯяндаҳои киштиҳои ҳавоӣ дохил мешаванд. Онҳо шустушӯй ва тозакунии рӯкашҳои қисмати берунии киштиҳои ҳавоӣ, тозакунии дохил ва шустушӯйи ҳама намудҳоро бо истифодабарӣ аз таҷҳизоти махсус ва маҳлулҳои кимиёвӣ таъмин менамоянд.

1684. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– насб, муоина, озмоиш ва хизматрасонии муҳаррикҳои дастгоҳҳои парвозкунанда;

– иваз намудани ҷузъҳои муҳаррик ё муҳаррики пурра;

– муоина ва озмоиши бадана ва қисматҳои дастгоҳи паврозкунанда, аз ҷумла дастгоҳи шассӣ, системаҳои гидравликӣ ва дастгоҳи зидди яхбандӣ барои муайянсозии фарсудашавӣ, тарқишҳо, шикастаҳо, ихроҷ ё мушкилоти дигар;

– хизматрасонии техникӣ, таъмир, таъмири кулл, навкунонӣ ва озмоиш додани системаҳои созавӣ, механикӣ, гидравликии дастгоҳҳои парвозкунанда;

– хондан ва шарҳи дастурамалҳо, варақаҳои истифодабарӣ ва дигар таснифот барои муайян намудани амалишавӣ ва усули таъмир ё ивази қисмҳои корношоям ё зарбхӯрда;

– хизматрасонии техникӣ, таъмир ва иваз намудани унсурҳои конструксияҳои дастгоҳҳои парвозкунанда, ҷузъҳо ва қисмҳои функсионалӣ, аз қабили болҳо ва фюзеляж, таҷҳизоти насбшуда, дастгоҳ-ҳои гидравликӣ, системаҳои оксигенӣ, сӯзишворӣ, барқӣ, тагмонҳо ва зичкунандаҳо ;

– санҷиши корҳои иҷрошуда барои муайян намудани он, ки хизматрасонии техникӣ мувофиқи стандартҳо анҷом дода шудааст ва дастгоҳи паврозкунанда ба кор омодааст;

– пешбурди журнали таъмир, ҳуҷҷатикунонии тамоми корҳо дар доираи хизматрасонии техникии профилактикӣ ва ғайринақшавӣ;

– насб ва озмоиши қисмҳои барқӣ ва электронӣ, ҷузъҳо ва системаҳои дастгоҳҳои парвозкунанда;

– васлкунии ҷузъҳо ба қисмҳо, ба монанди низомҳои радио, асбобҳои назоративу ченкунӣ, индукторҳо, инверторҳо ва низомҳои сӯзишвориандозӣ дар парвоз;

– ташаккул додани баданаи филизӣ аз қисматҳо, блок– қисматҳо ва қисматҳои ҳаҷмӣ ҳангоми сохтани онҳо дар коргоҳ бо иҷрои корҳои кафшеркунӣ, парчинкунӣ, сикказанӣ ва гузаронидани озмоиши гидравликии танаи конструксияҳо;

– истеҳсол, васлкунӣ, росткунӣ, нишонагузорӣ, насб ва таҷзияи ҷузъҳо, маҳкамкунии таҷҳизот, конструксияҳо, дастгоҳ, бакҳо, зарфҳо, систернаҳо, системаҳои ҳавотаъминкунӣ ва ҳавокашӣ;

– гузаронидани озмоиши таҷҳизоти истеҳсолшуда (дастгоҳҳо, асбобҳо ва системаҳо) бо кӯмаки камера ва лавҳапояҳо (стендҳо)-и озмоишӣ бо танзимкунӣ ва созкунии онҳо;

– ба қисмҳо ҷудокунӣ, нуқскунонӣ, таъмир ва васли механизмҳо, дастгоҳҳо, арматураҳо, дизелҳо, таҷҳизот,компрессорҳо ва ғайра;

– таъмир, муоина ва санҷиши ҳолатии техникии таҷҳизоти механикӣ, барқӣ ва пневматикӣ, қисмҳову ҷузъҳои локомотивҳо;

– шустан ва тоза кардани дастгоҳҳои парвозкунанда ва вагонҳои роҳи оҳан.

1685. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– механики ҳавопаймо;

– механик, баданаи дастгоҳи парвозкунанда;

– механики низоми пневмогидравликӣ;

– механики муҳаррики реактивӣ;

– механик–таъмиргари дастгоҳҳои парвозкунанда;

– челонгар оид ба муоина ва таъмири локомотив дар нуқтаҳои хизмати техникӣ;

– челонгари таъмири дастгоҳҳои парвозкунанда.

1686. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– муҳандиси техникаи авиатсионӣ–2144;

– механик-таъмиргари оид ба хизматрасонии электроникаи авиатсионӣ –7421;

– челонгар-васлгар, муҳаррикҳои авиатсионӣ–8211.

### § 4. 7233. Механикҳо ва таъмирчиёни таҷҳизоти кишоварзӣ ва истеҳсолӣ

1687. Механикҳо ва таъмирчиёни таҷҳизоти кишоварзӣ ва истеҳсолӣ ҷузъҳо, агрегатҳо, муҳаррикҳо, мошинҳои кишоварзӣ ва саноатӣ, таҷҳизоти механикиро ба ғайр аз воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, муҳаррикҳои дастгоҳҳои парвозкунанда ва барқӣ ҷамъоварӣ, васл, танзим мекунанд, озмоиш медиҳанд, хизматрасонии техникӣ мегузаронанд ва таъмир мекунанд.

1688. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– насб, муоина, хизматрасонӣ ва таъмири муҳаррикҳо, мошин ва таҷҳизоти механикӣ;

– молидани равған ва махлули конситетии муҳаррикҳои статсионарӣ ва таҷҳизоти мошинӣ;

– муоина ва озмоиши мошинҳо ва таҷҳизоти механикии таъмиршуда барои санҷидани мувофиқати онҳо ба стандартҳо ва таснифот;

– таҷзияи мошин ва таҷҳизоти механикӣ барои гирифтани ҷузъҳо ва анҷом додани таъмир;

– муоинаи ҷузъҳо барои ошкор кардани нуқсҳо, ба монанди аз кор мондан ва фарсудашавии барзиёд;

– истифодабарии озмоишии мошин ва таҷҳизоти механикии таъмиршуда барои санҷиши дурустии таъмир;

– бақайдгирии корҳои таъміршуда ва корҳо оид ба хизматрасонии техникӣ.

1689. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– механики сохтмонӣ;
– таъміргари мошинҳои кишоварзӣ;
– таъміргари муҳаррикҳои статсионарии дизелӣ;
– таъміргар, таҷҳизоти кӯҳкорӣ;
– челонгари корҳои танзими механикӣ;
– челонгари таъміри мошин ва таҷҳизоти кишоварзӣ;
– челонагар–таъміргар.

– 1690. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– механики кондитсионер ва дастгоҳҳои хунуккунанда–7127;
– механики барқӣ–7412;
– челонагар-васлгари мошинҳои механикӣ–8211.

## § 5. 7234. Таъміргарони дучарха ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1691. Таъміргарони дучарха ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд ҷамъ, насб, танзим, хизматрасонии техникӣ ва таъміри таҷҳизоти дучархаҳо, аробачаҳои кӯдакона, аробачаҳои маъюбӣ ва дигар таҷҳизоти нақлиёти ҳаммонанди бемуҳаррикро амалӣ мекунанд.

1692. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– муоина, хизматрасонӣ ва таъміри дучархаҳо ва дигар таҷҳизоти нақлиёти бемуҳаррик;
– тоза ва равған молидани милдонҳо ва дигар ҷузъҳои ҳаракаткунанда;
– иваз ва таъміри ҷузъҳо ва лавозимот, ба монанди боздор, таҳвили дандонадор, механизмҳои ҳаракатвари занҷир, чархҳо ва чанбараки дучарха;
– иваз кардани ҷилдҳои чарх ва назорат намудани фишор дар онҳо;
– бо рангпошак ранг кардани шоту;
– ҷамъ ва васл намудани дучархаҳои нав, аробачаҳои маъюбӣ ва таҷҳизоти нақлиёти ҳаммонанди бемуҳаррик.

1693. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– механик, дучархаҳо;
– таъміргари воситаҳои нақлиёт бо идоракунии пойафшор;
– таъміргари дучарха;
– таъміргар, аробачаҳои кӯдакона;
– таъміргар, аробачаҳои маъюбӣ.

1694. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– механик, мотосиклҳо–7231;

– таъмиргар, мопедҳо–7231.

## 136. ЗЕРГУРӮҲИ 73. КОРГАРОНИ МАШҒУЛИ ИСТЕҲСОЛИ АСБОБ ВА ДАСТГОҲҲОИ ДАҚИҚ, КОРГАРОНИ ҲУНАРҲОИ БАДЕӢ ВА ИСТЕҲСОЛОТИ ПОЛИГРАФӢ

1695. Коргарони бо тайёркунии асбобҳои дақиқ ва таҷҳизот машғулбуда, коргарони ҳунарҳои бадеӣ ва истеҳсоли полиграфӣ дар кори худ малакаҳои бадеӣ ва кори тахассусноки дастиро бо мақсади лоиҳакашӣ, тайёр кардан, хизматрасонии техникӣ ва ороиши бадеӣ додани асбобҳои дақиқ, мусиқӣ, ҷавоҳирот ва дигар маҳсулот аз метали қиматбаҳо, сафолот, фахфуриву шишагӣ, масолеҳи аз чӯб, матоъ, чарм ё масолеҳи ҳаммонанд, инчунин маҳсулоти чопӣ, ба монанди китоб, рӯзномаву маҷаллаҳоро пайваста иҷро менамоянд. Онҳо дар кори худ, усулҳои анъанавӣ ва/ё усулҳои баназдикӣ таҳияшударо барои буридан, қолибандозӣ, васл кардан, бофтан ва оро додани маҳсулоти гуногун истифода мебаранд, дар раванди пеш аз чоп кардан корҳои ҳуруфчинӣ мегузаронанд, манганаҳои чопиро танзим ва истифода бурда, маҳсулоти чопиро, муқовабандӣ намуда, оро медиҳанд, гардаҳоро тайёр мекунанд, таҷҳизоти гардачопкунандаро идора мекунанд. Аксари машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур сатҳи дуюми тахассусро талаб мекунанд. Ин гуна корҳо метавон, дастӣ ё бо ёрии асбобҳои дастӣ ва асбобҳои дастии механикӣ иҷро гарданд,дар баъзе мавридҳо танзим ва истифодабарии мошину дастгоҳҳоро талаб мекунанд. Уҳдадориҳои коргарони зергурӯҳи мазкур дониши ташкили раванди истеҳсолот, истифодабарии мавод ва асбобҳо, инчунин тавсиф вва таъйиноти маҳсулоти ниҳоиро талаб мекунанд.

1696. Вазифаҳои кормандони зергурӯҳи мазкур, одатан иборатанд:

– истеҳсол ва таъмири асбобу таҷҳизоти дақиқи навигатсионӣ, метеорологӣ, оптикӣ ва дигар асбобҳову таҷҳизоти дақиқ;

– истеҳсол ва таъмири асбобҳои мусиқӣ:

– истеҳсоли ҷавоҳирот ва маҳсулот аз метали қиматбаҳо;

– истеҳсоли маҳсулоти кулолӣ, зарфҳои фахфурӣ, сафолӣ ва шишагӣ;

– рангубор ва ороиши маҳсулоти гуногун;

– истеҳсоли асарҳои ҳунарҳои бадеӣ аз чӯб, нассоҷӣ, чарм ва маҳсулоти ҳаммонанд;

– корҳои чопӣ ва бастабандӣ. Уҳдадориҳои онҳо метавонанд, роҳбарии дигар коргаронро дар бар гиранд.

1697. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 731 | Коргарони машғули истеҳсоли асбоб ва дастгоҳҳои дақиқ, коргарони ҳунарҳои бадеӣ |
| 732 | Коргарони истеҳсолоти полиграфӣ |

## 137. ГУРӮҲИ ХУРДИ 731.
### § 1. Коргарони машғули истеҳсоли асбоб ва дастгоҳҳои дақиқ, коргарони ҳунарҳои бадеӣ

1698. Коргарони машғули истеҳсоли асбоб ва дастгоҳҳои дақиқ, коргарони ҳунарҳои бадеӣ, дар кори худ малакаҳои бадеӣ ва кори дастии тахассуснокро бо мақсади лоиҳакашӣ, тайёр кардан, таъмир, танзим, хизматрасонии техникӣ ва ороиши бадеӣ додани асбобҳои дақиқ, мусиқӣ, ҷавоҳирот ва дигар маҳсулот аз метали қиматбаҳо, инчунин фахфурӣ истифода менамоянд. Онҳо дар кори худ, усулҳои анъанавӣ ва/ё усулҳои баназдикӣ таҳияшударо барои буридан, шакл додан, васл кардан, бофтан ва оро додани маҳсулоти гуногун аз шиша, сафолот, нассоҷӣ, коҳ, санг, чӯб ва чармро истифода мебаранд.

1699. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– тайёркунӣ, ҷуркунӣ, таъмир, хизматрасонии техникӣ ва насби асбобҳои мусиқӣ ва дақиқ;

– сохтан, ҷамъоварӣ, таъмири ҷавоҳирот, маҳсулоти маросимӣ ё динӣ, маҳсулот аз тилло, нуқра, дигар метали қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳо;

– буридан, пардоз, суфтакорӣ ва гузоштани сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо, аз ҷумла, алмосҳо, инчунин, зарробии маҳсулоти заргарӣ ва метали қиматбаҳо;

– сохтани маҳсулоти кулолӣ, зарфҳои фахфурӣ, маҳсулоти беҳдоштию техникӣ, хиштҳо, кошинҳо ва чархҳои абразивӣ дастӣ ё бо истифода аз мошинҳо;

– дамдиҳӣ ва қолибсозӣ, мангана кардан, буридан, сайқалдиҳӣ ва суфтакунии шиша ё худ шаклдиҳии шишаи гудохта дар асоси қолибҳо;

– ороиши маҳсулот аз чӯб, филиз, нассоҷӣ, шиша, сафолот ва дигар масолеҳ, инчунин, таҳия, нишонагузорӣ ва гузоштани ҳуруф, суроб, монограммаҳо ва накшҳо барои тайёр намудани лавҳаҳо;

– бо истифода аз усулҳои анъанавӣ, ба монанди хушк намудан ё ҷаббондани чӯб, химча, коҳ, най, гил, садаф ва дигар мавод, инчунин, буридан, қолибгарӣ ва ҷамъкунӣ, бофтан, ранг кардан ва ороиш додани маҳсулоти гуногун барои эҳтиёҷоти шахсӣ, маишӣ ё бо мақсади ороиш;

– тайёр намудани мавод барои истеҳсоли ҷиҳози бофташуда ва намудҳои гуногуни сабад;

– истифодаи усулҳо ва амсилаҳои анъанавӣ барои истеҳсоли маводи бофташуда, гулдӯзишуда ва дигар ҷузъҳои либос ва маҳсулоти рӯзгордорӣ.

1700. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7311 | Коргарони машғули истеҳсоли асбоб ва дастгоҳҳои дақиқ |
| 7312 | Истеҳсолкунандагон, ҷӯрсозон ва барқароркунандаҳои асбобҳои мусиқӣ |

| | |
|---|---|
| 7313 | Кулолгарон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 7314 | Қолибандозони маҳсулот аз шиша, сангбурон, сайқалкорон ва суфтагарон |
| 7315 | Рассомон оид ба нақшу нигор, рассомон-ороишгарон, нақшканҳо ва тезобгарон |
| 7316 | Коргарони ҳунарҳои бадеӣ, истеҳсолкунандагони маҳсулоти бофандагӣ аз чӯб ва маҳсулоти ҳаммонанд |
| 7317 | Коргарони ҳунарҳои бадеӣ, истеҳсолкунандагони маҳсулоти нассоҷӣ, чарм, мӯина ва масолеҳҳои ҳаммонанд ро истеҳсол менамоянд |
| 7319 | Коргарони ботаҷрибаи меҳнати дастии ба гурӯҳҳои дигар шомил-нагардида |

### § 2. 7311. Коргарони машғули истеҳсоли асбоб ва дастгоҳҳои дақиқ

1701. Коргарони машғули истеҳсоли асбоб ва дастгоҳҳои дақиқ асбобу таҷҳизоти дақиқи навигатсионӣ, метеорологӣ, оптикӣ, воситаҳои техникии барқароркунӣ, соатҳои механикии дастиву деворӣ ва ғайраро месозанд, калибронӣ, таъмир мекунанд, хизмтарасонии техникӣ мерасонанд, танзим ва насб мекунанд, инчунин, барои таъмини кори дуруст онҳоро танзим мекунанд.

1702. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– санҷиши дақиқии ҳисобкунакҳо, асбобҳои ченкунӣ, нишондиҳандаҳо ё дигар дастгоҳҳои сабту назораткунӣ барои муайян намудани қисматҳои вайрон ва мутобиқатӣ ба стандартҳо;

– андозабандии асбобҳо ё тарозуҳо бо истифода аз асбобҳои дастӣ, компютерҳо ё дастгоҳҳои электронӣ;

– муоинаи қисмҳо, пайвастҳо ва дастгоҳи ҳаракатовар барои муайян намудани вайрониҳо;

– ҷамъкунии асбобҳо ва дастгоҳҳо, ба монанди: барометрҳо, клапанҳои гузаронанда, гироскопҳо, гигросанҷметрҳо, суръатсанҷҳо, тахометрҳо ва термостатҳо;

– озмоиш, калибронӣ ва танзими асбобҳои электронӣ, симобӣ, анероидӣ ва дигар навъҳои асбобҳои метеорологӣ барои таъмини мувофиқатии онҳо ба таснифоти интишоршуда ва нақшаҳои принсипиалӣ бо истифода аз волтметрҳо, оссиллографҳо, асбобҳо барои санҷиши чароғҳои электронӣ ва дигар асбобҳои назоратӣ-ченкунанда;

– таъмир ва ҷӯр намудани асбобҳои оптикӣ, ба монанди: заррабинҳо, телескопҳо, теодолитҳо ва секстантҳо;

– таъмир, тоза ва танзим намудани механизмҳои соат, ба монанди: соатҳои дастиву деворӣ;

– тоза кардан, шустан ва хушк намудани ҷузъҳои соат бо истифодаи маҳлулҳо ва дастгоҳҳои ултрасадоӣ ё механикӣ;

– озмоиши соатҳо барои дақиқӣ ва корношоямӣ бо истифода аз асбобҳои ченкунӣ ва электронӣ;

– санҷиши коршоямии агрегатҳо мувофиқ бо таснифот ва таъмини нишондиҳандаҳои пешбинишуда ва эҳсосннокӣ тавассути озмоишҳои стандартӣ.

1703. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– суфтагари дандонаҳои ҷузъҳои соат;
– усто оид ба сохтани асбобҳои метеорологӣ;
– усто оид ба сохтани асбобҳои ҷарроҳӣ;
– устои таъмири таҷҳизоти суратгирӣ;
– устои васлкунӣ, таъмири воситаҳои техникии эҳёгардонӣ;
– механики маҳсулоти протезӣ-ортопедӣ;
– васлгари асбобу дастгоҳҳои ҷарроҳӣ;
– соатсоз.

1704. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– техники дандонсоз–3214;
– челонгар оид ба тайёр намудани қулф–7222;
– оператори дастгоҳ–7223;
– ҷамъоварандаи соат–8213.

## § 3. 7312. Истеҳсолкунанда, ҷӯркунанда ва барқароркунандагони асбобҳои мусиқӣ

1705. Истеҳсолкунанда, ҷӯркунанда ва барқароркунандагони асбобҳои мусиқӣ асбобҳои мусиқиро месозанд, ҷамъ, таъмир, танзим ва барқарор намуда, инчунин бо ёрии асбобҳои механикӣ ё дастӣ ҷӯр месозанд. Онҳо одатан, ба як намуди асбобҳо ихтисосноканд, масалан, асбобҳои торӣ, асбобҳои биринҷии нафасӣ, асбобҳои мусиқии забонакӣ, фортепиано ё асбобҳои зарбӣ.

1706. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– истеҳсол ва ҷамъоварии асбобҳои мусиқӣ ва ҷузъҳои асбобҳои аз ҷӯб, эбонит, метал, чарм ва дигар масолеҳ сохташуда:

– таъмир ё иваз кардани ҷузъҳои асбобҳои мусиқӣ, аз қабили торҳо, харак, мовут ва тугмачаҳо бо истифода аз асбобҳои дастиву механикӣ;

– навохтани асбобҳои мусиқӣ барои баҳо додан ба сифати садои онҳо ва ошкор намудани нуқсонҳо;

– танзими тарангии тор барои бадастории оҳанги зарурӣ ё баландии садои асбобҳои торӣ;

– танзими найҳои лабӣ, забонакӣ ё сӯрохиҳо дар пойҳои лӯлаҳои арғунун бо истифода аз асбоби дастӣ барои танзими ҷараёни ҳаво ва баландии садо:

– ҷӯрсозӣ ва хизматрасонии лӯлаҳои арғунун бо роҳи танзими баландии садои арғунун барои нотаи «до» бо ёрии баландии садодиҳии

камертон, инчунин, ҷӯрсозии баландии садодиҳии дигар лӯлаҳои арғунун нисбат ба баландии лӯлаҳои ҷӯршуда;

– кашидани чарм ба таблҳои асбобҳои зарбавӣ;

– ҷӯр кардани аккордеонҳо тариқи сомеа бо роҳи муқоисаи баландии садои забонакҳо бо оҳанги асосӣ ваа суфта кардани забонакҳо барои гирифтани баландии садодиҳии стандартӣ;

– танзими тугма ва клавишҳои асбобҳои забонакӣ ва нафасӣ;

– танзими асбобҳои зарбӣ барои гирифтани ба садодиҳии баланди зарурӣ тавассути кашидан ё суст кардани косаҳои торҳо, ки дар қисмати болоӣ ё дар ҳар ду тарафи асбоб ҷойгиранд;

– танзим ва насб кардани лӯлаҳои нави арғунун ва фортопиано дар биноҳо

1707. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– созандаи асбобҳои мусиқӣ;
– ҷурсози пианино ва роялҳо;
– барқароркунандаи асбобҳои мусиқӣ;
– васлкунандаи асбобҳои нафасӣ;
– васлкунандаи асбобҳои мусиқӣ;
– ҷамъоваранда-васлгари асбобҳои клавишӣ;
– ҷамъоваранда-васлгари асбобҳои камончагӣ.

## § 4. 7313. Кулолгарон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1708. Кулолгарон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд маҳсулоти кулолӣ месозанд, маҳсулоти сафолӣ, абразивӣ, фахфурӣ, фахфурӣ-чиниворӣ, сафолии барқӣ ва маҳсулоти сафолии сохтмониро дастӣ ё бо истифодаи мошинҳо шаклдиҳӣ, пардоз ва мангана мекунанд.

1709. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– истеҳсоли маҳсулоти кулолӣ ва аз фахфур;

– тайёр намудани қолибҳои гилӣ ва гаҷӣ;

– хондани нақшаҳои техникӣ барои омӯзиши талаботи мизоҷон;

– қолибандозии маҳсулот дастӣ барои сохтани маҳсулот дар шакл ва андозаи лозимӣ;

– батанзимдарории суръати гардиши чархи кулолӣ ба андозаи шаклгирии маҳсулот ва тунук кардани деворҳои зарф;

– идоракунии мошинҳои кулолӣ барои шаклдиҳии зарфҳои сафолӣ, аз қабили гулдонҳо, косаҳо, табақу табақчаҳо, шаклдиҳӣ ва ба тафдон гузоштани маҳсулоти кулолӣ;

– батанзимдарорӣ ва созкунии узвҳои идоракунии лойлшурак, ки ҳиссаи гилро омехта, фишурда, бурида ва дар қолабҳо ҷойгир мекунанд;

– ҳамвор кардани сатҳҳои маҳсулоти тайёр бо истифодаи белчаи резинӣ ва исфанҷи мартуб;

– қолибандозӣ ва манганакунии маҳсулоти сафолии сохтмонӣ ва барқӣ аз хамираи пластикӣ ва хокаӣ;

– тайёр намудани чарххои абразивӣ бо роҳи шаклдиҳӣ ва мангана кардани хамираи абразивӣ тариқи дастӣ ё мошинӣ;

– муоинаи маҳсулоти тайёр барои ошкори нуқсон ва назорати дурустии шакл ва андозаи ҷузъҳо бо истифодаи штангенпаргор ва қолибҳо;

– омода намудани кор барои фурӯш ё намоишгоҳҳо ва дастгирии муносибат бо фурӯшандагони чакана, инчунин, бо намояндагони ҷомеаи кулолӣ, санъат ва шабакаҳои захиравӣ бо мақсади мусоидат ба фурӯш ё гузаронидани намоишгоҳии корҳо.

1710. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– кулолгар;

– амсиласоз,зарфҳои гилӣ ва сафолӣ;

– манганачии маҳсулоти сафолии сохтмонӣ;

– қолибсози маҳсулоти абразивӣ;

– қолибсози маҳсулоти сафолии сохтмонӣ;

– қолибсози хишт ва кошин;

– қолибсози маҳсулоти фахфурӣ ва чинии хом;

1711. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– рассоми сафолот–2651;

– оператори танури кулолгарӣ (маҳсулоти кулолгарӣ ва фахфурӣ)–8181;

– оператори танури пазиш (пухтани хишт ва кошин)–8181.

### § 5. 7314. Қолибсозони маҳсулот аз шиша, сангбурҳо, сайқалкорон ва суфтагарон

1712. Қолабсозони маҳсулоти шишагӣ, сангбурҳо, сайқалкорон ва суфтагарон шишаро дам медиҳанд, қолибандозӣ, мангана мекунанд, мебуранд, суфта ва сайқал медиҳанд, инчунин, бо истифода аз қолабҳои тайёр шишаи гудохтаро ба шакл медароранд.

1713. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– бо истифода аз сархонаи газӣ ё тафдонҳо, инчунин давр занондани шиша барои гармкунии баробар гармкунии шиша то ба ҳолати мулоимӣ;

– дамкунии шиша ва қатъкунии найча барои ба даст овардани асбобҳои илмии шаклдори махсус, ба монанди колбаҳо, ретортаҳо ва чақонакҳо;

– суфтаву сайқал додани пуркунанда ё қисмҳои шишагӣ барои бартараф кардани нуқсонҳо ё омода намудани сатҳҳо барои коркарди минбаъда, ҳамвор ва суфта кардан бо истифода аз дастгоҳҳои суфтакунандаи тасмадор ё дискҳои сайқалдиҳӣ;

– муоинаи ашёи хоми шиша ва маҳсулоти тайёр, инчунин, тамғагузорӣ ё сақаткунии маҳсулоти нуқсондро, ба монанди доғҳо, чакраҳо, пай, барҷастагӣ, порашудаӣ, харошида ё шакли номақбул ё коркард ;

– шиносоӣ бо супоришномаҳо ҷиҳати иҷрои кор барои муайян намудани андозаҳо, ҷойҳои чок ва миқдори масолеҳи барои буриш зарур;

– мушоҳидаи аз рӯйи асбобҳои ченкунӣ, нашрҳои компютерӣ ва мониторҳои видео барои санҷиши риояи шартҳои коркарди зарурӣ ва ворид намудани тағйирот дар ҳолати зарурӣ ;

– гузоштани қолаб ё расмҳо ба шиша, чен кардани андозаҳо ва нишонагузории хатҳои буриш бо истифода аз асбобҳо барои буриши шиша, инчунин буриши шиша аз рӯи суроби нишонашуда ё колиб;

– ҷӯрсозӣ, истифодабарӣ ва танзими таҷҳизоти компютерӣ ё роботкунонидашуда барои буридани шиша;

– муоина, баркашӣ ва ченкунии маҳсулот барои санҷиши мутобиқатӣ ба таснифот бо истифодаи асбобҳо, ба монанди микрометрҳо, штангенпаргор, асбобҳои пурбин ва ҷадвалҳо;

– танзимкунии харорати тафдонҳо ва мутобиқ ба навъи шишаи коркардшаванда;

– гузаронидани нақшу нигор барои қисмҳои алоҳидаи витраж аз нақшаҳои калонмиқёс ба қоғази қолибӣ бо истифодаи қалам барои гузаронидани нақша;

– пошидани маҳлули нукра ба шиша барои ба даст овардани инъикоскунандаи сатҳ бо истифода аз таппончаи рангпошӣ;

– нишонагузорӣ, буридан, суфта кардани шишаҳои оптикӣ ва дигар шиша тибқи андозаҳои муқарраршуда ва баркашӣ барои ташаккул додани шаклдиҳии нимтаёрҳои линзаҳо барои истифодабарӣ ба сифати шишаҳои соат.

1714. Намунаҳои шуғле, ки ба гурӯҳи ибтидоӣ мансуб ҳастанд:
- суфтагар и шиша ва маҳсулоти шишагин;
- манганачии шишаи гарм;
- манганачии маҳсулот аз хокаи шиша;
- бурандаи шиша (шишабур);
- ҳаводиҳандаи шиша (пуркунандаи ҳаво дар дохили шиша);
- шишадамкун;
- сайқалдиҳандаи шиша.

1715. Баъзе шуғлҳои ҳаммонанд, ки ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансубанд:
- шишагар – 7125;
- оператори мошин,истеҳсоли шиша–8181;

### § 6. 7315. Рассомон оид ба нақшу нигор, рассомон-ороишгарон, нақшканҳо ва тезобгарон

1716. Рассомон оид ба нақшу нигор, рассомон-ороишгарон, нақшканҳо ва тезобгарон ба маҳсулоти шишагӣ расм, нақшҳо, асарҳои тасвириро мекашанд, нақшу нигори бадеии маҳсулоти фахфурӣ-фаянсӣ, маҳсулоти майолика, лаълиҳои филизӣ, сурати барҷаста ва дигар маҳсулоти филизӣ ва чӯбиро иҷро мекунанд, дар сатҳҳои маҳсулоти сирдор нақшу нигор мекашанд, корҳои рассомии тавсифдоштаи зинатдиҳӣ, рекламавӣ ва ҳуруфчиниро иҷро мекунанд. Онҳо ангора месозанд, ҳарфҳо, суробҳо, монограммаҳо ва нақшҳоро барои лавҳаҳо нишона гузошта, мекашанд, нақшу нигорҳои ороишӣ ва гулиро нақшканӣ ва тезобкорӣ мекунанд.

1717. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– кашидани нақшҳои ороишӣ бо даст дар маҳсулот, ба монанди кулолӣ, шиша, қуттиҳои тамоку ё куббаи чароғ;

– гузарондани расмҳои ороишӣ ё нақшу нигор аз колибҳои қоғазӣ ба маҳсулот ва иҷрои нақшу нигори рассомӣ бо рангҳо,эмалҳо, лок ва дигар масолеҳ;

– ҷамъбаст ва коркарди ҷузъҳои тасвирӣ, ба монанди хатҳо, фазо, ҳаҷм, ранг ва дурнамо барои ба даст овардани таъсири дилхоҳ, аз ҷумла, интиқоли ғояҳо, эҳсосот ё руҳия;

– нишонагузорӣ ва кашидани ҳарфҳои як ё якчанд забон, суроб, монограммаҳо ва расмҳо барои тайёр кардани лавҳаҳо;

– сохтани ангораҳо, кашидани ҳарфҳо дар нимтайёрҳо ё масолеҳи гардавӣ барои тайёр кардани қолиб ё гардаҳо;

– сохтани қолибҳо ё ҳарфҳо барои кашидан дар маҳсулот, ба монанди лавҳаҳо, зарфҳо, маҳсулоти кулолӣ ё лавҳаҳои руҳин;

– истифодаи таъминоти барномавӣ ва таҷҳизоти маршрутонӣ барои гирифтани тасвирҳои буриши сеченака бо мақсади кашидани лавҳаҳои калонтар, инчунин, лавҳаҳои нақшканшуда ва кошинкоришуда;

– тарҳрезӣ ва тайёркунии ҳарфҳои муқаррарии ҳамворбурида, ҳарфҳо бо сояафкан бо ёрии винил ё ҳарфҳои чопии барои истифодабарӣ тайёр;

– навиштан, кашидан ё чопи лавҳаҳо ё руқъаҳои рекламавӣ барои намоиш ва ё дигар мақсадҳо;

– буридани ҳарфҳо ва лавҳаҳо барои тасвири онҳо аз варақаҳои ғилофӣ ё картон дастӣ ё бо истифодаи мошинҳо, ба монанди арраҳои барқии дастӣ ё дастгоҳи тасмааррадор;

– муоинаи ангораҳо), диаграммаҳо, намунаҳо, равшанинусха ё аксҳо, интихоби расмҳо барои тезобдиҳӣ, буридан ё нақшкании маҳсулоти коркардшаванда ;

– ченкунӣ ва ҳисобкунии андозаи ҳарфҳо, расмҳо ё нақшу нигор барои нақшканӣ;

– нақшканӣ ва чопи нақшу нигор, гулшориҳо, нишонаҳои молӣ, суроб ё ҳарфҳо дар сатҳҳои ҳамвор ё каҷхати намудҳои гуногуни маҳсулоти филизӣ, шишагӣ, пластмасӣ ё сафолӣ;

– тезобкунии нақшу нигори ороишӣ, нишонагирии калиброни ва дигар тасвирҳо дар маҳсулоти шишагӣ.

1718. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– нақшкани фахфур;
– нақшкан дар шиша;
– ородиҳандаи намоишҷевон;
– ородиҳандаи реклама;
– рассомкори шиша;
– рассомкори маҳсулоти фахфурӣ ва сафолӣ;
– тезобчии шиша бо кислотаи гудозиш;
– минокор (сирдавон), шиша;

1719. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– рангмол, биноҳо–7131;
– рангпош, воситаҳои нақлиёти автомобилӣ–7132;
– рангпош, маҳсулоти саноатӣ–7132;
– оператори мошин, нақшу нигори маҳсулоти аз шиша– 8181;
– оператори мошин, нақшу нигори маҳсулоти сафолӣ–8181.

## § 7. 7316. Коргарони ҳунарҳои бадеӣ, истеҳсолкунандаҳои маҳсулоти бофта, маҳсулоти чӯбин ва масолеҳи ҳаммонанд

1720. Коргарони ҳунарҳои бадеӣ, истеҳсолкунандаҳои маҳсулоти бофта, маҳсулоти чӯбин ва масолеҳи ҳаммонанд, навъҳои қиматноки чӯб, химча, кундаҳо, гиреҳрешаҳоро захира мекунанд, ҷудо ва коркард мекунанд, усулҳои анъанавиро ба моанди хушкунӣ ё таркунӣ барои тайёр намудани чӯб, коҳ, най, гил, садафҳо ва дигар масолеҳ истифода мебаранд, буридан, қолабандозӣ, ҷамъоварӣ, бофтан ё ранг кардан ва ороиш додани маҳсулоти гуногун барои истифодаи шахсӣ ё маишӣ ё бо мақсади ороишӣ анҷом медиҳанд.

1721. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– захиракунии чӯб, химча, гиреҳреша, коҳ, қамиш, садаф ё масолеҳи ҳаммонанд;

– кандакорӣ кардани мавзуоти набототӣ ва бадеӣ дар сатҳи чу4д бо мақсади ороиш;

– дастӣ кашидани нақшҳои ороишӣ дар шиша, маҳсулоти кулолӣ ё зарфҳои фахфурӣ;

– кандакорӣ, васл, расмкашӣ ва ороиш додани ашёи гуногуни таъйинати шахсӣ ё маишӣ, аз ҷумла нонгиракҳо, хӯришгиракҳо, қошуқҳои оростанӣ, тахтачаҳо, лаълиҳо, гулдонҳо, кӯзаҳо, сабадҳо, хаскӯлоҳҳо, бурёҳои хасӣ ва ашёҳои ҳаммонанд;

– кандакорӣ, васл ва ранг кардани ашёҳои гуногуни ороишӣ, аз ҷумла ҳайкалчаҳо ва дигар асарҳои санъати ҳайкалтарошӣ, суробҳои шоҳмот, ороишоти заргарӣ, бозичаҳои чӯбӣ ва ашёҳои ҳаммонанд;

– тайёр кардани ҷиҳози бофта аз химчаҳо ва масолеҳи ҳаммонанд;

– истеҳсоли маҳсулоти санъати бадеӣ аз чӯб

– тайёр кардани сабадҳои гуногун аз химчаҳои бофта, най, қамиш ва масолеҳи ҳаммонанд барои ороиш ва истифодаи маишӣ.

1722. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– буғдиҳандаи гиреҳреша;
– сабадбоф;
– истеҳсолкунандаи маҳсулоти санъати бадеӣ аз чӯб;
– истеҳсолкунандаи маҳсулоти санъати бадеӣ аз химча;
– усто оид ба истеҳсоли ҷиҳози бофта;
– устои маҳсулоти санъати бадеӣ аз чӯб;
– коргар, маҳсулот аз чӯб;
– коргар,, бофанда аз най.

1723. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– рассом–ороишгар–3432;
– оператори мошин (маҳсулоти чӯбӣ)–7523.

### § 8. 7317. Коргарони ҳунарҳои бадеии истеҳсолкунандаи маҳсулот аз нассоҷӣ, чарм, мӯина ва масолеҳи ҳаммонанд

1724. Коргарони ҳунарҳои бадеии маҳсулоти нассоҷӣ, чарм, мӯина ва масолеҳи ҳаммонанд истеҳсолкунанда техника ва усулҳои анъанавиро барои истеҳсоли масолеҳи бофандагӣ, бофта, гулдӯзӣ, ҷузъҳои бофандагӣ ва дигар ҷузъҳои бофтаи либос ва маҳсулоти ашёи рӯзгор, инчунин, пойафзоли анъанавӣ, ҷузвадон, камарбанд ва дигар лавозимот истифода мебаранд.

1725. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– ресидан ва рангкунии пашм, пахта ва дигар матоъ бо рангҳои табиӣ ;

– тӯрибофӣ, бофандагӣ бофтан ё гулдӯзӣ барои тайёр намудани ҷузъҳои гуногуни либос ва ашёҳои рӯзғор;

– омодакунӣ ва ранг кардани чарм бо рангҳои табиӣ ва истеҳсоли пойафзоли анъанавӣ, ҷувзадон, камарбанд ва дигар лавозимот бо нақшкӯбӣ, рангкунии расм ва гулшорӣ;

– истеҳсоли маҳсулоти бадеӣ-ороишӣ аз матоъ бо истифода аз техникаи батик, кулоҳҳои миллӣ, маҳсулот барои ороиши дохили бино, асарҳои бадеӣ ва мавзӯӣ бо навъҳои гуногуни техникии наққошӣ дар матоъ;

– бофтани матоъҳои якранга ва гуногунранг (адрас, атлас), матои ороишӣ, тӯрӣ, қолинҳо ё дигар матоъ бо истифода аз дастгоҳҳои бофандагии дастӣ;

– истеҳсол (бофтан)-и қолин бо усули бофтани бадеии гиреҳ;

– бофтани либос ва дигар маҳсулот бо мошинҳои идоракунии дастӣ ё дастӣ;

– бо чангак бофтан ё истеҳсоли шероза дастӣ;

– сознани қолиб ва буриши чарму мӯина, васлкунии маҳсулоти бадеӣ аз чарму мӯина ва дӯхтани онҳо дар мошинаҳо, гулдузии бадеии маҳсулоти чармӣ ва мӯина, пардози онҳо бо дарзҳои ноаён, аппликатсия;

– дастӣ бофтани тӯр;

– муайян намудани навънокӣ ва гурӯҳи нахи табиии нассоҷӣ.

1726. Намунаҳои машғулияти ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– кашидадӯзи чарму мӯина;

– бофанда (либоса);

– истеҳсолкунандаи маҳсулот аз матоъ бо нақшу нигори бадеӣ;

– истеҳсолкунандаи маҳсулоти бадеӣ аз чарм;

– коргар, истеҳсолкунандаи маҳсулот аз чарм;

– коргар, истеҳсолкунандаи қолин;

– коргар, истеҳсолкунандаи матоъ;

– васлкунандаи маҳсулот аз чарму мӯина;

– бофанда, қолинҳои дастӣ.

1727. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– оператори мошини шоначин, нахи нассоҷӣ–8151;

– оператори мошини бофанда–8152;

– оператори мошинҳои бофандагӣ–8152.

### § 9. 7319. Коргарони соҳибихтисоси меҳнати дастии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

1728. Ба ин гурӯҳи ибтидоӣ коргарони соҳибихтисоси меҳнати дастие, ки бо ҳунарҳои анъанавӣ машғуланд ва ба гурӯҳҳои дигари ибтидоӣ шомил нестанд, дохил мегарданд. Масалан, ба ин гурӯҳ коргарони соҳибихтисоси меҳнати дастие, ки бо ҳунарҳои мардумӣ машғуланд, бо метали ғайриасил, сангҳои табиӣ машғуланд, инчунин, истеҳсолкунандагон ва барқарорсозони маҳсулоти бадеӣ аз устухон, шох, қаҳрабо ва масолеҳи монанд дохил мешаванд.

1729. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– истеҳсолкунандагони маҳсулоти бадеӣ аз филиз, коркарди кимиёвӣ-ҳароратӣ, корҳои лаҳимкорӣ, оҳангарӣ ва сайқалдиҳии филиз;

– васлкунии маҳсулоти филизӣ бо истифода аз парчинҳо, пайванди рахпечӣ, ширеш кардани ҷузъҳо ва сирпӯшонӣ тайёр кардани ширеш рӯйи дастури муқарраргардида;

– аз гач омода намудан амсилаҳои ҳайкалҳо ва тахтаҳои ёдгорӣ бо матн аз рӯйи нақшаҳо ва қолибҳо;

– сиёҳикунӣ ва пӯшонидантобишдиҳиии асарҳои ҳайкалтарошӣ ва ҷузъҳои меъморӣ;

– обутобдиҳӣ, буридан ва суфта намудани каҳрабо бо мақсади ба он додани шаклҳои хотимавӣ;

– истеҳсоли маҳсулоти бадеӣ ӣ аз каҳрабо, суфтан, сайқалдиҳӣ, ҷило додан, ҷамъ ва васлкунии ҷузъҳои филизӣ;

– коркарди маҳсулоти бадеӣ аз устухону шох дар дастгоҳҳои харротӣ, рандаву пармакунӣ, омодакунии маҳсулот бо холигиҳои дохилӣ;

– кандакории бадеӣ дар устухон ва шох дар техникаи нафис ва релефии кандакорӣ аз рӯйи намуна, васлкунӣ, ҷамъоварӣ, устуворкунӣ, часпонидани ҷузъҳо ва қисмҳо.

1730. Намунаҳои шуғле, ки ба гурӯҳи ибтидоӣ мансуб ҳастанд:

– устои бозичаҳо, филиз;
– истеҳсолкунандаи маҳсулоти бадеӣ аз филиз;
– устои истеҳсоли шамъ;
– коркардкунандаи маҳсулот аз шоху устухон;
– коргар, маҳсулот аз сангин;
– васлкори маҳсулот аз қаҳрабо.

## 138. ГУРӮҲИ ХУРДИ 732.
### § 1. Коргарони истеҳсолоти полиграфӣ

1731. Коргарони истеҳсоли полиграфӣ корҳои пешазчопӣ мегузаронанд, манганаҳои чопиро танзим а истифода менамоянд, маҳсулоти чопиро муқовабандӣ ва ороиш медиҳанд, гардаҳоро омода менамоянд ва таҷҳизоти чопи гардави ро идора мекунанд.

1732. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешаванд:

– идоракунӣ бо камераҳои аксбардории нусхачопкунанда (репродуксионӣ) ва дигар таҷҳизоти аксбардорӣ барои аз нав ҳосил кардани амсилаҳои аслии нусхачопкунии аксҳо дар навор, қолибҳои чопӣ ва асбобҳои рақамии барориш;

– истифодабарии таҷҳизоти компютерии бо мониторҳо ҷиҳозонидашуда барои сканеронӣ, ҷудокунӣ ва тасҳеҳи ранг, ретуш (фотошоп)ва дигар равандҳо ҷиҳати гузарондани нусхаҳо ба навор ва ҳосил кардани навор барои тайёр кардани қолибҳои чопӣ, силиндрҳо ва барориши рақамӣ;

– ҷӯрсозӣ, истифодабарӣ ва мониторинги мошинҳои барои ҳуруфчинии матбаавӣ, аксбардории нусхаҳо, чоп ва буридан, зеҳгирӣ, қисматбандӣ ва ҷузъбандии маводи чопӣ;

– амаликунонии коркарди ниҳоии нақшавӣ ва хизматрасонии техникии мошинҳо;

– тайёркунии гардаҳо ва истифодабарии таҷҳизоти чопи гардавӣ.

1733. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7321 | Коргарони марҳилаи тонашрии маҳсулоти полиграфӣ |
| 7322 | Чопгарон |
| 7323 | Пардозгарон ва муқовабандон |

### § 2. 7321. Коргарони марҳилаи тонашрии маҳсулоти полиграфӣ

1734. Коргарони марҳилаи тонашрии истеҳсолоти полиграфӣ корҳои таҳририӣ, андозабандӣ, ҳуруфчинӣ ва тартибдиҳии матн ва тасвирҳои графикиро дар шакле, ки барои истифодабарӣ дар равандҳои гуногуни чоп ва такрористеҳсолкунӣ бо дигар воситаҳои қабулкунандаи босиравӣ короямaнд, иҷро менамоянд.

1735. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– идоракунӣ бо камераҳои аксбардории нусхачопкунанда (репродуксионӣ) ва дигар таҷҳизоти аксбардорӣ барои аз нав ҳосил кардани амсилаҳои аслии нусхачопкунии аксҳо дар навор, қолибҳои чопӣ ва асбобҳои рақамии барориш;

– истифодаи барномаҳои амалӣ (замимаҳо)-и компютерӣ барои сохтани тасвир, матн, амсилаи аслӣ ва саҳифабандӣ барои инъикос дар чопкунанда ва дигар воситаҳои қабулкунандаи босиравии ҳомилони иттилоот;

– идоракунии таҷҳизот барои сохтани шаклҳои чопӣ ба мақсади ҳосил кардани тасвир аз навор дар қолибҳои чопӣ, асбобҳои рақамии барориш ва мошинҳои чопӣ;

– истифодабарии таҷҳизоти компютерии бо мониторҳо ҷиҳозонидашуда барои сканеронӣ, ҷудокунӣ ва тасҳеҳи ранг, сохтани ниқобҳо, муносибати ҷодкорона ба ороиш, якҷоякунӣ, бологузорӣ, ретуш (фотошоп)ва дигар равандҳо ҷиҳати гузарондани нусхаҳо ба навор ва ҳосил кардани навор барои тайёр кардани шаклҳои чопӣ, бароришИ рақамӣ ва силиндрҳо;

– иҷрои тасҳеҳкории рақамӣ ва кимиёвӣ дар системаҳои рақамӣ, инчунин, наворҳои манфӣ ва мусбат;

– арзёбии нусхаҳои таҷрибавӣ, санҷиш ва тасҳеҳи онҳо барои таъмини сифат;

– тайёр ва танвири қоғази пигментӣ барои гузарондан ба силиндрҳо бо усули ивазкунӣ ва зоҳир кардани тасвир.

1736. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– истеҳсолкунандаи шаклҳои чопӣ (муҳр);
– гардасоз;
– васлгари шаклҳои чопӣ (чопи гардавӣ);
– ҳуруфчин;
– оператори дастгоҳи барориш;
– оператори системаҳои нашриётии рӯимизӣ;
– оператори худкор ва системаҳои аксчинӣ;
– гардабарор;
– наққори расм;
– мутахассиси чопи расм дар санг.

### § 3. 7322. Чопгарон

1737. Чопгарон мошинҳои рақамӣ, офсетӣ, флексографӣ, чопи амиқ, рӯзномаву маҷалла ва дигар мошинҳои чопиро соз мекунанд ва истифода мебаранд.

1738. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– созкунӣ, батанзимдарорӣ ва назорати механизмҳо бо қувваи тағзия тавассути тагмон, механизмҳои диҳиш, асбобҳои рангкунӣ ва дигар ҷузъҳои функсионалии мошинҳои чопӣ;

– омехтакунии ранг ва обкунандаҳо мувофиқи стандартҳо ва батанзимдарории диҳиши коғаз ва ранг ҳангоми чоп;

– мониторинг, арзёбӣ ва муайян кардани асбобҳои чопӣ барои назорати сифати чоп дар асоси чопҳои озмоишӣ, инчунин, бартарафсозии вайрониҳо;

– истеҳсоли маҳсулоти гуногуни чопӣ бо истифода аз асбобҳои чопии рақамӣ, ротатсионӣ (даврзанана), офсетӣ, флексографӣ ва чопи амиқ, инчунин, низомҳои пардозиши бо асбобҳои чопӣ муттаҳидшуда;

– тайёр кардани қолибҳои чопӣ, тасмаҳои офсетӣ вак силиндрҳои чопӣ барои асбобҳои хурдандозаи чопии офсетӣ;

– дохил намудани қоғазҳо ба механизмҳои диҳиш;

– назорати кори таҷҳизот ва сифати чоп;

– хизматрасонии техникӣ,, батанзимдарорӣ, таъмир ва тоза кардани мошинҳо;

– гирифтани тасвирҳои рақамӣ барои чоп, инчунин гузарондан ва баровардани он.

1739. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– чопгари чопи баланд;

– чопгари чопи амиқ;

– чопгари чопи металлографӣ.

## § 4. 7323. Пардозгарон ва муқовабандон

1740. Пардозгар ва муқовабандони китобҳо ва дигар нашрияҳои чопиро муқова карда, онҳоро ба воситаи даст ё бо асбобҳои нашриявӣ ва дигар гурӯҳҳо ба тартиб меоваранд.

1741. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– созкунӣ ва назорати кори дастгоҳҳои муқовабандӣ ва таҷҳизоти зинатдиҳӣ; муқовасозии китобҳо аз як мавод, дар таркиби муқовасозӣ ва таъмири онҳо;нақшандозии навиштаҷот ва расмҳо дар муқоваи сарпӯши китобҳо ё нашрияҳои санъати бадеӣ;

– зеҳгирӣ, қисматбандӣ ва дӯхтани дафтарҳо бо воситаи даст ё мошинҳо;идоракунии асбобҳои коғазбурии намуди гилотинӣ барои рахпеч ва буридани қоғаз пеш аз чоп ва баъд аз он, инчунин, бо идоракунии электронӣ барномасозии агрегатҳо ;

– идоракунии низом барои намоиши маводҳои чопӣ дар рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва лифофаҳо;

– ба таври автоматӣ ё дастӣ ороиши санъати бадеии маҳсулоти чопӣ;

– истифодабарии дастгоҳҳои суратгирӣ ва нусхабардории электронии .

1742. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– операторони дастгоҳҳои резакунанда;
– операторони дастгоҳҳои чиндагирандаи варақҳо;
– операторони дастгоҳҳои андозаи хурди ҷузъбандӣ-муқовабандӣ;
– операторони дастгоҳ барои нақшкунии зарҳал;
– операторони хати ҳатмӣ;
– операторони дастгоҳи қатъкунанда;
– китобчин.

## 139. ЗЕРГУРӮҲИ 74. КОРГАРОН ДАР СОҲАИ ТЕХНИКАИ БАРҚӢ ВА ЭЛЕКТРОНИКА

1743. Коргарон дар соҳаи техникаи барқӣ ва электроника хизматрасонии техникии системаи ноқили барқӣ, таҷҳизоти механикаи барқӣ ва дигар асбобҳои барқӣ, хатҳову ноқилҳои барқдиҳанда ва таъмини барқ, инчунин, таҷҳизот ва низомҳои электрониву телекоммуникатсиониро насб, соз ва амалӣ мекунанд. Аксари машғулиятҳои ин зергурӯҳ сатҳи дуюми тахассусро талаб мекунанд. Кор бо воситаи даст ва истифодаи дигар асбобҳо барои кам кардани қувваи ҷисмонӣ, муҳлати иҷрои супоришҳои мушаххас, инчунин, беҳтар намудани сифати маҳсулот иҷро мегарданд.Уҳдадории коргарони ин зергурӯҳ дониши ташкили раванди истеҳсолот, барои истифодабарии масолеҳ ва асбобҳо, инчунин сифат ва таъминоти маҳсулоти ниҳоиро талаб мекунад.

1744. Вазифаҳои кормандони ин зергурӯҳ одатан аз инҳо иборатанд:

– насбкунӣ, хизматрасонии техникӣ, ҷамъкунӣ ва батанзимдарории барқӣ ва ноқилҳои системаи элктронӣ, мошин ва таҷҳизот;

– омӯзиши нусхаҳо, нақшаҳои ноқили барқӣ ва хусусиятҳо барои муайян кардани корҳои пайдарпайӣ ва усулҳо;

– санҷиш ва озмоиши низомҳои барқӣ ва электронӣ, таҷҳизот, ноқилҳо ва мошин барои муайян кардани хатар, нуқсҳо ва зарурати танзим ё таъмир;

– насбкунӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири хатҳои интиқоли барқу алоқа;

– пайвасти ноқилҳои барқӣ, телекоммуникатсионӣ ва интиқоли маълумотҳо;

– хизматрасонии техникӣ, бартарафкунии носозӣ, ҷамъкунӣ, батанзимдарорӣ, озмоиш ва таъмири таҷҳизоти электронӣ ба монанди мошинҳои саноатӣ ва назорати системаҳо, инчунин, таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ ва интиқоли маълумот.

1745. Машғулиятҳои гурӯҳи асосии мазкур ба зергурӯҳҳои зерин дохил карда мешаванд:

| | |
|---|---|
| 741 | Васлгарони барқ ва таъмиргарони таҷҳизоти барқӣ |
| 742 | Васлгарон ва таъмиргарони таҷҳизоти электронӣ ва телекоммуникатсионӣ |

## 140. ГУРӮҲИ ХУРДИ 741.
### § 1. Васлгарони барқ ва таъмиргарони таҷҳизоти барқӣ

1746. Васлгарони барқ ва таъмиргарони таҷҳизоти барқӣ хизматрасонии техникии системаи ноқилҳо, таҷҳизоти барқии баландшидат, муҳаррикҳо, генераторҳо ва дигар таҷҳизоти барқӣ, инчунин, хат ва ноқилҳои барқдиҳандаро насб, соз ва амалӣ мекунанд.

1747. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– насб, хизматрасонии техникӣ, ҷамъкунӣ ва батанзимдарории системаи ноқилҳои барқӣ, мошин ва таҷҳизот;

– омӯзиши нусха, нақшаҳои ноқилҳои барқӣ ва хусусиятҳо барои муайян кардани корҳо пайдарпайиву усулҳо;

– санҷиш ва озмоиши системаҳои барқӣ, таҷҳизот, ноқилҳо ва мошин барои муайян кардани хатар, нуқсон ва зарурати танзиму таъмир;

– насбкунӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири хатҳои интиқоли барқ;

– пайваст кардани ноқилҳои барқӣ.

1748. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7411 | Барқчиён дар сохтмон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 7412 | Барқчиён ва васлгарони таҷҳизоти барқӣ |
| 7413 | Васлгарон ва таъмиргарони хатҳои интиқоли барқ |

### § 2. 7411. Барқчиён дар сохтмон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1749. Барқчиён дар сохтмон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд хизматрасонии техникӣ ва таъмири системаҳои ноқилҳои барқӣ ва таҷҳизоту милбастҳо (арматураҳо)-и дахлдорро насб намуда, амалӣ мекунанд.

1750. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– васлкунӣ хизматраоснии техникӣ ва таъмири системаҳои барқгузарон ва таҷҳизоти марбута дар биноҳои гуногун – мактабҳо, беморхонаҳо, марказҳои тиҷоратӣ, биноҳои истиқоматӣ ва дигар иншоот;

– омӯзиши равшанинусхаҳо, нақшаҳои барқгузарон ва хусусиятҳо барои муайян кардани корҳои пайдарпайӣ ва усулҳо;

– банақшагирии қисматбандӣ ва насбкунии ноқилҳои барқӣ, таҷҳизот ва милбаст (арматура) дар асоси фармоишҳои корӣ ва мутобиқи стандартҳо;

– санҷиши системаҳои барқӣ, таҷҳизот ва қисматҳо барои муайян кардани хатар, нуқсон ва зарурати танзим ё таъмир;

– интихоб, буридан ва пайваст кардани ноқилҳо ба пайвандкунакҳо (клемам) ва натиҷагирӣ;

– ченкунӣ ва тайёр кардани нуқтаҳои базавӣ барои васлкунӣ;

– муайян кардани ҷой барои ҷобаҷокунӣ ва насбкунии сипарҳои тақсимкунии барқ;

– озмоиши занҷирҳо барои набудани ҷойи кандашуда.

1751. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– барқчӣ;
– барқчӣ, таъмири биноҳо;
– васлгари барқ;
– васлгари барқ–танзимкунанда;
– челонгар–барқчии сохтмон.

1752. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– механики барқӣ–7412;
– устои барқ–7412;
– васлгари хатҳои интиқоли барқ–7413.

## § 3. 7412. Барқчиён ва васлгарони таҷҳизоти барқӣ

1753. Барқчиён ва васлгарони таҷҳизоти барқӣ таҷҳизоти механикии барқӣ ва асбобҳои барқиро дар биноҳо, корхонаҳо, устохонаҳо ё дигар ҷойҳо ҷамъ, танзим, насб ва таъмир мекунанд.

1754. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– ба қисмҳо ҷудо кардан, таъмир, ҷамъкунӣ, насбкунӣ ва мутамарказкунонии мошини электрикӣ ва дастгоҳҳои барқӣ;

– озмоиши комплексии муҳаррикҳои барқӣ, дастгоҳҳои барқӣ ва трансформаторҳои иқтидорашон гуногун баъди таъмири асосӣ;

– тайёр,, васл ва насби сипарҳои гурӯҳҳои калон ва конструксияҳои филизӣ зери асбобҳову дастгоҳои барқӣ;

– ҷамъоварӣ, ҷӯрсозӣ ва таъмири навъҳои гуногуни мошин ва муҳаррикҳои барқӣ, генераторҳо, механизмҳои тақсимкунӣ, дастгоҳҳои ченкуниву назоратӣ, асбобҳо ё қисмҳои барқии борбардор ва таҷҳизоти ҳаммонанд;

– ҷамъоварӣ, ҷӯрсозӣ ва таъмири қисмҳои барқии ашёҳои рӯзгордорӣ, мошинҳои саноатӣ ва дигар дастгоҳҳо;

– азназаргузаронӣ ва озмоиши маҳсулоти барқии саноатӣ;

– насб, озмоиш, пайваст ва ба кор андохтан, хизматрасонии техникӣ ва навкунонии таҷҳизоти барқӣ, ноқилҳо ва системаи назоратӣ;

– лоиҳакашӣ, насбкунӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири лифтҳои барқии мусофирбарӣ ва боркашӣ гидравликӣ, равонзина (эскалатор)-ҳо, роҳравҳои ҳаракаткунанда ва дигар таҷҳизоти борбардорӣ;

– пайвасткунии системаи барқӣ ба манбаъҳои тавлиди барқ;

– иваз ва таъмири қисмҳои вайроншуда.

1755. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– механики лифтҳо;

– васлгари борбардории барқӣ (лифтҳо);

– васлгар,ноқилҳои барқӣ;

– механики барқӣ;

– васлгари барқӣ, (генератор).

1756. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– механик оид ба таъмири таҷҳизоти электронӣ–7421;

– ҷамъкунандаи таҷҳизоти барқӣ–8212.

## § 4. 7413. Васлгарон ва таъмиргарони хатҳои интиқоли барқ

1757. Васлгарон ва таъмиргарони хатҳои интиқоли барқ хатҳои барқро васл ва таъмир мекунанд ва хатҳои интиқоли барқ ва таъминоти барқро ба таҷҳизоти ҳомил пайваст мекунанд.

1758. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– васл ва таъмири хатҳои интиқоли барқи баландшиддати ҳавоиву зеризаминӣ ва хатҳои шабакаҳои тамосии кашиши барқӣ;

– пайвасткунии симрӯдаҳои шабакаҳои ҳавоӣ ва зеризаминӣ;

– риояи қоидаҳо ва тартиботи техникаи бехатарӣ, аз он ҷумла назорати доимии таҷҳизот ва гузоштани панҷараи муҳофизатӣ дар маҳалли ҷойи корӣ;

– қатъ кардани барқ ё пайваст намудани олоти заминвасла барои пешгири намудан аз хатари зарбаи қувваи барқ аз хатҳои вайрон ё кандашуда, инчунин, бо мақсади осон намудани корҳои таъмирӣ;

– ба пояҳо баромадан ё истифодаи мошинҳои борбардор барои дастрасӣ ба таҷҳизот;

– муайян намудани асбобҳои бахш, ҷудокунандаҳо, таршуда, муҳофизакҳои гудохта,танзимаҳои шиддат, трансформаторҳо, қатъкунандаҳо, реле ё ноқилҳо бо истифодаи нақшаҳои барқгузаронӣ ва асбобҳои назоратӣ-ченкунандаи барқӣ;

1759. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоиимазкур мансуб:

– барқчӣ, хатти интиқоли барқ;

– васлгари барқ оид ба шабакаҳои симрӯда;

– васлгари барқӣ оид ба рӯшноидиҳӣ ва шабакаҳои равшанидиҳанда;

– васлгари барқӣ оид ба таъмири таҷҳизоти барқӣ.

1760. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– кабелчӣ, симрӯдаҳои интиқоли маълумот ва алоқа–7215;

– васлга,и хати алоқаи дурдаст–7215.

### 141. ГУРӮҲИ ХУРДИ 742.
### § 1. Васлгарон ва таъмиргарони таҷҳизоти электронӣ ва телекоммуникатсионӣ

1761. Васлгарон ва таъмиргарони таҷҳизоти электронӣ ва телекоммуникатсионӣ таҷҳизоти электонӣ ва мошинҳои саноативу идоравӣ, асбобҳои электронӣ ва системаҳои назоратиро хизматрасонии техникӣ меузаронанд. Танзим ва таъмир менамоянд, таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ, таҷҳизот барои интиқоли маълумот, симрӯдаҳо ноқилҳо ва антеннаҳоро насб, таъмир мекунанд ва хизматрасонии техникӣ мегузаронанд, инчунин, компютерҳоро насб мекунанд ва хизматрасонии техникӣ мегузаронанд.

1762. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– санҷиш ва озмоиши мошинҳо, таҷҳизот, асбобҳо ва системаи назоратӣ барои муайян намудани носозиҳо;

– танзим, таъмир ва ивази қисмҳо ва ноқилҳои фарсудашуда ва вайрон ва хизматрасонии техникии мошин, таҷҳизот ва асбобҳо;

– насби асбобҳои электронӣ ва системаҳои назоратӣ;

– васл ва танзими таҷҳизоти электронӣ;

– хизматрасонии техникӣ, муайян кардани носозӣ, васл, танзим, озмоиш ва таъмири компютерҳо, таҷҳизот барои интиқоли маълумот ва компютерҳои ғайримарказӣ;

– насб, хизматрасонии техникӣ, таъмир ва ташхиси носозии системаҳои алоқаи микромавҷӣ, телеметрӣ, мултиплексӣ, моҳворай ва дигар системаҳои алоқаи радиоӣ ва алоқа бо истифода аз мавҷҳои электромагнитӣ;

– пешниҳоди машварат ва ахбороти техникӣ, пайгирии кори шабакаҳои мураккаби телекоммуникатсионӣ ва таҷҳизот;

– насб, пайваст ва таъмири ноқилҳои компютерҳо, радио, телефонҳо ва интиқоли телевизионӣ;

– насб, хизматраоснии техникӣ ва таъмири антеннаҳои дар соҳаи алоқа истифодашаванда.

1763. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7421 | Механикҳо оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизоти электронӣ |
| 7422 | Васлгарон ва таъмиргарон оид ба хизматрасонии технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ ва дастгоҳҳои алоқа |

### § 2. 7421. Механикҳо оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизоти электронӣ

1764. Механикҳо оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизоти электронӣ ба васлкунӣ, хизматрасонии техникӣ, танзимкунӣ ва таъмири таҷҳизоти электронӣ, ба монанди мошинҳои саноатӣ ва идоравӣ, асбобҳои электронӣ ва системаҳои назоратӣ машғуланд.

1765. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– санҷиш ва озмоиши мошинҳо, асбобҳо, қисмҳо, системаҳои назорат ва дигар таҷҳизоти электронӣ барои муайян намудани носозиҳо;

– танзим, таъмир ва ивазнамоии қисмҳои носоз ва ноқилҳо, инчунин, хизматрасонии техникии мошин, таҷҳизот ва асбобҳо;

– васлкунии такрорӣ, гузаронидани озмоиш ва танзими таҷҳизот;

– насбкунии асбобҳои электронӣ ва системаҳои назоратӣ;

– мувофиқа намудани кори худ бо кори муҳандисон, мутахассисон-техникҳо ва дигар мутахассисон оид ба хизматрасонии техникӣ;

– шарҳи натиҷаҳои озмоишҳо барои ташхиси носозӣ ва мушкилоти алоқаманд ба кори системаҳо;

– насб, танзим, таъмир ё иваз кардани қисмат, ҷузъҳо ва системаҳои барқӣ ва электронӣ бо истифода аз асбобҳои дастӣ, механикӣ ё лаҳимкаш;

– пайваст кардани қисматҳо ба ҷузъҳо, мисли системаҳои радиоӣ, асбобҳои назоративӣ-ченкунанда, индукторҳо, инверторҳо ва системаҳои сӯзишворидиҳӣ дар парвоз;

– бақайдгирии корҳои гузаронидашуда оид ба хизматрасонии техникӣ ва таъмир.

1766. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– механик оид ба электроникаи авиатсионӣ;

– механик оид ба таъмири таҷҳизоти электронӣ;

– механик оид ба хизматрасонии техникии дастгоҳҳои парвозкунанда (электроникаи авиатсионӣ);

– механик, банкоматҳо;

– васлгар оид ба дастгоҳ ва асбобҳои радиоэлектронӣ;

– коргар оид ба хизматрасонии техникаи идоравӣ;

– таъмиргар оид ба хизматрасонии техникии дастгоҳҳо барои нусхабардори акс.

1767. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– теххник–электрончӣ–3114;

– техник а оид ба мавҷи радиоӣ, радионавигатсия ва алоқа–3155.

### § 3. 7422. Васлгарон ва таъмиргарон оид ба хизматрасонии технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ ва дастгоҳҳои алоқа

1768. Васлгарон ва таъмиргарон оид ба хизматрасонии технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ ва асбобҳои алоқа хизматрасонии техникии таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ, таҷҳизот барои интиқоли маълумот, ноқилҳо, антеннаҳо ва шабакаҳои ноқилиро васл ва

таъмир мекунанд, инчунин, таъмир, насб ва хизматрасонии техникии компютерро амалӣ мекунанд.

1769. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– хизматрасонии техникӣ, ҷустуҷӯи носозиҳо, озмоиш ва таъмири компютерҳо, таҷҳизот барои интиқоли маълумот ва компютерҳои ғайримарказӣ;

– васл ва танзими таъминоти дастгоҳии компютерӣ;

– насб, хизматрасонии техникӣ, таъмир ва ташхиси носозии системаҳои алоқаи микромавҷӣ, телеметрӣ, мултиплексӣ, моҳворай ва дигар системаҳои алоқаи радиоӣ ва алоқа бо истифода аз мавҷҳои электромагнитӣ;

– пешниҳоди машварат ва ахбороти техникӣ, пайгирии кори шабакаҳои мураккаби телекоммуникатсионӣ ва таҷҳизот;

– насб, пайваст ва таъмири ноқилҳои компютерҳо, радио, телефонҳо ва интиқоли телевизионӣ;

– пайвасти кабелҳои телекоммуникатсионӣ ва кабелҳои интиқоли маълумот, инчунин тахткунии экранҳои ҳимоявӣ

– насб, хизматраоснии техникӣ ва таъмири антеннаҳои дар соҳаи алоқа истифодашаванда.

1770. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– кабелчӣ, кабели интиқоли маълумот ва алоқа;

– васлгари таъминоти дастгоҳии компютерӣ;

– васлгари таҷҳизоти алоқа;

– васлгари таҷҳизоти телефонӣ;

– васлгар, хати алоқаи дурдаст.

1771. Баъзе машғулиятҳои ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– техник оид ба истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ– коммуникатсионӣ–3511;

– мутахассис–техник оид ба таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ–3522.

## 142. ЗЕРГУРӮҲИ 75. КОРГАРОНИ САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ, КОРКАРДИ ЧӮБ, САНОАТИ НАССОҶӢ ВА ДӮЗАНДАГӢ ВА КОРГАРОНИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ҲАММОНАНД

1772. Коргарони саноати хӯрокворӣ, коркарди чӯб, саноати нассоҷиву дӯзандагӣ ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд ба коркард ва азнавкоркардкунии ашёи хоми хоҷагии кишоварзӣ, инчунин маҳсулоти моҳипарварию, моҳидорӣ ба маводи хӯрока ва дигар озуқаҳо, бо истеҳсол ва таъмири маҳсулоти аз чӯб, нассоҷӣ, мӯина, чарм ё дигар маҳсулот истеҳсолшуда, машғул мебошанд. Аксари машғулиятҳои зергурӯҳи махкур таснифоти ба сатҳи дуюми тахассус мувофиқро талаб мекунанд. Кор дастӣ ва бо истифодаи асбобҳои дастӣ ва дигар асбобҳо барои кам кардани қувваи ҷисмонӣ ва муҳлати иҷрои супориши мушаххас зарур, инчунин беҳтар намудани сифати маҳсулот, иҷро мегардад. Уҳдадории коргарони

ин зергурӯҳ дониши ташкили раванди истеҳсолот, масолеҳ ва асбобҳои истифодашаванда, инчунин тавсифот ва таъйиноти маҳсулоти ниҳоиро талаб мекунад.

1773. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳ мазкур, одатан иборатанд:

– коркард ва азнавкоркардкунии гӯшт, моҳӣ, ғалладона, меваю сабзавот ва ашёи хоми махраҷи ҳаммонанд ба маҳсулоти хӯрокворӣ ва барги тамоку ба маҳсулоти тамоку;

– чашнигирӣ ва муайянкунии навънокии маҳсулоти хӯрока ва нӯшокӣ;

– коркард ва азнавкоркардкунии наххҳои табиӣ, чарму пӯст;

– омодакунӣ ва таъмири ҷиҳоз ва дигар маҳсулот аз чӯб;

– коркарди пӯст, чарм ва мӯина барои истифодаи минбаъда;

– омодакунӣ ва таъмири маҳсулоти нассоҷӣ, либос, сарпӯшҳо, пойафзол ва маҳсулоти ҳаммонанд. Уҳдадориҳои онҳо метавонанд, назорат аз болои коргарони дигарро дарбар гиранд.

1774. Машғулиятҳои гурӯҳи асосии мазкур ба зергурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 751 | Коргарони саноати хӯрокворӣ ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 752 | Чӯбкорон, чӯбкорони дарахти сурх ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 753 | Коргарони меҳнати дастӣ, истеҳсоли либосу пойафзол |
| 754 | Коргарони дигари соҳибтаҷриба машғул дар соҳаи саноат ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |

## 143. ГУРӮҲИ ХУРДИ 751.
### § 1. Коргарони саноати хӯрокворӣ ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1775. Коргарони саноати хӯрокворӣ ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд ба забҳи чорво, коркард ва тайёркунии нимтаҳо ва азнавкоркардкунии онҳо ба маводи хӯрокаи мувофиқ барои истеъмоли одамон ва ҳайвонотмашғуланд, намудҳои гуногуни нон, маҳсулоти қаннодӣ ва дигар маҳсулоти ордиро истеҳсол мекунанд, мева, сабзавот ва маҳсулоти ҳаммонандро коркард ва консерва мекунанд, маводи хӯрокаро чошнигирӣ ва навънокии онҳоро муайён мекунанд, инчунин, тамокуро омода карда, аз он маҳсулот тайёр мекунанд.

1776. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– забҳи чорво;

– коркард ва омодакунии гӯшт, моҳӣ ва маводи хӯрокаи ҳаммонанд;

– истеҳсоли навъҳои гуногуни нон, маҳсулоти қаннодӣ ва дигар маҳсулоти ордӣ;

– коркард ва консервакунии меваю сабзавот ва маҳсулоти ҳаммонанд;

– чошнигирӣ ва муайянкуии навънокии маҳсулоти хӯрока ва нӯшокӣ;

– тайёркунии тамоку ва истеҳсоли маҳсулоти тамоку. Уҳдадориҳои онҳо метавонанд, назорати коргарони дигарро дарбар гиранд.

1777. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7511 | Коркардкунандагон ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти гӯштӣ, моҳӣ ва дигар маводи хӯрока |
| 7512 | Нонпазҳо, қаннодҳо ва истеҳсолкунандагони қанд |
| 7513 | Истеҳсолкунандагони маҳсулоти ширӣ |
| 7514 | Захирагарон ва коркардкунандагони меваю сабзавот |
| 7515 | Чошнигирони маҳсулоти хӯрокаву нӯшокиҳо ва муайянкунандагони навънокӣ |
| 7516 | Омодакунандагон ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти тамоку |

## § 2. 7511. Коркардкунандагон ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти гӯштӣ, моҳӣ ва дигар маводи хӯрока

1778. Коркардкунандагон ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти гӯштӣ, моҳӣ ва дигар маводи хӯрока чорворо забҳ мекунанд, гӯшту моҳиро тозаву бурида ва ба қисмҳо ҷудо мекунанд, устухонҳоро ҷудо ва маҳсулоти хӯрокаи мувофиқро омода мекунанд ё гӯшту моҳӣ ва дигар маҳсулотро бо роҳи қоқ намудан, намак кардан ё дуд додан, консерва мекунанд.

1779. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– забҳи чорвои калони шохдор ва майда, қутосҳо, паррандаҳо ва харгӯшҳо;

– пӯсткунӣ ва ҷудо намудани лоша;

– ҷудо кардани устухонҳо, буридан ва ба қисм ҷудо кардани гӯшту моҳӣ барои фурӯш ё коркарди минбаъда;

– тайёркунии ингридинетҳо ва омодакунии ҳасиб ва бо истифодаи мошин барои қиммакунӣ, омехтакунӣ ва қолибдиҳӣ;

– захиракунии гӯшт, моҳӣ ва дигар маҳсулот бо роҳи яхкунонӣ намаккунӣ ва парвардан;

– идоракунии камера ва тафдонҳои дудӣ барои дудкунонидани маҳсулоти гӯштиву моҳӣ ва дигар мавод барои фурӯш;

– ҷӯшондан ё бо дигар тарз омодакунии гӯшт, моҳӣ ва маҳсулоти ҳаммонанд барои фурӯш;;

– фурӯши гӯшт ё моҳӣ ба истеъмолкунандагон, аз ҷумла бастабандӣ, баркашӣ ва тамғагузории маҳсулот, инчунин, гирифтани пардохт.

1780. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– қассоб;

– омодакунандаи лаҳми моҳӣ;

– тайёркунандаи нимтайёрҳои гӯшти;
– коркаркунандаи нимтаҳои гӯштӣ;
– коркаркунандаи моҳӣ;
– захирагари моҳӣ;
– муратмиби гӯшти қимма.

1781. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– фурӯшанда дар дукону дукончаҳо–5221;
– оператори мошин оид ба коркарди гӯшт–8161;
– оператори мошин оид ба коркарди моҳӣ–8161.

## § 3. 7512. Нонпазҳо, қаннодҳо ва тайёркунандагони қанд

1782. Нонпазҳо, қаннодҳо ва тайёркунандагони қанд навъҳои гуногуни нон, тортҳо, кулчақанд ва дигар маҳсулот аз орд, инчунин, маҳсулоти шоколади донагӣ ва қаннодиро омода мекунанд.

1783. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– омода кардани нон, тортҳо, кулчақандҳои хушк, пирогҳо ва дигар маҳсулоти ордӣ;

– тайёр кардани маҳсулоти қаннодии корҳои дастӣ аз қанд, шоколад ва дигар ингредиентҳо бо воситаи асбоби дастӣ ё механизмҳо;

– якҷоякунии ингридиентҳои ченшуда дар зарфҳои мошин барои омехта намудан, купажиронӣ ё коркарди гармӣ;

– санҷиши сифати ашёи хом ба мақсади риоя намудани талаботи стандартҳо ё таснифот;

– бо истифода аз чуткаву белча молидани шоколад ё дигар иловаҳо ба маҳсулоти қаннодӣ;

– санҷиши тозагӣ ва коршоямии таҷҳизот ҳангоми ба кор андохтани мошин бо мақсади риояи техникаи бехатарӣ вабеҳдошти меҳнат;

– назорати ҳарорати тафдон ва намуди зоҳирии маҳсулот барои муайян кардани вақти нонпазӣ;

– ҳамоҳангсозии шакл, андохтан, пухтан, аз танӯр гирифтан, аз қолаб баровардану хунук кардани нон, батон, маҳсулоти ордӣ ва қаннодӣ.

1784. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– истеҳсолкунандаи шоколад;
– қаннод;
– конфетпаз;
– нонпаз
– нонпаз–шаклдиҳандаи кулчақанди ширмол.

1785. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанд ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– ошпаз–5120;
– оператори мошин оид ба пухтани маҳсулоти нонӣ-кулчақандӣ–8164;
– оператори мошин оид ба истеҳсоли шоколад–8162;
– оператори танӯри нонпазӣ–8163.

## § 4. 7513. Истеҳсолкунандагони маҳсулоти ширӣ

1786. Истеҳсолкунандагони маҳсулоти ширӣ равғани маска ва навъҳои гуногуни панир, қаймоқ, саршир, фалла ва дигар маҳсулоти ширӣ истеҳсол мекунанд.

1787. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– ҷӯшонидан ва пастеризонии шир барои гирифтани миқдори равғани маска бо равғаннокии заруриӣ;

– аз шир ҷудо кардани қаймоқ ва лат додани қаймоқ барои гирифтани равғани маска;

– ба шир ворид кардани микдори ченшадаи хамиртуруш ва дигар ингредиентҳо;

– лахташавии шир, дампухти фалла бо мақсади ба даст овардани шакли лозимӣ, хушконидани фалла ва ҷойкунии панир дар қолибҳо барои манганакунӣ;

– намакпошӣ ва сӯрох кардани панир ё пошидани бактерия ба панир барои афзоиш додани пӯпанак;

– ба рафҳо гузоштани ва тобдиҳии брикетҳои панирӣ барои пухта расидани панир;

– назорати сифати маҳсулот пеш аз бастабандӣ барои муоина, гирифтани намунаи санҷишӣ ва тағйирдиҳии шароитҳои нигоҳдорӣ дар ҳолати зарурӣ;

– муайян кардани миқдори харҷи ингридиентҳо, натиҷаи озмоиш ва доираи вақт. .

1788. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– тайёракунандаи равған (равғанкаш);
– тайёркунандаи панир;
– тайёркунандаи фалла;
– панирпазсоз.

1789. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– оператори мошин оид ба истеҳсоли маҳсулоти ширӣ–8162;
– оператори мошини коркарди шир–8162.

## § 5. 7514. Захирагарон ва коркардкунандагони меваю сабзавот

1790. Захирагарон ва коркардкунандагони меваю сабзавот ба коркард, хушккунӣ ва консервакунии мева, чормағзиҳо ва маводи хӯрокаи ҳаммонанд бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла ҷӯшондан, хушк, намак додан, гирифтани афшура ё равған машғуланд.

1791. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– тайёр кардани афшураҳои гуногун аз меваҳо;
– гирифтани равған аз тухмиҳои равғандор, чормағзиҳо ва мева;

– пухтан, намак ва ё хушк кардани мева, сабзавот ва маҳсулоти ҳаммонанд;

– омехтаву иловакунии ингридиентҳо, ба монанди пектин, шакар, забудадаҳо ва сирко барои баланд намудани муҳлати нигоҳдорӣ ва беҳтар кардани сохтор, намуди зоҳирӣ ва таъм;

– ҷо ба ҷо кардани маҳсулоти консервашуда дар зарфҳои шишагини тозакардашуда ё дигар контейнерҳо.

1792. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– тайёркунандаи мураббо;
– омодакунандаи меваҳои қиёмшуда;
– омодакунандаи забудаҳи ғизоӣ;
– парвардагари меваю сабзавот;
– равғанкаш, равғани растанӣ;
– коргари консервакунии сабзавот;
– коргари консервакунии мева.

1793. Баъзе машғулиятлҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– оператори хати истеҳсоли яхмос–8162;
– оператор мошини консервакунонӣ–8162;

## § 6. 7515. Чошнигирони маҳсулоти хӯрокаву нӯшокиҳо ва муайянкунандагони навънокӣ

1794. Чошнигирони маҳсулоти хӯрокаву нӯшокиҳо ва муайянкунандагони навънокӣ навъҳои гуногунии маҳсулоти кишоварзӣ, хӯрока ва нушокиро муоина мекунанд, маззашонро месанҷанд, навънокиашонро муайян мекунанд.

1795. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– ташхис, санҷиш, чошнигирӣ ва баҳогузории бӯйи маҳсулоти кишоварзӣ, моводи хӯрока ва нӯшокӣ дар марҳилаҳои гуногуни тайёркунӣ;

– муайян намудани сифат, короямӣ барои истеъмол ва арзиши тахминии мавод, инчунин ба гурӯҳҳои дахлдор тақсим кардани онҳо;

– баҳо додан ва сақат кардани маҳсулоти пастсифат;

– сабткунии навъ ва ё рақамҳои идентификатсионӣ дар тамға, варақаҳои қабул ё замимаҳои рекламавӣ;

– баркашӣ ва чен кардани маҳсулот.

1796. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– чошнигири шароб;
– чошнигири маҳсулоти хӯрокворӣ;
– чошнигири чой.

## § 7. 7516. Омодакунандагон ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти тамоку

1797. Омодакунандагон ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти тамоку дастӣ ё бо истифода аз мошинҳои одӣ барги тамокуро омода менамоянд, маҳсулоти гуногуни тамоку истеҳсол мекунанд.

1798. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– муайян кардани навъи барги ферментшудаи тамоку ва тақсимоти он аз рӯйи навъ, сифат ва ҷойи нашъунамо;

– омехта кардани барги тамоку мувофиқи тартиб барои ба даст овардани омехтаи хуштаъм;

– хизматрасонии техникии дастгоҳҳои вакуумӣ барои нам кардани тамоку бо мақсади коркарди минбаъда;

– аз барги тамоку гирифтани пояҳои асосӣ ва реза кардани он;

– ба таври дастӣ ё бо ёрии асбобҳои одӣ тайёр кардани сигори баргпеч, сигор, тамокуи чилимӣ, бӯиданӣ ва дигар маҳсулот аз он.

1799. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– хушбӯйкунандачӣ;

– омодакунандаи сигари баргпеч;

– омодакунандаи сигор;

– омехтагари (купажчӣ) ба тамоку;

– ҷудокунандаи барги сигор.

1800. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– оператори мошин оид ба истеҳсоли сигорҳо–8168.

## 144. ГУРӮҲИ ХУРДИ 752.

### § 1. Чӯбкорон, дуредгарони нодиракор ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1801. Чӯбкорон, чӯбкорони дарахти сурх ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд чӯбро нигоҳдорӣ, коркард мекунанд, ҷиҳоз, маҳсулот ва қисмҳои чӯбии воситаҳои нақлиёт ва дигар маҳсулоти чӯбиро истеҳсол мекунанд, ороиш медиҳанд, таъмир мекунанд, таҷҳизот барои хушккунӣ, муҳофизат, ва таҷҳизот, мошин ва дастгоҳҳои коркарди чӯбро танзим, истифодарӣ ва нигоҳубин мекунанд.

1802. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешавад:

– истифодабарӣ ва нигоҳдории таҷҳизот коркард ва дигар асбобҳо барои хушк кардани чӯб ва дигар маҳсулотҳо аз чӯб, инчунин, коркарди кимиёвӣ ва намкунии маҳсулоти чӯбӣ бо консервантҳо;

– ҷӯркунӣ ва истифодабарии дастгоҳҳои коркарди чӯб барои буридан, профилсозӣ ва шакл додани қисмҳо вакомпонентҳо;

– омӯзиши нақшаҳо, санҷиши андозаҳои маҳсулоти истеҳсолшавандаа, ба ҳам пайваст кардани қисмҳо барои ба даст овардани маҳсулоти тайёр, санҷиши сифат ва ҷобаҷокунии қисмҳо барои таъмини риояи таснифот;

– ҷӯркунӣ ва  танзими мошинҳои гуногун барои кори дигар коргарон;

– ҷӯркунӣ, барномасозӣ, истифодабарӣ ва мониторинги  навъҳои гуногуни дастгоҳҳои коркарди чӯб барои истеҳсол,  таъмир ё аз нав коркард  кардани қисмҳои чӯбии ҷиҳоз, мустаҳкамкунӣ ва дигар маҳсуноти чӯбӣ;

– омӯхтан ва шарҳ додани таснифот ё иҷрои дастурҳои шифоҳӣ.

1803. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7521 | Коргарони машғул бо коркарди ибтидоии чӯб |
| 7522 | Дуредгарони нодиракор ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 7523 | Танзимгарон ва операторони  дастгоҳҳои коркарди чӯб |

## § 2. 7521. Коргарони машғул бо коркарди ибтидоии чӯб

1804. Коргарони машғул бо коркарди ибтидоии чӯб дастӣ ё бо кӯмаки чунин дастгоҳҳои коркард, мисли камера ва зарфҳои хушккунӣ дарахт, чӯбу тахтаро хушк мекунанд, нигоҳдорӣ ва коркард мекунанд.

1805. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– истифодабарӣ ва нигоҳубини камераҳои хушккунӣ, зарфҳои таркунӣ ва дигар таҷҳизот барои хушк кардани чӯб, , тайёр  ва нигоҳ доштани чӯб ва дигар маҳсулот аз он, инчунин, бо консервантҳо тар кардани маҳсулоти чӯбӣ;

– назорати корҳои таҷҳизот, асбобҳо ва нишондиҳандаҳои лавҳагӣ барои муайян кардани радкунӣ аз стандартҳо ва таъмини ҷоришавии равандҳо дар мувофиқа бо таснифот;

– истифодабарии клапанҳо барои ворид кардани маҳлули коркард ба зарфҳои таркунӣ, нигоҳ доштани ҳарорати зарурӣ, ҳавоногузарӣ ва фишори гидравликӣ ва сатҳи маҳлул ба  ҳар як марҳилаи давраи коркард;

– ба кор андохтани насоспомпаҳои фишории вакуумӣ ва гидравликӣ барои аз автоклавҳо баровардани ҳаво ва буғ аз зарфҳо, таҳти фишор даровардан ба сӯрохиҳои чӯб барои тезонидани раванди коркард;

– кумак ба раванди хизматрасонии техникии таҷҳизоти коркард ва мошин аз рӯйи зарурат;

– тоза кардан, молидан ва танзимкунии дастгоҳ;

– интиқол додани масолеҳ ва маҳсулот ба  ҷойҳои коркард ба воситаи даст ё истифодаи занбарғалтак,  ароба ва ғарғараи борбардорӣ;

– пешбурд ва тартиб додани ҳисобот оид ба истеҳсоли маҳсулот.

1806. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– коркардкунандаи чӯб;

– оператори зарфҳо барои коркарди чӯб;

– оператори камераи хушккунанда;

– коргари хушк ва коркарди  шпон;

– хушккунандаи чӯб.

1807. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– дуредгар–7115;

– оператори дастгоҳи коркарди чӯб–8172.

## § 3. 7522. Дуредгарони нодиракор ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1808. Дуредгарони нодиракор ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд ҷиҳозҳои чӯбин, аробаҳо ва дигар воситаҳои нақлиёт, чарххо, ҷузъҳо, милбаст (арматура)-хо, қолибҳо, амсилаҳоҳо ва дигар маҳсулоти чӯбинро бо воситаи дастгоххо ва асбобҳои махсуси дастӣ месозанд, ороиш медиҳанд, таъмир мекунад.

1809. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– истифодабарии дастгоҳҳои коркарди чӯб, ба монанди арраҳои муҳаррикӣ, рандаҳо, дастгоҳҳои пардозкории чӯб ва гулкорӣ,инчунин, истифодаи асбобҳои дастӣ барои буридан, печдиҳӣ ва шакл додани қисмҳо ва ҷузъҳо;

– сохтани ҷиҳоз аз рӯйи нақшаву ангора, васлкунии ҷиҳози баданагӣ тариқи интихоб, мувофиқоварӣ ва мустаҳкамкунии ҷузъҳо;

– омӯзиши нақшаҳо, санҷиши андозаҳои маҳсулоти истеҳсолшуда ё омодакунии таснифот, санҷиши сифат ва ҷобаҷокунии қисмҳо барои таъмини риояи таснифот;

– коркарди ҷойҳои пайваст, мувофиқонии қисмҳо ва қисматҳои васлӣ барои ба даст овардани маҳсулоти тайёр бо истифода аз ширеш ва ҳалқа, инчунин, мустаҳкам кардани пайвандиҳо бо истифода аз меххо, печмеххо ва дигар мустаҳкамкунанда;

– тайёр кардан, тағйир додан ва таъмири маҳсулоти гуногуни чӯбӣ, аз ҷумла ҷавонҳо, ҷиҳоз, воситаҳои нақлиёт, амсилаҳои микёсӣ, лавозимоти варзишӣ, ҷиҳозу маҳсулоти милливу анъанавӣ (ба монанди сандуқ, гаҳвора, сутунҳои кандакоришуда, дару дарвоза) ва дигар ҷузъҳо ва маҳсулот;

– ороиши ҷиҳоз ва арматураҳо бо ҳотамкории чӯб ё мондани фонаҳо ва кандакорӣ;

– сайқалдиҳии сатҳи маҳсулоти чӯбӣ ё ҷиҳоз.

1810. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– аробасоз;

– устои чархсоз;

– дуредгари нодиракор;

– ҷиҳозсоз, чӯбу тахта

– ҷамъкунандаи масолеҳи рӯкашии ҷиҳоз

– наҷҷор;

– наҷҷор–истеҳсоли ҷиҳоз.

1811. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– чӯбтарош–7115;
– дуредгар –7115;
– васлгарон, маҳсулот аз чӯб ва ҳаммонанд–8219.

### § 4. 7523. Танзимгарон ва операторони дастгоҳҳои коркарди чӯб

1812. Танзимгарон ва операторони дастгоҳҳои коркарди чӯб дастгоҳҳои худкор ё нимхудкори коркарди чӯб, ба монанди дастгоҳҳои арракунии дақиқ, печдиҳӣ, рандакорӣ, парматарошӣ, ҳарротӣ ва кандакорӣ дар чӯб барои тайёр намудан ё таъмири ҷузъҳои ҷиҳоз, арматура ва дигар маҳсулоти чӯбиро танзим мекунанд, истифода ва назорат мебаранд.

1813. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– ҷӯркунӣ, барномасозӣ, истифодабарӣ ва мониторинги навъҳои гуногуни дастгоҳҳои коркарди чӯб барои арракунӣ, печдиҳӣ, пармакунӣ, рандакорӣ, манганакунӣ, суфтатарошӣ, тозакунӣ ё кандакорикунӣ бо мақсади омодакунӣ ё таъмири қисмҳои чӯбии ҷиҳоз, мустаҳкамкунандаҳо ва дигар маҳсулоти чӯбӣ;

– истифодабарии дастгоҳҳои махсуси коркарди чӯб бо насби пешакӣ барои тайёр кардани маҳсулот аз чӯб;

– интихоби кордҳо, арра, теғҳо, пармаҳо, дандонаҳо, исканаҳо ё тасмаҳои мувофиқ бо ҷузъҳои коркардшаванда, функсияҳои дастгоҳ ва таснифоти маҳсулот;

– насб ва танзим кардани теғҳо, парма, парматеғҳ ва тасмаҳои сайқалдиҳӣ, инчунин, истифодаи асбобҳои дастӣ ва ҷадвалҳо;

– ҷӯркунӣ ва танзими навъҳои гуногуни дастгоҳҳои коркарди чӯб барои идоракунии дигар операторон;

– хондан ва шарҳи таснифот ё риояи дастурҳо шифоҳӣ.

1814. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– танзимгари дастгоҳҳои коркарди чӯб;
– танзимгар- оператори дастгоҳи коркарди чӯб;
– оператори дастгоҳ барои кандакорӣ (дар чӯб);
– дастгоҳчии дастгоҳҳои коркарди чӯб;
– сайқалгари чӯб.

1815. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– тезкунанда–7224;
– васлкор, маҳсулоти чӯбин ва ҳаммонанд–8219.

## 145. ГУРӮҲИ ХУРДИ 753.

### § 1. Коргарони меҳнати дастӣ, истеҳсолкунандаҳои либос ва пойафзол

1816. Коргарони меҳнати дастӣ, истеҳсолкунандаҳои либос ва пойафзол либоси фармоишии тайёрро мувофиқоварӣ, тағйирдиҳӣ ва таъмир мекунанд, матоъ ва мӯинаро тарроҳӣ намуда, либос медӯзанд, инчунин маҳсулоти чармӣ ва мӯинагӣ, либос, дастпӯшак ва дигар маҳсулоти нассоҷиро, таъмир, азнавсозӣ мекунанд, оро медиҳанд, барои либос нусха (андоза) тайёр мекунанд; рӯйпуш (чихол)-и ҷиҳоз, абзорҳо, абзорҳои ортопедӣ ва ҷиҳозоти автомобилҳоро насб, таъмир ва иваз мекунанд; пӯст, мӯина ё чармҳои ҳайвонҳоро мебуранд, тоза мекунанд, даббоғӣ мекунанд, суфта ва ранг мекунанд, пойафзол ва маҳсулоти чармиро дигарсозӣ ва таъмир мекунанд.

1817. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешавад:

– мувофиқоварӣӣ, дигарсозӣ ва таъмир кардани либоси фармоишӣ;

– тарҳрезӣ ва истеҳсоли либоси фармоишии инфиродӣ аз матои нассоҷӣ, чарми тунук ва дигар масолеҳ ё тайёркунии кулоҳ ва мӯйкулоҳ (мӯйҳои сунъӣ);

– тағйирдиҳии услуби либос;

– тайёркунии намунаҳои қолибмистар барои истеҳсоли либос ва дигар маҳсулоти нассоҷӣ, чармӣ ё аз мӯина;

– дӯхтан, пайваст, ямоқ, таъмир, дигарсозӣ ва ороиш додани либос, дастпӯшҳо ва дигар маҳсулот аз матоъ, мӯина, чарми тунук ва дигар масолеҳ;

– насб, таъмир ва иваз кардани рӯйпушҳои ҷиҳоз, абзорҳо, абзорҳои ортопедӣ, курсиҳо, лавҳаҳо ва дигар ҷиҳозоти автомобилҳо, вагонҳои роҳи оҳан, ҳавопаймоҳо ва маҳсулоти ҳаммонанд;

– буридан, тозакунӣ, даббоғӣ, суфта ва ранг кардани пӯст, мӯина ё чарми ҳайвонот барои тайёр кардани чарми коркардшуда ва мӯинаҳои тайёр барои истеҳсоли либос ва дигар маҳсулот;

– дӯхтан, дигарсозӣ ва таъмири пойафзоли стандартӣ, фармоишӣ ё ортопедӣ ва маҳсулоти аз чарми табиӣ сунъӣ.

1818. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7531 | Дӯзандаҳои либоси мардона ва занона, мӯинадӯзон ва кулоҳдӯзон |
| 7532 | Омодакунандагони қолибмистар ва бурандаҳо |
| 7533 | Дӯзандаҳон, гулдӯзон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 7534 | Рӯйкашкунандагони ҷиҳоз ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 7535 | Коркардкунандагони пӯст ва чармгарону пӯстиндӯзон |
| 7536 | Пойафзолдӯзон ва омодакунандагони маҳсулоти ҳаммонанд |

## § 2. 7531. Дӯзандаҳои либоси мардона ва занона, мӯинадӯзон ва кулоҳдӯзон

1819. Дӯзандаҳои либоси мардона ва занона, мӯинадӯзон ва кулоҳдӯзон либоси дӯхашудаи фармоишӣ ё либоси кори дастиро тайёр, мувофиқсозӣ, дигарсозӣ ва таъмир мекунанд. Онҳо тибқи фармоишҳои инфиродӣ либосҳоро, ба монанди костюм, палто ва куртаҳоро аз матои гуногун, чарми тунук ва дигар масолеҳ медӯзанд ё кулоҳҳо ё мӯйкулоҳҳоро (мӯйҳои сунъӣ) бо фармоиши мизоҷон ё мувофиқ бо таснифоти мизоҷон ва истеҳсолкунандагони либос омода мекунанд.

1820. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– дӯхтани палто, костюм, доман (юбка), курта, куртаи нимтана, тагпӯшҳо, тагпӯшҳои корсетӣ, кулоҳ, мӯйкулоҳ (мӯйҳои сунъи) ва либоси ҳаммонанд, одатан аз рӯйи фармоишҳои инфиродии мизоҷон;

– интихоби матои нассоҷӣ, чарм ё пӯсти мӯина мувофиқ ба андоза, ранг, сохтор ва сифати либос зарур;

– буридани либос аз рӯйи намунаи либос ва ҷо ба ҷо кардан дар намунаҳо мувофиқи дизайни либос;

– тағйир додани услуби либос, аз ҷумла, танг кардани зерпоча ва лабгардон, инчунин, илова ё хориҷ намудани астар;

– интихоб, тағйир ва мавофиқсозии қолибмистарҳои тиҷоратӣ, мутобиқ бо таснифоти мизоҷон ва истеҳсолкунандагони либос;

– мавофиқсозӣ, дигарсозӣ ва таъмир кардани либос, куртаҳо, палто ва дигар либос мувофиқи талаботи мизоҷон;

– тайёр ва нигоҳубини костюмҳои дар театр, телевизион ва синамо истифодашаванда;

– омодакунии чинҳо, печдарпечиҳо ё пардапӯшонӣ бо мато, ба монанди атлас ё абрешим, инчунин, дӯхтани тасма ё матоъ дар шакли гулҳои сунъӣ ё бант дар теппа ва майдони кулоҳ барои шакл додан ва ороиши теппакулоҳ;

– якҷоядӯзӣ ва мустаҳкамкунии масолеҳ ва дастаи мӯй барои тайёр кардани мӯйкулоҳ (мӯйҳои сунъӣ),

– интихоби рангҳои мӯй барои ба мӯйкулоҳ (мӯйҳои сунъӣ) намуди табиӣ бахшидан, ба тартиб даровардани дастаҳои мӯй дар мавқеъҳои муайян ва дӯхтани мӯй барои шакл додани ҳалқаи мӯй;

– дӯхтан, дигарсозӣ, навкунонӣ ва таъмири либоси мӯинадор ва дигар маҳсулоти мӯинагӣ;

– ба хелҳо ҷудокунии палтоҳои куҳнаи мӯинадор ва чармӣ, ширешкунии матоъ ба сатҳи дарунии палтоҳои мӯинадор ё қайчикунии либоси мӯинадор.

1821. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мӯинакор;
– услудшиноси кулоҳҳо;
– чевар;
– дӯзанда;
– пӯстиндӯз - чамъкунанда;

– пӯстиндӯз - буранда;
– ҷудокунандаи мӯина;
– устои теппакулоҳ.

1822. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– коргар, тайёркунандаи матоъ–7318;
– оператори дастгоҳи дӯзандагӣ–8153.

## § 3. 7532. Омодакунандагони қолибмистар ва бурандаҳо

1823. Омодакунандагони қолибмистар ва бурандаҳо қолибмистарҳои намунавиро барои истеҳсоли  либос ва дигар маҳсулоти нассоҷӣ, чармӣ ё мӯина омода мекунанд. Онҳо матоъ, чарми тунук ва дигар масолеҳро ҳангоми омодакунии либос, теппакулоҳ, кулоҳи лапарӣ, дастпӯшҳо ва як дигар маҳсулоти гуногун мувофиқи равшанинусхаҳо ё таснифот, нишонагузорӣ мекунанд, пора мекунанд, шакл дода ва мебуранд.

1824. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– таҳияи қолибмистарҳо ба ҳар як андоза дар доираи ҳаҷми андозаи пешбинишудаи либос бо истифода аз диаграммаҳо, асбобҳои тарҳкашӣ, компютерҳо ва/ё дастгоҳҳои тамғагузорӣ;

– ташкили равшанинусхаҳо ё ҷузъҳои қолибмистарҳо барои вариантҳои алоҳидаи  либос бо истифода аз компютер;

– ҳисобгирии андозаи қолибмистар  мувофиқи андозаҳо ва бо назардошти ёзандагии матоъ;

– кашидани ҷузъҳои алоҳида дар ҷузъҳои контурӣ барои нишон додани ҷойҳои пайвасти ҷузъҳо, инчунин, ҷойгиршавии чинҳо, киссаҳо, сурохии тугмаҳо дар  либос;

– ҷойгиркунии қолибҳо ё андозагирии мавод барои ҷойгир кардани нуқтаҳои алоҳидаи чок ё гирифтани баромади ҳадди аксар, инчунин, нишонагузории мувофиқи матоъ;

– ба матоъ гузоштани қолибмистари намунавӣ ва  тайёр кардани андозанусхаи либос;

– санҷиши қалибмистарҳо бо роҳи дӯхтан ва мувофиқсозии намунаҳои  озмоишии либосҳо;

– гузоштани қолибмистар ба сатҳи матоъ ва буридани матоъ мувофиқи андозаҳо бо истифодаи кордҳои барқӣ ё дастӣ ё мошини либосбурӣ бо идоракунии барномавии рақамӣ;

– поракунии матоъ ё пӯсти мӯина барои тайёр кардани ҷузъҳои либос ва дигар маҳсулоти мӯинагӣ;

– буридани матои  зиёдатӣ ё риштаҳо аз маҳсулоти тайёр, аз  ҷумла буридани нӯги охири пайвастнашудаи  маҳсулоти  тайёр;

– ҷо ба ҷо кардани чармҳо дар платформаҳои мошин барои  буридан бо мақсади самаранок  истифода бурдани масолеҳ, ба назар гирифтани сохторҳои сатҳи  чарм, нуқсонҳо ва ёзандагии масолеҳ;

– омода кардани андозанамуна, нишонагузорӣ ва поракунӣ ҳангоми истеҳсоли дигар маҳсулот, аз он ҷумла, ашьёҳои либос аз матоъ.

1825. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– бурандаи либосо;
– омодакунандаи қолибмистар;
– амсиласози мӯина;
– амсиласози либос;
– буранда.

1826. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– дӯзанда–7533;
– оператори дастгоҳ оид ба омодакунии матоъ–8159.

## § 4. 7533. Дӯзандаҳо, гулдӯзон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1827. Дӯзандаҳо, гулдӯзон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд либос, дастпӯшак ва дигар маҳсулоти матоъ, мӯина, чарми тунук ва дигар масолеҳ медӯзанд, таъмир, навкорӣ мекунанд ва ороиш медиҳанд. Онҳо асосан, дастӣ, бо истифодаи сӯзан ва ришта кор карда, баъзе амалиётро бо ёрии мошинҳои дӯзандагӣ иҷро мекунанд.

1828. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– таъмири нуқсҳо ё қисмҳои вайроншудаи матоъ дастӣ, бо истифодаи риштаю сӯзанҳои мувофиқ;

– кандани дарзҳо аз либос барои дигарсозӣ бо истифода аз корд ё теғи риштарошӣ ;

– интихоби ришта мувофиқ бо таснифот ё ранги ҷузъҳо ё худ ранг кардани ришта мувофиқ бо ранг ва тобиши матои таъмиршаванда;

– ямоққунии сӯрохӣ, сӯрохиҳои даридашуда ва дарзҳои ҷудошуда ё ямоққунии маҳсулоти нуқсдор бо бо истифода аз сӯзан ва ришта;

– кашидани қисматҳои дарунии либос ба берун бо истифода аз чангакҳо;

– бо қайчӣ буридани риштаҳо барои ба қисмҳои таъмиршуда додани монандӣ ба дигар ҷузъҳои матоъ;

– гулдӯзии дастии сатҳи нақшҳои чопӣ, мағзӣ ё зери гарда расондаи нақшҳо дар матоъ бо истифодаи сӯзан ва риштаҳои ранга;

– бо даст ё дастгоҳи дӯзандагӣ бо истифодаи сӯзан ва риштаҳои ранга гулдӯзӣ кардани нақшҳо дар матоъ;

– нармкунии чарм ё масолеҳи пойафзол бо об барои дӯхтан омода кардан;

– дӯхтан ё часпондани ҳошияҳои ороишӣ ба маҳсулот, ба монанди теппакулоҳ, кулоҳи лапарӣ ё теппакулоҳҳои занона;

– дастӣ дӯхтани матои чатр ба қафасамустаҳкамкунии матоъ ба сиҳҳо бо ёрии дарзҳо барои нигоҳ доштани чатр дар ҳолати ҷамъшуда;

– омода ва ҷамъкунии матои дурушт, айвонҳо ва соябонҳо.

1829. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоиимазкур мансуб:

– гулдӯз;

– гулдузи чакан ва сузанӣ;

– омодакунандаи лавозимот;

– дӯзанда.

1830. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– коргар–ҳунарманд, омодакунандаи матоъ–7621;

– чевар–7531;

– оператори мошини дӯзандагӣ–8153.

## § 5. 7534. Рӯйкашкунандагони ҷиҳоз ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1831. Рӯйкашкунандагони ҷиҳоз ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд рӯйпушҳоро аз матоъ, чарм, чарми сунъӣ ва дигар масолеҳи рӯйпушкунӣ барои ҷиҳоз, лавозимоти ортопедӣ, курсиҳо, лавҳаҳо, болопӯшҳои ялашаванда ва дигар ҷиҳозҳои автомобилҳо, вагонҳои роҳи оҳан, ҳавопаймоҳо, қаиқҳо ва маҳсулоти ҳаммонандро насб, таъмир ва иваз мекунанд. Онҳо болишту курпаҳои лаганда ва матрасҳоро низ, медӯзанд, таъмир мекунанд.

1832. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– баррасӣ бо мизоҷон оид ба навъи матоъ, ранг ва услуби матоъ, арзиши рӯйпӯши ҷиҳоз ё дигар маҳсулот

– омода кардани қолибмистарҳо барои рӯйпӯшҳо дар асоси ангораҳо, шарҳи мизоҷон ё равшанинусхаҳо;

– нишонагузорӣ, ченкунӣ ва поракунии масолеҳи рӯйпӯш дар қолибмистар, қолибҳо, ангораҳо ё шартҳои техникӣ

– насб, тарангкунӣ ва мустаҳкамкунии фанарҳо, тагмонҳо ва масолеҳи рӯкашӣ дар шотуи ҷиҳоз;

– дастӣ дӯхтани масолеҳи рӯйпӯш барои пӯшонидани болиштҳо ва пайвасти ҷузъҳои масолеҳи рӯйкашӣ;

– дӯхтани чокиҳо ё сӯрохӣ дар матоъ ё кӯкзанӣ бо истифода аз сӯзан ва ришта;

– кӯк задан, часпондан ё дӯхтани пардози ороишӣ, нах, бандҳо ва дигар лавозимот ба рӯйпӯшҳо ё шотуи маҳсулоти рӯпӯшшуда;

– нишонагузорӣ, буридан, омодакунӣ ва насби рӯйпӯшҳо дар ҳавопаймоҳо, нақлиёти автомобилӣ, вагонҳои роҳи оҳан, қаиқҳо

– таъмири рӯпӯшҳои чармӣ дар дасту пойҳои сунъӣ;

– азнавкунии ҷиҳози антиқа (қадима) бо истифода аз асбобҳои гуногун, аз ҷумла исканаи чоккунӣ, болғаҳои магнитӣ ва сӯзанҳои дароз;

– ҳамкорӣ бо рассомон-ороишгарон ҳангоми ородиҳии хучраҳо ва ҳамоҳангсозии дастрасткунии матоъ;

– тайёр кардани курпаҳои лаганда, болишту матрас.

1833. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– рӯйкашкунанда, ҷиҳоз;
– рӯйкашкунанда, лавозимоти ортапедӣ;
– рӯйкашкунанда, воситаҳои нақлиёт.

1834. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– дӯзанда–7533;
– оператори мошинҳои дӯзандагӣ–8153.

## § 6. 7535. Коркардкунандагони пӯст ва чармгарону пӯстиндӯзон

1835. Коркардкунандагони пӯст ва чармгарону пӯстиндӯзон пӯст, мӯина ё чарми ҳайвонотро барои истеҳсоли либос ва дигар маҳсулот пора мекунанд, тоза ва даббоғӣ мекунанд, суфтагарӣ ва ранг мекунанд.

1836. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– муайян кардани навъу сифати ашёи хоми мӯина ва чарм мувофиқ бо ранг, тобиш, андоза ва зичӣ;
– тозакунии ашёи хоми мӯинаву чарм ва коркарди он бо мақсади нармкунии он;
– аз пӯст хориҷ намудани мӯи дароз, дағал ва қайчикунии тибит то дарозии якхела;
– даббоғӣ ва коркарди пӯст барои бардоштаи ҷило ва зебоӣ ё барқароркунии намуди табии пӯст
– тайёр кардани маҳлули таркиби махсус барои коркарди пӯст ё чарм;
– коркарди пӯст ва чарм дар маҳлули даббоғӣ барои коркард ба чарм;
– тобишдиҳӣ ё рангкунии мӯинаҳо барои беҳтар намудани тобиши табии онҳо;
– росткунии қатҳову нах дар пӯст ё чармҳои нам, аз якдигар ҷудо кардан ва тунуккунӣ дар ғалтакҳои тунуккунӣ
– даббоғӣ ва пошидани ранг ва моддаҳои рангкунанда ба чарм;
– кашидан ва ҳамвор кардани пӯстҳои коркардшуда;
– коркарди дастии чарм бо роҳи баробар молидани маҳлули кимиёвӣ ё равған ба сатҳ бо мӯқалам ва хушк кардани чарм дар ҳавои кушод.

1837. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ороишдиҳандаи чарм;
– даббоғ;
– рангкунандаи чарм;
– коркардкунандаи ашёи хоми мӯинаву чарм;
– пӯстиндӯз;
– ҷудокунандаи пӯст.

1838. Баъзе машғлиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– коркардкунандаи пӯст–7535;
– оператори мошини даббоғӣ–8155.

### § 7. 7536. Пойафзолдӯзон ва истеҳсолкунандагони маснуоти ҳаммонанд

1839. Пойафзолдӯзон ва истеҳсолкунандагони маснуоти ҳаммонанд пойафзоли стандартӣ, фармоишӣ ё ортопедӣ ва маснуот аз чарми табиӣ ё сунъӣ, ба монанди борҷома, борҷомаи миёнаҳаҷм (саквояж) ва тасмаҳо (ба истиснои либосҳои чармӣ, кулоҳ ва дастпӯшҳо) тайёр, азнавсозӣ ва таъмир менамоянд ё дар раванди истеҳсоли пойафзолҳо ва маснуоти ҳаммонанд иштирок меварзанд. Онҳо пойафзол, борҷома ва тасмаҳоро оро дода, мустаҳакам ё пардоз менамоянд.

1840. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– истеҳсол, азнавсозӣ ва таъмири пойафзоли стандартӣ бо назардошти талаботи инфиродӣ;

– истеҳсол, азнавсозӣ ва таъмири пойафзоли ортопедӣ ё табобатӣ мувофиқи тавсияҳои табибон ё азнавсозии пойафзоли мавҷуда барои одамони гирифтори бемории пой ё одамони дорои талаботи махсус;

– таъмири тасма, борҷома, ҳамёни занона ва маснуоти ҳаммонанд;

– истеҳсоли рехтаи гаҷии пойҳои шаклтағйирёфта ё панҷаи пой барои тайёр кардани тарҳҳо;

– истеҳсоли пошна, зерпошна ва баландии пой дар заминаи қолибҳои пойи фармоишгар;

– омӯхтани тарҳҳо ва дигар хусусиятҳо барои истеҳсоли пойафзол мувофиқи талаботи фармоишгарон;

– омӯзиши фармоиш барои иҷрои кор ва / ё тамғаҳо дар ҷузъҳои пойафзол ҷиҳати гирифтани маълумот оид ба сарбории кор, мушаххасот ва намудҳои маводи истифодашаванда;

– санҷидани таркиб, рангҳо ва устувории чарм барои муайян намудани дараҷаи коршоямии он барои мақсадҳои муайян;

– чокбурӣ, шакл додан ва часпонидани астар ҳангоми истеҳсоли маснуоти чармин;

– дӯхтани дарз ё ямоқкунии сӯрохиҳо бо мақсади таъмири маснуот, ба монанди ҳамёни занона, камарбанд, пойафзол ва ҷузвдонҳои боғоҷӣ;

– арзёбии хусусиятҳои пойафзол, ҷузъҳои пойафзол ва тарроҳии он барои санҷиши мутобиқати онҳо ба мушаххасот, аз ҷумла санҷиши дарздӯзӣ дар мавзеҳо;

– часпонидани лавозимот ё унсурҳои ороишӣ барои зинатдиҳӣ ё ҳифзи маснуот;

– истеҳсол ва таъмири маснуот, ба монанди зин ва афзол барои ҳайвонҳо, ҷузвдонҳои сафарӣ, борҷома, портфелҳо, ҷузвдонҳои чармӣ, камарбандҳо ва дигар лавозимот.

1841. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дузандаи пойафзоли ортапедӣ;
– дузандаи маснуоти чармӣ;
– мӯзадӯз оид ба таъмири пойафзол;
– сарроҷи истеҳсол ва ороиши маснуоти протезию ортопедӣ;
– сарроҷ-зинсоз.

1842. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– муинадӯз–7531;
– кулоҳдӯз–7531;
– оператори мошин оид ба истеҳсоли пойафзол–8159.

## 146. ГУРӮҲИ ХУРДИ 754.
### §1. Коргарони дигари соҳибтахассуси саноат ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1843. Коргарони дигари соҳибтахассуси саноат ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд бо истифода аз дастгоҳҳои нафасгирии зериобӣ кор карда, маводҳои таркандаро гузоштаву қисматбандӣ ва тарконида, сифату навъи ашёи хом, қисмҳои таркибӣ (компонентҳо) ва маснуотро муоина намуда, сифати онро санҷида, коркарди кимиёвии зироатҳои кишоварзӣ, биноҳо ва иншоотро барои нест намудани ҳашароти зараррасон ва алафҳои бегона амалӣ менамоянд. Ба ин гурӯҳи хурд машғулиятҳои дигари саноативу ҳунармандии ба дигар гурӯҳҳои асосӣ 7 Коргарони тахассусноки саноат, сохтмон, нақлиёт ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд, ворид нагардида, мансуб мебошанд.

1844. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– риояи қоидаҳои бехатарии техникӣ;
– иҷрои вазифаи гуногуни ғаввосӣ;
– гузоштани маводи тарканда дар чоҳҳои амудӣ;
– омехта намудани моддаҳои кимиёвӣ мутобиқи дастурамалҳо;
– истифода ва мониторинги таҷҳизот барои мубориза бо ҳашароти зараррасон ва алафҳои бегона.

1845. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7541 | Ғаввосон |
| 7542 | Тарконандагон ва оташдеҳон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 7543 | Муайянкунандагони навънокӣ ва озмоишгарони маснуот (ба истиснои маҳсулоти хӯрока ва нӯшокиҳо) |
| 7544 | Тамйизгарон ва дигар коргарони мубориза бар зидди зарарасонҳо ва алафҳои бегона |
| 7549 | Коргарони дигари саноат, сохтмон, нақлиёт ва машғулиятҳои ҳаммонанд |

## § 2. 7541. Ғаввосон

1846. Ғаввосон корҳоро дар зери об бо истифода ё бе истифодаи дастгоҳҳои нафасгирии зериобӣ бо мақсади муоина, насб, таъмир ва таҷзияи таҷҳизот ва иншоот, гузарондани озмоишу таҷриба, гузоштани маводи тарканда, аксбардории иншоот ё бошандагони зериобӣ, ҷамъоварии шаклҳои гуногуни ҳаёти обӣ бо мақсади тиҷорат ё таҳқиқот, инчунин барои ҷӯстуҷӯ ва наҷот додани одамон ва ашёҳои гумшуда, иҷро мекунанд.

1847. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– андешидани чораҳои эҳтиётӣ, ба монанди пайгирии давомнокӣ ва чуқурии ғӯтазанӣ, инчунин бақайдгирӣ дар мақомоти иҷозатномадиҳӣ пеш аз оғози экспедитсия;

– санҷиш ва хизматрасонии техникии таҷҳизоти ғаввосӣ, ба монанди кулоҳ, ниқоб, баллонҳо бо ҳаво, скафандрҳои ғаввосӣ, костюмҳо ва асбобҳои ғаввосӣ;

– бо кӯмаки ёрдамчиён ғӯта задан дар об бо истифода аз дастгоҳҳои нафаскашӣ барои шиноварӣ дар зери об ё скафандрҳои ғаввосӣ;

– корҳои зериобӣ барои насб ва таъмири иншооти гидротехникӣ, пулҳо, таҳкурсии деворҳои наздисоҳилӣ;

– рафъи монеаҳои зериобӣ ва бартарафкунии садамаҳои таҷҳизоти зериобӣ;

– парма кардани сӯрохиҳо барои корҳои таркишии зериобӣ;

– иҷрои вазифаҳои гуногуни ғаввосӣ вобаста ба корҳои наҷотдиҳӣ ё ҷустуҷӯ ва берун овардани ҷасади ҳалокшудагон;

– нигоҳдории алоқа бо коргарон дар рӯйи об ҳангоми дар зери об қарор доштан бо истифода аз воситаҳои алоқа;

– дастрас намудани маълумот оид ба вазифаҳои ғутазанӣ ва шароити муҳити зист.

1848. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ғаввос;
– ғаввос– наҷотдиҳанда;
– коргар- ғаввос.

## § 3. 7542. Тарконандагон, оташдеҳон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1849. Тарконандагон, оташдеҳон ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд маводҳои таркандаро дар қабатҳои маъданӣ, конҳо ва майдонҳо барои вайронкунӣ, ҷойгиру қисмбандӣ намуда, метарконанд.

1850. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– таъмини риояи техникаи бехатарӣ ва истифодаи эҳтиётонаи моддаҳои тарканда, тартиби нигоҳдорӣ ва таҳвил, инчунин риояи меъёрҳои пешбинишуда;

– банақшагирӣ ва дастурдиҳӣ нисбати ҷойгиркунӣ, чуқурӣ (амиқӣ) ва диаметри чоҳҳо;

– санҷиши чуқурӣ ва тозагии чоҳҳо;

– муайян кардани миқдор ва навъи моддаҳои таркандаи истифодашаванда;

– дар чоҳҳо гузоштани моддаҳои тарканда;

– васл ё роҳбарии коргарони дигар оид ба васл намудани зарядҳои аввалия бо истифода аз детонаторҳо ва патронҳои моддаҳои тарканда, инчунин пайваст кардани ноқилҳои барқӣ, пилтаҳо ва симҳои тарконанда ба зарядҳои аввалия;

– пайвасти силсилавии ноқилҳо, пилтаҳо ва симҳои тарконанда, санҷиши занҷирҳои барқӣ ва бартараф кардани носозӣ, инчунин, пайвастшавии пайдарпай ба мошинҳои тарконанда;

– пӯшонидани зарядҳо, пур кардани чоҳҳо бо чанги санг, қум ва дигар мавод, инчунин шиббакунии мавод барои бастабандии заряд;

– таъмини таркиши тамоми моддаи тарканда, инчунин хабардор намудани оташнагирӣ ва ҳалли ин масъалаҳо;

– санҷиши бехатарии минтақаҳои корҳои таркишӣ то ва баъди таркиши моддаҳои тарканда;

– мутобиқи қонуну меъёрҳо омодакунӣ ва пешбурди ҳуҷҷатгузорӣ оид ба истифодаи моддаҳои тарканда;

1851. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– тарконанда;
– оташдеҳ;
– коргар–тарконанда;
– тақсимгари маводи тарканда.

1852. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– усто (саркор) дар саноати истихроҷ–3121;
– пармагар (корҳои кӯҳӣ)–8111;
– пармагар (чоҳҳои нафту газ)–8113;
– коргари бетахассус дар саноати истихроҷи маъдани кӯҳӣ–9311;
– коргари бетахассуси коркарди кони рӯйизаминӣ–9311.

### § 4. 7543. Муайянкунандагони навънокӣ ва озмоишгарони маснуот (ба истиснои маҳсулоти хӯрока ва нӯшокӣ)

1853. Муайянкунандагони навънокӣ ва озмоишгарони маснуот (ба истиснои маҳсулоти хӯрока ва нӯшокӣ) намунаҳоро муоина, озмоиш, ба навъҳо ҷудо карда мегиранд ва ашёи хом, ҷузъҳои истеҳсолӣ ва молҳои ғайрихӯрока (истеҳсол ё фурӯхташуда)-ро барои таъмини мутобиқати онҳо

ба стандартҳои сифат, муайянкунии нуқсонҳо, хурдашавӣ ва дуршавӣ аз мушаххасот, инчунин муайянкунии навъ ва синфи онҳо мутобиқи сифаташон бармекашанд.

1854. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– мутобиқи мушаххасот ва стандартҳо, муоинаву озмоиши маҳсулот, ҷузъҳо ва мавод;

– муайян кардани навънокӣ ва синфи нахи табиии бофандагӣ барои ресандагӣ ва калобапечӣ;

– корношоямӣ ё рад кардани маҳсулот, мавод ва таҷҳизоти мушаххасотро қонеънакунанда;

– таҳлил ва шарҳи нусхаҳо, маълумот, дастурҳо ва дигар мавод барои муайян намудани мушаххасот, муоина ва гузаронидани озмоиш;

– огоҳ кардани мақомоти болоӣ ва дигар кормандон дар бораи мушкилоти марбут ба сифати маҳсулот, инчунин мусоидат дар ошкоркунӣ ва ҳалли ин мушкилот;

– ҳуҷҷатикунонии натиҷаҳои муоина ё озмоиш, бо назардошти вазн, ҳарорат, навъ ё намнокӣ, инчунин миқдори маҳсулоти муоинашуда ва яккачин;

– тамғагузории маҳсулот бо нишон додани нишондиҳандаҳо ба монанди навъ ва мақоми коршоямӣ ё корношоямӣ;

– ченкунии андозаи маҳсулот бо истифода аз асбобҳо ба монанди ҷадвалҳо, штангенсиркул, калиброченкун ё микрометрҳо;

– барои муайян кардани натиҷаҳои озмоиш, таҳлили маълумоти озмоиш ва гузаронидани ҳисобҳо вобаста ба зарурат.

1855. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– таснифгари пашм;
– нозири сифат;
– навъҷудокунандаи маҳсулот.

1856. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– нозири бехатарии маҳсулот–3257;
– навъҷудокунандаи меваҳо–7514;
– навъҷудокунандаи мӯина–7531;
– навъҷудокунандаи пӯст–7535.

## § 5. 7544. Тамйизгарон ва дигар коргарони мубориза бар зидди зараррасонҳо ва алафҳои бегона

1857. Тамйизгарон ва дигар коргарони мубориза бар зидди зараррасонҳо ва алафҳои бегона барои мубориза бо ҳашароти заррарасон, ҳайвоноти хурд, растаниҳои худрӯй ва дигар организмҳои номатлуб барои пешгирии талафёбии ҳосил, бино, дигар иншоот ва ҳудуди онҳо, инчунин барои пешгирии хатарҳои вобаста ба саломатӣ, моддаҳои кимиёвиро истифода менамоянд.

1858. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– истифода ва мониторинги таҷҳизот барои пошидани моддаҳои кимиёвӣ ҷиҳати мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон ва алафҳои бегона;

– омехта кардани моддаҳои кимиёвӣ мувофиқи дастур;

– пошидани пестисидҳо дар ҳудуд то чуқурии муайян, истифодаи маълумот оид ба вазъи обу ҳаво, андозаи қатраҳо, таносуби баландӣ, масофа ва монеаҳо;

– пошидан ё паҳн кардани маҳлулҳои кимиёвӣ ё газҳои заҳрдор, инчунин насбу гузоштани дом барои зараррасонҳо ва паразитҳо ба монанди муш, термит ва нонхӯракҳо;

– бардоштан, ҷойивазкунӣ ва баргардидани ҷумакҳо, шлангҳо ва лӯлаҳо барои равона кардани фавра ба соҳҳаҳои муайян;

– бо моддаҳои кимиёвӣ ва об пур кардани чалак (бак)-ҳо;

– тоза кардан ва хизматрасонии таҷҳизот барои таъмини кори самараноки он.

1859. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– коргари мубориза бо ҳашароти зараррасон;

– коргари мубориза бо алафҳои бегона;

– тамйизгар.

1860. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– сарнишини киштии ҳавоии авиатсияи кишоварзӣ –3153;

– оператори истеҳсоли моддаҳои кимиёвӣ–8131.

## § 6. 7549. Коргарони дигари саноат, сохтмон, нақлиёт ва машғулиятҳои ҳаммонанд

1861. Ба ин гурӯҳи ибтидоӣ коргарони дигари саноат, сохтмон, нақлиёт ва машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои дигари гурӯҳи асосии 7 Коргарони саноат, сохтмон, нақлиёт ва машғулиятҳои ҳаммонанд шомилнагардида, мансуб мебошанд. Мисол, ба ин гурӯҳ коргароне дохил мешаванд, ки дар зери об, бо моддаҳои тарканда, моддаҳои кимиёвӣ барои мубориза бо зарарасонҳо ва алафҳои бегона кор мекунанд, мошин ва механизмҳои нақлиёти роҳи оҳанро таъмир мекунанд, маводи саноативу сохтмониро истеҳсол мекунанд..

1862. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

− риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ;

− иҷрои корҳо дар зери об бо истифода ё бе истифодаи дастгоҳҳои нафаскашии зериобӣ;

− мувофиқи дастурамал барои рафъ кардани зарарасон ва алафҳои бегона омехта кардани моддаҳои кимиёвӣ, истифода ва мониторинги таҷҳизот, иҷрои коркарди кимиёвии зироатҳои кишоварзӣ, биноҳо ва иншоот;

– ҷойгиркунӣ, қисмбандӣ ва тарконидани моддаҳои тарканда дар қабатҳои маъданӣ, кон ва майдонҳои барои вайронкунӣ пешбинишуда;

– коркарди абрак, истеҳсоли чунин маводи саноатӣ ва сохтмонӣ, ба мисли семент, маснуоти асбестосементӣ ва асбестоселетӣ, маснуоти оҳану бетонӣ ва бетонӣ, маводи гармиҳифзкунӣ, сирешими қира ва кошин;

– гузаронидани муоина, санҷиш, хизматрасонии техникӣ, таъмири мошин ва механизмҳои нақлёти роҳи оҳан;

– иҷрои дигар уҳдадориҳои мазмунан ҳаммонанд ба мундариҷаи он.

1863. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– боркунандаи оташдонҳои нақбӣ;

– карбонизатор;

– гудозачӣ.

## 147. ГУРӮҲИ ХУРД 755.
## § 1. Коргарони соҳибихтахассуси саноати пахтатозакунӣ ва дигар машғулиятҳои ҳаммонанд

1864. Коргарони соҳибтахассуси саноати пахтатозакунӣ ва дигар машғулиятҳои ҳаммонанд, ба мушаххасоти бахши кишоварзии Тоҷикистон, ки ба парвариши зироати пахта нигаронида шудааст, мутобиқ буда, асосан дар корхонаҳои пахтатозакунӣ, нуқтаҳои қабул ва коркарди пахта ба шуғл фаро гирифта шудаанд, сифату навъи пахтаро муоина намуда, месанҷанд, ҷудокунии тухмиро аз нахи пахта таъмин намуда, нахи пахтаро дар шакли баста барои осон шудани таҳвил ва коркарди минбаъда (дар корхонаҳои ресандагию бофандагӣ) ташаккул медиҳанд.

1865. Ба ин гурӯҳи хурд инчунин машғулиятҳои дигари саноативу ҳунармандии бо коркарди нахи пахта вобаста, ки ба дигар гурӯҳҳои гурӯҳи асосии 7 Коргарони саноат, сохтмон, нақлиёт ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд дохил нестанд, мансуб мебошанд.

1866. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур чун қоида дохил мешаванд:

– истифодабарӣ ва нигоҳубинии таҷҳизоти корхонаҳои пахтатозакунӣ ва нуқтаҳои қабул, дигар таҷҳизот барои қабул, хушконидан, ҷудокунии тухмӣ, тозакунии пахтаи хом ва ё коркард бо мақсади ба даст овардани нахи пахта;

– созкунӣ (ҷурсозӣ) ва истифодабарии таҷҳизотҳо барои тозакунӣ, хушконидан, ҷудокунии тухмӣ, фишордиҳии нахи пахта дар бастаҳо;

– муайянкунии дарозии нах, намнокӣ, сифат ва навъи нах;

– таъмини ҳолати кории таҷҳизот, нигоҳубин ва истифодаи зарурии дастгоҳу таҷҳизот, аз ҷумла тасмаҳои ҳаракаткунандаи пахтатозакунӣ, шнек (стержни пармашакл), борбардорҳо, фишорихроҷҳо (экструдер) ва дигар таҷҳизоти барои гирифтани нахи пахта пешбинишуда;

– созкунӣ ва танзимсозии мошинҳои гуногун барои корҳои кормандони дигар;

– созкунӣ (ҷуркунӣ), барномасозӣ, истифодабарӣ ва мониторинги намудҳои гуногуни дастгоҳу таҷҳизоти барои ба даст овардани нахи пахта ва маҳсулоти ҳамроҳ, аз ҷумла пахта, пати пахта (линт) ва тухмӣ.

1867. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7551 | Коргарони истеҳсолоти пахтатозакунӣ |
| 7552 | Муайянкунандагони сифат ва навънокии нахи пахта |

## § 2. 7551. Коргарони истеҳсолоти пахтатозакунӣ

1868. Муҳтавои машғулияти коргарони истеҳсолоти пахтатозакунӣ асосан бо қабули пахтаи хом аз хоҷагидорон ва истеҳсоли нахи пахта вобаста мебошад. Онҳо чун қоида дар корхонаҳои пахтатозакунӣ, нуқтаҳои қабул ва коркарди пахтаи хом кор карда, функсияҳои зеринро иҷро менамоянд: сифату навъи пахтаи хомро муоина ва месанҷанд, ҷудокунии тухмиро аз нахи пахта таъмин карда, нахи пахтаро дар шакли бастаҳо ҷиҳати осон шудани таҳвили онҳо ва коркарди минбаъда дар корхонаҳои ресандагию бофандагии Тоҷикистон, ё барои содироти нахи молӣ ба хориҷи ҷумҳурӣ ташаккул медиҳанд.

1869. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи ибтидоии мазкур чун қоида дохил мешаванд:

– таъмини қабул ва анборкунонии пахтаи хом, тозакунӣ, хушконидан ва тайёркунӣ барои коркарди минбаъда;

– ҷудокунии нахи пахта аз тухмӣ, ташакулдиҳии бастаҳо ва нигаҳдорӣ ё тайёркунӣ барои таҳвил;

– истифодабарӣ, нигоҳубинии таҷҳизоти корхонаҳои пахтатозакунӣ ва нуқтаҳои қабул ва дигар таҷҳизот вобаста ба истеҳсоли нахи пахта;

– созкунӣ (ҷурсозӣ) ва истифодабарии таҷҳизотҳо барои тозакунӣ, хушккунӣ, ҷудокунии тухмӣ, фишорихроҷкунии нахи пахта дар бастаҳо, муайянкунии навъу сифати нахи пахта;

– созкунӣ (ҷурсозӣ), барномасозӣ, истифодабарӣ ва мониторинги намудҳои гуногуни таҷҳизоту асбобҳо барои бадастории нахи пахта ва маҳсулоти ҳамроҳ: пахта, пати пахта (линт) ва тухмиҳо.

1870. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– оператори линтер (дастгоҳи патбарор);
– челонгари танзимкунанда;
– оператори тасмаи ҳаракаткунандаи шнек (стержни пармашакл);
– ронандаи боркунандаи бастаҳо.

1871. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– мураттиби ғарамҳо;
– ронандаи комбайни пахтачин.

## § 3. 7552. Муайянкунандагони сифат ва навънокии нахи пахта

1872. Муайянкунандагони сифат ва навънокии нахи пахта пахтаи хомро муоина менамоянд, ба навъҳо ҷудо мекунанд, намунаҳоро интихоб мекунанд ва бар мекашанд, дарозии нах, дараҷаи намнокӣ, дараҷаи пухта расидани нахи пахтаро муайян мекунанд, таҳлилҳои озмоишгоҳӣ ва озмоишҳо барои муайян кардани сифати нах мегузаронанд ва дар асоси маълумоти гирифташуда сифат ва навънокии нахи пахтаро муайян карда, як миқдор (той) маҳсулоти тайёрро барои ба корхонаҳои ресандагӣ оянда фиристодан сертификатонӣ менамоянд.

1873. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– навъҷудокунанда;
– озмоишгари сифат.

1874. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– нозир оид ба сифат;
– нозири асбобҳои санҷишӣ–ченкунанда.

## 148. ЗЕРГУРӮҲИ 76. ҲУНАРМАНДОН ВА ИСТЕҲСОЛКУНАНДАГОНИ ИНФИРОДИИ МАҲСУЛОТИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ

1875. Фаъолияти ҳунармандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Қонун танзим карда мешавад. Ҳунармандон ба фаъолияти инфиродӣ, ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти дастӣ дар хона ё корхонаи хурд барои истеҳсол, коркард ва истеҳсоли молҳо, маҳсулоти дорои аҳамияти маишӣ ва армуғонҳо, инчунин хизматрасонӣ, аз ҷумла азнавсозии маснуот машғул буда, дар кори худ аз малакаҳои бадеӣ ва тахассусии меҳнати дастӣ истифода мебаранд. Ба ҳунармандон на танҳо устоҳо, балки шогирдони онҳо ва коргарони ҷалбшуда низ мансуб мебошанд.

1876. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур одатан иборатанд:

– ташкили истеҳсолот ва фурӯши молҳои инфиродӣ тайёршуда аз ҷумла соҳаи:

– кандакорӣ ва дуредгарӣ;
– коркарди метал (мис);
– истеҳсоли (тайёркунии) коғаз;
– фаъолияти дӯзандагӣ;
– коркарди матоъ, чарм ва пашм;
– таббохӣ (ошпазӣ);
– наққошӣ, рассомӣ ва нақшу нигори бадеӣ, кандакорӣ дар гаҷ;
– ҳайкалтарошӣ, сангтарошӣ;
– кулолгарӣ;
– истеҳсоли шиша, қолибсозӣ;
– заргарӣ;
– қолинбофӣ, ресандагӣ;

– дигар соҳаҳои ҳунармандӣ.

1877. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 761 | Истеҳсолкунандаҳои маҳсулоти хӯрока |
| 762 | Истеҳсолкунандаҳои нассосчӣ, либосҳо, чармҳо, чарнчиноворӣ ва пойафзолҳои чармӣ |
| 763 | Коркаркунандагони чӯб ва истеҳсоли маснуот аз чӯб |
| 764 | Истеҳсолкунандаҳои молҳои маишӣ ва дигар маҳсулоти ғайриметалии маъданӣ |
| 765 | Истеҳсолкунандаҳои металҳо ва маснуоти тайёри металӣ |
| 766 | Истеҳсолкунандаҳои асбобҳои мусиқӣ ва хизматрасонӣ дар санъати зебоӣ (латофат) |
| 767 | Сохтмончиён |
| 768 | Беҳдоштӣ ва тандурустӣ |
| 769 | Соҳибкорони инфиродӣ(хунармандон) дар соҳаи кишоварзӣ |

## 149. ГУРӮҲИ ХУРДИ 761.

### § 1. Истеҳсолкунандаҳои маҳсулоти хӯрока

1878. Коргарони истеҳсолоти хӯрокворӣ ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд чорворо забҳ мекунанд, нимтаҳоро коркард ва омода мекунанд, онҳоро ба маводи хӯрокаи мутобиқ барои истеъмоли одамон ва ҳайвонот коркард мекунанд, маҳсулоти гуногуни нонӣ, қаннодӣ ва дигар маҳсулоти ордӣ истеҳсол мекунанд, коркард ва консервкунонии меваю сабзавот ва маводи ҳаммонандро анҷом медиҳанд,чошнгирӣ ва муайянкунии навънокии маводи хӯрока ва нӯшокиҳоро мегузаронанд, тамокуро омода мекунанд ва маҳсулоти тамоку истеҳсол мекунад.

1879. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур чун қоида дохил мешаванд:

– забҳи чорво;

– коркард ва тайёр кардани гӯшт, моҳӣ ва маҳсулоти ҳаммонанд барои фурӯш;

– тайёр кардани навъҳои гуногуни нон (кулча), маҳсулот қаннодӣ ва дигар маҳсулоти ордӣ;

– коркард ва консервкунии меваю сабзавот ва маҳсулоти ҳаммонанд;

– тайёр кардани тамоку ва истеҳсолоти маснуоти тамокуӣ. Уҳдадории онҳо метавонад назорати коргаронро дарбар гирад.

1880. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7611 | Истеҳсолкунандаҳои орд ва маҳсулоти ордӣ (маҳсулоти нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ) |
| 7612 | Истеҳсолкунандаҳои маҳсулоти ширӣ ва равғанкашҳо |
| 7613 | Коркардкунандагон ва тайёркунандагони меваю сабзавотҳо |

| | |
|---|---|
| | (хушккунӣ, консервакунӣ, намаккунӣ) |
| 7614 | Истеҳсолкунандаҳои маҳсулоти тамоку |

### § 2. 7611. Истеҳсолкунандаҳои орд ва маҳсулоти ордӣ (маҳсулоти нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ)

1881. Ҳунармандони машғул ба истеҳсоли орд ва маҳсулоти ордӣ (осиёбонҳо, нонпазҳо, қаннодон ва истеҳсолкунандаҳои конфет) навъҳои гуногуни нон, торт, кулчақанд ва дигар маҳсулот аз орд мепазанд, инчунин аз шакар шоколади алоҳидаи фармоишӣ ва маҳсулоти қаннодӣ истеҳсол мекунанд.

1882. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– коркарди ғалла ва ғалладонаҳо бо мақсади тайёр кардани орд (дар осиёб);

– пухтани нон, торт, кулчақанди хушк, пирогҳо ва дигар маҳсулоти ордӣ;

– бо асбоби дастӣ ва механизмҳо пухтани маҳсулоти дастии қанодӣ аз шакар, шоколад ва дигар ҷузъҳо;

– якҷоякунии ҷузъҳои ченшуда дар зарфҳои мошин барои омехтакунӣ, махлуткунӣ (купажиронӣ) ва коркард бо гармӣ;

– санҷиши сифати ашёи хом бо мақсади риояи талаботи стандарт ва мушаххасот;

– молидани қиёми қандӣ ё дигар иловаҳо ба маҳсулоти нонпазӣ бо истифода аз белча ё мӯйқалам;

– санҷиши тозагӣ ва коршоямии таҷҳизот пеш аз ба кор даровардани мошинҳо бо мақсади риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва беҳдошти меҳнат;

– назорати ҳарорати танӯр ва намуди зоҳирии маҳсулот барои муайян кардани вақти пазиш;

– ҳамоҳангсозии шакл, боркунӣ, пухтан, берун овардан, аз қолиб гирифтан ва хунук кардани як миқдори нон, хлеб, батон, маҳсулоти ордӣ ва қаннодӣ.

1883. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– осиёбон;
– тайркунандаи шоколад;
– қаннод;
– конфетпаз;
– нонпаз;
– нонпаз–шаклсози кулчаҳои қандини ширмол.

### § 3. 7612. Истеҳсолкунандаҳои маҳсулоти ширӣ ва равғанкашҳо

1884. Истеҳсолкунандагони маҳсулоти ширӣ ва равғанкашҳо маска (равғани шир) ва навъҳои гуногуни панир, сметана, қаймоқ, фалла (творог) ё намудҳои дигари маҳсулоти шириро тайёр мекунанд.

1885. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– ҷӯшонидан ё пастеризатсиякунонии шир барои гирифтани маска бо дараҷаи зарурии равғаннокӣ;

– ҷудокунии қаймоқ аз шир ва гирифтани маска аз қаймоқ;

– ба шир ворид кардани микдори зарурии хамиртуруш ва дигар ҷузъҳо;

– лахтакунии шир, дамдиҳии фалла бо мақсади ба даст овардани шакли зарурӣ, хушккунии фалла ва ҷойгир кардани панир дар қолибҳо барои фишордиҳӣ;

– намаккунии панир ва сӯрох кардани он ё пошидани бактерия ба панир афзоиш додани мағор (пӯпанак);

– ҷобаҷокунӣ ва тоб додани брикетҳои панирӣ дар рафҳо барои пухта расидани панир;

– назорати сифати маҳсулот пеш аз бастабандӣ барои муоина, гирифтани намуна ва тағйир додани шароити нигоҳдорӣ дар ҳолати зарурӣ;

– сабт кардани миқдори ҷузъҳои хароҷотшуда, натиҷаҳои озмоиш ва давраҳои вақтӣ;

– коркард ва азнавкоркардкунии тухмии (гирифтани равған) офтобпараст, зағир, кунҷит, бодом ва арахис дар ҷувозҳои равғанкашӣ;

– ҷафидан, пок кардан ва полоиши равған барои фурӯш.

1886. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– истеҳсолкунандаи маска;
– истеҳсолкунандаи панир;
– истеҳсолкунандаи фалла;
– панирпаз;
– истеҳсолкунандаи зардоби ширӣ(чакка ва дуғ).

### § 4. 7613. Коркардкунандагон ва тайёркунандагони меваю сабзавотҳо (хушккунӣ, консервакунӣ, намаккунӣ)

1887. Ҳунармандони машғули захира ва коркарди меваю сабзавот , коркард ё консервакунии меваҳо, чормағзҳо ва маҳсулоти хӯрокаи ҳаммонандро бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла ҷушонидан, хушккунӣ ва намаккунӣ ё гирифтани афшура амалӣ менамоянд.

1888. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– тайёр кардани афшура аз меваҳои гуногун;

– ҷушонидан, намаккунӣ ё хушк кардани меваю сабзавот ва маҳсулотҳои ҳаммонанд;

– омехта ва илова кардани ҷузъиёт, ба монанди пектин, шакар, хушбӯйкунандаҳо ва сирко барои баланд бардоштани муҳлати нигоҳдорӣ

ва беҳтар кардани намуди зоҳирӣ ва таъм;

– гузоштани маҳсулоти хурокии консервашуда дар зарфҳои шишагини тамъизшуда ё дигар контейнерҳо.

1889. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– истеҳсолкунандаи мураббо;
– истеҳсолкунандаи мева бо омехтаи ширинӣ;
– истеҳсолкунандаи хушбӯйкунандаҳои таъми ғизо;
– парвардагар (маринадкунанда)-и меваю сабзавот;
– коргар оид ба консервакунии сабзавот;
– коргар оид ба консервакунии мева.

## § 5. 7614. Истеҳсолкунандаҳои маҳсулоти тамоку

1890. Ҳунармандони ба истеҳсоли тамоку ва таёркунии маҳсулоти тамоку машғулбуда, барги тамокуро коркард намуда, маҳсулоти гуногуни тамоку (папирос, сигор ва нос)-ро дастӣ ё бо истифодаи дастгоҳҳои оддӣ тайёр мекунанд.

1891. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– муайян намудани навънокии барги ферментшудаи тамоку ва ҷудокунии он аз рӯйи навъ, сифат ва ҷойи нашъунамо;

– омехта кардани барги тамоку мувофиқи тартиби тайёркунӣ барои ба даст овардани омехтаи хуштаъм;

– хизматрасонии дастгоҳҳои ваккумӣ барои нам кардани тамоку бо мақсади коркарди минбаъда;

– аз барги тамоку гирифтани рагчаву пояҳои асосӣ ва реза кардани тамоку;

– ба таври дастӣ ё бо восиатаи мошинҳои оддӣ тайёр кардани сигор, тамоку, тамокуи найшакл, бӯйкунанда ва дигар маснуоти ба гуруҳҳои дигар шомил гардида.

1892. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– истеҳсолкунандаи нос;
– истеҳсолкунандаи сигор;
– истеҳсолкунандаи тамоку;
– махлутгари (купажист) тамоку;
– навъҷудокунандаи барги тамоку.

## 150. ГУРӮҲИ ХУРДИ 762.
## § 1. Истеҳсолкунандаҳои нассоҷӣ, либосҳо, чармҳо, чарчинворӣ ва пойафзоли чармӣ

1893. Ҳунармандон оид ба нассоҷӣ, чарм, муина ва маводҳои ҳаммонанд техникаи анъанавию намунаҳоро барои тайёр кардани маводи матоъӣ, бофташуда, гулдӯзӣ ва дигар ҷузъҳои либоси анъанавии миллӣ, маводи рӯзғордорӣ, инчунин пойафзол, ҷувздон, камарбанд ва дигар лавозимот истифода мебаранд.

1894. Ба вазифаи кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан инҳо дохил мешаванд:

– ресандагӣ ва ранг кардани пашм, пахта ва дигар матоъ бо рангҳои табиӣ;

– турбофӣ, бофандагӣ, бофтан ё гулдӯзӣ кардан барои тайёр кардани ҷузъҳои гуногуни либос ва рӯзғордорӣ;

– дастӣ тайёр кардани матоъҳои миллӣ, аз ҷумла, адрас, алоча, атлас, беқасаб, гилеми бепат:

– гулдӯзӣ-дӯхтани нақш, нақшҳои чакан, чодарҳо (рӯйпуш), шероз, зардӯзӣ, қуроқдӯзӣ, дӯхтани рупуши болои гаҳвора;

– дӯхтани камзӯл, яктаҳ (халат), кулоҳ, тоқӣ, курпача (курпаи пахтагӣ), рафида (болишти мудаввари ҳамвор барои часпондан ба девори танур), рӯймолча, чакман, ҷелак (халати сабуки тобистонаи мардона):

– тайёр ва ранг кардани пӯст, чарм бо рангҳои табиӣ ва тайёр кардани пойафзол, ҷузвдон, камарбанд ва дигар лавозимот;

– тайёр кардани ҷузъҳои бадеию ороишӣ аз матоъ бо техникаи батикӣ, ашё барои дохили бино, композитсияҳои ороишию мавзуӣ бо навъҳои гуногуни техникаи расмкашӣ дар матоъ;

– бофтани матоъи якранг ва ранга, матоъҳои ороишӣ, тӯр, қолинҳо ва дигар матоъҳо бо истифодаи дастгоҳҳои дастии бофандагӣ;

– бофтани қолин бо усули бофтани гиреҳҳо;

– бофтани либос ва дигар маснуот бо даст ва бо мошинҳои дастӣ идорашаванда;

– тайёр кардани қолибҳо ва буридани чарму муина, васл кардани маснуоти бадеӣ аз чарму муина ва дар мошинҳои дарздӯзӣ дӯхтани онҳо, гулдӯзии бадеии маснуоти муинагию чармӣ, ороиши онҳо бо дарзҳои бофташуда ва аппликатсия (буриши онҳо);

– дастӣ сохтани турҳо;

– аз нах ташаккулдиҳии ришта, шонакунӣ, пайвастани ришта ба катон (холст) ё ташаккулдиҳии калоба аз ришта.

1895. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7621 | Истеҳсолкунандаҳои нассоҷӣ ва либосҳо |
| 7622 | Истеҳсолкунандаҳои чарм, чарчинворӣ ва пойафзолҳои чармӣ |

## § 2. 7621. Истеҳсолкунандаҳои нассоҷӣ ва либосҳо

1896. Ҳунармандони нассоҷӣ барои тайёр кардани либосҳои анъанавии миллӣ, матоъҳои бофандагӣ, гулдӯзӣ, бофташуда ва дигар ашёҳои либосу рӯзғордорӣ, техникаи анъанавию намунаҳоро истифода мебаранд.

1897. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

- бо усули дастӣ тайёр намудани матоъҳои миллӣ, аз ҷумла, адрас, алоча, атлас, беқасаб, қолинҳои бепат;

– гулдӯзӣ-дӯхтани нақш, нақшҳои чакан, чодарҳо (рӯйпуш), шероза, зардӯзӣ, қуроқдӯзӣ, дӯхтани рӯйпӯши гаҳвора;

– дӯхтани камзӯл, хилъат, кӯлоҳ, тоқӣ, курпача (курпаи пахтагӣ), рафида (болишти мудаввари ҳамвор барои часпонидани нон ба девори танӯр), рӯймолча, чакман, ҷелак (болопӯши сабуки тобистонаи мардона);

– тӯрбофӣ, бофандагӣ, бофтан ё гулдӯзӣ барои тайёр кардани ашёи гуногуни либосҳо ва рӯзғордорӣ;

– истеҳсоли маснуоти бадеию ороишӣ аз матоъ бо техникаи батикӣ, маснуот барои дохили бино, композитсияҳои ороишию мавзуӣ бо навъҳои гуногуни техникаи нақшбандӣ дар матоъ;

– бофтани матои якранг ва ранга, матои ороишӣ, тӯр, қолинҳо ё дигар матоъ бо истифодаи дастгоҳҳои бофандагии дастӣ;

– бофтани қолин бо усули бофтани гиреҳҳо;

– бофтани либос ва дигар маснуот бо мошинҳои идоракунии дастӣ ё дастӣ.

1898. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– адрасбоф;
– гулдӯзи дӯхти нақшӣ;
– гулдӯзи нақшҳои сӯзанӣ;
– гулдӯзи нақшҳои чакан;
– гулдӯзи чодар (рӯйпӯш);
– гулдӯзи шероза;
– қолинбоф;
– риштарес;
– ҷелакдӯз.

## § 3. 7622. Истеҳсолкунандаҳои чарм, чарчинворӣ ва пойафзолҳои чармӣ

1899. Ҳунармандони чарм, мӯина ва масолеҳи ҳаммонанд бо истифода аз техника ва амсилаҳои анъанавӣ пойафзоли миллӣ ва замонавӣ, ҷазвадон, камарбанд ва дигар лавозимот истеҳсол мекунанд, инчунин, лавозимот (барои аспу хар-корҳои сарроҷӣ), ҳунари пойафзолдӯзӣ–дӯхти мӯза, таъмири пойафзоли куҳна, дӯхтани маҳсӣ ва ғайраро анҷом медиҳанд.

1900. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– омода ва ранг кардани пӯст, чарм бо рангҳои табиӣ ва истеҳсоли пойафзоли анъанавӣ, ҷузвдон, камарбанд, тасма ва дигар лавозимот;

– тайёр кардани қолибҳо ва буриши чарм ва мӯина, васл кардани маснуоти бадеӣ аз чарму мӯина ва ороиши онҳо бо дарзҳои бофташуда ва аппликатсия (буриш);

– истеҳсоли либоси чармин (палто, камзӯл) лавозимот (ҳамён, портмоне, камарбанд, дастпӯшак, тасма ва ғайра), лавозимоти ҳарбӣ (ғилофи корду шамшер, тасмаи шамшеровезӣ, ғилофи таппонча ва ғайра).

1901. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– дӯзандаи маҳсулоти чармӣ;
– маҳсидузӯ, мукидӯз (пойафзоли миллӣ);
– таъмиргари пойафзоли куҳна;
– сарроҷ (зинсоз);
– истеҳсолкунандаи қамчин ва лаҷом.

## 151. ГУРӮҲИ ХУРДИ 763.
### § 1. Коркардкунандагони чӯб ва истеҳсоли маснуот аз чӯб

1902. Ҳунармандони чӯб (ба истиснои истеҳсоли саноатии мебел) дари кандакорӣ, кату сандуқ, гаҳвораҳои миллии кандакориро истеҳсол намуда, табақҳои чӯбӣ, қошуқ, шона, мебел, қисмҳои чӯбини дохили бино, дару тиреза, айвонҳои миллӣ, маҳсулоти чӯбин ва масолеҳи ба ин монандро бо фармоишҳои инфиродӣ тарошида, навъҳои арзишноки чӯб, ток ва кундаҳоро захира, интихоб ва коркард карда, чунин усулҳои анъанавиро, ба монанди хушк ё таркунӣ, барои омода кардани чӯб, коҳ, қамиш, гил, садаф ва дигар масолеҳ, бо мақсадҳои ороишӣ истифода мебаранд ё маснуоти гуногуни таъйиноти шахсӣ ва маиширо рангу оро дода, қолаббандӣ, ҷамъоварӣ карда, мебофанд ё ранг карда, ороиш медиҳанд.

1903. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан инҳо дохил мешаванд:
– ҷамъоварии чӯб, ток, коҳ, қамиш ё маводи ҳаммонанд;
– тайёр кардани мебели бофташуда аз най, ток ва маводи ҳам монанд;
– тайёр кардани зарфҳои чӯбин, қошуқ ва шона;
– тайёр кардани сабадҳои гуногун аз токҳои бофташуда, ротан, най, қамиш ва маводҳои ҳаммонанд барои истифодаи ороишию маишӣ;
– тайёр кардани мебели фармоишӣ, дару тиреза, катҳо ва сандуқ, гаҳвораи миллӣ, маснуоти бофташуда, маснуот аз чӯб ва маводҳои ҳаммонанд;
– шаклдарорӣ, ҷамъоварӣ, бофтан, ранг кардан ва оро додани маҳсулоти гуногун;
– кандакории гулҳо ва мавзуҳои бадеӣ бо мақсадҳои ороишӣ дар қабати болоии чӯб;
– тайёр кардани қисмҳои чӯбини дохили бино, айвончаҳои миллӣ;
– дастӣ расмкашии нақшҳои ороишӣ дар чӯб;
– кандакорӣ, васлкунӣ, бофандагӣ, расмкашӣ ва ороиш додани ашёҳои гуногуни шахсӣ ё рӯзгор, аз ҷумла, нондон, косаи хӯриш, қошуқ, тахтача, лаълӣ, гулдон, кӯза, сабад, кӯлоҳу матои коҳин ва ғайра;
– кандакорӣ, васл ва расмкашӣ ашёи гуногуни ороишӣ, аз ҷумла ҳайкалчаҳо ва дигар асарҳои ҳайкалтарошӣ, донаҳои шоҳмот, ҷавоҳирот, бозичаҳои чубин ва ашёҳои ҳаммонанд.

1904. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7631 | Дуредгарӣ ва санъати харротӣ |
| 7632 | Кандакорӣ дар чӯб |

## § 2. 7631. Дуредгарӣ ва санъати харротӣ

1905. Ҳунармандон (дуредгарон ва харротон) тарошидани зарфҳои чӯбин, қошуқ ва шона, мебели фармоишӣ, қисмҳои чӯбини дохили бино, айвончаҳо, дару тиреза, маснуоти бофташуда, маснуот аз чӯбро ва маводи ҳаммонандро иҷро намуда, навъҳои арзишноки чӯб ва токро ҷамъоварӣ, интихоб ва коркард карда, аз чунин усулҳои анъанавӣ, монанди хушк кардан ё намкунӣ, барои тайёр кардани чӯб, коҳ, най, гил ва дигар маводҳо истифода бурда, маснуоти гуногуни истифодаи шахсӣ ё маишӣ ё бо мақсадҳои ороишӣ бурида, шакл дода, ҷамъ намуда, мебофанд ё ранг ва ороиш медиҳанд.

1906. Ба ухдадории онҳо дохил мешавад:

– ҷамъоварии чӯб, ток, коҳ, қамиш ё маводи ҳаммонанд;

– тайёр кардани мебели бофташуда аз най, ток ва маводи хаммонанд;

– тайёр кардани зарфҳои чӯбин, қошуқ ва шонаҳо;

– тайёр кардани сабадҳои гуногун аз токҳои бофташуда, ротан, най, камиш ва маводи ҳаммонанд барои истифодаи ороишию маишӣ;

– тайёр кардани мебели фармоиши инфиродӣ, дару тиреза, маснуоти бофташуда, маснуот аз чӯб ва маводи ҳаммонанд;

– шакл додан, ҷамъ намудан, бофтан ё рангу ороиши маснуоти гуногун;

– бо мақсадҳои ороишӣ буридани гулҳо ва мавзуҳои бадеӣ дар қабати болоии чӯб.

1907. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– устои қошуқтарош;
– устои табақтарош;
– устои шонатарош;
– устои ҷевонсоз;
– устои армуғон;
– устои қафасбоф;
– устои сабадбоф.
–

## § 3. 7632. Кандакорӣ дар чӯб

1908. Ҳунармандони соҳаи кандакорӣ тибқи фармоиши инфиродӣ дарҳои кандакорӣ, кату сандуқ, гаҳвораи миллӣ, мебел, қисмҳои чӯбини дохили бино, айвончаҳои миллиро тайёр намуда, навъҳои чӯбҳои арзишнокро интихоб ва коркард карда, маснуоти кандакории гуногунро бурида ороиш медиҳанд.

1909. Ба ухдадории онҳо дохил мешавад:

– тайёр кардани қисмҳои чӯбини кандакоришудаи дохили бино, дарҳо, сақфҳо, кату сандуқҳо ва гаҳвораи миллӣ;

– расмкашии нигораҳои ороишии дастӣ дар чӯб;

– кандакорӣ, васлкунӣ, бофтан, расмкашӣ ва ороиши ашёҳои гуногуни истифодаи шахсӣ ё маишӣ, аз ҷумла нондон, табақи хӯриш, қошуқ, тахтача, лаълӣ, гулдон, кӯза, сабад, хаскулоҳҳо, матоъи коҳин ва ашёҳои ҳаммонанд;

– кандакорӣ, васл ва расмкашии ашёҳои гуногуни ороишӣ, аз ҷумла, ҳайкалча ва дигар асарҳои ҳайкалтарошӣ, донаҳои шоҳмот, ҷавоҳирот, бозичаҳои чӯбин ва ашёҳои ҳаммонанд.

1910. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– устои гаҳворатарош;

– устои сандуқсоз;

– устои кандакор;

– устои катсоз.

## 152. ГУРӮҲИ ХУРДИ 764.

### § 1. Истеҳсолкунандаҳои молҳои маишӣ ва дигар маҳсулоти ғайриметалии маъданӣ

1911. Ҳунармандони гилкор, сафолот ва маводи ҳаммонанд маснуоти кулолиро тайёр карда, маснуотҳои сафолӣ, хокаҳои резашакл (абразивӣ), фарфоруфаянсӣ, маснуоти сафолии барқӣ, бинокорӣ ва сангро бо даст ё бо истифода аз асбобҳои коркард шакл ва ороиш дода, фишор медиҳанд.

1912. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан инҳо дохил мешаванд:

– коркард ва тайёр кардани маснуот аз санг, сангҳои нимқимат ва дигар маснуоти маъданӣ;

– тайёр кардани маснуоти кӯлоливу фарфорӣ;

– тайёр кардани қолибҳои гилин ё гаҷин;

– хондани тарҳҳои техникӣ бо мақсади омӯзиши талаботи муштариён;

– қолибкунии маснуот дар чархи кӯлолӣ бо роҳи шаклдарории дастӣ барои ба вуҷуд овардани маснуоти шакл ва андозаи зарурӣ;

– идоракунии мошинҳои кӯлолгарӣ барои шаклдиҳии зарфҳои сафолин, ба монанди гулдон, пиёла, табақ ва табақчаҳо, шакл додан ва ба танӯр ворид кардани маснуоти кӯлолӣ;

– танзимкунӣ ва созкунии унсурҳои идоракунии осиёб, ки миқдори муайяни гилро омехта намуда, фишор дода, бурида, дар қолабҳо мемонанд;

– қолибрезӣ ва фишоркунии маснуоти сафолии бинокорӣ ва барқӣ аз пластика ва хока;

– бо истифода аз штангенсиркул ва қолибҳо муоинаи маснуоти тайёр барои ошкор намудани нуқсонҳо ва санҷиши дурустии шакл ва андозаи ашё;

– тайёр намудани маснуот барои фурӯш ё намоишгоҳҳо ва нигоҳ доштани муносибатҳо бо чаканафурӯшон, инчунин бо намояндагони ҷомеаи кӯлолгарӣ, санъат ва шабакаҳои захиравӣ бо мақсади мусоидат ба фурӯш ё ташкил намудани намоишгоҳҳои маснуот.

1913. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7641 | Устои маснуот аз санг, сангҳои нимқимат ва дигар маҳсулоти маъданӣ |
| 7642 | Устои маснуот аз гил, сафол ва фарфор |

## § 2. 7641. Устои маснуот аз санг, сангҳои нимқимат ва дигар маҳсулоти маъданӣ

1914. Ҳунармандони сангтарош, маснуотро аз санг, сангҳои нимқимат ва дигар маҳсулоти маъданӣ коркард ва тайёр мекунанд. Ба гурӯҳи мазкур сангтарошон, сангтарошони бадеӣ дар санг ва дигар махсулоти маъданӣ дохил мешаванд.

1915. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– коркард ва тайёр кардани маснуот аз санг, сангҳои нимқимат ва дигар маҳсулоти маъданӣ;

– интихоб ва тайёр кардани санг (суфта кардан, буридан, назорати сифат, захира);

– хондани тарҳҳои техникӣ бо мақсади омӯзиши талаботи муштариён;

– ба қабати болоии санг кашидани катиба, нақшканӣ, акс ва нигораҳо;

– сохтани зарф аз санг (гулдон, пиёла, табақу табақча, кӯза, тасбеҳ ва дигар ашёҳои армуғонӣ);

– муоинаи маснуоти тайёр барои ошкор намудани нуқсонҳо ва санҷиши дурустии шакл ва андозаи ашё бо истифодаи штангенсиркул ва қолибҳо;

– тайёр намудани маснуот барои фурӯш ё намоишгоҳҳо ва нигоҳ доштани муносибатҳо бо чаканафурӯшон, инчунин бо намояндагони ҷомеаи кӯлолгарӣ, санъат ва шабакаҳои захиравӣ бо мақсади мусоидат ба фурӯш ё ташкил намудани намоишгоҳҳои маснуот.

1916. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сангтарош;
– нақшкан дар санг;
– муҷассамасози ёдгориҳо (дар рӯйи қабр).

## § 3. 7642. Устои маснуот аз гил, сафол ва фарфор

1917. Ҳунармандон (кӯлолгарон) ба тайёркунии маснуот аз гил, сафол ва маводҳои ҳаммонанд ихтисосманд буда, маснуоти кӯлолиро тайёр

намуда, маснуоти сафолӣ, хокаҳои резамонанд (абразивӣ), фарфорӣ, фарфору фаянсӣ, сафолии барқӣ ва маснуоти сафолии сохтмониро дастӣ ё бо истифодаи воситаҳои барои коркард шакл дода, ороиш ва фишор медиҳанд.

1918. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– тайёр кардани маснуот аз кӯлол ва фарфор;
– тайёр кардани қолибҳои гилин ё гаҷин;
– хондани тарҳҳои техникӣ бо мақсади омӯзиши талаботи муштариён;
– шаклдарории маснуот дар чархи кӯлолгарӣ бо роҳи шаклдиҳии дастӣ барои сохтани маснуоти дорои шакл ва ҳаҷми зарурӣ;
– идоракунии мошинҳои кӯлолгарӣ барои шаклдиҳии зарфҳои сафолӣ, ба монанди гулдон, пиёла, табақ ва табақчаҳо, шаклдиҳӣ ва гузоштани маснуоти кулолгарӣ дар танӯр;
– танзимкунӣ ва созкуни (ҷӯрсози)-и ҷузъҳои идоракунии махлуткунанда, ки ҳиссаҳои муайяни гилро омехта намуда, фишор дода, бурида дар қолибҳо ё рӯйи қолибҳо мемонанд;
– шаклдиҳӣ ва фишоркунии маснуоти сафоли сохтмонӣ ва сафолии барқӣ аз хамираи пластикӣ ва хокагӣ;
– бо истифода аз қолибҳо штангенсиркул ва қолибҳо муоинаи маснуоти тайёр барои ошкор намудани нуқсонҳо ва санҷиши дурустии шакл ва андозаи ашё;
– тайёр намудани маснуот барои фурӯш ё намоишгоҳҳо ва нигоҳ доштани муносибатҳо бо чаканафурӯшон, инчунин бо намояндагони ҷомеаи кӯлолгарӣ, санъат ва шабакаҳои захиравӣ бо мақсади мусоидат ба фурӯш ё ташкил намудани намоишгоҳҳои маснуот.

1919. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– кулолгар;
– кошингар;
– нақшкан (дар фарфор ва сафол).

## 153. ГУРӮҲИ ХУРДИ 765.

### § 1. Истеҳсолкунандаҳои металҳо ва маснуоти тайёри металӣ

1920. Ҳунармандони кор бо метал (мис, латун, нуқра, тилло) ва тайёркунии маснуоти заргарӣ, ҷавоҳирот, маснуоти расму оинӣ ё диниро аз тилло, нуқра ва дигар металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳо тарҳрезӣ, тайёр, таъмир, барқарор ё баҳо дода, корҳои нақшканӣ ва қиракориро иҷро менамоянд. Онҳо сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо, аз ҷумла сангҳои зиннатию алмосро қира, суфта, ҷило ва ҷо ба ҷо карда, инчунин ҷавоҳирот ва маснуоти қиматбаҳоро нақшканӣ намуда, алмосҳои саноатиро қира ва ҷило медиҳанд. Ба ин гурӯҳ инчунин ҳунармандоне дохил мешаванд, ки ба тайёр кардани корд, наъл, тафдон ва лӯлаҳо машғуланд.

1921. Ба ухдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур чун қоида дохил мешаванд:

– тайёр кардани маснуоти заргарӣ аз тилло, нуқра ва қиракунӣ, суфтакунӣ, ҷилодиҳӣ ва ҷобаҷокунии сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо;

– сохтани тарҳи ҷавоҳироти нав ва тағйир додани тарҳҳои мавҷудбуда, дар ҳолати зарурӣ – бо истифода аз компютерҳо;

– таъмир, барқароркунӣ ва таҷдиди ҷавоҳироти кӯҳна ё маснуот аз металҳои қиматбаҳо мутобиқи тарҳи онҳо ё дастурамалҳо;

– муоинаи сатҳи сангҳои зинатӣ ва сохтори дохилии онҳо бо истифода аз дастгоҳи махсус, заррабинҳо ва дигар асбобҳои оптикӣ барои фарқ кардани сангҳо, ошкор намудани намунаҳои нодир ё норасоиҳо, нуқсонҳо ё хусусиятҳое, ки ба арзиши сангҳои зинатӣ таъсир мерасонанд;

– қирракунӣ ва сайқал додани сангҳои қиматбаҳо ва васл кардани онҳо ба ҷавоҳирот;

– нақшканӣ ё заркӯбии ҳарфҳо, расмҳо ё хатҳои ороишӣ дар маснуот аз сангҳои қиматбаҳо ва металҳои қиматбаҳо;

– суфтакунӣ, пармакунӣ ва коркарди милдонҳо аз сангҳои қиматбаҳо барои истифода дар асбобҳои дақиқ ба монанди қутбнамо ва соатҳо (хронометрҳо);

– муоинаи маҳсулоти ҷамъшуда ё тайёр барои мувофиқатии онҳо ба таснифот бо истифода аз шишаҳои калоннишондиҳанда ё асбобҳои дақиқи ченкунӣ;

– тафсондани метал дар тафдонкӯраҳои оҳангарӣ, истеҳсол ва таъмири маснуот бо роҳи кашидан, қат кардан, буридан, кӯфтани метал дар рӯи анвил, қолибгарӣ, буридан, пайванд, обутобдиҳии метал;

– сохтани корд, наъл, кӯра ва лӯлаҳо;

– истеҳсоли қолибҳо ва миллаҳои шаклгузор барои рехтани метал;

– кафшер, буриш ва шакл додани метал;

– кӯфтан ва шакл додани металҳои созавӣ (конструксионӣ) барои истеҳсол ва таъмири мошину механизмҳо, асбобҳо, таҷҳизот ва дигар маснуот;

– танзим ва идоракунии дастгоҳҳои гуногун.

1922. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7651 | Заргарҳо ва истеҳсолкунандагони маснуот аз тилло ва нуқра |
| 7652 | Оҳангарон ва истеҳсолкунандагони корд, наъл, кӯра ва лӯлаҳо |

## § 2. 7651. Заргарҳо ва истеҳсолкунандагони маснуот аз тилло ва нуқра

1923. Ҳунармандон–заргарҳо ва истеҳсолкунандагони маснуоти заргарӣ ва маснуот аз метал ва сангҳои қиматбаҳо, маснуот аз тилло, нуқра, дигар металҳо ё сангҳои қиматбаҳо корҳои нақшканӣ ва нафиси заргариро иҷро мекунанд. Онҳо сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо, аз

ҷумла сангҳои ороишӣ ва алмосро қирракорӣ карда, тарошида, ҷило дода, мечаспонанд, инчунин ба маснуоти заргарӣ ва металҳои қиматбаҳо нақш мезананд, сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳоро қирракорӣ мекунанд.

1924. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– истеҳсоли маснуоти заргарӣ аз тилло, нуқра, қиррадоркунӣ, тарош, ҷолодиҳӣ ва часпондани сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо;

– сохтани тарҳ барои ҷавоҳироти нав ва тағйир додани тарҳҳои мавҷуда, дар ҳолати зарурӣ – бо истифода аз компютер;

– таъмир, барқарорсозӣ ва таҷдиди ҷавоҳирот ё маснуоти металии қиматбаҳои кӯҳна тибқи тарҳрезӣ ё дастурамал;

– қирракорӣ ва сайқалдиҳии сангҳои қиматбаҳо ва васл кардани онҳо ба ҷавоҳирот;

– нақшканӣ ва заркубии ҳарфҳо, расмҳо ё хатҳои ороишӣ дар маснуот аз санг ва металҳои қиматбаҳо;

– сайқалдиҳӣ, пармакунӣ ва коркарди милдонҳо аз сангҳои қиматбаҳо барои истифода дар асбобҳои дақиқ, ба монанди қутбнамо ва соатҳо (хронометрҳо);

– муоинаи маснуоти васлгардида ё тайёр барои таъмини мутобиқатии онҳо бо мушаххасот бо истифода аз шишаҳои калоннишондиҳанда ё асбобҳои дақиқи ченкунӣ;

1925. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– истеҳсолкунандаи маҳсулоти бадеӣ аз каҳрабо, лоҷуворд, ақиқи рах-рах (оникс);

– қирракори алмос ба алмоси суфта (бриллиант);

– қирракори замимаҳои маснуоти заргарӣ ва бадеӣ;

– зарҳалкори маснуоти бадеӣ (маснуоти заргарӣ);

– бурандаи алмос;

– заргар (самти умумӣ);

– заргар–нақшкан.

## § 3. 7652. Оҳангарон ва истеҳсолкунандагони корд, наъл, кӯра ва лӯлаҳо

1926. Ҳунармандон – оҳангарон ва тайёркунандагони корд, наъл, тафдон ва лӯла металро бо усулҳои дигар рехта, кафшер карда, куфтаву шакл медиҳанд, аз металҳои оддӣ асбобҳо ва маснуоти гуногун тайёр мекунанд. Барои кам кардани харҷи қувваи ҷисмонӣ ва вақти иҷрои супоришҳои мушаххас, кор дастӣ ва бо истифодаи асбобҳои дастӣ ва дигар асбобҳо иҷро мегардад.

1927. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– тафсонидани метал дар тафдонҳои оҳангарӣ, тайёр кардан ва таъмири маснуот бо роҳи кашидан, хам кардан, буридан, куфтани метал дар рӯи анвил, тамғагузорӣ, буридан, пайванд ва обутобдиҳии метал;

– тайёр кардани кордҳо, наълҳо, тафдонҳо ва лӯлаҳо;

– тайёр кардани қолиб ва миллаҳои шаклгузор барои рехтани метал;
– кафшер кардан, буридан ва шакл додани метал;
– куфтан ва шакл додани металҳои созавӣ (конструксионӣ) барои истеҳсол ва таъмири мошину механизмҳо, асбобҳо, таҷҳизот ва дигар маснуот;
– танзим ва идоракунии дастгоҳҳои гуногун.

1928. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– оҳангарон;
– кордсозон;
– истеҳсолкунандагони тафдон (танӯр) ва лӯла;
– оҳангар бо истифодаи аз болғаю фишор (мангана);
– оҳангари кӯбиши дастӣ;
– болғазан;
– мисгар.

## 154. ГУРӮҲИ ХУРДИ 766.
### § 1. Истеҳсолкунандаҳои асбобҳои мусиқӣ ва хизматрасонӣ дар санъати бадеӣ

1929. Ҳунармандон оид ба дастгоҳҳои мусиқӣ асбобҳоро тайёр, васл, таъмир, танзим ва барқарор мекунанд, инчунин бо воситаи асбобҳои дастӣ ва механикӣ онҳоро ҷӯр месозанд. Онҳо, одатан, дар як намуди асбоб мутахассисанд, мисол асбобҳои торӣ, нафасии мисин, асбобҳои мусиқии бо забон навохташаванда, фортепиано ё асбобҳои зарбӣ.

1930. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, чун қоида дохил мешаванд:
– истеҳсол ва васли асбобҳои мусиқӣ ва қисмҳои онҳо аз чӯб, эбонит, метал, чарм ва дигар мавод;
– дуруст ё иваз кардани қисмҳои асбобҳои мусиқӣ ва чунин ҷузъҳо, аз қабили тор, чорпояи асбобгузорӣ, моҳут ва калид бо истифода аз дастгоҳои дастӣ ва механикӣ;
– навохтани асбобҳои мусиқӣ барои арзёбии сифати садои онҳо ва ошкор кардани норасоиҳо;
– танзими тарангии тор барои ноил шудан ба пардаи лозимӣ ва баландии садои асбобҳои торӣ;
– танзими нойҳои лабӣ, забонӣ ё сӯрохиҳои пояи асбоб бо истифода аз асбобҳои дастӣ ҷиҳати танзими ҷараёни ҳаво ва баландии садо;
– танзим ва нигоҳубини найчаҳои арғунун бо роҳи танзими баландии овози найчаҳои он барои нотаи «до» бо истифода аз баландии садои камертон, инчунин ҷурсозии баландии найчаҳои дигар нисбат ба баландии танзимшудаи найчаҳо;
– кашидани чарм ба табли асбобҳои зарбӣ;

– танзими аккордеонҳо тибқи садо тавассути муқоисаи баландии садои забончаҳо бо парда ва суфта кардани забончаҳо барои ба даст овардани баландии стандартии овоз;

– танзими тугмаҳо ва калидҳои асбобҳои забонӣ ва нафасӣ;

– танзими асбобҳои зарбӣ барои ба даст овардани баландии садои лозимӣ тавассути тарангкунӣ ё озод кардани қабатҳои косаи чармин барои торҳо, ки дар қисми болоӣ ё ҳар ду тарафи асбоб ҷойгиранд;

– васлкунӣ ва насбкунии лӯлаҳои нави арғунун ва фортопиано дар биноҳо.

1931. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7661 | Истеҳсолкунандаҳои асбобҳои мусиқии торӣ |
| 7662 | Истеҳсолкунандаҳои асбобҳои мусиқии нафасӣ |
| 7663 | Истеҳсолкунандаҳои асбобҳои мусиқии зарбӣ |
| 7664 | Санъаткорон ва мутахассисон оид ба хизматрасониҳои хусусияти фарҳангиву фароғатидошта |

## § 2. 7661. Истеҳсолкунандаҳои асбобҳои мусиқии торӣ

1932. Ҳунармандон оид ба тайёркунии асбобҳои мусиқии торӣ асбобҳоро аз қабили рубоб, танбур, арфа, чанг, сато, дутор, сетор, ғижакро тайёр, васл, таъмир, танзим ва барқарор менамоянд, инчунин бо ёрии асбобҳои дастӣ ё механикӣ онҳоро ҷӯр мекунанд.

1933. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– тайёркунӣ ва васл кардани асбобҳои мусиқӣ ва қисмҳои онҳо аз чӯб, эбонит, метал, чарм ва дигар мавод;

– таъмир ё иваз кардани қисмҳои асбобҳои мусиқӣ ва ҷузъҳои он, аз қабили тор, чорпояи асбобгузорӣ, моҳут ва калидҳо бо истифода аз асбобҳои дастӣ ва механикӣ;

– навохтани асбобҳои мусиқӣ барои арзёбии сифати садои онҳо ва ошкор кардани нуқсонҳо;

– танзими тарангии тор барои ноил шудан ба пардаи лозимӣ ва баландии садои асбобҳои торӣ;

1934. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– рубобсоз, дуторсоз, сеторсоз;
– танбӯрсоз;
– арфасоз;
– чангсоз;
– сатосоз;
– ғижаксоз;
– конунасоз.

## § 3. 7662. Истеҳсолкунандаҳои асбобҳои мусиқии нафасӣ

1935. Ҳунармандон оид ба тайёркунии асбобҳои мусиқии нафасӣ чунин асбобҳоро аз қабили най (флейта), лабчанг (асбоби мусиқии бо лаб навохташаванда), карнай, сурнай сохта, васл, таъмир, танзим ва барқарор намуда, инчунин онҳоро бо ёрии асбобҳои дастӣ ё механикӣ ҷӯр мекунанд.

1936. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– навохтани асбобҳои мусиқӣ барои баҳо додан ба сифати садои он ва ошкор намудани камбудиҳо;

– танзими тарангии тор барои ноил шудан ба пардаи лозимӣ ва баландии садои асбобҳои торӣ;

– танзими нойчаҳои лабӣ, забонӣ ё сӯрохиҳои пояи асбоб бо истифода аз асбобҳои дастӣ ҷиҳати танзими ҷараёни ҳаво ва баландии садо;

– танзим ва нигоҳубини найчаҳои арғунун бо роҳи танзими баландии овози найчаҳои он барои нотаи «до» бо истифода аз баландии садои камертон, инчунин ҷурсозии баландии найчаҳои дигар нисбат ба баландии танзимшуда;

– ҷӯрсозии аккордеонҳо тибқи садо тавассути муқоисаи баландии садои забончаҳо бо парда ва суфта кардани забончаҳо барои ба даст овардани баландии стандартии овоз;

– ҷӯрсозии тугмаҳо ва калидҳои асбобҳои забонӣ ва нафасӣ;

– васлкунӣ ва насбкунии лӯлаҳои нави арғунун ва фортопиано дар биноҳо.

1937. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– найсоз;
– лабчангсоз (асбоби мусиқии лабӣ);
– карнайсоз;
– сурнайсоз.

## § 4. 7663. Истеҳсолкунандаҳои асбобҳои мусиқии зарбӣ

1938. Ҳунармандон оид ба тайёркунии асбобҳои мусиқии зарбӣ асбобҳои мусиқиро аз қабили дойра (бубен), таблак (асбоби зарбии хурд) тайёр, васл, таъмир, ҷӯр ва барқарор намуда, ба онҳо чарм мекашанд, инчунин бо ёрии асбобҳои дастӣ ё механикӣ ҷӯр месозанд.

1939. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– тайёркунӣ ва васл кардани асбобҳои мусиқӣ ва қисмҳои онҳо аз чӯб, эбонит, метал, чарм ва дигар мавод;

– таъмир ё иваз кардани ҷузъҳои асбобҳои мусиқӣ бо истифодаи асбобҳои дастӣ ва механикӣ;

– навохтани асбобҳои мусиқӣ барои арзёбии сифати садои онҳо ва ошкор кардани нуқсонҳо;

– кашидани чарм дар асбобҳои зарбӣ;

– ҷӯрсозии асбобҳои зарбӣ барои ба даст овардани баландии садои лозимӣ тавассути тарангкунӣ ё озод кардани қабатҳои косаи чармин барои торҳо, ки дар қисми болоӣ ё ҳар ду тарафи асбоб ҷойгиранд;

1940. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– дойрасоз (бубенсоз);
– таблаксоз.

## § 5. 7664. Санъаткорон ва мутахассисон оид ба хизматрасонии хусусияти фарҳангию фароғатидошта

1941. Ба шумораи ҳунармандон сарояндагон ва мутахассисон оид ба хизматрасонии хусусияти фарҳангиву фароғатӣ дохил гардидаанд, аз он ҷумла дорбозҳо, ҳунармандони жанри гуфтугӯӣ ва ҳаҷвнигорон (аксиягӯ), сарояндагони сурудҳо ва маврига (жанри беназири мусиқиву–шеърхонӣ ва рақсии мардумию касбии мусиқии анъанаи шифоҳӣ, ки асосгузори он мусиқинавози классикии форсу–тоҷик Борбад мебошад).

1942. Ба ин гурӯҳ инчунин, ҳунармандони кӯчагии театри анъанавии лӯхтак, хаттотон, сарояндагони сурудҳо, наътхон (одатан, дар ҳолатҳои маросими хатнатӯй дар қатори сурудҳои озоди туёна иҷро мегарданд) ва мадҳиясарову марсияхон шомил мешаванд.

1943. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– иҷрои оммавии сурудҳо ва саҳначаҳо (аз ҷумла, дорбозӣ) бо мақсади расонидани хизматрасонии фарҳангию фароғатӣ ба аҳолӣ дар шакли анъанавии мардумӣ;

– риояи сенарияҳо, малакаи ба завқ овардани тамошобинон, баргузории озмунҳо ва ташкили (ҷалби иштирокчиён) танаффусҳои рақсӣ;

– пешвоз ва ҷо ба ҷо намудани меҳмонон, ташкили вохӯрии тантанавии навхонадорон ва волидайнашон, гузаронидани базм, озмунҳо ва баромадҳои мусиқӣ.

– ташкили образи бадеӣ дар жанри худ, омӯзиш ва иҷрои найрангҳо ва баромад дар кӯчаву хиёбонҳо бо услуби анъанавӣ;

– навишти дуруст ва барасмиятдарории эстетикии мактуб.

1944. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– дорбоз;
– мавригахон;
– наътхон, мадҳиясаро ва марсияхон;
– санъаткори театри кӯчагии лӯхтак;
– ҳаҷвиягӯ–аксиягӯ.

## 155. ГУРӮҲИ ХУРДИ 767.
## § 1. Сохтмончиён

1945. Ҳунармандони соҳаи сохтмон дар бахши хусусӣ дар соҳаи сохтмони хонаҳои истиқоматӣ (хусусӣ) ва мағозаҳо, оҳанбасти биноҳои камошёна хизматрасонӣ намуда, бо истифода аз технологияҳо ва масолеҳи анъанавӣ ё муосир ба ороиш, азнавлоиҳасозӣ ё хизматрасонии техникӣ ва таъмир машғуланд.

1946. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, чун қоида дохил мешаванд:

– тайёр кардани майдони бинокорӣ барои сохтани бино ё дигар иншоот;

– сохтани таҳкурсӣ, деворҳои заминавӣ ва қисмҳои такягоҳӣ барои сақф, сохтан ва бо масолеҳи дахлдори ҳифзкунанда пӯшонидани деворҳои берунӣ;

– васли болорҳо ва унсурҳои конструктивии сақф;

– васли болопӯши байни ошёнаҳо ва истеҳсоли фаршҳои рехташаванда;

– нигоҳдории техникӣ ва таъмири иншооти мавҷуда;

– бо зерпудратчиён мувофиқа намудани амалисозии корҳои махсус, ба мисли хиштчинӣ, рангубор, корҳои обгузаронӣ ва гузаронидани ноқили барқӣ;

1947. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7670 | Сохтмончиён |

## § 2. 7670. Сохтмончиён

1948. Ҳунармандони соҳаи сохтмон дар бахши хусусӣ дар соҳаи сохтмони хонаҳои истиқоматӣ (хусусӣ) ва мағозаҳо, оҳанбасти биноҳои камошёна хизматрасонӣ намуда, бо истифода аз технологияҳо ва масолеҳи анъанавӣ ё муосир ба ороиш, азнавлоиҳасозӣ ё хизматрасонии техникӣ ва таъмир машғуланд.

1949. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– тайёр кардани майдони бинокорӣ барои сохтани бино ё дигар иншоот;

– сохтани таҳкурсӣ, деворҳои заминавӣ ва қисмҳои такягоҳӣ барои сақф, сохтан ва бо масолеҳи дахлдори ҳифзкунанда пӯшонидани деворҳои берунӣ;

– васли болорҳо ва унсурҳои конструктивии сақф;

– васли болопӯши байни ошёнаҳо ва истеҳсоли фаршҳои рехташаванда;

– нигоҳдории техникӣ ва таъмири иншооти мавҷуда;

– бо зерпудратчиён мувофиқа намудани амалисозии корҳои махсус, ба мисли хиштчинӣ, рангубор, корҳои обгузаронӣ ва гузаронидани ноқили барқӣ;

1950. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ҳунарманди соҳаи меъморӣ;
– хиштрез;
– оташдонсоз (тафдони деворӣ, танур ва чакдон);
– сангтарош- хиштчин;
– гаҷкор (ороишгар);
– андовачӣ.

## 156. ГУРӮҲИ ХУРДИ 768.
### § 1. Беҳдоштӣ ва тандурустӣ

1951. Гурӯҳи хурди мазкур ҳунармандони зеринро дар бар мегирад: сартарошҳо, косметологҳо ва коргарони ба тартиби солимгардонӣ алоқаманд (масҳгар, мушовирони ислоҳи бадан, дорӯсозони тибби мардумӣ ва шифокорон)-е, ки ба камкунӣ ва ороиши мӯй, ришгирӣ ва кӯтоҳсозии риш, хизматрасонии косметологӣ, грим ва дигар намудҳои тартиби солимгардонӣ барои беҳтар кардани намуди зоҳирӣ, вазъи саломатӣ, рӯҳия ва барқарорсозии саломатӣ, машғуланд.

1952. Ба вазифаи кормандони гурӯҳи хурди мазкур, чун қоида дохил мешаванд:

– кӯтоҳкунӣ, ороиши мӯй, ришгирӣ ва кӯтоҳсозии риш;

– молидани косметика ва грим;

– масҳи рӯй ва бадан;

– шакл додан ва ранг кардани нохуни дасту пой;

– табобати бемориҳои сабуки пӯст ва нохун;

– хизматрасонӣ ба муштариёни ҳаммом ва гузарондани маҳси оддӣ;

– тоза кардани пӯст ва молидани крем, обҳои мушкин ва маводи ҳаммонанд дар рӯй ва дигар узвҳои бадан;

– гузаронидани тартибот бо истифода аз мум, шакар ва гузаронидани раванди кандани мӯйҳои номатлуби бадан;

– ба мизоҷон додани тавсияҳо оид ба парҳез ва гузаронидани машқҳо бо мақсади кам кардани вазни бадан ва харобшавӣ;

– бо усули анъанавӣ истифода бурдани ҳино;

– тавсияҳо оид ба нигоҳубин ва муолиҷаи бемориҳо ё табобати дигар касалиҳо бо истифода аз воситаҳо ва усулҳои анъанавии мардумӣ: тариқи машқҳо ва ҳаракатҳои ҷисмонӣ, ҷавҳар ва доруи табиӣ, ки дар асоси гиёҳҳо, растаниҳо, ҳашаротҳо ва ферментҳои ҳайвонот ба даст оварда шудаанд;

– дар асоси усулҳои анъанавии таъсири ҷисмонӣ ва табобати гиёҳӣ амалисозии нигоҳубин ва муолиҷаи ҷароҳатҳои ҷисмоние, ки ба ҷобаҷосозӣ ва шифобахшии шикастан ва беҷошавии устухонҳо вобастаанд;

– маслиҳат додан ба мизоҷон оид ба масъалаҳои парҳез ва машқҳои ҷисмонӣ ҷиҳати кӯмак ба ислоҳи бадан.

1953. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7681 | Сартарошҳо |
| 7682 | Косметологҳо |
| 7683 | Коргарони ба раванди солимгардонӣ вобастаи ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

## § 2. 7681. Сартарошҳо

1954. Сартарошҳо мӯйҳоро кӯтоҳ, рангубор, рост ва фатила намуда, рӯйро масҳ во бо растаниҳо тароват мебахшанд ва пӯсти сарро масҳ менамоянд.

1955. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– кӯтоҳ кардан, шустан, ранг ва фатила кардани мӯй;

– кӯтоҳ кардан ва тарошидани ришу мӯйлаб;

– нигоҳубини пӯсти сар;

– ҷобаҷосозии мӯйҳои сунъӣ мувофиқи талаботи мизоҷон;

– додани маслиҳат оид ба нигоҳубини мӯйҳо, маҳсулоти ороишӣ ва услуби ороиши мӯйҳо;

– бофтани бастаҳо ва кокулҳо аз мӯй ва дароз намудани онҳо;

– таъин кардани боздид ва қабули пардохтҳо;

– рӯбучини бинои корӣ ва коркарди беҳдоштии асбобҳо.

1956. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сартарош;

– мутахассис оид ба нигоҳубини мӯйҳо;

– сартарош - стилист.

## § 3. 7682. Косметологҳо

1957. Косметологҳо раванди косметикакунии рӯй ва баданро анҷом дода, косметикаю гримро молида, дигар корҳоро барои беҳтар гардонидани намуди зоҳирии мизоҷ, амалӣ менамоянд.

1958. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– тоза кардани пӯст ва молидани кремҳо, обҳои мушкин ва воситаҳои ҳаммонанд ба рӯй ва дигар узвҳои бадан;

– масҳи рӯй ва бадан;

– молидани грим ба мизоҷон дар кошонаҳои ҳусн ё ба нақшофарон ва дигар санъаткорон;

– тоза кардан, шакл додан ва ранг кардани нохунҳои дасту пой ва табобати бемориҳои сабуки пӯст ва нохунҳои пой, аз қабили обила, дуруштӣ ё ноҳамвории нохунҳои пой;

– расонидани ёрӣ ба мизоҷони ҳаммом ва гузарондани масҳи оддӣ;

– гузаронидани амалиёт бо истифода аз мум, шакар ва гузаронидани раванди кандани мӯйҳои номатлуби бадан;

– ба мизоҷон додани тавсияҳо оид ба парҳез ва гузаронидани машқҳо бо мақсади кам кардани вазни бадан ва харобшавӣ;

– бо усули анъанавӣ истифода бурдани ҳино;

– таъин кардани боздид ва қабули пардохтҳо.

1959. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сурмасоз;

– аттор (мушксоз);

– ороишгари рӯй;
– мушовир оид ба харобшавӣ;
– косметолог;
– ороишгари нохуни даст;
– ороишгари нохуни пой;
– рангкунанда бо ҳино.

## § 4. 7683. Коргарони ба раванди солимгардонӣ вобастаи ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

1960. Ин гурӯҳи ибтидоӣ коргаронеро дар бар мегирад, ки ба раванди солимгардонӣ вобаста буда, ба дигар гурӯҳҳои гурӯҳи хурди 514 Сартарошҳо, косметологҳо ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд, дохил нестанд. Мисол, он мушовирон оид ба ислоҳи бадан, дорусозони тибби мардумӣ ва шифокоронро дар бар мегирад.

1961. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– баррасии талаботҳои муштарӣ, таҳлили хусусиятҳои инфиродӣ ва машваратҳо оид ба усулҳои табобат;

– тавсияҳо оид ба нигоҳубин ва муолиҷаи бемориҳо ва дигар касалҳо бо истифода аз воситаҳо ва усулҳои анъанавии мардумӣ: тариқи машқҳо ва ҳаракатҳои ҷисмонӣ, ҷавҳарҳои табиӣ ва доруҳо, ки дар асоси гиёҳҳо, растаниҳо, ҳашаротҳо ва ферментҳои ҳайвонот ба даст омадаанд;

– дар асоси усулҳои анъанавии таъсири ҷисмонӣ ва гиёҳдармонӣ, амалисозии нигоҳубин ва муолиҷаи ҷароҳатҳои ҷисмоние, ки ба ҷобаҷосозӣ ва шифобахшии устухонҳои шикастаю беҷошуда вобастаанд;

– гузаронидани масҳи ғайритиббии бадан;

– маслиҳатдиҳӣ ба мизоҷон оид ба масъалаҳои парҳез ва машқҳои ҷисмонӣ ҷиҳати кӯмак ба ислоҳи бадан;

– гузаронидани арзёбии равандҳои ислоҳи бадан ва маҳсулот барои харобшавӣ;

– ташкили вохӯриҳо ва пешбурди бақайдгирии мизоҷон;

– рӯбучини майдонҳои корӣ ва тамизи асбобҳо.

1962. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– шиуастабанд;
– дорусози анъанавӣ;
– дорусоз аз гиёҳҳои давоӣ;
– мушовир оид ба ислоҳи бадан;
– масҳгар (ғайритиббӣ);
– шифокор (усулҳои мардумӣ);
– ҳаммомчӣ.

Эзоҳ: Машғулиятҳо дар соҳаи шифобахшӣ ва татбиқи таҷрибаи тибби анъанавию ғайрианъанавӣ, ки дарки амиқи бартариҳои усулҳои анъанавию ғайрианъанавии табобатро талаб мекунанд, дар натиҷаи истифодаи дарозмуддати амалии ин усулҳо таҳия шудаанд, инчунин донистани анатомияи инсон ва унсурҳои

тибби муосир, дар гурӯҳи ибтидоӣ 2230–Табибони ва мутахассисони тибби анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ба назар гирифта мешаванд. Онҳое, ки фаъолияти амалиашон донишҳои нисбатан камтарро талаб мекунад ва ба омӯзиши амалии нисбатан кӯтоҳтар ва омодагии касбӣ дар заминаи омӯзиши анъанаҳо ва таҷрибаҳои мардумӣ асос ёфта, дар ҷойҳои истиқоматии онҳо истифода мешаванд, ба гурӯҳи ибтидоии 5149 Коргарони алоқаманд ба равандҳои солимгардонӣ, ки ба дигар гурӯҳҳо шомил нестанд, ворид карда шудаанд. Шифобахшони таҷрибакор истифодабарандагони гиёҳдармонӣ, муоличаи рӯҳӣ ё табобати мануалӣ (дастӣ) ҳамчун усулҳои асосӣ аз гурӯҳи ибтидоии 2230 хориҷ мешаванд. Машғулиятҳое, ки табобатро бо истифода аз шаклҳои анъанавии масҳ ва пешниҳоди фишор, аз қабили масҳи нуқтагӣ ва методикаи шиатсу пешбинӣ менамоянд, ба гурӯҳи ибтидоии 3221 Ҳайати кормандони миёнаи тиббӣ оид ба парасторӣ дохил мешаванд. Момодоя ва дояҳои анъанавӣ, ки ба занон дар самти ҳомиладорӣ ва таваллуди кӯдак кӯмак мерасонанд, нигоҳубин ва тавсияҳоро пеш аз ҳама ба таҷриба ва дониши амалии на дар раванди омӯзиш, балки тавассути анъанаҳо ва таҷрибаи тибби мардумӣ бадастомадаро амалӣ менамоянд ва бояд дар гурӯҳи ибтидоии 3222 - ҳайати кормандони миёнаи тиббӣ оид ба момодоягӣ ба инобат гирифта шаванд.

## 157. ГУРӮҲИ ХУРДИ 769.

### § 1. Соҳибкорони инфиродӣ (ҳунармандон) дар соҳаи кишоварзӣ

1963. Соҳибкорони инфиродӣ (ҳунармандон) дар соҳаи кишоварзӣ (боғпарварон, боғбонҳо ва кормандони ниҳолхонаҳо оид ба парвариши маводи кӯчатшаванда, занбӯрпарварон, кирмакпарварон, шоликорон, гулпарварон ва ғайраҳо) фаъолиятро дар самти банақшагирӣ, ташкил ва иҷрои корҳо вобаста ба парвариш ва нигоҳдории дарахтон, буттаҳо, гулҳо ва дигар растаниҳо дар боғҳои ҷамъиятӣ ва боғҳои хусусӣ амалӣ намуда, инчунин ниҳолҳо, пиёзак ва тухмиҳоро истеҳсол ё бо усулҳои интенсивии парвариш (дар гармхона ва гулхонаҳо) сабзавот ва гул истеҳсол мекунанд, занбӯр, кирмак ва дигар ҳашаротҳоро барои истеҳсоли асал, мум, шоҳӣ ва дигар маҳсулот ҷиҳати фурӯш ё дастраскунӣ ба харидорони яклухт, муассисаҳои савдо ё фурӯш дар бозорҳо парвариш мекунанд.

1964. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур дохил мешаванд:

– муайян намудани намудҳо ва миқдори сабзавот, маҳсулоти боғдорӣ ва ниҳолхонаҳои мевадиҳанда барои парвариш, инчунин банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии раванди истеҳсолот;

– омода кардани замин бо роҳи коркарди он, ҳамвор кардани хок, насб ва истифодабарии низомҳои обёрӣ ва заҳкаш;

– шинонидан ва кӯтоҳ кардани дарахтон, деворҳои сабз (аз растаниҳо), растаниҳои боғ ва гиёҳҳо;

– санҷиши солимии растаниҳо ва дарахтон, ошкор ва коркарди алафҳои бегона, зараррасонҳо ва бемориҳо, инчунин истифодаи нуриҳои маъданӣ ва пору;

– истеҳсоли ниҳолҳо, пиёзаку тухмиҳо ва парвариши растаниҳо аз тухмӣ ё қаламча;

– ҷамъоварии ҳосил, муоина, тозакунӣ, ба навъҳо ҷудо кардан, бастабандӣ, нигоҳдорӣ ва боркунии маҳсулот барои фурӯш ё дастраскунӣ ба бозор;

– нигоҳдорӣ ва баъзе шаклҳои коркарди аввалияи маҳсулот;

– парвариш ва нигоҳубини ҳашарот ва ҷамъоварии маҳсулоти онҳо;

– иҷора ё сармоягузорӣ ба биноҳо, мошинҳо, таҷҳизотҳо ва иншооти дар соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда ва нигоҳдории техникии онҳо;

– бастани шартномаҳо оид ба фурӯш, харид ва таҳвили саршумори чорво, маҳсулот ва захираҳо, инчунин баҳисобгирӣ ва баҳодиҳии кор ва амалиётҳои кишоварзӣ.

1965. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 7691 | Боғбон, боғпарвар ва гулпарварон |
| 7692 | Занбӯрпарварон ва кирмакпарварон |

## § 2. 7691. Боғбон, боғпарвар ва гулпарварон

1966. Боғбон, боғпарвар ва кормандони ниҳолхонаҳо оид ба парвариши ниҳолҳои кӯчатшаванда дар боғҳои ҷамъиятию хусусӣ банақшагирӣ, ташкил ва иҷрои корҳоро дар самти парвариш ва нигоҳубини дарахтон, буттаҳо, гулҳо ва дигар растаниҳо амалӣ намуда, инчунин бо усули парвариши интенсивӣ (дар гармхона ва гулхонаҳо) истеҳсоли кӯчат, пиёзаку тухмӣ ё сабзавот ва гулҳоро барои фуруш ё дастраскунии мунтазам ба харидорони яклухт, муассисаҳои савдо ё фуруш дар бозорҳо, роҳандозӣ менамоянд.

1967. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– мушоҳидаи вазъи бозор ва шароити он, муайян намудани намудҳо ва миқдори сабзавот, маҳсулоти боғдорӣ ва ниҳолхонаҳои мевадиҳанда барои парвариш, инчунин банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии раванди истеҳсолот;

– омода кардани замин бо роҳи коркарди он, ҳамвор кардани хок, насб ва истифодабарии низомҳои обёрӣ ва заҳкаш;

– шинондани ниҳолҳо, деворҳои сабз (аз растаниҳо), растаниҳо ва гиёҳҳо;

– буридан ва кӯтоҳ кардани дарахтон, буттаҳо ва деворҳои сабз (аз растаниҳо), насби танбачӯб ва панҷараи муҳофизатӣ барои растаниҳо, инчунин ҳамвор, кӯтоҳкунӣ, аэратсия ва даравидани сабза (газон);

– дар боғҳо сохтани ҷузъҳо ва объектҳо, аз қабили пайроҳаҳо ё майдонҳои сангфарш, деворҳо, теппаҳои ороишии сангӣ, гулзорҳо, ҳавзҳо ва унсурҳои гидрографӣ, айвону панҷараҳо;

– санҷиши солимии растаниҳою дарахтон, ошкор ва коркарди алафҳои бегона, зараррасонҳо ва бемориҳо, инчунин истифодаи пору ё нуриҳо;

– истеҳсоли кӯчатҳо, пиёзаку тухмиҳо ва парвариши растаниҳо аз

тухмию қаламчаҳо;

– ҷамъоварии ҳосил, санҷиш, тозакунӣ, ба навъҳо ҷудо кардан, бастабандӣ, нигоҳдорӣ ва боркунии маҳсулот барои фурӯш ё ба бозор таҳвил додан;

– таъмири биноҳо, гармхонаҳо ва дигар иншоот, таҷҳизот ва лӯлаҳои обгузар;

– нигоҳдории баъзе навъҳои коркарди аввалияи маҳсулот;

– пешбарӣ ва маркетинги маҳсулот, бастани шартномаҳо оид ба фурӯш, харид ва таҳвили маҳсулот ва захираҳо, инчунин баҳисобгирию баҳодиҳии корҳо ва амалиётҳои кишоварзӣ;

– банақшагирӣ ва тақсими кор, таълим ва назорати кормандон ҳангоми иҷрои корҳои технологии кишоварзӣ, хизматрасонии техникӣ, назорати риояи талаботи беҳдоштию беҳсозӣ ва қоидаҳои бехатарӣ, инчунин ба кор қабул кардану аз кор озод кардани коргарон ва пудратчиён.

1968. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– сабзаоткор;
– занбурӯғпарвар;
– боғпарвар;
– гулпарвар.

## § 3. 7692. Занбӯрпарварон ва кирмакпарварон

1969. Занбӯрпарварон ва кирмакпарварон корҳоро дар самти парвариш ва нигоҳубини ҳашарот, аз қабили занбӯр, кирмак ва дигар навъҳои ҳашарот нақшабандӣ, ташкил ва иҷро намуда, барои истеҳсоли асал, мум, абрешим ва дигар маҳсулот ҷиҳати фурӯш ё дастраскунӣ ба харидорони яклухт, муассисаҳои савдо ё фурӯш дар бозор, роҳандозӣ мекунанд.

1970. Ба уҳдадории онҳо дохил мешавад:

– мушоҳидаи вазъи бозор ва шароити он, муайян намудани намудҳо ва миқдори ҳашарот барои истеҳсолот, инчунин банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии раванди он;

– ба даст овардани ҳашарот, парвариш ё хариди озуқа ва дигар захираҳо;

– ба даст овардан, парвариш, нигоҳубини ҳашарот ва ҷамъоварии маҳсулоти он;

– иҷора ё сармоягузорӣ ба биноҳо, мошинҳо, таҷҳизот ва иншооти соҳаи кишоварзӣ, ки барои истеҳсолу хизматрасонҳои техникии онҳо истифода мегарданд;

– нигоҳдорӣ ва баъзе навъҳои коркарди аввалияи маҳсулот;

– бастани шартнома оид ба фурӯш, харид ва таҳвили чорво, маҳсулот ва захираҳо, инчунин баҳисобгирӣ ва баҳодиҳии амалиётҳо ва корҳои кишоварзӣ;

– банақшагирӣ ва тақсимоти кор, омодасозӣ ва назорат аз болои коргарон ҳангоми иҷрои амалиётҳои технологӣ, хизматрасониҳои техникӣ, назорат аз руи риояи талаботҳои беҳдоштию беҳсозӣ ва қоидаҳои бехатарӣ, инчунин ба кор қабулу озод намудани коргарон ва пудратчиён;

1971. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– занбӯрпарвар;
– кирмакпарвар;
– деҳқони тухмипарвар.

## 158. ГУРӮҲИ АСОСИИ 8. ОПЕРАТОРОНИ ДАСТГОҲ ВА МОШИНҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ, ВАСЛГАРОН ВА РОНАНДАҲО

1972. Операторони дастгоҳ ва мошинҳои истеҳсолӣ, васлгарон ва ронандаҳо идоракунӣ ва назорати корҳои таҷҳизоти саноатӣ, мошин ва таҷҳизотро бевосита дар ҷой ё бо кумаки идораи фосилавӣ ба роҳ мемонанд, қатораҳоро меронанд, воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ва таҷҳизоти саноатӣ, сохтмонӣ ва кишоварзии ҳаракаткунадаро идора менамоянд, аз қисмҳои маҷмуъкунанда мутобиқи қоидаҳои қатъӣ ва пайдарпайии муқарраргардида маҳсулотро ҷамъ мекунанд. Аксари машғулиятҳои гурӯҳҳои асосии мазкур сатҳи дуюми тахассусиро талаб мекунанд. Чунин корҳо, асосан таҷриба ва донишҳои дастгоҳ, мошин ва таҷҳизоти истеҳсолии идорашаванда ва назораткунанда, инчунин, маҳорати кор кардан бо суръати аз ҷониби мошин додашаванда ва азхудкунии навовариҳои техникиро талаб менамояд.

1973. Ба уҳдадориҳои операторони дастгоҳ ва мошинҳои истеҳсолӣ, васлгарон ва ронандаҳо, одатан дохил мешаванд:

– идоракунӣ ва назорати корҳои таҷҳизоти кӯҳкорӣ, дастгоҳ ва мошинҳои истеҳсолӣ барои коркарди метал, ашёи хоми маъданӣ, шиша, сафолот, чӯб, қоғаз ё маҳсулоти кимиёвӣ;

– идоракунӣ ва назорати корҳои мошин ва таҷҳизот оид ба истеҳсоли маҳсулот аз метал, ашёи хоми маъданӣ, маҳсулоти кимиёвӣ, резин, пластмас, чӯб, нассоҷӣ, мӯина ва пӯст, инчунин, барои коркарди маҳсулоти хӯрока ва маҳсулоти ҳаммонанд;

– ҷамъкунии маҳсулот аз қисмҳои маҷмуъкунанда тибқи қоидаҳои қатъӣ ва пайдарпайи муқарраргардида;

– рондан ва хизматрасонии қатора ва воситаҳои нақлиёт;

– рондан, идоракунӣ ва назорати корҳои таҷҳизоти ҳаракаткунандаи саноатӣ, бинокорӣ (сохтмонӣ), таҷҳизоти кишварзӣ ва мошинҳо, иҷрои корҳо дар саҳни киштиҳои дарёгард. Уҳдадориҳои онҳо метавонанд, роҳбарии кормандони дигарро дарбар гиранд.

1974. Машғулиятҳои гурӯҳи асосии мазкур ба зергурӯҳҳои зерин тақсим ме– шаванд:

| | |
|---|---|
| 81 | Операторони таҷҳизоти истеҳсолии статсионарӣ |

| | |
|---|---|
| 82 | Васлгарон, озмоишгарони маҳсулот |
| 83 | Ронандаҳо ва операторони таҷҳизоти ҳаракаткунанда |

## 159 ЗЕРГУРӮҲИ 81. ОПЕРАТОРОНИ ТАҶҲИЗОТИ ИСТЕҲСОЛИИ СТАТСИОНАРӢ

1975. Операторони таҷҳизоти истеҳсолии статсионарӣ идораи бевоситаро дар ҷояш ба роҳ мемонад ё фосилавӣ таҷҳизоти саноатӣ, мошинҳо ва таҷҳизоти статсионарӣ ё чунин дастгоҳ ва таҷҳизотеро, ки барои онҳо ҳаракат кардан қисми ҷудонашавандаи кори онҳо ба ҳисоб намеравад, назорат ва истифода мебарад. Аксари машғулиятҳои ин зергурӯҳ сатҳи дуюми тахассусиро талаб мекунанд. Кори онҳо, асосан таҷриба ва донишҳои дастгоҳҳои саноатӣ, мошинҳо ва таҷҳизоти идорашаванда ва назораткунандаро талаб менамояд. Муттасилан, маҳорати кор кардан бо суръати аз ҷониби мошин додашуда ва азхудкунии навгониҳои техникиро талаб менамояд.

1976. Уҳдадориҳои кормандони зергурҳҳи мазкур одатан иборатанд:

– ҷӯрсозӣ, идоракунӣ ва назорати дастгоҳҳои гуногуни статсионарӣ, мошинҳо ва таҷҳизот;

– ошкор намудани вайрониҳо ва ворид намудани тағйироти ислоҳкунанда;

– назорати маҳсулот барои муайянкунии нуқсонҳо ва мутобиқатӣ бо хусусиятҳо,, инчунин, батанзимдарории ҷӯрсозии мошинҳо ба тарзи мувофиқ;

– ба роҳ мондани хизматрасонии техникӣ, таъмир ва тозакунӣ;

– бақайдгирии маълумот ва пешбурди баҳисобгирии истеҳсолӣ. Ба уҳдадориҳои онҳо метавон, роҳбарии кормандони дигар дохил шавад.

1977. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 811 | Операторони дастгоҳҳои истихроҷ ва тозакунии маъдан |
| 812 | Операторон оид ба гудозиш ва истеҳсоли метал, истеҳсол ва коркарди маснуоти филизӣ |
| 813 | Операторон оид ба коркарди ашёи хоми кимиёвӣ, истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ ва суратгирӣ |
| 814 | Операторон оид ба истеҳсоли резин, пластмас ва маҳсулот аз онҳо |
| 815 | Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, мӯинаҳо ва чармӣ |
| 816 | Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, нӯшокиҳо ва маҳсулоти тамоку |
| 817 | Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти чӯбӣ, қоғаз ва маҳсулоти коғазӣ |
| 818 | Операторони дигари таҷҳизоти истеҳсолии статсионарӣ |

## 160. ГУРӮҲИ ХУРДИ 811.

### § 1. Операторони дастгоҳҳои истихроҷ ва тозакунии маъдан

1978. Операторони дастгоҳҳои истихроҷ ва тозакунии маъдан мошинҳоро назорат ва истифода мебаранд, асбобҳои дастиро барои истихроҷи ҷинсҳои кӯҳӣ ва маъданҳо аз замин, коркарди маъданҳо ва сангҳо, парма кардани чоҳҳо, инчунин, истеҳсол ва соз кардани маҳсулоти сементӣ ва сангӣ идора мекунанд.

1979. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан, дохил мешаванд:

– танзим, идоракунӣ ва назорати таҷҳизоти гуногуни истихроҷи маъдан, мошинҳо ва дастгоҳҳо, аз ҷумла манораҳои пармакунанда ва механизмҳои ёридиҳанда, механизмҳои комбайнии кофтабарорӣ, инчунин дастгоҳ ва таҷҳизоти буранда, резакунанда, ордкунанда, дастгоҳ ва таҷҳизоти обкашӣ ва омехтакунандаҳо;

– истифодабарии таҷҳизоти обшӯӣ, ҷӯдокунанда, ширакунанда ва омехтакунанда барои хориҷ намудани партовҳо ва ҳосил намудани маъданҳо;

– истифодабарии дастгоҳ ва механизмҳо барои истеҳсоли семент, бетон, сангҳои сунъӣ, соза(конструксия)-ҳои бетонӣ ва маҳсулот аз онҳо;

– назорати самаранокии таҷҳизот ва мошинҳои гуногун, ошкор намудани нуқсонҳо ва ворид намудани тағйиротиислоҳкунанда;

– ба роҳ мондани хизматрасонии техникии таҷҳизот ва мошинҳо, таъмир ва тозакунӣ;

– пешбурди баҳисобгирии истеҳсолӣ.

1980. Машғулиятҳои гурӯҳи хурд ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 8111 | Операторон ва машинистҳои таҷҳизоти кӯҳкорӣ ва конҳо |
| 8112 | Операторон, дастгоҳчиён ва мошинистҳо оид ба коркарди маъдан ва таҷҳизоти тозакунандаи маъдан |
| 8113 | Пармакорони чоҳҳо ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 8114 | Операторони мошинҳо оид ба истеҳсоли маҳсулот аз бетон, санг ва дигар масолеҳи маъданӣ |

Эзоҳ: Саркорҳоро дар саноати истихроҷ ба гурӯҳи ибтидоии 3121 Устоҳо (саркорҳо) дар саноати истихроҷ дохил мекунанд.

### § 2. 8111. Операторон ва машинистҳои таҷҳизоти кӯҳкорӣ ва конҳо

1981. Операторон ва мошинистҳои таҷҳизоти кӯҳкорӣ ва конҳо дастгоҳ ва мошинҳоро идора менамоянд ва асбобҳои дастиро барои истихроҷи ҷинсҳои кӯҳӣ, маъданҳо ва дигар намудҳои канданиҳои фоиданок аз конҳои зеризаминӣ, рӯйизаминӣ ва конҳои коркарди санг истифода мебаранд.

1982. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

− ҷойгиркунонӣ, истифодабарӣ ва назорати кори таҷҳизоти гуногуни бо усулҳои зеризаминӣ ва рӯйизаминӣ истихроҷкунанда, аз ҷумла дастгоҳҳои кофтабарори комбайнӣ, буранда ва кананда;

− ҷӯрсозӣ ва истифодабарии таҷҳизоти пармакунӣ дар конҳои зеризаминӣ, рӯйизаминӣ ва конҳои коркарди санг;

− истифодабарии мошинҳо ва истифодаи асбобҳои дастӣ ё таҷҳизоти механиконидашудаи дастӣ барои ба даст овардани ҷинсҳои майдакардашуда, маъданҳо, ангиштсанг ва дигар намуди канданиҳои фоиданок;

− омоданамоӣ, бурда расонидан ва насби поя дар роҳрави истихроҷи зеризаминӣ, аз ҷумла милаҳои тиргакӣ;

− истифодабарии мошинҳо ва таҷҳизот барои кушодани ҷоҳҳои нави кон, конҳои уфуқӣ, ҳавотаъминкунанда ва конҳои майлон;

− истифодабарии таҷҳизоти ёрирасон, ба монанди помпаҳо барои берун кардани ҳаво, об ва маҳлулҳои парма;

− гузарондани хизматрасонии техникӣ ва таъмири хурд, инчунин, молидани равған ва тоза кардани дастгоҳ, мошин ва асбобҳо;

− омодакунии ҳисобот бо дарҷи амалиёти иҷрогардида дар ҷараёни басти корӣ;

− ҷамъоварии намунаҳои маъданҳо барои таҳлили озмоишгоҳӣ.

1983. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мошинисти маҷмааи нақбканӣ;
– оператори комбайнҳои кофтабарори амали муттасил;
– оператори экскаватори танобӣ–дӯлдор (кӯҳкорӣ);
– оператори мошинҳо барои гузоштани тиргаки лангарӣ (кӯҳкорӣ);
– оператори мошинҳои боркунанда;
– оператори аробаи нақбӣ.

1984. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– усто (саркор) дар саноати истихроҷ–3121;
– таркишгар–7542;
– оташдеҳ–7542;
– пармагар (чоҳҳои нафту газӣ)–8113;
– коргарони бетахассус дар саноати истихроҷи маъдан –9311;
– коргарони бетахассус, коркарди конҳои рӯйизаминӣ–9311.

## § 3. 8112. Операторон, дастгоҳчиён ва машинистҳо оид ба коркарди маъдан ва таҷҳизоти тозакунандаи маъдан

1985. Операторон, дастгоҳчиён ва машинистҳо оид ба коркарди маъданҳо ва таҷҳизоти тозакунандаи маъдан мошин ва таҷҳизоти коркарди ҷинсҳои кӯҳӣ, маъданҳо ва сангҳоро барои ба даст овардани маҳсулоти тозакардашуда барои бевосита истифода бурдан ё коркарди минбаъда назорат ва истифода мебаранд.

1986. Ба уҳдадориҳои онҳо дохилмешавад:

– ҷурсозӣ ва истифодабарии дастгоҳ ва таҷҳизоти статсионарие, ки ҷинсҳои кӯҳӣ, маъданҳо ва сангҳоро орд ва майда мекунанд, мебуранд, арра мекунанд ва мекафонанд;

– ҷойгиркунонии блокҳои сангӣ ва тахтасангҳо дар мошинҳо барои арракунӣ, буридан ва коркарди минбаъда;

– назорат ва таъмини селобаи муттасили ҷинсҳои кӯҳӣ, маъдан ва сангҳои коркардшаванда аз конвеер ба мошинҳо;

– истифодаи таҷҳизот барои обшӯӣ, тозакунӣ, ишқоркунонӣ, таҳшин, полоиш, ҷудо кардан ва якҷокунӣ барои хориҷ кардани ҷинсҳои холӣ ва гирифтани маъданҳо;

– коркарди маъдан бо ҳалкунандахо барои сабук намудани коркарди минбаъда;

– ҷудо кардани метал ё маъдани тозашуда аз ҷинсҳои холӣ ё қабатҳои лювиалӣ тавассути ғализ кардан, тасфия намудан, ҷудокунии ҷозибавӣ, полоиш ё бо истифодаи майдонҳои магнитӣ ва барқӣ-статикӣ;

– назорати нишондиҳандаҳои ҳисобкунакҳо, асбобҳо ва лавҳаҳои назоратӣ, батанзимдарории клапанҳо ва воситаҳои назоратӣ барои таъмини бехатарӣ ва самаранокии истифодабарии таҷҳизот, ошкори вайрониҳо ва мусоидат намудан дар ҷараёни хизматрасонии техникӣ ва таъмири дастгоҳ ва мошинҳо;

– азназаргузаронӣ ва санҷиши дастии масолеҳи коркардшаванда барои риояи меъёрҳо ва супоришҳои корӣ, инчунин ҷамъоварии намунаҳо барои санҷишҳои озмоишгоҳӣ;

– сабти иттилоот оид ба гузаронидани коркардҳо дар вақти кории бастҳо, ба монанди миқдор, навъ ва андозаи масолеҳи истеҳсолшуда;

– ба навъҳо ҷудокунӣ, анборкунонӣ ва ҷойивазкунонии маъданҳо ва сангҳои коркардшуда барои бастабандӣ, коркарди минбаъда ё боркунонӣ.

1987. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– мошинист, дастгоҳи резакунанда (маъданҳо);
– оператори мошини резакунанда (коркарди маъданҳо ё санг);
– оператори мошинҳо (сангбур ё барои коркарди санг);
– оператори дастгоҳҳо барои таҳшинкунии тилло;
– тасфиягар (коркарди маъданҳо).

1988. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– сангтарош (бо даст ё бо асбобҳои дастӣ)–7113;
– пардозгари санг (бо даст ё бо асбобҳои дастӣ)–7113;
– сангшикан–7113;
– оператори мошин (истеҳсоли санги бетонӣ)–8114;
– оператори дастгоҳ барои пардозкунии сангҳо–8114.

### § 4. 8113. Пармагарони чоҳҳо ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

1989. Пармагарони чоҳҳо ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд таҷҳизоти пармагарӣ ва ҳамроҳро барои чуқуртар кардани чоҳҳо, истихроҷи намунаҳои ҷинсҳои кӯҳӣ, моеот ва газҳо ё барои мақсадҳои зиёди дигар насб, васл ва истифода менамоянд.

1990. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– таҷзия, ҷойивазкунӣ ва васли манораҳои пармакорӣ ва таҷҳизоти ёрирасон;

– васл ва таҷзиякунонии лӯлаҳо, лӯлаҳои таҳшинкунанда ва ғилофакҳои пармакунанда, инчунин иваз намудани таҷҳизоти вайроншуда;

– истифодаи воситаҳои идоракунанда барои паст ва боло бардоштани лӯлаҳои таҳшинкунанда ва лӯлаҳои пешгирикунандаи резиши хоки дохили чоҳҳо, батанзимдарории фишори дохили чоҳҳо ва идораи суръати асбобҳо;

– омоданамоии маҳлули пармагарӣ ва санҷиши кори помпаҳо барои таъмини гардиши зарурии моеот дар лулаҳои пешгирикунандаи резиши хок ва чоҳҳо;

– назорати нишондиҳандаҳои асбобҳо ва дигар индикаторҳо, гӯш кардани садоҳо ҳангоми кори таҷҳизот барои ошкор кардани вайрониҳо ва шароити ғайримуқаррарии корӣ, инчунин, муайян кардани зарурати ивази пармаҳо ё таҷҳизот;

– хизматрасонии техникӣ, батанзимдарорӣ, таъмир ва тозакунии таҷҳизоти пармагарӣ, мошинҳои борбардор ва монанди инҳо;

– баҳисобгирии корҳои пармакорӣ ва ёрирасон;

– идоракунии мошинҳо ва асбобҳо барои хориҷ кардани чанг, хок ва таҷҳизоти пармакории талафёфта ё шикасташуда аз тарқишҳо ва чоҳҳо;

– ҳавоногузаркунонӣ ва бекоркунонии чоҳҳои истифоданашаванда;

– ба роҳбарӣ гирифтани кормандони дигар ва омоданамоии онҳо.

1991. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– пармагар;

– машинисти дастгоҳи пармагарӣ;

– оператор оид ба корҳои озмоишии чоҳҳо;

– конкан.

1992. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– саркори шуъбаи пармагарӣ–3121;

– оташандоз–7542.

## § 5. 8114. Операторони мошинҳо оид ба истеҳсоли маҳсулот аз бетон, санг ва дигар масолеҳи маъданӣ

1993. Операторони мошинҳо оид ба истеҳсоли маҳсулот аз бетон, санг ва дигар масолеҳи маъданӣ мошинҳоро барои истеҳсол ва коркарди маҳсулот аз бетони пайвандшуда, битум ва сангҳо, инчунин барои истеҳсоли сангҳои бетонӣ, истеҳсол ва пухтани масолеҳи деворӣ ва часпанда бо мақсади корҳои сохтмонӣ, назорат ва истифода мебаранд.

1994. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– истифодабарии мошинҳои экструдер, қолибрез, омехтакунанда, помпаҳо, манганакунанда, резакунанда ва буранда барои тайёр намудан ва коркарди маҳсулот аз бетони пайвандшуда ва сангҳо;

– истифодабарии дастгоҳҳо барои истеҳсоли семент, оҳак ва хишти сахти оташтобовар, аз ҷумла боркунӣ ва фаровардани ҷузъҳо, инчунин, истифодаи таҷҳизот бо диҳиши муттасил, ба монанди помпа ва конвеерҳо;

– истифодабарии дастгоҳ ва мошинҳои баркашанда ва омехтакунандаи рег, шағал, семент, об ва дигар намуди ҷузъҳои онҳо барои тайёр кардани семент;

– истифодабарии дастгоҳ ва мошинҳо барои ҷамъоварӣ ва пур намудани қолибҳо бо омехтаи бетон ва сангҳои сунъӣ, тоза кардани рехтаҳо аз қолиб ва коркарди сатҳи болоии маҳсулоти рехташуда;

– буридан, ордкунӣ, пармакунӣ, коркарди қумшарагӣ ва пардоздиҳии маҳсулот аз бетон ва хиштҳои сангӣ, тахтаҳои сафолӣ ва маҳсулот мутобиқ ба фармоиши корӣ;

– муқоиса бо нақша ва таснифоти истеҳсолӣ барои муайян кардан ва интихоби масолеҳ, компонент, амалиёт, ҷузъҳо, ҷӯрсозӣ ва батанзимдарорӣ барои экструдер, мошинҳои қолибрез, омехтакунанда ва манканакунанда;

– назорати корҳои дастгоҳҳо ва мошинҳо тавассути мушоҳидаи асбобҳо, ба монанди нишондиҳандаҳои ҳарорат ва фишор, батанзимдарории воситаҳои идоракунӣ ва пешниҳоди ҳисобот дар бораи вайрониҳо ҳангоми зарурат;

– ҷамъоварӣ ва санҷиши намунаҳои омехтаҳо ва маҳсулоти тайёршуда барои мутобиқатӣ ба таснифот ва тағйири ҷурсозии мошинҳо ба таври муносиб;

– санҷиш ва пешбурди ҳисоботи истеҳсолӣ, аз ҷумла маълумот оид ба миқдор, ҳаҷм ва навъҳои масолеҳ ва маҳсулот тайёршуда;

– андешидани чораҳо ва мусоидат барои гузаронидани хизматрасонии техникӣ ва таъмири дастгоҳ ва мошинҳо.

1995. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– оператори мошин оид ба пардоздиҳии бетон;
– оператори лавҳаи идоракунӣ дар истеҳсоли маҳсулоти деворӣ;
– оператори дастгоҳ оид ба варақакунонии лавҳаҳои гаҷубетонӣ;
– оператори дастгоҳ барои пардоздиҳии санг;
– оператори дастгоҳ, санги бетонӣ;
– оператори дастгоҳ, маҳсулот аз бетони рехтагаришуда;
– оператори дастгоҳ, истеҳсоли бетон.

1996. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– пардоздиҳандаи сангҳо(дастӣ ё бо ёрии асбобҳои дастӣ)– 7113;
– оператори мошинҳо оид ба коркарди санг–8114;
– оператори экструдер, манганакунии гил–7314.

Эзоҳ: Ба намунаҳои маҳсулоти аз ҷониби операторони дастгоҳҳо ва мошинҳо истеҳсолшудаи ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуббуда дохиланд: омехтаи тайёри

бетон, тахтасангҳо, хишт ва кошинҳои бетонӣ, пояҳои панҷараҳо, пораҳои лӯлаҳои рехтагаришуда ва рӯйкашҳои хандақҳо, шпалҳои бетонӣ, тахтасангҳои деворӣ ва тахтасангҳо барои тавораҳо, ҷузъҳои бино, каналҳои симрӯда, новаҳои дуд ва чангбарор, чарххои сайқалбиҳанда ва ҷиҳози беруна.

## 161. ГУРӮҲИ ХУРДИ 812.

### § 1. Операторон оид ба гудозиш ва истеҳсоли метал, истеҳсол ва коркарди маҳсулоти филизӣ

1997. Операторон оид ба гудозиш ва истеҳсоли метал, истеҳсол ва коркарди маҳсулоти филизӣ мошинҳо ва таҷҳизотро барои идоракунии дигаргунсозӣ, коркард ва баанҷомрасонии маъдан ва метал назорат ва истифода мебаранд.

1998. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазку, одатан, дохил мешавад:

– ҷӯрсозӣ, омодакунӣ ва батанзимдарории мошинҳо барои коркард ва баанҷомрасонии метал ва маъдан;

– ҳамоҳангсозӣ ва назорати марҳилаи алоҳидаи коркард ва баанҷомрасонии метал;

– санҷиши таҷҳизот барои корношоямӣ, назорати асбобҳо, гузаронидани озмоишҳои нақшавии истифодабарӣ ва мувофиқанамоии хизматрасонии техникӣ;

– санҷиш, озмоиш ва таҳлили намунаҳои маҳсулот;

– бақайдгирии маълумот ва пешбурди журналҳои бақайдгирии истеҳсолӣ.

1999. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 8121 | Операторон оид ба гудозиш, резиши метал ва дастгоҳи варақакунӣ |
| 8122 | Операторон оид ба коркарди ҳароратии метал |
| 8123 | Операторони экструдер ва симкашҳои метал |
| 8124 | Операторон оид ба коркарди маснуоти металӣ |

### § 2. 8121. Операторон оид ба гудозиш, резиши метал ва дастгоҳи варақакунӣ

2000. Операторон оид ба гудозиш, резиши метал ва дастгоҳи варақакунӣ мошинҳо ва таҷҳизотро дар раванди пухтан, гудозиш ва варақа кардани метал ва хӯлаҳои онҳо назорат мекунанд, истифода мебаранд ва ба танзим медароранд, хизматрасонии техникӣ мегузаронанд.

2001. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ҷӯрсозӣ, омодакунӣ ва ба танзим даровардани мошинҳо барои коркарди маъданҳо ва метал бо мақсади иҷрои яке аз марҳилаҳои коркарди маъданҳо ё метал;

– истифодабарии мошинҳо барои хокакунӣ, ҷудонамоӣ, полоиш, омезиш, резиш, варақакунӣ, тозакунии метал ва маъданҳо;
– гудозиши метал ва хӯлаҳо барои резиш аз рӯйи амсилаҳои гудохташаванда;
– назорати асбобҳои ченкунанда, ҳисобкунакҳо, чопҳои компютерӣ, видеомониторҳо ва маҳсулот барои таъмини корҳои муносиби мошинҳо ва санҷиши шартҳои супоришшудаи гудозиш, резиш, варақакунонӣ;
– назорати равандҳои бакордарорӣ ва ба анҷом расонидани корҳо,ислоҳи майлонӣ ва назорати таҷҳизот дар ҷараёни пухтан, гудозиш ва варақакунии метал ва хӯлаҳои онҳо;
– назорати омодакунӣ, ченкунӣ ва диҳиши ашёи хом ва реагентҳои коркардшаванда ба дастгоҳ;
– санҷиши таҷҳизот барои корношоямӣ, гузаронидани санҷишҳои нақшавии истифодабарӣ ва мувофиқанамоии хизматрасонии техникӣ;
– таҳлили намунаҳои маҳсулот, гузаронидани озмоишҳо, бақайдгирии натиҷаҳо ва пешбурди журналҳои бақайдгирии истеҳсолӣ.

2002. Намунаҳои машғулияти ба гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:
– рехтагари метал ва хӯлаҳо;
– оператори дастгоҳи варақакунии симӣ;
– гудозгари хӯлаҳои металӣ;
– варақасози метали тафсон;
– пӯлодгудози кӯраҳои беҳаво.

2003. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:
– оператори хати коркарди метали ранга–8123;
– оператори дастгоҳ, металӣ–8124.

### § 3. 8122. Операторон оид ба коркарди ҳароратии металӣ

2004. Операторон оид ба коркарди ҳароратии метали дастгоҳ ва мошинҳоро барои тағйирдиҳии тавсифоти физикии метал бо кумаки намудҳои гуногуни коркарди ҳароратӣ ва кимиёвӣ идора мекунанд.

2005. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:
– бозпухти тамғаҳои комилан дақиқи пӯлод ва хӯлаҳо, нимтайёр ва маҳсулот аз метали ранга ва хӯлаҳо бо батанзимдарории реҷаи бозпазии ҳароратӣ;
– пухтан ва хушконидани тарошаҳо, найчаҳо, ноқилҳо ва дигар намуди резгиҳо, маҳсулот аз метали сиёҳ ва ранга;
– пухтани гил ва брикет барои гилбута, пухтани оҳак, маҳсулот аз оксидҳои ба оташи баланд тобоваранда ва дигар маҳсулот ва масолеҳ;
– тафсонидан, калсийкунонӣ, беобкунӣ ва дигар намудҳои коркарди маҳсулоти гуногун, аз ҷумла, бо иловаи масолеҳи камёб ва радиоактивӣ;
– танзими равандҳои технологии коркарди ҳароратӣ тавассути лавҳаҳои идоракунии фосилавӣ ва барномавӣ;

– ба танзим даровардани таҷҳизот, клапанҳо, помпаҳо, воситаҳои назорат ва таҷҳизоти коркарди ҳароратӣ;

2006. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– бозпухткунандаи пӯлод ва хӯлаҳо комилан дақиқ;
– пазанда дар кӯраҳо;
– пазандаи резгиҳои метал;
– тафсонгар;
– бозпухткунандаи метали ранга.

## § 4. 8123. Операторони экструдер ва симкашҳои метал

2007. Операторони экструдер ва симкашҳои метал таҷҳизотро барои тунуккунӣ, симкашӣ, қолибкунонӣ, варақа кардани метал ва дигар намудҳои коркарди метал барои истеҳсоли сим, лӯлаҳо ва маҳсулоти ба онҳо монанд, идора менамоянд.

2008. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ба анҷом расонидани варақакунонӣ, рост ва қаткунии ҷузъҳо дар дастгоҳҳои гуногуни варақасозӣ ва манганаҳо аз метали варақӣ ва милаҳои металӣ дар ҳолатҳои хунукӣ ва гармӣ;

– варақакунонии метали тафсони тамғаҳояшон гуногуни пӯлодӣ, таъйинот ва гуногунбуриш дар дастгоҳҳои тасфони варақасозӣ;

– росткунӣ ва сайқалдиҳии тунука ва тамғаҳои пӯлодҳои легиронидашуда дар дастгоҳҳои варақакунии хунук;

– симкашӣ ва қолибкунонии метали милагӣ ва ғарамии ҳамаи профил ва навъҳо дар дастгоҳҳои симкашӣ;

– симкашӣ ва ғелонидани лӯлаҳои тунукдевор, бечок, авиатсионӣ ва монанди инҳо дар дастгоҳҳои симкашӣ ва таҷҳизоти махсус бо ҳамзамон коркарди ҳароратӣ;

– назорати мутобиқатии масолеҳи тайёршаванда ба нақша ва намунаҳо.

2009. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– варақасози дастгоҳи варақакунии тафсон;
– варақасози дастгоҳи варақакунии хунук;
– симкаш;
– симкаши лӯлаҳои бечок;
– оператор-ҳамворкунандаи маҳсулоти сӯзанӣ–платинӣ;
– оператори экструдер (филиз).

## § 5. 8124. Операторон оид ба коркарди маснуоти металӣ

2010. Операторон оид ба коркарди маҳсулоти металӣ кори таҷҳизотро, ки маҳсулот ё қисми онро барои баланд бардоштани устуворӣ бар зидди зангзанӣ ва хӯрдашавӣ, бо мақсади ороиш ё барои додани хусусиятҳои барқӣ ё магнитӣ сайқал медиҳанд, металпӯш менамоянд ва қабати ҳимоявӣ мемоланд, идора мекунанд ва назорат мебаранд.

2011. Ба ухдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– идоракунӣ ва назорати таҷҳизоте, ки дар онҳо тозакунии маҳсулоти филизӣ ҳангоми омоданамоӣ ба ҷараёнҳои электролизӣ (таҳшинкунии барқӣ), филизпӯшонӣ, сирдавонӣ ё равандҳои ба ҳамин монанд, иҷро мешаванд;

– идоракунӣ ва назорати кори таҷҳизот барои рӯйпӯшкунии электролитӣ;

– идоракунӣ ва назорати кори таҷҳизот барои рӯйпӯшкунонӣ бо усули пурра ғӯтондан барои рӯйпӯш кардани маҳсулоти филизӣ ва пӯлод истифодашаванда;

– идоракунӣ ва назорати корҳои мошинҳое, ки рӯйпӯшкунии автоматии ноқилгузаронро бо метали ранга анҷом медиҳанд;

– идоракунӣ ва назорати корҳои таҷҳизоти барои пошидани метали гудохташуда ё дигар моддаҳо истифодашаванда ба маҳсулоти филизӣ барои рӯйпӯшкунии қабати ҳимоявӣ ё ороишӣ ё барқарорсозии сатҳи фарсуда ё зарбхӯрда;

– идоракунӣ ва назорати кори таҷҳизот барои пӯшондани рӯйпӯшҳои зангназананда ба маҳсулоти филизӣ тавассути коркард бо реагентҳои кимиёвӣ ва тафсониш;

– озмоиши ғафсии рӯйпӯши мувофиқ бо истифодаи микроченкунанда, штангенпаргор ё дигар абзорҳо, бақайдгирии натиҷаҳо ва пешбурди журналҳои баҳисобгирии истеҳсолӣ;

– омоданамоӣ ва омехтакунии маҳлулҳои филизпӯшонӣ мутобиқ ба тартиби муқарраргардида ё таснифот.

2012. Намунаҳои машғулияти ба гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– техник–филизпӯшон (галванкор;
– сафедгар ба усули тафсон;
– рупӯшкунандаи филизӣ;
– оксидкунанда–вакуумчӣ;
– оператори дастгоҳҳои тозакунии қумӣ-оперативавӣ;
– руҳандудгар.

2013. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– рангмол, воситаҳои нақлиёт–7132.

## 163. ГУРӮҲИ ХУРДИ 813.

### § 1. Операторон оид ба коркарди ашёи хоми кимиёвӣ, истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ ва суратгирӣ

2014. Операторон оид ба коркарди ашёи хоми кимиёвӣ, истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ ва суратгирӣ кори мошинҳое, ки реагентҳои гуногуни кимиёвӣ ва дигар ҷузъҳоро барои истеҳсоли воситаҳои фармасевтӣ, табобатӣ, атриётӣ – косметикӣ, моддаҳои тарканда, маҳсулоти суратгарӣ ё дигар воситаҳои кимиёвиро коркард мекунанд, назорат ва идора менамоянд.

2015. Ба уҳдадориҳои гурӯҳи хурди мазкур, одатан, дохил мешавад: идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо ва таҷҳизоте, ки коркарди реагентҳои кимиёвӣ ва маҳсулоти кимиёвиро барои ба онҳо додани хусусиятҳои зарурӣ, бо мақсади истифодаи минбаъдаи саноатӣ ё барои омода кардани маҳсулоти тайёр, пайваст, омехта, бастабандӣ ва дигар коркард менамоянд.

2016. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 8131 | Операторон оид ба коркарди ашёи хоми кимиёвӣ ва истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ |
| 8132 | Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти суратгарӣ |
| 8133 | Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти фармасевтӣ ва бехдоштӣ |
| 8139 | Операторон оид ба коркарди ашёи хоми кимиёвӣ, истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ ва суратгирии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

## § 2. 8131. Операторон оид ба коркарди ашёи хоми кимиёвӣ ва истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ

2017. Операторон оид ба коркарди ашёи хоми кимиёвӣ ва истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ корҳои агрегат ва мошинҳоро барои пайваст, омехта, коркард ва бастабандӣ кардани маҳсулоти гуногуни кимиёвӣ назорат ва идора мекунанд.

2018. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

− пешбурди раванди технологии хушконидани ашёи хоми кимиёвӣ, масолеҳ, моддаҳои сахти пошхӯранда дар танӯрҳо, дастгоҳҳои хушккунӣ ва пазанда, устувонаҳои хушккунанда ва дастгоҳҳо ва дар дигар таҷҳизот;

− пешбурди раванди технологии пухтани ашёи хоми кимиёвӣ, масолеҳ, ҷузъҳо дар танӯрҳои пазанда бо мақсади тағйир додани таркиби кимиёвии маҳсулот, барқарорсозӣ, оксидкунонӣ ё хориҷ намудани ҷузъҳои алоҳида;

− идора намудани таҷҳизот оид ба гирифтан ва хориҷ кардани масолеҳи радиоактивӣ аз маъдан ё коркарди маҳсулоти ҳаммонанд;

− ҷӯрсозӣ, бакорандозӣ, назорат, батанзимдарорӣ ва боздории мошинҳо ва таҷҳизот;

− назорати таъсири ҷоришаванда ва тағйирдиҳии маҳсулот мутобиқ ба қоидахои техникаи бехатарӣ;

− назорати нишондиҳандаҳои ҳисобкунакҳо, асбобҳои ченкунанда ва дастгоҳҳои электронии назоратӣ – ченкунанда ҳангоми кор бо дастгоҳҳои коркарди як ё якчанд реагентҳои кимиёвӣ ё таркибҳо, аз ҷумла чунин дастгоҳҳо, ба монанди, омехтакунандаҳо (миксерҳо), реакторҳо, блендерҳо, дастгоҳҳои хушккунанда ё мошинҳо барои ҳабкунонӣ, ғурӯшонӣ ва рӯйпӯшкунонӣ;

– чен кардан, бар кашидан ва борандозии ингридиентҳои кимиёвӣ дар асоси харитаҳои дастурӣ;

– интихоби намуна ва гузаронидани озмоишҳои кимиёвӣ ва ҷисмонии нақшавии маҳсулот, инчунин, бақайдгирии нишондиҳандаҳои технологӣ;

– тоза намудан ва гузаронидани таъмири хурди мошин ва асбобҳо.

2019. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дастгоҳчии ғурӯшонӣ;
– дастгоҳчии истеҳсоли метали сианидӣ;
– куфтагар (кимиё);
– бурандаи наххои кимиёвӣ;
– сепараторчии полоиши кимиёвӣ ва тарашшӯҳҳо.

2020. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– оператори дастгоҳи коркарди нафту газ–3134

## § 3. 8132. Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти суратгирӣ

2021. Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти суратгирӣ кори таҷҳизоти истеҳсоли навор ва қоғази суратгирӣ, коркарди навори суратгирии танвиршуда ва чопи суратҳоро идора мекунанд ва назорат мебаранд.

2022. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– идоракунӣ ва назорати кори таҷҳизот барои истеҳсоли навор ва қоғазҳои суратгирӣ;

– идоракунӣ, назорат ва озмоиши таҷҳизот барои коркард ва чопи суратҳо, инчунин таъмини стандартҳои истифодашаванда;

– омоданамоии навори танвиршуда ба равандҳои гуногуни коркард дар озмоишгоҳҳои суратгарӣ;

– назорати тасвирҳо, наворҳо ва асарҳо, инчунин, танзими ҷӯрҳои таҷҳизоти чопкунанда барои қабули рангҳои зарурӣ, равшанӣ, возеҳият, миқдор, андоза ва навъҳои асарҳо;

– танзими ҷӯрҳо ва бакордарории таҷҳизоти худкор барои падидоварии навор;

– истифодабарии таҷҳизот барои гузаронидани навор ба навори видеоӣ ё дигар барандаҳои иттилоотии электронӣ;

– иҷрои супоришҳои ба коркарди суратҳо алоқаманд;

– истифодабарии таҷҳизоти худкор (дар корхонаҳои чакана) барои коркарди негативҳои ранга, асарҳо ва слайдҳо.

2023. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дастгоҳчӣ- рехтагари асосҳои синамоӣ ва суратгирӣ ва наворҳои техникӣ;
– маҷмуъкунандаи нусхаҳои филмҳо;
– чопкунандаи суратнаворҳо;
– оператори автомат ва системаҳо суратчинӣ.
– падидовари навори кино.

2024. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– суратгир–3431;

– суратгири фотолитографияи дақиқ–7321.

## § 4. 8133. Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти фармасевтӣ ва беҳдоштӣ

2025. Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти фармасевтӣ ва беҳдоштӣ кори таҷҳизотро оид ба коркарди моддаҳои кимиёвӣ ва дигар ҷузъҳо барои истеҳсолоти маҳсулоти фармасевтӣ ва беҳдоштӣ идора мекунанд ва назорат мебаранд.

2026. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

− идоракунии равандҳои қабули пайвастҳои маҷмӯӣ, қабул ва ҷудокунии комлексонҳо;

− пешбурди равандҳои аз ашёҳои хоми растаниҳо гирифтани алколоидҳои сахттаъсиркунанда ё гликозидҳои булӯрин;

− тоза намудани маҳсулот тариқи булӯркунонӣ, таҳшинкунӣ, безараргардонӣ;

− пешбурди раванди тозакунии ионӣ-мубодилавии таркибҳои бактериявӣ, витаминҳо, таркиби биосинтезӣ ё маҳсулоти тайёр;

− пешбурди равандҳои технологии ҳосил намудани устухони дандон, амалгамҳо, таркибҳои протезкунии дандонҳо ва дигар масолеҳи табобати дандон;

− пешбурди равандҳои технологӣ барои ҳосилкунии хамира ва марҳамҳои тиббӣ;

− пешбурди равандҳои технологӣ барои ҳосил кардани анатоксинҳо, ваксина ва хунобаҳо, кошти зироати зинда барои муҳити хӯрока ва парвариш кардани онҳо, ҷудонамоӣ, полоиш, муттаҳидкунӣ ва монанди инҳо;

− пешбурди равандҳои технологӣ барои истеҳсоли таркибҳои плазма-ивазкунанда ва таркибҳои ферментҳо аз ашёи ҳайвонот, ашёи гидролизи турш, булӯркунонии чандинкаратаи ферментҳо, марказгурезонӣ, полоиш ва воякунонии таркибҳои тамъизшуда;

− пешбурди равандҳои технологии пур кардани ампулаи сӯзандору бо доруҳои тиббӣ бо ҷамъоварии қаблии сӯзандоруҳо аз ҷузъҳо, лаҳимкунии тана ва коркарди сатҳи ампула бо алангаи газӣ дар хати худкор дар шароити тамъизкардашуда;

− истеҳсоли ҳабҳо дар истеҳсоли доруҳои galenӣ, витаминӣ, фармасевтӣ, дармонҳо барои протезонии дандонҳо дар мошинҳои ҳабкунанда;

− пешбурди равандҳои омодакунии упо, хокаи дандоншӯӣ, атрҳои хушк ва дигар воситаҳои косметикӣ дар мошинҳо, таҷҳизот ё хатҳои муттасил;

– пешбурди равандҳои технологӣ дар тайёр кардани композитсияҳо, қиёмҳо, шираҳо, маҳлулҳо ё моеъҳои атриётӣ;

2027. Намунаҳои машғулияти ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дастгоҳчии тозакунии ионмубодилавии доруҳои кимиёвӣ–фармасевтӣ;
– дастгоҳчии омоданамоии воситаҳои косметикӣ;
– дастгоҳчии омоданамоии хамираҳои тиббӣ ва марҳамҳо;
– ҳабтайёркунанда.

### § 5. 8139. Операторон оид ба коркарди ашёи хоми кимиёвӣ, истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ ва суратгирии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

2028. Ба ин гурӯҳ операторони коркарди ашёи хоми кимиёвӣ, истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ ва суратгирии ба дар дигар гурӯҳҳои гурӯҳи хурди 813 Операторон оид ба коркарди ашёи хоми кимиёвӣ, истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ ва суратгирӣ дохил намешаванд, шомиланд.

2029. Намунаи машғулияти ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– васлчии бастаҳои сурат

## 164. ГУРӮҲИ ХУРДИ 814.

### § 1. Операторон оид ба истеҳсоли резин, пластмас ва маҳсулот аз онҳо

2030. Операторон оид ба истеҳсоли резин, пластмас ва маҳсулот аз онҳо кори мошинҳои пластиконӣ ва омехтакунии резин ва омехтаҳои резинӣ, истеҳсоли ҷузъҳои гуногун ва маҳсулот аз резинҳои табиӣ ва синтетикӣ ва пластмас ё маҳсулоти гуногун аз онҳо истеҳсолкунандаро назорат ва идора мекунанд.

2031. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан, дохил мешаванд:

– истифодабарӣ ва назорати мошинҳои пластмаскунанда ва омехтакунандаи резин ва омехтаи резин, инчунин, ҷузъҳо ва маҳсулоти гуногунро аз резинҳои табиӣ ва сунъӣ ва пластикаҳо истеҳсол мекунанд;

– назорати маҳсулот оид ба ошкори нуқсонҳо ва мутобиқатӣ ба таснифот, инчунин, батанзимдарории мошинҳо ба дараҷаи муофиқ.

2032. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 8141 | Операторон оид ба истеҳсоли резин ва маҳсулоти резинӣ |
| 8142 | Операторон оид ба истеҳсоли пластмас ва маҳсулоти пластмасӣ |

### § 2. 8141. Операторон оид ба истеҳсоли резин ва маҳсулоти резинӣ

2033. Операторон оид ба истеҳсоли резин ва маҳсулоти резинӣ кори мошинҳои пластиконӣ ва омехтакунии резин ва омехтаҳои резинӣ, инчунин истеҳсолкунандаи ҷузъҳои гуногун ва маҳсулот аз резинҳои табиӣ ва синтетикӣ, аз ҷумла пойафзоли рехтагаришуда, ашёи рӯзгор, масолеҳи оиқкунӣ, лавозимоти саноатӣ ё қасқонҳоро назорат ва идора менамоянд.

2034. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

- идоракунӣ ва назорати кори мошинҳои пластиконӣ ва омехтакунии резин ва омехтаҳои резинӣ барои коркарди минбаъда;
- идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо оид ба истеҳсоли варақаҳои резинӣ ё матоъҳои резинкунонидашуда бо кумаки равандҳои варақакунонӣ;
- идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо оид ба экструзиякунии хамираҳои резинии пуркардашуда ё ба онҳо додани шаклҳои резини вулканизатсияшуда тавассути қолибкунонӣ;
- идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо оид ба истеҳсоли ҷилдҳои резинӣ дар асоси андоза, қасқонҳои вулканизатсияшуда ва қолибгарӣ ё барқарорсозии ҷилдҳои резинӣ;
- муоинаи маҳсулот барои ошкори нуқсонҳо ва мутобиқатӣ ба таснифот;
- ошкор намудани вайрониҳо ва таъмири ҷилдҳои резинии фарсудашуда ва корношоям тавассути вулканизатсия ё дигар равандҳо.

2035. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

- дастгоҳчии омодакунии ширешҳои резинӣ ва рӯйпӯшҳо;
- вулканизатсиякунанда;
- истеҳсолкунандаи маҳсулоти латексӣ;
- истеҳсолкунандаи ҷилдҳои резинӣ;
- оператори истеҳсоли омехтаҳои резинӣ;
- оператори хушкунандаи каучуки синтетикӣ;
- қолибгари ҷилдҳои резинӣ.

## § 3. 8142. Операторон оид ба истеҳсоли пластмас ва маҳсулоти пластмасӣ

2036. Операторон оид ба истеҳсоли пластмас ва маҳсулоти пластмасӣ кори мошинҳои пластиконӣ ва пайвасткунонии пуркунандаҳо барои гирифтани пластмас ва истеҳсоли ҷузъҳои гуногуни пластмасӣ ва маҳсулотро назорат ва идора мекунанд.

2037. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

- идоракунӣ ва назорати кори мошинҳои пластмаскунанда ваваслгарони пуркунандаҳо барои гирифтани пластмас;
- идоракунӣ ва назорати кори мошинҳое, ки ба пластмас тавассути қолибгарӣ, экструзия, дам кардан, буридан ва дигар усулҳои коркард шакл медиҳанд;
- идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо барои ламинатсия кардани пластика ва масолеҳи ба пластика ҷаббидашуда ё истеҳсоли шишанах;

– рупӯшкунии симҳо, ноқилҳои барқӣ, симрӯдаҳо ва наххҳои оптикии луч бо пластика;

– муоинаи маҳсулот барои ошкори  нуқсонҳо ва мутобиқатӣ ба таснифот;

– истифодаи такрории партовҳои пластмасӣ;

– тайёр намудани чашмҳои сунъӣ ва дискҳои линзаҳои тамосӣ, омода кардан ва таъмири чанбаракҳои айнак ва қисмҳои пластикии лавозимоти ортопедӣ.

2038. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дастгоҳчии стандартонӣ дар истеҳсоли хамираҳои пластикӣ;

– рехтагари пластмас;

– мошиначӣ оид ба истеҳсоли маҳсулот аз пластмас;

– коркардкунандаи маҳсулоти пластмасӣ;

– оператор оид ба истеҳсоли линолеум.

## 165. ГУРӮҲИ ХУРДИ 815.
### § 1. Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, мӯина ва чармӣ

2039. Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, мӯина ва чармӣ кори мошинҳои навъҳои гуногунро, ки нах, калоба, ришта, пӯст ё мӯинаро тайёр, обуранг ва коркард мекунанд, назорат мебаранд ва роҳбарӣ мекунанд, пойафзол ва либосро дигаргун месозанд ва таъмир мекунанд, маҳсулоти нассоҷӣ, мӯина ё аз чарми тунукро истеҳсол ва шӯстушӯи кимиёвӣ мекунанд

2040. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан, дохил мешаванд:

– идоракунӣ ва назорати корҳои мошинҳои нассоҷӣ, бофандагӣ, ки наххоро коркард мекунанд, ё маҳсулоти бофта, бофтанашуда  истеҳсол менамоянд;

– идоракунӣ ва назорати корҳои мошинҳое, ки нах омода мекунанд, мересанд, дутоба менамоянд, метобанд, ресмон ва риштаро аз торҳои табии нассоҷӣ ё сунъӣ мепечонанд;

– идоракунӣ ва назорати корҳои мошинҳои дӯзандагӣ оид ба тайёркунӣ, таъмин, ямоқкунӣ ва барқароркунии либосҳои нассоҷӣ, мӯина, синтетикӣ ё чармӣ, ё гулдӯзии ороишоти ороишӣ дар либос ё дигар намуди масолеҳ;

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳоеро, ки шустагарӣ мекунанд, мечаспонанд, ранг менамоянд ва ба таври дигар наххо, риштаҳо ва матоъҳоро коркард мекунанд ё шӯстушӯи кимиёвии либосҳо, мӯина, матоъҳои пашмин ва қолинҳоро анҷом медиҳанд;

– идоракунӣ ва назорати корҳои гуногуни мошинҳое, ки чармро омода мекунанд ё маҳсулоти мӯина ё пашмиро коркард мекунанд;

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳое, ки пойафзолро истеҳсол менамоянд, аз нав мекунанд, ё пойафзоли стандартӣ ё тибқи фармоиш

дӯхташуда ё пойафзолҳои ортопедӣ ва чунин маҳсулоти чармӣ ба монанди, сумкаҳои сафарӣ, саквояж ва портфелҳоро таъмир менамоянд,

2041. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 8151 | Операторон оид ба тайёр кардани нах, мошинҳои ресандагӣ ва печонанда |
| 8152 | Операторони мошинҳои бофандагӣ ва тӯрбофӣ |
| 8153 | Операторони таҷҳизоти дӯзандагӣ ва гулдӯзӣ |
| 8154 | Операторон оид ба шустагарӣ, рангкунӣ ва тоза кардани матоъ |
| 8155 | Операторон оид ба коркарди мӯина ва чарм |
| 8159 | Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, мӯина ва чарми ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

### § 2. 8151. Операторон оид ба тайёр кардани нах, мошинҳои ресандагӣ ва печонанда

2042. Операторон оид ба тайёр кардани нах, мошинҳои ресандагӣ ва печонанда кори мошинҳое, ки нах омода мекунанд, мересанд, дутоба мекунанд, ресмон ва риштаро аз торҳои табии нассоҷӣ мепечонанд, идора ва назорат мебаранд.

2043. Онҳо ду ё якчанд риштаҳои нахро барои гирифтани як риштаи бештар мустаҳкам, суфта, якхела ва вазнин метобанд, инчунин, маҳсулоти нассоҷиро коркард мекунанд, то ки онҳо хело ҳам мустаҳкам ва обногузар бошанд.

2044. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

− идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо барои табдил додани пораҳои пашмин ба нах;

− идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо барои тоза кардан ва табдил додани нахи пашмин ба пашми фаххакшуда;

− идоракунӣ ва назорати кори мошинҳое, ки нахи нассоҷиро бо омехтаи яктаркиба омехта мекунанд;

− кори мошинҳое, ки наххои нассоҷиро тоза ва наддофӣ менамоянд, аз онҳо ресмон месозанд, онҳоро ба ресмони ғафс барои кашиши аввалия шона менамоянд ва ресмонҳоро дар тасма ё тасмаро дар катон пайваст мекунанд;

− идоракунии мошинҳои тасмадори бо якчанд тайёркунанда таҷҳизонида, ки ҳар як кадоми онҳо якчанд нахҳоро тахминан бо вазн ва ғавсии якхела мепайванданд, аз ҷумла нахҳои ибтидоиро;

− идоракунӣ ва назорати мошинҳое, ки ришта ва нахҳоро аз калоба мересанд, ду ё якчанд риштаро дар ғарғара мепечонанд, ду ё якчанд нах ё риштаҳоро дар як нах бо мақсади баланд бардоштани мустаҳкамӣ, суфтагӣ ва/ё яктаркиба намудани онҳо мепечонанд, ё нах ё риштаро аз як борбандӣ ба дигар азнавпечонӣ мекунанд;

− идоракунӣ ва назорати кори мошинҳои ресандагие, ки хомриштаро кашиш медиҳанд ва мепечонанд ё риштаро ба калоба;

– идоракунӣ ва назорат кори мошинҳои кашиши риштаҳои аз мошинҳои кашанда гирифташуда ба наххои озоди тофташуда;

– омоданамоӣ ба оҳордиҳӣ барои истифодабарӣ ҳангоми зиёд намудани дурुштӣ ва коркарди матоъ ва наххо тавассути омехатакунӣ бо об бо чунин ҷузъҳо, ба монанди оҳар, чарбу, қатрон ва собун, инчунин ҷӯшонидани хамира дар ҷараёни буғ дар муҳлати пешбинишуда;

– коркарди масолеҳи нассоҷӣ бо реагентҳои кимиёвӣ барои обногузар кардани онҳо;

– тозакунии ғилдиракҳо ва силиндрҳои мошинҳои партоббарорӣ барои хориҷ кардани пасмондаҳои пашм;

– истифодабарӣ ва барқарорсозии рӯйпӯшҳои ғилдиракҳои кашандаи филизии мошинҳои гуногуни ресандагӣ, наддофӣ ва созкунанда бо кумаки болопӯшҳои нави резинӣ ё чармӣ.

2045. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дастгоҳчии релаксатсионӣ ва устуворкунонии нах, матоъ ва катон;

– машинисти мошинҳои бофандагӣ ва печонанда;

– оператори дастгоҳи пилтаресӣ;

– оператори дастгоҳи наддофӣ–такроркунанда.

## § 3. 8152. Операторони мошинҳои бофандагӣ ва тӯрбофӣ

2046. Операторони мошинҳои бофандагӣ корҳои мошинҳои бофандагӣ ва тӯрбофиро, ки наххоро коркард мекунанд, ё маҳсулоти нассоҷишуда, нассоҷинашуда ва тӯрбофта, аз ҷумла моҳут, тасма, қолин, матоъҳои саноатӣ, масолеҳи ҷӯробӣ ва либосҳои трикотажӣ истеҳсол менамоянд, ё ин ки мошинҳои гулдӯзии матоъро идора ва назорат менамоянд.

2047. Ба ухдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ҷӯрсозӣ ва идоракунии батареяҳои мошинҳои худкори тӯрбофии навъи фишангдор барои часпонидани либос бо нақшу нигорҳои зарурӣ ва ороиши муқарраргардида;

– гузаронидани нах, ришта ва матоъҳо аз сӯрохии сӯзанҳои равонакунанда ва ғилдиракҳои мошинҳо барои бофтан ё дигар намудҳои коркард;

– хизматрасонии дастгоҳҳои худкоре, ки дар як вақт наххои патӣ, пуди матоъ ва риштаҳои асосиро барои истеҳсоли қолинҳо ва матоъҳои пашмини гуногунранг мебофанд;

– идоракунӣ ва назорати кори дастгоҳҳое, ки дар онҳо ришта ё танобҳо тавассути фосилаи баробар барои ташаккул ёфтани тӯр бурида мегузаранд ва бофта мешаванд;

– идоракунӣ ва назорати корҳои мошинҳои бузурги автоматии бисёркунҷа барои гулдӯзӣ ва бахиякунии якчанд қабати матоъҳо барои тайёр намудани маҳсулоти нассоҷӣ, рӯйпӯшҳои кӯрпа ё рӯйпӯшҳо барои матрасҳо;

– хизматрасонӣ ба мошинҳои гирдбофанда бо истифодаи батанзимдарорандаҳои худкори шакли бофандагие, ки имконият медиҳанд, масолеҳи бечоки ҷӯробӣ бо ҳам пайваст карда шаванд;

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳои бофандагӣ барои аз рӯйи шаклҳои кафи пой ва пойҳо бофтани масолеҳи ҷӯробӣ;

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо барои бофтани пошна ва ангушти ҷӯробҳо дар қисматҳои паҳлӯ ё болои аз газвори гирддӯхташуда буридашуда;

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳое, ки сӯрохиҳои байни ангуштони ҷӯробро медӯзанд;

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳои асосии юрмадӯзӣ барои бофтани тӯр, пардоз ва маҳсулоти монанди намуди зарурӣ ё ороиш;

– муоинаи дастгоҳҳо барои муайян кардани сабабҳои азкормонии дастгоҳ, аз ҷумла чунин сабабҳо, ба монанди пуршавии асосҳо, канда шудани халқа ё нуқсонҳои механикӣ;

– таъмир ё иваз намудани сӯзанҳои фарсудашуда ё нуқсондор ва дигар қисматҳо;

– тоза кардан, равған молидани мошинҳо бо истифодаи рӯдаҳои ҳавоӣ, маҳлулҳои шустушӯ, латта, равғандонҳо ва/ё сӯзанҳои равғанмолӣ.

2048. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– қолинбоф–оператор;
– оператори таҷҳизоти бофандагӣ–бахиязанӣ;
– оператори мошинҳои ҳалқадӯзӣ;
– оператори таҷҳизоти наддофӣ–бофандагӣ;
– ресанда.

2049. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– бофанда (истеҳсоли дастӣ)–7319;
– қолинбоф –7318.

## § 4. 8153. Операторони таҷҳизоти дӯзандагӣ ва гулдӯзӣ

2050. Операторони таҷҳизоти дӯзандагӣ ва гулдӯзӣ кори мошинҳои дӯзандагӣ ва гулдӯзиро барои тайёр кардан, таъмир, ямоқкунӣ ва навкунонии либоси нассоҷӣ, мӯина, синтетикӣ ё чармин ё кори мошинҳо барои гулдӯзии нақшҳои оришӣ дар либос ё дигар намуди матоъҳоро назорат ва идора мекунанд. Онҳо мошинҳоро барои тайёр кардани ҳалқаҳо ва сӯрохкунӣ ва сӯрохиҳоро бахиякунанда, тугмадӯзӣ ва коркарди гӯшаҳо дар либос идора менамоянд.

2051. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– истифодабарӣ ё хизматрасонии мошинҳои дӯзандагӣ барои иҷрои амалиёти дӯзандагӣ бо либос, ба монанди дӯхтан, мустаҳкамкунӣ, суфтакунӣ ё дӯхтани нақшу нигори ороишӣ дар либос ё ҷузъи он;

– часпонидани тугмаҳо, чангакҳо, занҷиракҳо, камарча ё дигар ҷузъиёт дар матоъҳо бо истифодаи таъминкунандаи худкор ё исканҷа–қаппакҳо;

– хизматрасонӣ ба мошинҳои нимхудкори дӯзандагии дорои саракҳои зиёди дарздӯзӣ бо назорат бо кумаки механизмҳои занҷирдори ғеҷонандаи шонаҳо, ки ороишоти гуногунро дар либосҳо гулдӯзӣ мекунанд;

– истифодабарии чунин мошинҳо, ба монанди оверлоки як ва ё ду сӯзандор ва мошинҳои ҳамворбофанда барои пайвасткунии автоматӣ, мустаҳкам кардан ё ороиш додани матоъ ё маҳсулот;

– истифодабарии мошинҳои дарздӯзӣ барои мӯина бо мақсади часпонидани чарми мӯина то андозаи зарурӣ, додани шаклҳо ва часпонидани чарм дар қисмҳои либос ё нимтайёрҳо;

– идоракунии мошинҳои дарздӯзӣ барои дӯхтани қисмҳои чарм ба либос, сумкаҳо, дастпӯшакҳо ё маҳсулоти ба ҳаминҳо монанди чармин;

– мушоҳидаи кори дастгоҳҳо барои ошкор кардани чунин мушкилот, ба монанди кӯки нуқсондор, канда шудани риштаҳо ё дастгоҳҳои корношоям;

– иҷрои вазифаҳои хизматрасонии техникӣ, ба монанди иваз кардани сӯзанҳо ва монанди инҳо.

2052. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– оператори мошини гулдӯзӣ;

– оператори дастгоҳи дӯзандагӣ.

2053. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

–васлгари маҳсулот аз чарм ва мӯина–7318;

– либосдӯз–7531;

– гулдӯз–7533;

– дӯзанда–7533;

– пӯстиндӯз–тайёркунадаи либосҳо аз мӯина мувофиқи фармоиш–7531.

## § 5. 8154. Операторон оид ба шустагарӣ, рангкунӣ ва тоза кардани матоъ

2054. Операторон оид ба шустагарӣ, рангкунӣ ва тоза кардани матоъ кори мошинҳое, ки нах, ришта ё матоъҳоро сафед мекунанд, мечаспонанд, ранг мекунанд ва бо дигар тарз коркард менамоянд, идора ва назорат мебаранд.

2055. Ба ухдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ба кор андохтан ва назорати мошинҳо ва дастгоҳҳое, ки сафедкунӣ, рангкунӣ ва бо дигар тарз нах, ришта ё дигар маҳсулоти нассоҷиро коркард ва пардоз менамоянд;

– хизматрасонии мошинҳое, ки матоъҳои ресанда ё бофташударо то андозаи муайян мечаспонанд ё масолеҳи ресандаро тавассути печиши тору пуд мустаҳкам мекунанд;

– хизматрасонии мошинҳои худкори гуногуне, ки мӯинаро шона ва тоза мекунанд;

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо барои коркарди шоҳӣ бо мақсади ба он додани андоза ва вазн;
– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо барои ба газворҳо додани хосиятҳои обногузарӣ бо кумаки коркарди реагентҳои кимиёвӣ;
– рангкунии маҳсулот барои тағйир додан ё барқароркунии рангҳои онҳо;
– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳое, ки газворҳоро меёзонанд ё ба онҳо ҷило мебахшанд ё дигар амалиёти пардоздиҳиро иҷро мекунанд;
– хизматрасонӣ ва батанзимдарории дастгоҳҳое, ки мӯинаҳоро тамъиз мекунанд ва аз онҳо чизҳои ғайрро хориҷ месозанд;
– идораи мошинҳое, ки мӯинаро шона, хушк ва тоза мекунанд ва ҳамчунин, пар ва кӯрпаҳоро тоза ва тамъиз месозанд;
– ворид кардани барномаҳо барои барномасозии таҷҳизоти электронӣ;
– мушоҳидаи нишондиҳандаҳои индикаторҳои визуалӣ, лавҳаҳои идоракунӣ, таҷҳизот ва равандҳои боркунӣ ва гирифтани матоъ барои санҷиши дурустии кори дастгоҳҳо;
– тоза кардани полояҳои мошинҳо ва молидани равған ба таҷҳизот.

2056. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– машинисти таҷҳизоти фушуранда–шӯянда;
– оператори агрегати дарзмолкунанда–хушккунанда;
– оператори мошинҳои тозакунанда;
– тозакунандаи газвор ва маҳсулот.

2057. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:
– чопгари гарда–7319;
– дарзмолкунанда (дастӣ)–9121;
– козур (дастӣ)–9121.

### § 6. 8155. Операторон оид ба тайёркунии мӯина ва чарм

2058. Операторон оид ба тайёркунии мӯина ва чарм корҳои мошинҳои гуногунро оид ба даббоғии чарм ё коркарди пӯстҳои мӯина ё пашмиро назорат ва идора менамоянд.

2059. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:
– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо барои ҷудо кардани гӯшт ва равған аз пӯст бо мақсади тоза намудани онҳо ва мулоим кардан қабл аз коркард;
– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳои барои тоза кардани мӯйҳои дароз ва дурушт аз пӯсти мӯина, буридани пашми маҳин то андозаи якхела, рангкунӣ, ёзонидан ва дарзмол кардани пӯстҳои коркардшуда;
– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо оид ба тоза кардани решаҳои мӯй, ҳуҷайраҳои рангдор ва намаки оҳакӣ аз сатҳи рӯякии пӯст;
– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳои барои кам кардани ғафсии пӯст ё чарм то андозаи якхела;

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо барои суфтакунӣ ё додани шахшӯлӣ тавассути пардози зарурӣ;

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо оид ба ҷудо намудани пашмҳои боқимонда аз чарм ва ҳамчунин, гӯшт ва мӯйҳо аз пӯст;

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо барои тақсим кардани пӯст ба самти кӯндаланг бо мақсади ба даст овардани ду ва якчанд порча ё ба онҳо додани ғафсии якхела;

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо оид ба коркарди пӯст ва чарм дар маҳлулҳо бо мақсади табдил додани онҳо ба чарми даббоғишуда;

– коркарди сатҳи чарм бо равған ва истифодабарии мошинҳои суфтакунанда барои ба чарм додани шакли ҷилодор;

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳое, ки ба чарм ранг ва моддаҳои рангкунанда мемоланд;

– хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳои истифодашаванда.

2060. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дастгоҳчии коркарди обӣ–кимиёвӣ;

– дастгоҳчии даббоғи (истеҳсоли мӯина);

– машинисти таҷҳизоти фушуранда (истеҳсолоти чармӣ ва ашёи чармӣ);

– оператор-суфтагари чарми сунъӣ.

2061. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– чармгар–7535;

– коркардкунандаи пӯсти мӯина–7535.

## § 7. 8159. Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, мӯина ва чармии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

2062. Ба ин гурӯҳи ибтидоӣ операторони истеҳсоли маҳсулоти саноати нассоҷӣ, мӯина ва чармии ба дигар гурӯҳҳои хурди гурӯҳи 815 Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, мӯина ва чармӣ шомил нестанд, дохил мешаванд. Масалан, дар ин гурӯҳ оператороне, ки ба идора ва назорати кори мошинҳо оид ба истеҳсол ва таъмири пойафзоли стандартӣ ва махсус, сумкаҳо, кулоҳҳо, соябонҳо, матрасҳо ва дигар намудҳои маҳсулот машғуланд, дохил мешаванд. Онҳо ҳамчунин, корҳои мошинҳои ҷомашӯӣ ва шустушӯи кимиёвиро идора менамоянд.

2063. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо оид ба тайёр кардани пойафзол, ҷомадонҳои сафарӣ, сумкаҳо, миёнбандҳо ва дигар лавозимот;

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо барои шаклдарорӣ ва тайёр намудани кулоҳҳо аз нассоҷӣ, мӯина, чарм ва маҳсулоти гуногун, аз ҷумла, шерозаҳои бофташуда ё дигар намудҳои пардозҳо;

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳои шустагарӣ, мошинҳои шустушӯи кимиёвӣ, манганаҳои дарзмолкунанда ва мошинҳо барои коркарди матоъ дар муассисаҳои шустагарӣ ва шустушӯи кимиёвӣ;

– санҷиш ва аз либос нест кардани доғҳо, иваз намудани тугмаҳо ва дигар таъмирҳои хурд;

2064. Намунаҳои машғулияти ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансу:

- дарзмолчӣ;
– оператори мошин барои тайёр кардани кулоҳҳо;
– оператори васлкунандаи пойафзол;
– оператори мошинҳои ҷомашӯйӣ;
– бурандаи матоъ ва маҳсулот (истеҳсоли нассоҷӣ);
– хушккунанда оид ба истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, мӯина ва чармӣ.

2065. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– қолибрези кулоҳ (истеҳсоли дӯзандагӣ)–7531;
– васлгари пойафзол (дастӣ)–7536;
– дарзмолчӣ (дастӣ)–9121;
– шӯянда (дастӣ)–9121.

## 166. ГУРӮҲИ ХУРДИ 816.

### § 1. Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, нӯшокиҳо ва маҳсулоти тамоку

2066. Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, нӯшокиҳо ва маҳсулоти тамоку мошинҳои барои забҳи ҳайвонот, поракунии гӯшт ва омоданамоӣ, яхкунонӣ, коркарди гарм, майдакунӣ, омехта намудан, пайваст кардан ва дигар коркардҳои маҳсулоти хӯрокворӣ, нӯшокиҳо ва баргҳои тамоку истифодашавандаро танзим, истифодабарӣ ва хизматрасонӣ менамоянд.

2067. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан дохил мешавад:

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳои барои маҳдуд кардани ҳаракаткунӣ ва забҳи ҳайвонот ва поракунии гӯшт бо порчаҳои стандартии гӯшт ва моҳӣ истифодашаванда;

– ҷӯрсозӣ, истифодабарӣ ва хизматрасонии мошинҳо ва оташдонҳо барои омехта кардан, пухтан ва дигар намудҳои тайёркунии нон ва маҳсулоти ордии қаннодӣ;

– истифодабарии мошинҳо барои майда кардан, омехта намудан, бияхобонӣ, тайёркунӣ ва ферментонии ғалладонаҳо ва меваҷот барои омода намудани оби ҷав, май, сирко, хамирмоя ва маҳсулоти ба ҳаминҳо монанд;

– хизматрасонии таҷҳизот барои тайёр кардани ҷем, шоколад ва қанд, маҳсулот аз гӯшт ва моҳӣ, маҳсулоти ширӣ ва панирӣ, чарбуҳои хӯрока ва маргарин, шарбатҳо, ях, маҳсулоти макаронӣ ва оҳар, яхмос, ҳасибча ва дигар намудҳои маҳсулоти хӯрокворӣ;

– истифодабарии таҷҳизот барои хунук кардан, гарм намудан, хушконидан, тафдиҳӣ, сафедкунӣ, пастеризатсия, дуд додан, тамъиз, ях

кунонидан ва буғдиҳӣ ва муттаҳидкунонии маҳсулоти хӯрокворӣ ва моеъоти истифодашаванда барои коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ;

– омехтакунӣ, пок кардан, кӯфтан, пайваст ва ҷудо кардани маҳсулоти хӯрокворӣ ва моеъот тавассути таҷҳизоти омехтакунанда, фишуранда, безанда, резакунанда ва полоиш;

– коркарди баргҳои тамоку тариқи мошинӣ барои тайёр кардани тамоку, сигорҳо, тамокуи чилимӣ ва дигар намудҳои маҳсулоти тамоку.

2068. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 8161 | Операторон оид ба тайёркунии маҳсулоти гӯштӣ ва моҳигӣ |
| 8162 | Операторон оид ба тайёркунии маҳсулоти ширӣ ва қаннодӣ |
| 8163 | Операторон оид ба коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ғаладонагӣ ва забудаҳо |
| 8164 | Операторон оид ба тайёркунии маҳсулоти нонӣ-кулчақандӣ ва ғалладонагӣ |
| 8165 | Операторон оид ба коркард ва истеҳсоли маҳсулот аз меваҷот, сабзавот ва чормағзҳо |
| 8166 | Операторон оид ба коркард ва софкории қанд |
| 8167 | Операторон оид ба истеҳсоли нӯшокиҳо |
| 8168 | Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти тамоку |
| 8169 | Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, нӯшокиҳо ва маҳсулоти тамокуи ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

## § 2. 8161. Операторон оид ба тайёркунии маҳсулоти гӯштӣ ва моҳигӣ

2069. Операторон оид ба тайёркунии маҳсулоти гӯштӣ ва моҳигӣ кори дастгоҳҳои консервкунонӣ, коркарди ашёи гӯштӣ ва маҳсулоти гӯштӣ, тайёркунии маҳсулоти гӯштӣ ва нимтайёр, дудкунонӣ ва яхкунонии моҳӣ ва маҳсулоти моҳигиро идора ва назорат мебаранд.

2070. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– пешбурди равандҳои коркарди ҳароратии гӯшт ва маҳсулоти ғайриасосӣ дар дастгоҳҳои пӯшидаи таҳти фишор коркунанда, батанзимдарории ҳарорат ва фишор дар дастгоҳҳо;

– пешбурди равандҳои сафедкунӣ ва тафдиҳии маҳсулоти гӯштӣ дар дегҳо ва тафдонҳо;

– пешбурди равандҳои қолибкунии масолеҳи нимтайёри қимашуда (гӯшти қима, гӯшти кӯфта, бифштекс, тушбера ва монанди инҳо) дар худкорҳо ва хатҳои худкор;

– пешбурди равандҳои истеҳсоли ҳасибҳои обпаз ва ҳасибчаҳо дар худкорҳо ва хатҳои худкор бо назорати диҳиши мунтазами гӯшти қима ва зичии пуркунии батони ҳасиб ва ҳасибчаҳо;

– пешбурди равандҳои технологии коркарди маҳсулоти ҳасибӣ дар камераҳои ҳароратӣ ва дастгоҳҳои ҳароратӣ, назорат ва нигоҳдории реҷаҳои ҳароратӣ – намнокии мутобиқ ба барномаи супориш;

− пешбурди равандҳои пастеризонӣ, нигоҳдорӣ ва хунуккунии хамираи тухмӣ дар дастгоҳҳои лавҳагии пастеризатсионӣ–хунуккунанда тибқи реҷаи қатъии муайяншуда;

− пешбурди равандҳои хушккунии хамираи тухмӣ дар таҷҳизоти махсус, санҷиши сифати хамираи тухмӣ барои хушккунӣ қабулшуда;

− пешбурди равандҳои дуддиҳиия моҳӣ тариқи хунукӣ ё тафсон дар дастгоҳҳои дудкунандаи мунтазам ва муттасил амалкунанда ё дар хатҳои механиконида бо истифодаи робот– манипуляторҳо;

− пешбурди равандҳои яхкунонии моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ дар дастгоҳҳои худкори зудяхкунанда;

− пешбурди равандҳои тайёркунии ширешҳои казеинӣ, устухонӣ, силикатӣ ва дигар ширеш дар дастгоҳҳо ва дар автоклавҳо, интихоби ашё, ҳисобкунии шумораи компонентҳо ва диҳиши онҳо ба дастгоҳ ва автоклавҳо;

− пешбурди равандҳои хушккунии ширеш ва желатини техникӣ дар навъҳои гуногуни хушккунакҳо;

2071. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дастгоҳчии тамъизи консерваҳо;
– оператори дастгоҳи худкор оид ба истеҳсоли ҳасибҳои обпаз;
– оператори дастгоҳи дуддиҳӣ;
– оператори хати омоданамоии гӯшти қима.

2072. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– мураттиби гӯшти қима (дастӣ)–7511;
– қолибгари маҳсулоти ҳасибӣ–7511.

## § 3. 8162. Операторон оид ба тайёркунии маҳсулоти ширӣ ва қаннодӣ

2073. Операторон оид ба тайёркунии маҳсулоти ширӣ ва қаннодӣ кори мошинҳо ва дастгоҳҳои коркарди шир ва қаймоқ, истеҳсоли маҳсулоти турши ширӣ, равған, панир, қанд ва дигар маҳсулоти қаннодӣ ва шириро идора ва назорат мебаранд.

2074. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

− пешбурди раванди пастеризонии шир ва қаймоқ дар дастгоҳи найчашакли пастеризатсионӣ ё хатҳои пастеризонӣ–хунуккунанда бо танзими худкори реҷаи ҳарорат;

− пешбурди раванди қабул, хунуккунӣ, муътадилгардонӣ, ҷудокунӣ, коркарди гармӣ ва нигоҳдории ашё дар хати худкор мувофиқи барномаи супоришшуда;

− пешбурди раванди туршонии истеҳсолӣ аз туршиҳои озмоишгоҳии зироатҳои тоза, равонкунии намунаҳои туршӣ ба озмоишгоҳ барои ташхиси бактериологӣ ва муайян кардани туршнокии онҳо;

− пешбурди раванди истеҳсоли маҳсулоти турши ширӣ тариқи зарфхобонӣ ва ҳамчунин, омехтаҳои ширии кӯдакона ва доруҳои

табобатии казеинӣ, муайян кардани миқдори туршонӣ аз рӯйи формулаҳо ва ворид намудани онҳо ба шир вобаста аз намуди маҳсулот;

− пешбурди раванди гудозиши хамираи панирӣ дар дастгоҳҳои гуногуни ҳавоногузар ё дар дастгоҳҳо барои майдакунӣ ва гудозиши миқдори панирҳо;

− пешбурди раванди технологии истеҳсоли равғани гудохташуда, гармкунӣ ва пастеризонии чарбуи гудохташуда, тобоварӣ ҳангоми ҳарорати гармкунӣ ва равон кардани плазмаҳои ҷудошуда барои коркард;

− пешбурди раванди қиёмкунии шир ва зардоб дар дастгоҳи ҳавоногузар ҳангоми истеҳсоли ширқиём, шири хушк, қанди ширӣ ва дигар ашёи ширӣ, санҷидани ҳавоногузарӣ ва ба вуҷуд овардани ҳавоногузарӣ дар дастгоҳҳо;

− пешбурди равандҳои парафинкунонии панирҳои резакӣ ва молидани рӯйпӯшҳои полимерӣ дар мошинҳо ва дастгоҳҳои навъҳои гуногун, коркарди ҳароратии сатҳи панирҳо пеш аз рӯйпӯшкунӣ ва хушконидани онҳо;

− пешбурди раванди тайёркунии хамираи шоколадӣ дар хатҳои механиконидашудаи муттасил ё истгоҳҳои дастурӣ–омехтакунӣ бо идоракунии худкор, назорати риояи реҷаи технологӣ дар ҳама зинаҳои истеҳсол, воякунонӣ, омехтакунӣ, варақакунӣ, ҷудокунӣ, омехтакунонӣ;

− пешбурди раванди ҳароратдиҳии хамираи шоколад ва тайёр кардани ҳамаи намудҳои шоколадҳои лавҳагӣ, суробӣ ва маҳсулоти шоколадӣ дар дастгоҳҳои худкори қолибандозӣ тавассути лавҳаи идоракунӣ, танзими ҳарорат ва зичии хамираи шоколад;

− пешбурди раванди технологии коркарди пектинҳои хом дар хатҳои механиконидашуда, ҳамоҳангсозии ҷараёнҳои ҷавҳарҳо барои дурдабандӣ ва омехтакунонӣ;

2075. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дастгоҳчии пастеризонӣ;
– дастгоҳчии панири гудохташуда;
– оператор дар истеҳсоли маҳсулоти шири турш ва кӯдакона;
– оператори хати истеҳсоли яхмос;
– оператори мошини истеҳсоли равғани маска;
– оператори машин оид ба тайёр кардани шоколад.

2076. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– истеҳсолкунандаи яхмос–7513;
– истеҳсолкунандаи қаймоқ–7513;
– панирпаз–7612.

## § 4. 8163. Операторон оид ба коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ ва забудаҳо

2077. Операторон оид ба коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ ва забудаҳо кори мошин ва таҷҳизоти истеҳсоли забудаҳо, омодакунии

ғалладона барои коркард ва ордкунӣ, майдакунӣ ва хушккунии ғалларо идора ва назорат мебаранд.

2078. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– пешбурди равандҳои технологии омодакунии ғалладона барои ордкунӣ (тозакунии миқдори ғалладона аз омехтаҳо, тоза кардани сатҳи ғалладона бо усулҳои «хушк» ва «мартуб», ҳаводиҳии ғалладона, тайёркунии миқдори ордшаванда) ва ордкунии ғалладона дар дастгоҳҳои варақакунанда ва осиёбҳо, корхонаҳои ордкашӣ вобаста аз шакли ордкунӣ;

– пешбурди равандҳои технологии тоза кардани ғалладона дар мошинҳои гамдумтозакунӣ ва ба навъҳо ҷудокунанда, хушккунии ғаллаи зироати гуногуни таъйиноти озуқаворӣ, емӣ ва тухмӣ дар хушккунандаи чоҳӣ, дар ғаллахушккунакҳои газию чархдиҳанда ва дигар хушккунандаҳои ғалладонагиҳо;

– пешбурди равандҳои технологии тайёркунии ғалладона барои коркард (ҷудокунӣ, коркарди обӣ-ҳароратӣ), муқашшаркунӣ, майдакунӣ, суфтакунии ғалладона ва дигар равандҳо дар мошин ва механизмҳои созаҳо гуногун;

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо оид ба коркарди рустаниҳо барои истеҳсоли забудаҳо.

2079. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дастгоҳчии коркарди ғалладона;

– осиёббони забудаҳо;

– оператори лавҳаи идоракунии элеватор.

2080. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– оператори машини истеҳсолкунандаи бисквитҳо–8164.

## § 5. 8164. Операторон оид ба тайёркунии маҳсулоти нонӣ-кулчақандӣ ва ғалладонагӣ

2081. Операторон оид ба тайёркунии маҳсулоти нонӣ-кулчақандӣ ва ғалладонагӣ кори таҷҳизот ва мошинҳои омехтакунӣ, варидкунии иловаҳо, шаклдиҳӣ ва маҳсулоти нонӣ-кулчақандпазанда, истеҳсолкунандаи маҳсулоти макаронӣ, тайёркунандаи хамираи шоколадӣ ва қолибкунонии маҳсулоти шоколадӣ аз онҳо ва дигар таҷҳизотро идора ва назорат мебаранд.

2082. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– хизматрасонии ҳамагуна мошинҳои тақсимкунанда, шаклдиҳананда, доиракунанда ва бандинабуранда барои тақсимкунии маҳсулоти навъҳои донагии хлеб, нон, булкаҳо, ҳалқакулча ва қоқшуда;

– пешбурди раванди қолибдарории чӯбчаҳои нонӣ, чӯбакҳо ва дигар маҳсулоти нонӣ дар конвеер, мушоҳидаи диҳиши хамир аз мошинҳои хамиршӯранда ва танзими диҳиши онҳо ба наварди қолибшуда, сақаткунии нимтайёрҳои ғайристандартӣ;

– пешбурди раванди технологии истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ дар конвеери худкор аз лавҳаи идоракунӣ дар ҳамаи марҳилаҳои раванд:

– хамиршурӣ ва фишурдани маҳсулоти макаронӣ, овезонкунӣ дар бастунҳо, хушконидан ва гирифтани маҳсулоти тайёр;

– пешбурди раванди буридан ва қолибкунонии хамир, хобонидани интиҳоӣ ва пухтани нимтайёрҳои хамирӣ дар хати маҷмӯӣ-механиконида, танзими кори ҳамаи ҷузъиёти хат, назорати реҷаи ҳароратӣ ва буғии пазиш;

– пешбурди раванди технологии истеҳсоли орд ва ғурӯшаҳо аз ғалладонаҳои дамшуда барои истифодаи онҳо дар истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ ба сифати пуркунандаҳо дар конвеерҳои механиконида бо лавҳаи идоракунӣ;

2083. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– машинисти дастгоҳи хамиршӯрӣ;

– оператори мошин оид ба истеҳсоли бисквитҳо;

– оператори машин оид ба истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ

– оператори танӯри нонпазӣ.

2084. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– оператори хати истеҳсоли орд ва ғурӯшаҳо–8163;

– оператори лавҳаи идоракунии элеватор–8163.

### § 6. 8165. Операторон оид ба коркард ва истеҳсоли маҳсулот аз меваҷот, сабзавот ва чормағзҳо

2085. Операторон оид ба коркард ва истеҳсоли маҳсулот аз меваҷот, сабзавот ва чормағзҳо кори мошин ва таҷҳизот барои ҳосил кардани шарбат аз меваҷот ва савзавот ё равған аз зироати равғандор, оид ба коркарди меваҷот ва сабзавотро тавассути хушккунӣ, бирён ё консервакунонӣ идора ва назорат мебаранд.

2086. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– пешбурди раванди технологии афшурдани шарбат аз мева, равған аз ашёи хӯрокворӣ дар манганаҳои сохташон гуногун, танзими дохилшавии баробари ашё;

– пешбурди раванди пухтани шира, шарбатҳо, ҷавҳарҳо аз намудҳои гуногуни ашё дар зарфҳо ё дегҳои ҷӯшонанда бо муайян кардани вояи компонентҳо аз рӯйи дастури додашуда;

– пешбурди раванди истеҳсоли шарбати помидор дар дастгоҳи шарбаттайёркунӣ аз помидор, таъмин кардани диҳиши муттасили ашё ба хат ва пурра фушурдани шарбати помидор;

– пешбурди раванди ҷӯшонидани маҳсулоти помидорӣ дар хатҳои автоматӣ аз лавҳаи идоракунӣ, ҷӯшондани қиёми помидор то зичии муайянгардида бо кумаки рефрактсанҷҳо;

– пешбурди раванди хушккунии сублиматсионии маҳсулот дар дастгоҳи сублиматсионӣ;

– пешбурди раванди сулфитонии сабзавот ва меваҷот дар дастгоҳҳои амалиёташон давравӣ ва муттасил, тайёркунии маҳлули бисулфати натрий ё анҳидриди сулфур;

– пешбурди раванди шустан, андозагирӣ, тоза намудани картошка бо усули коркард бо буғ аз лавҳаи идоракунӣ, танзими кори ҳамаи ҷузъиёти дастгоҳ;

– пешбурди раванди сафедкунии сабзавот дар автоклав ва расондани онҳо то дараҷаи зарурии пазиш;

– пешбурди раванди пур кардани банкаҳо бо ҳама намудҳои маҳсулоти консервӣ, қайлаҳо, очорҳо, шарбатҳо ва ғуйра дар дастгоҳи резиш–пуркунандаи худкории системаи гуногун, пӯшондани банкаҳои пуршуда дар мошинҳои сарпӯшанда.

2087. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дастгоҳчии софкунандаи чарбуҳо ва равған;

– дастгоҳчии сулфитонии сабзавот ва меваҳо;

– оператори манганаи фушурдани равғани растанӣ.

2088. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– пазандаи шарбат, шира ва ҷавҳар–8167.

## § 7. 8166. Операторон оид ба коркард ва софкории қанд

2089. Операторон оид ба коркард ва софкории қанд равандҳои истеҳсолии қитъаҳои асосии истеҳсоли маҳсулоти қандӣ– шакарӣ ё қанди мошиниро тариқи асбобҳои назоратӣ– ченкунанда аз лавҳои идоракунии асосӣ идора мекунанд, равандҳои ҷӯшонидани утфелро дар дастгоҳи ҳавоногузар, коркарди қанди хом, гирифтани сахарити калсий дар реакторҳо, ғурӯшакунонӣ ва сафедкунонии саракҳои рафинад ва дигар равандҳои технологиро барои тайёр намудан ва софкорӣ кардани қанд ба роҳ мемонанд ва назорат мебаранд.

2090. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– пешбурди раванди ҷӯшонидани утфел дар дастгоҳи ҳавоногузар, танзими диҳиши шира ва буғ, ба кор даровардан ва нигоҳ доштани шиддати паст дар дастгоҳ, муайян кардани тайёршавии утфел ва рехтани он ба утфели омехтакунанда;

– пешбурди раванди ҷӯшондани хамира барои аз он гирифтани маҳлули ширеш;

– ҳосил кардани сахарити хунуки калсий дар реакторҳо, пур намудани реакторҳо бо реагентҳо, маҳлули шираи пухташуда ва хокаи оҳак, муайян кардани бааnҷомрасии таъсирот дар реакторҳо;

– пешбурди раванди ғурӯшакунонӣ ва сафедкунонии саракҳои рафинад, таъмини ҳарорати доимӣ ва якхела утфели сафедкардашаванда, клерса ва ҳаво дар бинои «хушккунии равшан»;

– назорати раванди технологӣ барои тайёркунӣ ва софкории қанд аз рӯйи равандҳои назоратӣ– ченаккунӣ ва натиҷаҳои таҳлилҳои кимиёвӣ;

– идоракунии равандҳои истеҳсолӣ дар қитъаҳои асосии истеҳсоли қандӣ– шакарӣ ё қанди мошинӣ аз лавҳаи идоракунии асосӣ;

– бакордарории оперативӣ, тағйирдиҳӣ ва хомӯш кардани дастгоҳҳо, агрегатҳо ва асбобҳо;

– бартарафсозии вайрониҳо дар кори асбобҳо, релеи муҳофизатӣ, худкорҳо, воситаҳои сигналдиҳӣ ва равандҳои дуюмдарачаи коммутатсионӣ

2091. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоиимазкур мансуб:

– дастгоҳчии пухти утфел;

– дастгоҳчии коркарди саракҳои рафинад;

– оператори лавҳаи идоракунӣ дар истеҳсоли қанд.

## § 8. 8167. Операторон оид ба истеҳсоли нӯшокиҳо

2092. Операторон оид истеҳсоли нӯшокиҳо равандҳои истеҳсоли чой, оби ҷав, маҳсулоти машруботӣ ва дигар намудҳои нӯшокиҳо, коркарди равғани эфирӣ ва ҷӯшиши ашёи хоми эфириро пеш мебаранд, қаҳваро дар дастгоҳи тафдиҳанда таф медиҳанд.

2093. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– пешбурди равандҳои борандозӣ ва устуворкунии барги чой дар мошинҳои навъи конвеерии дастӣ ва механикии пуркунӣ ва холикунии барги чой, танзими реҷаи ҳароратӣ ва диҳиши ҳаво аз рӯйи натиҷаҳои таҳлилҳои озмоишгоҳӣ;

– идоракунии хатҳои механиконида барои хушккунонии барги печондаи чой, фишордиҳии чойи хиштшакл, печондан ва ба навъҳо ҷудокунии барги сабзи чойи пажмурда ё собитшуда аз лавҳаи идоракунӣ, таъмини кори ҳамзамонии ҳамаи мошин ва механизмҳои хат;

– пешбурди раванди туршшавии спирт, туршкунонии шира барои навъҳои гуногуни оби ҷав, ферментонӣ ва нигоҳдории оби ҷав, туршкунонии квас ва бӯза, санҷидани тозагии микробиологии чалакҳо;

– пешбурди раванди буғкунонии дурдаҳои пас аз спиртӣ ва пас аз хамиртуруши дар дастгоҳҳои буғкунии амали муттасил;

– пешбурди раванди полоиш ва софкории спирт дар дастгоҳҳои амалашон мунтазам ва муттасил, танзими диҳиши бӯза, спирт ва об тариқи ҷуммак ё воситаҳои худкор;

– пешбурди раванди шампанкунонии май бо усули мунтазам ё муттасили зарфӣ, пур кардани масолеҳи май ва ликёрҳо дар раддаи зарфҳо бо усули фурӯравонӣ бо ангидриди карбон;

– пешбурди раванди коркарди равғани эфирӣ (таҳшинкунӣ, тақсимкунии марҳилаҳо, хушккунӣ, полоиш), интихоби намуна ва ба ташхис супоридан, рехтани равғани тайёр дар зарфҳои ғунҷоиш ва қадоқкунӣ дар зарфҳо;

– тафдиҳии қаҳва дар дастгоҳи тафдиҳӣ аз лавҳаи идоракунӣ;

2094. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дастгоҳчии коркарди равғани эфирӣ;

– дастгоҳчии раванди бӯзакунӣ;
– пазандаи шира, шарбат ва ҷавҳарҳо;
– оператори мошин оид ба тафдиҳии донаи какао;
– оператори мошин оид ба истеҳсоли нӯшокиҳои газдор;
– сумалакпаз.

2095. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:
– оператори мангана барои афшурдани ширaи мева– 8165.

## § 9. 8168. Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти тамоку

2096. Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти тамоку таҷҳизот ва равандҳои технологиро оид ба коркарди тамоку ва истеҳсоли сигор ва дигар маҳсулоти тамоку идора мекунанд ва назорат мебаранд.

2097. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– пешбурди раванди коркарди тоферментонии тамоку дар хати механиконидаи муттасил, танзими суръати диҳиши тамоку ба ҳавогузарон;

– пешбурди раванди ферментонии муттасили тамоку, риояи реҷаи технологии ферментонӣ дар минтақаҳои хати ферментонӣ;

– пешбурди раванди коркарди тамокуи калонбарг дар хати худкори муттасил, хизматрасонии якдафъинаи намудҳои гуногуни дастгоҳҳо, риояи реҷаи технологӣ барои ҳар як намуд ва навъи ашёи хоми тамоку;

– пешбурди раванди резакунии барги тамоку, массаи тутун дар мошинҳои навъи гилотинӣ барои ба даст овардани миқдори бештари нах ва ярмаи тамоку ва миқдори камтарини чанг дар таркибашон;

– тайёр кардан ва ҷойкунонӣ дар қуттича ё қуттиҳои сигор дар хат ва агрегатҳои механикии муттасили папиросӣ ва сигорӣ.

2098. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– машинисти мошинҳои резакунӣ (тамоку);
– машинисти хати муттасили ферментонии тамоку;
– машинисти хати механикии муттасили коркарди тамоку.

## § 10. 8169. Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, нӯшокиҳо ва маҳсулоти тамокуи ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

2099. Ин гурӯҳи ибтидоӣ операторони истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, нӯшокиҳо ва маҳсулоти тамокуи ба гурӯҳҳои дигари гурӯҳи хурди 816 Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, нӯшокиҳо ва маҳсулоти тамоку шомил нестанд, дохил мешаванд. Масалан, ба ин гурӯҳ операторонеро дохил менамоянд, ки ба идоракунӣ ва назорати кори мошинҳои истеҳсоли ях, омехтаи ем, оҳор, намак ва дигар намуди маҳсулот машғуланд.

2100. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– дастгоҳчии софкунии оҳор;

– дастгоҳчии хушккунандаи хамираи тухмӣ;
– буғкунандаи намак;
– ферменткунанда.

## 167. ГУРӮҲИ ХУРДИ 817.
### § 1. Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти чӯбӣ, коғаз ва маҳсулоти коғазӣ

2101. Операторон оид ба истеҳсоли маҳсулоти чӯбӣ, қоғаз ва маҳсулоти коғазӣ мошинҳоро барои арракунии дарахт, буриши фанери яккабата, истеҳсоли хамираи қоғазӣ, маҳсулоти гуногуни коғазӣ ва қоғаз, инчунин бо усулҳои дигари коркарди чӯб, хамираи қоғазҳо ва коғаз барои истифодабарии минбаъдаи онҳо назорат ва истифода мебаранд.

2102. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан, дохил мешавад:

– муоинаи ғӯлачӯб барои муайян намудани андоза, ҳолат, сифат ва дигар нишондиҳандаҳо ва қабули қарор оид ба тарзи мувофиқ буридани ғӯлачӯбҳо ё истифодабарии таҷҳизоти худкор барои сканеронии ғӯлачӯбҳо бо сканерҳои лазерӣ ва муайян кардани профилҳои мувофиқ ва сарфакории буриш;

– ба навъҳо ҷудокунӣ, анборкунонӣ ва фаровардани ғӯлачӯбҳо ва сабикаҳои чӯбин аз мошинҳои боркаш ба  ва дастгоҳҳо барои коркард ба тарошаҳо, қабатҳо ва хамираи коғазӣ;

– истифодабарӣ ва назорати кори таҷҳизоти ба навъҳо ҷудокунанда, сафедкунӣ, автоклавҳо, зарфҳои омехтакунанда, дастгоҳҳои шустушӯӣ ва дигар мошинҳо барои коркарди хамираи қоғазӣ ва таҷҳизот барои иҷро кардани як ё якчанд марҳилаи коркарди селлюлоза;

– истифодабарӣ ва назорати кори мошинҳо ва таҷҳизот барои тайёр намудан ва такмил додани қоғазҳо бо мақсади хушккунӣ, ҷилодиҳӣ, қолибандозии қоғазҳои бисёрқабата, рӯйпӯшкунонӣ, буриш, печонидан ё дигар равандҳои тайёркунӣ ва пардоздиҳии коғаз;

– истифодабарӣ ва назорати мошинҳое, ки маҳсулоти гуногуни қоғазиро истеҳсол менамоянд;

– назорати нишондиҳандаи индикаторҳо, асбобҳои ченкунанда, сатҳсанҷ ва дигар намуди дастгоҳҳои назоратӣ–ченкунанда, таҷҳизот ва механизмҳо барои ошкор намудани корношоямии мошинҳо ва таҷҳизот ва иҷрои марҳилаҳои коркард тибқи таснифот;

– истифодабарӣ ва назорати кори мошинҳо барои гузоштани қабатҳои фанери бисёрқабата ва манганакунии тафсони фанер, ҳамчунин, мошинҳо барои буридани қабати фанер;

– ҳамлу нақли маҳсулоти чӯбии коркардшуда ба ҷойи иҷроиши корҳо

2103. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 8171 | Операторон оид ба истеҳсоли хамираи қоғазӣ, қоғаз ва картон, маҳсулоти коғазӣ ва картонӣ |

| | |
|---|---|
| 8172 | Операторон оид ба коркарди чӯб |
| 8173 | Операторон оид ба маҳсулоти чӯбӣ |

### § 2. 8171. Операторон оид ба истеҳсоли хамираи қоғазӣ, қоғаз ва картон, маҳсулоти коғазӣ ва картонӣ

2104. Операторон оид ба истеҳсоли хамираи қоғазӣ, қоғаз ва картон, маҳсулоти қоғазӣ ва картонӣ таҷҳизотро барои коркарди чӯб, хамираи қоғазӣ ва дигар маводи селлюлозӣ дар ҷараёни истеҳсоли хамираи қоғазӣ, қоғаз ва картон, инчунин, барои рӯпӯш ва пардози қоғаз назорат мекунанд ва истифода мебаранд.

2105. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

- идоракунӣ ва назорати кори таҷҳизоти ба навъҳо ҷудокунӣ ва сафедкунӣ, автоклавҳо, зарфҳои омехтакунанда, дастгоҳҳои шустагарӣ ва дигар мошинҳо барои коркарди хамираи қоғазӣ ва таҷҳизот барои иҷрои як ё якчанд марҳилаи коркарди селлюлоза;
- идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо ва таҷҳизот барои тайёр кардан ва пардози қоғаз бо мақсади хушккунонӣ, ҷилодиҳӣ, қолибандозии қоғази бисёрқабата, рӯпӯш, буриш, печонидан ё иҷрои дигар равандҳои тайёр ва пардози қоғаз, картон, маҳсулоти коғазӣ ва картонӣ;
- назорати равандҳои бакорандозӣ ва қатъ намудани кори мошинҳо ва таҷҳизот, инчунин назорати нишондиҳандаҳои индикаторҳо, асбобҳои ченкунанда, сатҳсанҷ ва дигар асбобҳои назоратӣ – ченкунанда, таҷҳизот ва механизмҳо барои ошкор намудани корношоямӣ дар мошинҳо ва таҷҳизот ва иҷрои марҳилаҳои коркард тибқи таснифот;
- нигоҳдории алоқа бо операторон оид ба назорати равандҳои технологӣ барои ворид намудани тағйирот дар равандҳо ва ба кор андохтан ва қатъ кардани кори мошинҳо ва таҷҳизот ҳангоми зарурат;
- таҳлили нишондиҳандаҳои асбобҳои ченкунанда ва намунаҳои дар ҷараёни озмоиши истеҳсолӣ гирифташуда ва ворид намудани тағйирот дар раванди истеҳсолӣ ва таҷҳизот ҳангоми зарурат;
- мустаҳкамкунӣ, ҷойгиркунонӣ ва гузаронидани қоғазҳои лӯлапеч бо истифодаи дастгоҳи болобардор;
- муоинаи визуалии қоғаз, картон, маҳсулоти коғазӣ ва картонӣ барои ошкор намудани чинҳо, сӯрохӣ, тағйири ранг, варамӣ ва дигар намудҳои нуқсон, инчунин гузарондани тағйироти тасҳеҳкунанда;
- пуркунӣ ва омода кардани ҳисобот оид ба барориши маҳсулот.

2106. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоиимазкур мансуб:

- машинисти мошини рангкунандаи қоғаз (рангмол);
- машинисти мошин оид ба истеҳсоли маҳсулоти коғазӣ;
- машинисти мошин оид ба ширешкунии маҳсулоти коғазӣ;
- таррохи қуттиҳо;
- оператори машинҳо барои тайёркунии лифофаҳо ва қоғазхалтаҳо;
- хушккунандаи қоғаз, картон, чармкартон ва маҳсулот аз онҳо.

## § 3. 8172. Операторон оид ба коркарди чӯб

2107. Операторон оид ба коркарди чӯб кори таҷҳизоти дарахтбуриро барои арра кардани чӯбу тахта ба масолеҳи ранданошуда, муқашшаркунии фанери яққабата, тайёркунии фанери бисёрқабата, инчунин таҷҳизот барои бо дигар усулҳо коркарди чӯб барои минбаъда истифодабарии онҳо мушоҳида мебаранд, идора ва назорат мекунанд.

2108. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– муоинаи ғӯлачӯбҳо ва чӯбу тахтаи ранданошуда барои муайян кардани андоза, ҳолат, сифат ва дигар нишондиҳандаҳо ва қабули қарорҳо оид ба усулҳои мувофиқи буридани чӯбу тахта ё истифодабарии таҷҳизоти худкор барои сканеронии ғӯлачӯбҳо бо сканерҳои лазерӣ ва муайян кардани прфилҳои мувофиқ ва сарфакории буриш;

– идоракунӣ ва назорати кори системаи наққолагии боркунанда ва ҳамлу нақли ғӯлачӯбҳо;

– идоракунӣ ва назорати кори арраҳои тасмадор, тақсимкунанда ва бисёртасмагӣ бо мақсади буридани ғӯлачӯб, ғӯлачӯбҳои рандашуда, пуштатахта, тахтачӯб ё паҳлӯтахта ва буридани дағар буғурии чӯб барои гирифтани чӯби рандашудаи андозаҳояшон гуногун, инчунин барои буридан ё тақсимкунии тахтаҳои борик ва тарқишҳо;

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо барои хобондани қабатҳои фанери бисёрқабата ва манганакунии тафсони фанер, инчунин мошинҳо барои буридани қабати фанер;

– тоза кардан ва равғанмолии таҷҳизоти чӯбу тахтабурӣ.

2109. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– оператори дастгоҳи хати ба навъҳо ҷудокунӣ ва коркарди ғӯлачӯбҳо;
– оператори мошини чӯббурӣ;
– оператори мошинҳо барои буридани ғӯлачӯбҳо;
– оператори дастгоҳи бисёраррадор;
– оператори мангана барои истеҳсоли фанер;
– оператори таҷҳизоти хушккунанда оид ба коркарди чӯб.

2110. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– хушккунандаи қабатҳои фанер ва фанер–7521;
– дастгоҳчии дастгоҳи коркарди чӯб–7521.

## § 4. 8173. Операторон оид ба маҳсулоти чӯбӣ

2111. Операторон оид ба маҳсулоти чӯбӣ кори маҷмӯи таҷҳизоти технологиро барои истеҳсоли тахтачӯбҳо, паркет, гӯгирд ва қалам ва маҳсулоти ба инҳо монанд, мушоҳида, идора мекунанд ва назорат мебаранд.

2112. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– шаклдарории гилемҳои чӯбӣ- нахӣ, сементӣ– парахагӣ ва гулхании ғафсӣ ва зичиаш талабшуда дар мошинҳои қолибрез ва наққола;

– идоракунии кори шуъбаҳои омехтакунанда, тахтачӯбшаклдиҳанда ва дигар шуъбаҳои истеҳсоли тахтачӯб ва тахтаҳои гулханӣ аз лавҳаи идоракунӣ;

– тайёркунии пардаи бакелитӣ дар дастгоҳҳои махсуси ҷаббанда– хушккунанда амудӣ;

– ҷаббондани масолеҳи варақии рӯйкашкунанда ва қоғаз дар хатҳои худкор ва дар дастгоҳҳои ҷаббанда– хушккунанда;

– идоракунии таҷҳизот оид ба истеҳсоли паркет ва дигар рӯпӯшҳои чӯбӣ;

– идоракунии таҷҳизоти суфтакунанда, тайёркунии сатҳи болои ҷузъҳо ва маҳсулоти коркардшудаи чӯбин барои пардоз;

– хушккунӣ, суфтакунӣ, ба навъҳо ҷудодукӣ, ба вояҳо тақсимкунии чӯбчаҳои гӯгирд, ҷобаҷокунии онҳо дар қуттиҳо ва дигар амалиёти раванди технологии тайёркунии гӯгирд;

– тайёркунии хамираи меҳварӣ барои омода намудани меҳварҳои қалам ва васлкунии қаламҳо дар автомат.

2113. Намунаҳои машғулиятҳоии ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дастгоҳчии ҷаббиши масолеҳи рӯпӯшӣ;

– оператори хатҳои худкор оид ба пардози ҷузъҳо ва маҳсулоти ҷиҳоз (ҷиҳоз);

– хушккунандаи маҳсулоти чӯбӣ.

2114. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– рӯйкашкунандаи ҷузъҳои ҷиҳоз–7522.

## 168. ГУРӮҲИ ХУРДИ 818.

### § 1. Операторонидигари таҷҳизоти истеҳсолии статсионарӣ

2115. Ин гурӯҳи ибтидоӣ дар худ операторони таҷҳизоти истеҳсолии статсионарии дар дигар гурӯҳҳои зергурӯҳи 81 Операторони таҷҳизоти истеҳсолии статсионарӣ шомилнашуда, дохил менамояд. Дар ин гурӯҳ, масалан, операторони мошинҳои истеҳсоли шиша ва сафолот, хизматрасонии дегҳои буғӣ, мошинҳои бастабандӣ, тамғазан, чопӣ, брошуракунӣ, дастгоҳҳои компрессорӣ, помпаҳо, хунуккунанда, истеҳсоли барқ, оид ба тозакунӣ ва коркарди нафту газ, инчунин операторони роботҳои истеҳсолӣ ва чопи 3D дохил мешаванд.

2116. Ба уҳдадориҳои коргарони гурӯҳи хурди мазкур, одатан, дохил мешавад:

– назорати кори танӯрҳо барои пухтан, дигар танӯрҳо, мошинҳо ва таҷҳизот барои тайёркунии шиша, сафолот, фахфур, кошинҳо ва хишт;

– истифодабарии мошинҳо барои пухтан, обутоб додан ё ороишдиҳии шиша ё сафолот;

– хизматрасонии техникӣ ва истифодабарии муҳаррикҳои буғии статсионарӣ, дегҳои буғӣ, турбинаҳо ва таҷҳизоти ёридиҳанда;

– истифодабарӣ ва назорати кори мошинҳое, ки бар мекашанд, бастабандӣ мекунанд ва маҳсулотро тамға мезананд ё контейнерҳоро бо маҳсулот пур менамоянд;

– истифодабарӣ ва назорати кори мошинҳои чопӣ ва теъдодзиёдкунана, мошинҳо барои муқовабандӣ ва фишурдани нақшкӯбӣ дар муқова;

– истифодабарии дастгоҳҳои компрессорӣ, помпаҳо, хунуккунанда ва ба ҳаминҳо монанд;

– идоракунии кори мошинҳо ва дастгоҳҳо барои истеҳсоли нерӯи барқ ва тақсимоти он;

– назорати кори дастгоҳҳои тозакунанда ва коркарди нафту газ.

2117. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурд ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 8181 | Операторон оид ба тайёр кардани шиша, сафолот ва маҳсулот аз онҳо |
| 8182 | Операторони дегхона ва мошинҳои буғӣ |
| 8183 | Операторони мошинҳои бастабандкунанда, моеърез ва тамғазананда |
| 8184 | Операторон оид ба муқовабандӣ ва пардоздиҳӣ |
| 8185 | Операторони дастгоҳҳои компрессорӣ, помпагӣ, хунуккунанда ва ҳаммонанд |
| 8186 | Операторон оид ба истеҳоли нерӯи барқ |
| 8187 | Операторони хатҳои худкор, роботҳои саноатӣ ва чопи 3D |
| 8189 | Операторони таҷҳизоти статсионарии истеҳсолии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

### § 2. 8181. Операторон оид ба тайёр кардани шиша, сафолот ва маҳсулот аз онҳо

2118. Операторон оид ба тайёр кардани шиша, сафолот ва маҳсулот аз онҳо танӯрҳо барои пухтан, дигар намуди танӯрҳо, мошинҳо ва таҷҳизотро барои тайёр кардани шиша, сафолот, фахфур, кошинҳо, хишт барои пухтан, обутобдиҳӣ ё ороиш додани шиша, сафолот ва дигар намуди маҳсулот аз онҳо назорат мекунанд ва истифода мебаранд.

2119. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– идоракунӣ ва назорати кори танӯрҳои шишаобкунӣ барои тайёр кардани шиша тариқи гудозиши ингредиентҳои тайёр;

– хизматрасонии таҷҳизот барои гардкунии гарм ва хунук барои руйпӯшкунии маҳсулоти шишагӣ бо сахткунандаи сатҳӣ;

– истифодабарӣ ва назорати кори мошинҳое, ки фишор медиҳанд ё шишаҳои обшударо ба шаклҳо дам мекунонанд ё ба чунин зарфҳо, ба монанди буталҳо, банкаҳо ва истаконҳо шакл медиҳанд;

– истифодабарии манганаҳои дастӣ барои ба шиша додани шакли мавофиқ;

– истифодаи танӯрҳои варақакунанда барои коркарди шишаи обшуда ва ба шакли варақаҳои ҳамвори муттасил даровардани шиша;

– идоракунӣ ва назорати кори таҷҳизот барои истеҳсоли варақаҳои шаффофи шиша;

– идоракунӣ ва назорати кори дастгоҳҳои пардоздиҳанда барои сайқалдиҳӣ, пармакунӣ, коркарди регшарапошӣ, ороишдиҳӣ, шустагарӣ ё пардоздиҳии шиша ё маҳсулоти шишагӣ;

– танзим ва идоракунии кори манганаҳо барои шаклдарории маҳсулоти сафолӣ аз гили нам;

– истифодбарии мошинҳо барои омехтакунии гил бо об барои гирифтани ҳолати зарурии нармӣ ё шакли ниммоеъ бо мақсади тайёр кардани маҳсулоти сафолӣ;

– идоракунӣ ва назорати кори танӯрҳои пазиш барои тайёр намудани маҳсулоти кулолӣ ва фахфурӣ, хишт ва сафолакҳои бомпӯшӣ;

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳои омодакунандаи сири зарф ё соядаҳо;

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳои экструзонандаи шишаи обшуда бо мақсади омоданамоии шишанах;

– муоинаи маҳсулоти тайёр барои ошкор кардани тарқишҳо, намшикастаҳо, шикастапораҳо, инчунин нуқсонҳо дар ранг ва монанди инҳо.

2120. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– қолибрези маҳсулоти шишагӣ;
– пазандаи маҳсулоти сафолии сохтмонӣ;
– тафсонишгари истеҳсоли барқӣ- ангиштӣ;
– оператори танӯр барои пухтани кошинҳои сафолӣ;
– оператори мошинҳои шишашаклдиҳанда;
– бурандаи маҳсулоти сафолӣ ва фахфурӣ.

2121. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– қолибрези маҳсулоти фахфурӣ ва чинии хом–7315;
– шишабур –7315;
– шишагар–8181.

### § 3. 8182. Операторони дегхонаҳо ва мошинҳои буғӣ

2122. Операторони дегхонаҳо ва мошинҳои буғӣ кори навъҳои гуногуни мошинҳои буғӣ, дегҳои буғӣ, турбинаҳо ва таҷҳизоти ёридиҳандаро барои таъмини нерӯи барқ ва дигар намуди хизматрасониҳои манзилию коммуналии биноҳои истиқоматӣ, савдо, саноатӣ ва дигар муассисаҳо, минтақаҳои корҳои сохтмонӣ назорат мебаранд ва идора мекунанд.

2123. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– идоракунӣ, тозакунӣ, равғанмолӣ ва назорати кори муҳаррик ва дегҳои буғӣ ва таҷҳизоти ёридиҳанда, аз ҷумла помпаҳо, компрессорҳо ва таҷҳизот барои ҳавотанзимкунӣ, барои диҳиш ва нигоҳ доштани сатҳи буғ ва нерӯи барқ барои иншоот ё мошинҳои пневматикӣ;

– таҳлил ва сабти нишондиҳандаҳои асбобҳои ченкунанда, ҷустуҷӯи вайронӣ ва гузаронидани таъмири хурд барои пешгирӣ намудани азкорбароии таҷҳизот ё системаҳо;

– пайгирӣ ва назорати нишондиҳандаҳои кори таҷҳизот барои таъмини корҳои самаранок ва сатҳи зарурии оби ҷӯшомада, реагентҳои кимиёвӣ ва сӯзишворӣ;

– даргиронии танӯрҳои ангиштӣ, инчунин дегҳои газӣ ва равғанӣ бо истифодаи лӯлаҳои газгузарони худкор ё помпаҳои равғанкаш;

– озмоиши сифати об барои дегҳои буғӣ ё таъмини озмоиши онҳо, танзим ва андешидани чораҳои ислоҳкунандаи зарурӣ, аз ҷумла илова намудани реагентҳои кимиёвӣ барои пешгирии зангзанӣ ва таҳшинҳои хавфнок;

– пайгирии нишондиҳандаҳои асбобҳо ҳангоми кори муҳаррик, мошинҳо ва таҷҳизот, сабти нишондиҳандаҳо ва пешниҳоди ҳисобот оид ба вайрониҳо ба муҳандис – механики навбатдор;

– истифодабарӣ ва назорати кори помпа ва клапанҳои гидравликии холикунанда.

2124. Намунаҳои машғулияти ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– нозири деги буғӣ;

– оператори дегхона;

– оператори дастгоҳи статсионарӣ (буғӣ, дегхонавӣ).

2125. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– дегхоначӣ –7213.

## § 4. 8183. Операторони мошинҳои бастабандкунанда, моеърез ва тамғазананда

2126. Операторони мошинҳои бастабандкунанда, моеърез ва тамғазанда кори мошинҳое, ки бар мекашанд, бастабандӣ мекунанд ва маҳсулотро тамға мезананд ё воситаҳо ё зарфҳоро бо маҳсулот пур менамоянд, назорат ва идора мекунанд.

2127. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳое, ки бар мекашанд, бастабандӣ мекунанд, мухр мезананд ва маҳсулоти гуногунро борбандӣ мекунанд;

– идоракунӣ ва мушоҳидаи мошинҳое, ки найчаҳо, буталҳо, банкаҳои тунукагӣ, қуттиҳо, сумкаҳо ва дигар зарфҳоро бо чунин намуди маҳсулот, ба монанди хӯрок, нӯшокӣ, рангҳо, равған ва воситаҳои ороишии моеъ пур мекунанд ва ҳавоногузар менамоянд;

‒ идоракунӣ ва мушоҳидаи мошинҳое, ки маҳсулот, қуттӣ ва зарфҳои гуногунро тавассути ширешмолӣ ва дигар усулҳо тамға мезананд.

2128. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– оператори печонандаи худкор;
– оператори мошини консервӣ;
– оператори мошини тамғазанӣ;
– оператори мошини моеърез барои буталҳо;
– оператори мошини бастабандӣ.

2129. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– бастабандкунандаи дастӣ–9321.

## § 5. 8184. Операторон оид ба муқовабандӣ ва пардоздиҳӣ

2130. Операторон оид ба муқовабандӣ ва пардоздиҳӣ кори мошинҳои муқовабандӣ ва фишурандаи нақшкӯбӣ дар муқова, инчунин таҷҳизоти чопӣ ва зорибро идора ва назорат мебаранд.

2131. Ба уҳдадориҳои онҳо дохилмешавад:

‒ идоракунӣ ва назорати кори таҷҳизоти чопи баланд ва амиқ, чопи металлографӣ, чопи ҳамвор, чоп дар тунука, чопи қолибӣ, флексографӣ ва дигар намудҳои чоп, аз ҷумла мошинҳои нусхабардор ва зориби ба дигар гурӯҳҳо шомилгадида.

‒ қабули нусхаҳои санҷишӣ аз шаклҳои аслӣ барои чопи гуногунранг;

‒ расондан, ҳамворкунии сатҳи саҳифаҳои ҳарфчидашуда ва чопкунӣ дар навъҳои гуногуни мошинҳои худкори офсетӣ, литографӣ, варақавӣ, лӯлапечӣ ва тамғакунандаи чопи амиқ;

‒ идоракунӣ ва назорати кори чунин мошинҳои муқовабанд, ба монанди ширешкунанда-шерозачаспон,риштадӯз, коркарди блокӣ, ниҳонанда-дӯзанда-буранда.

‒ ширешкунии қоғази манзарӣ ба матоъҳои техникӣ барои тайёр кардани муқоваҳои бурида дар худкор;

‒ дӯхтани маҳсулоти китобӣ ва маҷаллӣ ва китобчаҳои ҳуҷҷатӣ дар мошин ва худкорҳои риштадӯз;

‒ ширешкунии ҷойи шерозабандии блокҳои китоб бо қоғаз ва часпонидани шероза дар мошинҳои ширешкунанда– шерозачаспон;

‒ ниҳодани блоки китобӣ ба сарпӯши муқова дар худкори китоб–ҷойкунанда ва танзими механизмҳои худкор ҳангоми гузариш ба ниҳодани китобҳои ҳаҷм ва шаклашон дигар;

‒ маҷмуъкунонӣ, дӯхтан ва буридан аз се тарафи брошур ва маҷаллаҳо, дафтарчаҳои ҳуҷҷатӣ, ҳуҷҷатҳои шиносномавӣ.

2132. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– рангрези мошини чопӣ;
– машинисти хати худкори китобсозӣ;
– машинисти дастгоҳи ниҳонанда-дӯзанда-буранда;
– машинисти машини ширешкунӣ;

– оператори мошинҳои нусхабардор ва зориб;

– оператори худкори наққорикунандаи электронӣ барои тайёр намудани шаклҳои чопи амиқ.

2133. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– муқовабанд–7323;

– чопгари чопи амиқ–7321.

## § 6. 8185. Операторони дастгоҳҳои компрессорӣ, помпаҳо, хунуккунанда ва ҳаммонанд

2134. Операторони дастгоҳҳои компрессорӣ, помпаҳо, хунуккунанда ва ҳаммонанд кори таҷҳизотро барои гирифтани газҳои фишурда, кашидагузаронии моеъот аз як ҷой ба ҷойи дигар, барои ба таври сунъӣ паст намудан ва нигоҳ доштани ҳарорати паст нисбат ба ҳарорати муҳити атроф ва таҷҳизоти ба ҳаминҳо монанд.

2135. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– идоракунии раванди технологӣ ва назорати кори дастгоҳҳои компрессорӣ, помпаҳо, хунукдиҳанда ва таҷҳизоти ба ҳаминҳо монанд;

– санҷиши таҷҳизот ва назорати шароити истифодабарӣ, ҳисобкунакҳо, полояҳо ва қосидакҳо бо мақсади риояи талаботои муқарраргардида, ошкор кардани вайрониҳо ва таъмини мутобиқатии ҷараён, фишор ва ҳарорати нишондиҳандаҳо тибқи таснифоти тасдиқшуда;

– муайян кардани вайрониҳо дар кор ва пешниҳоди ҳисобот оид ба вайрониҳо ба роҳбарияти болоӣ;

– иштирок дар таъмири таҷҳизот барои пешгирии азкорбароии онҳо;

– пур кардан ва пешбурди журналҳои истеҳсолӣ ва ҳисобот.

2136. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– машинисти автокомпрессор;

– машинисти дастгоҳҳои обкашӣ;

– машинисти дастгоҳҳои хунуккунӣ.

2137. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– васлгари таҷҳизоти дастгоҳҳои хунуккунанда–7127.

## § 7. 8186. Операторон оид ба истеҳсоли нерӯи барқ

2138. Операторон оид ба истеҳсоли нерӯи барқ идоракуниро бо пайгирии мониторҳо ва таҷҳизоти ҳамроҳикунанда дар марказҳои идоракунӣ, ки истеҳсол ва тақсимкунии ҷараёни барқ ё дигар намудҳои ҷараёнро дар шабакаҳои интиқолдиҳӣ назорат мекунанд, амалӣ месозанд. Дар минтақаи амали онҳо дастгоҳ ва таҷҳизоти зерини барқӣ ҷойгиранд: реакторҳо, турбинаҳо, генераторҳо ва дигар таҷҳизоти ёрирасон барои истеҳсоли нерӯи барқ дар нерӯгоҳҳои барқӣ.

2139. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– идоракунӣ, мониторинг ва санҷиши дастгоҳҳои гуногуни нерӯгоҳҳои барқӣ вобаста ба истеҳсоли барқ;

– идоркунӣ ва назорати системаҳо ва таҷҳизоти энергетикӣ, аз ҷумла дегҳо, трубинаҳо, генераторҳо, конденсаторҳо ва реакторҳои коркунанда дар нерӯгоҳҳои барқии обӣ-гармидиҳӣ (тавассути ангишт, нафт, гази табиӣ коркунанда) ва нерӯгоҳҳои атомӣ барои истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ;

– назорати бакордарорӣ ва хомӯш намудани таҷҳизоти энергетикӣ, назорати амалиёти бакордарории батанзимдарорандаи сатҳи об, ҳамкорӣ бо системаҳои амалиётии батанзимдароранда ва ҳамоҳангсози диҳиши сарборӣ, суръат ва шиддат дар хати барқ;

– пайгирии асбобҳо, ҳисобкунакҳо ва қосидакҳо дар фосилаҳои муқарраргардида, ошкор намудани вайрониҳо ва андешидани чораҳо барои ислоҳи вазъият дар сурати зарурӣ;

– пешбурди сабти нишондиҳандаҳо, пур кардани журналҳо ва тартибдиҳии ҳисобот, ҳамкорӣ бо дигар кормандон барои арзёбии ҳолати таҷҳизоти коркунанда;

– таъмини тозакунӣ ва хизматрасонӣ ба чунин таҷҳизот, ба монанди генераторҳо, дегҳо, турбинаҳо, помпаҳо, компрессорҳо барои пешгирӣ кардани радкунӣ ё номуназзам шудани кори таҷҳизот.

2140. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
- машинисти гидроагрегатҳо;
- машинисти истгоҳи барқии сайёр;
- машинист блоки энергетикӣ.

2141. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:
- оператори дастгоҳҳои статсионарӣ (буғӣ, дегхонавӣ)–8182.

### § 8. 8187. Операторони хатҳои худкор, роботҳои саноатӣ ва чопи 3D

2142. Операторони хатҳои худкор, роботҳои саноатӣ ва чопи 3D кори таҷҳизотро дар хатҳои васлкунии истеҳсолӣ, роботҳои саноатӣ ва чопи 3D идора мекунанд ва назорат мебаранд.

2143. Ба ухдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– идоракунӣ ва назорати тартиботи технологии кори таҷҳизот дар хатҳои васлкунии истеҳсолӣ бо ёрии лавҳаҳои идоракунӣ, терминалҳои компютерӣ ё дигар системаҳои идоракунӣ;

– барномасозӣ ва табдили барномасозии роботҳои саноатӣ;

– идоракунӣ ва назорати кори роботи саноатӣ (манипулятор);

– истифодабарӣ ва хизматрасонии техникии таҷҳизоти чопи 3D, назорат ва ҷойгиркунонии маводи харољотӣ;

– анҷом додани коркарди интиҳоии объектҳои тайёри чопи 3D;

– гузаронидани санҷиши таҷҳизоти истеҳсолӣ ва роботҳои саноатӣ бо мақсади сари вақт ошкор намудан ва бартараф кардани вайрониҳо.

2144. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дастгоҳчии дастгоҳи пардохти векселӣ;
– оператори чопи 3D;
– оператори оид ба хизматрасонии роботҳои саноатӣ;
– оператори дастгоҳҳо бо идоракунии барномавӣ.

### § 9. 8189. Операторони таҷҳизоти истеҳсолии статсионарии ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

2145. Ба ин гурӯҳи ибтидоӣ операторони таҷҳизоти истеҳсолии статсионарии ба дигар гурӯҳҳои зергурӯҳи 81 Операторони таҷҳизоти истеҳсолии статсионарӣ шомилнагардида, дохил мешаванд.

2146. Ба ин гурӯҳ, масалан, операторони мошинҳое, ки равандҳои тозакунӣ ва коркарди обро идора менамоянд ва операторони мошинҳое, ки раванди кристалҳои силикатиро тайёр намуда, таноб, симтаноб, сими ноқилро пайванд мекунанд, дохил мешаванд.

2147. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– пешбурди равандҳои тозакунии кимиёвии об, аз ҷумла хлоронӣ, бенамаксозӣ, бесилитсийкунонӣ ва монанди инҳо дар дастгоҳҳои махсус;

– пешбурди равандҳои тозакунии обҳои шории саноатӣ ё радиоактивӣ аз омехтаҳо бо усулҳои таҳшинкунӣ, полоиш, тозакунии ионӣ–табдилдиҳӣ, оксидкунии биологӣ ва дигар усулҳо;

2148. Намунаҳои машғулияти ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– муҳаррикчии обпарто;
– оператори иншооти тозакунанда;
– оператор оид ба обёрӣ ва полоиш;
– оператори мошинҳо барои пайванди таноб ва симтаноб;
– оператори дастгоҳ барои истеҳсоли кристалҳои силикатӣ.

## 169. ЗЕРГУРӮҲИ 82. ВАСЛГАРОН, ТАНЗИМГАРОН ВА ОЗМОИШГАРОНИ МАҲСУЛОТ

2149. Васлгарон, танзимгарон ва озмоишгарони маҳсулот ҷузъ ё компоненти тайёрро барои ба даст овардани қисмҳои васлкунӣ, маҳсулот ва таҷҳизот мувофиқи равандҳои дақиқи муқарраргардидаи технологӣ ҷамъоварӣ мекунанд, таҷҳизоти васлшуда ё таъмиршударо тахти сарборӣ озмоиш медиҳанд.

2150. Маҳсулоти коркардшавандаи васлгарон метавонанд, аз як коргар ба дигар, қад– қади хатти васлкунӣ ҳаракат намоянд. Қисми зиёди машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур сатҳи дуюми тахассусиро талаб менамояд.

2151. Уҳдадориҳои иҷрокунандаи зергурӯҳи мазкур, одатан иборатанд:

– васлкории компонентҳои гуногуни навъҳои маҳсулот ва таҷҳизот мувофиқ ба равандҳои дақиқи технологӣ;

– омӯзиши супоришномаҳо барои иҷрои корҳо, таснифот, диаграммаҳо ва нақшаҳо барои муайян намудани масолеҳи зарурӣ ва дастурамалҳо оид ба васлкунӣ;

– бақайдгирии нишондиҳандаҳои технологӣ ва истифодабарӣ бо истифодаи бланкаҳои пешбинигардидаи махсус;

– муоина ва озмоиши компонентҳои тайёр ва ҷузъҳо, васли ноқил ва занҷирҳои барқӣ;

– сақаткунонии компонент ва ҷузъҳои вайрон.

2152. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 821 | Васлгарон ва озмоишгарони маҳсулот |

## 170. ГУРӮҲИ ХУРДИ 821.
### § 1. Васлгарон ва озмоишгарони маҳсулот

2153. Васлгарон ва озмоишгарони маҳсулот ҷузъ ё компоненти тайёрро барои ба даст овардани қисмҳои васлкунӣ, маҳсулот ва таҷҳизот мувофиқи равандҳои дақиқи муқаррааргардидаи технологӣ ҷамъоварӣ мекунанд, таҷҳизоти васлшуда ё таъмиршударо таҳти сарборӣ озмоиш медиҳанд.

2154. Маҳсулоти коркардшавандаи васлгарон метавонанд, аз як коргар ба дигар, қад–қади хати васлкунӣ ҳаракат намоянд.

2155. Қисми зиёди машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур сатҳи дуюми тахассусиро талаб менамояд.

2156. Ба уҳдадориҳои гурӯҳи хурди мазкур, одатан, дохил мешаванд:

– васлкории компонентҳои гуногуни навъҳои маҳсулот ва таҷҳизот мувофиқ ба равандҳои дақиқи технологӣ;

– омӯзиши супоришномаҳо барои иҷрои корҳо, таснифот, диаграммаҳо ва нақшаҳо барои муайян намудани масолеҳи зарурӣ ва дастурамалҳои васлкунӣ;

– бақайдгирии нишондиҳандаҳои технологӣ ва истифодабарӣ бо истифодаи бланкаҳои пешбинигардидаи махсус;

– муоина ва озмоиши компонентҳои тайёр ва ҷузъҳо, васли ноқил ва занҷирҳои барқӣ;

– сақаткунонии компонент ва ҷузъҳои вайрон.

2157. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 8211 | Васлгарони мошин ва таҷҳизоти механикӣ |
| 8212 | Васлгари таҷҳизоти барқӣ |
| 8213 | Васлгари таҷҳизоти электронӣ |
| 8214 | Танзимгар ва озмояндагони маҳсулот |
| 8219 | Васлгарони ба гурӯҳҳои дигар дохил нагардида |

### § 2. 8211. Васлгарони мошин ва таҷҳизоти механикӣ

2158. Васлгарони мошин ва таҷҳизоти механикӣ бо ҷамъоварии маҷмӯи қисмҳои мошинҳои механикӣ, ба монанди муҳаррикҳо, воситаҳои

нақлиёти автомобилӣ, турбинаҳо, дастгоҳҳои парвозкунанда, қаторахои сайёр, инчунин, васлкунии таҷҳизоти саноатӣ мувофиқ ба равандҳои дақиқи технологӣ, машғуланд.

2159. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

− васлкунӣ ва насбии ҷузъҳо ё компонентҳои тайёр барои ба даст овардани қисмҳи васлкунӣ, таҷҳизоти механикӣ, муҳарикҳо ва воситаҳои нақлиёти автомобилии тайёр;

− омӯзиши супоришномаҳо барои иҷрои корҳо, таснифот, диаграммаҳо ва нақшаҳо барои муайян намудани масолеҳи зарурӣ ва дастурамалҳо оид ба васлкунӣ;

− бақайдгирии нишондиҳандаҳои технологӣ ва истифодабарӣ бо истифодаи бланкаҳои пешбинигардидаи махсус;

− назорати дурустии васлкунӣ ва сабти тавсифоти истифодабарӣ;

− сақаткунонии ҷузъҳо ва компонентҳои вайрон.

2160. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– васлгари муҳаррикҳо;

– васлгари дастгоҳ ва таҷҳизоти кимиёвӣ;

– челонгар–васлгари қуттии интиқол;

– челонгар–васлгари дастгоҳҳои парвозкунанда;

– челонгар–васлгар оид ба таъмири қаторахои сайёр.

2161. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– механики воситаҳои нақлиёти автомобилӣ–7231;

– васлгари мошин ва дастгоҳҳои барқӣ–8212;

– васлгари дучархаҳо–8219.

## § 3. 8212. Васлгарони таҷҳизоти барқӣ

2162. Васлгарони таҷҳизоти барқӣ компонентҳои таҷҳизоти барқиро мувофиқ ба равандҳои дақиқи технологӣ васл менамоянд ё дигарсозӣ менамоянд.

2163. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

− васлкунии қисмҳои системаҳои барқии маҷмӯъкунанда аз рӯйи нақшаҳои асбобҳо, мошинҳо, дастгоҳҳо бо батанзимдарории механикӣ ва барқии онҳо, ҷойгиркунонӣ, ҷафсбандӣ ва мустаҳкамкунии блокҳои алоҳида ба қисмҳо, қисмҳои васлкунӣ ё қафасаҳо бо истифодаи асбобҳои дастӣ ё механиконидашуда, таҷҳизоти кафшерӣ ё хурди кафшерӣ;

− омӯзиши супоришномаҳо барои иҷрои корҳо, таснифот, диаграммаҳо, нақшаҳо барои муайян намудани масолеҳи зурурӣ ва дастурамалҳо оид ба васлкунӣ;

− бақайдгирии нишондиҳандаҳои технологӣ ва истифодабарӣ бо истифодаи бланкҳои пешбинигардидаи махсус;

− иҷрои ҳисобгирӣ ва ангораҳои зарурӣ ҳангоми васлкунии маҳсулот;

− истифодабарии мошинҳои симпечон барои печонидани калобаҳои симии дар таркиби чунин таҷҳизоти барқӣ ва компонентҳо

истифодабаранда, ба монанди асбобҳои ченкунанда, трансфарматорҳо, симҳои арматурӣ, муҳаррикҳои барқӣ ва генераторҳо;

− муоинаи компонентҳои тайёр ва қисмҳо, васли ноқил ва занҷирҳои барқӣ, инчунин, сақати қисмҳои вайрони васлкунӣ.

2164. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– васлгари батареяҳои аккумуляторӣ ва аккумуляторҳо;

– васлгари асбобҳои барқии маишӣ;

– васлгари трансформаторҳо;

– васлгари таҷҳизоти равшанидиҳандаи барқӣ;

– челонгар–васлгар оид ба асбобҳои назоратӣ-ченкунанда ва автоматика.

2165. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– васлгари дастгоҳ ва асбобҳои радиоэлектронӣ–7421.

## § 4. 8213. Васлгари таҷҳизоти электронӣ

2166. Васлгари таҷҳизоти электронӣ компонентҳои таҷҳизоти электрониро тибқи муқаррароти равандҳои дақиқи технологӣ ҷамъоварӣ ва дигарсозӣ менамоянд.

2167. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

− васлкунии қисмҳо, ҷузъҳои алоҳида, ҷузъҳо ва системаҳои электронӣ, ҷойгиркунонӣ, ҷафсбандӣ ва мустаҳкамкунии блокҳои алоҳида барои қисмҳо, қисмҳои васлкунӣ ё қафасаҳо бо истифодаи асбобҳои дастӣ ё механиконидашуда, таҷҳизоти кафшерӣ ва таҷҳизоти хурди кафшерӣ;

− омӯзиши супоришномаҳо барои иҷрои корҳо, таснифот, диаграммаҳо, нақшаҳо барои муайян намудани масолеҳи зурурӣ ва дастурамалҳо оид ба васлкунӣ;

− иҷрои ҳисобиҳои зарурии бо корҳои васлкунӣ алоқаманд;

− бақайдгирии нишондиҳандаҳои технологӣ ва истифодабарӣ бо истифодаи бланкаҳои пешбинигардидаи махсуси;

- муоинаи компонентҳои тайёр ва қисмҳо, васли ноқил ва занҷирҳои барқӣ, инчунин, сақати қисмҳои вайрони васлкунӣ.

2168. Намунаҳои машғулияти ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– васлгари маҳсулоти техникаи электронӣ;

– васлгари микронақшаҳо;

– васлгари дастгоҳи радиоӣ;

– васлгари телевизорҳо.

2169. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– васлгари асбобҳои барқии маишӣ–8213.

## § 5. 8214. Танзимгарон ва озмояндагони маҳсулот

2170. Танзимгарон ва озмояндагони маҳсулот санҷишҳоро барои дақиқият мегузаронанд, мошин ва таҷҳизоти васлшуда ва таъмиршударо таҳти сарборӣ озмоиш медиҳанд.

2171. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

- омодакунии дастгоҳ, стенд, лавҳаҳои озмоишӣ барои гузаронидани озмоиши мошинҳо ва таҷҳизот;
- гузаронидани озмоишҳои санҷишӣ ва намунавии асбобҳо, дастгоҳҳо, дастгоҳҳои радиоии васлшаванда, маҳсулоти васлшуда ба устуворӣ, фишор, ҳавоногузарӣ ва дигар параметрҳо;
- гузаронидани озмоишҳои танобҳо ва занҷирҳои филизӣ барои кандашавӣ дар манганаҳои озмоишӣ;
- ошкор намудани ҷузъҳои нуқсондори мошин ва таҷҳизот ва таснифоти асбобҳои коршоям;
- тартиб додани ҳуҷҷатгузории зарурӣ оид ба гузаронидани озмоишҳо ва натиҷаҳои бадастомада.

2172. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

- озмоишгари муҳаррикҳо;
- озмоишгари ҷузъҳо ва асбобҳо;
- озмоишгари асбобҳо аз алмос ва маводи аз ҳад сахт;
- озмоишгари метал;
- озмоишгар барои ҳавоногузарӣ.

## § 6. 8219. Васлгарони ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

2173. Васлгарони ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида ба васлкунии маҳсулоти гуногун, ки дар таркиби онҳо компонентҳои электронӣ, барқӣ ё механикӣ мутобиқ бо равандҳои дақиқи технологӣ дохил намешаванд, машғуланд.

2174. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

- васлкунии қисмҳои маҷмуъкунанда, ҷойгиркунонӣ, ҷафсбандӣ ва мустаҳкамкунии блокҳои алоҳида ба қисмҳо, қисмҳои васлкунӣ ва қафасаҳо бо истифодаи асбобҳои дастӣ ё механиконида, таҷҳизоти кафшерӣ ва таҷҳизоти хурди кафшерӣ;
- омӯзиши супоришномаҳо барои иҷрои корҳо, таснифот, диаграммаҳо, нақшаҳо барои муайян намудани маводи зурурӣ ва дастурамалҳо оид ба васлкунӣ;
- бақайдгирии нишондиҳандаҳои технологӣ ва истифодабарӣ бо истифодаи бланкаҳои пешбинигардидаи махсуси;
- муоинаи компонент ва ҷузъҳои тайёр;
- сақаткунонии маҳсулоти корношоям.

2175. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

- васлгари лавозимоти ҷангӣ;
- васлгари дучархаҳо;
- васлгари бозичаҳо;
- вазлгари маҳсулоти резинӣ;

– васлгари маҳсулоти шишагӣ.

2176. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– васлгари асбобҳои нафасӣ–7662;

– васлгари маҳсулот аз қаҳрабо–7651;

– васлгари ҷузъҳо ва маҳсулот (пойафзол)–7536.

## 171.ЗЕРГУРӮҲИ 83. РОНАНДАҲО ВА ОПЕРАТОРОНИ ТАҶҲИЗОТИ ҲАРАКАТКУНАНДА

2177. Ронандаҳо ва операторони таҷҳизоти ҳаракаткунанда локомотивҳо ва воситаҳои нақлиёти автомобилиро меронанд ва хизматрасонӣ мекунанд, мошин ва таҷҳизоти ҳаракаткунандаи истеҳсолӣ, сохтмонӣ ва кишоварзиро меронанд, идора мекунанд ва корашонро назорат мебаранд, корҳоро дар воситаҳои нақлиёт иҷро мекунанд. Аксари машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур сатҳи дуюми тахассусро талаб мекунанд.

2178. Уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи мазкур одатан иборатанд:

– рондан ва хизматрасонӣ ба қатораҳо ва воситаҳои нақлиёти автомобилӣ;

– рондан, идоракунӣ ва назорати кори мошин ва таҷҳизоти ҳаракаткунандаи саноатӣ ва кишоварзӣ.

2179. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 831 | Машинистҳои локомотивҳо ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд |
| 832 | Ронандаҳои мотосиклҳо ва автомобил |
| 833 | Ронандаҳои автомобилҳои боркаш, автобус ва троллейбусҳо |
| 834 | Ронандаҳои таҷҳизоти ҳаракаткунанда |

## 172. ГУРӮҲИ ХУРДИ 831.
### § 1. Машинистҳои локомотивҳо ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд

2180. Машинистҳои локомотивҳо ва коргарони машғулиятҳои ҳаммонанд қатораҳои мусофиркаш ва боркаши роҳи оҳанро меронанд ё барои рондани онҳо кумак мекунанд, бехатарии қатораҳои боркашониро ҳангоми ҳаракат таъмин мекунанд, ҳаракати нақлиёти роҳи оҳанро бо истифодаи сигналҳо назорат мебаранд, самтҳои қатораҳои сайёрро табдил медиҳанд, таркиби қатораҳоро дар истгоҳҳои тақсимкунанда тартиб медиҳанд, қатораҳоро аз вагончаҳо барои ҳаракаткунӣ дар конҳои маъдан ташкил намуда, ҳаракати онҳоро назорат мебаранд.

2181. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан, дохиланд: рондан ё мусоидат намудан дар рондани локомотивҳо, ба кор даровардани сигналҳои роҳи оҳан, табдилдиҳии самтҳои қатораҳои сайёр, тартибдиҳии таркиби қатораҳо дар истгоҳҳои тақсимкунанда, ташкили

қаторaҳо аз вагончаҳо барои ҳаракаткунӣ дар конҳои маъдан, назорати ҳаракати онҳо.

2182. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 8311 | Машинистҳои локомотивҳо |
| 8312 | Коргарони боздоранда, сувичгарон (стрелкачиҳо) ва сигналдиҳандаҳо |

## § 2. 8311. Машинистҳои локомотивҳо

2183. Машинистҳои локомотивҳо қатораҳои мусофиркашонӣ ва боркашониро меронанд ё барои рондани онҳо кумак мерасонанд.

2184. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

− рондан ё кумак расондан дар рондани қатораҳо, ба монанди электровоз, тепловоз , қатора ва дигар намуди локомотивҳо;

− батанзимдарории суръати ҳаракати қатора вобаста аз таъйиноти роҳ ва вазни қатора;

− назорати сигналҳо, ҳолати қатора ва роҳҳо, шабакаҳои тамосӣ, нишондиҳандаҳои асбобҳои назоратӣ– ченкунанда;

− ташкил ва иҷрои корҳои манёврӣ;

− рондани локомотивҳо барои кашонидани борҳо;

− пайгирии омилҳои хатарнок дар роҳи сафар ва назорати сигналҳо ва нишонидҳандаҳои индикаторҳо;

− истифодабарии системаҳои алоқа барои нигоҳдории алоқа бо саркорҳои қатораҳо ва танзимгарон бо мақсади таъмини бехатарии истифодабарӣ ва реҷаи ҳаракати қатораҳо.

2185. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ронандаи троллейбус;

– машинисти қатораи дизелӣ;

– машинисти тепловоз.

## § 3. 8312. Коргарони боздоранда, сувичгарон (стрелкачиҳо) ва сигналдиҳандаҳо

2186. Коргарони боздоранда, сувичгарон (стрелкачиҳо) ва сигналдиҳанда бехатарии қатораҳои роҳи оҳанро ҳангоми ҳаракат таъмин менамоянд, ҳаракати нақлиёти роҳи оҳанро бо табдилдиҳии мили самтивазкунанда назорат мебаранд, қатораҳои сайёрро ташкил мекунанд, таркиби қатораҳоро дар истгоҳҳои тақсимкунанда месозанд ва қатора ташкил мекунанд, ҳаракати онҳоро назорат мебаранд.

2187. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

− мушоҳида ва таъмини бехатарии қатораҳои боркаш ҳангоми ҳаракат;

– назорати ҳаракати роҳи оҳан дар минтақаи хатии роҳи оҳан тавассути табдилдиҳии сигналҳо ва мили самтивазкунанда (стрелка) аз лавҳаи идоракунӣ ё блокпостҳо;

– тағйирдиҳӣ ва қӯшкунии қатораи сайёр дар истгоҳҳои тақсимкунӣ ва роҳҳои эҳтиётӣ мувофиқ ба талаботи фармонҳо оид ба боркунӣ, борфурорӣ ва ташкилдиҳии қатораҳо;

– ташкилдиҳии қатора аз вагончаҳо барои ҳаракат кардани онҳо бо кумаки локомотив ё симрӯдаҳо ва равона кардани самти ҳаракати онҳо қад–қади коркарди берункашонии маъдан дар конҳо ё конҳои рӯйизаминӣ;

– санҷиши система ва таҷҳизоти қаторай, аз ҷумла системаҳои ҳаводиҳӣ ва гармидиҳӣ, системаҳои боздорӣ ва рӯдаҳои боздорӣ то оғози ҳаракати қатора.

2188. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– навбатдори гузаргоҳҳо;
– навбатдори дидбонгоҳи милӣ;
– батанзимдарорандаи суръати ҳаракати вагонҳо;
– сигналдиҳанда.

## 173. ГУРӮҲИ ХУРДИ 832.
### § 1. Ронандаҳои мотосикл ва автомобилҳо

2189. Ронандаҳои мотосикл ва автомобилҳо мотосиклҳо, мотосиклҳои сечарха, автомобилҳои сабукрав ё каппадорро барои ҳамлу нақли мусофирон, масолеҳ ё молҳо меронанд ва хизматрасонӣ мекунанд.

2190. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан, дохиланд: рондан ва хизматрасонии мотосиклҳо, мотосиклҳои сечарха, автомобилҳои сабукрав ё каппадорро барои ҳамлу нақли мусофирон, масолеҳ ё молҳо.

2191. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 8321 | Хаткашонҳо бо мотосиклҳо |
| 8322 | Ронандаҳои автомобилҳои сабукрав, таксӣ ва каппадор |

### § 2. 8321. Хаткашонҳо бо мотосиклҳо

2192. Хаткашонҳо бо мотосиклҳо ё мотосиклҳои сечархаи барои боркашонии мол, маҳсулот ва мусофирон ҷиҳозонидашударо меронанд ва хизматрасонӣ мекунанд.

2193. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– рондан ва хизматрасонии мотосиклҳо ё мотосиклҳои сечарха барои кашонидани масолеҳ, мол ва мусофирон;

– риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва сигналҳои чароғакҳои роҳнамо;

– тозакунӣ ва шустани воситаҳои нақлиёт, инчунин, ба роҳ монади хизматрасонии техникӣ ва таъмири хурд;

– пешбурди журнали сафарҳо;

– дастраскунии паёмҳо.

2194. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ронандаи аэрочанаҳо;
– ронандаи воситаҳои мото–нақлиёт;
– ронандаи аробачаҳои барқӣ ва автомобилӣ.

### § 3. 8322. Ронандаҳои автомобилҳои сабукрав, таксӣ ва каппадор

2195. Ронандаҳои автомобилҳои сабукрав, таксӣ ва каппадор автомобилҳои сабукрав ва каппадорро барои ҳамлу нақли мусофирон, почта ё молҳо меронанд ва хизматрасонӣ мекунанд.

2196. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– рондан ва хизматрасонии автомобилҳои каппадор, автомобилҳо ё таксӣ;
– рондан ва хизматрасонии автомобилҳои сабукрав, каппадор ё боркаши камвазн барои дастраскунонии почта ё мол;
– расонидани кумак ба мусофирон ҳангоми муносибат бо бағоҷ;
– гирифтани музд барои сафар ва дастраскунӣ ё ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи дастраскунӣ;
– истифодабарии таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ барои хабардор намудани макони ҷойгиршавӣ ва омодагӣ барои хизматрасонӣ, инчунин бо мақсади иҷрои дастурамали маркази танзимкунӣ;
– интихоби хатсайри қобили қабул;
– мусоидат намудан ба мусофирони дорои имкониятҳои маҳдуд;
– идораи таҷҳизоти сабуккунандаи нишаст ва фуровардани мусофирони дорои имкониятҳои маҳдуд.

2197. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ронанда–озмоишкунанда;
– ронанда–таваққуфчӣ;
– ронандаи таксӣ;
– ронандаи автомобили каппадор барои кашонидани ҷиҳоз;
– ронандаи шахсӣ.

2198. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– ронандаи воситаҳои мото-нақлиёт –8322;
– ронандаи автобус–8331;
– ронандаи автомобилҳои боркаш–8332.

## 174. ГУРӮҲИ ХУРДИ 833.

### § 1. Ронандаи автомобилҳои боркаш, автобусҳо ва троллейбусҳо

2199. Ронандаи автомобилҳои боркаш, автобусҳо ва троллейбусҳо автомобилҳои универсалӣ ва махсусгардонидашуда, автобусҳо ё троллей-

бусҳоро барои ҳамлу нақли мол, моеъот, масолеҳи вазнин. почта ё мусофирон меронанд ва хизматрасонӣ мекунанд.

2200. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан, дохил мешавад: рондан ва хизматрасонии автомобилҳои боркаши калонҳаҷм, боркашҳои универсалӣ ва махсусгардонидашуда, автобус ё троллейбусҳо барои ҳамлу нақли мол, моеъот, масолеҳи вазнин. почта ё мусофирон.

2201.Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 8331 | Ронандаи автобусҳо ва троллейбусҳо |
| 8332 | Ронандаи автомобилҳои боркаш |

## § 2. 8331. Ронандаи автобусҳо ва троллейбусҳо

2202. Ронандаи автобусҳо ва троллейбусҳо автобусҳо, микроавтобусҳо ё троллейбусҳоро барои ҳамлу нақли мусофирон, почта ё мол меронанд ва хизматрасонӣ мекунанд.

2203. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

− рондан ва хизматрасонии автобусҳо, троллейбусҳо ё автобусҳои байнишаҳрӣ барои дар хатҳои маҳаллӣ ва байнишаҳрӣ ҳамлу нақли мусофирон, почта ё мол, аз ҷумла бо мақсади расонидани кумаки оперативии тиббӣ;

− кушодан ва пӯшонидани дарҳо то ва баъди даромадан ва фаромадани мусофирон;

− расонидани кумак ҳангоми муносибати мусофирон бо бағоҷ;

− идоракунии системаҳои равшанидиҳӣ, гармидиҳӣ ва ҳаводиҳии автобусҳо ва трамвайҳо;

− риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ бо мақсади бехатарии сафар;

− гирифтани пардохти роҳкиро барои сафар ё санҷидани мавҷуд будани чиптаҳои зарурии мусофирон;

− гузаронидани муоинаҳои нақшавии автобусҳо ва троллейбусҳо бо истифодаи таҷҳизоти махсус, асбоб ва дастгоҳҳои назоратӣ– ченкунанда.

2204. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ронандаи автобус;
– ронандаи автомобили ёрии таъҷилӣ;
– ронандаи автобуси байнишаҳрӣ;
– ронандаи троллейбус.

2205. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– ронандаи автомобилҳои боркаш–8332.

## § 3. 8332. Ронандаи автомобилҳои боркаш

2206. Ронандаи автомобилҳои боркаш воситаҳои вазнини нақлиёти автомобилиро барои ҳамлу нақли мол, моеъот ва масолеҳи вазнин дар масофаҳои кӯтоҳ ё дароз, инчунин бо мақсади расонидини ёрӣ дар ҳолати

сӯхтор, меронанд ва хизматрасонӣ мекунанд. Ба гурӯҳи мазкур, инчунин ронандаҳои техникаи роҳӣ (булдозерҳо, скреперҳо, трейлерҳо) дохил мешаванд.

2207. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

- рондан ва хизматрасонии воситаҳои нақлиёти автомобилии вазнин, аз ҷумла, мошинҳои оташнишонӣ, боркашҳо бо ядакҳо ё бе онҳо, худрезҳо барои ҳамлу нақли мол, моеъот, масолеҳи вазин дар масофаи наздик ё дур;
- интихоби хатсайри бештар қобили қабул;
- таъмини батартибгузории зарурӣ ва пӯшиши бехатари борҳо барои пешгирӣ кардан аз талафёбӣ ва зарбхӯрӣ;
- мусоидат намудан ё гузаронидани амалиётии боркунӣ ё борфарорӣ бо истифодаи таҷҳизоти гуногуни болобардор ё чаппакунанда;
- ба роҳ мондани хизматрасонии хурди техникии воситаҳои нақлиёт, инчунин мувофиқанамоии хизматрасонии асосии техникӣ ва таъмири онҳо;
- иҷрои корҳо ҳангоми таъмир ва хизматрасонии роҳҳои автомобилӣ;
- баҳодии вазн бо мақсади риояи маҳдудият ба сарборӣ ва таъмини бехатарии тақсимоти бор.

2208. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

- ронандаи автомобилҳои боркаш;
- ронандаи автомобилҳои партовкашонӣ;
- ронандаи мошини оташнишонӣ;
- ронандаи мошини обпошӣ;
- ронандаи ядакмошин;
- ронандаи тахлиямошин.

2209. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳҳои ибтидоӣ мансуб:

- ронандаи автомобили каппадор–8322.

## 175. ГУРӮҲИ ХУРДИ 834.

### § 1. Ронандаҳои таҷҳизоти ҳаракаткунанда

2210. Ронандаҳои таҷҳизоти ҳаракаткунанда кори мошинҳои махсусгардонидашудаи муҳаррикдор ё таҷҳизоти барои тоза ва омодакунии қитъаҳои замин, иҷрои корҳои заминӣ, аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдан ва пошидани замин, санг ва масолеҳи ба ҳаминҳо монанд, инчунин, бардоштан ё аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдани объектҳои вазнин истифодашавандаро хизматрасонӣ ва назорат мебаранд.

2211. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур, одатан, дохил мешаванд:

- омодакунӣ ва ҷойкунонии таҷҳизот барои кор;
- ҷӯркунии суръат, баландӣ ва чуқурии олот;
- рондан ва истифодабарии дастгоҳҳои сайёр;
- истифодабарии сомонолот барои бардоштан, кӯчонидан ва чаппакунии дарахтон, ғӯлачӯбҳо, замин ва дигар объектҳои вазнин ё масолеҳ;

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳои худрави боркаш ва кранҳои статсионарӣ ё сайёр дар ҷараёни корҳои сохтмонӣ, ҳамлу нақл ва нигоҳдорӣ;

– хизматрасонӣ ба мошинҳо ва ба роҳ монадани таъмири хурд.

2212. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 8341 | Операторони таҷҳизоти муҳаррикдори хоҷагии қишлоқ ва ҷангал |
| 8342 | Операторони мошинҳои заминкан ва ба ҳамин монанд |
| 8343 | Операторони кранҳо, борбардорҳо, машинҳои худрави боркаш ва таҷҳизоти монанд |

## § 2. 8341. Операторони таҷҳизоти муҳаррикдори хоҷагии қишлоқ ва ҷангал

2213. Операторони таҷҳизоти муҳаррикдори хоҷагии қишлоқ ва ҷангал корҳои як ё якчанд навъҳои мошинҳои махсуси муҳаррикдори ҳаракаткунанда ё таҷҳизоти дар хоҷагиҳои кишоварзӣ, боғдорӣ ё ҷангал истифодашавандаро хизматрасонӣ мекунанд, меронанд, ва назорат мебаранд.

2214. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

− рондан ва хизматрасонии мошинҳои махсуси кишоварзӣ бо ядаккашандаи тракторӣ ё худрав барои шудгор, кишти замин, пору додан, нарм кардани замин ва ҷамъоварии ҳосил;

− рондан ва хизматрасонӣ ба мошинҳои махсуси хоҷагии ҷангал ядаккашандаи тракторӣ ё худрав барои тоза намудани замин, шинонидан, ҷамъоварии ҳосил ва аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдани дарахтон ва масолеҳи ҷангалӣ ё гузаронидани дигар намуди корҳо дар соҳаи хоҷагии ҷангал;

− омоданамоии таҷҳизот ба кор ва ҷойгиркунонии онҳо;

− батанзимдарории суръат, баландӣ ва чуқурии олот;

− идоракунии мошинҳо барои дарбаргирӣ, бардоштан ва буридани дарахтон;

− истифодабарии асбобҳо барои бардоштан, аз як ҷой ба ҷойи дигар кӯчондан, чаппакунӣ ва ба навъҳо ҷудокунии дарахтон ва ғӯллачӯбҳо, инчунин идора намудани дастгоҳҳо барои буридан ва арра кардани ғӯллачӯбҳо;

− диҳиши дарахтони буридашуда ба таҷҳизоти коркард барои буридани шохаҳо ва арракунӣ ва боркунонӣ дар стапел ва мошинҳои боркаш;

− хизматрасонии мошинҳо ва гузаронидани таъмири хурд.

2215. Намунаҳои машғулияти ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– комбайнчӣ;

– машинисти мошини захбуркан͟ӣ;

– машинисти мошинҳои ҳосилғундор;

– тракторчӣ.

2216. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба дигар гурӯҳи ибтидоӣ мансуб:

– машинисти булдозер–8342;
– оператори мошини барфғундор–8342.

## § 3. 8342. Операторони мошинҳои заминкан ва ҳаммонанд

2217. Операторони мошинҳои заминкан ва ҳаммонанд мошинҳоеро идора менамоянд, ки замин ё масолеҳи ҳаммонандро мебароранд, мебуранд, ҳамвор ва шибба мекунанд.

2218. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳои бо дӯл, кафлес ё харошанда ҷиҳозонидашуда барои баровардан ва аз як ҷой ба ҷойи дигар кӯчонидани замин, ҷинсҳои кӯҳӣ, қум, шағал ва масолеҳи ба ҳаминҳо монанд;
– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳо барои кандани хандак барои коррезӣ, заҳбурҳо, қубурҳои об, нафт, газ ё ба ҳаминҳо монанд;
– идоракунӣ ва назорати корҳои мошинҳо бо таҷҳизоти кордҳои фурӯхамидаи пӯлодӣ барои аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдан, тақсим ва ҳамвор намудани замин, қум, барф ва дигар масолеҳ;
– идоракунӣ ва назорати корҳои таҷҳизот барои баровардани рег, сангреза ва лойқа аз қаъри обанборҳо;
– идоракунӣ ва назорати корҳои мошинҳо барои зада даровардани сутунҳои чӯбӣ, бетонӣ ё пӯлодӣ ба замин;
– идоракунӣ ва назорати кори мошини ғелон барои шиббазанӣ ва ҳамворкунии қабатҳои масолеҳ ҳангоми сохтани роҳҳо, пиёдароҳҳо ва гузаронидани корҳои ба ҳаминҳо монанд;
– идоракунӣ ва назорати кори мошинҳое, ки бетон ё битум ё омехтаҳои гидронро ҳангоми сохтани рӯйпӯшҳои роҳии шоҳроҳҳо, роҳҳо ё сатҳои ба ҳаминҳо монанд, тақсим ва ҳамвор мекунанд.

2219. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– машинисти булдозер;
– машинисти мошини бетонхобонӣ;
– машинисти таҷҳизоти сутункӯб;
– машинисти мошини қубурхобонӣ;
– оператори мошини заминкашӣ;
– оператори мошини барфғундор.

## § 4. 8343. Операторони кранҳо, борбардорҳо, машинҳои худрави боркаш ва таҷҳизоти ҳаммонанд

2220. Операторони кранҳо, борбардорҳо, машинҳои худрави боркаш ва таҷҳизоти ҳаммонанд кранҳои статсионарӣ ва сайёр ва дигар намудҳои таҷҳизоти борбардор, инчунин мошинҳои худрави боркаш ё воситаҳои нақлиётии ба ҳаминҳо монандро барои ҳамлу нақл, бардоштан ва батартиб ҷойкунонии зертахтаҳои молдор меронанд, кори онҳоро назорат мебаранд ва идора мекунанд.

2221. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

− идоракунӣ ва назорати кори кранҳои статсионарӣ ё сайёр тавассути бардоштан ё фуровардани тири кранҳо барои бардоштан, аз як ҷой ба ҷойи дигар кашондан, ҷойгиркунонӣ ё ҷойгиршавии таҷҳизот ва масолеҳ;

− идоракунӣ ва назорати кори таҷҳизот барои бардоштан, инчунин барои фаровардан ва баровардани кормандон ва масолеҳ ба майдонҳои сохтмонӣ ё ба конҳо;

− идоракунӣ ва назорати кори механизмҳои борбардор барои лижаронҳо ё таҷҳизоти ба ҳамин монанд;

− идоракунӣ ва назорати кори мошинҳои истифодашаванда барои кашоладиҳии кемаҳо ё ядакҳои обӣ бо мол, мусофирон ва воситаҳои нақлиётӣ аз роҳҳои обии масофаи хурд;

– идоракунӣ ва назорати кори кранҳо бо воситаҳои заминкаш барои чуқур кандани роҳҳои обӣ;

− идоракуниии кранҳо,

− идоракунӣ ва назорати кори мошинҳои худрави боркаш ва таҷҳизоти ба ҳамин монанд барои боркунӣ ва борфарорӣ, ҳамлу нақл, бардоштан ва ҷобаҷокунии мол ва зертахтаҳо дар терминалҳои анборӣ, дар бандарҳо, анборҳо, фабрикаҳо ва дигар корхонаҳо;

− ҷойгиркунонии дастгоҳҳои борбардор дар зер, дар боло ё атрофи зертахта, платформаҳо ва қуттиҳои бордор, инчунин, бақайдгирии масолеҳ ва маҳсулот барои ҳамлу нақл ба минтақаҳои зарурӣ;

− санҷиши таҷҳизот барои ошкор намудани фарсудашавӣ ва зарбхӯрӣ;

− ба роҳ монадин хизматрасонии нақшавии техникии воситаҳо ва таҷҳизоти нақлиётӣ;

− баҳисобгирии корҳои анҷомдодашуда ва азкорбароии воситаҳои нақлиётӣ

2222. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ронандаи мошини худрави боркаш;

– машинисти кран (кранчӣ);

– машинисти мошинҳои бардоранда.

## 176. ГУРӮҲИ АСОСИИ 9. КОРМАНДОНИ БЕТАХАССУС

2223. Кормандони бетахассус метавонанд корҳои оддиву маъмулиро бо истифодаи асбобҳои дастӣ ва қувваи зиёди ҷисмонӣ тақвият диҳанд.. Аксари машғулиятҳои ин гурӯҳи асосии мазкур сатҳи якуми тахассусро талаб мекунанд.

2224. Уҳдадориҳое, ки кормандони бетахассус иҷро мекунанд, одатан инҳоро дарбар мегиранд:

– рӯбучин, пурра кардани захираҳо ва хизматрасонии заминавии хонаи истиқоматӣ, хонаҳо, ошхона, меҳмонхона, идораҳо ва дигар намуди биноҳо;

– шустани мошинҳо ва тирезаҳо;

– расонидани кумак дар ошхона ва корҳоиоддие, ки бо омоданамоии хӯрок алоқаманданд;

– дастраскунии маълумот ё маҳсулот;

– бурда расонидани бағоҷ ва муносибат бо боридастӣ;

– аз нав ба кор даровардани автоматҳои савдо ё ҳисобу китоб кардани нишондиҳандаҳои ҳиссобкунакҳо ва гирифтани маблағҳо аз автоматҳои савдокунанда;

– ҷамъоварӣ ва ба навъҳо ҷудо намудани партовҳо;

– руфтурӯби кӯчаҳо ва ҷойҳои ба ҳамин монанд;

– иҷрои амалиётҳои оддии гуногун дар хоҷагии қишлоқ, моҳипарварии вобаста бо шикор ё сайди ҳайвонот дар қапқонҳо;

– иҷрои корҳои оддӣ вобаста ба истихроҷи канданиҳои фоиданок, сохтмон ва истеҳсолот, бо дарназардошти ба навъҳо ҷудокунии маҳсулот;

– бастабандӣ ва кушодани маҳсулот бо даст ва пур кардани рафҳо;

– расонидани хизматҳои гуногуни кӯчагӣ;

– ҳамлу нақли мусофирон ва молҳо дар воситаҳои нақлиётии бо пой ё даст идорашаванда;

– идораи воситаҳои нақлиётӣ, ароба ё механизмҳо. Уҳдадориҳои онҳо метавонад роҳбарии кормандони дигарро дар бар гирад.

2225. Машғулиятҳои гурӯҳи асосии мазкур ба зергурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 91 | Фаррошон ва хидматгорон |
| 92 | Коргарони бетахассуси хоҷагии қишлоқ ва ҷангал, моҳипарварӣ ва моҳидорӣ |
| 93 | Коргарони бетахассуси машғул дар саноати куҳкорӣ, сохтмон, саноати коркард ва нақлиёт |
| 94 | Тайёркунандагони хӯрокҳои зудомодашаванда ва коргарони бетахассуси нуқтаҳои хӯроки умумӣ, ба истиснои фаррошон |
| 95 | Савдогарони кӯчагӣ ва коргарони расонандаи хизматрасониҳои гуногуни кӯчагӣ |
| 96 | Кормандони бетахассус оид ба ҷамъоварии партовҳо ва дигар кормандони бетахассус |

## 177. ЗЕРГУРӮҲИ 91. ФАРРОШОН ВА ХИДМАТГОРОН

2226. Фаррошон ва хидматгорон корҳои гуногунро дар хонаҳо, меҳмонхонаҳо, идораҳо, беморхонаҳо ва дигар муассисаҳо, инчунин, дар ҳавопаймоҳо, қатораҳо, автобусҳо, троллейбусҳо ва воситаҳои нақлиётии ба ҳаминҳо монанд бо мақсади нигоҳ доштани тозагии бинои дохилӣ ва таҷҳизот иҷро намуда, либосҳо ва маҳсулоти бофандагиро бо даст шуста, дарзмол мекунанд. Аксари машғулиятҳои ин зергурӯҳ сатҳи якуми тахассусро талаб мекунанд.

2227. Вазифаҳои кормандони зергурӯҳи мазкур одатан аз инҳо иборатанд:

– рӯбучини бино бо даст ё бо воситаи чангкашак;

– шустан ва тоза намудани фарш, ҷевон ва дигар ашёҳо;

– назорат аз болои рахти хоб ва ба тартиб овардани он;

– расонидани кумак ҳангоми омода намудани хӯрок ва тоза кардани ошхона;

– шустану тоза намудани мошинҳо ва тирезаҳо;

– дарзмол кардан ё шустани либос ва маҳсулоти бофандагӣ бо даст.

2228. Машғулиятҳои зергурӯҳҳои мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 911 | Фаррошон ва хидматгорон |
| 912 | Шӯяндаҳо |

## 178. ГУРӮҲИ ХУРДИ 911.
### § 1. Фаррошон ва хидматгорон

2229. Фаррошон ва хидматгорон дар хонаҳо, меҳмонхонаҳо ва муассисаҳо бо истифодаи чангкашак рӯбучин намуда, зарфҳоро шустушӯ, пардоз ва рахти хоб назорат мекунанд. барои хона маҳсулот захира менамоянд. Бо мақсади нигоҳ доштани тозагивутартиботи дохилии таҷҳизоти сантехникӣ ва маишии бинои меҳмонхона, муассисаву ташкилотҳо, инчунин, дар ҳавопаймоҳо, қатораҳо, автобусҳо ва воситаҳои нақлиётии ба ҳаминҳо монанд ба роҳ мемонанд.

2230. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– рӯбучини бино бо даст ё бо воситаи чангкашак;

– шустан ва тозакунии фарш, ҷевонҳо ва дигар ашёҳо дар меҳмонхонаву идораҳо ва дигар муассисаҳо;

– тоза кардани рахти хоб, пурра намудани захираҳо ба монанди, дастпоккунакҳо, собун ва маҳсулоти ҳамроҳикунанда;

– расонидани ёрӣ ҳангоми омода намудани хӯрок ва шустани зарфҳо;

– рӯбучин, тамйизкунӣ ва бартараф намудани бӯй дар ошхонаҳо, ҳуҷраҳои шустушӯй ва мабразхона (ҳоҷатхона).

2231. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 9111 | Хидматгори хона ва фаррош |
| 9112 | Фаррошон ва хизматгорон дар меҳмонхонаҳо ва муассисаҳои ҳаммонанд |
| 9113 | Фаррошон дар идораҳо |
| 9114 | Фаррошони иншооти саноатӣ |
| 9115 | Фаррошон дар нуқтаҳои ҷамъиятии маишӣ |
| 9116 | Фаррошон ва рӯбучинкунандаҳои ҳудудҳои кушод |
| 9117 | Фаррошони тайёраҳо, қатораҳои боркашӣ ва дигар воситаҳои нақлиёт |

| 9119 | Фаррошон ва хизматгорони ба гурӯҳҳои дигар шомил нагардида |
|---|---|

## § 2. 9111. Хидматгори хона ва фаррош

2232. Хидматгори хона ва фаррош бо даст ё бо воситаи чангкашак, шустушӯ, пардоз ва ҷойпӯшро тамийз намуда, барои хона захираҳо харидорӣ намуда, хӯрокро омода намуда, пешниҳод месозанд ва дигар ухдадориҳоро вобаста ба хона иҷро менамояд.

2233. Ба ухдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– рӯфтан, рӯбучин кардан бо воситаи чангкашак, пардоз. шустани фарш ва тоза намудани чанги ҷевонҳо ё шустани тиреза ва дигар намуди ашёҳо;

– шустан, дарзмол ва соз намудани рахти хоб ва дигар намуди матоъ;

– шустани зарфҳо;

– расонидани кумак ҳангоми омода намудани хӯрок, дастраснамоии он ва хӯришҳо;

– харидани озуқаворӣ ва дигар захираҳои гуногуни хӯрокворӣ барои хона;

– тоза намудан, тамйиз кардан ва бартараф намудани бӯй дар ошхона, ҳуҷраҳои шустушӯй ва мабразхона (ҳоҷатхона).

– шустани тирезаҳо ва дигар намудҳои болии шишагӣ.

2234. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– хидматгорхоназан (фаррош);
– хидматгори хона;
– хонакорзан;
– кадбону, ҳавлидори хусусӣ;
– сарпешхизмат;
– хизматгор.

2235. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– фаррош дар меҳмонхона–9112;
– фаррош дар маҳалла–9116;
– шустагар (дастӣ)–9121.

## § 3. 9112. Фаррошон ва хизматгорон дар меҳмонхонаҳо ва муассисаҳои ҳаммонанд

2236. Фаррошон ва хизматгорон дар меҳмонхонаҳо ва муассисаҳои ҳаммонанд корҳои гуногунро барои нигоҳдории тозагӣ, тартиботи дохили бино ва ҷиҳози отелҳо, меҳмонхонаҳо ва муассисаҳои ба ҳамин алоқамандро иҷро менамоянд.

2237. Ба ухдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– нигоҳдории тартибот ва тозагӣ дар ҳуҷраҳои меҳмонхона;

– тоза намудан ва тайёр кардани ҳуҷраҳои меҳмонқабулкунӣ (ҳуҷраҳои истиқоматӣ ва шустушӯйӣ) барои қабули меҳмонон, дар онҳо

гузаронидани рӯбучини умумиву корҳои ҷории дастӣ ва бо воситаи техникаи рӯбучинкунанда, тибқи талаботҳои муқарраршудаи стандартҳои тозакунӣ дар меҳмонхонаҳо;

– ба рахти хоб ҷойпӯш андохтан;

– нигоҳ доштани тартибот ва тозагӣ дар ҳуҷраҳо;

– таъмини ҳуҷраҳои меҳмонхонаҳо бо рахтҳои хоб ва масолеҳи масрафшаванда;

– интихоб намудани воситаҳои шустагарӣ ва тамизкунандаҳои зарурӣ дар раванди рӯбучини ҳуҷраҳои истиқоматӣ ва ҳуҷраҳои шустушӯйӣ ва бехатар истифодабарии онҳо.

2238. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ходимзан;

– фарроши иншооти меҳмонхонавӣ.

2239. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– фаррош дар идора–9113;

– зарфшӯй–9115;

– кумакрасонҳо дар ошхона–9410

## § 4. 9113. Фаррошон дар идора

2240. Фаррошон дар идора вазифаҳои гуногунро барои нигоҳдории тозагии ҷевонҳо ва дигар намуди таҷҳизот дар идораҳо ва дигар иншоот иҷро менамоянд.

2241. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– рӯфтан ё тозакунии зарфҳои холӣ, шустан ва пардоздиҳии фаршҳо, ҷевонҳо ва дигар ҷиҳозҳои идораҳо ё дигар биноҳо;

– нигоҳдории тозагӣ дар анборхонаҳо;

– ҷамъоварии партовҳо ва бароварда партофтани онҳо дар ҷойҳои махсуси муайянкардашуда.

2242. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– фаррошон дар идора;

– фаррошон дар мактабҳо.

2243. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– зарфшӯйҳо–9115;

– шустагарҳои пештахтаҳо ва тирезаҳо–9123;

– кумакрасонҳо дар ошхона–9410.

## § 5. 9114. Фаррошони иншооти саноатӣ

2244. Фаррошони иншооти саноатӣ (масалан, заводҳо, корхонаҳои саноатӣ) таҷҳизоти махсусгардонидашуда ва моеъоти ҳалкунандаро барои иҷрои корҳои гуногун вобаста ба нигоҳдории тозагӣ ва тартибот дар иншооти саноатӣ ва биноҳои иловагӣ истифода мебаранд.

2245. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

− тайёр кардани маҳлулҳои гуногуни шустагарӣ ва тамйизкунӣ барои амали намудани рӯбучинӣ дар истеҳсолот;

− риояи қоидаҳои беҳдоштияи истеҳсолӣ ҳангоми иҷрои корҳо;

− ҷамъкунии партову пасмондаҳо тибқи талаботҳои бехатарӣ;

− бурда партофтани пасмондаҳо аз биноҳои истеҳсолӣ дар ҷойҳои муқарраргардида;

− тоза кардан ва шустани асбобҳои истифодагардида бо риояи чораҳои бехатарӣ.

2246. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– фаррош дар коргоҳи қолибрезӣ;

– тозакунандаи пасмондаҳои истеҳсоли металургӣ (филизгарӣ);

– фаррош дар иншооти саноатӣ.

2247. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– фаррош дар идора–9113.

## § 6. 9115. Фаррошон дар нуқтаҳои ҷамъиятии маишӣ

2248. Фаррошон дар нуқтаҳои ҷамъиятии маишӣ корҳои гуногунро барои нигоҳдории тозагӣ ва тартибот дар биноҳову иншоотиҳое, ки маҳсулоти хӯроквориву нӯшокиҳо нигоҳ дошта мешаванд, иҷро мекунанд.

2249. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– рӯфтан ва тоза кардани фаршҳо;

– ҷамъ намудани табақчаҳову асбобҳои ошхона ва тоза кардани мизҳо;

– шустани табақчаҳо, лаълӣ ва дигар намудҳои зарфҳо;

– рӯбучини ошхона;

– ҷамъоварии партовҳо ва бурда партофтани онҳо дар ҷойҳои махсус ҷудокардашуда.

2250. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

ҷамъоварикунандаи табақчаҳо;

– тозакунандаи мизҳо;

– зарфшӯйҳо.

2251. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

- фаррош дар марказҳои савдо–9112;

– кумакрасонҳо дар ошхона–9410.

## § 7. 9116. Фаррошон ва рӯбучинкунандаҳои ҳудудҳои кушод

2252. Фаррошон ва рӯбучинкунандаҳо и ҳудудҳои ба онҳо вобастакардашударо рӯбучин мекунанд.

2253. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– тоза кардани партовқуттиҳои дар ҳудудҳои ба онҳо муқаррар-гардида вобаста ба пур шудани онҳо ва ҷойи гузошташудаи онҳо;

– шустушӯ кардан ва тамизкунии партовқуттӣ вобаста ба ифлос шудани онҳо;

– тоза намудани сарпӯшҳои чоҳҳои канализатсионӣ, газӣ ва оташнишонӣ;

– муоинаи профилактикӣ, партофтани партовҳо аз бағоҷхонаҳои партовқабулкунӣ ва тоза намудани онҳо;

– тоза намудани ҳудудҳо, роҳравҳо ва пайраҳо аз барф, чанг ва партовҳои хурди маишӣ бо обзании пешакии ҳудудҳо;

– дар ҳудудҳои вобастакардашуда ба роҳ мондани обёрии сабзакори-ҳои шинонидашуда ва эмин нигоҳ доштани онҳо;

– рӯфтани ҳудудҳо, тоза кардани онҳо аз барф ва ях;

– бартараф намудан ва ҷамъкунии барф дар ҷойҳое, ки барои рафтуои нақлиёти мошинҳову ҳаракати пиёдагардҳо халал намерасонанд;

– аз барфу ях тоза намудани чоҳҳои зиддисӯхторӣ барои озод дастрас намудан ба онҳо.

2254. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ҳавлибон;

– фаррошони маҳаллаҳо.

2255. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– фаррошон дар мактабҳо–9119;

– фаррошон дар марказҳои савдо–9119.

## § 8. 9117. Фаррошони тайёраҳо, қатораҳои боркашӣ ва дигар воситаҳои нақлиёт

2256. Фаррошони тайёраҳо, қатораҳои боркашӣ ва дигар воситаҳои нақлиётӣ тозаву ҷамъкунӣ дар тайёраҳо, қатораҳои боркашии ва дар дигар намудҳои воситаҳои нақлиётӣ ба роҳ мемонанд.

2257. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– тозавуҷамъкунӣ, гузаронидани корҳои профилактикии долонҳо ва ҳоҷҷатхонаҳои тайёраҳо, қатораҳои боркашӣ ва дигар намудҳои воситаҳои нақлиёт ҳангоми сафар ва пас аз он;

– тозаву шустушӯй намудан ва пардози рӯйпӯшҳо дар долонҳои тайёраҳо ва воситаҳои нақлиётӣ, тариқи дастӣ ё бо истифода бурдани таҷҳизоти махсусгардонидашуда;

– бо чангкашак тоза намудани бинои дохили воситаҳои нақлиёт ва бо кимиё тозакунии қолинҳо ва рӯйкашҳо;

– истифода бурдани воситаҳои тозакунанда барои тозакунии доғҳо аз берун ва дохили воситаҳои нақлиёт.

2258. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– фаррош дар тайёра;

– фаррош дар ҳайати ҳаракаткунанда.

2259. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– фаррош дар марказҳои савдо–9119;

– шустагари автобус–9122;

– шустагари мошинҳои сабукрав–9122.

## § 9. 9119. Фаррошон ва хизматгорони ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

2260. Ба ин гурӯҳи ибтидоӣ дигар фаррошон ва хидматгороне, ки дар гурӯҳи хурди 911 Фаррошон ва хидматгорон дохил намешаванд, ворид карда мешаванд. Барои мисол, ба гурӯҳи зерин коргароне, ки аз болои нигоҳдории бино ва ҳудудҳои фарогиранда тибқи тартиби мавҷуда назорат мебаранд, ворид карда мешаванд.

2261. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– хоҳари хоҷагидор;

– фарроши маҷмуаи варзишӣ;

– мардикор.

2262. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– ҳавлирӯб–9116;

– рӯбандаи ҳудудҳо–9116.

## 179. ГУРӮҲИ ХУРДИ 912.
## § 1. Шӯяндаҳо

2263. Шӯяндаҳо корҳои гуногуни шустан бо даст, инчунин, тирезаҳо, пештахтаҳои дукон, шишаҳои воситаҳои нақлиёт ва дигар болопӯшҳои шишагини биноҳо ва иншоотро бо истифодаи асбобҳои автоматии махсусгардонидашуда анҷом медиҳанд. Дар қатори ин онҳо беруну дохили мошинҳоро шуста, тоза намуда, ҷило бахшида, бо даст ё маҳлули кимиёвӣ либосҳо, рахти хоб ва дигар намудҳои маҳсулоти бофандагиҳоро шуста, дарзмол менамоянд. Ба ин гурӯҳ фаррошоне ба монанди, шустагари мисли болопӯшҳо (ҷойпӯшҳо), матоъ ва иншоот чун қолинҳо, деворҳо, ҳавзҳои шиноварӣ ва боғоҷхонаҳои яхдон бо истифода бурдани таҷҳизоти махсусгардонидашудаи тозакунанда ва маҳлули кимиёвӣ дохил мешаванд.

2264. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– тоза, шустану пардози мошинҳо, шустани тирезаҳо ё дигар болопӯшҳои шишагӣ бо об ё маҳлулҳои гуногун, хушконидан ва ҷилонок намудани онҳо;

– бо даст тоза намудан, тавассути маҳлули кимиёвӣ шустан ва дарзмол намудани рахти хоб, либосҳо, матоъҳо ва маҳсулоти ба ҳаминҳо монанд дар муассисаҳои шустагарӣ;

– тоза кардани қолинҳо ва ҷиҳози мулоим (кресло, диван) бо истифодаи мошинҳои тозакунанда ва асбобҳои онҳо;

– коркарди қолинҳо бо маҳлули кимиёвӣ ва истифодаи воситаҳои хушбӯйкунанда;

– истифодабарии чангкашакҳои шустагарӣ ва таҷҳизоти дигари сарбаста барои бартараф намудани занги оҳан, чирк ва дигар таҳшинҳои ҷамъгардида аз ҳавзҳои шиноварӣ, қисмҳои хунуккунандаи манораҳо ва обгурезҳо.

2265. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 9121 | Либосшӯйҳо ва дарзмолкунандаҳо бо истифодаи даст |
| 9122 | Шустагарҳои воситаҳои нақлиёт |
| 9123 | Шустӯйкунандаҳои тирезаҳо |
| 9129 | Фаррошони дигар |

## § 2. 9121. Либосшӯйҳо ва дарзмолкунандаҳо бо истифодаи даст

2266. Либосшӯйҳо ва дарзмолкунандаҳо бо истифодаи даст мешӯянд, дарзмол мекунанд ё тозакунии либосҳо, рахти хоб ва дигар намудҳои маҳсулоти бофандагиро бо усули кимиёвӣ ба роҳ мемонанд.

2267. Ба уҳдадориҳои онҳо дохилмешавад:

– шустан ва дарзмол намудани рахти хоб, либос, матоъ ва маҳсулоти ба ҳаминҳо монанд бо даст дар либосшӯйхонаҳо ва ё дигар муассисаҳо;

– тозакунии либосҳо, матоъ, маҳсулоти чармӣ ва чизҳои ба ҳаминҳо монанд бо даст ва бо кумаки маҳлулҳои кимиёвӣ дар муассисаҳои тозакунии кимиёвӣ ё дигар муассисаҳо;

– иваз кардани тугмаҳо ва гузаронидани таъмири хурд;

– ҷойгиркунонии маҳсулот дар рафҳо ва овехтани онҳо барои дастраснамудан ва додан.

2268. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дарзмолкунанда;

– дарзмолкунанда бо даст;

– козур, шустагар бо даст;

– коркардкунандаи тозакунӣ бо усули кимиёвӣ (бо даст тоза кардан).

2269. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

- оператори дарзмоли фишордиҳанда (ҷомашӯӣ)–8159;

– оператори мошинҳои бо усули кимиёвӣ тозакунанда– 8159;

– оператори мошинҳои шустагарӣ–8159.

## § 3. 9122. Шустагарҳои воситаҳои нақлиёт

2270. Шустагарҳои воситаҳои нақлиёт мошинҳоро аз берун ва дохил шуста, пардоз медиҳанд.

2271. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– тоза кардан, шустан ва пардоз додани мошинҳо ва дигар воситаҳои нақлиётӣ бо даст ё истифода бурдани дастгоҳҳои механиконидашудаи дастӣ;

– тоза кардани дохили мошинҳо бо истифода бурдани чангкашакҳо ва тозакунии кимиёвии қолинҳо ва рӯйкашҳо;

– пошидани воситаҳои тозакунанда барои бартараф кардани доғҳо дар берун ва дохили мошинҳо;

– шустани чарххо ва камонакҳои болои чарххо ва сиёҳ намудани онҳо;

– шустан ва пардоз додани шишаҳои мошинҳо;

– холӣ ва тоза кардани ҷойҳои буридашудаи воситаҳои нақлиёт.

2272. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– шустшӯйкунандаи мошинҳо;

– шустшӯйкунандаи воситаҳои нақлиёт (бо даст).

## § 4. 9123. Шустушӯйкунандаҳои тирезаҳо

2273. Шустушӯйкунандаҳои тирезаҳо дигар болопӯшҳои шишагиро мешӯянд ва пардоз медиҳанд.

2274. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– тирезаҳо ва дигар болопӯшҳои шишагиро бо об ё дигар маҳлулҳо шуста, хушк намуда, пардоз медиҳанд;

– бо истифодаи нордбонча, чӯббастҳои чангакдори сохтмонӣ, болинчакҳои васлкунанда, болобардорҳои гидравликӣ ва дигар намудҳои таҷҳизот барои шустани тирезаҳо дар биноҳои бисёрқабата;

– интихоби асбобҳои мувофиқи шӯянда ё пардоздиҳанда.

2275. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

- шустагари пештахтаҳои дӯконҳо;

– шустагари тирезаҳо.

## § 5. 9129. Фаррошони дигар

2276. Ба гурӯҳи ибтидоии мазкур дигар гурӯҳҳои ибтидоие, ки дохил намешаванд, ворид мегарданд. Масалан, ба ин гурӯҳ шустагарҳои болои маҳсулот ва иншооте, ба монанди, қолинҳо, деворҳо, ҳавзҳои шиноварӣ ва боғчадонҳои яхкунанда бо истифода намудани таҷҳизоти махсусгардонидашудаи тозакунанда ва маҳлулҳои кимиёвӣ дохил мешаванд.

2277. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– тозакунии қолинҳо ва ҷевонҳои мулоим бо истифодабарии мошинҳои тозакунанда ва асбобҳои онҳо;

– интихоб ва пошидани воситаҳои тозакунанда барои бартараф намудани доғҳо аз қолинҳо;

– коркарди қолинҳо бо бо истифодаи маҳлулҳои кимиёвиву воситаҳои хушбӯйкунанда ва безараргардонӣ, ;

– тоза намудани сангҳои девор, болопӯшҳои металӣ (филизӣ) ва пеши

онҳо бо истифодаи воситаҳои обтозакунанда таҳти фишори баланд ва маҳлулҳо;

– истифодабарии реагентҳои кимиёвӣ ва усулҳои тозакунӣ таҳти фишори баланд барои тоза кардани организмҳои хурд аз об ва низомҳои таҳшинкунанда;

– истифодабарии чангкашакҳои шустушӯкунанда ва дигар намуди таҷҳизоти сарбаста барои тоза намудани занги оҳан, чиркҳои ҷамъшуда ва дигар намуди қабатҳои равған аз ҳавзҳои шиноварӣ, қисмҳои хунуккунандаи манораҳо ва обдавҳо.

2278. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– оператораторони таҷҳизоти фавворазандаи об;
– фаррош дар ҳавзҳои шиноварӣ;
– фарроши граффитҳо;
– шустагари қолинҳо.

## 180. ЗЕРГУРӮҲИ 92. КОРГАРОНИ БЕТАХАССУСИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ ВА ҶАНГАЛ, МОҲИПАРВАРӢ ВА МОҲИДОРӢ

2279. Коргарони бетахассуси хоҷагии қишлоқ ва ҷангал, моҳипарварӣ ва моҳидорӣ корҳои оддӣ маъмулиро дар раванди истеҳсоли маҳсулоти растанипарвариву чорводорӣ, парваришу нигоҳдории боғҳо ва истироҳатгоҳҳо, истифода ва ҳифзи ҷангал, инчунин, корҳои моҳипарвариву моҳидориро иҷро менамоянд. Аксари машғулиятҳои ин зергурӯҳ сатҳи якуми тахассусро талаб мекунанд.

2280. Вазифаҳои кормандони зергурӯҳи мазкур одатан иборатанд:

– иҷрои корҳои оддӣ дар замин бо истифодаи асбобҳои дастӣ;

– обёрӣ, буридан, хишова кардан ва парвариши ҳосил бо даст ё истифодаи асбобҳои дастӣ;

– шинонидан, ҷамъовари намудани ҳосил ва моҳидорӣ ;

– хӯрокдиҳӣ, обдиҳӣ, тоза намудани чорво ва нигоҳ доштани тозагииоғилхонаҳо;

– чаронидани чорво, назорати саршумор ва пешниҳоди ҳисобот дар бораи вазъи онҳо;

– омодакуниву истифодабарии тӯрҳо, шаст ва дигар асбобу анҷоми моҳидорӣ ва таҷҳизоти саҳни киштӣ.

2281. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳи хурди зерин дохил ме– шаванд:

| | |
|---|---|
| 921 | Коргарони бетахассуси хоҷагии қишлоқ ва ҷангал, моҳипарварӣ ва моҳидорӣ |

## 181. ГУРӮҲИ ХУРДИ 921.
### § 1. Коргарони бетахассуси хоҷагии қишлоқ ва ҷангал, моҳипарварӣ ва моҳидорӣ

2282. Коргарони бетахассуси хоҷагии қишлоқ ва ҷангал, моҳипарварӣ ва моҳидорӣ корҳои оддиву маъмулиро дар раванди истеҳсоли маҳсулоти растанипарвариву чорводорӣ, парваришу нигоҳдории боғҳо ва истироҳатгоҳҳо,, истифода ва ҳифзи ҷангал, инчунин, корҳои моҳипарвариву моҳидориро иҷро менамоянд.

2283. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– иҷрои корҳои оддӣ дар замин бо истифодаи асбобҳои дастӣ;

– обёрӣ, буридан, бо даст хишова кардан ё истифодаи асбобҳои дастӣ;

– шинонидан, ҷамъовари намудани ҳосил ва моҳидорӣ ;

– хӯрокдиҳӣ, обдиҳӣ ва тоза намудани чорво ва нигоҳ доштани тозагӣ дар оғилхонаҳо;

– чаронидани ҳайвонот, назорати саршумор ва пешниҳоди ҳисобот дар бораи вазъи онҳо;

– омодакуниву истифодабарии тӯрҳо, шаст ва дигар асбобу анҷоми моҳидорӣ ва таҷҳизоти саҳни киштӣ.

2284. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 9211 | Коргарони бетахассус дар растанипарварӣ |
| 9212 | Коргарони бетахассус дар чорвопарварӣ |
| 9213 | Коргарони бетахассус дар соҳаи истеҳсоли омехтаи растанипарварӣ ва маҳсулоти чорвопарварӣ |
| 9214 | Коргари бетахассус дар боғдорӣ |
| 9215 | Коргарони бетахассус дар ҷангалпарварӣ |
| 9216 | Коргарони бетахассус дар моҳипарварӣ, моҳидорӣ ва маҳсулот аз моҳӣ |

§ 2. 9211. Коргарони бетахассус дар растанипарварӣ

2285. Коргарони бетахассус дар растанипарварӣ корҳои оддиву маъмулиро дар фермаҳо дар раванди истеҳсоли маҳсулоти ба монанди, мева, чормағз, ғалладона ва сабзавот иҷро менамоянд.

2286. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– иҷрои корҳои оддии замин бо мақсади тоза намудани ҷӯйҳо ва ғайра;

– бор кардан ва фуровардани захираҳо, маҳсулот ва дигар намуди мавод;

– тунуккунӣ, ғарам намудани коҳу хасбеда ва масолеҳи ба ҳаминҳо монанд;

– обёрӣ, буридан, бо даст хишова кардан ё истифодаи асбобҳои дастӣ;

– ҷамъоварии мева, чормағз, сабзавот ва дигар намуди ҳосил;

– кӯчаткунонии дастӣ ва ҷамъоварии зироатҳо ба монанди коҳу, шибит, ҷаъфарӣ;

– муайян намудани навъ, ҷудокунӣ ва бастабандии маҳсулот дар

контейнерҳо;

– гузаронидани таъмири хурди асбобу анҷом, бино, таҷҳизот ва мамнугоҳ .

2287. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– коргарони бетахассус дар фермаи биринҷ;
– коргари кӯчаткунанда;
– ҷамъоварикунандаи сабзавот;
– ҷамъоварикунандаи мева.

2288. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

- коргарони тахассусноки хоҷагии қишлоқ (зироатҳои саҳроӣ)–6111;
– коргарони бетахассус (сохтмони иншоот)–9312;
– машкоб–9624;
– ҷамъоварикунандаи ҳезум– 9624.

## § 3. 9212. Коргарони бетахассус дар чорвопарварӣ

2289. Коргарони бетахассус дар чорвопарварӣ корҳои оддиву стандартиро дар соҳаи кишоварзиву чорводорӣ, аз ҷумла паррандапарварӣ ва ҳашарот иҷро менамоянд.

2290. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– бор кардану фуровардани захираҳо, маҳсулот ва дигар намуди мавод;
– хӯрокдиҳӣ, обдиҳӣ, тоза намудани чорво ва нигоҳ доштани тозагӣ дар оғилхонаҳо;
– назорати саршумор ва пешниҳоди ҳисобот дар бораи вазъи онҳо;
– мусоидат намудан дар раванди нигоҳдории солимӣ ва вазъи саршумори чорво;
– расонидани кумак ҳангоми чаронидан, рондан ва ҷудо намудани чорво барои ҷӯшидан, тарошидан, ҳамлу нақл ё забҳ, инчунин, аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдан дар чарогоҳҳо;
– ҷамъоварии тухм ва ҷойгиркунонии онҳо дар инкубаторҳо;
– тунуккунӣ, ғарам намудани коҳу хасбеда ва масолеҳи ба ҳаминҳо монанд ва омоданамоии фаршҳо барои чорво;
– муайян кардани навъ, ҷудокунӣ ва бастабандии маҳсулот дар контейнерҳо;
– гузаронидани таъмири хурди асбобу анҷом, бино, таҷҳизот ва мамнугоҳ .

2291. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

- коргари бетахассус, хоҷагии парвариши ҳайвонот;
– коргари гуногункори фермаи мурғпарварӣ;
– коргар барои парасторӣ намудани ҳайвонот.

2292. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансуб:

– подабон–6121;
– коргарони тахассусноки хоҷагии қишлоқ (чорвопарварӣ)–6121;

– чӯпон–5152;
- машкоб–9624;
– ҷамъоварикунандаи ҳезум–9624.

### § 4. 9213. Коргарони бетахассус дар истеҳсоли омехтаи растанипарварӣ ва маҳсулоти чорвопарварӣ

2293. Коргарони бетахассус дар истеҳсоли омехтаи растанипарварӣ ва маҳсулоти чорвопарварӣ корҳои оддиву маъмулиро дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, растанипарварӣ ва чорвопарварӣ иҷро менамоянд.

2294. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– иҷрои корҳои оддии замин, омодакунии хок барои бо даст шинонидани растанӣ ;

– бор кардану фуровардани захираҳо, маҳсулот ва дигар масолеҳ;

– тунуккунӣ, ғарам намудани коҳу хасбеда ва масолеҳи ба ҳаминҳо монанд;

– обёрӣ, қайчӣ кардан ва бо даст хишоваи зироат ё бо истифодаи асбобҳои дастӣ;

– ҷамъоварии мева, чормағз, сабзавоту тухм ва дигар намуди зироатҳо;

– кишти дастӣ ва ҷамъоварии зироати полезӣ, ба монанди шолӣ;

– хӯрокдиҳӣ, обдиҳӣ, тоза намудани чорво ва нигоҳ доштани тозагӣ дар оғилхонаҳо;

– назорати саршумор ва пешниҳоди ҳисобот дар бораи вазъи онҳо;

– расонидани кумак ҳангоми чаронидан, рондан, ҷудо намудани чорво барои ҷӯшидан, тарошидан, ҳамлу нақл ё забҳ ва аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдан дар чарогоҳҳо;

– муайян кардани навъҳо, ҷудокунӣ ва бастабандии маҳсулот дар контейнерҳо;

– гузаронидани таъмири хурди асбобу анҷом, бино, таҷҳизот ва мамнугоҳ.

2295. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

- коргари - бетахассуси хоҷагии қишлоқ;

– коргари гуногункори хоҷагии фермерӣ.

2296. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

- коргарони тахассусноки хоҷагии қишлоқ (истеҳсоли омехта)–6130;

– машкоб–9624;

– ҷамъоварикунандаи ҳезум–9624.

### § 5. 9214. Коргарони бетахассус дар боғдорӣ

2297. Коргарони бетахассус дар боғдорӣ корҳои оддиву маъмулиро дар раванди иҷрои корҳои парваришу нигоҳубини дарахтон, буттаҳо, гулҳо ва дигар намуди растаниҳо дар истироҳтгоҳо ва боғҳои хусусӣ алоқамандандро бо истеҳсоли кӯчатҳо, бехпиёзҳо, тухмиҳо ё парвариши

сабзаводу гулҳо бо усули парвариши интенсивиро иҷро менамоянд.

2298. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– бор кардану фуровардани захираҳо, маҳсулот ва таҷҳизот;

– омоданамоии қитъаҳои боғ ва замин бо истифодаи асбобҳои дастӣ ва механизмҳои оддӣ;

– расонидани кумак ҳангоми шинонидан ва кӯчат намудани гулҳо, баттаҳо, дарахтону сабзаҳо;

– нигоҳубини боғҳо тавассути обёрӣ, хишова кардан ва даравидани сабзаҳо;

– тоза кардани боғҳо аз хасу хошок ;

– расонидани кумак ҳангоми афзоиш додан ва шинонидани тухмиҳо, бехпиёзҳо ва кӯчаткунӣ;

– нигоҳубини растаниҳо тавассути обёрӣ ва хишова кардан;

– ҷамъоварии ҳосил ва бастабандӣ кардани растаниҳо барои баровардан ба фурӯш ва ҳамлу нақл;

– гузаронидани таъмири хурди асбобу анҷом, бино, таҷҳизот ва мамнугоҳ.

2299. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

- даравкунандаи сабзаҳо;

– коргари бетахассус дар парваришхона;

– коргари бетахассус дар парвариши мева;

– коргари бетахассус дар боғдорӣ.

2300. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– обчакор, парваришкунандаи маҳсулот барои баровардан ба фурӯш–6113;

– боғпарвар–6113;

– мутахассис оид ба боғпарварии ороишӣ–6113;

– коргари бетахассус дар растанипарварӣ–9211.

## § 6. 9215. Коргарони бетахассус дар ҷангалпарварӣ

2301. Коргарони бетахассус дар ҷангалпарварӣ корҳои оддиву маъмулиро дар раванди корҳои парваришу нигоҳубини ниҳолзорҳои ҷангалӣ алоқамандро иҷро намуда, ғӯллачӯҳоро тайёр карда, дарахтонро мебуранд ва арра мекунанд.

2302. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– шинонидани дарахтон;

– дар сарчинҳо ба тартиб даровардани ғӯлачӯбҳо ва масолеҳи ҷангалӣ;

– тоза кардани хавозаҳо дар майдонҳои ҷангал ва буридани дарахтони нав шинонидашуда;

– иҷро кардани навбатдории зидди сӯхтор дар ҷангал;

– буридани шохаҳои калон ва баланди дарахтон, буридани навдаҳо ва арра кардани танаҳои ғӯллачӯб;

– истифодабарӣ ва хизматрасонии техникии арраҳои дастӣ ва механиконидашуда барои буридану арра намудани дарахтон ва шохаҳои

ғуллачӯб;

– ҷамъоварии тухмиҳо ва шинонидани ниҳолҳо;

– гузаронидани таъмири хурд ва хизматрасонии техникии роҳҳои ҷангал, иншоот ва таҷҳизот.

2303. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– коргари бетахассуси дар соҳаи ҷангалпарварӣ;

– коргар оид ба шинонидани дарахтон.

2304. Баъзе шуғлҳои ҳаммонанд, ки ба гурӯҳи ибтидоии дигар мансубанд:

– коргар дар соҳаи ҷангалпарварӣ (соҳибтахассус)–6210.

## § 7. 9216. Коргарони бетахассус дар моҳипарварӣ, моҳидорӣ ва маҳсулот аз моҳӣ

2305. Коргарони бетахассус дар моҳипарварӣ, моҳидорӣ ва маҳсулот аз моҳӣ корҳои оддиву маъмулиро раванди корҳои парвариш, сайди моҳӣ, ҷамъоварии маҳсулоти баҳрӣ дар хоҷагиҳои моҳипарварӣ ва амалиётҳои шикори моҳӣ дар дохил, назди соҳилу обҳои ҷуқур алоқамандро иҷро мекунанд.

2306. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– тоза кардани обанборҳо ва хӯрокдиҳии моҳиҳои парваришшаванда;

– тайёр намудани тӯрҳо, чӯбдастҳо, дигар асбобу анҷоми моҳигирӣ ва таҷҳизоти саҳни киштиҳо;

– ба кор бурдани асбобу анҷоми моҳигирӣ барои сайди моҳӣ ва дигар намуди организмҳои баҳрӣ.

2307. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– коргари бетахассус дар истеҳсоли маҳсулоти баҳрӣ;

– коргари бетахассус дар сайди моҳӣ.

2308. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

- фермер, моҳипарвар–6221;

–моҳипарвар–6221.

## 182. ЗЕРГУРӮҲИ 93. КОРГАРОНИ БЕТАХАССУС ДАР САНОАТИ ИСТИХРОҶИ МАЪДАН, СОХТМОН, САНОАТИ КОРКАРД ВА ДАР НАҚЛИЁТ МАШҒУЛБУДА

2309. Коргарони бетахассус дар саноати истихроҷи маъдан, сохтмон, саноати коркард ва дар нақлиёт машғулбуда, корҳои оддву маъмулиро бо қувваи ҷисмонӣ алоқамандро дар корхонаҳои истихроҷи маъдан ва саноати коркард, конҳои истихроҷи маъдан, дар сохтмони шаҳрвандӣ, сохтмон, истеҳсолот, дар нақлиёт ва дар амалиётҳои анборҳо иҷро менамоянд, воситаҳои оддии нақлиётиву механизмҳоро низ идора менамоянд. Аксари машғулиятҳои ин зергурӯҳ сатҳи якуми тахассусро талаб мекунанд.

2310. Вазифаҳои кормандони зергурӯҳи мазкур одатан иборатанд:

– ичрои корҳои замин, аз як ҷой ба ҷойи дигар ҷойгиркунонии масолеҳ, рег ва шағал бо истифодаи асбобҳои дастӣ;

– ба навъҳо ҷудокунӣ, бор кардану фуровардани бор, аз як ҷой ба ҷойи дигар ҷойгир кардан, анборкунонӣ ва нигоҳдории масолеҳ, таҷҳизот, захираҳо, бағоҷ ва борҳо бо усули дастӣ;

– тозакунии механизмҳо, таҷҳизот, асбобҳо ва ҷойҳои корӣ;

– бастабандӣ ва кушодани бастаҳои молу маҳсулот, пур кардани контейнерҳо ва бо даст пур кардани рафҳо бо маҳсулот;

– идораи воситаҳои нақлиётии оддӣ ва механизмҳо.

2311. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба зергурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 931 | Коргарони бетахассус дар саноати истихроҷи маъдан ва сохтмон машғулбуда |
| 932 | Коргарони бетахассус дар саноати коркардкунанда машғулбуда |
| 933 | Коргарони бетахассус дар нақлиёт, дар нигоҳдорӣ ва алоқа машғулбуда |

## 183. ГУРӮҲИ ХУРДИ 931.
### § 1. Коргарони бетахассус дар саноати истихроҷи маъдан ва сохтмон машғулбуда

2312. Коргарони бетахассус дар саноати истихроҷи маъдан ва сохтмон машғулбуда, корҳои оддиву маъмулиро бо қувваи ҷисмонӣ алоқамандро дар корхонаҳои истихроҷи маъдан ва саноати коркард, конҳои истихроҷи маъдан, дар сохтмони шаҳрвандӣ ва сохтмони биноҳо иҷро мекунанд.

2313. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– иҷрои корҳои замин бо истифодаи асбобҳои дастӣ;

– аз як ҷой ба ҷойи дигар ҷойгиркунонии масолеҳ, рег ва шағал;

– ба навъҳо ҷудокунӣ, боркунониву борфурорӣ, анборкунонӣ, нигоҳдории асбобҳо, масолеҳ, таҷҳизот ва ҳамчунин ҳамлу нақлкунонӣ дар ҷойҳои корӣ;

– тоза кардани механизмҳо, таҷҳизот, асбобҳо, ҷойҳои корӣ ва гирифтани садҳо (панҷараҳо) пас аз гузаронидани корҳо.

2314. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 9311 | Коргарони бетахассус дар саноати истихроҷи маъдан ва коркардкунии конҳо машғулбуда |
| 9312 | Коргарони бетахассуси сохтмонӣ |

### § 2. 9311. Коргарони бетахассус дар саноати истихроҷи маъдан ва коркардкунии конҳо машғулбуда

2315. Коргарони бетахассус дар саноати истихроҷи маъдан ва коркардкунии конҳо машғулбуда, корҳои маъмулиро дар раванди корҳои бо истихроҷи маъданҳои фоиданок ва истифодаи маъданҳои кӯҳии коркардашуда алоқамандро иҷро менамоянд.

2316. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– мусоидат намудан ба коргарони конҳо ва коркунандаи маъданҳои кӯҳӣ дар раванди хизматрасонии техникӣ, таҷҳизот, дастгоҳҳо дар конҳо ва маъданҳои кӯҳӣ;

– васлкунонӣ ва таҷзия кардани дастгоҳҳои кӯҳкорӣ;

– гирифтани такягоҳҳо аз маҳсулоти коркардкардашуда дар конҳо ва обпартовҳое, ки истифодабарии онҳо қатъ гардидааст;

– бартараф кардани дунгиҳо (баландиҳо)-и хатарнок дар конҳо ва обпартовҳои коркардкардашуда;

– пас аз ба анҷом расонидани корҳои канданиҳои фоиданок аз ҷойҳои кор кашонида бурдани малҳои хом ва таҷҳизоти боқимонда барои истифода короям, инчунин тозакунии навъҳои кӯҳӣ ва маъданҳо

– тоза кардани механизмҳо, таҷҳизот, асбобҳо, долони конҳо ва роҳҳои ғелонида;

– ба навъҳо ҷудокунӣ, боркуниву борфурорӣ, анборкунониву нигоҳдории асбобҳо, масолеҳ ва захираҳо аз ҷониби дигар кормандони конҳо истифодагардида.

2317. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– чуқурикан (кӯҳкорӣ);

– конкан;

– коргарони бетахассус дар конҳо ва обпартовҳо.

2318. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– машинисти дастгоҳи пармакунӣ, саноати кӯҳкорӣ–8111;

– тайёркунандаи маҳлулҳои пармагарӣ–8111;

– амалгарон (оператор)-и мошинҳои тамғагузорӣ–8183;

– амалгарон (оператор)-и мошинҳои бастабандӣ–8183.

## § 3. 9312. Коргарони бетахассуси сохтмонӣ

2319. Коргарони бетахассуси сохтмонӣ, корҳои маъмулиро дар раванди корҳо бо сохтмон, таъмир ва хизматрасонии иншоот, роҳ, роҳи оҳан, сарбанди об (дарғот) ва дигар иншооти шаҳрвандии алоқамандро иҷро менамоянд.

2320. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– тоза кардани хиштҳои истифодашуда ва иҷрои дигар корҳои оддӣ барои вайрон кардани иншоот;

– омехтакунӣ, рехтан ва партофтани чунин масолеҳҳо ба монанди, бетон, гаҷ ва маҳлули сементии сохтмонӣ;

– партофтани рег, хок, шағал ва маҳсулоти ба ҳаминҳо монанд;

– бор кардан ва фуровардани масолеҳи сохтмонӣ, масолеҳи кандашуда, таҷҳизот, ҳамчунин, ҳамлу нақли онҳо дар майдонҳои сохтмонӣ бо истифодаи аробаҳо ва равонакҳои дастӣ;

– тоза кардани ҷойҳои корӣ ва бартарафсозии монеаҳо;

– кандани чуқуриву ҷӯй ва партофтани хоки онҳо бо истифодаи асбобҳои дастӣ;

– партофтану тақсимкунии шағал ва масолеҳи ба ҳамин монанд;

– тозаву парма намудани навъҳои кӯҳӣ, бологиҳои бетон ва қирҳо бо истифодаи матини маъданканӣ.

2321. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ёрдамчии устои хишткор;

– назоратчии иншооти обӣ;

– кашонандаи маҳлул.

## 184. ГУРӮҲИ ХУРДИ 932.

### § 1. Коргарони бетахассус дар саноати коркардкунанда машғулбуда

2322. Коргарони бетахассус дар саноати коркардкунанда машғулбуда, уҳдадориҳои гуногуни оддӣ ва қолибии бо қувваи ҷисмонӣ алоқамандро бо мақсади расонидани кумак ба амалгарон (операторон)–и мошинҳо ва механизмҳо ва ҷамъоваранда дар ҷараёни кори онҳо иҷро мекунанд.

2323. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– бастабандии маҳсулот ва масолеҳи гуногун бо даст;

– бо даст пур кардани шишаҳо, қуттиҳо, халтаҳо ва дигар намуди зарфҳо бо маҳсулот;

– бо даст тамғазанонии маҳсулот ва зарфҳо;

– бор кардан ва фуровардани воситаҳои нақлиёт;

– бурдани молҳо, маҳсулот ва таҷҳизот ба ҷойҳои корӣ;

– тоза кардани механизмҳо, таҷҳизот ва асбобҳо;

– ба навъҳо ҷудокунии маҳсулот ё қисмҳо бо даст.

2324. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 9321 | Бастабандкунандаҳо бо усули дастӣ |
| 9329 | Коргарони бетахассус дар коркарди саноатии машғулбуда ба гурӯҳҳои дигар шомил нагардида |

### § 2. 9321. Бастабандкунандаҳо бо усули дастӣ

2325. Бастабандкунандаҳо бо усули дастӣ молҳо ва маҳсулотро бо даст бар кашида, бастабандӣ намуда, тамға мезананд.

2326. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– бо даст бар кашидан, печонидан, муҳр задан ва бастабандӣ кардани молҳо ва маҳсулоти гунонун;

– бо даст пур кардани шишаҳо, қуттиҳо, халтаҳо ва дигар намуди зарфҳо бо маҳсулот;

– тамғазанонии маҳсулот, халтаҳо ва зарфҳои гуногун бо даст.

2327. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– тамғазан;

– печонанда (дастӣ);

– бастабанд (дастӣ).

2328. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– амалгарон (оператор)-и мошинҳои тамғазан–8183;

– оператои мошинҳои бастабандӣ–8183.

### § 3. 9329. Коргарони бетахассус дар коркарди саноатии машғулбуда, ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

2329. Коргарони бетахассус дар коркарди саноатии машғулбуда, ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида ба корҳои амалгарон (операторон)-у механизмҳо ва ҷамъоварикунандаҳо мусоидат намуда, корҳои оддиву маъмулии саноатие, ки бо қувваи ҷисмонӣ алоқаманданд, ба истисноибастабандӣ ва тамғазании маҳсулоти тайёр иҷро мекунанд.

2330. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– кашонидаани молҳо, маҳсулот, таҷҳизот ва дигар намуди маҳсулот ба ҷойҳои кор ва баровардани маҳсулоти тайёр;

– бор кардану фуровардани воситаҳои нақлиёт, мошинҳои боркаш ва вагончаҳо;

– бартарафсозии ҷойҳои маҳкамшуда, тоза намудани механизмҳо, таҷҳизот ва асбобҳо;

– бо даст иҷро намудани банавъҳоҷудокунии маҳсулот ё қисмҳо.

2331. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– ба навъҳо ҷудокунандаи шишаҳо;

– коргари фабрика;

– тӯдаҷобаҷокунанда.

2332. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– васлкунандаи таҷҳизоти барқӣ–8212;

– васлкунандаи таҷҳизоти электронӣ–8213;

– васлкунандаи маҳсулоти резинӣ–8219;

– бастабанд (дастӣ)–9321.

## 185. ГУРӮҲИ ХУРДИ 933.

### § 1. Коргарони бетахассус дар нақлиёт, дар нигоҳдорӣ ва алоқа машғулбуда

2333. Коргарони бетахассус дар нақлиёт, дар нигоҳдорӣ ва алоқа машғул, велосипедҳову воситаҳои нақлиётии ба ҳамин монанд, ароба барои кашонидани борҳоро идора менамоянд; механизмҳои аробаро идора намуда, бор ва бағоҷро кашонида, захираҳои рафҳоро пур мекунанд, инчунин иттилооти почтавӣ, мукотибот, телеграммаҳоро ба суроғаҳо дастрас менамоянд.

2334. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд: идораи велосипедҳо ва воситаҳои нақлиётии ба ҳамин монанд барои кашонидани борҳо, идораи механизмҳои ароба, кашонидани дастии борҳо, пур кардани рафҳои мағозаҳо бо захираҳо, дастраснамоии иттилооти почтавӣ, мукотибот, телеграммаҳоро ба суроғаҳо.

2335. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 9331 | Коргарони бетахассус дар нақлиёт ва алоқа машғулбуда |
| 9332 | Коргарони бетахассуси боркашонӣ |
| 9333 | Боркашон ва коргарони бетахассуси анборкунӣ |

## § 2. 9331. Коргарони бетахассус дар нақлиёт ва алоқа машғулбуда

2336. Коргарони бетахассус дар нақлиёт ва алоқа машғулбуда асосан амалиётҳои оддиро дар нақлиёт ва алоқа бо истифодаи асбобҳои оддии дастӣ ва бо харҷи қувваи муайяни ҷисмонӣ амали мекунанд.

2337. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– иҷрои таъмири хурд ва дар ҷойи кор нигоҳ доштани ҳолати кории воситаҳои нақлиёт;

– дастраскунии иттилооти почтавӣ, мукотибот, телеграммаҳо ба гирандагони онҳо;

– аз шуъбаҳои почта гирифтани телеграммаҳо ва дигар намуди иттилооти почтавӣ;

– дастраскунии иттилооти почтавӣ, мукотибот, телегарммаҳо ба гирандагони онҳо.

2338. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– коргари нақлиёт;

– экспедитори нашр.

2339. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– хаткашон–9621.

## § 3. 9332. Коргарони бетахассуси боркашонӣ

2340. Коргарони бетахассуси боркашонӣ воситаҳои нақлиётиро бо дасту пой идора менамоянд, инчунин, бо қувваи кашиш, велосипед, аробаҳои дастӣ, мошинҳои боркаш ва воситаҳои нақлиёти ҳаммонанди

соҳаи кишоварзӣ, барои дастраскунии маълумот ва мусофиркашони ё борҳо истифода мебаранд.

2341. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– боркашонӣ ва борфурории молҳо ё расонидани кумак ба мусофирон ҳангоми фаромадан аз воситаҳои нақлиёт;

– санҷиши қисмҳои воситаҳои нақлиёт барои ошкор намудани ҷойҳои фарсудашуда ва ноқисиҳо;

– хизматрасонии техникии воситаҳои нақлиёт;

– ҷамъоварии пардохтҳо барои роҳкиро;

– ба воситаи нақлиёт кашонидани чорво;

– ҳангоми ба самти зарурӣ бурдан ва идоракунии ҳайвонот, бо риояи тартиби ҳаракати нақлиёт ва қоидаҳои ҳаракат дар роҳ;

– нигоҳубини ҳайвонот ва хӯрок додани онҳо.

2342. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дучархарон (велосипедрон);

– аробакаш.

2343. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– боркаши роҳи оҳан–9333.

## § 4. 9333. Боркашон ва коргарони бетахассуси анборкунӣ

2344. Боркашон ва коргарони бетахассуси анборкунӣ корҳои бастабандӣ, бардоштан, боркуниву фаровардани ҷевонҳо ва дигар ашёҳои рӯзғор, ҳамлу нақли борҳо дар ҳавопаймоҳо ё бурда расонидан, нигоҳдории молҳо дар анборҳои гуногун, инчунин, пур кардани захираҳо дар рафҳову пешдолонҳо, дар ҳолати тозагӣ ва ботартиб нигоҳ доштани захираҳо дар мағозаҳои калон ва дигар муассисаҳои савдои фурӯши чаканаву яклухт иҷро мекунанд.

2345. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– бастабандии ҷевонҳои идоравӣ ё барои хона, мошинҳо, таҷҳизот ва молҳо барои ҳамлу нақл аз ҷой ба ҷойи дигар;

– бурда расонидани молҳои барои боркардан ва фуровардан аз мошинҳои миёнаву калони боркашонӣ, қатораҳои боркашонӣ ва ҳавопаймоҳо пешбинишуда;

– бор кардан ва фуровардани ғалла, ангишт, рег, бағоҷ ва дигар маҳсулот тавассути тасмаҳои молкашони ҳаракаткунанда (эскаватор), дар лӯлаҳо ва дигар воситаҳои боркашонӣ;

– аз як ҷой ба ҷойи дигар кашонидану нигоҳдории молҳо дар анборҳо ва ба иншооти ҳаммонанд;

– ба хелҳо ҷудокунии борҳо пеш аз боркунӣ ва борфурорӣ;

– эҳтиёткорона ҷойгиркунии молҳо дар қуттиву рафҳо ва ба тартиб даровардани молҳои калону вазнин дар фарш;

– бо молҳо пур кардани рафҳо ва дар қисмати пеш ҷобаҷогузории он

молҳое, ки муҳлати анҷоми истифодабариашон наздик аст..

2346. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– боркашони роҳи оҳан;

– бастабандкунандаи молҳо;

– боркаш дар анбор;

–ба навъҳо ҷудокунандаи бағоҷ.

2347. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– хаткашон–9621;

– боркаш–9621.

## 186. ЗЕРГУРӮҲИ 94. ТАЙЁРКУНАНДАГОНИ ХӮРОКҲОИ ЗУДОМОДАШАВАНДА ВА КОРГАРОНИ БЕТАХАССУСИ НУҚТАҲОИ ХӮРОКИ УМУМӢ БА ИСТИСНОИ ФАРРОШОН

2348. Тайёркунандагони хӯрокҳои зудомодашаванда ва коргарони бетахассуси нуқтаҳои хӯроки умумӣ, ба истиснои фаррошон навъҳои маҳдуди маҳсулоти нимтайёр ё нӯшокиҳоро тибқи фармоиш омодаву тайёр намуда, миз ошхона ва зарфҳоро тоза мекунанд. Аксари машғулиятҳои ин зергурӯҳ сатҳи дуввуми тахассусро талаб мекунанд.

2349. Вазифаҳои кормандони зергурӯҳи мазкур одатан аз инҳо иборатанд:

– омода намудани хӯрокҳои оддӣ ё маҳсулоти нимтайёр ва нӯшокиҳо, аз он ҷумла бутербродҳо, питса, моҳӣ бо картошкаи бирёнкардашуда, хӯришҳо ва қаҳва;

– шустан, реза, чен ва омехта намудани маҳсулот барои омодакунӣ;

– истифодаи таҷҳизоти ошхона, ба монанди, асбоби грилҳо, тафдонҳои барқӣ ва жарфпазандаҳо;

– тоза намудани ҷойҳои хӯрокпазӣ ва хизматрасонии ошхона; тоза намудани асбобҳо ва дигар намуди таҷҳизоти истифодашаванда дар ошхонаву тарабхонаҳо.

2350. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳи хурди зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 941 | Тайёркунандагони хӯрокҳои зудомодашаванда ва коргарони бетахассуси нуқтаҳои хӯроки умумӣ, ба истиснои фаррошон |

## 187. ГУРӮЙИ ХУРДИ 941.

### § 1. Тайёркунандагони хӯрокҳои зудомодашаванда ва коргарони бетахассуси нуқтаҳои хӯроки умумӣ ба истиснои фаррошон

2351. Тайёркунандагони хӯрокҳои зудомодашаванда ва коргарони бетахассуси нуқтаҳои хӯроки умумӣ ба истиснои фаррошон навъҳои маҳдуди маҳсулоти нимтайёр ё нӯшикиҳоро тибқи фармоиш омодаву тайёр намуда, миз, ошхона ва зарфҳоро тоза мекунанд.

2352. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– омода намудани хӯрокҳои оддӣ ё маҳсулоти нимтайёр ва нӯшокиҳо, аз он ҷумла бутербродҳо, питса, моҳӣ бо картошкаи бирёнкардашуда, хӯришҳо ва қаҳва;

– шустан, реза, чен ва омехта намудани маҳсулот барои омодакунӣ;

– истифодаи таҷҳизоти ошхона, ба монанди, асбоби грилҳо, тафдонҳои барқӣ ва жарфпазандаҳо;

– тоза намудани ҷойҳои хӯрокпазӣ ва хизматрасонии ошхона;

– тоза намудани асбобҳо ва дигар намуди таҷҳизоти истифодашаванда дар ошхонаву тарабхонаҳо.

2353. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 9410 | Тайёркунандагони хӯрокҳои зудомодашаванда ва коргарони бетахассуси нуқтаҳои хӯроки умумӣ, ба истисной фаррошон |

## § 2. 9410. Тайёркунандагони хӯрокҳои зудомодашаванда ва коргарони бетахассуси нуқтаҳои хӯроки умумӣ, ба истисной фаррошон

2354. Тайёркунандагони хӯрокҳои зудомодашаванда ва коргарони бетахассуси нуқтаҳои хӯроки умумӣ, ба истисной фаррошон навъҳои маҳдуди маҳсулоти нимтайёр ё нӯшикиҳоро тибқи фармоиш омодаву тайёр намуда, миз, ошхона ва зарфҳоро тоза мекунанд.

2355. Ба уҳдадориҳои кормандони зергурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– омода намудани хӯрокҳои оддӣ ё маҳсулоти нимтайёр ва нӯшокиҳо, аз он ҷумла бутербродҳо, питса, моҳӣ бо картошкаи бирёнкардашуда, хӯришҳо ва қаҳва;

– шустан, реза, чен, омехта намудани маҳсулот барои омодакунӣ;

– истифодаи таҷҳизоти ошхона, ба монанди, асбоби грилӣ, тафдонҳои барқӣ ва жарфпазандаҳо;

– гармкунии хӯрокҳои тайёр;

– тоза намудани ҷойҳои хӯрокпазӣ барои омодакунии хӯрок ва асбобҳо;

– қабули фармоиш ва хизматрасонӣ барои хӯрок ва нӯшокиҳо дар муассисаҳои хӯроки умумӣ барои хизматрасонии оперативӣ ва ба фурӯш баровардани хӯрокҳои махсусгардонидашуда;

– ҷойгиркунонии фармоишҳо ва қабулкунии қисмҳои дастрасгардида барои тайёркунии оперативӣ;

– риояи меъёрҳои беҳдоштию беҳдоштӣ дар ҷойҳои корӣ;

– санҷидани хӯрокҳои омодакардашуда, тибқи талаботи сифат ва миқдор;

– тоза намудани ҷойҳои хӯрокпазӣ ва хизматрасонии ошхона;

– тоза намудани асбобҳо ва дигар намуди таҷҳизоти истифодашаванда дар ошхонаву тарабхонаҳо.

2356. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:
– захиракунандаи гамбургерҳо;
– тайёркунандаи питса;
– коргари ошхона.

2357. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:
- ошпаз–5120;
– буфетчӣ (бармчӣ)–5132;
– кумакрасон дар ошхона–9410.

## 188. ЗЕРГУРӮҲИ 95. САВДОГАРОНИ КӮЧАГӢ ВА КОРГАРОНИ РАСОНАНДАИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ГУНОГУНИ КӮЧАГӢ

2358. Савдогарони кӯчагӣ ва коргарони расонандаи хизматрасониҳои гуногуни кӯчагӣ барои бевосита истеъмол намудан (ба истиснои хӯрок) ва расонидани як қатор хизматрасониҳо дар кӯчаву ҷойҳои ҷамъиятӣ, бо назардошти истгоҳҳо маҳсулот мефурӯшанд. Аксари машғулиятҳои ин зергурӯҳ сатҳи дуввуми тахассусиро талаб мекунанд.

2359. Вазифаҳои кормандони зергурҳҳи мазкур одатан иборатанд:
– харидан ё омода намудани ашёҳои гуногун барои фурӯш;
– боркунӣ ё фуровардани маҳсулот барои фурӯш ва боркашонӣ;
– дастрас намудани молҳои зарурӣ барои расонидани хизматрасонӣ;
– пешниҳоди молҳо ё хизматрасониҳо ба одамони дигар дар кӯчаҳо;
– тозаву ҷило додани пойафзолҳо;
– шустан ва ҷило додани шишаҳои мошинҳо;
– иҷрои супоришҳои гуногун;
– ба ронандагони мошинҳо расонидани кумак барои ҷойгиркунонӣ ва назорат бурдани он ;
– тақсими варақаҳо ва рӯзномаҳои ройгон;
– гирифтани музд дар ҷойҳо.

2360. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба зергурӯҳҳои хурди зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 951 | Коргарони хизматрасониҳои гуногуни кӯчагӣ |
| 952 | Фурӯшандаҳо дар кӯча ва бозорҳо |

## 189. ГУРӮҲИ ХУРДИ 951.

### § 1. Коргарони хизматрасониҳои гуногуни кӯчагӣ

2361. Коргарони хизматрасониҳои гуногуни кӯчагӣ бо назардошти тоза кардани пойафзолҳо, шустани шишаҳои мошинҳо, иҷрои супоришҳо, нигоҳкунӣ аз болои чизҳои фардӣ ва расонидани дигар хизматрасониҳои ба ҳамин монанд дар кӯчаву ҷойҳои ҷамъиятӣ  хизматрасонӣ мерасонанд.

2362. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– гирифтани масолеҳи зарурӣ барои расонидани хизматрасонӣ;
– пешниҳоди хизматрасонӣ ба дигар одамон дар кӯчаҳо;
– тоза ва ҷило додани пойафзолҳо;
– шустан ва ҷилонок кардани шишаҳои мошинҳо;
– иҷрои супоришҳои гуногун;
– ба ронандагони мошинҳо расонидани кумак барои ҷойгиркунонӣ ва назорат бурдани он;
– тақсими варақаҳо ва рӯзномаҳои ройгон;
– гирифтани музд дар ҷойҳо.

2363. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 9510 | Коргарони хизматрасониҳои гуногуни кӯчагӣ |

§ 2. 9510. Коргарони хизматрасониҳои гуногуни кӯчагӣ

2364. Коргарони хизматрасониҳои гуногуни кӯчагӣ бо назардошти тоза кардани пойафзолҳо, шустани шишаҳои мошинҳо, иҷрои супоришҳо, нигоҳкунӣ аз болои чизҳои фардӣ ва расонидани дигар хизматрасониҳои ба ҳамин монанд, дар кӯчаву ҷойҳои ҷамъиятӣ хизматрасонӣ мерасонанд.

2365. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– гирифтани масолеҳи зарурӣ барои расонидани хизматрасонӣ;
– пешниҳоди хизматрасонӣ ба дигар одамон дар кӯчаҳо;
– тоза ва ҷило додани пойафзолҳо;
– шустан ва ҷилонок кардани шишаҳои мошинҳо;
– иҷрои супоришҳои гуногун;
– ба ронандагони мошинҳо расонидани кумак барои ҷойгиркунонӣ ва назорат бурдани он;
– тақсими варақаҳо ва рӯзномаҳои ройгон;
– гирифтани музд дар ҷойҳо.

2366. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– чархчӣ;
– локкунандаи пойафзол;
– шустагари шишаҳои мошинҳо;
– дастраскунандаи рӯзномаҳо.

2367. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

- фурӯшанда, пешниҳодкунандаи молҳо вобаста ба ҷойи истиқомат–5243;
– хизматчӣ дар истгоҳи хизматрасонӣ–5245.

## 190. ГУРӮҲИ ХУРДИ 952.

### § 1. Фурӯшандаҳо дар кӯча ва бозорҳо

2368. Фурӯшандаҳо дар кӯча ва бозорҳо одатан навъҳои молҳоро дар кӯчаҳову мағозаҳои чаканафурӯши хурд ва дар чунин ҷойҳои ҷамъиятӣ, ба монанди, истгоҳҳо, марказҳои дилхушӣ, кинотеатрҳо ё театрҳо мефурӯшанд.

2369. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– муайян кардани навъҳо, захираҳои молҳо барои фурӯш дахлдошта;

– харидан ё гирифтани молҳо барои фурӯш ё омодакунии маҳсулоти оддӣ;

– бор кардан ва фуровардани сабад, зарфҳо, ҷомаданҳо, аробаҳо, велосипедҳо, аробаҳои бо даст кашанда ва дигар намудҳои воситаҳои нақлиётӣ барои боркашонии молҳо дар кӯчаву ҷойҳои ҷамъиятӣ, ба монанди, истгоҳҳову кинотеатрҳо;

– ҷобаҷокунонии маҳсулот ё даъват барои ҷалби диққати мизоҷон барои фурӯхтани молҳо ба мизоҷ ва машварат бораи истифодаи онҳо;

– муносибат бо мизоҷҳои харидоркунанда дар кӯчаҳо ё гузаштан аз як хона ба хонаи дигар бо пешниҳоди молҳо барои фурӯш;

– гирифтани музди меҳнат дар ҷой.

2370. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳи ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 9520 | Фурӯшандаҳо дар кӯча ва дар бозорҳо |

## § 2. 9520. Фурӯшандаҳо дар кӯча ва дар бозорҳо

2371. Фурӯшандаҳо дар кӯча ва дар бозорҳо одатан навъҳои гуногуни молҳоро дар кӯчаҳову мағозаҳои чаканафурӯшии майда ва чунин ҷойҳои ҷамъиятие, ба монанди, истгоҳҳо, марказҳои дилхушӣ, кинотеатрҳо ё театрҳо савдо мекунанд.

2372. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– муайян кардани навъҳои мол, захираҳои барои фурӯш пешниҳодшуда;

– харидан ё дастрас намудани молҳо барои фурӯш ё омоданамоии маҳсулоти оддӣ;

– бор кардан ва фуровардани сабад, зарфҳо, ҷомаданҳо, аробаҳо, дучархаҳо ва аробаҳои бо даст кашанда ва дигар намудҳои воситаҳои нақлиётӣ барои ҳамлу нақли молҳо дар кӯча ё дар чунин ҷойҳои ҷамъиятӣ, ба монанди, истгоҳҳо ва кинотеатрҳо;

– чидани молҳо ё даъваткунӣ барои ҷалби диққати мизоҷон;

– муносибат бо мизоҷҳои иқтидордор дар кӯчаҳо ё гузаштан аз як хона ба хонаи дигар бо пешниҳоди молҳо барои фурӯш;

– гирифтани музди меҳнат дар ҷой.

2373. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– дӯкондор;

– резаворфурӯш;
– фурӯшанда дар бозор;
– фурӯшандаи рӯзномаҳо.

2374. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

- фурӯшандаи мағозаҳо–5213.

## 191. ЗЕРГУРӮҲИ 96. КОРМАНДОНИ БЕТАХАССУС ОИД БА ҶАМЪОВАРИИ ПАРТОВҲО ВА ДИГАР КОРМАНДОНИ БЕТАХАССУС

2375. Кормандони бетахассус оид ба ҷамъоварии партовҳо ва дигар кормандони бетахассус барои коркардкунӣ ва истифодаи дуюмдараҷаи партовҳо аз иншоот, ҳавлиҳо, кӯчаҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ онҳоро ҷамъоварӣ намуда, ба хелҳо ҷудо мекунанд. Онҳо риояи тартиботу тозагиро дар кӯчаҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ нигоҳ дошта, иттилоот ва лифофаҳоро дастрас намуда, иҷрои корҳои якдафъаинаро дар хоҷагиҳои алоҳида ё муассисаҳо иҷро мекунанд.

2376. Вазифаҳои кормандони зергурӯҳи мазкур одатан иборатанд:

– ҷамъоварӣ, баровардан ва фуровардани партовҳо;
– рӯфтани кӯчаҳо, боғҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ;
– шикастани ҳезум;
– ҷамъоварӣ ва дастрас кардани ҳезум, об, бастаҳо, бағоҷ ва иттилоот;
– таконидани чанг аз қолинҳо ва иҷрои дигар корҳои якмаротибагии ҳаммонанд.

2377. Машғулиятҳои зергурӯҳи мазкур ба гурӯҳҳои хурди зерин тақсим ме– шаванд:

| | |
|---|---|
| 961 | Кормандони бетахассус оид ба ҷамъоварӣ ва ҷудокунии партовҳо |
| 962 | Боркашҳо, посбонҳо ва коргарони ҳаммонанд |

## 192. ГУРӮҲИ ХУРДИ 961.
### § 1. Кормандони бетахассус оид ба ҷамъоварӣ ва ҷудокунии партовҳо

2378. Кормандони бетахассус оид ба ҷамъоварӣ ва ҷудокунии партовҳо бахелҳо ҷудокуниро барои коркардкунӣ ва истифодаи дуюмбораи партовҳои иншоот, кӯчаҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷамъоварииро ба роҳ монда, риояи тартиботутозагииро дар кӯчаҳову ҷойҳои ҷамъиятӣ нигоҳ медоранд.

2379. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– ҷамъоварии партовҳову маҳсулот барои коркардкунии дуюмбораи партовҳо, ҷойгиркунии онҳо дар партовқуттиҳо ва мошинҳо барои боркашонии партовҳо ва ашёи хоми дуюмдараҷа;
– рӯфтани кӯчаҳо, боғҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ;

– рафтуо дар мошинҳои боркаш барои партовҳо ва ашёи хоми дуюмдарача;

– бардоштани зарфи партовҳо ва холӣ кардани ҷиҳози дохили онҳо дар мошинҳои боркаш ё дар зарфҳои калон;

– холӣ кардани мошинҳои боркаш аз партовҳо ва ашёи хоми дуюмдарача;

– ҷустуҷӯи партовҳо ва ҷамъоварии маҳсулот барои коркардкунӣ дар партовгоҳҳо, иншооти коммуналӣ, савдо ва саноат ё дар чунин ҷойҳои ҷамъиятӣ, ба монанди, кӯчаҳо;

– ба хелҳо ҷудокунии картон, қоғаз, шиша, пластмасса, алюминӣ ё дигар масолеҳи дуюмдарача аз рӯйи навъҳо;

– ҷойгиркунонии маҳсулоти дуюмдарачаи короям барои коркардкунӣ ва маҳсулот дар иншооти махсуси пешбинигардида ва зарфҳо барои нигоҳдорӣ ё кашонидан;

– пайдо намудан ва ҷудокунии қисмҳои ҷевонҳо, таҷҳизот, механизмҳо ё қисмҳои короям барои таъмир ё истифодаи дуюмдарача;

– кашонидани маҳсулоти коршоям барои коркардкунии дуюмдарачаи дастӣ ё бо истифодаи воситаҳои бемуҳаррики нақлиётӣ;

– фурӯши молҳои короям барои коркардкунии дуюмдарача ё истифода бурдан.

2380. Машғулиятҳои гурӯҳи хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин дохил мешаванд:

| | |
|---|---|
| 9611 | Ҷамъкунандаҳо ва коркардкунандаҳои партовҳо |
| 9612 | Ба хелҳо ҷудокунандагони партовҳо |
| 9613 | Фаррошони маҳаллаҳо (ҳавлибонҳо) ва кормандони ба ҳаминҳо монанд |

## § 2. 9611. Ҷамъкунандаҳо ва коркардкунандаҳои партовҳо

2381. Ҷамъкунандаҳо ва коркардкунандаҳои партовҳо ба хелҳо ҷудокунии аввалияро барои коркардкунӣ ва истифодаи дуюмбораи партовҳои иншоот, ҳавлиҳо, кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ба роҳ монда, риояи тартиботу тозагиро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ нигоҳ медоранд.

2382. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ҷамъоварии партовҳо ва маҳсулот барои коркардкунии дуюмбораи партовҳо ва ҷойгиркунии онҳо дар партовқуттиҳо ва мошинҳо барои боркашонии партовҳо ва ашёи хоми дуюмдарача;

– рафтуо дар мошинҳои боркаш барои партовҳо ва ашёи хоми дуюмдарача;

– бардоштани зарфи партовҳо ва холӣ кардани ҷиҳози дохили онҳо дар мошинҳои боркаш ё дар зарфҳои калон;

– холӣ кардани мошинҳои боркаш аз партовҳо ва ашёи хоми дуюмдарача;

– кашонидани маҳсулоти короям барои коркардкунии дуюмдарачаи дастӣ ё бо истифодаи воситаҳои бемуҳаррики наклиётӣ;

– фурӯши молҳои короям барои коркардкунии дуюмдарача ё истифода бурдан.

2383. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– партовкаш;

– коркардкунандаи партовҳо.

2384. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– ронандаи партовҳо–8332.

## § 3. 9612. Ҷудокунандагони партовҳо

2385. Ҷудокунандагони партовҳо ба хелҳо ҷудокунии аввалия барои коркард ва истифодабари дуюми партовҳои иншоот, ҳавлиҳо, кӯчаҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷамъовариро ба роҳ монда, риояи тартиботу тозагиро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ нигоҳ медоранд.

2386. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– ҷустуҷӯи партов ва ҷамъоварӣ намудани маҳсулот барои коркардкунӣ дар партовгоҳҳо, дар иншооти коммуналӣ, савдо ва саноатӣ ё дар чунин ҷойҳои ҷамъиятӣ ба монанди, кӯчаҳо;

– ба хелҳо ҷудокунии картон, қоғаз, шиша, пластмасса, алюминӣ ё дигар масолеҳи дуюмдарача аз рӯйи навъҳо;

– ҷойгиркунонии маҳсулоти дуюмдарачаи коршоям барои коркардкунӣ ва маҳсулот дар иншооти махсуси пешбинигардида ва зарфҳо барои нигоҳдорӣ ё кашонидан;

– пайдо намудан ва ҷудокунии қисмҳои чевонҳо, таҷҳизот, механизмҳо ё қисмҳои коршоям барои таъмир ё истифодаи дуюмдарача;

– кашонидани маҳсулоти коршоям барои коркардкунии дуюмдарачаи дастӣ ё бо истифодаи воситаҳои бемуҳаррики наклиётӣ;

– фурӯши молҳои короям барои коркардкунии дуюмдарача ё истифода бурдан.

2387. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

- ҷамъоварикунандаи партовҳо.

2388. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

-ронандаи партовкаш–8332.

## § 4. 9613. Фаррошони маҳаллаҳо (ҳавлибонҳо) ва кормандони ҳаммонанд

2389. Фаррошони маҳаллаҳо (ҳавлибонҳо) ва кормандони ҳаммонанд кӯчаҳо, боғҳо, фурудгоҳҳо, вокзалҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятиро руфта, тоза мекунанд.

2390. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– рӯфтурӯби кӯчаҳо, боғҳо, фурудгоҳҳо, вокзалҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ;

– тоза кардани барф;

– таконидани чанги қолинҳо бо истифодаи чангзанакҳо барои қолинҳо;

– тоза кардани партовҳо, баргҳо, барф аз роҳҳо ва майдонҳо.

2391. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– фаррош дар боғ;

– фарроши кӯчарӯб.

## 193. ГУРӮҲИ ХУРДИ 962.

### § 1. Боркашҳо, посбонҳо ва коргарони ҳаммонанд

2392. Боркашҳо, посбонҳо ва коргарони ҳаммонанд бағоҷ, бор ва дигар ашёҳои меҳмонхонаҳо, вокзалҳо, фурӯдгоҳҳо ва дигар намуди муассисаҳоро оварда, иншооти муайян, бино, маҳаллаҳоро ҳифз намуда, иттилоот, халтаҳо ва дигар ашёҳоро пиёда дар дохили муассисаҳо ё байни муассисаҳо кашонида, дастрас менамоянд.

2393. Ба уҳдадориҳои кормандони гурӯҳи хурди мазкур одатан дохил мешаванд:

– кашонидан, дастрас кардани бағоҷу борҳо дар меҳмонхонаҳо, вокзалҳо, фурӯдгоҳҳо ва дар дигар ҷойҳо;

– гирифтан ва тамғазании бағоҷ тавассути пур кардан ва часпонидани борхат барои гирифтани бағоҷ;

– ҳифзи объекту биноҳо, иншооту маҳаллаҳо ва дигар муассисаҳои ба онҳо вобастакардашуда;

– дастраскунии маълумот, халтаҳо ва дигар ашёҳо дар дохили муассисаҳо, байни муассисаҳо ё дар дигар ҷойҳо;

– дастраскунии маҳсулоти гуногун барои корхонаҳо, мағозаҳо, хонаҳои хусусӣ ва дигар ҷойҳо ва баръакс.

2394. Машғулиятҳои гурӯҳҳои хурди мазкур ба гурӯҳҳои ибтидоии зерин тақсим мешаванд:

| | |
|---|---|
| 9621 | Ирсолкунандагон, дастрасонҳои халтаҳо ва бағоҷҳо ва коргарони ҳаммонанд |
| 9622 | Гуногункорҳо |
| 9623 | Ҷамъоварандагони пул аз автоматҳои савдокунӣ, назоратчиҳои ҳисобкунакҳо ва кормандони ҳаммонанд |
| 9624 | Машкобҳо ва ҳезумкашҳо |
| 9625 | Аробакашҳо ва бағоҷкашҳо (дастӣ) дар бозорҳо ва дар мағозаҳо |
| 9629 | Коргарони бетахассус ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида |

### § 2. 9621. Ирсолкунандагон, дастрасонҳои халтаҳо ва бағоҷҳо ва коргарони ҳаммонанд

2395. Ирсолкунандагон, дастрасонҳои халтаҳо ва бағоҷҳо ва коргарони ҳаммонанд маълумот, халтаҳо ва дигар ашёҳоро пиёда дар дохили муассиса ё байни муассисаҳо, ба хонаҳои шахсӣ ва дигар ҷойҳо кашонида, дастрас менамоянд, инчунин, бағоҷҳоро, махсусан, ба меҳмонхонаҳо, вокзалҳо ва ба фурӯдгоҳҳо мекашонанд.

2396. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– дастраскунии маълумот, халтаҳо ва дигар ашёҳо дар дохили муассисаҳо, байни муассисаҳо ё дигар ҷойҳо;

– дастраскунии маҳсулоти гуногун барои корхонаҳо, мағозаҳо, хонаҳои хусусӣ ва дигар ҷойҳо ва баръакс;

– кашонидан ва дастрас кардани бағоҷ, бор ва дигар ашёҳои меҳмонхонаҳо, вокзалҳо, фурӯдгоҳҳо ва дигар ҷойҳо;

– гирифтан ва тамғазании бағоҷ тавассути пур кардан ва часпонидани борхат барои гирифтани бағоҷ;

– банақшагирии хатсайри бештар мақсаднок ва равуо кардан аз рӯйи он;

– ба хелҳо ҷудокунии молҳои дастрасшаванда мутобиқ ба хатсайри дастраскунонӣ.

2397. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– бағоҷкаш;

– ирсолкунанда;

– рӯзномакаш;

– варақакаш.

2398. Баъзе машғулиятҳои ҳаммонанди ба гурӯҳҳои ибтидоии дигар мансуб:

– хаткашон–4412;

– бурдарасонандаи почта–4412.

## § 3. 9622. Гуногункорҳо

2399. Гуногункорҳо тозаву ранг намудан ва хизматрасонии техникии биноҳо, маҳаллаҳо ва иншоотро гузаронида, таъмири оддиро ба роҳ мемонанд.

2400. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– таъмири тирезаҳои шикаста, чаҳорчӯбаҳо, дарҳо, деворҳо, мизҳо барои истироҳат, рафҳо, ҷевонҳои бардеворӣ ва дигар ашёҳо;

– иваз намудани ашёҳои вайрон, ба монанди чароғҳои барқӣ;

– таъмир ва ранг кардани дохили иншоот ва болои берун, бо дар бар гирифтани деворҳо, шифт ва таворахо;

– ба танзим даровардани дарҳо ва тирезаҳо;

– иваз намудани қабатҳои резинии ҷумакҳои лӯлаҳои обгузар;

– таҷҳизоти дастакҳои панҷараҳои нордбон;

– фаровардани ангишсанг ё ҳезум ва ҷобаҷокунии онҳо дар таҳхонаи иншооти хонаҳои шахсӣ ё муассисаҳо.

2401. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– коргари ёридиҳанда;

– гуногункор;
– гуногункор дар меҳмонхона.

### § 4. 9623. Ҷамъоварандагони пул аз автоматҳои савдокунӣ, назоратчиҳои ҳисобкунакҳо ва кормандони ҳаммонанд

2402. Ҷамъоварандагони пул аз автоматҳои савдокунӣ, назоратчиҳои ҳисобкунакҳо ва кормандони ҳаммонанд автоматҳои савдокуниро ба кор даровaрда, аз ҳисобкунакҳои мошинҳои парккардашуда ё аз дигар контейнерҳо, барои тангаҳо пулҳоро ва нишонидиҳандаҳои истифодаи қувваи барқ, газ ё обро аз онҳо мегиранд.

2403. Ба уҳдадориҳо онҳо дохил мешавад:

– ба кор даровардани автоматҳои савдокунӣ ва гирифтани пулҳо аз контейнерҳои онҳо;

– гирифтани пул аз ҳисобкунакҳои мошинҳои таввақуфкардашуда ё аз дигар контейнерҳои ба ҳамин монанд барои тангаҳо;

– гирифтани нишонидиҳандаҳои ҳисобкунаки истифодаи қувваи барқ, газ ё об ва бақайдгирии истеъмоли онҳо;

– истифода бурдани дафтарҳои бақайдгирииии молҳои паҳнкардашуда ва пулҳои ҷамъовардашуда;

– гардишкунӣ аз рӯйи  хатсайри муқарраргардида барои гирифтани нишондиҳандаҳои ҳисобкунакҳо;

– санҷидани нишондиҳандаҳо дар ҳолатҳое, ки сатҳи истеъмол ғайриодди мушоҳида карда мешаванд, инчунин, сабабҳои ғайримуқаррари будани онҳоро ба қайд гирифтанд;

– ташхиси ҳисобкунакҳо ба ашёҳои пайвасткунандаи иҷозатдоданашуда, нуқсонҳо ё вайроншавӣ, боназардошти тамғаҳои шикасташуда.

2404. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– назоратчии нишондиҳандаҳои ҳисобкунакҳо;

– ҷамъоварикунандаи пул аз автоматҳои савдокунӣ.

### § 5. 9624. Машкобҳо ва ҳезумкашҳо

2405. Машкобҳо ва ҳезумкашҳо обу ҳезумро ҷамъ намуда, онҳоро пиёда ё бо истифодаи аробаҳокашонида. меоранд.

2406. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– буридаву ҷамъ намудани ҳезум дар ҷангал барои фурӯш дар бозор ё худ барои истифодаи шахсӣ ҳамчун сӯзишворӣ;

– бандубасткунии ҳезумҳои ҷамъкардашуда дар дарзаҳои хурд ва кашонидан ё дастраскунии  онҳо бо воситаи  ароба барои ба фурӯш баровардан дар бозор ё барои истифода дар хона;

– кашонидани об аз чоҳҳо, дарёҳо ё ҳавзҳо ва монанди инҳо барои истифода дар хона;

– бо об пур кардани халтаҳои чармӣ, сатилҳо ё дигар намуди зарфҳо аз ҷумакҳои лӯлаҳои обгузар, дарёҳо ҳавзҳо ё чоҳҳо ва дастраскунии он ба

ҷойҳои кор, барои хонаи мизоҷон ё барои нӯшидан ба хонаҳои шахсӣ, тоза кардани новаҳо ё нигаҳдорӣ дар зарфҳо.

2407. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– машкоб;

– ҳезумкаш.

## § 6. 9625. Аробакашҳо ва бағоҷкашҳо (дастӣ) дар бозорҳо ва дар мағозаҳо

2408. Аробакашҳо ва бағоҷкашҳо (дастӣ) дар бозорҳо ва дар мағозаҳо молҳои харидашудаи аз бозору мағозаҳои хизматрасонӣ онҳоро пиёда ё бо истифодаи аробаҳои дастӣ дастрас мекунанд.

2409. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– расонидани кумак ҳангоми бастабандӣ кардан ва кашонидани молҳои харидашуда;

– кашонидани молҳо бо даст ё дастраскунии онҳо бо ароба ё бо воситаҳои нақлиёт то хона.

2410. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– машкоб;

– ҳезумкаш.

## § 7. 9629. Коргарони бетахассус ба гурӯҳҳои дигар шомилнагардида

2411. Ба гурӯҳи ибтидоии мазкур коргарони бетахассус ба дигар гурӯҳҳо дохилнашуда, ки дар дигар гурӯҳи асосии гурӯҳи 9 Коргарони бетахассус дохил нашудаанд, ворид карда мешаванд. Барои мисол, дар ин гурӯҳ кормандоне дохил мешаванд, ки чиптаҳои таваққуфгоҳиро додаву ҷамъоварӣ менамоянд, ё чиптаҳои даромаданро ба тамошобинон дастрас менамоянд, ба мизоҷон лавозимоти шахсиро дар ҷойҳои либоскашӣ дода, ба тамошобинон дар вақти чорабиниҳои дилхушкунанда кумак мерасонанд. Инчунин, ба ин гурӯҳ шахсоне, ки бо пардохти маблағи кам ҳамаи намуди корҳоро дар хона (хоҷагидорӣ) иҷро мекунанд ба ғайр аз корҳои сохтмонӣ, дохил мешаванд.

2412. Ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад:

– фурӯши чиптаҳои воридшавӣ ва талонҳо ба тамошобинон барои чорабиниҳои дилхушкунанда ё ҷамъоварии чиптаҳо, гузарномаҳо ва контрмаркаҳо аз тамошобинон;

– санҷиши чиптаҳо ё гузарномаҳо барои аслӣ буданашон дар асоси нишонаҳо, ба монанди, ранг ва рӯзи додани онҳо;

– ҳамроҳӣ кардани тамошобинон барои баромадан ё пешниҳоди дигар дастурамалҳо ва расонидани кумак дар ҳолати вазъияти фавқулода;

– ҳамроҳӣ кардани тамошобинон ба ҳоҷатхона, буфет ва телефон;

– роҳнамоӣ кардан ба ронандагони мошинҳо ба ҷойҳои таваққуфгоҳҳо;

– нигоҳбинии минтақаҳои таваққфгоҳ барои пешгирӣ аз зарару

duздидии воситаҳои нақлиёт;

– ҳисобкунии пардохт барои таваққуфгоҳ ва гирифтани ҳаққи хизмат аз мизоҷон;

– ба муштариёни муассисаҳои варзишӣ ё ҳаммомҳо нишон додани ҷойҳои либоскашӣ дар ҷевонҳо пӯшидашаванда ё контейнерҳо барои либосҳо;

– рӯбучин ва партофтани партовҳо аз минтақаҳо (дачаҳо), буридаву тоза намудани токзор, арракуниву шикастани ҳезум, дигар корҳое, ки тахассус ва донишҳои махсусро талаб намекунанд.

2413. Намунаҳои машғулиятҳои ба гурӯҳи ибтидоии мазкур мансуб:

– чиптачии театр;
– назоратчии чипта;
– гардеробчӣ;
– коргари таваққуфгоҳ;
–мардикор.

## 194. ГУРӮҲИ АСОСИИ 0. ХИЗМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ

2414. Ба хизматчиёни ҳарбӣ ҳайате шомил мебошад, ки онҳо дар ҳоли ҳозир хизмати ҳарбиро дар қушунҳои қувваҳои мусаллаҳ тариқи қарордод ё даъват гузашта истодаанд. Ҳар як хизматчии ҳарбӣ уҳдадориҳои вазифавӣ дорад, ки онҳо ҳаҷм ва ҳудуди иҷрои амалии ба у мувофиқи функсияҳои вазифаи ишғолнамудааш ва вазифаҳо дар соҳаи бехатарӣ ва мудофиаи давлат додашударо муайян мекунанд. Ба ҳайати онҳо афсарон, генералҳо, инчунин прапоршикҳо, сержантҳо ва старшинаҳо, курсантҳои муассисаҳои ҳарбӣ-таълимӣ ва аскарон шомил мебошанд.

2415. Машғулияти гурӯҳи асосии мазкур ба гурӯҳҳои зерин дохил карда мешаванд:

| | |
|---|---|
| 01 | Афсарони хизмати ҳатмии ҳарбӣ |
| *011* | *Афсарони хизмати асосии воқеӣ* |
| 0110 | Афсарони хизмати асосии воқеӣ |
| 02 | Хизматчиёни ҳарбии ҳайати ғайриафсарӣ |
| *021* | *Хизматчиёни ҳарбии ҳайати ғайриафсарӣ* |
| 0210 | Хизматчиёни ҳарбии ҳайати ғайриафсарӣ |
| 03 | Хизматчиёни ҳарбии ҳайати қаторӣ |
| *031* | *Хизматчиёни ҳарбии ҳайати қаторӣ* |
| 0310 | Хизматчиёни ҳарбии ҳайати қаторӣ |

2416. Истисно аз ин гурӯҳ ташкил мекунад: хизматчиёни дар хизмати шаҳрвандӣ дар муассисаҳои давлатии ба масъалаҳои мудофиа машғул

қарордошта, кормандони милитсия, нозирони гумрук ва кормандони сарҳадӣ ё дигар хадамотҳои шаҳрвандии ҳарбикунонидашуда.

*Эзоҳ: Дар дохили гурӯҳи асосии 0 Хизматчиёни ҳарбӣ ҳар як аз се зергурӯҳ дар сатҳҳои гуногуни тахассус қарор доранд. Зергурӯҳи 01 Афсарони хизмати ҳатмии ҳарбӣ – сатҳи чоруми тахассус, зергурӯҳи 02 Хизматчиёни ҳарбии ҳайати ғайриафсарӣ-сатҳи сеюми тахассус, зергурӯҳи 03 Хизматчиёни ҳарбии ҳайати қаторӣ- сатҳи якуми тахассус.*